ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 6 (119)

Душанбе – 2025

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 291/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

Тел.: *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷуракулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №291/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный секретарь: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2025

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.291/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

Phone: *(+992 37) 224-36-91*

Fax: *(+992 37) 224-13-83*

E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*

Executive Secretary: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2025

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Маҷидова Б. М.
Корбурди истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ 8
Бобомуродова М. У.
Роҷеъ ба лексикаи зебу зинат ва ороиш дар ашъори устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ 15
Каримова М. Д.
Хусусиятҳои луғавии истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар гӯиши минтақаи Лахш..... 22
Хоҷамирзода М. Х.
Тавсифи нутқ, қавл ва калом дар “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”-и Носири Хусрав..... 28
Раҳимова Ҳ. Н.
Воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба расму оини издивоҷ дар лаҳҷаи Ванҷ 34
Ниёзода Ш. И.
Омонимҳо ва хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва услубии онҳо дар ашъори боқимондаи Абушакури Балхӣ..... 40
Аттоев С. К.
Теоретические основы исследования политической лексики в таджикском языке..... 46
Ҷурабекзода Ф. Ҷ.
Калимасозии пасвандҳои -ӣ, -гӣ дар назми устод Рӯдакӣ 54
Ганиева М. А.
Подчинительные союзы в современном таджикском языке: классификация, функции и синтаксическая реализация..... 61
Имомбердиева З. К.
Метафора в научно-публицистическом дискурсе: функции и лексико-семантические особенности 68
Даминзода М. З.
Доир ба мафҳуми “майдони маъноӣ” ва шаклҳои он..... 74
Қаландарова Л. Ф.
Ташаккул ва таҳаввули паремияҳо дар забоншиносӣ ва мавқеи он дар бахши фразеология 82
Ишратова Ҳ. М.
Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи луғавии “чашм” (“еуе”) дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума 88
Мухамадиева З. А.
Семантический субъект в английских безличных предложениях 95
Раҳматуллоев М. С.
Низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ 101
Холиқов А. Ю.
Роҳҳои корбурди истилоҳоти соҳаи гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... 106
Муҳиддинова М. О.
Назаре ба ҷойгоҳи ибораҳои масдарӣ ва ташаккули онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....112
Сайдалиев К. А., Баротзода Ф. К.
Таҳлили сохтории истилоҳоти атмосфера ва роҳҳои корбурди он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 120
Намозова Ш. Ҳ.
Назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷикӣ ва фаронсавӣ ... 127
Саидходжаева Т. А.
Формально-структурный, лексико-семантический и этимологический анализ терминов, относящихся к типу кольчатых червей, моллюсков и членистоногих в таджикском и английском языках..... 136

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Солеҳов Ш. А.
Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек 145
Нурзод Н.
Таҳқиқи матншиносӣ ва татбиқии як татаббуи Алишери Навоӣ бар ғазали Ҳофизи Шерозӣ 149
Ӯлмасова З.
Тасвири иншооти азими кишвар дар насри замони истиқлол (дар ҳошияи романҳои Муҳиддин Хоҷазод «Куҳ бе варта нест», «Барқи дили Сангтӯда» ва Мирзонасриддин “Нони шарикӣ”) 157
Казакова У. С.
Салмони Совақӣ ва достони «Ҷамшеду Хуршед”-и ӯ 165
Шерализода А. Ш., Казакова У. С.
Бозтоби шахсияти Носири Хусрав дар фахрияҳои ӯ 171
Субхонкулова С. А.
Поэзия между культурами: перевод как диалог в интерпретации Ато Мирходжа 180
Раҳмонзода М. Н.
Мавзуоти ғазалиёти Сироҷуддини Қумрӣ ва ҳусни баён дар онҳо 189
Солеҳов Ш. А., Муборакиён С. М.
Соҳиб Табаров – муҳаққиқи робитаҳои адабӣ 196
Иззатов Н. Ҳ.
Сохтор, муҳтаво ва аҳаммияти тазкираи “Равзат-ус-салотин”-и Фахрии Ҳиравӣ 201
Шоев А. А.
Таҳқиқ дар авзони ғазалиёти Воизи Қазвинӣ 210
Раҷабов А. А., Маҳмудов М. А.
Идомаи суннатҳои ҳикоянависӣ дар адабиёти давраи истиқлол 218
Бердиёров Д.
Художественные связи в переводе поэмы «Хосров и Ширин» Лоика Шерали по версии Григория Викторовича Птицына 226
Бурҳонов М. Р.
Нуфузи «Рӯзи Фалак» ва насли фалакхонони давраи истиқлол 237
Самизода Н. Ш.
Ҷанбаҳои мардумӣ ва фолклории ашъори Саид Холзода 242
Бобоалиева З. П.
Тасниф ва табақабандии тарҷума 247
Абдураҳмонов М. С.
Вазъи забони тоҷикӣ дар замони маорифпарварӣ 255
Судурова С. Н.
Баъзе фазилатҳои адабии ашъори Наримон Бақозода 259
Изатуллоева С. Қ.
Бозтоби чеҳраи зан дар адабиёти классикии тоҷик 264
Шаҳнозаи Ю. С.
Камол Насрулло ва нақши ғазал дар эҷодиёти ӯ 274
Олимиён С. Ш.
Муносибати расонаҳо бо фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ 282
Мирзоева Н. М.
Нақши муносибатҳои дипломатӣ дар таҳкими ҳамкориҳои стратегии дуҷониба 287

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Сафолзода М. К., Сафолов Р. С.
Республики Таджикистан и ее международные инициативы на современном этапе 295

Исмоилов Ё. Ҳ.
Нақши экспедитсияи илмии солҳои 1933-1937 дар омӯзиши биологияи Тоҷикистон 302
Абдураҳмонов З. В., Нурматов У. С.
Проблемаҳои фаъолияти системаи роҳи оҳани Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX 307
Исматзода Ш. Б.
Нақши занон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистони шуравии солҳои 1960-1985 313
Тиллоев С. С., Усмонзода К.
Короткий анализ развития градостроительства в условиях непременной урбанизации города Душанбе 319
Шарофова М.
Саҳми Тоҷикистон дар ғалаба бар фашизм 326
Раджабов Т. Х.
Материалы полевых экспедиций – как основа научных исследований профессора Н. Х. Нурджанова 330
Ҷавҳарӣ М. О.
Мушорикати занон дар умури хориҷӣ-ҳарбии Эрону Тӯрон 335
Равшанзод М.
Тоҷикон – яке аз аввалин таъсисдиҳандагони артиш ва гурдони давлатӣ дар таърих 341
Муминзода Н. А.
“Масъалаи Ӯротеппа” дар таърихи аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX 346
Хоҷамов Ф. Ш.
Заминаҳои ба вуҷуд омадани муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон (1991-1997) 353
Каримзода М. Б.
Вазъи сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021) 360
Иброҳимов С. Т.
Рамзу намодҳо дар сарчашмаҳо ва ҷуғрофиёи таърихӣ (дар асоси омӯзиши таърихи минтақаи Кӯлоб) 367

ТДУ 809.155.0 (091):61

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ МУРАККАБИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

Маҷидова Б. М.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар омӯзиш ва пажӯҳиши истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла тиб, таваҷҷуҳи аҳли илмро ба худ кашидааст. Ин имкон фароҳам овард, ки вижагиҳои семантикӣ, калимасозӣ, ибораорӣ, ҷумласозӣ, воситаҳои муассири нутқ, услубиёт, истилоҳофариву истилоҳнигории хаттии ниёгонамон дастраси хонандагон гардид. Зикр кардан бомаврид аст, ки донишмандону адибони гузаштаи мо барои меросбаронашон дар тамоми соҳаҳои илм, аз ҷумла тиб осори арзишманде офаридаанд. Дар ин давра дар қатори дигар шоҳасарҳои ба тиб бахшидаи ниёгонамон мероси хаттии ба илми тиб бахшидаи олим, файласуф, табиатшинос, пизишк, дорушинос, кимиёшинос “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ дастраси ҳаводорони илму адаб гардид. Маҳз, донишмандии ин фарзонафарзанди тоҷику форс буд, ки арабҳо ӯро “табибу-у-муслимин” ва ба муносибати ба забони арабӣ нигоштани асарҳояш ӯро “Ҷолинусу-л-араб” номиданд.

Чи тавре дар сарчашмаҳо зикр гардидааст, ин мутафаккири варзида табиби ҳозиқ буда, дар бемористони Бағдод ба ҳайси сарвари бемористон, ҳамчун пизишк фаъолият намудааст ва соҳиби унвони “табиби мористонӣ” гардидааст.

Яке аз асарҳои машҳури ин донишманд “Тибби Мансурӣ” мебошад, ки доир ба таърихи таълифи асар, арзиши баланди илмии он муаллифони “Таърихи мухтасари тибби тоҷик” чунин баён намудаанд: *“Тибби Мансурӣ” дуюмин асари калони энсиклопедии Абӯбакри ар-Розист. Таърихи таълифи ин китоб чунин аст: Абӯбакр-ар-Розӣ баъд аз сайёҳатҳо ба шаҳри худ баргаштан табиби хосаи ҳокими сомонии шаҳри Рай Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ [додарзодаи Исмоили Сомонӣ]” таъйин шуд. Олим ба нишони эҳтироми ҳокими худ дуюмин китоби калонашро ба вай бахшид. Ин асари энсиклопедӣ қариб ҳамаи масъалаҳои тиббии ҳамон вақт маълумро дар бар гирифта, аз даҳ китоб иборат асту ҳар кадомаш ба фаслу бахши муайяни тибби назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст”* [15, с. 51-52].

Дар воқеъ, ин асар мавзуъҳои гуногуни илми тибро дар бар мегирад ва он ба забонҳои гуногун тарҷума гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои омӯзиш ва таҳқиқ хусусиятҳои маъноӣ, сарфиву наҳвӣ, калимасозиву ибораорӣ, истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ, услубиёти осори хаттии ниёгонамон шароит фароҳам омад. Имрӯз месазад, ки барои ба низом даровардани истилоҳоти илмии миллӣ, бартараф намудани камбудиҳо доир ба истилоҳшиносӣ истилоҳоти соҳаҳои гуногуни мероси хаттии ниёгонамон мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Солҳои охир аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони тоҷик доир ба вижагиҳои маъноиву сохторӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии ин ё он адиб асару рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ таълиф гардиданд. Дар ин самт М. Султон, М. Шакурӣ, А. Байзоев, А. Тӯраҳасанов, А. Юсупов, Н. А. Ҳусанбоев ва дигарон пажуҳишҳои арзишмандеро дар ин самт анҷом доданд, аммо ҳанӯз масъалаҳои мухталифи истилоҳоти тиббӣ дар осори хаттии ниёгонамон таҳқиқ нагардидааст ва ба пажуҳиш ниёз доранд. Моро зарур аст, ки асрори илми тибро дар мероси хаттии ниёгонам ҷуста, пешкаши аҳли илму адаб гардонем.

Имрӯз имкони омӯзиши роҳу усулҳои истилоҳсозӣ ва истилоҳофарии мероси хаттии ниёгонамон ба миён омадааст ва муайян кардани роҳу воситаҳои истилоҳофаринии тоҷик барои ҳалли масъалаҳои баҳсноки истилоҳнигорию истилоҳгузинии миллӣ мусоидат мекунад.

Азбаски ин асари энсиклопедӣ ба самти тиб нигошта шудааст, истилоҳоти тиббӣ дар он ҷойгоҳи муҳиммеро ишғол мекунад. Дар ин мақола тасмим гиифтем доир ба корбурди истилоҳоти мураккаб пажуҳишеро анҷом диҳем.

Истилоҳсозӣ гуфта раванди сохтани муодилҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро дар заминаи қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони адабии миллӣ фаҳмидан мебояд [9, с. 87].

Дар забоншиносии тоҷик барои пажуҳиши истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ шароит фароҳам омадааст ва месазад, ки дар ин самт пажуҳишҳои тозае рӯйи кор омада, вазъи истилоҳнигорӣ ва истилоҳсозии миллиро дар даврaҳои гуногун муайян намоянд.

Таркиби луғавии забон бо ёрии чандин воситаву омилҳо бою ғанӣ мегардад, ки яке аз ин воситаҳо офаридани вожаҳо тавассути пасванду пешвандҳо ва васлшавии калимаҳо ба шумор меравад. Усул ва шаклҳои калимасозӣ дар баробари пешравиҳои ҳаёти илмиву фарҳангӣ, иҷтимоиву сиёсӣ дипломатӣ ташаккул ва густариш ёфта, вожаҳои нав пайдо мешаванд ва таркиби луғавии забонро бой ва мукаммал мегардонанд. Ин тағйиротҳо, пеш аз ҳама, тавассути роҳу усулҳои вожаофарӣ ва қонуниятҳои ташаккулёбии дохилии забон сурат мегиранд. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» аз шаш намуди калимасозӣ ёд мешавад, ки инҳоянд: «1) морфологӣ, ки бо ду восита ба амал меояд: а) бо пасванд ва б) бо пешванд; 2) синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад: а) васлшавии калимаҳо ва б) тарзи омехта; 3) морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ; 4) луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб; 5) луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст; 6) ихтисора» [4, с. 67- 68].

Истилоҳоти тиббӣ дар сарчашмаҳо аз лиҳози сохтор ба чунин гурӯҳҳо табақабандӣ шудааст:

- истилоҳоти сода;
- истилоҳоти сохта;
- истилоҳоти мураккаб;
- истилоҳоти таркибӣ ва ибораистилоҳ.

Калимаҳои мураккаб ва ё ба истилоҳи дигар васлшавиии калимаҳо аз чанд ҷузъи мустақилмаъно сохта шуда, як задаи мантиқӣ қабул мекунанд ва маъноҳои навро ифода мекунанд. Калимаҳои мураккаб бо усулҳои сарфӣ ва наҳвӣ сохта мешаванд.

Мирзо Ҳасани Султон дар мақолааш “Қолабҳои асосии вожасозии мураккаб дар осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ” бар он назар аст, ки дар ин давраи ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ-форсӣ он қолабҳое истифода мегардиданд, ки имрӯз низ маъмултарин роҳҳои сохта шудани калимаҳои мураккаб мебошанд: “*Дар сохтмони дастурии вожагону истилоҳоти осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ қолабҳои асосии вожаҳои мураккаб, аз қабили қолаби дваидва ё таркибҳои копулатив, амредима ё таркибҳои репуликатив, татпуруша ва зернавъҳои он кармадҳория ва двигу ё таркибҳои детерминатив ва қолаби баҳувриҳӣ 1 таркиби посессив(ва ё атрибутив), ҳамчун қолаби авяйибҳова ё таркиби адвербиал истифода шудаанд. Ин қолабҳои вожасозӣ имрӯз низ қолабҳои асосии вожасозии мураккаби забони модарӣ маҳсуб меёбанд*” [5, с. 234-235].

Дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ истилоҳоти мураккаби тиббӣ ҷойгоҳи намоёнеро ишғол мекунанд. Истилоҳоти мураккабро аз лиҳози мавзуъ метавон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд:

1. Истилоҳоти ифодакунандаи касбу ихтисос. Дар маводи мо ҳамчун истилоҳоти ифодакунандаи касбу ихтисос истилоҳҳои мураккаби зерин мушоҳида гардиданд, ки аксарияти онҳо ду давраи калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Ин навъи истилоҳоти мураккабро пасванддор ном мебаранд: **устухоншиносӣ** [таълимот дар бораи устухон] **моҳичашиносӣ, мағзшиносӣ; чашмшиносӣ, гӯшшиносӣ; бинишиносӣ; симохшиносӣ; забоншиносӣ; гулӯшиносӣ “**таълимот дар бораи сохт ва бемориҳои гулӯ. Laryngologia.” [2, с. 305], сина ва **шушшиносӣ** таълимот дар бораи шуш ва бемориҳои он “” дилшиносӣ “таълимот дар бораи дил ва бемориҳои он. Cardiologia” [3, с. 375], марӣ ва меъдашиносӣ; рӯдашиносӣ “таълимот дар бораи рӯда ва бемориҳои он”, **ҷигаршиносӣ** “таълимот дар бораи ҷигар ва бемориҳои он. Hepatologia [3, с. 540]” сипурзшиносӣ “таълимот дар бораи сипурз ва бемориҳои он” кисаи **зардобшиносӣ**; кулия [гурда] шиносӣ; масона [пешобдон] шиносӣ ва ёд кардани куллиёте аз судмандиҳои дастгоҳи гувориш; пардаҳо ва ниёми **шикамшиносӣ**; хоя ва наринашиносӣ; **пистоншиносӣ “**таълимот дар бораи пистон ва бемориҳои он**”**, заҳдоншиносӣ “таълимот дар бораи заҳдон, раҳим, ки қароргоҳи нутфа бошад, бачадон ва бемориҳои он”.

Бархе аз ин истилоҳҳо дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ наёфтаанд. Истилоҳоти **симохшиносӣ** шарҳ наёфтааст, аммо калимаи симох чунин шарҳ ёфтааст: **симох** سماخ тибби қадим сӯрохи гӯш, маҷрои гӯши хориҷӣ, роҳи берунии сомеа. Meatus acusticis externus [12, с. 199].

2. Истилоҳоти мураккаби ифодакунандаи номи доруворӣ ва гиёҳдармонӣ. Бояд зикр намуд, ки қисми муҳимми истилоҳоти мураккаби тиббиро номи дорувориҳо, гиёҳу растаниҳои дорувор ташкил мекунанд, ки Заркариёи Розӣ ҳангоми муолиҷаи беморон истифода намуда, манфиати онҳоро барои рафъи бемориҳо тавсия додааст. Ин навъи истилоҳоти мураккабро аз ҷиҳати таркиб дуҷузъа ва сеҷузъа ва бисёрҷузъа ҷудо намудан мумкин аст:

А) Истилоҳоти мураккаби дуҷузъа: *зар+ованд, фил+фил, марзан+гӯш, хун+сиёшон, асал+об, сафед+об, , бед+анҷир, мурд+осанг, тугмача+гул, тут+анҷир, пудра+намак, тана+кор, нор+мушк, гов+забон, сикан+ҷабин* ва ғ. ***Сиканҷабин*** *шикамба ва рӯдаҳоро пок мекунад, вале мумкин аст захми рӯда падид оварад [1, с. 102]*. ***Пилгӯш*** *[росан], гарм ва хушк аст, барои шикамбае, ки намурӣ дорад, неку, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар ва сипурз мебошад, пурхӯрии он хунро табоҳ месозад ва оби мардонаро мекоҳад.* ***Обкомаҳо*** *[комах] ва туршиҳо [равосир – ричол] ва рангдонаҳо [сибоғ] [1, с. 129]*. ***Найшакар****, гармои миёна дорад, гулӯро нарм мекунад ва пешобовар аст [1, с. 132]* ***Шоҳдона****, гарм, сардардзост, сангин ва табоҳшаванда аст, барандаи нерӯи ҷинсӣ аст. Марзангӯш, гарм аст.* ***Нармкунанда****, кушоянда аст. Барои бемориҳои аз сардии маҳз судманд аст [1, с. 135].* ***Озоддарахт*** *[озодрахт], гарму хушк аст барои кушоиши гирифтагиҳои сар хуб аст.*

Б) Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа: *ганд+бед+астар, дор+фил+фил, даст+мол+каду: Агар ба ҳамроҳии он сангинии сар ва коҳиши шунавоӣ бошад, равғани турб ва равғани бодоми талх ва ё равғане, ки* ***гандбедастар*** *дар он афзуда бошанд, дар гӯш бичаконанд ва беморро водор ба хурдодани гӯш бо марзангӯш, шиҳ, афснатин, пудинаи васеътар кунанда [1,с. 33] Шоданҷ (шоҳдона) се дирам, қалқатори сухта ба андозаи он, русхатаҷ ду дирам, мур ва заъфарон аз ҳар кадом як дирам,* ***дорфилфил*** *ним дирам бо шароби куҳна, малҳами чашмро бисозед ва ба кор баред [1, с. 328]. Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст гармозо ҳастанд Сабр, (сабир, алоэ, бобуна), луф (****дастмолкаду****), ки гӯши афсантийн хонда мешавад (пилгӯш), лодан (самғи хушбӯй), донаи каттон (зағир), хокистари ҳалазун (ҳолазун, тӯқумшуллуқ)-и хушкӣ, нахӯд, шоҳтара, хурмо [1, с. 158].*

В) Истилоҳоти мураккаби омехта. Ин навъи истилоҳоти мураккаб аз ду реша ва пасванд таркиб меёбанд: *мор+чӯб+а, тар+тез+ак, зар+печ+ак, хар+заҳр+а: Тухми ҳувайҷ, шалғам, пиёз, турб,* ***морчӯба, тартезак,*** *сипаст, донаи санавбар, донаи филфил, донаи залм ва тударӣ, қадома ва забони гунҷишк ва ду баҳман ва бузидон ва қист (қисти ширин) ва* ***дорулфилфил*** *ва занҷабил ва ҳарф ва сипандон ва ангеза ба андозаи яксон бармегиранд бо асал месиришанд. Лаблоб (ашақа, алафи печак,* ***зарпечак,*** *гули ошиқпечон), мустако ба вижа мисрии он, асал, барг ва шохаҳои ҳулв, анҷири хушк, харзаҳра, борҳанг, равғани баласон, ки таҳзиякунадагии басандае дорад, ангуза, ки таҳлилбарандагии намоёнеро доро ҳастанд.* ***Морчӯба****, гарм ва намур, афзояндаи нерӯи ҷинсӣ, доғкунандаи гурда [куля] аст [1, с. 127].*

3. Истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо, узвҳо. Ин навъи истилоҳоти мураккабро мураккаби дуҷузъа, пасванддор ташкил медиҳанд: **барф+кӯр+ӣ, сармо+зад+агӣ, гул+мижа, хушк+реша, равон+ранҷур+ӣ, равон+пареш+ӣ ва** ғ. *Заҳдон миёни пешобдон ва* ***рострӯда*** *дар болои* ***пешобдон*** *қарор дорад [1, с. 63]. Ҳамвора дучори* ***сармохӯрдагӣ*** *мешаванд.* ***Хоболуд*** *ва* ***кундҳавосанд*** *[1, с. 72]. Бандоваранадаи* ***шикамравиш*** *мебошад ва барои табдор ва касе, ки зардоб дорад, низ хуб аст [1, с. 107].* ***Шикамравиш*** *ва* ***дилошӯбӣ*** *ва ранҷурӣ падид меоварад[1, с. 130]. Бемории пусти сар [саъф]: Ин решаҳо,* ***хушкреша*** *[хушкрешия] дар сар мебошанд, гоҳе хушк ва* ***сапедранг*** *ва шояд дар он* ***хунобае*** *бошад ки аз он сарез мешавад [1, с. 216].*

4. Истилоҳоти мураккабе, ки аломати дорувориҳоро ифода мекунанд: бодшикан (124),хобовар(124), иштиҳоовар (124),сардардзо, (124), бахтаковар (124), дилнигаронӣ (124 оромкунанда(124), сардардзо, (124), иштиҳоовар(125), шулкунанда, (126) ва ғ.: *Фулфул Бисёр* ***гармозо*** *ва хушккунанда аст шикамба ва ҷигарро гарм мекунад, хӯрокро мегуворад ва* ***бодшикан*** *аст ва* ***гармозоӣ*** *болоӣ дорад [1, с. 124]. Тара Гарм ва хушк,* ***иштиҳоовар сардардзо, бахтаковар*** *дар хоб дидан аст ва барои касоне, ки зуд сардард мегиранд ва аз гармо ранҷ мебаранд, хуб нест [1, с. 125].* ***Ҷандқуқо, гармозо ва сардзост, нафховар*** *нест.*

Тархун, гарм ва ғализ (сифат), бодовар аст, кундгувориш аст. Садоб, гарму хушк ва мулоиму ***бодшикан*** *аст. [1, с. 125]. Бодрангбӯя, гарм, мулоим, барои афзоиши тапиши дил, андуҳгинӣ, ҳарос,* ***дилнигаронӣ*** *хуб аст[1, с. 125]. Наъноъ, гарм, мулоим,* ***бодовар, товалзо, иштиҳоовар*** *аст,* ***оромкунанда****, боло овардан ва саксака мебошад[1, с. 126]. Шалғам, гарм,* ***шулкунанда, бодсоз, барангезонандаи*** *нерӯи ҷинсӣ, нармкунандаи гулӯ ва сина ва доғкунандаи гурда ва пушт мебошад. ҳавиҷ, гарм,* ***бодсоз, сахтгувориш,*** *таҳриккунандаи нерӯи ҷинсӣ ва пешобовар аст[1, с. 126]..*

Истилоҳоти мураккаби гирдовардаро аз лиҳози таркиби морфологӣ чунин тасниф намудан мумкн аст:

А) Истилоҳоти тиббие, ки аз исм+исм таркиб ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ истилоҳоти мураккаби **сутунмуҳра, тӯришакл, сардардӣ** мисол шуда метавонанд. Истилоҳоти мураккаби **сутунмуҳра** аз ду исм: **сутун** ва **муҳра** таркиб ёфта, ба маънои "арраи пушт, аррапушт, сутуни пушт, сутуни *фақарот, пуштмоза, қатораи муҳраҳои тахтапушт. Columna vertebralis": Бузургтарин сӯрохи он дар поин ҷойи часпандагии* ***сутунмуҳраҳо****, ки нухоъ з-он берун меояд ва он аз тикаҳои бисёр ташкил шуда, ки ба ҳамдигар мечаспанд ва ҷойгоҳи расидани ду ё чанд тикаи устухонӣ ба якдигарро дарз меноманд [1, с. 31].*

Дар мисоли дигар ибораистилоҳи устухони **тӯришакл** омада, ки вожаи тӯршакл аз ду исм таркиб ёфтааст**:** *Мағз дорои ду зоидаи рӯйишёфта дар луби ҷилавие аст, ки ҳамонанди нуки пистон мебошанд ва ба устухони* ***тӯришакл*** *мерасанд [1, с. 31].*

Истилоҳи мураккаби **сардардӣ "судоъ, дарди сар. Cephalalgia"** аз ду реша ва пасванди –ӣ сохта шудааст: *Чунончи шароб барангезандаи* ***сардардӣ*** *падидоварандаи* ***саргиҷӣ*** *шавад, бояд он обакитар кард ва полоиш намуд ва бо чизҳои дигар монанд ба ҷуз он омехт, яъне ҷизҳое, ки ҷамкунандагӣ дорад, ба унвони маззаи шароб аз онҳо истифода мешавад [1, с. 185].*

Дар ин қолаб дар ҷумлаи зерин истилоҳи мураккаби **устухон+шона** мушоҳида гардид, ки дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ наёфтааст: *Ва акнун боз мегардем ва колбадшиносии устухонҳои поини гарданро бозгӯ мекунем ва мегӯем, устухонҳои поини гардан, ки мо онҳоро ёдоварӣ накардем, дарбаргирандаи ду чанбар ва* ***устухоншона*** *ва дандонҳо ва устухонҳои сина ва даст ва устухони шармгоҳ ва по мебошанд [1, с. 34].*

Истилоҳи **пайхол** аз исмҳои **пай** ва **хол** таркиб ёфта, ба маънои "маводди хориҷшуда аз рӯдаҳои дастгоҳи гувориш, ки шомили бактерия, маводди ҷазбнашуда, ҳуҷайраҳои ҷидорӣ ва тарашшуҳот аст. Feces" [*2, с.* 5] истифода мегардад: *Хушкӣ ва андаке* ***пайхол*** *ва рангин ва бадбӯй будани пешоб омезаи гармро нишон медиҳад [1, с. 67].*

Шабкӯрӣ аз вожаҳои **шаб, кӯр** ва пасванди **-ӣ** сохта шудааст ва дар "Вожаномаи тиббӣ" чунин шарҳ дода шудааст: "шабкӯрӣ навъе аз бемории чашм, ки шахси гирифтори он баъд аз намози шом чизеро дидан натавонад. Hemeralopia" [3, с. 547].: ***Шабкӯрӣ*** *беҳтар аст касе, ки дучори шабкӯрӣмешавад, ҷигари бузро бигирад ва бараш диҳад ва як бараши онро рӯйи оҷуре паҳн кунад...[1, с. 332].*

Мӯраг//мӯйраг - *раги борик, раги мӯяк, раги майдатарин. Vas capillare[684].* Ин истилоҳ аз ду исми мушаххас таркиб ёфтааст:*Табиат барои пазириши он (балғам) ҳамчун рагҳо ва* ***мӯйрагҳо****, ки ҷойгоҳи хун ҳастанд ва кисаи зардоб, ки ҷои зардоб ва сипурз ҷои талхоб мебошад, ованде насохта аст[1, с. 20]..*

Б) Исм –сифат. Дар ин қолаб истилоҳи **хунсард** ба назар расид: ***Хунсарданд*** *ва дар хастагӣ бурдбор мебошанд, бандҳо ва зардпойҳои тани эшон намоён аст [1, с. 72].*

Сифат+исм. Дар истилоҳсозии соҳаи тиб ин қолаб маъмултарин ва серистеъмолтарин мебошад. Дар ҷумлаҳои зерин истилоҳти **дуруштнай, зардпай, сахтшома, сурхраг, рострӯда, зардоб, талхоб** мушоҳида гардиданд: ***Сурхрагҳо*** *ва [сиёҳ] рагҳо ва аъсоби фаровони беш аз арзиши он бад-он мерасад [1, с. 49].* ***Сурхраги*** *бузург аз бахши чапи он меравад, аз ин рӯ, набз дар самти чап ошкор мешавад [1, с. 54]. Дар поёни он* ***рострӯда*** *ракгум аст, ки бар он моҳичаи ҷилувгиркунанда аз берун рафтани [пайхол] қарор гирифта, то ба гунаи иродӣ онро берун резад [1, с. 55].. Нухоъ аз бахши пасини мағз берун меояд ва дар ниёми мағз* ***нигоҳдорӣ*** *мешавад ва мо онро ҳангоми* ***колбадшикофии*** *мағз ёд мекунем [1, с. 37]. Аъсоби неруманд доранд,* ***зардпайҳо*** *ва устухонҳо ва бандҳояшон намоён аст,* ***камхобанд****, дорои набз ва ҷунбишҳои тунд ва гармӣ дар дастмолиш, диловар ва бебок ҳастанд [1, с. 69].*

Истилоҳи **талхоб** ба маънои **“сафро, зардоб”** омадааст. Истилоҳи **зардоб** маъмул ва серистеъмол аст, аммо **талхоб** ҳамчун истилоҳ камистеъмол мебошад. Закариёи Розӣ ҳам истилоҳи зардоб ва ҳам талхобро ба кор бурдааст: *Кисаи **зардоб** ё заҳра ба рӯи ҷигар қарор гирифтааст [1, с. 55]. Аз шигифтиҳои кашидани фузуниҳои хун аз як сӯ омадани каналҳои кисаи **зардобӣ** ва сипурз ба гудии ҷигар барои берун кашидани **зардоб** ва **талхоб** мебошад [1, 60].*

Истилоҳи **сахтшома** дар фарҳангҳои тахассусӣ мушоҳида нагардидааст, вале вожаи шомагон дар шакли ҷамъ ба маънои “пардаҳои мағз, ки дохили ҷумҷума ва дохили мақрои муҳраиро остар кунанд ва мағзи тираро дарбар гиранд. Meninge” маънидод гардидааст. Аз ин бармеояд, ки пардаҳои сахти мағз дар назар дошта шудааст: *Дар зери мағз ва **сахтшома** бофте **тӯримонанд** аст, ки аз сурхрагҳо баромада ва дар сар шакл мегирад [1, 46].*

Истилоҳи **зардпай** ба маънои “риштаҳои зардтоб, ки устухонҳои баданро ба ҳам мепайванданд” [391] шарҳ ёфтааст: *Пас мегӯем: моҳичаҳо аз гӯшт ва пай ва **зардпай** ташкил шудаанд ва василае барои ҳаракатҳои иродӣ ҳастанд ва шакли онҳо бар пояи ҷойгоҳ ва ниёзе, ки ба онҳост, гуногун мебошад [1, с. 35].*

Истилоҳҳои мураккаби **дуруштпай** ва **нозукпай** низ дар ин қолаб сохта шудаанд : *Занди бузургтарро, ки балантар аст **дуруштнай** ё занди поин мегӯянд ва кӯчактарро занди боло **нозукнай** меноманд [1, с. 34]*

В) Исм+асоси замони ҳозираи феъл. Яке аз маъмултарин қолабҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ исм+ асоси замони ҳозираи феъл мебошад. Дар асари мавриди назар ин навъи истилоҳот серистеъмол аст: **рехтшиносӣ, хунрасонӣ, шаҳватрон, хунсард, моҳичашиносӣ, мушакшиносӣ, симоҳшиносӣ илми канали шунавоӣ, рехтшиносӣ ва ғ.**

Истилоҳи тиббии **рехташиносӣ** аз асоси замони гузаштаи рехт, асоси замони ҳозираи шинос ва пасванди калимасози муштараквазифаи –ӣ сохта шуда, ба маънои анатомия истифода шудааст: *Ин **рехтшиносии** устухонҳо ва муҳраҳост аз растангоҳи нухоъ **[нахустинмуҳра]** то устухони дунболча [1, с. 37].*

Истилоҳи тиббии **хунрасонӣ** амалиёт дар организм аст, ин вазифаро рагҳо иҷро мекунанд. Истилоҳи хунрасонӣ аз исми **хун**, асоси замони ҳозираи **расон** ва пасванди **-ӣ** сохта шудааст: ***Хунрасонӣ** ба андомҳо бар пояи як тақсимбандии дуруст ва додгарона нисбат бар арзиши кории ҳар андом дар сар то сари тан мебошад [1, 60].*

Истилоҳи мураккаби тиббии **шаҳватрон** ба маънои “пуршаҳват, шаҳватпараст, шаҳвонӣ; шаҳватангез. Libidinosus”[3, 554] ташреҳ ёфта, он аломати доруворӣ аст, ки имрӯз низ дар истеъмол аст: ***Шаҳватрон** нест ва на нотавонии ҷинсӣ низ надорад, балки миёнаи ин ду мебошад, на шабзиндадор ва на пайваста дар хоб ва на шитобанда ва на **хунсард** аст[1, 72]. Вай **шаҳватрон** ва нерӯманд дар наздикӣ мебошад, вале агар сарду хушк бошад, нишонаҳои он з-он сӯст [1, с. 72].*

Г) Зарф+исм+асоси замониҳозираи феъл: *Агар андозаи пешоб кам шавад, бояд **пешобоварҳои** миёнаро ба кор гирандс[1, с. 174]. Агар андозаи пешоб кам шавад, бояд **пешобоварҳои** миёнаро ба кор гиранд [1, с. 67]. Нахуд Гарм, бодовар, **пешобовар** ва хуни **моҳонаовар** ва афзоишдиҳандаи оби мардона аст.*

Ғ) Сифати феълӣ –асоси замони ҳозираи феъл. Дар ин қолаб вожаи парокандагӯӣ, ки навъе аз бемории асб мебошад, истифода гардидааст: ***Парокандагӯӣ** ва хазён ва хамёза кашидан ва бозӣ бо дастон дар бемориҳои сахт аз нишонаҳои хуб нест [1, 403].*

Хулоса, аз таҳлили истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ маълум гардид, ки ин навъи истилоҳот дар асари мавриди назар ҷойгоҳи намоёнеро ишғол мекунад. Дар ташкили истилоҳоти мураккаби тиббӣ аз ҳиссаҳои нутқ исм сифат, асосҳои феъл зиёд корбаст шудаанд. Истилоҳоти мураккаб аз лиҳози мавзуӣ ба чандин гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо, номи гиёҳҳо ва доруворихо, истилоҳоти ифодакунандаи хусусияти доруворихо.

Адабиёт

1. *Абубакр, Муҳаммад Закариёи Розӣ Тибби Мансурӣ. / Розӣ Закариёи Муҳаммад Абубакр. - Душанбе: Дониш, 2016. – 450 с.*
2. *Вожаномаи тиббӣ. Ҷ. 1. / мураттибон: У. Қурбон, А. Раҷабзод. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. – 808 с.*

3. *Вожаномаи тиббӣ. Ҷ. 2. / мураттибон: У. Қурбон, А. Раҷабзод. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 816 с.*
4. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш. 1985. - 385 с.*
5. *Мирзо, Ҳасани Султон. Мушкилоти забони илм ва истилоҳот / Султон Ҳасани Мирзо. - Душанбе: Дониш, 2013. – 324 с.*
6. *Мирзо, Ҳасани Султон Истилоҳшиносӣ ва сстилоҳнигории тоҷикӣ / Султон Ҳасани Мирзо. - Душанбе: Эр-граф, 2019. – 193 с.*
7. *Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.2. / Бурҳон Муҳаммадҳусайни. - Душанбе: Адиб. 2004. – 424 с.*
8. *Назаров, Т.А. Вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти даҳонпизишкӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ-олмонӣ: дис. ... номзад. илм. филол. / Т.А. Назаров. - Душанбе, 2022. – 231 с.*
9. *Нуров, П. Истилоҳшиносӣ / П. Нуров. - Душанбе: Дониш, 2018 – 139 с.*
10. *Тӯраҳасанов, Қ.Ш. Истилоҳоти тиббии пешобшиносӣ дар забони тоҷикӣ / Қ.Ш. Тӯраҳасанов. - Душанбе, 2005. - 107 с.*
11. *Фарҳанги тибби ниёгон. - Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2016. – 776 с.*
12. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - Душанбе, 2008. – 944 с.*
13. *Ҳусанбоев, Н. А. Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ). ДКН / Н. А. Ҳусанбоев. - Хуҷанд, 2023. – 176 с.*
14. *Энсиклопедияи мухтасари тиб. Ҷ. 6х. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2011. – 487 с.*
15. *Юсуф, Исҳоқӣ Таърихи мухтасари тибби тоҷик / Исҳоқӣ Юсуф, Яъқуб Тоҷиев. - Душанбе: ДДТТ, 1993. – 128 с.*

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ МУРАККАБИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

Мақолаи мазкур доир ба роҳҳои сохта шудани истилоҳоти мураккаб, нақши ҳиссаҳои нутқ дар ташкили ин навъи истилоҳот ва корбурди истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ ” –и Закариёи Розӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола дар мавриди мақом ва ҷойгоҳи ин асар дар соҳаи тиб ибрози назар намуда, қайд кардааст, ки ин асар энсиклопедия буда, мавқеи асосиро истилоҳоти тиббӣ ишғол мекунад. Инчунин дар мақола истилоҳоти мураккаб аз лиҳози мавзуъ ва таркиби луғавӣ дар такя ба фарҳангҳои тахассусӣ, фарҳангҳои тафсирӣ табақабандӣ ва маънидод гардидааст. Муаллифи мақола дуруст қайд кардааст, ки имрӯз месазад, ки барои ба низом даровардани истилоҳоти илмии миллӣ, бартараф намудани камбудиҳо доир ба истилоҳшиносӣ истилоҳоти соҳаҳои гуногуни мероси хаттии ниёгонамон мавриди баррасӣ қарор гиранд. Таҳқиқи осори хаттии ниёгонамон барои дақиқ муайян кардани даврaҳои ташаккулёбии забони адабӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф қайд мекунад, ки бархе аз истилоҳи мураккаб дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ наёфтаанд ва месазад, ки истилоҳоти тиббии осори хаттии ниёгонамон омӯхта шаванд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, илмӣ, тиббӣ, ниёгон, доруворӣ, исм, сифат, асосҳои замони феъл, растаниҳо, ихтисос.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОЖНЫХ МЕДИЦИНСКИХ ТЕРМИНОВ В «ТИББИ МАНСУРӢ» ЗАКАРИИ РАЗИ

Статья посвящена способам образования сложных терминов, роли частей речи в их образовании, а также использованию сложных медицинских терминов в «Мансури-медицине» Закарии Рази. Автор статьи высказал своё мнение о статусе и месте данного труда в области медицины, отметив, что данный труд является энциклопедией, а главное место в нём занимает медицинская терминология. Также в статье классифицируются и определяются сложные термины по тематике и лексическому составу, опираясь на словарях. Автор статьи верно отметил, что сегодня необходимо учитывать терминологию различных отраслей письменного наследия наших предков в целях систематизации национальной научной терминологии и устранения недостатков в терминологии. Изучение письменных произведений наших предков способствует точному определению периодов становления литературного языка. Автор отмечает, что некоторые сложные термины не имеют объяснений в специализированных культурах, и предлагает изучить медицинскую терминологию в письменных трудах наших предков.

Ключевые слова: терминология, научный, медицинский, предки, медицина, существительное, прилагательное, основы глаголов, растения, специальность.

USE OF COMPLEX MEDICAL TERMS IN "MANSURI MEDICINE" OF ZAKARIYA RAZI

The article is devoted to the methods of formation of complex terms, the role of parts of speech in their formation, as well as the use of complex medical terms in "Mansuri Medicine" of Zakariya Razi. The author of the article expressed his opinion on the status and place of this work in the field of medicine, noting that this work is an encyclopedia, and the main place in it is occupied by medical terminology. The article also classifies and defines complex terms by subject and lexical composition, relying on dictionaries. The author of the article correctly noted that today it is necessary to take into account the terminology of various branches of the written heritage of our ancestors in order to systematize national scientific terminology and ancestors helps to accurately determine the periods of the formation of the literary language. The author notes that some complex terms have no explanation in specialized cultures, and suggests studying medical terminology in the written works of our ancestors.

Keywords: terminology, scientific, medical, ancestors, medicine, noun, adjective, verb stems, plants, specialty.

Дар бораи муаллиф
Маҷидова Баҳринисо Маҳмадҷоновна
Муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Сино, 29-31
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com

About the author
Majidova Bahriniso Mahmadjonovna
Senior lecturer of the Tajik language department
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino Street, 29-31
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com

Об авторе
Маджидова Бахринисо Махмаджоновна
Старший преподаватель кафедры таджикского языка
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино, 29-31
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com

ТДУ 809.155.0-3:821.550.09

РОҶЕЪ БА ЛЕКСИКАИ ЗЕБУ ЗИНАТ ВА ОРОИШ ДАР АШЪОРИ УСТОД АБУАБДУЛЛОҲ РЎДАКӢ

Бобомуродова М. У.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Таҳлил ва омӯзиши таркиби луғавӣ ва услубиёти забони назм дар илми тоҷик таърихи қадима дорад. Ба ин кор ҳанӯз луғатнигорону тазкиранависони гузашта иқдом намуда буданд. Дар тамоми луғатҳое, ки тафсири маънои луғавии калима, тобишҳои услубии он зикр мегарданд, барои исботи фикр асосан ба порчаҳои назмӣ рӯй оварда мешавад.

Бояд гуфт, ки осори сардафтари адабиёти классикии тоҷик устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ барои миқдори хеле фаровони ин гуна таълифот аз манбаъҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри 11), ки аз аввалин луғатҳо ба забони форсии тоҷикӣ буда, аз лиҳози замон наздиктарин ва эътимодтарин манбаъ барои омӯзиши осори Рӯдакӣ маҳсуб мегардад, 300 байт аз ашъори Рӯдакӣ барои тасдиқи маънои луғавии калимаҳо оварда мешавад.

Ба маҳорати шоирии устод Рӯдакӣ Абӯзироаи Гургонӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Рашидии Самарқандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шамси Фахрӣ Абдураҳмони Ҷомӣ барин шоирон баҳо дода, арзиши сухани ӯро ба тарозуи заковати худ санҷидаанд.

Дар илми филологияи тоҷик қадамҳои нахустини омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ ба устод Садриддин Айнӣ мансуб аст. Ӯ пас аз ба табъ расонидани тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар соли 1925 мақолаи калонҳаҷме бо номи «Устод Рӯдакӣ» таълиф менамояд. Ба замми арзиши баланди адабиётшиносӣ дар ин мақолаи Садриддин Айнӣ ба ду ҷиҳати забонии ашъори Рӯдакӣ- кам кор фармуда шудани калимаҳои арабӣ ва фаровонии унсурҳои забони гуфтугӯии мардуми тоҷик дар ашъори шоир баҳо дода мешавад. Аз ҷумла ӯ мегӯяд: «Забони шеъри Рӯдакӣ бисёр сода ва ҳамафаҳм аст, ӯ калимаҳои арабиро бисёр кам кор мефармояд ва аз суханҳои форсии тоҷикӣ ҳам бештар соддатарин ва оммафаҳмтринашро чида гирифта ба кор мебарад» [3, с. 130].

Аз замони зиндагии устод Рӯдакӣ беш аз ҳазор сол сипарӣ гашта, аммо устувории таркиби луғавӣ, нигоҳ дошта шудани маънои калимаҳо, таркиби овозии онҳо дар забон боз як далели он аст, ки то замони ин шоири бузург забони дарӣ кайҳо ба дараҷаи баланди ташаккул расида будааст. Аммо вожаҳо дар қолаб ва маънои шахшуда то имрӯз бетағйир истеъмол нагардида, баръакс онҳо маъноҳои нав ба нав гирифта сермаъно мешаванд, муродифу омонимҳо пайдо мекунанд ва таркиби луғавию маъноиро бой мегардонанд. Олами маънии калимаҳо низ баробари дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъият тағйир меёбанд. Забон маҳсули ҷамъият аст, он дар нутқи одамон хусусияти фардӣ мегирад, соҳибони забон дар такомулу тағйироти таркиби луғавӣ ҳисса мегузоранд. Ин ҳиссагузорӣ аз ҷониби ҳар фард дар зинаҳои гуногун ба амал меояд. Ҳиссае, ки дар инкишофи бойигарии забони дарӣ устод Рӯдакӣ доштааст, ҳеҷ як ҳамасри ӯ маҳз дар пояи Рӯдакӣ надорад. Омӯзиши осори Рӯдакӣ аз нигоҳи таркиби луғавӣ ба чанд масъала метавонад равшанӣ андозад. Аввалан, маҳорати шоир дар истеъмоли луғат, дигар, боигарии луғавии забонамон дар давраи муайяни таърихи он, сеюм, дар шинохтани услуби нигориши адиб, зеро ки роҳи ҳазорсола ба осори Рӯдакӣ муаққиқонро бисёр ба иштибоҳ меандозад. Таркиби луғавии эҷодиёти устод Рӯдакӣ низ ба мисли ганҷинаҳои дигари адабиву илмӣ хазинаи луғатҳои зиёди забон ба шумор меравад, ки дар давраи муайяни таърихи забон дар истеъмол будаанд. Қисми онҳо то имрӯз вуҷуд дорад ва сериستеъмоланд, қисми диграшон хусусиятҳои гуногуни забонӣ, чун архаистӣ, таърихӣ, шевагӣ пайдо кардаанд.

Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар инкишофи забони адабии мо хизмати бузург намудааст. Дар осори ӯ сарвати пурғановати луғавӣ, руҳия, табъу завқ, панду ҳикмат, афкору ақида, анъана ва ҳунари ороишии мардуми тоҷик инъикос гардидааст. Аз осори бозмондаи устод Рӯдакӣ маълум мешавад, ки ӯ зебу зинат ва ҳунарҳои гуногуни ороишии мардумашро хуб медонист. Дар осори ӯ як гурӯҳ вожаҳои ороишие гирд омадаанд, ки далели дар гузаштаи дур ривоҷу равнақ доштани ҳунарҳои зиёди ороишии халқи тоҷик мебошанд. Мо дар ин мақола қарор додем, ки вожаҳои ороиширо дар осори устод Рӯдакиро таҳлилу таҳқиқ намоем.

Забони адабии асри 10 ғанитарин, шевотарин, зеботарин ва барои ифодаи дақиқтарин маъноҳои илмӣ, динӣ, бадеӣ қодиртарин забон буд. Рӯдакии бузург яке аз тавонотарин суханварону сухангустарон ва забардастарин намояндагони сухани бадеии ин давр ба шумор мерафт ва беҳуда ӯро «Одамушшуаро» нагуфтаанд.

Аз ҷиҳати корбурди калимаву таркиб, ибораву ҷумла, истифодаи воситаҳои забониву бадеӣ ва услуби хоси худ устод Рӯдакӣ беҳамтост.

Маълум аст, ки аҷдодони мо аз қадимулайём навъҳои гуногуни филизотро фарқ мекарданд ва коркарди онҳоро ба роҳ монда буданд. Дар осори устод Рӯдакӣ мушоҳида намудем, ки навъҳои маъмултарин ва машҳуртарини он истифода гардидааст:

Зар//зарр - фулузи зардранги гаронбаҳо, тилло, ки аз он тангаҳо низ сика мезаданд:

Шоир зӣ ӯ равад фақиру таҳидаст,
Бо **зари** бисёр бозгардаду ҳумлон [1, с. 146].

Дар осори шоир ибораи ***«зарри муштафшор»*** дучор меояд, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: «тиллои ба мушт нармшаванда, ки дар хазинаи Хусрави Парвиз будааст ва онро ба ҳар шакл, ки хоҳанд, медаровардаанд».

Бо дирафши ковиёну токдис,
Зарри муштафшору шоҳона камар [1, с. 262].

Таърих гувоҳ аст, ки дар сарзамини мо шоҳони бузург арзи ҳастӣ намуда буданд. Онҳо молу мулки зиёд ва хазинаҳои ниҳоят ғанӣ доштанд. Бо истилои аҷнабиён дороии онҳо аз даст мерафт. Ва ин навъи тилло, ки ба он устод Рӯдакӣ ишора мекунад, шояд пас аз барҳам хӯрдани ҳокимияти тоҷикон ба яғмо рафт.

Сомониён шоҳони хирадманд, ботадбир, тавоно ва дар айни замон ниҳоят доро ва олиҳиммат будаанд. Рӯдакӣ аз олиҳимматии онҳо барҳӯрдор буд ва худаш низ ба ин ишора мекунад:

Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд [1, с. 78].

Шоҳони Сомонӣ тилло, нуқра, молу зарро аз ӯ дареғ намедоштанд. Ӯ дар муҳити фарҳангӣ ва дар айни ҳол дорову сарватманди Сомониён бо шукуҳу шаҳомат зиндагӣ мекард. Аз ин рӯ, вожаҳои симу зар, ва номи ашёҳои тиллоиву нуқрагини ороишӣ дар осори устод Рӯдакӣ зиёд истеъмол гардидаанд.

Маълум аст, ки дар гузашта аз тилло ва нуқра тангаҳо сикка мезаданд ва ҳамчун воситаи муомилот истифода мебурданд. Дар байти зерин симу зар ба маънии тангаҳои нуқра ва тилло истифода шудаанд:

Гарчи Баштарро ато борон бувад,
Мар туро зарру гуҳар бошад ато [1, с. 228].

Дар сарзамини мо коркарди тилло ва истифодаи он дар хат дар даврони хеле қадим ба роҳ монда шуда буд. Дар асри 12 дар ҳазор пӯсти гов бо хатти заррин сабт гардидани «Авесто», баъдтар «Қуръон» ва девонҳои шоирон далели он аст, ки ниёгони мо илму маърифат ва фарҳангро воло медонистанд. Дучор гардидани вожаҳои ***«заррин варақ»*** дар осори Рӯдакӣ далели он аст:

Гирифт об коша зи сармои сахт,
Чу **заррин варақ гашт** барги дарахт [1, с. 345].

Байти зерини шоирдалолат бар он мекунад, ки дар замони ӯ дарҳои нуқрагин низ мавҷуд будаанд:

Зи уду чандан ӯро остона,
Дараш симину заррин поликона [1, с. 353].

Устод Рӯдакӣ борҳо дар осори худ ишора бар он кардаст, ки тоҷи шоҳон заррин ва мурассаъ буд:

Ба як гардиш ба шоҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворро [1, с. 53].

«Рикоб» вожаи арабӣ буда, маъниаш узангу аст. Дар байти зерин ибораи рикоби заррогин, яъне узангуи тиллоӣ аст:

Мудхилонро рикоб заррогин,
Пойи озодагон наёбад сар [1, с. 260].

Аз тилло сохта шудани ороишоти занона чизи маъмулӣ аст. Дар байти шоир ба сифати номи ороишот ва филизи он вожаҳои тоҷикӣ истифода гардидаанд:

Чун гули сурх аз миёни пилгӯш,
Ё чу заррин гӯшвор аз хубгӯш [1, с. 334].

«Сархора - сӯзани тилло, ки бо он мӯйи худро маҳкам банданд ва ба тартиб дароранд».

Ҷаъде сиёҳ дорад, к-аз кашшӣ,

Пинҳон шавад бад-ӯ дар **сархора** [1, с. 318]**.**

«Киштии зарандуд», яъне зарҳалдавондашуда, зардавондашуда:

Моғ дар обгир гашта равон,

Рост чун киштиест қирандуд [1, с. 252].

«Тир» - абзори шикор ё ҷанг аст, ки ба воситаи камон ба нишон партофта мешавад. Аз шеъри зерини устод Рӯдакӣ маълум мегардад, ки шоҳони бузургманиши Сомонӣ пайкон (нӯг) - и тирро аз тилло мекардаанд. То нафаре, ки ба ҷанги ӯ меояд, агар кушта шавад, аз пули он барои ӯ кафан кунанд ва агар захмӣ шавад, дармон созанд. Ин рафтори бисёр ҷавонмардона ва олии гузаштагони мо буд:

Шоҳе, ки ба рӯзи разм аз родӣ,

Заррин ниҳад ӯ ба тир-дар пайкон.

То куштаи ӯ аз он кафан созад,

То хастаи ӯ аз он кунад дармон [1, с. 151].

Филизи дигаре, ки дар зиндагии мардуми мо хеле маъмул буд ва ҳаст **сим (нуқра)** мебошад. Симро ҳамчун воситаи хариду фурӯш, асбобу анҷоми хона ва ороишоти занона истифода мекарданд. Ин навъи филиз дар гузашта махсусан ҳамчун воситаи муомилот доираи васеи густариш дошт. Дар байти зерини шоир низ ба ҳамин маъност:

Куҷо ба гетӣ буда-ст номвар деҳқон,

Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд [1, с. 78].

Аз байти боло маълум мегардад, ки натанҳо шоҳони Сомонӣ, балки деҳқонон (сарватмандон) низ аҳли илму адабро дастгирӣ мекарданд, ба онҳо ёрии моддӣ мерасониданд.

Вожаҳои **зар** ва **сим** баъдтар ҷояшонро ба муродифҳои арабии **тилло** ва **нуқра** доданд. Дар осори бозмондаи Рӯдакӣ вожаҳои тилло ва нуқра дучор намеоянд.

Дар рубоии зерин ташбеҳи бисёр аҷоиб истифода гардидааст, ки дар он якчанд вожаи ифодакунандаи ороиши занонро мо дучор гардидем:

Рӯят дарёи ҳусну лаълат **марҷон,**

Зулфат анбар, садаф даҳан, **дур** дандон,

Абрӯ киштию чини пешонӣ мавҷ,

Гирдоби бало ғабғабу чашмат тӯфон [1, с. 212].

Вожаи ороишии дигаре, ки дар осори устод Рӯдакӣ бештар дучор мешавем ин вожаи умумихалқии **«марҷон»** мебошад. Калимаи «марҷон» арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин тавр шарҳ дода шудааст: “навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл; марҷон гуногун буда, машҳуртаринаш марҷони сурх аст, ки монанди гул бар танаи оҳакмонанд қарор дорад ва онро барои сохтани асбоби зинат ва ашёи гаронбаҳо ба кор мебаранд” [9, с. 416]. Аз ин маънидод чунин бармеояд, ки **«марҷон»** дар ифодаи олати ороиши гардан дар заминаи кӯчиши маъно сурат гирифтааст, зеро шарҳи луғатҳои дигар ҳам ба ҳамин монанд аст. Ҳарчанд ин калима барои ҳамаи тоҷикзабонон фаҳмо бошад ҳам, дар маҳалҳо бештар ҳаммаъноҳои гуногуни он мавриди истифода қарор дорад. Масалан, назар ба маълумоти китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» (ҷ.2) дар Қаротегину Дарвоз дар ифодаи **марҷон** воҳидҳои луғавии **хафабанд, хафабандак, гулӯбанд**, дар Самарқанд **ғафабанд,** дар Панҷакент **тавқи бехи гулӯ,** дар Кӯҳистони Мастчоҳ **кенҷак,** дар Бадахшон **семак, марҷон, марҷони гардан** мавриди истифода қарор дорад. Ба назар чунин менамояд, ки тафсири фарҳанг «навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл» ба маънии «**марҷон**» - ҳамчун исми зеби гардан муносибате надорад. Аммо дурусттар зеҳн монда шавад, пай бурдан мумкин аст, ки байни «**марҷон**» - олати зеби гардан ва **«марҷон»** - ҷонвари дарахтшакл аз ҷиҳати шакл алоқамандие мавҷуд аст.

Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон,

Аз гиряи хунин мижаам шуд **марҷон** [1, с. 209].

Қисми дуюми шарҳи «Фарҳанг», ки бо нуқтавергул ҷудо шудааст, ба ашёи зинатӣ-ороишӣ будани калима далолат менамояд.

Вожаи дигари маъмуле, ки дар ашъори устод Рӯдакӣ дучор мешавем, **гӯшвор** аст. Воҳиди луғавии **гӯшвор** ё **гӯшвора** дар «**Фарҳанги забони тоҷикӣ»** [9, с. 308] чунин маънидод шудааст: **гӯшвор // гӯшвора** - ҳалқаи гӯш, овеза, асбоби зинат, ки ба гӯш меовезанд.

Ба як гардиш ба шаҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворо… [9, с. 640].

Гӯшворҳо чун ороиши муҳим ва маъмули занон дар сохту намуд гуногун овезадору беовеза, нигиндору бенигин, кашакдору бекашак, аз тилло, нуқра, биринҷӣ сохта мешуданд. Гӯшворҳои нуқрагину биринҷӣ дар ҷануби кишварамон дар ҳазораи аввали то солшумории мо пайдо шудаанд.

Ҳарчанд ки вожаи **гӯшвор** маҳсули давраи нави забони форсии тоҷикист, аммо мавҷудияти гӯшворҳо чун василаи ороиши занон аз замони қадим маъмул будааст.

Гӯшворҳо аз филизи арзону қимат сохта шуда, намуду сохти гуногун доштанд. Гумон меравад, ки гӯшворҳои тиллоӣ, ки сангҳои қиматбаҳои ороишӣ доштанд, бадтар пайдо шудаанд. Бозёфтҳои Панҷакенти қадим гувоҳи онанд. Гӯшворҳои ёфтшудаи сағонае аз он дарак медиҳанд, ки ин сағона - сағонаи занона аст. Дар Осиёи Миёна мардон низ гӯшвор меовехтанд. Гӯшворро на фақат дар гӯш, балки дар бинӣ ҳам меовехтанд, ки онро бо номҳои гуногун, аз қабили **арабак, латибинӣ, натибинӣ** ифода мекарданд.

Дар ифодаи гӯшвор байни маҳалҳои Тоҷикистон тафовуте ба назар мерасад. Масалан, агар дар манотиқи ҷануби Тоҷикистон василаи ороиши гӯш бештар бо калимаи адабӣ - умумихалқии **«гӯшвор»** (чи тавре ки дар боло аз маълумоти «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ёдрас шудем) ифода гардад, дар маҳалҳои шимоли ҷумҳурӣ зиёдтар муродифи он **«ҳалқа»** ба кор бурда мешавад. Бартарии истифодаи калимаи **«гӯшвор»**-ро дар минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон аз он мушоҳида кардан мумкин аст, ки он ҳамчун ҷузъи калимаҳои сохтаю мураккаб ва ибора хеле сермаҳсул аст. Чунончи, мувофиқи маълумоти **«Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ»**, дар лаҳҷаҳои ҷудогонаи шеваи ҷанубӣ дар ифодаи навъу намудҳои гӯшвор истилоҳоти иборавӣ, аз қабили **гӯшвори якпочика, гӯшвори мамадӣ//мъҳаммадӣ, гӯшвори нафтӣ, гӯшвори панъпоча, гӯшвори васаргӯшӣ, гӯшвори садафӣ, гӯшвори сепоча, гӯшвори сеғузика, гӯшвори чорпочика, гӯшвори қафасӣ, гӯшвори натӣ** ба назар мерасанд [5, с. 27-43].

Дида мешавад, ки ҷузъҳои дуюми ин номҳои иборавӣ хусусияти гӯшворро аз ягон ҷиҳат сохт, маводи истифодашуда ва шахс (гушвори маҳмадӣ) муайян мекунанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки зебоипарастӣ ва ороиши гӯш дар байни занону духтарони кӯҳистон ба аҳамияти махсус молик буда, боиси инкишофи яке аз намудҳои ҳунари дастӣ - гӯшворсозӣ гардидааст.

Сангҳои ороиширо ҳанӯз 5500 сол муқаддам барои ороиши шадда, марҷону овезаҳо ва кулоҳони пешвоён истифода мебурдаанд, ки мо номи ин намуд сангҳои ороиширо дар ашъори устод Рӯдакӣ низ дучор мегардем. Сангҳои қиматбаҳои ороишӣ дар Бадахшон (лаъли Бадахшон, **лоҷвард, булӯри кӯҳӣ, беҷода**), дар Зарафшону Қаротегину Шуғнону Вахон конҳои тилло, нуқра, симоб, мис, оҳан, фирӯза мавҷуданд ва сифати хеле баланд доранд. Ҳатто дар бораи баъзе сангҳо дар Қуръони маҷид низ таъкид шудааст, (мисли ёқут, марворид, зумуррад, фирӯза).

Бояд қайд кард, ки аз қадим мардум аз сангҳои гаронбаҳо ҳар гуна асбобҳои ороишӣ месохтанд ва барои зинати инсон ба кор мебурданд. Шоирон ва адибон зебоию бебаҳоии он сангҳоро дар шеъру қиссаҳои худ васф мекарданд, рӯю мӯю лабу даҳону гардану ғабғаби маҳбубаро ба ин ё он санги қиматбаҳои ороишӣ нисбат медоданд. Шоҳон ҳамеша зардӯсту зарпараст будаанд ва ин албатта, дар назми устод Рӯдакӣ бетаъсир намондааст. Лексикаи сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ асосан **исмҳо** буда, дар шакли калимаҳои мураккаб ва ибораҳо тобишҳои сифатӣ гирифтаанд. Исмҳо: **ақиқ, алмос, баҳрамон, безода, гавҳар, ёқут, забарҷад, зумуррад, лоҷвард, лӯлӯъ, марворид, марҷон, нигин, пирӯза, рухом**. Дар порчаи зерин шоири хушбаён ҳамзамон калимаҳои **алмос, марҷон, ёқут, пирӯза, лоҷвард**-ро бо маҳорати баланд зикр намудааст:

Гавҳар -1. марворид; санги қиматбаҳо; гуҳар -–шакли кӯтоҳшудаи гавҳар.
Гарчи Тиштаро ато борон бувад,
Мар туро зарру гуҳар бошад, ато!
Ва ё ин ки:
Бар маволи - т бипошад ҳама дурру гуҳар,
Бар аъоди - т биборад ҳама шахкосаву хор.
Дурр//дур - а. марвориди калон, марворид [9, с. 640].
Сапеду симзада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд [1, с. 76].

Лаъл - шакли арабишудаи **лол,** 1.санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон; лаъли Бадахшон навъи аълои ин санг, ки аз кӯҳистони Бадахшон ҳосил мешавад. Лаъли Бадахшон қиматтарин сангест, ки назирашро дар ҳех як гӯшаи дунё наметавон пайдо кард. Чун ҳар як санг ном гирифтаасту қисми бештари он барои ороиш аз қадимулайём истифода мешавад аз ин ре силсилаи лексикаи ороишӣ – зинатиро бе номҳои санг тасаввур наметавон кард. 2. маҷм. ранги сурх; сурх. 3. киноя аз лаби маъшуқа.

Марворид юн. 1. донаи хурд ва дурахшон, сафед ё сафеди сурхтоб, ки дар даруни садаф ба вуҷуд мешавад [10, с. 646].

«Ақиқ» назар ба шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навъе аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норинҷӣ мебошад. Муаллифи «Нахустин фарҳанги алифбоӣ - қиёсии забони форсӣ» дуктур Муҳаммади Мушкурӣ дар ҷавоҳиркорӣ ба кор рафтани навъи хунранги он, хусусан сурхи оташгуни онро қайд кардааст. Бо ҳамон ном ва аз ҳамин санг асбоби ороишие месозанд, ки занону духтарон ба гардан меовезанд. Шоирон бо ҷузъи «**ақиқ**» ибораҳои гуногун сохта, лаби маҳбуба ва шароби сурхро васф кардаанд. Яке аз ин ибораҳо «**ақиқи Яман**» ё «**ақиқи яманӣ**» мебошад, ки ҳамчун киноя аз лаби соҳибҷамолон истифода мешавад. **Ақиқ** - а.1. навъе аз санги қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норанҷист 2. киноя аз лаб; киноя аз лаби маъшуқа. 3.киноя аз шароби сурх, май, шароб [9, с. 113].

Каҷа//кача - ангуштарини бенигин [9, с. 213].

Чархи каҷабоз то ниҳон сохт каҷа,
Бо неку бади доира дарбохт каҷа.
Ҳангомаи шаб гузашту шуд марра тамом,
Толеъ ба кафам яке наяндохт каҷа! [1, с. 217].

Сархора - сӯзани тилло барои зинати мӯи занон, ё ки барои банд кардани миқнаа ба рӯймол.

Ҷаъде сиёҳ дорад, к- аз кашшӣ,
Пинҳон шавад бад-ӯ дар сархора [10, с. 213].

Вожаи дигаре, ки бештар мавриди таваҷҷуҳ ва воситаи образофарии шоир қарор гирифтааст, **«ёқут»** мебошад.

Ёқут а. 1. чанд навъ аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурх, зард, кабуд ва сафед мешавад [9, с. 418].

ёқути сурх - лаъл, лаъли ёқутранг - киноя аз шароби сурх.

Бузургони ҷаҳон чун гардбандан,
Ту чун ёқути сурх андар миёна! [1, с. 130312].

Аз ин ҷост, ки бо ҷузъи «**ёқут**» низ силсилаи ибораҳои исмие, мисли «**ёқути лаб»** киноя аз сурхии лаб, «**ёқути майфурӯш»** киноя аз лаби маҳбуба ва ғайра ба вуҷуд омадааст. Умуман «**ёқут**» вожаи сермаъно буда, маъноҳои дигари он бештар маҷозианд.

Дар ашъори устод Рӯдакӣ ҳам ин калима ҳам дар таркиби ибора ва ҳам чун ҷузъи воҳиди луғавии мураккаб корбаст шудааст. Чунончи: ибораи **ёқути сурх** дар ифодаи санги қиматбаҳо дар ашъори устод Рӯдакӣ хеле фаровон истифода шудааст. Шояд сабаб он аст, ки ранги сурх дар ороиш ғолибон хоси занон буд.

Тавре мушоҳида мекунем, устод Рӯдакӣ аз сангҳои қиматбаҳои ороишӣ мисли ақиқу марҷон, зумурраду забарҷад, лоҷварду беҷода, ёраву гавҳару пирӯза, алмосу рухон ва боз даҳҳои дигар дар асараш бештар ёқути сурх ва сурхёқутро истифода кардааст ва ин, албатта, бедалел нест.

Ёқутро «шоҳи» сангҳои қиматбаҳо меноманд. Ҳиндуҳо онро «***каурандака***», русҳо «***яхонт»*** дар Таиланд ба маънои «***шоҳёна***» кор фармудаанд. Ёқут минерали хеле сахт буда, мисли оташ сурх аст ва қариб 40 навъи ранг тобиш дорад.

Дар қадим ёқутро чун санги дорои қувваи ғайритабиӣ хеле қадр мекарданд. Он гӯё сеҳру ҷодуро аз байн мебарад, ба ғавле агар одами тарсу ва шармгин онро бо худ гардонад, бемориҳои шамолхӯрӣ ва камхуниро табобат мекунад. Аз ин рӯ, табақаҳои болоӣ, аз ҷумла шоҳону давлатдорон ба ин санг таваҷҷуҳи бештаре зоҳир кардаанд ва қимати онро ба маротиб боло бурдаанд.

Хулоса, устод Рӯдакӣ дар ашъори худ вожаҳои зебу зинат ва сангҳои ороишию қиматбаҳоро хеле фаровон истифода карда хазинаи забони тоҷикиро ғанӣ гардонидааст. Рӯдакӣ бори дигар исбот мекунад, ки тоҷикон ҳанӯз дар даврaҳои қадим қимати сангҳои гаронбаҳоро медонистанд ва санъату ҳунари сангтароширо хеле сайқал дода буданд. Ақиқу ёқуту лаълу дурру гавҳар зеби гардану дастони шоҳону шоҳдухтарон буданд, ки то имрӯз ин

зебоию ороиш аз байн нарафта, баръакс рушд кардааст. Аз таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти ороишӣ дар осори Рӯдакӣ чунин натиҷагирӣ метавон кард:

1. Устод Рӯдакӣ ҳангоми баён кардани афкору ақида ва эҳсосоти худ вожаҳои ороиширо ба таври васеъ истифода менамояд.

2. Номҳои вожаву истилоҳоти филизоти қиматбаҳо, номи асбобу анҷоми тиллоӣ ва нуқрагӣ дар ашъори ӯ зиёд истеъмол гардидаанд ва ин далели он аст, ки тоҷикон коркарди ин навъи филизотро аз даврaҳои хеле қадим ба роҳ монда буданд.

3. Устод Рӯдакӣ вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ, инчунин калимаҳои забонҳои дигари эрониро низ кор мефармояд. Маълум мегардад, ки Рӯдакӣ донандаи забонҳои дигари эронӣ низ будааст.

Адабиёт

1. *Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Силсилаи "Ахтарони адаб". Ҷ.1. / Таҳиякунандагон Р. Ҳодизода ва А.М. Хуросонӣ. - Душанбе: Адиб, 2007. - 416 с.*
2. *Айнӣ, С. Луғати ниматфсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ. 12. - Душанбе, 1976. – 564 с.*
3. *Айнӣ, С. Устод Рӯдакӣ / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ. 11. Қисми 1. – Душанбе, 1963. – С. 129-154.*
4. *Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1 / М. Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.*
5. *Маҳмудов, М. Луғот ва истилоҳоти тахассусӣ дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев // Номаи Пажӯҳишгоҳ. – 2006. - № 13-14. - С. 27-43.*
6. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ. Ҷилди 1) / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 243 с.*
7. *Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. – 144 с.*
8. *Нуров, А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А. Нуров. - Душанбе, 1990. – 367 с.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ.1. – М: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ.2. – М: Советская энциклопедия, 1969. - 9949 с.*
11. *Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри 10) / С. Ҳалимов. - Душнбе, 1999. – 96 с.*
12. *Шарофов, Н. Лексикаи касбу ҳунар - сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик / Н. Шарофов, Қ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1991. – 92 с.*

РОҶЕЪ БА ЛЕКСИКАИ ЗЕБУ ЗИНАТ ВА ОРОИШ ДАР АШЪОРИ УСТОД АБУАБДУЛЛОҲ РӮДАКӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлил ва омӯзиши лексикаи зебу зинат ва ороиш дар осори сардафтари адабиёти классикии тоҷик устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба далелҳои луғавӣ ва услубӣ нишон медиҳад, ки осори Рӯдакӣ ганҷинаи ғании луғатҳо буда, саҳми бузурги ӯ дар инкишофи забони адабии тоҷик таъкид мегардад. Устод Рӯдакӣ ҳангоми баён кардани афкору ақида ва эҳсосоти худ вожаҳои зебу зинат, тиллову нуқра, зар, сангҳои қиматбаҳою ороиширо ба таври васеъ истифода менамояд. Истифодаи фаровони вожаву истилоҳоти филизот ва сангҳои нодиру пуарзиш, номи асбобу анҷоми тиллоӣ ва нуқрагӣ дар ашъори шоир далели он аст, ки тоҷикон коркарди ин навъи филиззот ва сангҳои қиматбаҳоро аз даврaҳои хеле қадим ба роҳ монда буданд ва ҳунарҳои ороишии халқи тоҷик дар гузаштаи дур ривоҷу равнақ доштаанд.

Калидвожаҳо: устод Рӯдакӣ, лексикаи зебу зинат, вожаҳои ороишӣ, зар, сим, сангҳои қиматбаҳо, таркиби луғавӣ.

О ЛЕКСИКЕ УКРАШЕНИЙ И УБРАНСТВА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБУАБДУЛЛО РУДАКИ

Данная статья посвящена анализу и изучению лексики украшений и убранства в творчестве основоположника таджикской классической литературы Абуабдулло Рудаки. Автор, опираясь на лексические и стилистические доказательства, показывает, что произведения Рудаки являются богатейшей сокровищницей слов, и подчеркивается его огромный вклад в развитие таджикского литературного языка. При выражении своих мыслей, убеждений и эмоций Рудаки широко использует слова, связанные с украшениями, золотом, серебром, драгоценными камнями и ювелирными изделиями. Обильное использование в стихах поэта слов и терминов, обозначающих драгоценные металлы и редкие ценные камни, а также наименований золотых и серебряных предметов и утвари, является свидетельством того, что таджики освоили обработку этих металлов и камней с самых древних времен, а искусство украшения у таджикского народа процветало в далеком прошлом.

Ключевые слова: Рудаки, лексика украшений, слова-украшения, золото, серебро, драгоценные камни, словарный состав.

ON THE LEXIS OF JEWELRY AND ADORNMENT IN THE WORKS OF ABUABDULLAH RUDAKI

This article is devoted to the analysis and study of the lexis of jewelry and adornment in the works of the founder of classical Tajik literature, Abuabdullah Rudaki. The author, relying on lexical and stylistic evidence, shows that Rudaki's works are a rich treasury of words, and emphasizes his immense contribution to the development of the Tajik literary language. In expressing his thoughts, beliefs, and emotions, Rudaki widely uses words related to ornaments, gold, silver, precious stones, and jewelry. The abundant use in the poet's verses of words and terms denoting precious metals and rare valuable stones, as as well as the names of gold and silver objects and utensils, is evidence that the Tajiks mastered the processing of these metals and stones from the most ancient times, and that the art of adornment flourished among the Tajik people in the distant past.

Keywords: Rudaki, lexis of adornment, words of jewelry, gold, silver, precious stones, vocabulary composition.

Дар бораи муаллиф
Бобомуродова Маҳбуба Умриевна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: bobomurodovamahbuba19@gmail.com

About the author
Bobomurodova Mahbuba Umrievna
Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: bobomurodovamahbuba19@gmail.com

Об авторе
Бобомуродова Махбуба Умриевна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: bobomurodovamahbuba19@gmail.com

ТДУ 809.155-(0758)

ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮИШИ МИНТАҚАИ ЛАХШ

Каримова М. Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Аз хазинаи лаҳҷаи Лахш, алалхусус, аз маводи ҷамъовардашуда, бармеояд, ки лексикаи лаҳҷа аз вожа ва истилоҳоти соҳаҳои гуногуни соҳаи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ ғаниву рангин мебошад. Аз наслҳои калонсолон вожаҳои бисёр нодиру куҳанро шунидан мумкин аст. Бештари ин вожаҳо калимаҳои бунёдии худи забон буда, дар ҳамон шакли қадимии худ то ба имрӯз маҳфуз мондаанд ва онҳо барои кушодани гиреҳҳои таърихии осори боқимондаи лаҳҷаи Лахш сарчашмаи муҳим ба шумор меравад.

Дар бораи чорводорӣ П. Луктинский дар мақолаи хеш чунин гуфтааст. “Охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX мардуми минтақа (Лахш дар назар аст – К. М.) бо чорводорӣ машғул буданд. Аҳолии маҳаллӣ ба соҳаи гӯсфандпарварӣ, бузпарварӣ, аспҳои пуртоқат барои саворӣ, чорвои калони шохдор махсусан қирғизҳо ба қутоспарварӣ машғул буданд” [2, с. 359].

Байни мардуми кӯҳистон, суннате мавҷуд аст, ки аз даврaҳои пеш то ҳол риоя мешавад. Вақте ки чорворо барои фурӯхтан ба бозор бурданӣ шаванд, пеш аз он чанд миқдор мӯяшро канда, дар сӯрохи девори оғил мегузоранд. Дар ин бора С. Мирзоев низ қайд кардааст [6, с. 106]. Ин урфу одат дар байни мардуми минтақаи Лахш низ дида мешавад.

Калимаҳои луғавии соҳаи чорводорӣ дар хазинаи луғавии лаҳҷаи Лахш як ҳиссаи калонро ташкил менамоянд. Ба ҳама маълум аст, ки мардуми минтақаи Лахш аз қадимулайём дар соҳаи чорводорӣ шуғл меварзанд. Калимаҳои марбут ба маҳфумҳои ҳайвонотро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Номи ҳайвонҳои хонагӣ. Ҳайвоноти хонагӣ дар дар минтақаи Лахш дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум мавқеи муҳим дорад. Калимаҳои марбут ба ин соҳа аз қадим маншаъ гирифта дар лексикаи лаҳҷаи Лахш мавқеи хосро ишғол мекунанд. Ҳар кадоми онҳо номи махсуси худро доранд. Вожаҳои ба ин соҳа тааллуқдошта тоҷикию қирғизиянд ва аксаран дар гӯйиши мардум фаровон дарназардошташуда, муштарак истифода мешаванд.

Роҷеъ ба калимаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандагон дар китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” [11, с. 166-172] таҳқиқоти муфассал зикр шуда, онҳо гурӯҳбандӣ гардида, доираи истифодаашон дар шеваи ҷанубӣ муайян шудааст. Ба ин гурӯҳ тамоми ҳайвонот, ки ба хонагию ваҳшӣ [12, с. 87] ҷудо мегарданд, дохил мешаванд. Мисли дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забонамон дар ташаккули луғати ҳайвонот дар лаҳҷаи Лахш низ калимаҳои марбут ба анвои **асп**, **хар**, **гов**, **гӯсфанд**, **буз**, **саг**, **гурба** ва ғайра нақши калон доранд. Ин вожаҳои сода аз забони меъёр чандон фарқ намекунанд.

Ба ақидаи С. Хоркашев “бо онҳо дар қолаби калимасозии сайқалёфтаи забони тоҷикӣ калимаю ибора - истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки аз дигар қабатҳои луғавии мавзуӣ бо хусусияти миқдории худ фарқ мекунанд” [10, с. 135].

Бояд зикр намоем, ки дар лаҳҷаи Лахш аспи яксоларо “**той**”, аспи дусоларо “**йақпоғӣ**”, аспи сесоларо “**ғънан**”, аспи чорсоларо “**пъштӣ**” мегӯянд ва баъди ин зинаҳоро тай кардан “**асп**” ном мегиранд. Агар калимаҳои ин гурӯҳро вобаста ба анвои онҳо аз назар гузаронем, ба теъдоди зиёди калимаҳо рӯ ба рӯ мешавем, ки ҳайвонотро аз рӯйи ранг, синну сол ва ё таъйиноташон ифода мекунанд. Аз ҷумла, калимаву истилоҳоти марбут ба навъҳои асп: **калтатой** - аспи яксола, **йърға-** майдаҷинсаку тез роҳ мегардад, **сърхун-** аспи сафед, **ҷеран-** на сурху на зард, **търуғ-** аспи сърх, **аспи каар-** на кабуду на сурх, **аспи кабуд**, **аспи сия**, **аспи зард**, **аспи оқёл**-сафедёл,

аспи ақпайча - почааш сафед, **аспи къранг-** на сурху на хокистаранг, **аспи даванд**; **алаайақ** - аспи пойҳояш ало; **қашқа** // **қашқан**, **қашқа** – аспе, ки пешониаш нишонаи сафед дорад; **сърхун**, **сурхун**-арғувони паст; **айғир** // **ҳайғър** // **айғър** – нарасп, **бъзӯ-** аспе, ки дар бузкашӣ истифода мешавад, **тойбайтал-** бачаи модаи асп; **қисирбайтал-** байтали нозой; **аспи қизъл** - аспи ранги мӯяш сурх; **байтал** - модиён, аспи мода; **аспи пойгагӣ-аспи пойга;**

аспи тозӣ- аспи даванд; **аспи ҷвозӣ-** аспи ҷувозкаш; **аспи қӯрғиз** аспи зоти қирғизӣ; **аспи навсуворӣ -** аспи нав ба суворӣ одат карда; **аспи ҷайдоқ-** аспи бе зину банд, **аспи ала -** аспи ало.[1]

Зикри ин нуқта муҳим аст, ки як идда калимаҳои марбут ба асп дар тадқиқоти Ғ.Ҷӯраев [11, с. 166-172] ва С. Хоркашев [10, с. 136-140] оварда шудааст, ки дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ истифода шаванд ҳам, дар лаҳҷаи Лахш ба мушоҳида нарасиданд. Аз ҷумла, онҳоро ба таври зер овардан мумкин аст: **ҷабоғу**, **йапағу-**аспи дусола, **ғънаҷинбайтал-**аспи модаи дусола; **пирбайтал-** байтали пир; **ғънан-** аспи дусолаи нарина; **къранг -** аспе, ки рангаш хокистарӣ аст; **каҳар // къҳар**, **каар** - каҳрабоӣ; **ҷеран** // **ҷиран-** як зоти аспи зардчатоби ба тӯруқ монанд; **қашқанак**; **лолатъруғ -** аспи сурхтоб; **сийатъруғ** // **сийаҳтъруғ-** аспи ҷигариранг; **кокат -** аспи ранги хокистарӣ дошта; **рахш[2]-** асп бо ранги моил ба сурхӣ; **йобу-** аспи боркаш; **чубқара -** аспи бидав; **йобуча-** аспи хурдҷуссаи ёбоӣ; **ҷетак-** аспи беафзор; **тупчоқ-** як навъи асп; **бедавбайтал** байтали безурриёт; **аспи саман** // **саманд** // **съманд -** аспи зардчатоб; **аспи посъфед** - аспи пойсафед **аспи сийатъруғ** // **сийаҳтъруғ-** аспи сиёҳтӯруқ; **аспи чавкар -** аспи сафеде, ки холҳои сиёҳ дорад; **аспи бурийа -** аспи бури ҷингиламӯй; **аспи гъли газ -** аспи сурхчатоб, ки холҳои сафед дорад; **аспи қизъл -** аспи ранги мӯяш сафед; **аспи ҷайдоқ -** аспи бе афзор; **аспи тармол-** аспи мӯйаш жулида.

Дар баробари анвои асп воҳидҳои луғавии ифодакунандаи дигар анвои ҳайвонот дида мешавад, ки ба тариқи зеринанд:

- марбут ба хелҳои хар: тойчаи хар // тойхарак // хартой // хутик // хутък, хотик // хотък // хархутик // хархутук // хутикак- куррача роиҷ аст. **хари бур -** хари хокистарранг; **хари лавънд-** хари тезгард; **хари ҳърға // хари йӯрға**, **хари сия**, **хари съфед**, **хари пир**, **галаи хар** ва ғайра.

- марбут ба хелҳои гов: Дар ин гурӯҳ вожаҳои **қалмъқгов**, **шветсаргов**, **барзагов**, **модагов**, **ғуноҷин**, **гусола**, **пиргов**, **қисиргов**, **тайлоқ** умумиистеъмоланд [ФТЗТ, 2008; Расторгуева, 1963; Розенфелд, 1982; Ҷӯраев, 1980; Маҳмудов, 1989, 1997; Хоркашев, 2014 ва дигарон]. Дар лаҳҷаи Лахш калимаҳои зерин дида мешаванд: **гусала // торпоқ** - гӯсола, **ғънаҷин // ғунаҷън** – ғуноҷин, гови модаи гӯсоланакарда, **бъқа // бука-**барзагов, "**ташбуқа**"-гӯсолачаи наринаи дусола, **ғънаҷини себъро -** яъне сесола, **барзагови ҷуфтӣ-** буқаҳои калони ахтакардашудае, ки мардум барои ҷуфт истифода мебаранд, **събай**" ё **събайқалдъ** – говҳое, ки гӯсола надоранд, **қисиргов-** модагови нозой, **калгов-** гови бешох, **пиргов-** гови пир, **буқагов-** буққа, **модгов -** модагов, **тайлоқак** // **тайлоқча** –тайлоқча**, ғънаҷингов -** ғуноҷини бори аввал зоянда, **гӯсала-**гӯсола, **бъқа -** гови нар, **бъқача -** гӯсолаи нарина, **чамбаршох-** гове, ки шохҳояш дарози тобдор аст, **гови мийона -** гови на хурду на калон, **гови рахш // гови қашқа -** гови алобуло, **гови қънғър -** гови сурхи сиёҳчатоб, **гови йуғӣ -** гови корӣ, **гови ҷойдорӣ -** гови маҳаллӣ, **гови вагусала -**гови гӯсоладор, **гови кал -** гови бешох; **гови қалъғӣ -** навъи гови маҳаллӣ, **гови таритхър -**гови фартут, **гови лоғар -** гови хароб, **гови қърғизӣ -** навъи гови маҳаллӣ.

Дар тадқиқоти Ғ. Ҷӯраев [11, с. 166-172] ва С. Хоркашев [10, с. 143-147] як теъдод вожаҳои марбут ба гов таҳлил шудаанд, ки дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ истифода шаванд ҳам, дар лаҳҷаи Лахш аксарияти онҳо истифода намешаванд. Аз ҷумла, **гови фар -** модагови қисир; **ҷувонагов** // **ҷъвонагов** –ҷавонгов, **фард** -гови нозо, **върсък-**хӯсае, ки барои ҷӯшидани гов истифода мешавад. **Чуғунак -** гӯсолаи нар, **навас** // **навбаст -** навбаст, ҷавона, гӯсолаи нари аз яксола зиёд, **бузгов -** модагови майдахели камшир; **арғън // арғун // йарғун -** навъи гов, ки бо ҷуссаи бузургу думи дарозу шохҳои калон дорад; **търпича -** гӯсолаи яксола. Устод Ғ.Ҷӯраев доир ба интишори калимаи **върсък** ва муродифоти он дар шеваи ҷанубӣ чунин мегӯянд: "дар ифодаи ин мафҳум дар шеваи ҷанубӣ се калима дучор омадааст. Аз ҷумла: **бувак // бувък, върсък // ръсък** ва **купак**. Аз инҳо калимаи **бувак** дар лаҳҷаҳои вахиёӣ - қаротегинӣ, қаротегинӣ ва Кӯлоб дучор омада, **върсък** бештар ҳамчун хоси қисми болоии вахиёӣ - қаротегинӣ (маҳалҳои тоҷикнишини райони Ҷиргатол) ва **купак**

[1] Калимаҳои марбут ба асп дар тадқиқоти Ғ.Ҷӯраев (1980, 166-172); С. Хоркашев (2014, 136-141) оварда шудаанд ва дар "Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро" (Маҳмудов, 1989) дар моддаи "асп" навъҳои зерин дарҷ ёфтаанд: аспи бодпо//аспи дав//даванда, аспи булул, аспи гули газ, аспи кӯборитозӣ, аспи саман, аспи холдор, аспи чақир, аспи қашқа, аспи ҷиран, аспи қантар.

[2] Дар «Шоҳнома»- и А.Фирдавсӣ вожаи «Рахш» 210 бор истифода шудааст (Касимов, 2011, 28).

дар нисбати Хонақоҳи Ховалинг (ш-к.) қайд шудаанд” [11, с. 169]. Мутобиқи гуфтаи С. Хоркашев “Дар шеваи ҷанубии шарқӣ ду тарзи талаффуз дорад - **фъсрък** // **вързък**: бар ҷу фъсрък -а дар пеши гов бъму, мън бъйом бъкашъм-ъш (Ванч). Барои ифодаи ин маънӣ дар шеваи ҷанубӣ боз калимаҳои **бувак** // **бувък** // **бъҳък** аз решаи бӯй бо пасванди **-ак**, “бӯяк” ва дар минтақаи Ховалинг (гурӯҳи шимолии Кӯлоб) вожаи **гъргак** ба мушоҳида расид” [10, с. 144].

Доир ба масъалаҳои ҳайвонҳои хурди хонагӣ, аз ҷумла, зоти гӯсфанд ва буз, муҳаққиқ Рӯзиев М. мақолаи илмӣ анҷом додааст ва дар он як чанд намуди гӯсфандҳое, ки дар ноҳияи Варзоб арзи вуҷуд доранд, дар шакли ибора овардааст: “Гӯсфанди помирӣ (зоти маҳинпашми думдор), гӯсфанди тоҷикӣ (зоти нимдуруштпашми думбадор), гӯсфанди қарорқулӣ (зоти дурушпашми нағзпӯсту ширдеҳ), гӯсфанди қирғизӣ (зоти маҳинпашм), гусфанди ҳисорӣ (зоти дурушпашму думбакалони маҳаллӣ), гӯсфанди туркӣ (зоти серравғани дунбакалон), гусфанди дарвозӣ (зоти думдори сафедчашми гӯшмайдаи маҳаллӣ), гӯсфанди ҷойдорӣ (як навъи гӯсфанди думдори маҳаллӣ), гӯсфанди думдор (зоти гӯсфанди бедунаи думдор), гӯсфанди ӯзбакӣ (як навъи гӯсфанди маҳинпашм), гӯсфанди ҷӯваланг, гӯспанди танкаранӣ (гӯсфанди думдори маҳинпашм), бузи ангорӣ (зоти маҳину серпашм), бузи тоҷикӣ (зоти гӯшту пашму ширдеҳ), бузи ангорӣ (зоти маҳину серпашм), бузи тоҷикӣ (зоти гӯшту пашму ширдеҳ), бузи ӯзбекӣ (зоти гӯштдору пашмдору ширдеҳ), зоти маҳаллӣ (ҳайвоноти макони пайдоишашон худӣ), дурага (аз ҷуфти кардани ду зоти гуногун ба вуҷуд омада) истифода мешавад” [4, с. 138], ки қобили қабул буда дар минтақаи Лахш аксарияти ин вожаҳо умумиистеъмоланд.

- марбут ба хелҳои гӯсфанд: **гуспан** // **гуспанд**, **гусфан** // **гусфанд**, **наргуспан**, **модагуспан**, **қъшқор** (умумиистеъмол мебошанд); **қъшқормешак** -наргӯсфанди шохдор, **баррача**,**тъқълии дъбъро**”-гусфанди дусола, “**меш**”- гусфанд. **шашӣ** // **шишак** // **шъшак**-наргӯсфанди яксола; **чорсол** - чорсола; **панҷсол** гӯсфанди панҷсола; **панҷсолқушқор** - қӯчқори панҷсола; **дудандуна** - гӯсфанди дусола; **чорсолқъшқор** - қӯчқори се-чорсола, **шишакқъшқор**- кӯчқор, **майдабара**-барраи хурд, **пиргуспан**-гӯсфанди пир. Калимаи **тъхлӣ** // **туқлӣ** // **туқълӣ** // **тъқлӣ**- модагӯсфанди нозоида[1]; **чънгак**- бузу гӯсфандоне, ки гӯшашон модарзод рост меистад; **волволакдор** - гӯсфанду бузе, ки дар зери ҳалқумаш мисли зангӯла гӯшти зиёдатӣ дорад; **гуспанди ҳисорӣ** - гӯсфанди дунбакалони кабутпашми гӯшмайдаи маҳаллӣ; **гуспани ӯзбакӣ** - навъи гӯсфанди маҳинпашм; **гуспанди қърғизӣ** - навъи гӯсфанди сергушти маҳаллӣ; **гуспани търкӣ**- навъи гӯсфанд, **гуспани бебод** - гӯсфанди ахташуда; **гуспани шишак** - гӯсфанди сесолаи ахташуда; **гуспанди бадил** - гӯсфанди фарбеҳ; **гусфанди гърдумба** - гӯсфанди калони дунбадор; **гусфанди дъмбагиз** // **гусфанди лавдъмба** -гӯсфанди қароқӯлӣ; **гуспанди зотӣ**- гӯсфанди зотӣ; **гуспани сибай** -гӯсфанди қисир; **гуспанди сагдъмб** -гӯсфанди думдор; **кушкорча** -гӯсфанди нарина; **гуспанди ҷойдорӣ** – гӯсфанди маҳаллӣ – барра. Мутобиқи тадқиқоти Ғ.Ҷӯраев воҳидҳои луғавии **нарбахтак** - қӯчқор; **нарбахтача** // **нарбахта** – қӯчқорча; **совлиқ** // **савлъқ** // **совлъғ** // **совлъқ**, **солиқ** // **солъқ**- меш, модагӯсфанд**; чоригуспан** -гӯсфанд ё **гусфани бунидагӣ** - гӯсфанди парвокардашуда; **танкаронӣ** - гӯсфанди думдори маҳинпашм; **дусбойӣ** -навъи гӯсфанди қароқӯлӣ; **бурдоқӣ**-гӯсфанди парвошуда; бузи ду ё сесола; **пустъмба**- пӯстдунбаи гӯсфанд дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ маъмуланд, ки дар лаҳҷаи Лахш истифода намешаванд [11, с. 166-172].

Аз калимаҳои овардашуда маълум мегардад, ки гӯсфанд дар ҳаёти мардумӣ ашёи муҳим мебошад, зеро барои гӯшт, пӯст, пашм, шир ва ғайра истифода мегардад. Дар осори қадимӣ ба мисли “Авасто” дар шакли “gaospenta” дар забони форсии миёна “gōspand” маъмул будааст [7, с. 93-95]. Анвои гӯсфанд дар фарҳангҳо низ дида мешавад [4]. Дар осори давраи классикиамон низ маъмул аст, аммо дар “Шоҳнома”- и А. Фирдавсӣ ба ҷойи калимаи гӯсфанд, вожаи меш 55 бор истифода шудааст [1, с. 13]. Дар лаҳҷаҳои Бухоро меш ба маънои модагӯсфанд шарҳ ёфтааст [4, с. 150]. Дар лаҳҷаҳои Бадахшон ба ҳамин маънӣ маъмул аст. Анвои он дар шеваи ҷанубӣ [11, с. 169] ва ҷанубии шарқӣ [10] фарвон ба назар мерасад.

[3] Бо калимаи **туқлӣ** вожаи **туқлибарра** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб (Розенфелд, 1982, 208) дида мешавад.

- марбут ба хелҳои буз. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ин калима чунин шарҳ меёбад: «Ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва барои гӯшт пашм ва шир парвариш мекунанд; **бузи кӯҳӣ** як зоти бузи шабеҳи оҳу, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон мавҷуд аст» [9, с. 242]. Навъҳои бузро дар лаҳҷаи Лахш ба таври зерин овардан мумикин аст: **нар**, **такка**, **мода** (умумиистеъмоланд); **бичача** - бузаки якмоҳаи нар; **чапуш** // **чапъш** – модабӯз; **чапушак** // **чапъшак** - модабузи 1-2 сола; **нарбича** - бузичаи нар, такача; **нарбъз** - бузи нар; **така** // **такача** -таккача, нарбузи як-дусола; **такалочък** // **такалочък** - бузғолаи яксолаи нар; **бъзи мода** - модабуз; **бичаи мода** - бузичаи мода; **шишаксерка** // **шишаксирка** - серкаи ахтанокарда; **шишактака** - таккаи ахтанокарда; **чорсолсерка** // **чорсолсирка** - серка, серкаи ду ё сесолаи ахта; **чорсолтака** - таккаи ду ё сесола; **калбуз** // **калбъз** - бузи кал; **чоргуник** – чоргоназо; **бъзи дъгоникзо** - бузи дугоникзо; **бъзи дъгониккън** // **бъзи дъгуникън** - бузе ки дуто мезояд; **бъзи сегуникзо** - бузи сегоназой; **бъзи дъгуникйов**-бузе, ки дуто бузғола мезояд; **бъзи қашқа** - бузи қашқа; **бъзи алабел** // **камарала** - бузе, ки зери шикаму тахтапушташ сафед аст; **чънг** // **чърг** - бузе, ки гӯшҳояш кӯтоҳ аст; "**серка**"–бузи наринаи ахтакардашуда, **бъзи сия**, **бъзи съфед**, **бъзи кабуд, бъзи зард**, **бъзи танкаронии манголӣ**, **бъзи чарс**, **бъзи йовуш**, **бъзи гългуш**, **бъзи пир**, **бъзи лоғар**, **бъзи къҳӣ**, **нахчир**, **оҳу** ва амсоли инҳо. Ғ.Ҷӯраев зимни тадқиқоти худ дар шеваи ҷанубӣ воҳидҳои луғавии навъҳои зеринро меорад, ки дар лаҳҷаи Лахш истифода намешаванд: **чапалуқ** - модабузи то дусола; **шаҳбъз** - такка, саргала; **нарча**- бузи **дъсоқ** // **дъсоғ**- буз ё меши ду - сесола; **тувъқча**- бузғола; **чагак**- бузғолаи тирамоҳ зоидашуда; **бъзи роғӣ** - бузи пеши чашмаш зардчатоб; **бъзи бодъл** - бузи гӯшҳояш хокистарранг; **бъзи корошък** - бузе, ки пешонааш хати сиёҳу сафед дошта бошад; **бъзи мутък** - бузи гӯшаш рост; **бъзи лъмба** - бузи калонҷусса; **бъзи бъзи чулък** - бузе, ки дар манаҳаш гӯшти овезон дорад; **бъзи бълулақдор** - бузе, ки дар зери ҳалқумаш гӯшти зиёдатӣ дорад; **бъзи чънимънӣ** - бузи шӯх; **бъзи морхър** - бузи ваҳшӣ, даштӣ [11, с. 166-172].

- марбут ба хелҳои саг:сагбача, кучӯк, кучӯкбача, (умумиистеъмоланд); къчък //къчӯк // къчъкбача; гизак -гурӯҳи сагон; сагӣ шикорӣ; тавқӣ - саги гардансафед; саги бувгир - саги пайгир; саги шикорӣ, къчъки дайдӣ - саги оворагард; саги дайдии бесоҳиб // саги сарҳуй - саги оворагард, саги ъръсӣ.

- марбут ба хелҳои гурба: пъшак // пъшък // пъшик // пишък // мъшък; пъшакбача // пъшъкбача // пъшикбача - бачаи гурба; пъшъки адирӣ // пъшъки ҷангалӣ –пишаки ёбоӣ, алапъшък, съфедпъшък, сийапъшък (Об., Оқ., Пк., Сб., Ср., Ҷш.).

Калима ва истилоҳоти ба ҳайвоноти хонагӣ алоқаманд низ дар лаҳҷаи минтақаи Лахш ҷойгоҳи хос доранд. Ин калимаҳо номи хӯрок, ҷойи зист ва ҳар гуна амалиёти ба ҳайвонот алоқамандро ифода мекунад: "**лал** // **қък**" - номи саргини хушкондашуда; "**тапак** // **тепек**" - номи саргини говҳое, ки мардум бо дастонашон тайёр мекунанд; "**тезак** // **тезек**"- саргини хушкшудае, ки мардум аз саҳро чамъоварда барои сузишворӣ истифода мекунанд. Ин калима хоси лаҳҷаи Лахш аст; "**томорондъ** // **санглал**"– саргини чорвои хӯрд, ки дар вақти тирамоҳ мардумонро ба воситаи мехҳои калони оҳанин аз оғилҳо харошида, барои оташ афрӯхтан тайёр мекунанд; "**қърғол**"- саргини чорвои майда аз ҷумла, саргини бузу гӯсфанд; **"тарит**"-хӯроке, ки одамон онро аз орду об тайёр мекунанд; "**нъхшър**"- аз сабабе ки аксарияти ҳайвонот шикамба доранд, баъди ба чарогоҳ рафтан алафро нахоида фурӯ мебаранд ва вақти аз саҳро омадан, то саҳар оҳиста-оҳиста бо **нъхшър** онро ҳал мекунанд.

Ҳамин тавр, калимаю истилоҳоти марбут ба ҳайвонот як қабати махсусан калони луғавии лаҳҷаи Лахшро фаро мегиранд, чунки мардуми осоишта ба ҳама гуна ҳайвонҳои хонагӣ ҳамарӯза сару кор доранд, ба мисли навъҳои гуногуни аспҳо, ки дар мақола пурра оварда асосан ба лаҳҷаи зикркарда хос мебошад. Қисми дигари ин вожаҳо бо шаклҳои хоси савтии худамон дар забони адабии тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои забон низ истифода мешаванд.

Адабиёт

1. *Касимов, О. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси / О. Касимов. - Душанбе: Дониш, 2011. – 135 с.*
2. *Лукницкий, П. Тоҷикистон / П. Лукницкий. – Сталинобод, 1959. – 330 с.*
3. *Мирзозода, С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / С. Мирзозода. - Душанбе, 2008. – 279 с.*

4. *Маҳмудов, М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М., Маҳмудов, Б. Бердиев.– Душанбе: Дониш.- 1989 – 278 с.*
5. *Мирзозода, С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / С. Мирзозода. - Душанбе, 2008. – 279 с.*
6. *Мирзоев, Ҳ. Истилоҳоти соҳаи асппарварӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ҳ. Мирзоев. - Душанбе, 1997. - 185 с.*
7. *Рӯзиев, М. Лексикаи ифодакунандаи зоти ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли лаҳҷаи Варзоб) / М. Рузиев. - Душанбе, 2022. – С. 81-89.*
8. *Саймиддинов, Д. Вожасозии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.*
9. *Сулаймонов, И. Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ / И. Сулаймонов. – Душанбе, 2010. №1 (35) - С. 199 - 209.*
10. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1.-2. - Душанбе, 2008. -949 с.*
11. *Хоркашев, С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа / С. Хоркашев. - Душанбе: Маориф, 2014. - 233 с.*
12. *Ҷӯраев, Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 / Ғ. Ҷӯраев. -Душанбе: Дониш, 1980. - 288 с.*
13. *Ҷӯраев, Ғ. Лексика // Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (Проспект) / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1973. - 201 с.*
14. *Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б.Бердиев. - Нашри 2-юм. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 946 с.*

ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮИШИ МИНТАҚАИ ЛАХШ

Дар минтақаи Лахш дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум ҳайвонотҳо мавқеи муҳим дорад. Калимаҳои марбут ба ин соҳа аз қадим маншаъ гирифта дар лексикаи лаҳҷаи Лахш мавқеи хосро ишғол мекунанд. Ҳар кадоми онҳо номи махсуси худро доранд. Инчунин калимаҳои луғавии соҳаи чорводорӣ дар хазинаи луғавии лаҳҷаи Лахш як ҳиссаи калонро ташкил менамоянд. Ба ҳама маълум аст, ки мардуми минтақаи Лахш аз қадимулайём дар соҳаи чорводорӣ шуғл меварзанд. Вожаҳои ба ин соҳа тааллуқдошта тоҷикию қирғизиянд ва аксаран дар гӯйиши мардум фаровон дарназардошташуда, муштарак истифода мешаванд. Байни мардуми кӯҳистон суннате мавҷуд аст, ки аз даврaҳои пеш то ҳол қариб дар тамоми минтақаҳо риоя мешавад. Вақте, ки чорворо барои фурӯхтан ба бозор бурданӣ шаванд, пеш аз он чанд миқдор мӯяшро канда, дар сӯрохи девори оғил мегузоранд, то ки баракат нигоҳ дошта шавад. Ин урфу одат дар байни мардуми минтақаи Лахш низ дида мешавад. Ҳамин тавр, калимаю истилоҳоти марбут ба ҳайвонот як қабати махсуси таркиби луғати Лахшро фаро гирифта, асосан ба ҳамин лаҳҷа хос бошанд ҳам, қисме аз онҳо бо шаклҳои хоси савтии худашон, дар забони адабии тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои забонамон низ истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: чорво, чорводорӣ, лаҳҷа, бозор, мардум, вожа, луғат, минтақа, қадим, Лахш, суннат, хазина, мардум, муштарак, хос.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОВ СФЕРЫ ЖИВОТНОВОДСТВА В ГОВОРЕ ЛАХШСКОГО РЕГИОНА

В Лахшском регионе животные играют важную роль в повседневной жизни людей. Слова, относящиеся к этой области, занимают особое место в лексике Лахшского диалекта. Каждый из них имеет свое особое имя. Также большую часть словарного запаса Лахшского диалекта составляют словарные слова в области животноводства. Всем известно, что жители Лахшского района издревле занимались животноводством. Слова, относящиеся к этой области, являются таджикскими и киргизскими и часто широко используются в речи народа. Среди жителей гор существует традиция, которая соблюдается с древних времен практически во всех регионах. Когда животное собираются отвезти на рынок для продажи, перед этим отрезают ему часть шерсти и кладут в дыру в стене хлева, чтобы сохранить благословение. Эта традиция также распространена среди жителей Лахшского района. Таким образом, слова и термины, относящиеся к животным, охватывают особый пласт лакшской лексики, и хотя они в основном специфичны для этого диалекта, некоторые из них употребляются также в литературном таджикском языке и других диалектах нашего языка со своими особыми формами.

Ключевые слова: скот, животноводство, диалект, рынок, народ, слово, словарь, регион, древность, Лахш, традиция, клад, народ, общее, характеристика.

LEXICAL FEATURES OF LIVESTOCK TERMINOLOGY IN THE LAKHSH REGION DIALECT

In the Lakhsh region, animals play an important role in people's daily lives. Words related to this area occupy a special place in the vocabulary of the Lakhsh dialect. Each of them has its own special name. Also, a large part of the vocabulary of the Lakhsh dialect consists of vocabulary words in the field of animal husbandry. Words related to this area are Tajik and Kyrgyz and are often widely used in the speech of the people. There is a tradition among mountain residents that has been observed since ancient times in almost all regions. When an animal is about to be taken to market for sale, some of its fur is cut off and placed in a hole in the wall of the stable to preserve the blessing. This tradition is also common among residents of the Lakhsh region. Thus, words and terms related to animals cover a special layer of Laksha vocabulary, and although they are mainly specific to this dialect, some of them are also used in the literary Tajik language and other dialects of our language with their own special forms.

Keywords: livestock, animal husbandry, dialect, market, people, word, dictionary, region, antiquity, Lakhsh, tradition, treasure, people, general, characteristics.

Дар бораи муаллиф
Каримова Мастона Дилбаровна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

Об авторе
Каримова Мастона Дилбаровна
Кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

About the author
Karimova Mastona Dilbarovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the department of Tajik language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

ТДУ 811.221.1:1(091)

ТАВСИФИ НУТҚ, ҚАВЛ ВА КАЛОМ ДАР “ҶОМЕЪ-УЛ-ҲИКМАТАЙН”-И НОСИРИ ХУСРАВ

Хоҷамирзода М. Х.
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Собиқи мутолиоти забон ва дастури забонҳо ва забоншиносӣ дар Ғарб ба қуруни вусатӣ ва қабл аз он дар Шарқ ба таври хос ба асри донишмандони исломӣ боз мегардад. Аммо он чи дар ин миён дар мавриди забоншиносӣ ҳойизи аҳаммият аст, мутолиоти назарӣ ва назарияпардозӣ ва мутолиоти мунсаҷими забон таҳти шохае мустақил ба номи забоншиносӣ аст, ки собиқаи ин гуна мутолиот ба 160 сол пеш дар Ғарб боз мегардад ва аз ин раҳгузар макотиб ва ҷараёнҳои фикрӣ ва назарии забоншиносӣ падидор шуданд, ки ҳар кадом усулеро бунён ниҳодаанд ва дар чорчӯби назариёте, ки арза карданд, мутолиоти забонро ба шакле илмӣ ва низомманд пеш бурданд.

Воқеият он аст, ки бисёре аз дастовардҳое, ки умуман ба дунёи Ғарб нисбат дода шуда ва ҳосили талоши забоншиносони муосир талаққӣ гардидааст, ё реша дар замон ва макони дигар доранд ё пешинаи мушобеҳе дар макон ва замони дигаре будаанд. Забоншиносии амрикоӣ Ноам Чомский бар ин назар аст, ки бисёре аз донистаҳои имрӯзи дониши забоншиносӣ ба гунае ҳайратангез реша дар мутолиоти фаромӯшшудаи қаблӣ доштаанд [5, с. 102].

Забоншиносӣ монанди соири улуми инсонӣ ва табиӣ дар ду қарни ахир шоҳиди таҳаввулоти чашмгире будааст, то ҷое ки таомули забоншиносӣ бо соири улум ва донишҳо дар раванди шаклгирии ҷараёнот ва нигаришҳои навин дар ин ришта таъсири басазое доштааст.

Забоншиносӣ ба мафҳуми ҷадидаш илме нисбатан навпо аст, аммо мутолиоти тахассусӣ дар бораи забон ба чанд қарн пеш аз мелод боз мегардад, яъне замоне ки Панини қавоиде барои забони санскрит тадвин кард. Дар забоншиносӣ абъоди гуногуни забон дар қолаби бахшҳои сарф, наҳв, овошиносӣ, воҷшиносӣ, маъношиносӣ, таҳлили гуфтумон, забоншиносии таърихӣ ва қиёсӣ, радашиносии забон ва низ бахшҳои байниришта монанди ҷомеашиносии забон, равоншиносии забон, асабшиносии забон, забоншиносии ҳуқуқ, забоншиносии болинӣ, забоншиносии таҳлилӣ, забоншиносии омӯзишӣ ва забону мантиқ баррасӣ мешаванд. Аз он ҷо ки забон падидаи печидаи инсон ва иҷтимо аст, барои мутолиаи ҷомеъ ва дақиқи он баҳрагирӣ аз улуми муртабити дигар амре зарурӣ ба назар мерасад. Дар воқеъ, мутолиаи фарогири забон рӯйкарде чандбуъдиро металабад, бинобар ин, забоншиносӣ илова бар мутолиаи ҷанбаҳои тавсифӣ ва назарии забон ба абъоди корбурдшинохтӣ, равоншинохтӣ, мардумшинохтӣ, иҷтимоӣ, ҳунарӣ, адабӣ, фалсафӣ ва нишонашинохтии забон таваҷҷуҳ мекунад. Ба иборате метавон гуфт забоншиносии муосир ҳавзаҳои мутолиотии бисёр густурдаеро шомил мешавад, ки таваҷҷуҳи донишпажӯҳон ва донишмандони арсаҳои гуногунеро бо гароишҳои илмии мутанавеъро ба худ ҷалб кардааст.

Гузаштагони тоҷикон бештару пештар аз ҳар ақвоми дигаре доир ба масъалаҳои гуногуни забон таваҷҷуҳ кардаанд. Андешаҳо ва афкор перомуни ҷанбаҳои гуногуни забон дар китобҳои пешин зиёд дида мешавад. Забоншиносон ба ин ақидаанд, ки кӯшишҳои аввалин перомуни шаклгирии афкори забоншиносӣ дар миёни ақвоми эронӣ дар тарҷумаҳои «Авесто» дида мешуд. Донишманди тоҷик Давлатбек Хоҷаев перомуни масъалаи мазкур чунин менависад: «Шояд аз ин давра ҳам пештар бошад [донишҳои забоншиносӣ – М. Х.], зеро халқе, ки мисли «*Авесто*» як осори муҳимро меофарад, табиист ки анъанаю таҷриба ва дониши зарурии забонӣ дорад. Агар ба ҳамин давраи тарҷумаю шарҳи матнҳои «*Авесто*» такя кунем ва дар ҳамин давра таълифи ду фарҳанги хурд: «*Oim-ewak*» ва «*Фарҳанги паҳлавик*»-ро ба назар гирем, таърихи ташаккули афкори забоншиносии тоҷик ба давраи Сосониён рост меояд» [9, с. 36]. Дар ҳақиқат, агар китобе ба ин қидмат, ки дар камоли салосату балоғат ва андешаҳое перомуни донишҳои гуногун мавҷуд бошад, пас бояд пештар аз ин ҳам дар афкори мардумони соҳиби ин навиштаҳо андешаҳое дар бораи падидаҳои гуногун, махсусан, забону нутқу калом вуҷуд дошта бошад. Яъне аввалин кӯшишҳо доир ба ҷанбаҳои гуногуни забони аз матни китоби «Авесто» ва луғати «*Oim-ewak*» шуруъ шуда, сипас дар дарозои қуруни баъдӣ ин кӯшишҳо бештар гардид.

Муҳаққиқи дигари тоҷик З. Мухторов ба ҳамин масъала дар мақолае таҳти унвони

«Назаре ба забоншиносии матн ва афкори забоншиносии тоҷик» таваҷҷуҳ карда, чунин менависад: «Муҳаққиқон таърихи пайдоиш ва ташаккули филологияи тоҷик ва халққои дигари эронинажодро ба асрҳои III-VI, давраи тарҷума ва тафсири Авесто нисбат медиҳанд» [7, с. 46].

Яке аз манбаъҳои ташаккул ва такомули афкори забоншиносии тоҷикӣ дар асрҳои миёна осори фалсафиб мантиқӣ будааст. Файласуфону мантиқиёни форсу тоҷик илова ба шарҳу тавзеҳи масоили фалсафаю мантиқ, ҳамчунин мабоҳиси забоншиносиро баррасӣ намудаанд. Дар осори фалсафию мантиқӣ файласуфони форсу тоҷик бештар ба масоили нутқу калом таваҷҷуҳ намудаанд. Дар асрҳои миёна он чи перомуни арзёбии матн метавон гуфт, ин аст, ки мутафаккирон бештар ба ҷанбаҳои дуруст хондани матн ва корбурди калимоти мувофиқ ва ҳамчунин зимни китобат ба ғалат роҳ надодан аст. Маҳз дар таъйиди ин андеша Д. Хоҷаев чунин менависад: «Забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна бештар хусусияти амалӣ дошт, зеро мақсад аз пажӯҳишу омезиши қонунҳои забон, шарҳу маънидоди ҳодисаҳои ҷудогонаи забон, беғалат қироат кардани матн ва дар навиштан ба ғалатҳо роҳ надодани қаламкашон буд. Баъдтар дар натиҷаи баҳрабардорӣ аз мактабҳои забоншиносии дигар тамоюли назарӣ, ҷанбаи таҳлилии он қавитар гашт ва бисёр донишмандон оид ба масъалаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён кардаанд» [10, с. 344]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки дар аввал баррасиҳои дар мавриди матн нисбатан сода буданд ва бо пажӯҳиш дар ин замина ва ҳамчунин баҳрабардорӣ аз шеваҳо ва мактабҳои дигари забоншиносӣ, тадриҷан равишҳои бархурд ба матн ва доираи арёбӣ ва баҳодиҳӣ ба он аз зовияҳои гуногун васеъ гардид. Яъне дуруст гузоштани воҳидҳои забон дар як маҳдуда ва таносуби калимоти дохили он яке аз шеваҳои меъёргирӣ аз балоғати матн ба ҳисоб мерафт ва он дар суханшиносии асримиёнаӣ таносуби сухан ё муроотунназир ном дошт. Ин усулро дар забоншиносии муосир дистрибутсия мегӯянд. З. Мухторов ҳамин андешаро тақвият дода, чунин менависад: «... яке аз роҳҳои ифодаи методи дистрибутивӣ иҳотаи воҳидҳои забон нисбат ба якдигар аст, ки ин гуна дар ҳамбастагӣ баррасӣ намудани воҳидҳои забонро аз нигоҳи маъно пешиниёни илми суханшиносии тоҷик таносуби сухан меномиданд. Бинобар ин, ҳам дар методи дистрибутвӣ ва ҳам дар таносуби сухан фазои истифодаи калима ва дигар воҳидҳои забон матн дониста шуда, имконияту дараҷаи алоқамандии ин ё он калима бо калимаҳои дигар вобаста ба васеъ будани маънои калима дониста мешавад» [7, с. 48].

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар забоншиносии муосир таносуби мафҳумҳои матн – нутқ – дискурс ба шумор меравад. Пас аз нимаи дуюми солҳои 50-уми садаи XX дар забоншиносии Ғарб ва баъдтар дар забоншиносии Шӯравӣ омӯзиши матн ва дискур шуруъ гардид. Дар чанд даҳсолаи охир пажӯҳишҳои зиёде дар иртибот ба матн анҷом шудаанд, ки корҳои П. Хартман, Х. Изенберг, Х. Харверг, З. Шмидт, Р. Барт, И. Р. Гальперин, З. Я. Тураева, Т. ван Дейк, Н. Чомский ва дигаронро метавон зикр намуд. Ҳарчанд ки матн ҳамчун воҳиди мукаммали забони пас аз солҳои 50-уми садаи XX муаррифӣ шуд, вале масоили шинохти матн дар забоншиносии суннатии тоҷик ба назар мерасад. Забоншинос З. Мухторов дар иртибот ба ин чунин зикр намудааст: “Дар робита бо баъзе аз аносири забоншиносии матн ҳукамои гузаштаи мо нуктаҳои басо ҷолибу дақиқ баён кардаанд, ки ба тарзу услуби эшон имрӯз ҳам камтар касон он масъалаҳоро матраҳ кардаанд. Чунончи дар таносуби нутқ ва калому қавл Ҳаким Носири Хусрав ҳамагӣ дар ду сафҳа басо моҳирона ва ҳакимона нигоштааст, ки чунин таснифоти ҷолибро дар манобеи имрӯз низ дарёфтан душвор аст” [11, с. 48]. Дар воқеъ, доншимандони гузаштаи мо бештаре аз мабоҳиси забоншиносиро дар осори фалсафию мантиқӣ ва улуми адабӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудаанд.

Аксари донишмандони пешини форсу тоҷик, ки ба масоили забон ва забоншинохтӣ рӯ овардаанд, забонро ҳамчун як падида аз зовияи фалсафа нигаристаанд. Аз ин қатор метавон Носири Хусравро ном бурд. Дар идомаи ин мабоҳис мо назари Носири Хусравро перомуни нутқ, қавл ва калом таҳлилу баррасӣ менамоем.

Носири Хусрав дар доираи забону адаби форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи мумтоз ва шоистае дорад, ки камтар шахсияте бо вай аз ин ҳайс қобили муқоиса аст. Ӯ дар осори гуногуни худ аз ҷумла «Зод-ул-мусофирин», «Хон-ул-ихвон», «Кӯшоиш ва раҳоиш» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» аз забон ва моҳияти он сухан гуфтааст. Дар ин миёни китоби «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» дар чигунагии мафҳумҳои нав дар ростои забоншиносӣ аҳаммият ва ҷойгоҳи вижае дорад. Муҳаққиқони эронӣ Алиризо Хонҷон ва Батул Алинажод дар мақолае андешаҳои Носири Хусравро бо назари Ноам Чомский муқоиса намудаанд: “Наздик ба ҳазор сол баъд аз нигориши “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн” Ноам Чомский – бунёдгузори забоншиносии

зоишӣ (Generative Linguistics (Хоҷамирзода М.)), зимни суратбандӣ фарзияи зотӣ будани забон, муддаӣ шуд, ки мабодии зерсохтии забон чунон мушаххас ва муҷҷазо ҳастанд, ки аз назари зистшиносӣ бояд онҳоро ҷузъе аз он чи "сиришти инсонӣ" мехонем, донист" [8, с. 99].

Носири Хусрав бахши мустақил аз ин китобро ба унвони «Андар нутқу калому қавл» ба ин амр ихтисос додааст. Худи мутафаккир дар аввали китоб байти мазкурро меорад:

Миёни нутқу миёни қавлу калом чӣ фарқ,
Ки порсӣ якеву маънӣ андар вай бисёр [11, с. 166].

Носири Хусрав ба ин андеша буд, ки барои тавсифи фарогир ва комил аз чигунагӣ ва моҳияти забон зарур аст, ки соҳаҳои мухталифи онро ҳадди ақал аз ҳамдигар ҷудогона шинохт. Байти боло низ ҳамин маъниро исбот мекунад, ки мафҳумҳои нутқ, калом ва қавл гарчӣ ба як маъно ҳастанд, вале барои баён ва тавсифи ҷанбаҳои гуногуни забон ба кор рафтаанд. Носири Хусрав аз чаҳор бахши забонӣ – нутқ, нафси нотиқа, қавл ва калом ном мебарад. Вай нутқро унсури бунёдии забон ба таври умумӣ медонад ва барои таъйини моҳият ва ҳадди он, онро ба нафси нотиқа ва қавл муқоиса мекунад. Мутафаккир дар ҷумлаи оғозини ин фасл ба нисбати нутқу нафси нотиқа мепардозад: «Нутқ мар нафси нотиқаро сифате ҷавҳарӣ аст. Ва он мафҳум аст ва мафъул, на маҳсус аст ва на мушор» [11, с. 186]. Аз ин ҷумла чунин бармеояд, ки гӯйӣ нутқ ва нафси нотиқа ба ҳам хеле наздиканд. Пас бояд ин ду мафҳумро ба таври возеҳтар шарҳ диҳем. Нафси нотиқа дар суннати тоҷикон ба таври умумӣ ба ақл ва қувваи оқила ишора дорад. Ба назар мерасад, ки ин истилоҳ дар ибтидо бо тарҷумаи вожаи «логос»-и юнонӣ дар ртибот будааст. Аз муҳимтарин маъноҳое, ки «логос» бо худ дорад, ақл ва забон аст. Дар ҳақиқат, нафси нотиқа ҳамон қуввае аст, ки ба андешидан мепардозад.

Ба назари ӯ, забон аз се қисм – нутқ, қавл ва калом таркиб ёфтааст. Ҳамин назари ӯро муҳаққиқи эронӣ Фарзод Болу дар мақолае таҳти унвони "Моҳияти чандсоҳатии забон дар андешаи Носири Хусрав ва Сосюр" баррасӣ намуда, зикр мекунад, ки Сосюр аз се соҳати забонӣ – забон (Langue), гуфтор (Parole) ва нутқ (Langage) ёд мекунад [2, с. 166]. Аммо Носири Хусрав забонро аз чор соҳати забонӣ – нутқ, нафси нотиқа, қавл ва калом ном мебарад. Дар ин фасл мо бар онем, ки ин мавзуъро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Носири Хусрав дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» дар ҷойҳои мухталиф ба таносуб аз нафси нотиқа сухан гуфтааст ва онро чунин тавсиф кардааст: «Ва нафси нотиқа аз чиз бо кайфият [агар диданӣ бошад ё шуниданӣ – М.Х.], агар маънӣ наёбад, доно нашавад ... ва ҳар ки эътиқоди чунин дорад, ки чорӣ ва чигунагии офариниш тафаҳҳус бибояд кардан, он кас мар нафси нотиқаи илмҷӯро ва низ бар ҳайвоноти заминӣ мусаллат аст ба таслияти илоҳӣ, то ҳамаро бандагони хеш кардааст» [11, с. 30].

Дувум, бахше аз забон, ки Носири Хусрав хеле муфассал тавсиф кардааст, нутқ аст. Ин ваҷҳи забонӣ таъйинкунанда ва айниятбахши нафси нотиқа аст, ки забон ба таври умумӣ ва мафҳумҳову маъноҳо дар он ҷо қарор меёбанд ва суратбандӣ мешаванд. Носири Хусрав онро нутқ меномад. Ба назари Носири Хусрав нутқ берун аз зеҳни инсон ба сурати физикии мушаххасе қобили ишора нест, балки ҷойгоҳи он дар умқи зеҳн аст. Дар идома Носири Хусрав ба муқоиса ва баррасии тафовути нутқу қавл мепардозад. Носири Хусрав ишора мекунад, ки қавл аз таъйини ҳарчи бештари нутқ ҳосил меояд. Агар нутқ таъйинкунандаи ҳарчи бештари нафси нотиқа аст, қавл ҳам таъйинкунандаи ҳарчи бештари нутқ аст. Муроди Носири Хусрав аз иборати қавл ин аст, ки инсон вақте рушд мекунад, нутқ, ки вижагии ҷавҳарӣ ва зотии нафси нотиқа аст, ба тадриҷ ба фаъолияти худ наздиктар мешавад: «Пас, нахуст нутқ аст ва он мар нафсро ҷавҳаре аст андар ҳадди қувват ва чу ба феъл ояд, аъне чу мардум тамом шавад ва чизе хоҳад гуфтан, нахуст аз ӯ хулқ бошад ва он тартиби сухан бошад аз ӯ ба тадбир андар нафс, сипас аз он ки мар онро ба овоз берун орад» [11, с. 167].

Ба таври умум метавон хулоса кард, ки Носири Хусрав забонро аз зовияи фалсафа мавриди баррасӣ қарор додааст. Вай ба дурустӣ дарёфта буд, ки моҳияти забон ошкор нахоҳад шуд, магар ин ки бахшҳои гуногуни онро аз ҳам фарқ накунем.

Чунончи: «Нутқ нафси нотиқаро сифате ҷавҳарӣ аст... ва қавл аз нутқ асар аст ва бар ӯ далел аст... Пас нутқ на тозӣ ва на порсӣ ва на ҳиндӣ ва на ҳеҷ луғате, бал қуввате аст аз қувватҳои нафси инсонӣ, ки мардум бад-он қувват маъниеро, ки андар замири ӯ бошад, бо овозу ҳуруф ва қавл ба дигарӣ битавонад расонидан. Пас, мар он қувватро, ки ин феъл аз ӯ ояд, нутқ гуфтанд, ҳукамои дин ва фалсафа» [11, с. 166].

Дар идома Носири Хусрав ба тафовути нутқ ва қавл мепардозад. Носири Хусрав ишора мекунад, ки қавл аз таъйини ҳар чи бештари нутқ ҳосил меояд. Агар нутқ таъйини ҳар чи

бештари нафси нотиқа аст, қавл ҳам таъйини ҳар чи бештари нутқ аст. Носири Хусрав дар табйини бештари моҳияти нутқ ва қавл таъкид мекунад, ки нутқ соҳате забонӣ аст ва дар сохтори зеҳни инсон ҷой дорад. Ҳатто агар ин соҳати забонӣ дар қолаби қавл ё гуфтор ва навиштор мутаҳаққиқ нашавад, ба вуҷуди он латмае ворид намешавад. Ӯ кӯдаки шинхораи инсонро мисол меорад. Бо ин ки кӯдак ҳанӯз забон ба сухан ва гуфтор накушода, аммо ҳамчунон дорои нутқе аст: “Ва қавл аз нутқ асар аст ва бар ӯ далел аст. Чунон ки чу мо кӯдаки хурд бинем ширхора, гӯем, ки мар ӯро нутқ аст бе он к-аз ӯ қавле шунуда бошем албатта” [11, с. 166].

Носири Хусрав қавлро чунин шарҳ додааст: “Ва аммо қавл сухане бошад кӯтоҳ ва маънидор”. Дар идома Носири Хусрав чанд маънои қавлро овардааст: “Мар қавлро бар чанд рӯй иборат кунанд: яке он ки мар лафзеро, ки касе бигӯяд, қавли ӯ гӯянд. Чунонки ба масал ҳоҷиб гӯяд: «Вазирро бихонед, ки ин қавли амир аст», яъне ки амир чунин гуфт, ки ман гуфтам. Ва се дигар мар майлу рағбати касеро ба чизе қавли ӯ гӯянд низ. Ва чаҳорум ҳар кӣ сухане бигӯяд, к-онро маъние бошад рост ё дурӯғ, он қавле бошад аз ӯ ба ҳар забоне, ки бошад [11, с. 167].

Ҳарчанд Носири Хусрав ба таҳлили мустақими матн ё каломи нависторӣ напардохта, вале аносири онро, ки иборатанд аз нутқу қавл хеле мӯшикофона таҳлилу баррасӣ кардааст. Носири Хусрав маҷмуи қавлҳоро калом гуфтааст:

“Ва аммо калом маҷмуи қавлҳо бошад, ки маънӣ ҷуз бад-он қавлҳо ва ба тартиби он гузорида нашаввал” [11, с. 167]. Носири Хусрав барои калом чунин мисол меорад: “Чунонки ба масал касе гӯяд: «Имрӯз ба даргоҳи амир шудам ва бор хостам ва андешидам, ки агар бор на хоста пеши амир шавам, савоб набошад ва маро хор кунад. Ва чу бор хостам, амир чу донист, ки ман адаб нигоҳ доштам, маро пеш хонд ва лутф кард ва ҳоҷати ман раво фармуд кардан». Инро «калом» гӯянд, ки қавлҳои ба овоз гуфта ба тартиб андар ӯ маҷмуъ бошад. Ва ҳар қавлеро аз он маъние бошад ва ба маҷмуъ он маонӣ ҷуз он маънӣ ҳосил наёяд” [11, с. 167].

Каломе, ки Носири Хусрав гуфтааст ва дар тавзеҳи он мисол овардааст, дар воқеъ он матн аст, ки аз маҷмуи ҷумлаҳо таркиб ёфтааст. Дар забоншиносии муосир низ матнро иборат аз маҷмуи ҷумлаҳо медонанд. Чунончи, забоншинос Камолиддинов Б. матнро чунин таъриф додааст: «Матн нисбат ба ҷумлаҳои мураккаб ва ҳатто ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеи сертаркиб ва омехта аз лиҳози дар бар гирифтани воҳидҳои иртиботии наҳв бузургтарин буда, аз ҷиҳати сохтори маъноию грамматикӣ ва воситаҳои алоқаи ҷузъҳо ба куллӣ фарқ мекунад» [4, с. 130].

Забоншинос Мухторов З. каломи гуфтаи Носири Хусравро гуфтумон ва ё дискурс медонад [6, 49]. Аликризо Хонҷон низ каломи гуфтаи Носири Хусравро гуфтумон (Discourse) ва матн (Text) медонад: “Шояд битавон бо андаке мусомиҳа натиҷа гирифт, ки муроди вай аз калом ҳамон гуфтумон (Discourse) ё дасти кам матн (Text) дар забоншиносии мудерн будааст” [8, с. 103].

Муҳаққиқоне, ки матн ва дискурсро таҳқиқ намудаанд, бар ин назаранд, ки матн ва дискурс бо ҳам таносуб доранд. Аммо аз рӯйи шакл тафовут доранд. Матн бештар дар шакли хаттӣ аст ва дискурс шакли шифоҳии матн аст. Дар забоншиносии муосир таҳлил ва тафсири дискурс бештар ҳамчун таҳлили матн сурат мегирад. Забоншиноси ҳоландӣ Т. ван Дейк дар пажӯҳишҳои худ дискурс ва матнро аз ҳам ҷудо намедонад [3, с. 35].

Забоншинос Ф. Шарипова шинохти ҷумларо дар афкори фалсафӣ баррасӣ намуда, зикр мекунад, ки калом низ дар осори мантиқӣ ҳамчун ҷумла дониста мешуд: “Ин нкута мусаллам аст, ки мантиқиён ҷумларо мешинохтанд ва барои ифодаи он вожаҳои “қавл”, “сухан”, “калом” ва “лафзи мураккаб”-ро истифода мебурданд” [12, с.19].

Ҳамин тавр, дар “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”-и Носири Хусрав масъалаи шинохти матн, ки дар забоншиносии муосир мавриди омӯзиш қарор гирифт, ҳанӯз дар қарни XI-XII атрофи он баҳс намуда, назари худро пешниҳод намуда буд. Носири Хусрав ба дурустӣ дарёфта буд, ки моҳияти забон ҳувайдо нахоҳад шуд, магар ин ки доираи онро аз ҳам мутамойиз кунем. Ба ҳамин далел забонро ба се бахш – нутқ, қавл ва калом ҷудо намуда, сипас ҳар кадоем аз онро баррасӣ намудааст. Ҳамин тавр, Носири Хусрав ба уновни як файласуф масоили зиёди забоншиносӣ, бавижа, забоншиносии матнро ба таври хеле дақиқ ва мушаххас ҳаллу фасл намудааст, ки бо назарияҳои забоншиносии муосир мувофиқат мекунад.

Адабиёт

1. *Аруҷӣ, М. Макотиби забоншиносӣ (аз аҳди атиқ то даврони муосир) / Муҳаммадризо Аруҷӣ, Ҷавод Раҳмонӣ. – Теҳрон, 1395. – 299 с.*
2. *Болу, Ф.; Хабозиканорӣ, М. Моҳияти чандсоҳатии забон дар андешаи Носири Хусрав ва Сосюр / Фарзод Болу, Маҳдӣ Хабозиканорӣ // Баҳор. – 1394. – № 31. – С. 159-173.*
3. *Ван Дейк, Т. Таҳлили матн ва гуфтумон (даромаде байниришатаӣ) / Тён Ван Дейк ; тарҷумаи Паймон Кайфаррухӣ. – Теҳрон, 1394. – 400 с.*
4. *Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2010. – 143 с.*
5. *Noam Chomsky. Cartesian Linguistics: A Chapter in the History of Rationalist Thought / Chomsky, Noam. – New York, 2002. – 164 p.*
6. *Мухторов, З. Структура и семантика (на материалах таджикского и русского языков) / З. Мухторов. – Душанбе, 2013. – 242 с.*
7. *Мухторов, З. Назаре ба забоншиносии матн ва афкори забоншиносии тоҷик / Зайниддин Мухторов // Забон – рукни тоат. – 2017. – № 9. – С. 45-57.*
8. *Хонҷон, А.; Алинажод, Б. Гузаре бар орои Носири Хусрав дар боби забон / Алирризо Хонҷон, Батул Алинажод // Пажӯҳишҳои забон ва адаби форсӣ. – Исфаҳон, 1389. – № 2. – С. 95-108.*
9. *Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X–XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.*
10. *Хоҷаев, Д.; Додаров, О. М. Таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Давлатбек Хоҷаев, Оятулло Додаров. – Душанбе, 2022. – 407 с.*
11. *Хусрав, Н. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн / Носири Хусрав. – Душанбе : ЭР-граф, 2011. – 308 с.*
12. *Шарифова, Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ. Қ. 1 / Ф. Шарифова. – Душанбе, 2012. – 224 с.*

ТАВСИФИ НУТҚ, ҚАВЛ ВА КАЛОМ ДАР “ҶОМЕЪ-УЛ-ҲИКМАТАЙН”-И НОСИРИ ХУСРАВ

Мақола ба таҳлили мафҳумҳои асосии нутқ — «нутқ», «қавл» ва «калом» — дар мероси фалсафию забоншиносии Носири Хусрав бахшида шудааст. Актуалии он дар афзудани таваҷҷуҳи илмҳои гуманитарии муосир ба мафҳумҳои забоншиносии шарқӣ ифода меёбад, зеро ин мафҳумҳо имкони фаҳмиши амиқтари табиати сухангӯӣ ва раванди иртиботро фароҳам меоранд. Мушкили асосӣ дар он аст, ки дар шарҳи муосири ин истилоҳҳо ихтилоф ба назар мерасад: бисёре аз муҳаққиқон сатҳҳои гуногуни сухангӯиро омехта намуда, маъноҳои фалсафии дар истилоҳоти Носири Хусрав ниҳонбударо то ҳадде содда мегардонанд. Дар мақола матнҳои аслӣ ва мафҳумҳои калидӣ бо диққат таҳлил мешаванд. «Нутқ» ҳамчун қобилияти сухангӯии инсон, «қавл» ҳамчун амал ё ифодаи мушаххаси сухан ва «калом» ҳамчун сухани пурмаънои дорои арзиши маърифатӣ тавзеҳ дода мешаванд. Ин мафҳумҳо бо ҳам муқоиса шуда, робита ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми фикрии мутафаккир нишон дода мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки Носири Хусрав низоми равшану пайдарпайро дар бораи шаклҳои гуногуни сухангӯӣ пешниҳод намуда, ба калом маънои маърифатию рӯҳонӣ низ қоил будааст. Хулоса ин мафҳумҳо аҳамияти таърихӣ дошта, дар тадқиқоти муосири фалсафаи забон, назарияи дискурс ва муқоисаи забонҳо низ ба кор бурда мешаванд.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, нутқ, қавл, калом, сухан, гуфтор, дискурс, фалсафаи забон, маъно, маърифат, забоншиносии шарқӣ.

ХАРАКТЕРИСТИКА РЕЧИ, СЛОВА И ВЫСКАЗЫВАНИЯ В «ДЖАМИ’ УЛ-ХИКМАТАЙН» НОСИРА ХУСРАВА

Статья посвящена анализу ключевых категорий речи — «нутк», «кавл» и «калом» — в философско-лингвистическом наследии Носира Хусрава, одного из крупнейших мыслителей классической персидско-таджикской традиции. Актуальность исследования определяется возрастающим интересом современной гуманитарной науки к восточным лингвистическим концепциям, которые позволяют по-новому осмыслить природу речевой деятельности и процессов коммуникации. Проблема заключается в том, что в современных интерпретациях категорий, представленных Носиром Хусравом, наблюдаются разночтения: многие исследователи смешивают уровни речевого выражения или подменяют философские смыслы чисто лингвистическими. В статье проводится глубокий анализ первоисточников, выявляется семантическая и концептуальная структура понятий «нутқ» (речь как способность), «кавл» (конкретное словесное выражение) и «калом» (высказывание, наделённое смыслом и познавательной функцией). Рассматривается их взаимосвязь, сопоставляются различные уровни речевой деятельности, выделяемые мыслителем. Результаты исследования показывают, что Носир Хусрав обладает чёткой системой разграничения этих категорий и придаёт особое значение духовно-познавательному аспекту слова. Такой подход позволяет глубже понять особенности восточной лингвистической мысли. В заключение подчёркивается, что рассматриваемые концепции не только имеют историческую ценность, но и могут быть использованы в современных исследованиях философии языка, теории дискурса и сравнительного языкознания.

Ключевые слова: Носир Хусрав, нутқ, кавл, калам, слово, речь, дискурс, философия языка, семантика, когнитивность, восточная лингвистика.

CHARACTERIZATION OF SPEECH, UTTERANCE, AND DISCOURSE IN NASIR KHUSRAW'S «JAMI' AL-HIKMATAYN»

The article examines the key speech-related categories — «nutq», «qawl», and «kalam» — in the philosophical and linguistic legacy of Nasir Khusraw, one of the most prominent thinkers of the classical Persian-Tajik intellectual tradition. The relevance of the study lies in the growing contemporary scholarly interest in Eastern linguistic concepts, which provide new perspectives on the nature of speech activity and communication. The main problem addressed in the article is the inconsistency found in modern interpretations of these categories, as many researchers tend to merge distinct levels of verbal expression or replace the philosophical meanings embedded in Khusraw's terminology with narrowed linguistic approximations. The study offers a detailed textual and conceptual analysis of primary sources, clarifying the semantic structure and theoretical significance of the categories. «Nutq» is interpreted as the human capacity for speech, «qawl» as the concrete act of verbal expression, and «kalam» as meaningful discourse endowed with cognitive and spiritual value. The interconnections among these categories are explored, as well as the hierarchical levels of speech activity distinguished by the thinker. The results demonstrate that Nasir Khusraw developed a coherent and nuanced system for understanding verbal expression and attributed a special epistemological dimension to the spoken word. The article concludes that these ideas are not only historically significant but also relevant to modern research in the philosophy of language, discourse theory, and comparative linguistics.

Keywords: Nasir Khusraw, nutq, qawl, kalam, word, speech, discourse, philosophy of language, semantics, cognition, Eastern linguistics.

Дар бораи муаллиф
Хоҷамирзода Муслиҳиддин Хоҷамир
Номзади илми филология, унвонҷӯй
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Email: sujo.hojamirov@mail.ru

Об авторе
Ходжамирзода Муслихиддин Ходжамир
Кандидат филологических наук, соискатель
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
Email: sujo.hojamirov@mail.ru

About the author
Khojamirzoda Muslihiddin Khojamir
Candidate of Philological Sciences, PhD researcher
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
Email: sujo.hojamirov@mail.ru

ТДУ 811.221.1'282.4

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВОБАСТА БА РАСМУ ОИНИ ИЗДИВОҶ ДАР ЛАҲҶАИ ВАНҶ

Раҳимова Ҳ. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон сарзамини аз ҷиҳати ҳудуд на чандон сервусъат аст, дар он мардуми тоҷики ҳар манотиқ ва навоҳӣ расму оини ба худ хос доранд, ки яке аз дигаре ба куллӣ фарқ мекунад. Ин расму оин ва анъанаҳо баъзе аз қадим вуҷуд дошта дар тӯли мавҷудияти худ такмил ёфта, баробари замон ва тағйири ҳаёти моддӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ ин расму оин ба сокинон ҳамеша ҳамқадам буданд. Мутаасифона баробари дигар шудани шакли ҳаёти иҷтимоӣ баъзе аз ин расму оин аз байн рафта, ба гӯшаи фаромӯшӣ паноҳ ёфтанд ва дар хусуси баъзе аз онҳо танҳо насли калонсол маълумоти басе хира дораду бас. Аммо теъдоди ин расму оинҳо дар байни мардуми манотиқи гунонгун басе зиёд буда, доир ба ҳамаи онҳо дар як мақолаи ҳаҷман хурд маълумот додан мушкил ва ғайриимкон аст. Аз ин ҳолат мардуми водии на чандон калони Ванҷ истисно нест. Аз ин рӯ, ба масъалаи воҳидҳои фразеологии дар заминаи анъана расм ва оини мардум пайдошуда аз қабили тӯй ва азо, издивоҷ, қабули меҳмон ва дигар ҷашну маросимҳо каме бошад ҳам, рӯшанӣ андозем.

Ҳарчанд ки доир ба таҳқиқи фразеологизмҳо ва масоили атрофи онҳо як қатор олимону муҳаққиқон, аз ҷумла П.Л.Неменова, Ғ.Ҷураев [8], А. З.Розенфельд [9], Ҳ.Маҷидов, М.Маҳмудов, Р.Ғаффоров [4-7], С.Хоркашев [10], Н.Гулзода [2-3] таҳқиқот бурдаанд, вале дар хусуси воҳидҳои фразеологӣ дар гӯиши Ванҷ пажӯҳиши ҷудогонае вуҷуд надорад.

Пеш аз ҳама дар бораи маросим ва расму оини , барпо кардани оила хонадоршавӣ маълумот доданро лозим ва зарур мешуморем. Чунки оғози ҳаёт аз ҳамин анъана сар мешавад. Дар маросими хонадоршавӣ ва барпо кардани оила аз луғати на чандон калон истифода мешуд, ки имрӯз баъзе аз ин калимаҳо ҳанӯз роиҷ буда, дар заминаи ин қабати на чандон калон воҳидҳои фразеологии зиёда ба вуҷуд омаданд.

Осол талбидан – кумаки пулӣ ва молӣ расондан ба он касе, писараш издивоҷ карданӣ аст пеш аз маросими тӯй падару модари писар ба хешу табор ва ашхоси наздик инчунин дӯстон рӯй оварда кумак мехоҳанд ва ҳар кас мувофиқи ҳиммати худ ба тӯйдор пул, ё чорво, либосворӣ ва дигар маводи зарурӣ ҳамчун бахшиши бебозгашт

Анъанаи осолталбӣ дар расму маросимҳои мардуми кӯҳистон, аз ҷумла Ванҷу Дарвоз, Язгулом ва тоҷикони ҳамсояи мантақаи Дарвози Афғонистон аз қадим боз роиҷ буд ва калимаи мураккаби **«осолталбӣ»** аз ҷузъҳои **«осол», «талб»** - шакли ихтисоршудаи «**талаб»**, яъне пурсидан, талаб кардан, ёрӣ хостан ва пасванди исмзози «**-ӣ»**, иборат буда, аз он воҳиди фразеологии **“осол талабидан”** рӯйидааст, ки маънои кумак, дастгирии молӣ, ёрӣ хостанро дорад.

Осол даан – осол додан, кумак расондан барои тӯй

Гапшънавунӣ – шакли пурраааш **“ гап шунавундан”** аст, ки аз исми **“гап**” ва феъли “**шунавондан”** рӯидааст ва муродифи мутлақи он **“гап заан”** аст. Ҳар ду шакл устувор буда ҷузъҳо таркиби онҳо тағйирнопазиранд. Масалан, “**Сухан шунавундан”, “калом шунавондан”** намегӯянд. Ба ҳайси компоненти дуюм, ки феълҳои “**шунавундан”** (шунавондан**)** ва **“заан” (задан)** омадаанд, низ тағйир намеёбанд. Масалан “**гап расондан**” ё “**гап гуфтан**” қабул нашудааст.

Къртапӯшънӣ – Воҳиди дигари фразеологӣ, ки он низ ба расми издивоҷ дахл дорад, **“къртa пӯшъндан”** аст. Ин воҳиди забонӣ ҳам нисбатан устувор аст, чунки “**ҷома пӯшондан**” ё “**къртa ба бар кардан”** қобили қабул нест. Маънои аслии ин воҳиди фразеологӣ духтарерero интихоб ва банд кардан, то ки каси дигар ӯро хостгорӣ накунад.

Гап заан – дар забони адабӣ муродифи ин воҳиди фразеологӣ **“фотиҳа кардан”** аст, ки дар боло ин нукта зикр карда шуд

Шоҷаҳт – Ин калима дар заминаи ибораи **“ҷаҳт**” **–** яъне даъват кардан, талаб кардан (талбидан) ва **“шаҳ”** пайдо шудааст ва муродифи дигар надорад, аммо устувор аст. Дар манотиқи дигар ва дар забони адабӣ **“шаҳ”**- ро **“домод”** меноманд**,** аммо дар мавриди дигар дар гӯйиши мардуми Ванҷ боз **“шомар”** низ мегӯянд, ки дар заминаи калимаҳои **“шаҳ**”, яъне домод ва **“мар”** **–** мухаффафи вожаи **“мард”** пайдо шудааст. Расми даъват кардан, талаб кардани (талбидан) **“шаҳ”,** яъне домод аз тарафи хонаводаи арӯс амалӣ мешавад. Яке аз

хешовандон на чандон наздики арӯс ба вазифаи **“шаҷахт”** (**“ша” – шоҳ** ва **“ҷахт”** – даъват кардан, талаб кардан, талаидан ва ғ.) қабл аз рӯзи тӯй таъйин карда мешавад ва ӯ рӯзи тӯй ба хонаи **“шаҳ”** меравад Чун аз расму анъана маълум аст, ки нафари омада барои даъвати **“шаҳ”** омадааст, бидуни чизе пурсидан ба ӯ чизе ё миқдоре маблағ медиҳанд ва ӯ бармегардад. Дар шароити имрӯза ин шахс ба хонаи домод, яъне **“шаҳ”** намеравад, вале он ашё ва ё маблағи **“ҳаққи шаҷахт”** аз тарафи **“шаҳ” “**пардохта**”** мешавад.

сартърошун – сар домодро тарошидан низ яке аз анъанаҳои маъмул ва зебои ойини домоду арӯсӣ буда, аз қадим боз вуҷуд дорад. Ин анъана имрӯз рамзӣ аст, чунки аслан он лаҳза сари “шаҳ” – ро наметарошанд, балки яке аз хешовандони шаҳ – “**шомар**” – ро ба вазифаи сартарош тайъин менамоянд ва ӯ ба гардани “**шомар**” рӯймолеро баста ба даст қайчӣ мегирад ва гӯё “сари ӯро метарошад”. Ба он рӯймоли ба гардани “**шомар**” басташуда хешу табор, ҳозирин ҳар нафар мувофиқи ҳиммати худ пул мепартояд ва ин маблағ “мол” – и сартарош аст. **“сартърошун каран”** дар маросими хатнатӯй низ гузаронида мешавад. Воҳиди фразеологии **“сартърошун каран”** дар натиҷаи ҳамин анъана пайдо шудааст.

“Дар қапидан” – «дар қапидан» яке аз анъанаҳои зебои тӯй маҳсуб мегардад. Дар назди дари хонаи арӯс пеши роҳи шоҳро мегиранд ва то маблағи муайяншуда дода нашавад, ҳуқуқи ба хонаи арӯс ворид шуданро надорад. Пас аз пардохти он маблағ (100-200 сомонӣ ин ба ҳиммати **“шаҳ”** вобаста аст). ба**“шаҳ”** иҷозат дода мешавад ба назди арӯс дарояд.

Инро ҳам бояд қайд кард, ки ҳангоми ба хонаи арӯс наздик шудан суруди махсус дар хусуси ташрифи шаҳ “Шаҳи мо ҳаминай, навшаҳи мо ҳаминай” аз ҷониби ҳамроҳони шаҳ ба услуби доирабазм хонда мешавад.

Қаҳруна додан – Он чизе ки ба шаҳ аз тарафи падари арӯс ваъда карда мешавад. Ин анаъана дар ҳолате рӯй медиҳад шаҳ гӯё “**қаҳр кардааст**” ва падари арӯс омада масалан, чунин мегӯяд: “Ҳамин дарахти чормағз, ё тут ё зардолуро бахшидем” Ин “бахшиш”- ро “**қаҳруна”** меноманд. Ин анъана аст ва шаҳ ҳеҷ гоҳ он “чормағз”, ё “тут” ё “зардолуро” албатта бо худ намебарад.

поандоз – Дар пеши пойи арӯс ҳангоми ворид шудан ба ҳавлии шоҳ барои ифодаи ҳурмату эҳтиром пойандоз мепартоянд, ки аз 4-5 м. матоъ иборат аст. Дар ҳама вақт пойандоз рамзи сипос ва эҳтиром ба шумор мерафт.

арӯсбинӣ – Дидани арӯс вақти ба хонаи шоҳ даромадан сарҷълаб (тағои арӯс) дар паҳлӯи арӯс нишаста рӯйи арӯсро кушодан намегузорад, то ки ӯро набинанд Аз ҷониби шоҳ хешу таборони шоҳ чизе (пул, ё либос ва чизҳои дигар) мепартоянду баъд рӯйи арӯсро мекушоянд. Ин анъана аз қадим бо вуҷуд дошт, аммо имрӯз камтар риоя карда мешавад.

нико (никоҳ) – Дар таамули мардуми Ванҷ анъанаи никоҳ дар хонаи шоҳ гузаронида мешавад, аммо ин аслан бидуни шариат аст, чунки дар мавзеъҳои дигар никоҳ се рӯз пеш аз тӯй , ё камтар аз се рӯз никоҳ дар хонаи арӯс гузаронида мешавад. Мулло хутбаи никоҳро мехонад ва шоҳидон аз ҷониби арӯс шаҳодат медиҳанд. Ин ҷо ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки шоҳидон мувофиқи талаби шариат бояд ду нафар бошанд, ки яке шоҳидии дуюмро, ки шоҳиди асосӣ аст, тасдиқ менамояд: ман шоҳид ҳастам ва аз барои Худо шаҳодат медиҳам, ки фалонӣ бинти фалонӣ ҳамин шахси ҳозиру нозир – тағояшро вакили нафси худ тайъин намудааст. Пас аз шаҳодати шоҳиди якум, ки ваколати шоҳиди дуюмро тасдиқ менамояд, шоҳиди дуюм чунин шаҳодат медиҳад: «Ман фалонӣ ибни фалонӣ шоҳид ҳастам ва аз барои Худо шаҳодат медиҳам, ки фалонӣ бинти фалонӣ (яъне арӯсшаванда) барои ба ба никоҳи шаръии ҳамин ҷавони ҳозиру нозир – фалонӣ ибни фалонӣ розӣ аст. Пас аз шоҳ мепурсанд, ки “фалонӣ бинти фалониро хостӣ ва ба занӣ қабулаш кардӣ?” Шоҳ бояд посух диҳад “Аузубиллоҳи мина-ш-шайтони раҷим, Биисмиллоҳи- р- раҳмони Раҳим, хостам ва ба занӣ қабулаш кардам”. Пас мулло дуо мекунад ва шоҳу арӯсро “зану шавҳари қонунӣ эълон мекунад. Дар таъомули мардуми Ванҷ бошад, розигии арӯс ва шоҳ мустақиман пурсида мешавад. Пас аз маросими никоҳ ҳаққи муллои никоҳгар аз ҷониби шоҳ як миқдори муайяни пул ва ё чизи дигар пардохта мешавад. Никоҳ ҳатмӣ аст. Бидуни он зиндагии минбаъдаи шоҳу арӯс ноҷоиз аст ва иҷозат дода намешавад.

Дар маросими нико(ҳ) аз ду ҷониб намояндаҳо ҳатман бояд иштирок кунанд Дар ин замина ифодаҳои зиёди фразеологӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан, **«никоҳ кардан», «розӣ шудан», «қабул кардан», «шоҳидии шоҳидо», «тани нафс», «тани нафс бахшиян», «Ба занӣ қабул каран», «пойбанд каран», «сар (касера) дъта (яъне дуто) кардан»**, ва ғ. аз ҷумлаи воҳидҳои фразеологии зебое мебошанд, ки дар расму таомули мардуми Ванҷ вуҷуд доштанд ва имрӯз низ ҳарчад баъзе дар ҳолати аз байн рафтан қарор доранд, қисман риоя мешаванд.

Рӯбинък партофтан – Он миқдори пул ва маводе, ки намояндагон, хешу табори шоҳ барои дидани рӯйи арӯс мепартоянд

Хабаргирии арӯс – Пас аз як ҳафта ё бештар аз ин волидайн, инчунин хешовандани наздики арӯс, аз ҷумла хоҳар, янга ва ғ. ба хонаи шоҳ барои дидан, хабаргирии арӯс меоянд. Албатта, аз рӯйи расму анъана ба ҳамаи онҳо пул ё чизе дода мешавад. Дар ин замина низ воҳидҳои фразеологии ба ҳамин маросим мувофиқ вуҷуд доранд, аз ҷумла **«зиқ шидан», «ёд кардан»**,«**хабар гъръфтан»,«ай ақиб рафтан»,« хайру хъш каран**» ва ғ.

хъшсалум рафтан – Ин анъана аз қадим боз вуҷуд дошт ва имрӯз низ роиҷ аст, ки шарҳи онро дар поён хоҳем овард. Баъди се рӯз аз тӯй шоҳ бо дастовез ба хонаи арӯс барои адои маросими **«хъшсалум**» меравад. Ба ӯ вақти адои расми **«хъшсалум**» хусур ва хъшдоман чизе ба ҳайси **«потахсӣ»** инъом бояд кунанд, ё сару тан мепӯшонанд. Дар ин замина низ воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд , роиҷ ва дар гардишанд. Масалан, унвони худи ҳамин анъана воҳиди фразеологӣ маҳсуб мегардад: «**хъшсалум рафтан**», Маъно ва мантиқи он касро барои муайян кардани маънои он водор месозад. Масалан, калимаи «**хъшсалум**» аз ҷузъҳои «**хъш**» ва **«салум**» иборат аст. Яъне изҳори хушнудӣ кардан аз ҷониби шоҳ ба волидайни духтар – арӯс аст.

Муҳаққиқ Ҷ.С.Саидова дар мақолаи худ таҳти унвони “Унсурҳои лаҳҷавӣ ва ғановати забони адабӣ (дар мисоли осори А. Самад) доир ба калимаи “хусур” фикри ҷолиберо матраҳ намудааст. Ӯ зикр намудааст,ки "вожаи хусур марбут ба лаҳҷаҳои ҷанубист. Ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва луғати устод С.Айнӣ бо ҳамин маънии боло ба қайд гирифта шудааст, аммо чун хатти густариши он имрӯз аз ҳудуди лаҳҷаҳои ҷанубӣ убур карда наметавонад ва дар забони адабию лаҳҷаҳои шимолӣ муродифи “падарарӯс”- ро дорад, ҳақ дорем,ки онро ҳамчун диалектизми фарохи серистеъмоли хос ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ шиносем. Ин воҳиди луғавӣ дар луғатҳои В.С.Расторгуева ва М.Маҳмудову Б.Бердиев, ки маводи лаҳҷаҳои шимолиро дар бар мегиранд, зикр наёфтааст. Пас, маълум мешавад, ки манбаи захирашавиашон дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони адабиёти классикист [11, с. 13].

Войист бидан – ин калима аз шакли форидан, яъне маъқул будан, моил будани шоҳу арӯс пайдо шудааст ва шакли муқобили он « **новойист**» - яъне нофорам, моил набудан, якдигарро напазируфтани шоҳу арӯс аст. **Новоист бидан –** нофорам, маъқул набудан яке аз издивоҷкардагон ё ҳар ду. Ин ҳодисаи барои волидайни ҳарду тараф ба фоҷеа баробар аст. Аз ин рӯ кӯшиш карда мешавад, ки бо кадом роҳе набошад, онҳоро бо ҳам моил созанд ва дар ин замина воҳидҳои фразеологии **«насиҳат каран», «гарм каран», «пеши мазор рафтан», «хънък каран**» ва ғ. падо шудаанд.

Сарҷълаб рафтан – “сарҷълаб” аз вожаҳои **“сар” ва “ҷълаб”,** яъне ҷилав (аслан ҷилави асп) мураккаб шудааст. Ин вазифа аст ва бо мақсади иззату эҳтироми тағои арӯс ӯро ба ин вазифаро тайъин мекунанд. Сарҷълаб барои арӯс тӯҳфаи сазовор, монанди гилем, ё ҷиҳози дигар, ё мебел тӯҳфа мекунад. Ба сарҷълаб, ки дар ҳар мантиқа бо номҳои гуногун ном бурда мешавад, (масалан, ҷилавгир) аз хонаи шоҳ тӯҳфаи сазовор медиҳанд. .

Амма рафтан – аслан, аммаи арӯс ба ин вазифа тайъин карда мешавад, ки ҳангоми бозгашт ба «**амма**» аз ҷониби шаҳ, яъне домод як миқдори муайяншудаи пул ё маводи дигар тӯҳфа дода мешавад. Дар ин замина воҳидҳои фразеологии «**хърсанд каран**», «**хърсанд умаан** (яъне омадан ё баргаштан)», «**розӣ бидан**, ё умаан)», «**ҳърмат ба ҷо оваран**», «**хафа каран**», пайдо шудаанд, ки дар мавридҳои дигар низ истифода мешаванд.

Сар бофтан – ин амал рамзӣ аст ва дар заминаи он воҳидҳои фразеологии дигар ва вожаҳое, ки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд, пайдо шудаанд. Бофтани сари арӯсро пеш аз рафтан ба зимаи холаи ӯ гузошта мешавад. Ин расм баҳонаест барои соҳиби вазифа шудани холаи арӯс аст. Вожаи «**сарбоф**» аз ҳамин ҷо рӯйидааст.

Арӯс каран – пӯшондани сару либоси арӯсӣ ба ӯ ва оро додани пеш аз омадани “**шомар**”

Гапа гърфтан – розигии худро изҳор кардани тарафи духтар барои издивоҷ. Дар ин замина низ воҳидҳои фразеологии «**гапа гърфтан**», **«ҳа гъфтан», «гарм қабул каран», «гапа дар зъмин намундан»,«ва хъшнудӣ қабул каран»** ва ғ пайдо шуданд. Воҳиди фразеологии мазкур дар мавридҳои дигар низ маъмул ва серистеъмол аст. Ба ҳамин маъно вожаҳои мураккаб ва маъмули «гапгир», « гапшънав», «гапгӯшкън», ва баъзан дар нисбати тифлони хурдсол ва навҷавонон сифатҳои **«гапдъро», ки муқобили «хира», «ногапгир», «гапношънав», «ногапгӯшкън»** ба шумор мераванд, рӯйи кор омаданд. Дар забони адабӣ бошад, қариб, ки ҳамаи ин воҳидҳои луғавӣ муодили худро бо каме фарқиятҳои овоӣ (фонетикӣ) доранд. (ниг. **гапа нагърфтан»)**

Гапа нагъръфтан – Аслан дар мавриди ба хонаи касе ба хостгорӣ рафтан ва посухи рад гирифтан аст, аммо мисли воҳиди фразеологии «**гапа гърфтан**» дар дигар ҳолатҳо низ ба кор меравад. Муродифҳо низ аз қабили **«қабул накаран», «розӣ нашиян», «нуну ова гардундан», «қоқсандал шиян**[1]**»** ва ғ. дорад.

Забоншинос Сахидод Раҳматуллозода дар мақолаи худ "**Русуми ҷашни арусӣ дар Ванҷ ва Дарвоз**" дар бораи калимаи "**қалинг"** чунин менависад: **"Қалинг**" ҳаққе аст,ки бояд волидайни домод ба хонаи дъхтарвара "духтардор" бидиҳад ва онро дар гӯйиши ҷанубӣ бо вожаи ӯзбекии **тъқъз** низ баён мекунанд. Маъмулан ба унвони қалинг либоси арӯс, маводи ғизоӣ барои тӯй, мол (ҳайвон) ва ба унвонии маҳр миқдоре пул ба хонаи арӯс бурда мешавад [10, с. 148].

Ма(ҳ)р (қалинг) фармян – «маҳр» вожаи арабӣ аст, аммо дар лаҳҷаи Ванҷ **қалин(г)** - туркӣ бештар истифода мешавад. Агар миқдори маҳр бештар бошад, «**зӯр нарасиян**», истифода мешавад, яъне имконияти додани ин миқдор **қалин(г) -** надоштан

Лоқу пари арӯс – Ин таркиби фразеологӣ аст, ки «**лоқ**» - ба маънои курпаву болин, вале, «**пар**» маънои луғавӣ надорад, мисли таркибҳои маҷозии **«кору бор**», **«чизу чора»**,«**лоқу лапар**» ва ғ.[2]

"Мари бор" – Он нафаре (аслан мард), ки ба ҷиҳози арӯс вобаста аст ва аз калимаҳои "**мард**" ва "**бор**" сохта шудааст.

"Арӯса талбидан" **–** Аслан дар шакли «**арӯсталбӣ**» истифода мешавад.

"Пеши дегдун буран" **–** расми пеши дегдон бурдани арӯс, ки навакак ба хонаи шавҳар омадааст ва ин ба хотири он карда мешавад, ки оянда ба кору бори пухтупаз омода бошад.

"Варишӣ каран" – Дар аксар масъалаҳои ҳалталаб ба ҳайси шахси аввал ва асосӣ нафаре, ки нуфуз ва эътибораш хеле зиёд аст, чун миёнрав барои ҳалли мусбати масъала бурда мешавад. Вожаи «**вариш**» муродифи мутлақи шакли **«авсақол**» аст, ки этимологияи он дар боло зикр гардид.

"Фотиҳа даан" – Дар расму таамули сокинони Ванҷ қабл аз ҳама кор нафаре аз ҷумлаи калонсолон дуои хайр ба хотири нек анҷом ёфтани медиҳад. Масалан пеш аз сафари "**шомар**" ба хонаи арӯс, ба сафар омода шудани арӯс ба хонаи шавҳар, умуман дар ҳам гуна амал дуо дода мешавд, ки онро мегӯянд.

"Ръхсат каран" – Ин воҳиди фразеологӣ маънои ба рафтани касе иҷозат додан, бо хурсандӣ касе истифода мешавад, вале бештар ба мавриди духтарро ба хонаи шавҳар гуселонидан мусоидат мекунад, яъне бо воҳиди фразеологии «**Фотиҳа додан**» як аст. «**Гусел кардан**» низ муродифи ин ашкол фразеологӣ ба шумор меравад.

"Изо даан" – «шарм дорондан», «мулзам кардан», «дар вазъияти ногувор мондан», «нороҳат кардан» низ ба маънои **"изо даан"** корбаст мешаванд.

"дърунзъқ каран" – худ ба худ ғам хӯрдан, барои камбудие зиқ будан, вале ба касе изҳор накардан.

"дъл даан" – ошиқ шудан

"ҷун кандан" – «саъй кардан», «кӯшиши ба харҷ додан», «берун аз имконият дар иҷрои коре меҳнат кардан» муродифоти **"ҷун кандан**" ба шумор меравад.

"Тани нафс бахшидан" – яъне ҳама ҳастии худро ба шавҳар бахшидан.

"Молу мерос" – ҳама чизи зарурие, ки волидайн барои арӯс мебахшанд

"Потахсӣ даан" – ба касе ҳангоми ташриф овардан барои табрики хурсанде бо мамнуният ва хурсандӣ чизе бахшидан.

Ин қабати луғавӣ дар барпо кардани оила ва бо ҳам пайвастани ҳаёти ду ҷавон истифода мешаванд, ки аксар то имрӯз дар гӯйиши мардуми Ванҷ роиҷ ва дар гардиш қарор дорад.

Мутаасифона акси ин ҳол, қабати луғавие низ мавҷуд аст, ки дар заминаи вайрон шудани оилаҳои ҷавон пайдо шудааст.

"Сар даан" – шавҳар занашро бо сабабе аз озод мекунад, яъне талоқ медиҳад.

---

[1] «Қоқсандал шиян» ибораи нави фразеологӣ аст, ки дар мавриди расми хостгорӣ нимҳазлу нимҷиддӣ пайдо шудааст ва таърихи ҳазломези худро дорад. Дар фасли зимистони хунук пойафзоли хостгоронро дар берун монданд, ки бар асари хунукии зиёд ях бастанд. Ана аз ҳамин хотир хостгоронро «қоқсандал» номиданд, ки маънои он «Қоқ» сахт ва «сандал» пойафзолро дорад. Акнун агар ба хостгорон ҷавоби рад дода шавад, мегӯянд, ки «қоқсандал шиян».

[2] Ин навъи таркибҳо дар забони тоҷикӣ зиёданд. Баъзе бо ҷузъи дуюм, ки маънои луғавӣ надорад ва миқдоран камтаранд, баъзеи дигар бо ҷузъҳое, ки маънои луғавӣ доранд. Масалан, «боғу роғ», «расму таамул», « шишту хез», «даву тоз», «рафту омад» ва ғ. Вале ҳарду қабати ин таркибҳо мантиқан маънои зиёдӣ, афзуниро ифода мекунанд.

“Ҷавоб даан” – Ин воҳиди фразеологӣ муродифи мутлақи **“сар даан”** буда бо он баробар, дар як сатҳ истифода мешавад.

“Бурда мундан” – Бештар ҳангоми ҷудо шудани зану шавҳар истифода мешавад, ки шавҳар занашро бурда дар хонаи волидайнаш мемонад, яъне аз ӯ ҷудо мешавад.

“Шаха каран” – Дар нисбати зан гуфта мешавад, ки баъзан падару модари арӯс ӯро дар хонаи худ оварда нигоҳ медоранд ва ба хонаи шавҳараш ва муддати дуру дарозӯро ба хонаи шавҳараш рафтан намегузоранд.

“Рӯ тофтан” – бо ҳамдигар дар ҳолати қаҳрӣ будан қарор доштари яке аз навхонадорон.

“Рӯ надиян” – аз воҳиди фразеологии **“рӯ тофтан”** бо он фарқ мекунад, ки агар “рӯ тофтан” амали навакак рӯйдодаро ифода кунад, **“рӯ надиян”** амалеро ифода мекунад, ки муддатан пештар рӯй додааст ва як муддат (вақти зиёд) идома дорад.

Ҳамин тавр, расму оини имрӯзаи хонадоршавӣ ба расму оини 50 – 100 сол қабл монанд нест, аммо баъзе элементҳои ин расму оин то ҳанӯз боқӣ мондаанд, ки аз аксар анъаноти қадимаи он дарак медиҳанд.

Адабиёт

1. *Алиев О. Язык таджикского эпоса «Гургули». - Душанбе «Эр-граф», 2017. – 165 с.*
2. *Гулзода Н. Ифодаҳои маҷозӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода. Дар кит.: «Ошёни баланд» (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-адабиётшиносӣ бахшида ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). –Душанбе, 2011. - С. 151-164*
3. *Гулзода Н. Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаи «об» дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ // Масъалаҳои забоншиносӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. - № 1(1). – С. 44-50.*
4. *Ғаффоров Р. Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ // Маориф ва маданият. – 1963. - 19 март.*
5. *Ғаффоров Р. Хусусиятҳои муҳимми ибораҳои фразеологӣ // Маориф ва маданият. – 1963. - 17 июн.*
6. *Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 208 с.*
7. *Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 3 (таҳти назари проф. В. С. Расторгуева). – Душанбе: Дониш, 1979. – 175 с.*
8. *Неменова П.Л., Ҷураев Ғ.Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. Фонетика, лексика –Душанбе : Дониш,1990. - 329 с.*
9. *Розенфельд А. З. Ванджские говори таджикского языка. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1964. – 115 с.*
10. *Хоркашев С. Русуми ҷашни арусӣ дар Ванҷу Дарвоз // Номаи пажӯҳишгоҳ (Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ). – 2006. - №11-12. – С.146-150.*
11. *Саидова Ҷ. С. Унсурҳои лаҳҷавӣ ва ғановати забони адабӣ (дар мисоли осори А. Самад) // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - №4 (105). – С. 13-18.*

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВОБАСТА БА РАСМУ ОИНИ ИЗДИВОҶ ДАР ЛАҲҶАИ ВАНҶ

Дар мақола сухан дар бораи он воҳидҳои фразеологие меравад, ки бо оини издивоҷ дар лаҳҷаи Ванҷ алоқамандӣ доранд. Дар таркиби луғавии ҳар лаҳҷа мисли забони адабӣ воҳидҳои фразеологӣ, таркибҳои устувор ва ҳатто калимаҳое мавҷуданд, ки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Ҳар як расму оини мардумӣ бо худ алоқаманд дорои чунин воҳидҳои забонӣ мебошад. Муаллиф маҳз ҳамин воҳидҳои забониро дар оини издивоҷ, ё маросими арусиву домодӣ бо нишон додани фарқи онҳо аз гӯйишҳои дигар қаламрави Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф дар мақола барои тасдиқи фикри худ воҳидҳои фразеологии «арӯс каран», «гапа гърфтан», «гапа нагъръфтан», «ма(ҳ)р (қалин) фармян», «лоқу пари арӯс», «мари бор», «арӯса талбидан», «пеши дегдун буран», варишӣ каран», “фотиҳа даан», «ръхсат каран», «изо даан», «дърунзъқ каран», «дъл даан», «новойист бидан», «ҷун кандан», «тани нафс бахшидан», «молу мерос», «потахсӣ даан» ва ғ.-ро ба ҳайси мисол пешкаш намуда, ҳар кадомеро аз ҷиҳати таркиб ва маъно мавриди эзоҳ қарор додааст. Аз ин рӯ, чунин қазават кардан мумкин аст, ки мақолаи мазкур барои шиносоӣ бо расму оини издивоҷи сокинони Ванҷ мусоидат карда, як қабати бонуфузи воҳидҳои фразеологии ин лаҳҷаро пешкаши илми забоншиносӣ менамояд.

Калидвожаҳо: арӯс, шоҳ, никоҳ, расму русум, ойин, фразеология, устувор, маҷоз, хешу табор, лаҳҷа, гӯйиш, пасванд, пешванд.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ СВЯЗАНЫ С РИТУАЛОМ БРАКА НА ВАНЧСКОМ ДИАЛЕКТЕ

В статье речь идет о тех фразеологических единицах, которые связаны с обрядом брака на диалекте Ванч. Как и в литературном языке, в словарном составе каждого диалекта есть

фразеологические единицы, устойчивые комбинации и даже слова, которые используются в переносном смысле. Каждый народный обычай, связанный с ним, имеет такие языковые единицы. Автор исследует именно эти языковые единицы в обрядах бракосочетания или свадебных церемониях, указывая на их отличие от других диалектов на территории Таджикистана. Для подтверждения своей точки зрения автор использовал фразеологические единицы «аурӯс каран», «гапа гръфтан», «гапа нагрофътан», «ма(х)р (калин) фармян», «локоу пари арӯс (невесты»), «мари бор», «арӯса талбиян», «пеши дегдун буран»,» вариши каран», «фотиха даан», «ръхсат каран», «изо даан», «дърунзъқ каран», «дъл даан», «новойист бидан», «ҷун кандан», «тани нафс бахшидан», «молу мерос», «потахси даан» и др. в качестве примера, комментируя каждый из них с точки зрения состава и значения.

Ключевые слова: невеста, король, брак, обычай, ритуал, фразеология, табильность, метафора, родство, диалект, диалект, суффикс, предлог.

PHRASEOLOGICAL UNITS ARE CONNECTED WITH THE MARRIAGE RITUAL IN THE VANJ DIALECT

The article deals with those phraseological units that are associated with the marriage ceremony in the Vanj dialect. As in a literary language, the vocabulary of each dialect contains phraseological units, stable combinations, and even words that are used figuratively. Every folk custom associated with it has such linguistic units. The author examines precisely these linguistic units in marriage ceremonies or wedding ceremonies, pointing out their difference from other dialects on the territory of Tajikistan. To confirm his point of view, the author used the phraseological units "aurus karan", "gapa graftan", "gapa nagroftan", "ma(x)r (kalin) farmyan", "loqu pari arus (brides"), "mari bor", "arsa talbian", "peshi degdun buran" ,"varishi karan", "fotikha daan", "rahsat Karan", "izo daan", "durunz karan", "dl daan", "novoyist Bidan", "jun kandan", "tani nafs bakhshidan", "molu meros", "potakhsi daan", etc. as an example, commenting on each of them from the point of view of the author.

Keywords: bride, king, marriage, custom, ritual, phraseology, stability, metaphor, kinship, dialect, dialect, suffix, preposition.

Дар бораи муаллиф
Раҳимова Ҳамроза Наимовна
Муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: hamroz78@mail.ru

Об авторе
Рахимова Хамроза Наимовна
Старший преподаватель кафедры
таджикского языка
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: hamroz78@mail.ru

About the author
Rahimova Hamroza Naimovna
Senior Lecturer, Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: hamroz78@mail.ru

ТДУ 809.155.0

ОМОНИМҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОЙ ВА УСЛУБИИ ОНҲО ДАР АШЪОРИ БОҚИМОНДАИ АБУШАКУРИ БАЛХӢ

Ниёзода Ш. И.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Масъалаи таҳқиқи хусусиятҳои забонию услубии осори адибони асри Х чун мушкилоти то имрӯз пурра омӯхтанашудаи забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Ба хусус нақши категорияҳои лексикологӣ, аз қабили синониму антонимҳо ва сермаъноиву омонимҳо на танҳо дар такомули таркиби луғавии забон ва ё чун воситаи ҷалби таваҷҷуҳи шунаванда муҳим аст, балки тамоми саноеи маънавию лафзии бадеӣ ҳам аз ҳамин манбаъ ғизо мегиранд. Ё ба таври дигар гӯем, санъатҳои бадеӣ дар заминаи категорияву воситаҳои забонӣ ташаккул ёфтаанд.

Ба вижа омонимҳо як қабати муҳими луғавию маъноӣ ва услубии забонро ташкил медиҳанд, ки дар адабиётшиносӣ бо истилоҳи таҷнис ҳамчун санъати лафзӣ маъруф мебошанд. Дар забоншиносии рус, бо вуҷуди гуногун будани андешаҳо оид ба пайдоиш ва моҳияти вожаҳои омонимӣ, аксарият бар онанд, ки омонимҳо калимаҳои аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба ҳам мувофиқ, шаклан якхела, ки маъноҳои онҳо ягон умумияти семантикӣ надоранд [27, с. 78]. Омилҳои ба вуҷуд омадани ин категорияи луғавиро дар забоншиносии тоҷик яке аз нахустинҳо шуда М.Муҳаммадиев тавзеҳ дода, дар ин хусус фикри ҷолиберо баён кардааст: “Аз ҷиҳати сохти фонетикӣ тасодуфан ба ҳам мутобиқат пайдо кардани калимаҳои баромад ва сайри таърихияшон гуногун маҳз ба он сабаб ба амал меояд, ки дар забон миқдори овозҳо нисбат ба калимаҳо хеле кам аст, дар сурате, ки шумораи калимаву ифодаҳо ниҳоят зиёд мебошад“ [16, с. 92], бо истилоҳоти гуногун номгузорӣ шудаанд. Луғатшинос Ҳ.Маҷидов калимаҳои бо сохти овозии худ ба ҳам баробар ва ё наздикро “калимаҳои ҳамовоз” ё “омонимҳо” номидааст [12, с. 61]. Айнан ҳамин гуна андешаро муаллифони “Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ” ҷонибдорӣ намуда, истилоҳи “омоним” ва “калимаҳои ҳамовозро ба таври мутавозӣ истифода бурда, онро калимаҳои бо сохти овозии худ баробар ё қаробатдошта маънидод кардаанд [2, с. 254]. М.Муҳаммадиев ва дигар муаллифони китоби “Лексикаи забони адабии тоҷик” калимаҳои аз ҷиҳати таркиби овозияшон якхела, ки маъноҳои ҷудогонаро ифода менамоянд. Онҳо бештар ба масъалаи шаклу талаффуз, баромад ва маънои чунин калимаҳо эътибор дода навиштаанд, ки “Баъзе калимаҳои забон дар давраи муайяни инкишофи худ ҳамин хусусиятҳоро мегиранд, ки талаффуз ва шаклашон монанд бошанд ҳам, аз ҷиҳати баромад ва маъно умумияте надоранд” [17, с. 19].

Доир ба шинохти калимаҳои омонимӣ ва полисемӣ, умумият ва тафовути онҳо байни онҳо муҳаққиқон: А.Муминов [1971, 1972], С.Сабзаев, 1979], О. Давлатов [1988; 1991], М.Муҳаммадиев, 1990], Р.Ғаффоров [1990], Ш.Кабиров [1992], Ҳ.Маҷидов [1997, 1998, 2007], Ф.Шарифова [2011], М.Саломов [2018, 2020], Ҳ.Муслимзода [2023] ва дигарон изҳори ақида кардаанд. Масалан, Р.Ғаффоров нигоштааст, ки “агар маънои нав дар калимаҳои сермаъно ба маънии аслии калимаҳо алоқаи мустаҳкам дошта бошад, пас, маъноҳое, ки калимаҳои омонимӣ фаро мегироанд, тамоман алоҳида ва мустақиланд” [3, с. 16]. Ё ин ки Ф.Шарифова мушаххастар навиштааст, ки калима агар дар полисемия аз ягон ҷиҳати семантикӣ ба ҳам наздик бошад, пас дар омонимҳо калимаҳо маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ва ӯ дуруст овардааст, ки “Ғайр аз фарқияти лексикӣ омонимҳо бояд фарқияти грамматикӣ ва калимасозӣ ҳам дошта бошанд. Дар баробари ин, қисме аз калимаҳои омонимӣ натиҷаи инкишофи калима ва сермаъноӣ мебошанд” [26, с. 117].

Истисно аз ин, маъношиносон омилҳои пайдоиши калимаҳои омонимиро натиҷаи бо ҳамдигар тасодуфан монанд шудани калимаҳои забони тоҷикӣ, шабоҳати шаклӣ пайдо кардани калимаҳои иқтибосӣ бо вожаҳои тоҷикиасл, монандии калимаҳои шевагӣ бо вожаҳои забони адабӣ ва аз ҳисоби калимаҳои сермаъно ба амал омадани зуҳуроти ҳамгунашавӣ донистаанд [Муҳаммадиев [1959], Ҷӯраев [1980], Қосимова [2003], Сулаймонов [2003], Ш.Исматуллоҳ [2007] ва диг.]. Барои муайян кардани тафовути байни ин ду категорияи луғавию маъноӣ бояд зикр намуд, ки маъноҳои калимаҳои омонимӣ мустақил буда, чун ду хати паралелӣ [мутавозӣ] ҳамдигарро дар ягон нуқта намебуранд. Вале баръакс, калимаҳои полисемӣ, ки ба онҳо умумияти маъно хос мебошад, амсоли ду хате мебошанд, ки дар ягон нуқта якдигарро мебуранд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар натиҷаи аз ҳам хеле дур рафтани маъноҳои маҷозии як калима тадриҷан зуҳуроти ба омоним гузаштани вожагони сермаъно

мушоҳида карда мешавад. Ин рӯйдоди забонӣ боис гаштааст, ки падидаи сермаъноӣ ҳамчун як омили ташаккули калимаҳои омонимӣ шинохта шавад.

Ҳ. Маҷидов омонимҳоро вобаста ба тарзи ифодаёбӣ ба ду гурӯҳ: ***омонимҳои пурра*** ва ***омонимҳои нопурра*** ҷудо карда нигоштааст, ки "Ба ҷумлаи омонимҳои пурра одатан шаклҳои асосии чунин калимаҳое дохил мешаванд, ки ба як гурӯҳи лексикию грамматикӣ мансуб буда, бо системаи парадигмавии маъноӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳамнишинии луғавиашон аз ҳам комилан фарқ мекунанд" [11, с. 60]. Аз ин ҷо бармеояд, ки омонимҳои пурра дар шаклу қиёфаи овозӣ, маънои луғавию грамматикӣ омонимҳои луғавӣ воқеъ мешаванд.

Омонимҳои пурра. Ин навъи омонимҳо ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ даз асрҳои IX-X баробари ташаккули забони дарии тоҷикӣ дар давраи нав маъмул буда, аз он яке аз ҳамасрони Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Абушакури Балхӣ хеле устодона кор гирифтааст. Дар адабиётшиносӣ омонимҳои луғавӣ як навъи таҷниси маънавиро ташкил медиҳанд. Дар ин бобат профессор Х.Шарифов чунин навиштааст: "Маънои таҷнис ҳамоҳанг, ҳамҷинс аст. Дар истилоҳи илми бадеъ калимаҳои дар шакли зоҳир монанд, ҳамҷинсро мегӯянд, ки маъноҳои мухталиф доранд. Ду калимаи ҳамҷинсро ду рукни таҷнис мегӯянд" [25, с. 288]. Масалан, вожаи ***хома*** ҳамчун омоним ва чун санъати маънавии таҷнис ба гурӯҳи лексикию грамматикии исм мансуб буда, бо маъноҳои гуногуни худ дар ду мисраи ин байти Абушакури Балхӣ бо як таркиби овозӣ дар мисраи якум ҷиҳати ифодаи маъноҳои ***хома*** - I. ***тӯдаи рег, тали рег; хома*** - II. ***қалам, килк*** [22, с. 489] дар "Офариннома" ин гуна истеъмол ёфтааст:

Нишаста ба сад хашм дар бар ***хомае****,*
Гирифта дар ангушти худ ***хомае*** [10, с. 82].

Воқеан, дар шакли овозии ин ду вожа ягон тафовуте дида намешавад ва дар айни замон онҳо ба гурӯҳи луғавию грамматикии исм тааллуқ доранд. Ё ин ки шоир дар абёти ҷудогона ду калимаи ҳамшакли ***тир***-ро ба ду маънои мухталиф: ***тир*** - I. *"абзори ҷанг, ки аз чӯб сохта, дар нӯгаш оҳан ношонда ба воситаи камон ба нишон партофта мешавад"* [22, с. 363]; ***тир*** - II. *фасли сол, ки пас аз тобистон меояд, тирамоҳ, фасли хазон* [22, с. 364] истифода бурдааст. Чунончи:

Чун расан гар зи пас омад ҳама рафтор маро,
Ба суғур монам, ки ӯ бозпас андозад ***тир*** [10, с. 61].
Бурд чахмохи ман аз хонаи ман, ҷома набурд,
Ҷома аз машраа бурданд ҳам аз аввали ***тир*** [10, с. 61].

Пӯшида нест, ки корбурди вожаҳои ҳамгун дар шеър ба таври мақсаднок бо салоҳдиди шоир ба вуқуъ меояд. Масалан, Абушакур вазъи қаҳрамони лирикиро бо истифода аз омонимҳои луғавии ***ғул*** - I. *занҷир, тавқи оҳанин, ки дар гардани зиндониён меандозанд, ишкел;* ***ғул*** - II. *махлуқи афсонавӣ, ки ба ҳар шакл даромада, одамонро бероҳа мекардааст, дев* [21, с. 656], ки мансуб ба гурӯҳи лексикию грамматикии исм мебошанд, чунин инъикос намудааст:

Гоҳе чу гӯсфандон дар ***ғул*** *ҷои ман,*
Гоҳе чу ***ғул*** *гирди биёбон давон – давон* [10, с. 64].

Ба таври мақсаднок истифода шудани омонимҳо, ки як шакли санъати таҷнис маҳсуб меёбанд, ба сабку услуби пешгирифтаи адиб ва ба пиёда сохтани ниятҳо ва ифодаи туғёни ботинии ӯ вобаста мебошад. "Яке аз вижагиҳои хоси омонимҳо дар забони осори манзум аз он иборат аст, ки шоирон онҳоро дар як байт ё мисраъ пайи ҳам меоранд, ки ин ду ҷанбаи услубӣ дорад: якум, бо пайи ҳам овардани омонимҳо хонандаро барои дарёфти маънии вожаҳои ҳамгун водор месозанд ва дуюм вақте ки калимаҳои ҳамгун пайи ҳам оварда мешаванд, овозҳои ҳамгуни онҳо барои таъмини хушоҳангӣ, нағмаи ҳуруф [алитератсия] мусоидат менамояд" [19, с. 105]. Бояд гуфт, ки корбасти калимаҳои ҳамгуна ҳамчун санъати лафзии бадеӣ ҷиҳати ифодаи такаллуф, бозии сухан, ки дар забони русӣ бо истилоҳи "каламбур" маъмул аст, низ ба таври васеъ ба кор бурда мешавад. Абушакури Балхӣ дар ин самти корбурди омонимҳо маҳорат ва қобилияти баланд доштанашро дар мисоли калимаҳои омонимии ***хор*** - I. *бутта ё гиёҳи нӯги шохчаҳояш тез; хасак*; ***хор*** - II. *залил, паст, ҳақир, забун; бадбахт, бечора* [22, с. 493] нишон додааст, ки чунин тарзи итстифодаи калимаҳои ҳамгун бо салоҳдиди шоир сурат гирифтааст. Чунончи, ба истиснои истифодаи такаллуфомези вожаҳои ҳамгун шоир дар як байт ҳафт калимаи дар таркибашон овози ***х***-доштаро моҳирона ҷо додааст:

Аз <u>бех</u> биканд ӯву маро ***<u>хор</u>*** *<u>бияндохт</u>,*
Монандаи ***<u>хор</u>****у <u>хасак</u>у* ***<u>хор</u>*** *чу <u>хоно</u>* [10, с. 58].

Дар маснавии нотамоми “Офариннома” калимаи тоҷикиасли ***оҳу*** ба ду маънои омонимӣ: I. *ҳайвони гиёҳхӯри подарози тездав*; II. *айб, нуқсон, хато* ба кор рафтааст, ки маънои аввали он маъмулу маъруф буда, маънои дувуми ин вожа дар забони адабии ҳозира роиҷ нест. Масалан:

На ҳар бор бар ту гунаҳ бигзаранд,
*На **оҳу** ҳамасола сабзӣ чарад* [10, с. 71].
*Як **оҳу**, ки аз як дурӯғ оядо,*
Ба сад рост гуфтан напироядо [10, с. 72].

Ҳамчунин, ба номи Ҳотами Той васл шуда, дар шакли Ҳотами Тойӣ мансубияти шахсеро ба сифатҳои саховатмандии ин шахси босахо ифода мекунад:

Ҳотами **Тойӣ** туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард. [1, с. 40]

Бо исмҳои моддию маънӣ омада, мансубиятро ба асосҳои калима мефаҳмонад. Дар иҷрои ин вазифа бо вожаҳои **ошиқ** ва **хок** васл мешавад.

Бо калимаи **ошиқ** васл шуда, ба ҳайси сифати нисбӣ мавсуфи вожаҳои васваса ва ғам мебошад:

Эзади мо васвасаи **ошиқӣ**
Аз ту пазирад, напазирад намоз! [1, с. 54]
Ба ту боз гардад ғами **ошиқӣ**,
Нигоро, макун ин ҳама зиштёд! [1, с. 103]
Қолаби хокӣ сӯйи **хокӣ** фиканд,
Ҷону хирад сӯйи самовот бурд. [1, с. 119]

Бо калимаҳои ифодакунандаи замону макон омада, мансубияти замонию макониро мефаҳмонад. Бо ин хусусият дар шеъри устод Рӯдакӣ бо калимаҳои саҳар (1 бор), баҳор (3 бор), ҳисор (1 бор) ва раҳ (1 бор) илҳоқ мегардад. Мисолҳо:

Бо калимаи **саҳар:**

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи **саҳарӣ** буду қатраборон буд. [1, с. 11]

Бо калимаи **баҳор:**

Гули **баҳорӣ**, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?! [1, с. 34]
Боз бад-он гаҳ ки май ба даст бигирад,
Абри **баҳорӣ** чун ӯ наборад борон.
Абри **баҳорӣ** ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама дебо ба тахту зарр ба анбон. [1, с. 17]

Бо калимаи **ҳисор:**

Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон **ҳисорие**, ки гузар дорад аз рақиб. [1, с. 20]

Бо калимаи **раҳ:**

Узри **раҳӣ** заъфу нотавонию пирӣ,
К-ӯ ба тани хеш аз ин наёмад меҳмон. [1, с. 18]

Бо сифатҳои аслӣ омада, калимаҳои нави таъкидӣ месозад. Бо сифати **тор** (торик) ду бор истифода гардидааст:

Фарр бад- ӯ ёфт мулки тираву **торӣ**,
Адн бад-ӯ гашт низ гетии вайрон. [1, с. 16]

Дар ҷойи дигар:

Абре падид нею кусуфе не,
Бигрифт моҳу гашт ҷаҳон **торӣ**. [1, с. 17]

Бо сифати **соф** як маротиба дида шуд:

Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон. [1, с. 14]

Бо сифати **осон** як маротиба ба мушоҳида расид:

Он чи бо ранҷ ёфтишу ба зуд,
Ту ба осонӣ аз газофа мадеш! [1, с. 120]

Бо калимаи **тамом** илҳоқ шуда, зарф сохтааст, ки замони иҷрои амалро ифода мекунад:

То нахӯрад шир ҳафт маҳ ба **тамомӣ**
Аз сари урдибиҳишт то буни обон. [1, с. 14]

Ба назар чунин мерасад, ки дар калимаи **гиромӣ** садоноки “ӣ” пасванди калимасоз бошад, аммо асоси калима - гиром дар фарҳангҳо чун моддаи луғавӣ дар шакли алоҳида дода нашудааст ва ба ин маънӣ вай як вожа ҳисобида мешавад:

Ҷони **гиромӣ** ба падар боздод,
Колбади тира ба модар супурд. [1, с. 119]

Бо ҳамин, метавон гуфт, ки пасванди –ӣ ҳамчун унсури муштараквазифа дар сохтани сифатҳо дар шеъри шоир истифода шуда, сифатҳои нисбӣ месозад ва нисбатан фаъол аст.

Аз исм исми нав сохтааст: одамӣ, мардӣ, ёрӣ, амирӣ, бандагӣ, ғуломӣ. Мисол:

Гар бар сари нафси худ **амирӣ, мардӣ**!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ! [1, с. 75]

Пасванди – ӣ бо сифатҳои мураккаб омада онҳоро ба исми маънӣ баргардонидааст. Мисол:

Чунон ки **хоксиштӣ**, ба зери хок шавӣ,
Эй мояи хубию некномӣ, [1, с. 75]

Сифатҳои содаи пир, хор, шод ва сифати сохтаи беандӯҳ пасванди – ӣ гирифта ба исми маънӣ табдил ёфтаанд. Мисол: хубӣ, пирӣ, хорӣ, шодӣ, беандӯҳӣ исми маъниянд. Пасванди – ӣ аз исмҳои Мурод ва Рӯдак, ки яке номи одам ва дигаре исми макон аст ва ҳарду исми хос мебошанд, исми насаб ё тахаллус сохтааст. Мисол; Муродӣ, Рӯдакӣ. Мурод аслан исми маънӣ аст.

Пасванди **–ӣ, –гӣ** дар забони тоҷикии имрӯз яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин унсури грамматикӣ аз форсии миёна сарчашма дорад ва чун «йо» -и масдарӣ ба қалам дода мешавад. Истифодаи ин пасвандҳо бо хусусиятҳои номбаршуда дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва форсӣ аз тарафи муҳаққиқони соҳа зикр гардидаанд. Дар осори мутахассисон роҳи калимасозӣ ва қолибҳое, ки бо пасванди – ӣ дар забонҳои мазкур мавҷуданд, пурра омӯхта шуда, моҳияти ин унсури грамматикӣ муайян гаштааст. Калимаҳои мураккабе, ки бо пасванди **- ӣ** дар ашъори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода шудааст: **ҷуфткамонӣ, шоҳаншоҳӣ, хушдилӣ,чобӯккадамӣ, чиразабонӣ, кинагузорӣ, диндорӣ, латифадонӣ, раҳгурезӣ.** Дар мисоли дигар пасванди – ӣ аз сифат исм сохта аст. Дар мисраи “Шояд, ки марди пир бад ин гаҳ шавад ҷавон” калимаи **пир** сифат аст. Вақте ки шикоят аз **пирӣ** мегӯем ба воситаи пасванди **– ӣ,** сифат ба исм бармегардад. Исмҳои содаи одам, ғулом бо пасванди **– ӣ** ба исми маънӣ баргаштаанд: **одамӣ, ғуломӣ**.

Ту Рӯдакӣ ба **ғуломӣ** қабул агар бикунӣ,
Ба **бандагӣ** написандад ҳазор Дороро. [1, с. 24]

Ба сифати асоси калимасозӣ воҳидҳои луғавии исмӣ ва сифатӣ иштирок кардаанд. Калимаҳои сохташуда ба аломату ҳолат ва мансубият далолат мекунанд, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба гузашти ҳазор сол ин ҳолат боқӣ мондааст.

Ҳам ба ҳар гаҳ **дӯстӣ** ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман. [1, с. 118]
Дило, то кай ҳамеҷӯйӣ маниро,
Чӣ дорӣ дӯст ҳарза **душмани**ро?! [1, с. 23]
Андар балои сахт падид оранд
Фазлу бузургмардию **солорӣ**! [1, с. 37]

Аз мисолҳои номбурда маълум мешавад, ки пасванди **-ӣ** на танҳо дар ташаккули исмҳои сохта, балки дар сохтани калимаи мураккаби **бузургмардӣ** ҳам нақш дорад. Дар зинаи аввали калимасозӣ ин лексема дар қолабӣ сифат+исм калимаи **бузургмард** ва дар зинаи дуюм аз ин калима воҳиди луғавии **бузургмардӣ** ба вуҷуд омадааст. Ин ҳолат дар калимаи **покнажодӣ** ҳам дида мешавад, ки аввал вожаи мураккаби **покнажод** ва баъдан аз ин асос бо пасванди **-ӣ** калимаи **покнажодӣ** сохта шудааст.

Мисол:

Покии ахлоқи ӯю **покнажодӣ,**
Бо нияти неку бо макорими эҳсон. [1, с. 16]

Ҳамчунин, пасванди -ӣ дар абёти боло барои сохтани шалкҳои феълӣ мусоидат кардааст. Ба ин маънӣ, дар калимаҳои **ҳамеҷӯйӣ, дорӣ, бикунӣ** барои сохтани шахси дуюми шумораи танҳо мусоидат кардааст. Дар вожаи **амирӣ** феъли **ҳаст** ба ҳодисаи эллипсис дучор шуда, аз феъли таркибии **амир ҳастӣ** шакли ихтисории **амирӣ** боқӣ мондааст, ки дар ташаккули он нақши пасванди **-ӣ** дида мешавад. Ин ҳолат дар шеъри устод Рӯдакӣ зиёд ба назар мерасад:

Бо сад ҳазор мардум **танҳоӣ**,
Бе сад ҳазор мардум **танҳоӣ**. [1, с. 114]
Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо баччагон,
Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро! [1, с. 49]
Узри **раҳӣ** заъфу нотавонию пирӣ,
К-ӯ ба тани хеш аз ин наёмад меҳмон. [1, с. 18]

Дар мисраи "Ҳам сухан б-**оҳистагӣ** гӯям-ш ман" зарфи тарзи амал сохтани алломорфи -гӣ равшан ҳувайдост. Ҳамин гуна ҳолат дар калимаи беҳтарӣ дар байти зерин мушоҳида мешавад:

Эзад ҳаргиз даре набандад бар ту,
То садди дигар ба **беҳтарӣ** накшояд. [1, с. 68]

Аз исмҳои макон ва замон мансубиятро ба асосҳои калимаҳо далолат мекунад: **мисрӣ, ҳисорӣ, дӯзахӣ, зиндонӣ, рӯзӣ.** Мисолҳо дар шеъри шоир:

Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чун дасти занони **мисри**ён кард дилам. [1, с. 95]
Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон **ҳисори**е, ки гузар дорад аз рақиб. [1, с. 20]
Алқисса, ки аз бими азоби ҳичрон
Дар оташи рашкам дигар аз **дӯзахи**ён. [1, с. 74]
Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру **зиндонӣ**! [1, с. 52]
Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хуйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки Эзадаш ин ҳар чаҳор **рӯзӣ** кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахурад. [1, с. 56]

Аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки ҳолатро ифода мекунанд: **огаҳӣ, дастурӣ, пушаймонӣ, пирӯзӣ.** Намунаҳо аз осори шоир:

Касе, ки **огаҳӣ** аз завқи ишқи ҷонон ёфт,
Зи хеш, ҳайф бувад, гар даме бувад огоҳ. [1, с. 33]
Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, **пирӯзӣ** он ҷост. [1, с. 66]

Калимаи дастур дар ФТЗТ (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ 996. -446с) чор маъно дорад, ки маънои чорумаш ба мазмуни шеъри шоир мувофиқ аст, ки чунин аст: "4. *таър.* вазир, вазири соҳибмаснад". Дар шеъри шоир:

В-ар на маро Буумар диловар кардӣ,
В-он гаҳ **дастурии** гузидаи Аднон. [1, с. 18]
Нахостам зи таманно, магар ки **дастурӣ,**
Наёфтам зи атоҳо, магар **пушаймонӣ**! [1, с. 52]

Аз калимаи **ҷин**, ки ҷамъи он аҷина буда, махлуқест дар тасаввури одамон калимаи **ҷиннӣ** сохтааст, ки ба маъни гирифтори беморие фаҳмида мешавад. Мисолҳо аз шеъри шоир:

В-арчи дусад тобиъа фаришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч **ҷинни**ю шайтон. [1, с. 18]

Аз **асосҳои феълии ҳасту нест** калимаҳои **ҳастӣ, нестӣ** сохтааст, ки ба маънои ҳолат далолат мекунад. Мисолҳо дар шеъри шоир:

Агар май **нестӣ**, яксар ҳама дилҳо хароб астӣ,
Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шароб астӣ. [1, с. 26]
То кай гӯйӣ, ки аҳли гетӣ
Дар **ҳастию нестӣ** лаиманд? [1, с. 39]

Аз **сифат исм сохтааст,** ки ба ҳолатҳои гуногун ишора мекунанд. Аз ҷумла: Ба ҳолати хушии инсон: **шодӣ, хубӣ, хушӣ, ободӣ, фузунӣ.** Мисолҳо аз ашъори шоир:

Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро нагӯй, к-аз чӣ шудаст **шодӣ** сук! [1, с. 60]
Чунон ки **хуби**и меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд. [1, с. 11]
Ба покӣ, гӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,
Ба **хушӣ**, гӯйӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ . [1, с. 26]

Ба ҳолати нохушию ногувории инсон: **тирагӣ, заъифӣ, сахтӣ, зорӣ, хорӣ, бадӣ, душворӣ, вайронӣ.** Мисолҳо аз шеъри шоир:

Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,
То бишавад **тирагиш**у гардад рахшон. [1, с. 14]
В-ар-м **заъфи**ю бебудӣ-м набудӣ,
В-он-к набуд аз амири Машриқ фармон. [1, с. 18]
Қасам бар он дили оҳан хурам, ки аз **сахтӣ**,
Ҳазор тарҳ ниҳодаст санги хороро. [1, с. 24]
Зории зеру ин мадор шигифт,
Гар зи дашт-андар оварад нахчир. [1, с. 38]
Гар хор кунад меҳтар, **хорӣ** накунад айб,
Чун боз навозад, шавад он доғи ҷафо сард. [1, с. 63]
Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд **бадӣ** нест фаромушт. [1, с. 41]
Вайронии худ мангару **ободи**и даҳр,
Вайронии даҳр бину обод бизӣ! [1, с. 82]

Ҳолати айёми зиндагии шахсро далолат мекунад: **ҷавонӣ, пирӣ**. Мисолҳо дар шеъри шоир:

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,
Бар ҳусну **ҷавони**ят дили нарм надошт. [1, с. 86]
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,
Ман мӯй аз мусибати **пирӣ** кунам сиёҳ. [1, с. 50]

Аломату хусусияти чизеро ном мебаранд: бузургӣ, покӣ, баландӣ, хазонӣ, талхӣ, ободӣ, вайронӣ, пинҳонӣ, ниҳонӣ, тезӣ. Мисолҳо аз ашъори шоир:

Киро **бузурги**ю неъмат зи ину он будӣ,
Варо **бузурги**ю неъмат зи Оли Сомон буд. [1, с. 12]
Ба **покӣ**, гӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,
Ба хушшӣ, гӯйӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ. [1, с. 26]
Сар-ш расида ба моҳ - бар ба **баландӣ**,
В-они муъодӣ ба зери моҳӣ пинҳон! [1, с. 19]
Бад-ин ошкорат бибин ошкор,
Ниҳонӣ-тро бар **ниҳонӣ** гумор!
Ҳеч **шодӣ** нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон!
Ҳеч **талхӣ** нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар! [1, с. 116]
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин. [1, с. 72]

Ҳолати руҳии шахсро мефаҳмонанд: некуӣ, бахилӣ. Мисолҳо аз ашъори шоир:

Ҳама ниюшаи хоҷа ба **некуию** ба сулҳ аст,
Ҳама ниюшаи нодон ба ҷангу фитнаву ғавғост. [1, с. 115]
Туӣ, ки ҷавру **бахилӣ** ба ту гирифт нишеб,
Чунонки доду саховат ба ту гирифт фароз! [1, с. 70]

Пасванди -ӣ аз калимаҳои сохтаи сифатии **нотавон, бедодгар, ҳамвор, душвор** ва зарфи **ҳамеша** калимаҳои нави **нотавонӣ, бедодгарӣ, ҳамворӣ, душворӣ** ва **ҳамешагӣ** сохтааст, ки дар осори устод Рӯдакӣ во мехӯранд ва мисли вожаҳои боло ҳолат ва вазъиятро мефаҳмонанд. Мисолҳо аз шеъри шоир:

Узри раҳӣ заъфу **нотавони**ю пирӣ,
К-ӯ ба тани хеш аз ин наёмад меҳмон. [1, с. 18]
Дил сер нагардадат зи **бедодгарӣ**,
Чашм об нагардадат, чу дар ман нигарӣ. [1, с. 36]
Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро,
Гетист, кай пазирад **ҳамворӣ**?! [1, с. 37]
Аз баҳри он куҷо набарам номаш,
Тарсам, расад-т андуҳу **душворӣ!** [1,37]
Ба сарои сипанҷ меҳмонро
Дил ниҳодан **ҳамешагӣ** на равост [1, с. 53].

Хулоса, натиҷаи таҳлилҳо чунин нишон дод, ки пасванди -ӣ , -гӣ яке аз унсурҳои грамматикии сермаҳсули калимасозӣ дар осори устод Рӯдакӣ ба шумор рафта, аз асосҳои исму сифат ва феъл исмҳое сохтааст, ки ифодакунандаи ҳолату вазъият мебошанд.Дар луғати устод Айнӣ на танҳо калимаҳои забони адабӣ, балки вожаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ низ

оварда шудаанд ва метавон гуфт, ки вазъи имрӯзаи истифодаи пасванди мазкурро пурра мунъакис мекунад. Дар мисоли пасванди -ӣ метавон гуфт, ки дар тули беш аз ҳазор сол баъд аз замони Рӯдакӣ хеле равнақ ёфтааст. Ш. Кабиров [14] доир ба ҳамнишинии унсурҳои забонӣ дар занҷираи гуфтор таҳқиқот анҷом дода, перомуни пасвандҳои калимасоз аз давраи бостон то имрӯз маълумот дода, аз ҷумла, дар қатори онҳо ба пасванди –ӣ ҳам андешаи илмӣ баён кардааст: “дар забони форсии миёна морфемаҳои **-ih, -išn** ва **-āy** роиҷ буда, бо асосҳои гуногуни ҳиссаҳои номӣ ва чанде аз асосҳои феълӣ ҳамнишин шуда, исми маънӣ сохтаанд: **šāhih** (шоҳӣ), **sarih** (сарварӣ), **wadih** (бадӣ). Бо ҳамин хусусият дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истифода мешавад ва фарқи асосӣ дар он аст, ки бо пешравии ҳаёти ҷомеа ва сохташавии калимаҳои нав доираи корбурди ин пасванд дар сохтани калимаҳои навбунёд зиёд ба назар мерасад ва басомади калимаҳои сохта дар забони адабии имрӯз ва лаҳҷаҳои забонамон нисбат ба осори Рӯдакӣ бештар аст. Агар дар осори устод Рӯдакӣ калимаҳои ин гурӯҳ наздик ба 60 бошад, дар “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ ба маротиб зиёд аст. Таҳқиқи роҳҳои калимасозии осори Рӯдакӣ муайян менамояд, ки қолибҳои калимасозии он замон ба мурури замон тавонистаанд сайқал ёбанд ва бо калимаҳои зиёде мукаммалтар шаванд ва ё баръакс бо чанд калимае бемаҳсул боқӣ монанд. Инъикоси ин нуқтаи муҳимми илмӣ дар осори илмию таълимии муосир аҳаммияти калони таълимию тарбиявӣ дорад. Баррасии таркиби луғавии осори устод Рӯдакӣ барҳақ гувоҳи он аст, ки фонди асосии луғавии забон камтар, аммо таркиби луғавии забон метавонад хеле зиёд ба таҳаввулот гирифтор шавад. Ин аст, ки таҳқиқи осори гузаштагонамон, раванди такмили қабатҳои луғавиро нишон дода, барои муайян намудани таҳаввулоти таркиби луғавӣ дар марҳилаҳои гуногун мусоидат мекунад. Дар забони адабии тоҷикӣ барои сохтани исмҳои маънӣ ва дар шеваҳои забони тоҷикӣ на танҳо барои сохтани исмҳои маънӣ, балки дар ташаккули исмҳои моддӣ низ мустаъмал аст. Бо ҳамин хусусият дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истифода мешавад ва фарқи асосӣ дар он аст, ки бо пешравии ҳаёти ҷомеа ва сохташавии калимаҳои нав доираи корбурди ин пасванд дар сохтани калимаҳои навбунёд зиёд ба назар мерасад ва басомади калимаҳои сохта дар забони адабии имрӯз ва лаҳҷаҳои забонамон нисбат ба осори Рӯдакӣ бештар аст, ки муқоиса ва таҳлилҳои овардаи мо гувоҳи ҳамин маънӣ аст.

Адабиёт

1. *Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2007. – 415 с.*
2. *Айнӣ С. Устод Рӯдакӣ / С.Айнӣ // Куллиёт. – Душанбе: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1963. - Ҷ.11, К.1, 129-154 с.*
3. *Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2003. - 304 с.*
4. *Зайниддинова З. Маълумотҳо шеваҳои ҷанубӣ. Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1977. - 162 с.*
5. *Камолиддинов Б, Рустамов, Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ 3. – Душанбе: Дониш, 1989. – 215 с.*
6. *Қосимова М. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе, 2011. - 566 с.*
7. *Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / М. Н. Қосимова. – Душанбе: Сино, 2003. – 490 с.*
8. *Маҳмудов М., Раҳматуллозода С. Китобномаи адабиёти шевашиносӣ / М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода. - Душанбе: Маориф, 2020. – 140 с.*
9. *Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С. Назарзода. - Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – 367 с.*
10. *Маҳмадҷонов О., Шоев Р. Забони адабии муосири тоҷик. (Бахши лексикология) – Душанбе, 2016. – 124 с.*
11. *Раҳматуллозода С. Таҳқиқи лингвистии морфемаи грамматикӣ / С. Раҳматуллозода. Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. - 50 с.*
12. *Расторгуева В. С., Керимова А. А. и др. Гилиянский язык / В. С. Расторгуева А. А. Керимова. М.: Наука, 1971. – 320 с.*
13. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 996 с.*
14. *Кабиров Ш. Равобит ва ҳамнишинии воҳидҳои забон дар занҷираи гуфтор / Ш. Кабиров. – Душанбе: МДМТ, 2022. - 320 с.*

КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДҲОИ –Й, –ГӢ ДАР НАЗМИ УСТОД РӮДАКӢ

Бо мақсади муайян сохтани нақши пасояндҳо дар калимасозӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ то ҳадди имкон роҳи таърихи тайкардаи пасояндҳо нишон дода шуда, қолибҳои калимасозии вожаҳои мураккаб мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бояд қайд кард, ки аввалин қадамҳо дар сатҳи забони адабии меъёр ва сохтани калимаҳо тавассути қолибҳои калимасозӣ ба устод Рӯдакӣ иртибот дорад.

Муайян сохтани роҳҳои калимасозии забони устод Рӯдакӣ аз масоили мубрами илмӣ ба шумор меравад. Дар шеъри устод Рӯдакӣ бо пасояндҳо сохтани калима хеле фаъол буда, бисёр мушоҳида карда мешавад. Ин пасояндҳо дар феъли замони гузашта омада сифати феълӣ сохтаанд. Мо як қатор калимаҳоро бо пасояндҳои -ӣ, -гӣ дар назми устод Рӯдакӣ мавриди назар карда, муқоиса ва таҳқиқ кардем. Пасояндҳои -ӣ, - гӣ шаклсоз буда ба калима маънӣ ва тобишу оҳанг додааст.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, Рӯдакӣ, вандҳои калимасоз, сифати феълӣ, қолибҳои калимасозӣ.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СУФФИКСОВ –И, -ГИ В СТИХОТВОРЕНИИ РУДАКИ

С целью определения роли послелогов в словообразовании в произведениях Рудаки, по возможности, был показан исторический путь, пройденный послелогами, и были рассмотрены словообразовательные модели сложных слов. Следует отметить, что первые шаги на уровне нормативного литературного языка и словообразования посредством словообразовательных шаблонов связаны с Рудаки. Определение способов словообразования языка мастера Рудаки является одной из важнейших научных проблем. Чтобы определить роль суффиксов в словообразовании в стихотворениях Рудаки, был максимально показан исторический путь суффиксов, а также рассмотрены закономерности словообразования сложных слов. Словообразование с суффиксами происходит очень активно, и его немало можно увидеть в стихотворении Рудаки. Эти суффиксы образуют причастие настоящего времени в прошедшем времени единственного числа. Мы обсудили ряд слов с этими суффиксами в основном стихотворении. Суффикс -и, -ги является формирующим и придает слову значение и тон.

Ключевые слова: таджикский язык, Рудаки, вспомогательные суффиксы, причастие, словообразовательные модели.

WORLD BUILDING CHARACTERISTIC OF SUFFIXES -I, -GI IN THE POEM OF RUDAKI

In order to determine the role of postpositions in word formation in Rudaki's works, the historical path of postpositions was shown, as far as possible, and the word-formation models of compound words were examined. It should be noted that the first steps at the level of standard literary language and word formation through word formation templates are related to Rudaki. Determining ways of wording the language of Rudaki is one of the most important scientific issues. In order to determine the role of verbs in word formation in the poems of Rudaki, the historical path of verbs was shown as much as possible, and the patterns of word formation of complex words were discussed. The creation of words with suffixes is very active and can be seen a lot in the poem of Rudaki. These suffixes form the present participle in the past tense of the third person singular. We have discussed a number of words with these suffixes in the master poem. The suffix -i, -gi s the shaper and gives the word meaning and tone.

Keywords: Tajik language, Rudaki, word-forming suffix, participle, word formation patterns.

Дар бораи муаллиф
Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек
Номзади илмҳои филологӣ, мудири редаксияи маҷаллаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ"
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: jurabekzoda.fotima@mail.ru

Об авторе
Джурабекзода Фотима Джурабек
Кандидат филологических наук, заведующий редакцией журнала "Вестник педагогического университета"
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jurabekzoda.fotima@mail.ru

About the author
Jurabekzoda Fatima Jurabek
Candidate of philological sciences, manager of the "Herald of the Pedagogical University"
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: jurabekzoda.fotima@mail.ru

УДК 8.09.155.0+804.0

ПОДЧИНИТЕЛЬНЫЕ СОЮЗЫ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ: КЛАССИФИКАЦИЯ, ФУНКЦИИ И СИНТАКСИЧЕСКАЯ РЕАЛИЗАЦИЯ

Ганиева М. А.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Первая академически обоснованная классификация подчинительных союзов современного таджикского языка представлена в труде «Забони адабии ҳозираи тоҷик» [9], где данные союзы систематизированы в девять групп на основании их лексико-семантических характеристик. В последующие десятилетия, особенно в 60 – 70-е годы, благодаря накоплению обширного материала по изучаемой проблеме, значительно возросло количество исследований, посвящённых различным аспектам морфологии и синтаксиса, включая исследование частей речи. Опираясь на результаты фундаментальных исследований и обоснованные теоретические выводы по различным аспектам морфологии и синтаксиса в таджикском языкознании, постепенно сформировались нормативные положения грамматики и орфографии таджикского литературного языка. Подробный анализ указанных аспектов, включая союзы, представлен в трёхтомной монографии «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [7]. В данном фундаментальном исследовании союзы были классифицированы на 11 лексико-семантических групп, что существенно отличается от прежней классификационной схемы.

В таджиковедении к проблеме подчинительных союзов первыми проявили интерес такие известные лингвисты, как С. Ализода [Ализода, 1926], Н. Бозидов [Бозидов, 1985], Л. Бузургзода [Бузургзода, 1941], Н. Маъсуми [Маъсуми, 1957], Р. Набиева [Набиева, 1957] и Ш. Ниёзи [Ниёзи, 1952].

В 1926 году выдающийся таджикский лингвист С. Ализода выпустил первый учебник по грамматике таджикского языка под названием «Сарфу наҳви тоҷикӣ» («Таджикская грамматика») [Ализода, 1926]. В данной ключевой работе, помимо других частей речи, С. Ализода в главе 9 уделяет особое внимание признакам, функциям и структурным особенностям союзов. В представленной работе исследователь не классифицирует союзы на сочинительные и подчинительные, а представляет перечень наиболее распространённых из них, такие как: ки, то, чунон ки, ҳамчунин, зеро, зеро ки, агар, агарчи, вақте ки, ҳангоме ки и т.д.

В таджикской лингвистике вопрос подчинительных союзов впервые был всесторонне рассмотрен Л. Бузургзода и Б. Ниёзмухаммадовым в их фундаментальном труде «Морфологияи забони тоҷикӣ» [Бузургзода, Ниёзмухаммадов, 1946], в котором представлены сведения обо всех частях речи таджикского языка, включая союзы. В 60-е годы была создана грамматика таджикского языка, в которой представлена более подробная информация о разных частях речи, особенно о подчинительных союзах. В этом периоде также была издана грамматика таджикского языка, в которой подчинительные союзы систематизированы по группам и всесторонне охарактеризованы с позиции их семантических и структурных особенностей [Грамматикаи забони адабии тоҷикӣ, 1963].

В статье Н. Масуми «О разделении состава сложных предложений» содержится информация о подчинительных союзах таджикского языка, которая впоследствии была использована в качестве источника при разработке раздела о союзах в «Грамматике таджикского языка» [Масуми, 1957].

В научной статье «Союзные сложноподчиненные предложения» Р. Набиева осуществляет классификацию подчинительных союзов таджикского языка на условной основе [Набиева, 1957]. В исследовании «Союзы в современном таджикском литературном языке» таджикский лингвист Н. Бозидов, анализируя актуальные проблемы современного таджикского языка, даёт всестороннюю характеристику подчинительных союзов и впервые выдвигает идею о целесообразности их рассмотрения в качестве самостоятельной части речи, обладающей собственными параметрами и категориями [Бозидов:1985]. Вопросы, связанные с подчинительными союзами таджикского языка, находят отражение также в ряде научных исследований, в частности в работах В. Абдулазизова (1993, 1995), Р.А. Мансура (2013), М. Шахобовой (1985) и других. В настоящее время синтаксическая система современного таджикского языка разрабатывается с опорой на актуальные достижения лингвистической теории и предполагает определённую концептуализацию союзов в целом,

включая подчинительные конструкции. В таджикской грамматической науке формулируется углублённый подход к средствам грамматической связи в сложноподчинённых предложениях, с особым акцентом на союзы, интерпретируемые в данном контексте следующим образом: «Союзы являются самым главным средством синтаксической связи компонентов сложноподчиненных предложений и выражают их различные отношения» [8, с.5].

Союзы отличаются в языке своей специфической функцией: выступают в качестве грамматических маркеров, которые обеспечивают связь и структурирование в сочетании с лексически значимыми словами, словосочетаниями или предложениями. Союзы, представляют собой средства выражения синтаксической связи между знаменательными словами в структуре высказывания. Союз характеризуется наличием как грамматического, так и лексического значения. Лексическое значение связующих служебных слов, таких как союзы, представляет собой ментальное отражение объективно существующих отношений между предметами, явлениями или процессами, которые выражаются посредством данных служебных единиц языка. В этом отношении лексическое значение союза обладает равной самостоятельностью и значимостью, что и лексическое значение знаменательного слова. Тем не менее, отношение, которое обозначается посредством союзов, ввиду своей специфической сущности не обладает самостоятельным бытием вне тех предметов, явлений или отношений действительности, между которыми оно возникает; напротив, оно выступает как неотъемлемый признак этих предметов, явлений или отношений, в то время как сами обозначаемые знаменательными словами предметы, явления или отношения способны существовать автономно и независимо друг от друга. Поэтому лексическое значение союза выявляется исключительно в контексте его сочетания с знаменательными лексемами, словосочетаниями или предложениями, в которых данный союз функционирует. Определение лексического значения союза основывается на анализе семантических отношений между знаменательными элементами речи, соединяемыми посредством данного союза. Лексическое значение знаменательного слова может быть определено независимо от его контекста и сочетания с другими словами в предложении. В этом смысле лексическое значение знаменательного слова обладает самостоятельностью. В противоположность этому, лексическое значение союза является несамостоятельным, так как не может быть выявлено вне его синтаксической связи с другими элементами высказывания. С другой стороны, поскольку отношение, выражаемое союзом, представляет собой отношение между объектами, обозначаемыми знаменательными словами, которые соединяются посредством данного союза, данное отношение вмещает в себя также связь между самими знаменательными словами, что и определяет грамматическое значение как таковое. Следовательно, соответствующее отношение по своему содержательному характеру представляет собой грамматическое значение сочетания слов, в структуре которого реализуется данный союз, осуществляющий синтаксическую связь между его компонентами.

Таким образом, специфика лексического значения союза, в отличие от лексического значения знаменательного слова, состоит в том, что оно по своему семантическому содержанию, но не по формальному выражению, коррелирует с грамматическим значением той синтаксической конструкции, в состав которой данный союз входит в предложении. Именно лексическое значение союза, выступающего в роли связующего служебного элемента, предопределяет его основную синтаксическую функцию - обеспечение структурной и смысловой связи между знаменательными словами, словосочетаниями или целыми предложениями. Данная функция служит основанием для отнесения союзов к разряду служебных слов. Грамматическое значение союза формируется посредством его функциональной роли в предложении. Грамматическое значение союза, подобно значению знаменательного слова, представляет собой отражение определённого явления или отношения в действительности и обеспечивает связь этого союза с теми знаменательными словами, которые он соединяет в предложении. Поэтому грамматическое значение союза проявляется не в самом союзе, а в тех способах, которые помогают связать части речи. К таким способам относятся изменение слов и их сочетание в предложении. Т. е. грамматическое значение союза определяется не самим союзом как единицей, а теми языковыми средствами, которые обеспечивают связность высказывания. К таким средствам относятся, в частности, морфологические изменения слов и их синтаксические комбинации. Основным структурным признаком, который различает сложноподчинённые предложения с вводимым союзом, является данный союз. Подчинительная связь представляет собой тип синтаксической связи, при котором соединяемые элементы выполняют разные

синтаксические функции: один из них является главным, а другой - зависимым, находясь в структурной и смысловой зависимости от первого.

В академической грамматике таджикского языка подчинительные союзы подразделяются в соответствии с их значением и функциональной ролью на две основные категории: 1) синтаксические союзы и 2) семантические союзы [8, с.12].

В группу синтаксических союзов включён исключительно один универсальный союз - ки. Семантические союзы подразделяются на следующие группы: 1) Пайвандакҳои замон / союзы времени: ки, вақте ки / вақто ки, баъд аз он ки, пеш аз он ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, ҳар вақт ки, аз бозе ки, то даме ки, ҳар бор ки, кай ки, ҳоло ки, чун.

2. Пайвандакҳои макон/ союзы места: ҷое ки, ба ҷое ки, дар ҷое ки, аз ҷое ки, то ҷое ки, дар қуҷо ки, ҳар ҷо ки.

3. Пайвандакҳои тарз / союзы образа действия: дар ҳолате ки, бе он ки, баҳолате ки, бе ин ки, чунон ки.

4. Пайвандакҳои сабаб / причинные союзы: ки, зеро, зеро ки, чунки, азбаски, модом ки, чаро ки, ба сабаби он ки, аз сабаби он ки, аз тарси ин ки, ба шарофати он ки, ба риояи он ки, ба умеди ин ки, бо он ки, дар асоси он ки, аз ваҷҳи ин ки, дар натиҷаи он ки.

5. Пайвандакҳои мақсад / союзы цели:ки, то ки, то ин ки, барои он ки, аз хавфи он ки, ба умеди ин (он) ки, ба хаёли ин (он) ки, дар орзуи ое ки, ба майли он ки.

6. Пайвандакҳои монандӣ / союзы сравнения: монанди он ки, монанди ин ки, мисли он ки, чунон ки, гӯё ки.

7. Пайвандакҳои шарт / союзы условия: агар (в поэзии используются в форме ар, гар, агар ки, гар ки, ба шарте ки, дар сурате ки).

8. Пайвандакҳои хилофӣ / уступительные союзы: бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки, ҳол он ки.

9. Пайвандакҳои миқдору дараҷа /союзы меры и степени: ба андозае ки, ба қадре ки, ба дараҷае ки, ба тарзе ки, ба ҳадде ки, ба тавре ки и др

10. Пайвандакҳои объектӣ / объектные союзы: дар бораи ин (он ки,дар хусуси ин (он) ки, аз он ки.

11. Пайвандакҳои ҳамроҳӣ / сопутствующие (дополнительные) союзы: аз ин (он) ки, ба ғайр аз ин (он) ки, бар болои ин ки, ба замми ин (он) ки. Рассмотрим вышеназванные союзы в составе сложноподчиненных предложений:

1) Вақте ки ман ҳамин хислати мунофиқонаи ӯро фаҳмидам, худро аз вай дур кашидам [2, с.194]. **Данное сложноподчинённое предложение**, состоит из главного предложения и п**ридаточное времени** который вводится союзом *«Вақте ки»*. Этот союз объясняет, **когда** произошло действие в главном. В рассматриваемом предложении можно выделить следующие **синтаксические** и **семантические отношения**, которые связывают части предложения и слова между собой. **1) Согласование: ман фаҳмидам**, **кашидам** - глаголы согласованы с подлежащим «ман» по лицу и числу (1 лицо, ед. число). 2. **Временная зависимость:** Придаточное времени определяет **время совершения действия** в главном: Когда произошло действие «дур кашидам»? - после того, как **фаҳмидам**. 3**. Причинно-следственная связь**: хотя формально придаточное временное, **по смыслу** оно несёт **причинный оттенок**: Я отстранился **потому что** понял лицемерную суть.

2) Дар ҷойе ки зулму ситам ҳаст, он ҷо хароб мешавад [2, с.111]. - **Главное предложение**: «он ҷо хароб мешавад» и п**ридаточное места**: «Дар ҷойе ки зулму ситам ҳаст». Выделяются следующие синтаксические и семантические отношения:**1) Сложноподчинённая связь** выражается с помощью составного союза «Дар ҷойе ки». **2) Согласование подлежащего и сказуемого**: Подлежащее в главном предложении - **«он ҷо»** (то место)**;** сказуемое - **«хароб мешавад»** (разрушается), глагол в настоящем времени, 3 лицо ед. числа. **Семантические отношения выражаются в виде: 1) Причинно-следственная связь** (по смыслу): **Причина**: наличие зулма (угнетения) и ситама (жестокости). **Следствие**: разрушение (хароб шудан). **2) Пространственная корреляция**: Использование «дар ҷойе» и «он ҷо» указывает на **пространственную семантику**: в том же месте, где происходит одно явление, случается и другое. Таким образом, это предложение грамматически является **сложноподчинённым**, с придаточным места. Семантически же оно выражает **глубокую причинно-следственную и нравственную идею**: угнетение ведёт к разрушению.

3) Дар муқобили харгургон “рӯбоҳон” ҳам ҳастанд, ки бе он ки бо онҳо ҷангу ҷидол кунанд, роҳи бо онҳо мубориза бурданро медонанд... [2, с.400]. В данном примере выделяются следующие с**интаксические отношения:1) Главное предложение:** «Дар муқобили харгургон “рӯбоҳон” ҳам ҳастанд». 2) **Придаточное определительное предложение:** «...ки бе он ки бо онҳо ҷангу ҷидол кунанд, роҳи бо онҳо мубориза бурданро

медонанд» - Определяет слово **«рӯбоҳон»**, раскрывая, кто они такие и чем отличаются. **3) Вложенное придаточное уступительное:** «бе он ки бо онҳо ҷангу ҷидол кунанд» - Уточнение в придаточном, поясняет способ действия, образ действия. **Синтаксическая связь - подчинительная связь выраженное союзом «бе он ки». Семантические отношения: 1) Противопоставление:** «Дар муқобили харгургон... рӯбоҳон ҳам ҳастанд». Семантическое противопоставление: харгургон = агрессоры / сила; рӯбоҳон = хитрость / стратегия. - Это контраст между двумя типами поведения или личностей. **2) Образ действия, уступка** - «бе он ки бо онҳо ҷангу ҷидол кунанд» -семантическая уступка: **даже не вступая в прямой конфликт**, они находят способ бороться.

4) Агар ин ҳодиса, ба андозае ки ман мепиндорам, ба ӯ гарон омада бошад ҳам, шояд фақат ӯро монанди пештара «дилмурда» кунад ... [2, с.837]. – **Синтаксические отношения данного примера: главное предложение:** *«шояд фақат ӯро монанди пештара „дилмурда“ кунад»,* **придаточное условное предложение:** *«Агар ин ҳодиса ... ба ӯ гарон омада бошад ҳам»*. Это условие, при котором осуществляется действие главного предложения, **вставная конструкция (вводное предложение)** - *«ба андозае ки ман мепиндорам»* - это вводное уточнение, выражающее степень уверенности говорящего, встроенное внутрь условного придаточного. **Следующие семантические отношения (значение и смысловые связи): 1) Условие – Следствие:** «Агар … бошад ҳам» - «шояд … кунад» - Несмотря на то, что событие может быть тяжёлым для него, возможно, это приведёт лишь к прежней реакции - «дилмурда» (подавленное состояние). **2) Ограниченность следствия:** *«шояд фақат ... кунад»* - выражает ограниченность воздействия события (только приведёт к прежнему состоянию, не более того). 3) **Модальность и субъективность:** *«ба андозае ки ман мепиндорам»* - автор подчёркивает субъективный взгляд, степень тяжести события по его собственному восприятию.

5) Раҳими Қанд баъзан чизҳои ба хаёлаш омадаро ҳам, монанди он ки худ карда бошад ё дида бошад, бо боварии тамом ҳикоя мекард” [1, с. 26]. – Синтаксический анализ: Главное предложение с придаточным сравнения связываются с помощью союза «монанди он ки». Семантические отношения: 1) Сравнительные отношения: Сравнение фантазии с реальностью: монанди он ки худ карда бошад ё дида бошад - «как будто сам сделал или видел» (сравнение мнимого с реальным опытом). 2) **Причинно-следственные отношения (имплицитные)**: Он рассказывал **с уверенностью**, потому что **сам верил** в эти образы или представления (хотя они могли быть фантазией). 3) **Модальность/оценка**: *бо боварии тамом* - выражение субъективной оценки: герой полностью уверен в том, что говорит, несмотря на возможную нереальность содержания.

6) Подшоҳ ба ин саволи худ ҷавоб ёфта натавонистааст, чунки писари аҳмақашро қобили ҳеҷ як ҳунар намедонистааст [2, с. 48]. - **Синтаксические отношения:** Главное: «*Подшоҳ ба ин саволи худ ҷавоб ёфта натавонистааст»* - содержит основное сообщение. Придаточное причины: «*чунки писари аҳмақашро қобили ҳеҷ як ҳунар намедонистааст»* - объясняет причину, почему король не смог ответить. **Семантические отношения**: 1) **Причинно-следственная связь:** Главное предложение указывает на факт (король не смог ответить), придаточное объясняет причину этого - из-за того, что сын был неспособен к каким-либо умениям. 2) **Отношение владения/принадлежности:** «*писари аҳмақаш»* - сын (кем? короля), при этом «*аҳмақаш»* - оценка качества этого сына. 3) **Отношение отрицания способности:** «*намедонистааст»* (не знал) указывает на отсутствие умений, что является ключевым в понимании причины.

7) ...бинобар ин ба ӯ ҳунаре ёд додан даркор аст, ки баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад, то ки аз гушнагӣ намурад… [2, с.48]. – **Синтаксические отношения:** Предложение структурно состоит из следующих предложений: 1) **Главное и придаточное предложение:** Главное: «бинобар ин ба ӯ ҳунаре ёд додан даркор аст»; придаточное определительное: «ки баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад»; придаточное целевое: «то ки аз гушнагӣ намурад» Связанные **союзами:** «бинобар ин», «ки», «то ки» - союзы, вводящие придаточное цели. Между предложениями выделяются следующие **семантические отношения**: 1) **Целевое отношение:** Цель обучения ремеслу. **2) Причинно-следственная связь:** «бинобар ин» указывает на причину необходимости обучить кого-то ремеслу. 3) **Реляция способности и результата:** Обучение ремеслу связано с возможностью «ёфта хӯрда тавонад» - уметь добывать и есть хлеб.

8) Агар одам аз душвории кор фармудани ҳар чизи навбаромад тарсад, дар дунё ягон чизи нав намебаромад ва баъд аз баромадан ривоҷ намегирифт, [2, с.46]. – **Синтаксические отношения: Сложноподчинённое предложение:** Первая часть - условное придаточное

предложение: «Агар одам аз душвории кор фармудани ҳар чизи навбаромад тарсад,». Вторая часть - главное предложение с двумя однородными частями, соединёнными союзом «ва»: «дар дунё ягон чизи нав намебаромад» и «баъд аз баромадан ривоҷ намегирифт.». Придаточное предложение «Агар...» зависит от главного, выражает условие (придаточное условия). **Семантические отношения: 1) Условно-следственная связь:** Придаточное условное предложение объясняет условие, при котором происходит ситуация, описанная в главном предложении. Если (агар) человек боится трудностей, то (дар дунё ягон чизи нав намебаромад) не появится ничего нового, и (баъд аз баромадан ривоҷ намегирифт) - после появления развитие не будет происходить. **2) Причинно-следственная связь:** Страх перед трудностями является причиной отсутствия новшеств, а это, в свою очередь, препятствует развитию.

9) Ман ҳарчанд медонистам, ки бе гузаронидани ҳалқаҳои оҳанин он трубаи чӯбин бо бандинаи ресмонӣ ва сим ба тазъиқи об тобоварӣ карда наметавонад, бо вуҷуди ин... сохтани обкашаки калонро сар кардам… [2, с.35]. – **Синтаксические отношения**: **Главное предложение:** «Ман... сохтани обкашаки калонро сар кардам.» **Придаточное уступительное предложение:** «Ҳарчанд медонистам, ки ... наметавонад...». Здесь союз «ҳарчанд ки» вводит уступительное придаточное (обстоятельство уступки). **Союз «бо вуҷуди ин»** - вводит основное предложение после уступки, фактически подчёркивает, что несмотря на знание, субъект приступил к действию. **Семантические отношения**: 1) **Уступка (контраст):** «Ман ҳарчанд медонистам ..., бо вуҷуди ин ... сар кардам» - говорящий признаёт факт, который обычно мешал бы действию (неспособность трубы выдержать давление без железных колец), но действие всё же совершил. 2) **Причинно-следственная связь внутри придаточного:**Знание о том, что труба не выдержит без усиления (причина), не помешало началу строительства (следствие). 3) **Объяснение (изъяснение):** «ки бе гузаронидани ҳалқаҳои оҳанин... наметавонад» - объяснение, что именно знал субъект.

10) Тариқи омӯзиши талабагонашон ва умуман дар бораи он чизҳое, ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд, маълумоти кӯтоҳе дода гузарам [2, с. 174]. - **Синтаксические отношения:** Главное предложение: «маълумоти кӯтоҳе дода гузарам». Придаточное предложение: «ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд» - определяет «чизҳое» (вещи, которые касаются). **Определительные конструкции: «**он чизҳое, ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд» - придаточное определительное, раскрывающее содержание «чизҳое». **Семантические отношения: 1) Отношение причины и результата: «**Тариқи омӯзиши талабагонашон» - способ получения информации (как), по отношению к основной деятельности (дать информацию). **2) Отношение темы и содержания: «**дар бораи он чизҳое, ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд» - указывает на тему, о которой будет дано краткое сообщение. **3) Обобщение и конкретизация: «**он чизҳое» - обобщает предмет, а придаточное «ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд» уточняет, какие именно вещи имеются в виду.

11) Дар ин фасл, ки сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад, деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад [2, с.14]. – **Синтаксические отношения: Главное предложение:** «деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад.»**. Придаточное предложение (определительное, придаточное причины):** «ки сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад» - поясняет «дар ин фасл». «Дар ин фасл» - обстоятельство времени в главном предложении. **Союз** «ки» вводит придаточное предложение и является средством, связывающим придаточное с главным. **Семантические отношения: 1)** Между «дар ин фасл» и придаточным предложением - уточняющее отношение (определение времени и причины): «дар ин фасл», который характеризуется тем, что «сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад». **2)** Причинно-следственная связь: из-за того, что холод длится почти три месяца, «деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад» - трудности с обеспечением себя. **3)** Отношение времени: действие главного предложения относится к «дар ин фасл» - конкретному времени года.

Таким образом в заключении можно сказать что, история изучения подчинительных союзов в таджикском языкознании представляет собой постепенное движение от описательного подхода к глубокому системному осмыслению их лексико-семантической и грамматической природы. На протяжении XX века и до настоящего времени таджикские лингвисты последовательно раскрывали особенности функционирования союзов как ключевых средств синтаксической связи в сложноподчинённых конструкциях. Развитие классификаций подчинительных союзов, от первых перечней до детализированной 11-групповой системы, отражает эволюцию научного взгляда на их роль в структуре таджикского литературного языка. Современный этап исследований ориентирован на

интеграцию функционально-семантического и структурного подходов, что позволяет точнее определить, как грамматическое, так и лексическое значение союзов. Важно отметить, что подчинительные союзы не просто связывают элементы высказывания, но и отражают сложные логико-семантические отношения между ними, что делает их важнейшим объектом лингвистического анализа в рамках синтаксической системы таджикского языка. Анализ показал, что подчинительные союзы активно участвуют в формировании сложноподчинённых конструкций различного типа: временных, причинных, условных, уступительных, определительных, сравнительных и других. Во всех примерах прослеживается тесная взаимосвязь между формальными (грамматическими) и содержательными (семантическими) характеристиками союзов. Союзы выступают не только как связующие элементы между главной и придаточной частями, но и как носители определённого смысла, отражающего логические, временные, пространственные, причинно-следственные и модальные отношения между действиями, явлениями или оценками. Это подтверждает мысль о двойственной природе союзов, сочетающей в себе как служебную, так и семантическую (лексическую) функцию. Также важно отметить, что многие союзы обладают полифункциональностью, то есть в зависимости от контекста могут выражать различные смысловые отношения (например, «вақте ки» может указывать как на время, так и на причину). Кроме того, использование сложных союзов (например, «ба шарофати он ки», «гарчанде ки», «монанди он ки») способствует более точной передаче смысловых оттенков, что говорит о высокой степени развития синтаксических средств таджикского языка.

Таким образом, приведённые примеры подтверждают теоретические положения о классификации союзов и подчёркивают их центральную роль в выражении синтаксической и смысловой организации сложноподчинённых предложений.

Литература

1. *Айнӣ С. Марги судхӯр. // С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ, 1953. – 180 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қ. 4 /С.Айнӣ. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ., 1954. - 426 с.*
3. *Виноградов В.В. Вопросы синтаксиса современного русского языка / В.В. Виноградов. – М.: Просвещение, 1950. – 411 с.*
4. *Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков / В.Г. Гак. – М.: Просвещение, 1989. – 290 с.*
5. *Ганиева М.А. Типологические соответствия таджикскому примыканию во французском языке / Вестник педагогического университета / М.А. Ганиева. –2023. - №5 (106). - С. 86-91.*
6. *Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ.2. Синтаксис. Барои студентони мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963. – 213 с.*
7. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1985. - 356 с.*
8. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3. Ҷумлаҳои мураккаб. Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1989. - 245 с.*
9. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология.Қ.1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.*
10. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.2. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Нашриёти «Маориф», 1984. – 330 с.*
11. *Мирзоев А. Хелҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибораҳо. // Масъалаҳои забоншиносӣ/ А. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 160 с.*

ПОДЧИНИТЕЛЬНЫЕ СОЮЗЫ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ: КЛАССИФИКАЦИЯ, ФУНКЦИИ И СИНТАКСИЧЕСКАЯ РЕАЛИЗАЦИЯ

В данной статье рассматривается историко-лингвистическое развитие классификации подчинительных союзов в современном таджикском языке. На основе анализа научных трудов таджикских лингвистов XX–XXI веков, таких как С. Ализода, Л. Бузургзода, Н. Бозидов и других, выявлены основные этапы становления теоретических подходов к изучению союзов. Особое внимание уделяется фундаментальной классификации союзов, представленной в академической грамматике «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», где подчинительные союзы систематизированы на 11 лексико-семантических групп. В статье приводится детальный синтаксико-семантический анализ примеров из таджикской художественной литературы, демонстрирующий структурную и смысловую роль союзов в сложноподчинённых предложениях. Выводы подтверждают важность подчинительных союзов как ключевых средств грамматической связи, обладающих как лексическим, так и грамматическим значением, и подчёркивают их значимость в системе современного таджикского синтаксиса.

Ключевые слова: союз, подчительный союз, сложноподчиненные предложения, синтаксис, семантические отношения, синтаксические отношения, таджикский язык, средства связи.

ПАЙВАНДҲОИ ТОБЕЪ ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК: ТАСНИФ, ВАЗИФА ВА АМАЛИШАВИИ СИНТАКСИСӢ

Дар ин мақола рушди таърихӣ ва забоншиносии таснифоти пайвандакҳои тобеъ дар забони ҳозираи тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳлили асарҳои илмии забоншиносони асрҳои 20–21-и тоҷик С.Ализода, Л.Бузургзода, Н.Бозидов ва дигарон марҳилаҳои асосии ташаккули равишҳои назариявии омӯзиши пайвандакҳо муайян карда шудаанд. Ба таснифоти пайвандакҳои дар грамматикаи академии «Грамматикаи забони адабии тоҷик» овардашуда диққати махсус дода мешавад, ки дар он пайвандакҳои тобеъ ба 11 гурӯҳи лексикию семантикӣ ба низом дароварда шудаанд. Дар мақола бо мисолҳо аз адабиёти бадеии тоҷик таҳлили муфассали синтаксисӣ-семантикӣ гузаронда шуда, нақши таркиб ва маъноии пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур инчунин аҳамияти пайвандакҳои тобеъкунандаро ҳамчун воситаи асосии алоқаи грамматикӣ, ки ҳам маънои луғавӣ ва ҳам грамматикӣ доранд, тасдиқ намуда, аҳамияти онҳоро дар системаи синтаксиси ҳозираи тоҷик таъкид мекунанд.

Калидвожаҳо: пайвандак, пайвандаки тобеъкунанда, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, синтаксис, муносибатҳои синтаксисӣ, муносибатҳои семантикӣ, забони тоҷикӣ, воситаи алоқа.

SUBORDINATING CONJUNCTIONS IN MODERN TAJIK LANGUAGE: CLASSIFICATION, FUNCTIONS AND SYNTACTIC REALIZATION

This article explores the historical and linguistic development of the classification of subordinating conjunctions in the modern Tajik language. Drawing upon the works of prominent Tajik linguists such as S. Alizoda, L. Buzurgzoda, N. Bozidov, and others, it traces the evolution of theoretical approaches from early descriptive listings to a systematic classification. Special attention is given to the comprehensive categorization found in the academic grammar "Grammatika-i zaboni adabii hozirai tojik", where subordinating conjunctions are divided into 11 lexical-semantic groups. The article includes an in-depth syntactic and semantic analysis of examples from Tajik literary texts, illustrating the structural and meaningful functions of conjunctions within complex sentences. The findings highlight the dual nature of subordinating conjunctions - as grammatical connectors and carriers of specific semantic content and emphasize their central role in the syntactic organization of the modern Tajik language.

Keywords: conjunction, subordinate conjunction, complex sentences, syntax, semantic relations, syntactic relations, Tajik language, means of communication.

Об авторе
Ганиева Мохира Ахмаджоновна
Преподователь кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Ганиева Моҳира Аҳмадҷоновна
Омӯзгори кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

About the author
Ganieva Mohira Ahmadjonovna
Teacher in the Departement of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tadjikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

УДК 81'373.612.2

МЕТАФОРА В НАУЧНО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОМ ДИСКУРСЕ: ФУНКЦИИ И ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

Имомбердиева З. К.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В лингвистической науке метафора рассматривается в рамках нескольких основных подходов, среди которых особое место занимают когнитивный, семантический и культурологический векторы. Г. С. Баранов предлагает объединить эти направления в единую семиотическую теорию, включающую синтаксические, семантические, прагматические и когнитивные элементы [2, с. 79–86]. Такой междисциплинарный подход позволяет видеть в метафоре не просто художественный приём, а сложный механизм смыслового взаимодействия знаков, отражающий многоуровневую систему интерпретации. Анализируя метафору с этой позиции, учёные учитывают не только языковую форму и значение, но также когнитивные и культурные особенности её применения.

Когнитивное направление, представленное трудами Дж. Лакоффа, М. Джонсона, Э. Маккормака и Дж. Карбонелла, раскрывает метафору как фундаментальный элемент мышления. Согласно их концепции, метафорические конструкции участвуют в формировании концептов, влияющих на обработку и осмысление информации. Лакофф и Джонсон подчёркивают, что метафора структурирует когнитивное восприятие мира [4, с. 58].

С другой стороны, исследователи интеракционного направления, такие как М. Блэк и А. Ричардс, подвергают сомнению традиционные интерпретации, настаивая на том, что метафора формируется в результате взаимодействия различных смысловых слоёв. В рамках прагматического подхода (Дж. Серль, С. Левин и др.) акцент делается на речевом контексте, в котором реализуется метафора, и на цели высказывания, выходящей за пределы семантики.

Культурологический анализ рассматривает метафору как способ выражения ключевых ценностей, символов и архетипов определённой культуры. По мнению В. А. Масловой, именно через метафору возможно передавать особенности национального мироощущения, а В. Н. Телия подчеркивает её значение в формировании культурной модели мира [9, с. 89–90]. Метафоры часто несут в себе глубинные элементы мифологии и архетипов, являясь отражением культурной памяти.

В виртуальной коммуникации метафоры выполняют функции навигации и ориентации пользователя. Такие выражения, как *«окно браузера», «корзина», «рабочий стол», «папка»,* давно утратили первоначальную образность и стали частью технического словаря. Это яркий пример того, как метафора способна порождать новые концепты, формирующие технологическое восприятие мира. Учёные отмечают, что цифровая среда способствует не только активной метафоризации, но и постоянному обновлению семантики, поскольку язык технологий подвержен быстрой эволюции.

Параллельно развивается направление когнитивно-семиотического анализа, исследующее механизмы формирования цифровых метафор. Эти модели связывают визуальные образы и текстовые элементы, образуя сложные семиотические структуры. К примеру, понятие «сетевое сообщество» основано на метафоре сети как системы взаимосвязей, что подчёркивает интерактивную природу современных коммуникаций. Другая часто встречающаяся метафора — «информационное пространство» — объединяет пространственные и когнитивные представления, позволяя воспринимать знание как виртуальную среду, в которой человек может перемещаться.

Таким образом, метафора является универсальным механизмом, объединяющим когнитивные и культурные параметры мышления и речи. Её значение особенно проявляется в научно-публицистических текстах, где необходимо адаптировать абстрактные знания к уровню восприятия широкой аудитории.

В лингвистике существует определение метафоры как языкового знака вторичной номинации, построенного на смысловом переносе между абстрактными и конкретными объектами, объединёнными общей смысловой основой. В концепции С. А. Хахаловой подчёркивается важность синтеза различных подходов к метафоре, позволяющего раскрыть её как явление, обладающее функциональной, знаковой и онтологической двойственностью [10, с. 12].

Современные исследования метафоры стремятся к уточнению её границ как когнитивно-языкового и социокультурного феномена. В отличие от классических трактовок, в которых метафора рассматривалась преимущественно как средство поэтического выражения, современные теории подчеркивают её универсальную природу. Метафора выступает не просто элементом художественного языка, а базовым механизмом формирования и передачи знаний. Она отражает способы категоризации мира, определяет структуру концептов и участвует в моделировании реальности. «Наша обыденная понятийная система, в рамках которой мы мыслим и действуем, метафорична по самой своей сути» [4, с. 387].

В последние десятилетия особое внимание уделяется эмпирическому изучению метафоры. Корпусная лингвистика и методы когнитивного анализа позволяют выявлять закономерности метафоризации в различных типах дискурса — от политического и медийного до научного и образовательного. Например, метафоры в научно-образовательной сфере часто выполняют объяснительную функцию, упрощая сложные понятия и делая их доступными для восприятия. Так, в педагогическом дискурсе метафора «знание как свет» символизирует процесс обучения, тогда как метафора «информация как поток» отражает динамику современного информационного общества.

Важным направлением метафорологии стала теория концептуальных доменов, согласно которой метафорическое мышление основано на переносе структур из одной когнитивной области в другую. «Сущность метафоры состоит в осмыслении и переживании явлений одного рода в терминах явлений другого рода» [4, 389]. Исследователи указывают, что подобный перенос не является случайным — он закреплён в коллективном опыте и соотносится с универсальными схемами восприятия. Концептуальная метафора «жизнь — путь» или «время — движение» встречается в культурах разных народов, что свидетельствует о глубинных когнитивных основаниях метафорического мышления.

Не менее значимым представляется вопрос интертекстуальности метафоры. В текстах различной жанровой направленности метафорические конструкции нередко взаимодействуют, создавая сеть смыслов. Например, в научно-популярных статьях и публицистике наблюдается тенденция к формированию сквозных метафорических моделей, которые переходят из одной области знания в другую. Это особенно заметно при описании технологических и биологических процессов, где используются метафоры «генетический код», «информационная клетка», «экосистема данных».

Из этого следует, что метафора является не только отражением культурного и когнитивного опыта, но и механизмом его обновления. Через метафоризацию язык расширяет свои границы, создавая новые способы интерпретации действительности. В этом заключается её познавательная и мировоззренческая ценность.

Кроме своей выразительной функции, метафора обеспечивает когнитивную связность текста. Она становится инструментом моделирования знаний, способствуя ассоциативному соединению уже известных понятий с новыми. Семантический разбор таких метафор демонстрирует их функциональную значимость. С. А. Хахалова утверждает, что метафора — это особый тип категории с самостоятельной смысловой организацией. В её основе лежит перенос значения, сопровождающийся внутренними семантическими преобразованиями [10, с. 69].

Современные исследования метафоры выходят далеко за рамки описания её языковой формы и обращаются к анализу функциональных особенностей в разных видах дискурса. Особое значение приобретает её роль в научной коммуникации, где метафора выступает не просто средством выразительности, а инструментом когнитивного моделирования. В научных текстах она помогает структурировать сложные понятия, устанавливать связи между явлениями и формировать новые категории мышления.

В научном дискурсе метафора выполняет три ключевые функции: объяснительную, классифицирующую и эвристическую. Объяснительная функция проявляется в упрощении сложных понятийных структур, когда через знакомые образы передаётся абстрактное знание. Классифицирующая функция заключается в организации знаний — метафора группирует понятия в соответствии с их концептуальной близостью. Эвристическая же функция способствует рождению новых идей, поскольку метафорический перенос позволяет увидеть привычное явление под новым углом.

Э. Маккормак в своих работах вводит понятие «компьютерной метафоры», сопоставляя когнитивные процессы с алгоритмами вычислительных систем. Тем не менее, как отмечает

С. А. Хахалова, данная интерпретация ограничена, так как не охватывает такие важные параметры, как креативность и эмоциональные особенности мышления [3, с. 22].

Когнитивная теория метафоры открывает возможности для более системного понимания её функций. Среди них — организация концептуального пространства, включённость в культурный контекст, наличие различных классификаций (временные, пространственные, коммуникативные и др.), а также способность соединять мышление, культуру и язык. Несмотря на это, многие аспекты теории остаются предметом научных споров — особенно те, что касаются разграничения между буквальными и метафорическими структурами и определения границ их семантической подвижности.

Согласно Миллеру, глубинная структура метафорических выражений базируется не только на сходстве, но и на включении противопоставлений, отрицания и иных форм смыслового взаимодействия. В рамках сравнительной теории подчеркиваются скрытые признаки метафоры — аналогия, оппозиция, концептуальная взаимосвязь. Исследования в этой области демонстрируют, что метафора — это многоплановая конструкция, объединяющая элементы как сходства, так и контраста. В то же время критики отмечают трудности в определении и точной классификации метафоры как единицы языка и речи [6, с. 15–89].

В межкультурном аспекте метафора рассматривается как средство взаимодействия концептуальных систем разных народов. Она связывает языковые и культурные коды, способствуя межъязыковому диалогу. Например, такие универсальные метафоры, как «время — движение» или «жизнь — путь», встречаются в разных традициях, но наполняются уникальными национальными смыслами. В русском языке выражение «идти по жизни» передаёт динамику и активность, тогда как в восточных культурах аналогичные конструкции нередко акцентируют духовный путь и внутреннее совершенствование.

Перевод метафорических выражений в условиях межкультурной коммуникации представляет собой сложную задачу. Он требует не только языковой точности, но и глубокого понимания культурных ассоциаций. Переводчик должен учитывать не буквальное значение, а концептуальную структуру, лежащую в основе метафоры. Поэтому в теории перевода всё чаще используется понятие «когнитивного эквивалента» — поиск образа, функционально близкого по смыслу, даже если он формально отличается. Такой подход способствует сохранению семантической целостности текста и его культурной идентичности.

Кроме того, в последние годы усилилось внимание к роли метафоры в научно-образовательном дискурсе. Здесь она используется как средство мотивации и наглядности. Педагогическая метафора помогает студентам усвоить абстрактные категории через знакомые образы — например, «знание как дерево», «мышление как инструмент», «язык как мост между культурами». Подобные конструкции не только способствуют пониманию, но и развивают творческое воображение, активизируя когнитивные процессы.

Ю. С. Степанов в своих трудах акцентирует внимание на роли метафоры как инструмента, способного переводить абстрактные научные идеи на доступный язык. Он отмечает её значимость в стимулировании мыслительного процесса и расширении когнитивных горизонтов [8, с. 45].

Следует подчеркнуть, что метафора проявляет себя как универсальный способ структурирования знаний и построения межкультурного диалога. Её исследование открывает возможности для осмысления глубинных механизмов мышления, коммуникации и познания, а также для развития гуманитарных и педагогических наук.

Когнитивная динамика метафоры представляет собой процесс постоянного обновления смыслов в зависимости от контекста и эволюции научного знания. В рамках когнитивной лингвистики метафора рассматривается как механизм концептуализации, позволяющий субъекту мышления организовывать опыт через соотнесение абстрактных понятий с конкретными представлениями. Этот процесс не статичен: при изменении социально-научной картины мира изменяются и модели метафорического осмысления.

Одним из ключевых положений когнитивной теории является идея о системности метафорических моделей. Они формируют целые сети, внутри которых отдельные метафоры взаимосвязаны и поддерживают общую концептуальную структуру. Например, концептуальная метафора «знание — путешествие» включает такие вторичные образы, как «путь к истине», «открытие новых горизонтов», «ошибочные тропы» и другие. Подобная системность позволяет прослеживать, каким образом метафоры формируют понятийные поля и влияют на когнитивное восприятие научных категорий.

В условиях взаимодействия различных культур метафора выполняет функцию посредника между мировоззренческими системами. Однако перевод метафорических выражений может вызывать трудности в связи с отсутствием прямых аналогов и различиями в культурной символике, что делает её предметом интереса в рамках теории перевода и межъязыковой коммуникации [8, с. 51].

Особое место занимает метафора в формировании понятий науки. Именно она помогает сделать абстрактные процессы предметными и визуализировать их в сознании. В физике и математике нередко используются выражения вроде «поле сил», «волновая функция», «чёрная дыра», которые уже утратили образную свежесть, но по-прежнему сохраняют когнитивную значимость. В гуманитарных науках, напротив, метафора сохраняет экспрессивность и выступает источником концептуальных новаций. Так, метафора «текст как организм» позволила лингвистике осмыслить внутреннюю взаимосвязь языковых уровней, а метафора «память культуры» — описать механизмы сохранения и трансляции смыслов во времени.

Динамика метафорического процесса проявляется и в изменении степени осознанности метафоры. На ранних этапах научного развития метафора выполняет функцию эвристического поиска: она открывает новые пути познания, создавая когнитивные аналогии между несопоставимыми областями. По мере закрепления понятия в научной системе метафора постепенно утрачивает свою образность, переходя в разряд терминологических единиц. Этот процесс часто называют «терминологизацией метафоры». Именно таким образом язык науки пополняется новыми терминами, а метафора становится механизмом номинации.

Значительный вклад в изучение семантической природы метафоры внесла С. А. Хахалова, рассматривающая её как полифункциональное языковое образование. В её концепции акцент делается на процесс смыслового преобразования, в результате которого меняется денотативная характеристика языковой единицы. Такое переосмысление происходит за счёт смещения второстепенных семантических признаков на передний план, формируя новые смысловые акценты [10, с. 69].

Следовательно, метафору можно трактовать не только как выразительное средство, но и как универсальный культурно-когнитивный инструмент, важный для интерпретации и передачи знаний. В научно-публицистической сфере она приобретает особую актуальность, помогая трансформировать сложные теоретические конструкции в доступные образы, понятные широкой аудитории.

Когнитивная теория метафоры подчёркивает также её роль в процессе категоризации. Метафорические переносы способствуют выстраиванию иерархии понятий, где одни категории осмысливаются через другие. Благодаря этому метафора становится не только языковым, но и познавательным инструментом, позволяющим человеку систематизировать и оценивать действительность. В этом смысле метафора соединяет индивидуальное мышление и коллективный опыт, выступая посредником между личным сознанием и социальным знанием.

Современное метафорическое исследование указывает на её многоаспектную организацию, где сочетаются когнитивные, семантические, прагматические и стилистические элементы. По мнению Миллера, метафора в глубинной структуре текста не просто устанавливает аналогию, но и служит средством смыслового переформатирования, охватывающим механизмы отрицания, противопоставления и переосмысления [6, с. 86].

Бакаева М.Т. в своей статье "Особенности лексических и грамматических трансформаций в переводе религиозно-культурных реалий" отмечала «…Особенности лексических и грамматических трансформаций в переводе религиозно-культурных реалий проявляются в адаптации терминологии и значений для целевой культуры, что обеспечивает понимание образов и понятий другой языковой системы...» [1, с. 48–49].

В научно-публицистических текстах метафора функционирует как средство, обеспечивающее доступность информации. В отличие от строго научных публикаций, характеризующихся точностью и объективностью, научно-популярные материалы стремятся к балансу между аналитикой и наглядностью. Здесь метафора становится незаменимым способом преобразования смысла, переводя сложные идеи в понятные образы.

В современных условиях стремительного развития технологий метафора приобретает новые исследовательские горизонты. Цифровая эпоха трансформирует не только способы коммуникации, но и саму природу метафорического мышления. Электронные средства передачи информации создают особую метафорическую среду, где взаимодействуют

визуальные, вербальные и мультимедийные коды. Метафора становится не просто языковым приёмом, а универсальным инструментом конструирования цифровой реальности.

Следует подчеркнуть, что цифровая метафора становится не только предметом лингвистического анализа, но и культурологическим феноменом. Она отражает способ восприятия технологической действительности и демонстрирует, как человек интегрирует технику в своё мышление. В этом контексте метафора служит своеобразным мостом между человеческим сознанием и машинной логикой, обеспечивая их взаимопонимание.

Функциональная структура метафоры охватывает разные уровни языка — от отдельного слова до всего текста. В зависимости от степени интеграции в высказывание различают метафоры-лексемы, метафоры-фразы, метафоры-предложения и даже метафорические тексты. С. А. Хахалова выделяет в анализе три ключевых критерия: функциональную трансформацию, стилевую маркированность и степень экспрессивности [10, с. 87].

Современные исследователи рассматривают также этическое измерение цифровых метафор. Термины вроде *«искусственный интеллект», «обучающаяся машина», «цифровая память»* или *«умный дом»* придают технике антропоморфные черты, что влияет на восприятие границ между человеком и технологией. Из этого следует, что метафора не просто описывает реальность, но активно участвует в её конструировании.

В итоге можно заключить, что метафора в эпоху цифровизации становится важным инструментом формирования когнитивных моделей и научных понятий. Её исследование открывает перспективы для междисциплинарного синтеза — объединения лингвистики, культурологии, философии, информатики и когнитивных наук. Всё сказанное позволяет сделать вывод, что метафора остаётся неотъемлемым элементом человеческого мышления, способным объединять традиционные формы познания и инновационные способы интерпретации.

Литература

1. *Бакаева М. Т. Особенности лексических и грамматических трансформаций в переводе религиозно-культурных реалий // Вестник педагогического университета. – 2020. - № 1 (84). - С. 48–71.*
2. *Баранов Г. С. Семиотическая концепция метафоры. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ, 2015. – 230 с.*
3. *Карбонелл Дж. Когнитивные механизмы метафоры. – Лондон: Routledge, 2013. – 278 с.*
4. *Лакофф Д., Джонсон М. Метафоры, которыми мы живем. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 320-387 с.*
5. *Маслова В. А. Когнитивные и культурные аспекты метафоры. – Минск: Изд-во Белорусского университета, 2017. – 212 с.*
6. *Миллер Дж. Теория метафорического осмысления. – М.: Изд-во Наука, 2010. – 256 с.*
7. *Позднякова Н. В. Метафора в научно-популярных текстах. – Казань: Изд-во Казанского университета, 2012. – 180 с.*
8. *Степанов Ю. С. Концепты и метафорические модели. – М.: Академия, 2019. – 295 с.*
9. *Телия В. Н. Русская метафора и её культурный код. – М.: Языки славянской культуры, 2015. – 280 с.*
10. *Хахалова С. А. Семантические трансформации в языке науки. – Новосибирск: Изд-во СО РАН, 2018. – 235 с.*
11. *Желтухина М. Р. Языковая игра и метафоризация в массовой культуре. – Ростов-на-Дону: Изд-во ЮФУ, 2017. – 260 с.*
12. *Ширяева Т. А. Функции метафоры в современном дискурсе. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2014. – 198 с.*

МЕТАФОРА В НАУЧНО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОМ ДИСКУРСЕ: ФУНКЦИИ И ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

В данной статье метафора рассматривается как одно из ключевых средств выражения и интерпретации научного знания в научно-публицистическом дискурсе. Особое внимание уделяется многофункциональности метафоры: она не только выполняет когнитивную и прагматическую функции, но и способствует структурированию информации, формированию ассоциативных связей и адаптации сложных понятий для широкой аудитории. Отмечается, что метафора играет важную роль в процессе концептуализации научных идей, позволяя переносить абстрактные категории в сферу наглядного восприятия. Благодаря этому метафорические модели становятся инструментом не только познания, но и творческого осмысления научной картины мира. В работе анализируются различные теоретические подходы к изучению метафоры, а также лексико-семантические особенности её функционирования в текстах, направленных на популяризацию науки. Делается вывод о высокой

эффективности метафоры как инструмента смысловой трансформации и средства интеллектуального диалога между наукой и обществом.

Ключевые слова: метафора, научно-публицистический дискурс, популяризация науки, когнитивная функция, прагматическая функция, лексико-семантический анализ, структурирование информации.

МАҶОЗ (МЕТАФОРА) ДАР НУТҚИ ИЛМӢ-ОММАВӢ: ВАЗИФАҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВӢ ВА МАЪНОӢ

Дар мақола маҷоз (метафора) ҳамчун яке аз воситаҳои асосии баён ва фаҳмондани донишҳои илмӣ дар сухани оммавии илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба бисёрнақшии метафора равона гардидааст: он на танҳо вазифаҳои идрокӣ ва амалӣ иҷро мекунад, балки дар тартибдиҳии иттилоот, ташаккули робитаҳои маънавӣ ва соддасозии мафҳумҳои мураккаб барои доираи васеи хонандагон мусоидат менамояд. Таъкид мегардад, ки маҷоз дар раванди консептуализатсияи ғояҳои илмӣ нақши муҳим мебозад, зеро имкон медиҳад, ки мафҳумҳои абстрактӣ ба сатҳи дарки биноӣ интиқол ёбанд. Дар натиҷа, қолабҳои маҷозӣ ба василаи на танҳо шинохт, балки тафаккури эҷодии тасвири илмии ҷаҳон табдил меёбанд. Дар мақола равияҳои гуногуни назариявӣ дар омӯзиши метафора ва хусусиятҳои луғавию маъноии фаъолияти он дар матнҳое, ки ба оммавигардонии илм равона шудаанд, таҳлил мегарданд. Хулоса бароварда мешавад, ки метафора ҳамчун воситаи самараноки табдили маънӣ ва робитаи зеҳнӣ миёни илм ва ҷомеа хизмат мекунад.

Калидвожаҳо: маҷоз, сухани илмӣ-оммавӣ, оммавигардонии илм, вазифаи идрокӣ, вазифаи амалӣ, таҳлили луғавию маъноӣ, сохторбанди иттилоот.

METAPHOR IN POPULAR SCIENCE DISCOURSE: FUNCTIONAL AND LEXICO-SEMANTIC CHARACTERISTICS

The article examines metaphor as one of the key tools for conveying and interpreting scientific knowledge in popular-scientific discourse. Special attention is paid to the multifunctionality of metaphor: it not only performs cognitive and pragmatic functions but also helps structure information, form associative links, and simplify complex concepts for a wide audience. It is noted that metaphor plays an important role in the conceptualization of scientific ideas, allowing abstract categories to be transferred into the sphere of visual perception. As a result, metaphorical models become a tool not only for understanding but also for creatively rethinking the scientific picture of the world. The study analyzes various theoretical approaches to metaphor and explores the lexical and semantic features of its use in texts aimed at science popularization. The article concludes that metaphor serves as an effective means of semantic transformation and intellectual mediation between science and society.

Keywords: metaphor, popular-scientific discourse, science popularization, cognitive function, pragmatic function, lexical-semantic analysis, information structuring.

Об авторе
Имомбердиева Зарангез Кудратбековна
Ассистент общеуниверситетской кафедры русского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: imomberdievazarangez@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Имомбердиева Зарангез Қудратбековна
Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: imomberdievazarangez@gmail.com

About the author
Imomberdieva Zarangez Qudratbekovna
Assistant Lecturer at the University-wide Department of the Russian Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
E-mail: imomberdievazarangez@gmail.com

ТДУ 809.155.0+802.0

ДОИР БА МАФҲУМИ “МАЙДОНИ МАЪНОӢ” ВА ШАКЛҲОИ ОН

Даминзода М. З.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Дар маъношиносӣ (семасиология) се воҳид (ё сатҳ): *семантикӣ* (семантический / semantic), *луғавӣ-маъноӣ* (лексико-семантический / lexical-semantic), *майдони маъноӣ* (семантическое поле / semantic field) мавриди истифода қарор дорад. Ин се истилоҳи мазкур аз якдигар фарқи назариявӣ ва амалӣ дошта, дар корбурди забоншиносӣ, бахусус дар маъношиносӣ онҳо ба се сатҳи таҳлили маъно, ки аз ҳам тафовут доранд ва гуногунсатҳанд, дахл мекунанд.

1. *Сатҳи маъноӣ* (semantic) мафҳуми умумӣ ва васеъ дошта, ба ҳар гуна маънӣ – луғавӣ (маънои калима), грамматикӣ (ҷумла, морфология, синтаксис), контекстӣ (матн) дахл дорад. Инчунин, дар *сатҳи маъноӣ* метавонад маънии фаҳмишии когнитивӣ ва маънии ишоравии прагматикӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Ба ин гуфтаҳо андешаи С. Улман далели боэтимод аст: “The term ‘semantic’ applies broadly to anything involving meaning – lexical, grammatical, or contextual. (Истилоҳи «семантикӣ» ба таври васеъ ба ҳама чизи марбут ба маъно дахл дорад – хоҳ луғавӣ бошад, хоҳ грамматикӣ ё контекстуалӣ.)” [14, с. 18]. Ҳамчунин, Ю. Д. Апресян ҳам ба ҳамин маъно менависад: «Семантика охир ба ҳар навъ маъно, новобаста аз сатҳ ё шакл, дахл дорад – ва аз ин ҷиҳат истилоҳи умумӣ аст» [1, с. 14].

2. *Воҳиди луғавӣ-маъноӣ* (lexical-semantic) мафҳуми махсус ва маҳдудтар буда, дар он танҳо маънии калимаҳо (лексемаҳо) мавриди таҳлил қарор мегиранд. Муҳаққиқони англисзабон воҳиди луғавӣ-маъноиро ба таври зер зикр мекунанд: “Lexical semantics is concerned with the meanings of lexical items – individual words and their relations.(Семантикаи луғавӣ ба маънои воҳидҳои луғавӣ – яъне калимаҳои ҷудогона ва робитаҳои байни онҳо – сару кор дорад.)” [10, с. 111]. Яъне, ҳар як калима метавонад як воҳиди лексикӣ-семантикӣ бошад, ки маънии мушаххас ва мавқеи хоси маъноӣ дорад. Масалан, калимаи “*хишт*” як метавонад *воҳидилуғавӣ-маъноӣ* бошад.

Ю.Д.Апресян низ ҳамин андешаи забоншиносони англисзабонро тасдиқ карда менависад: «Воҳиди луғавӣ-маъноӣ – ин калима ё яке аз маъноҳои он мебошад, ки ҳамчун унсури низоми луғавии забон мавриди баррасӣ қарор мегирад.» [1, с. 123].

Ҳамин тавр, тибқи андешаҳои муҳаққиқони болозикр маълум мегардад, ки воҳиди луғавӣ-маъноӣ як сатҳи таҳлили маънои калимаҳо буда, дар он ҳавр воҳиди луғавӣ метавонад мавриди таҳлил қарор гирад.

3. *Майдони маъноӣ* (semantic field) сатҳи дигари таҳлили маъноӣ буда, дар он гурӯҳи калимаҳое, мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки онҳо дар як низоми маъноӣ бо маъноҳои бо ҳам муштарак дар асоси робитаҳои дохилии маъноӣ (синонимия, антонимия, гипероним, гипонимия ва монанди инҳо) ташкил мешавад. Чунончи, забоншиноси англисзабон Стефан Улман таъкид мекунад:“Semantic fields are structured groupings of words with related meanings, forming a network within the lexicon. (Майдонҳои семантикӣ гурӯҳбандии сохторӣфтаи калимаҳо бо маъноҳои ба ҳам марбут мебошанд, ки дар дохили вожагон шабакаеро ташкил медиҳанд.)”. Яъне, ин на танҳо як калима ё маънии ҷудогона он, балки як сохтори муайяни маъноӣ мебошад. Мисол, *майдони маъноии* “ҷангал” → дарахт, бутта, барг, ниҳол, хору хас, анбӯҳ ва ғайра.

Тибқи ин таҳлилҳо майдони маъноӣ низоме аст, ки дар он дар баробари маҷмуи маънии калимаҳо, инчунин робитаҳои байни воҳидҳои он хеле муҳим ва дорои аҳаммияти асосӣ мебошанд. Он як сохтори низомманди калимаҳое мебошад, ки маъниашон бо ҳам шабеҳ ва муштарак буда, робитаҳои дохилиашонро таҳлилҳои маъноӣ муайян мекунад.

Аз ин рӯ, дар забоншиносӣ, хусусан дар маъношиносӣ яке аз масъалаҳои муҳимму марказиро мавзуи “майдони маъноӣ” ташкил медиҳад. Зери ин мафҳум дар маъношиносӣ робитаҳои маъноии калимаҳо, танзими дохилӣ ва гурӯҳбандии онҳо ошкор мегардад. Бинобар ин, барои ҳалли ин масъала забоншиносон дар таҳқиқоти худ, пеш аз ҳама, ба сохтори маъноӣ таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун як низоми қонунманд, ки ба андеша, ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф алоқамандии мустаҳкам дорад, нишон дода, мавриди таҳлил қарор додаанд.

«Майдони маъноӣ» бори аввал дар забоншиносӣ дар асри XX мавриди таҳлил ва баррасии забоншиносон қарор мегирад. Мафҳуми “майдони маъноӣ (semantic field)”-ро нахустин маротиба забоншиноси олмонӣ Йост Трир (Jost Trier) дар асараш “Der deutsche Wortschatz im Sinnbezirk des Verstandes. (Захираи луғавии олмонӣ дар ҳудуди маъноии ақл)” соли 1931 дар шакли “маъно ҳамчун майдон”(Bedeutungsfeld) истифода мебарад. Ӯ менависад: “Ein Wort hat nicht eine isolierte Bedeutung, sondern seine Bedeutung steht im System mit anderen Wörtern, die zusammen ein Bedeutungsfeld bilden.(Калима маънои ҷудогона надорад, балки маънои он дар як низоми калимаҳои дигар қарор дорад, ки як майдони маъноиро ташкил медиҳанд)” [13, с. 5].

Яъне, ба андешаи муҳаққиқ мафҳуми “майдони маъноӣ” барои ишора ба воҳидҳои луғавӣ (ё маҷмуи калимаҳо)-е истифода мешавад, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик мебошанд ва онҳо дар маҷмуъ як соҳаи мушаххаси маъноиро дар бар мегиранд.

Баъдан, дар забоншиносии англисӣ мафҳуми мазкурро муҳаққиқон John Lyons, Stephen Ullmann, Leonard Bloomfield ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Забоншиносони мазкур, пеш аз ҳама “майдони маъноӣ”-ро воҳидҳои маъноӣ (маҷмуи калимаҳо) ҳисобида, таъкид мекунанд, ки ин воҳидҳо ба як соҳа дахл дошта, бо ҳам робитаи маъноӣ доранд. Чунончи, Р. Улман низ аз назари маъноӣ ба ҳам алоқаманд будани маҷмуи калимаҳои як соҳаро зикр мекунад: «Майдони маъноӣ маҷмуи воҳидҳои луғавӣ мебошад, ки аз ҷиҳати маъноӣ ба ҳам алоқаманданд ва як соҳаи муайяни предметиро фаро мегиранд» [6, с. 173].

Дар ибтидо *майдони маъноиро* аз *майдони лексикӣ* ҷудо медонистанд ва онҳоро ба таври алоҳида баррасӣ мекарданд. Вале баъданзабоншиносон мафҳуми “майдони маъноӣ”-ро бо мафҳуми «гурӯҳи лексикӣ-маъноӣ» (ё лексикӣ-семантикӣ) баробар мешумориданд. Ба андешаи онҳо дар гурӯҳи лексикӣ-маъноӣ мафҳумҳое муттаҳид мегарданд, ки аз рӯйи маъно ба ҳам наздиканд, вале аз рӯйи вазифа, дараҷаи абстраксия ва мавзуъ аз ҳам фарқ мекунанд. Чунончи, муҳаққиқи амрикоӣ Ҷ. Лайонс бар он назар аст, ки:«semantic field (майдони маъноӣ) маҷмуи калимаҳое мебошад, ки аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ шуда, ба як мавзуи мушаххас ишора мекунанд» [10, с. 253]. Ё дар ҷойи дигар муҳаққиқи мазкур ба майдонҳои маъноӣ ё майдонҳои луғавӣ мутаалиқ будани калимаҳо ишора намуда, таъкид мекунад: “Words do not live in isolation, but in semantic fields or lexical fields – structured groupings of words related in meaning. (Калимаҳо дар ҳолати маҳдуд (изолятсия) зиндагӣ намекунанд, балки дар майдонҳои маъноӣ ё майдонҳои луғавӣ қарор доранд – гурӯҳбандии сохторёфтаи калимаҳое, ки аз рӯйи маъно бо ҳам алоқаманданд.)”[11, с. 101].

Назарияи “майдони маъноӣ”-и забоншиносони аврупоӣ ба забоншиносии рус низ ворид гардида, солҳои 60–70-уми асри XX забоншиносони рус, ба монанди Ю.Д. Апресян, Н.Д. Арутюнова, В.Г. Гак, Л.Н. Манера, А. Вежбитская ва дигарон низ мафҳуми “луғавӣ-маъноӣ”-ро мавриди истифода қарор медиҳанд. Чунончи, муҳаққиқи рус Ю.Д. Апресян низ майдони маъноиро ҷамъи калимаҳои ба ҳам муттаҳид ё воҳидҳои луғавӣ номида, бар он андеша аст, ки онҳо дар дохили худ бо ҳам алоқамандии маъноӣ доранд: “майдони маъноӣ – ин маҷмуи лексемаҳоест, ки бар асоси умумият ё мушоҳидаи маъноӣ муттаҳид шудаанд ва бо ҳам дар робитаҳои низоммандӣ (системавӣ) қарор доранд.” [1, с. 113].

Дар забоншиносии тоҷик мафҳуми «майдони маъноӣ», ҳамчунин бо истилоҳҳои «ҳавзаимаъноӣ», «марзи маъноӣ» пас аз солҳои 80-уми асри XX мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон (бахусус соҳаи вожашиносӣ ва маъношиносӣ) қарор гирифтааст. Доир ба мафҳуми мазкур дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон ба монанди Х. Шарифов, Ҳ. Маҷидов, П. Ҷамшедов, М.Н. Нағзибекова, М.Т. Ҷабборова, Ж. Гулназарзода, М. Саломиён ва дигарон дар таҳқиқоти худ андешаҳои хешро баён намудаанд. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик Ж. Гулназарзода доир ба сермаъноии калимаҳо ақидаи худро иброз дошта, мафҳуми «майдони маъноӣ»-ро бо истилоҳи «марзи маъноӣ» ифода карда, дар як марзи маъноӣ муттаҳид шудани гунаҳои як калимаро таъкид мекунад: “Дар мавриди сермаъноӣ, ки дар марзи маъноӣ гунаҳои луғавӣ-маъноии як калима муттаҳид мешаванд ва баррасии онҳо дар асоси мутобиқати онҳо бо дигар воҳидҳо дар матн сурат мегирад, таносуби синтагматикӣ бояд дар назар гирифта шавад” [3, с. 49]. Доир ба *майдони маъноӣ* ҳамчунин рисолаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик Тағоева Т. М. (2006), Гадайбаева У. А. (2007), Салихов Ф. Ш. (2015), Сидиқова М. А. (2018), Сафарова Г. Ф. (2019), Орипова Ф. М. (2020) ва дигарон низ таҳия шудааст. Мафҳуми “майдони маъноӣ” аз ҷониби донишмандони тоҷик бештар дар заминаи “майдонҳои лексикӣ-маъноӣ” ё “функсионалӣ-семантикӣ” истифода мешавад, ки дар онҳо гурӯҳҳои маъноии лексемаҳо тибқи як категорияи муайян ҷудо карда мешаванд. Ҳамчунин, дар таҳқиқотҳо *майдони маъноӣ-ро* ҳамчун низоми лексемаҳо шарҳ дода,

тавассути робитаҳои парадигматикӣ ва функсионалӣ бо ҳам иртибот доштани онҳоро муайян месозанд.

Ба андешаи С. Улман «майдонҳои маъноӣ сохтори мафҳумҳоро дар шуури инсон инъикос мекунанд ва дар захираи луғавии забонҳо таҷассум меёбанд» [14, с. 241]. Аз ин андешаи муҳаққиқ бар меояд, ки *майдони маъноӣ* дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд, ки дар шуури инсон инъикос меёбанд. Вобаста ба ҳамин андеша муҳаққиқон вижагиҳои асосии *майдонҳои маъноӣ*-ро таҳқиқ намуда, онро иборат аз хусусиятҳои зер мешуморанд:

- ягонагии маъно (семантикӣ);
- робитаҳои дохилӣ (синонимия, антонимия, гиперонимия, меронимия);
- низоммандӣ (системавӣ).

Ягонагии маъно (семантикӣ) яке аз хосиятҳои асосии *майдони маъноӣ* маҳсуб ёфта, дар он маънои байни калимаҳо ё воҳидҳои дохили майдонбо ҳам муштарак мебошанд ва як заминаи маъноӣ ё ин ки як консепт ё категория доранд. Ба ҳамин маъно, С. Улман аз як унсури маъноӣ иборат будани калимаҳои як майдони маъноиро зикр намуда, онро яке аз роҳҳои воридшавӣ ба майдони маъноӣ мешуморад: «Semantic fields consist of words related in meaning, sharing a common semantic component that determines their inclusion. (Майдонҳои маъноӣ аз калимаҳое иборатанд, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам алоқаманд буда, як унсури маъноии умумӣ доранд, ки асоси дохилшавии онҳо ба ин майдон мегардад)» [14, с. 247].

Забоншиноси рус Ю.Д. Апресян ба ягонагии маъно таъкид намуда, хосияти маъноии умумиро *сема* меномад, ки он метавонад тамоми унсурҳои майдони маъноиро бо ҳам алоқаманд кунад: «Ҳамаи унсурҳои майдони маъноӣ бояд бо як хосияти маъноии умумӣ – яъне бо сема, ки барои ҳамаи унсурҳои майдон муштарак аст, муттаҳид карда шаванд» [1, с. 112].

Воқеан, майдони маъноӣ тавассути мафҳуми ягона ташаккул меёбад ва ҳамин мафҳум дар зеҳну андешаи одам ба воситаи калимаҳои муайян, ки онҳоро воҳидҳои луғавӣ меномем, ифода мешаванд.

Робитаҳои дохилӣ (синонимия, антонимия, гиперонимия, меронимия) хусусияти дигари *майдони маъноӣ* мебошад. Яъне, воҳидҳои лексикии дохили як майдони маъноӣ метавонанд бо ҳам бар асоси маънои умумиашон тавассути робитаҳои семантикӣ (синонимия, антонимия, гиперонимия, меронимия) алоқаманд шаванд. Забоншиноси англис Ҷ. Лайонс (John Lyons) ҳамин робитаҳоро муайян намуда, менависад:«The internal relations within a semantic field may include synonymy, antonymy, hyponymy, meronymy, and others that define the organization of lexical meaning. (Робитаҳои дохилӣ дар дохили майдони маъноӣ метавонанд синонимия, антонимия, гипонимия, меронимия ва дигар намудҳои иртиботро дар бар гиранд, ки сохтори маънои луғавиро муайян мекунанд)» [10, с. 214].

Масалан, дар майдони семантикии “меъморӣ”:

- синонимия (*робитаи маъноии наздик*): **хона** – истиқоматгоҳ, ҷойи истиқомат;
- антонимия (*муқобилият*): **хонаҳои баландошёна – хонаҳои дуошёна**;
- гиперонимия/гипонимия (*умумӣ ва ҷузъ*): **хона→** заминӣ, якошёна, дуошёна, баландошёна;
- меронимия (*робитаи* “*бутун – қисм*”): **хона→** суфа, айвон, болор, болохона).

Ҳамин тавр, робитаҳои дохилии воҳидҳои луғавӣ синонимӣ, антонимӣ, гипонимӣ буда, онҳонизоми дохилии маъноиро ба вуҷуд меоваранд ва маъноҳои гуногунро ба як майдони ягона табдил медиҳанд.

Хусусияти дигари майдони маъноӣ *низоммандӣ* будани он аст. Низоммандӣ аз зумраи муҳимтарин хосиятҳои майдони маъноӣ буда, дар дохили майдони маъноӣ воҳидҳои луғавӣ бо як низоми муайян ва сохтори танзимшуда (дараҷа: марказ – канора (периферия)) ҷой дода шудаанд: «Semantic fields have internal organization – with central and peripheral elements – forming a system of lexical relationships. (Майдонҳои маъноӣ сохтори дохилӣ доранд – бо унсурҳои марказӣ ва канорӣ, ки як низоми робитаҳои луғавиро ташкил медиҳанд)» [14, с. 253]. Аз рӯйи ҳамин гуфтаҳо маълум мешавад, ки дар низоммандии майдони маъноӣ чунин сохтор роиҷ аст:

- марказ – мафҳуми асосӣ (гипероним ё категорияи умумӣ), яъне маънои наздик ва асосӣ;
- канора (периферия) – калимаҳои мушаххас (гипонимҳо, синонимҳо, вожаҳое бо маънои маҳдуд), яъне маънои дур.

Боиси тазаккур аст, ки *майдони маъноӣ* дар баробари хусусиятҳои муайян доштан, инчунин дорои вазифаҳои мушаххаси худ дар забон мебошад. Вазифаҳои майдони маъноиро муҳаққиқон ба таври зер муайян кардаанд:

- танзими вожагон (лексика)/ lexical organization;
- муайян кардани робитаҳои маъноӣ/ analyzing semantic structure;
- таҳлили сохтори маъноӣ/ identifying semantic relations.

Яке аз вазифаҳои майдони маъноӣ ин *танзими вожагон* мебошад. Танзими вожагон дар майдони маъноӣ – ин гурӯҳбандӣ ва ба низоми муайян даровардани воҳидҳои луғавии як забон мебошад. Чунончи, муҳаққиқони англисзабон низ таъкид мекунанд, ки: «Semantic fields provide a systematic framework for organizing the vocabulary of a language (Майдонҳои маъноӣ заминаи низоммандро барои тартиб додани захираи луғавии як забон фароҳам месозанд)» [14, с. 250].

Вазифаи дигари майдони маъноӣ *муайян кардани робитаҳои маъноӣ* мебошад, ки он яке аз муҳимтарин вазифаҳо маҳсуб ёфта, тавассути он робитаҳои байни маъноҳои воҳидҳои луғавӣ ошкор карда мешаванд. Яъне, кадом калимаҳо бо ҳам муродифанд ва кадом калимаҳо дар робитаи мутазодӣ, гиперонимӣ / гипонимӣ ва меронимӣқарор доранд. Тавассути ин вазифаи майдони маъноӣ вобастагӣ ва алоқамандии калимаҳо байни якдигар муайян мешаванд ва дар зеҳни одам онҳо якдигарро тақвият медиҳанд.

Ҳамин тавр, вазифаи мазкури *майдони маъноӣ* имконият фароҳам меоварад, ки низоми маъноии забон дуруст ошкор гардад.

Вазифаи охир, ки муҳаққиқон дар тартиби вазифаҳои *майдони маъноӣ* муайян намуданд – ин *таҳлили сохтори маъноӣ* (identifying semantic relations) мебошад. Чунонки Апресян Ю.Д. таъкид мекунад:«Майдони маъноӣ ҳамчун як низом ба ошкор кардани сохтори дохилии маънои калимаҳо, унсурҳои маъноии онҳо ва робитаҳои байни онҳо кумак мерасонад» [1, с. 117].

Воқеан, зери мафҳуми “майдони маъноӣ” муҳаққиқон сохтори дохилии маънии калима, гурӯҳи лексикӣ (ё як категория)-ро таҳлил мекунанд. Чунин таҳлилҳо асосан ба ошкор намудани ҷузъҳои зер дар калимаҳо имконият медиҳанд:

- компонентҳои асосии маъно (семаҳо)-и калимаҳо;
- алоқамандиибо ҳам зичимаъниҳои калимаҳо;
- ошкорсозии сатҳи абстраксия.

Масалан дар майдони маъноии истилоҳоти меъморӣ истилоҳи “унсурҳои меъморӣ” – *готӣ, классикӣ, аврупоӣ, шарқӣ, моваруннаҳрӣ, хуросонӣ* ва монанди инҳо ҳама дар асоси таҷрибаи мардумони қитъаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд ва ҳар кадом унсурҳо маънои хоси худро доранд. Таҳлили сохтори маъноии истилоҳ имкон медиҳад, ки компонентҳои асосӣ, алоқамандӣ ва сатҳи абстраксияи истилоҳи “унсурҳои меъморӣ” ошкор гарданд.

Ҳамин тавр, таҳлили сохтори маъноӣ дар доираи майдони маъноӣ имкон фароҳам меоварад, ки муносибати воҳидҳои луғавӣ (калимаҳо)байни якдигар ва бо тафаккуру дарки момуайян гардад.

Масъалаи дигар, ки ба *майдони маъноӣ* алоқамандии зич дорад, ин *меъёри гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣ* мебошад. Ба меъёри гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣ қисматҳои асосии зерин тааллуқ доранд:

- маънои умумӣ (гипероним – гипоним)/general meaning: hyperonym–hyponym;
- вазифаҳо (функсияҳо)-и муштарак / common functional role;
- истифодаи якҷоя дар матн / collocational tendency (contextual co-occurrence).

Меъёри доштани маънои умумӣ яке аз муҳимтарин *меъёрҳои гурӯҳбандии калимаҳо* дар майдони маъноӣ маҳсуб мешавад. Тибқи ин меъёр бояд ҳамаи воҳидҳои луғавӣ (калимаҳо) ба як гипероним (калонтарин категорияи маъноӣ) тааллуқият дошта бошанд ва ҳар як калима дар дохили он гипоним (зермафҳум) мебошад. Ба ҳамин маъно муҳаққиқони англисзабон низ таъкид мекунанд, ки: «The principle of hyponymy – classification under a superordinate term – is central to the organization of lexical fields. (Принсипи гипонимия – яъне гурӯҳбандии калимаҳо зери як истилоҳи умумӣ – асоси ташкилёбии майдонҳои луғавӣ ба шумор меравад)» [10, с. 276]. Масалан, дар низоми истилоҳоти меъморӣ:

- гипероним: *шаҳр;*
- гипонимҳо: *кӯча, хиёбон, гулгашт* ва монанди инҳо.

Забоншиноси рус Ю.Д. Апресян гиперонимро “унсури умумисозандаи майдони маъноӣ”номида, гипонимҳоро“узвҳои хусусии ин майдон” шарҳ додааст [1, с. 121]. Забоншиноси тоҷик Ж. Гулназарзода бар он назар аст, ки дар забоншиносии муосир

гипонимияро *шумули маъноӣ* мемонанд. Ӯ таъкид мекунад, ки: “Куруши Сафавӣ ... гипонимияро “шумули маъноӣ” тарҷума намуда...”-аст [3, с. 284].

Ҳамин тавр, доштани маънои умумӣ ин меъёри нахустини гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣмебошад, ки тибқи он ҳамаи воҳиди луғавӣ(калимаҳо) ба як категорияи маъноӣ (гипероним) тааллуқ дорад.

Меъёри дигари гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣдар майдони маъноӣ *вазифаҳои муштарак* мебошанд. С. Улман қайд мекунад, ки: «Semantic classification may also be based on functional similarity — items serving the same role or purpose in society.(Таснифи маъноӣ метавонад ҳамчунин бар асоси шабоҳати функсионалӣ сурат гирад – яъне воҳидҳое, ки дар ҷомеа нақш ё вазифаи яксон иҷро мекунанд.)» [14, с. 255].

Воқеан, бар асоси андешаи муҳаққиқ метавон хулоса кард, ки воҳидҳои луғавӣ(калимаҳо)дар баробари бо маънои умумӣ истифода шудан, инчунин дар як майдони маъноӣ бо назардошти нақши шабеҳ ва вазифаи муштаракашон онҳо дар ҳаёти ҷомеа истифода мешаванд. Масалан,майдони маъноии “маводдибинокорӣ”:*хишт, санг, лой, семент, гач, блок* ва ғайра маводҳоеанд, ки нақши истеҳсоли бинокорӣ доранд.

Муҳаққиқи рус В. Г. Гак низ бар он андеша аст, ки меъёри функсионалии майдони маъноӣ имкон медиҳад воҳидҳои луғавиеро гурӯҳбандӣ кунем, ки онҳо вазифаҳои бо ҳам шабеҳи прагматикӣ ё коммуникативӣдоранд. [2, с. 89].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки меъёри вазифаҳои муштарак (common functional role) аз меъёрҳои муҳимми гурӯҳбандии калимаҳо дар майдони маъноӣ буда, вазифаи муштараки воҳидҳои луғавиро дар равандҳои истеҳсолот нишон медиҳад.

Меъёри дигари *гурӯҳбандии калимаҳо* дар майдони маъноӣ ин *истифодаи якҷоя дар матн* (collocational tendency / contextual co-occurrence) мебошад. Ин меъёр ҳампайдошавии маъноӣ дар матнҳо ё нутқ аст, яънекалимаҳое, ки аксаран якҷоя истифода мешаванд, дар зеҳн ва забони одамдар заминаи як контексти мафҳумӣ ба як майдони маъноӣмутааллиқ мешаванд. Масалан, майдони маъноии “масҷид”→*меҳроб, манора, гумбаз* ин калимаҳо дар заминаи як контекст зоҳир мешаванд.

Ҳамин тавр, якҷоя истифода шуданивоҳидҳои луғавӣ (калимаҳо) дар нутқи шифоҳӣ ва дар матнҳо нишон медиҳанд, ки онҳо ба як майдони маъноӣ мансубанд.

Вобаста ба вазифаҳо, гурӯҳбандиҳо ва меъёрҳое, ки дар боло зикр шуд, забоншиносон *майдони маъноӣ*-ро ба навъҳо ё хелҳои зерин ҷудо мекунанд:

- *майдони луғавӣ-маъноӣ* / лексикосемантическое поле / lexical-semantic field;
- *майдони грамматикӣ* / грамматическое поле / grammatical field;
- *майдони фразеологӣ* /фразеологическое поле / phraseological field;
- *майдони мавзуӣ* (тематикӣ)/тематическое поле / thematic field;
- *майдони когнитивӣ* / когнитивное поле / cognitive field)

Майдони луғавӣ-маъноӣ ё лексикӣ-семантикӣ яке аз маъмултарин навъи майдони маъноӣ буда, он аз калимаҳо (лексемаҳо)-е ташкил ёфтааст, ки маънои муштарак ва шабеҳ доранд. Шарҳи майдони луғавӣ-маъноиро муҳаққиқи англис John Lyons ба таври зер пешниҳод кардааст: “Lexical fields are sets of lexical items related in meaning and organized under a common concept. (Майдонҳои лексикӣ маҷмуи воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно бо ҳам иртибот доранд ва дар доираи як мафҳуми умумӣ тартиб ёфтаанд.)”[10, с. 275]. Яъне, ҳар як калима аз як майдони луғавӣ иборат буда, ба як мафҳуми умумии дохили як соҳа мутаалиқмебошад. Забоншиноси рус Ю.Д. Апресян низ чун John Lyons*майдони луғавӣ-маъноӣ* -ро “маҷмуи лексемаҳо бо воҳидҳои ягона ва сохтори муайян” [1, с. 119] меномад. Масалан, *майдони луғавӣ-маъноии* “ҷойи зист” → хона, меҳмонхона, сарой, айвон, корвонсарой, болохона, таҳхона ва ғайра; ё *майдони луғавӣ-маъноии* “хона” → меҳмонхона (зал), ҷойи хоб, ошхона, долон, ҳоҷҷатхона, ҳамомхона, гардероб.

Ҳамин тавр, *майдони луғавӣ-маъноӣ* навъе аз майдони маъноӣ буда, аз калимаҳо ё лексемаҳое иборат мебошад, ки онҳо дар дохили як мафҳум аз рӯи хусусияти маъноӣ муштарак буда, дар як соҳа ба ҳам муттаҳид мешаванд.

Навъи дигари майдони маъноӣ ин *майдони грамматикӣ* (grammatical field) мебошад. Муҳаққиқон *майдони грамматикӣ* гуфта, маҷмуи шаклҳои грамматикеро мемонанд, кидар он калимаҳо дар сохтори морфологӣ ё синтаксисӣ баён шуда, бо як категорияи грамматикӣ (шумора, замон, ҷинс ва ғ.) ифода мешаванд. Чунончи, Ҷ. Лайонс майдони грамматикиро шарҳ дода, таъкид мекунад, ки он ба категорияҳои грамматикӣ бояд баробар бошад: “Grammatical fields correspond to categories like tense, number, and mood, realized through morphological paradigms. (Майдонҳои грамматикӣ ба категорияҳое чун замон, шумора ва

ҳолат мувофиқанд, ки тавассути парадигмаҳои морфологӣ амалӣ мегарданд)”[10, с. 162]. Ҳамин андешаро В.Г. Гак низ тасдиқ намуда, онро ба маънои зер шарҳ медиҳад: «Майдони грамматикӣ – ин низоми шаклҳост, ки як маънои муайяни грамматикиро ифода мекунанд» [2, с. 93].

Ҳамин тавр, *майдони грамматикӣ* ҳамчун навъи майдони маъноӣ дар забон ба воситаи ҳиссаҳои нутқ чун исм, сифат ва шаклҳои феъл ифода ёфта, дар онҳо маънои грамматикӣ дар як низоми муайян ташкил меёбанд.

Навъи сеюми майдони маъноиро муҳаққиқон *майдони фразеологӣ* (phraseological field) меноманд. Ин намуди майдон аз ибораҳои фразеологӣ(фразеологизмҳо), яъне ифодаҳои устувори забон ташкил ёфта, як маънои умумии дорои хусусиятҳои маънавӣ, иҷтимоӣ ва эҳсосотиро метавонад ифода кунад. Чунончи, А. Вежбитская майдони фразеологиро инъикоскунандаи “тафаккури фарҳангӣ” ва “таҷрибаи эҳсосӣ”-и як гурӯҳи муайян меномад:“Phraseological fields reflect cultural conceptualization and collective emotional experience. (Майдонҳои фразеологӣ тафаккури фарҳангӣ ва таҷрибаи эҳсосии гурӯҳиро инъикос мекунанд.)” [15, с. 212]. Масалан, майдони маъноии “хона” – *хонаат обод*→ офарин! аҳсан!; *хонаат сӯзад*→ ба бало гирифтор шавӣ; “работ”– *работи тан*→ вуҷуди инсон; “тоқ” – *тоқи абрӯ*→ хамидагии абрӯ;

Ҳамин тавр, *майдони фразеологӣ*, ки як навъи майдони маъноӣ маҳсуб мешавад, аз рӯи ҳолат, эҳсос, таҷрибаи зиндагӣ, мавқеи иҷтимоӣ, тафаккури фарҳангӣ ташаккул меёбад.

Майдони мавзуӣ (thematic field) навъи дигари майдони маъноӣ мебошад, ки он ба як мавзуи мушаххас марбут буда, метавонад аз калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ (исм, феъл, сифат)-и ба як мавзуъ мутааллиқтаркиб ёбад. Чунончи, муҳаққиқони англисзабон майдони мавзуиро гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ номида, дар зери як мавзуъ муттаҳид шудани калимаҳоро дар он муҳимтар арзёбӣ мекунанд: “Thematic fields are groupings of lexical items based on subject matter, not necessarily strict semantic similarity.(Майдонҳои мавзуӣ гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣ мебошанд, ки бар асоси мавзуъ сурат мегиранд, на ҳатман бар пояи монандии қатъии маъноӣ)” [10, с. 261]. Масалан, майдони мавзуии “меъморӣ”: *меъмор, услуби готӣ, кох, арк, гунбаз, капител*ва ғайра.

Ҳамин тавр, *майдони мавзуӣ* навъи майдони маъноист, ки воҳидҳои луғавӣ дар он бар асоси мавзуъ гуруҳбандӣ шуда, дар лексикаи соҳавӣ, аз ҷумла меъморӣ, сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт, тиб, маориф, фарҳанг ва монанди инҳоистилоҳҳо ҳамчун як модели муҳим гурӯҳбандӣ мешаванд.

Майдони дигари маъноиро муҳаққиқон *майдони когнитивӣ* (cognitive field) меноманд, ки он асосан ба асоси тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва дарки инсон, инчунин таҷрибаи маънавӣ ташаккулмеёбад. Калимаҳо дар *майдони когнитивӣ*вобаста ба шинохту дарки олами атроф (когнитивӣ) ва ҷаҳонбинии фарҳангӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Чунончи, Ҷ. Лакофф (George Lakoff) ва М.Ҷонсон(Mark Johnson) мафҳуми “майдони когнитивӣ”-ро бар асоси назарияи “conceptual metaphor” шарҳ дода, таъкид мекунанд, ки: “Cognitive semantic fields reflect how humans conceptualize experience and structure reality. (Майдонҳои семантикии когнитивӣ тарзи тафаккури инсонро дар дарки таҷриба ва сохтори воқеият инъикос мекунанд)” [8, с. 136].

Ба андешаи забоншиносон*майдони маъноӣ* метавонад дорои дараҷаҳои гуногуни абстраксия бошад, Яъне, калимаҳо ва маъниҳои онҳовобаста ба дараҷаи абстрактиашон ба қабатҳои зеринимаъноӣ ҷудо шаванд:

- *маънои умумӣ (гипероним);*
- *маънои махсус (гипоним);*
- *маънои мушаххас (гипоним).*

Маънои умумӣ – мафҳуми хеле васеъ ва фарогири маъниҳои дигари зергурӯҳ мебошад. Ҷ. Лайонс ин мафҳумро шарҳ дода, таъкид мекунад: “Higher-level semantic categories like ‘movement’ or ‘emotion’ serve as superordinate concepts in the structure of semantic fields. (Категорияҳои семантикии сатҳи баланд, ба монанди «ҳаракат» ё «ҳиссиёт», ҳамчун мафҳумҳои умумӣ (гипероним) дар сохтори майдонҳои семантикӣ хидмат мекунанд)” [10, с. 284]. Ю.Д. Апресян низ маънои абстрактиро дарбаргирандаи маънои васеъ таъкид мекунад: «Маъноҳои абстрактӣ дар болоии дараҷа (иерархия)-и майдони маъноӣ ҷойгиранд ва категорияҳои васеи мафҳумҳоро дар бар мегиранд».

Маънои миёна – маъноҳоеро меноманд, ки нисбат ба маънои умумӣ мушаххастар буда, вале ҳанӯз ҳам фарогири гурӯҳи васеи калимаҳо мебошад. Яъне, маънои миёна ин зергурӯҳ (гипоним)-и маънои умумӣ мебошад. Аз ин рӯ, С. Улман маънои умумиро (гипероним) ва маъноҳои миёна ва мушахасро (гипоним) номидааст [**Ошибка! Источник ссылки не**

найден.14 с. 262]. Гак В.Г. менависад: «Зермаъноҳо сатҳҳои миёнаро ташкил медиҳанд, ки лексемаҳоро дар доираи маънои умумӣ бо нишонаҳои мушаххастари маъноӣ муттаҳид месозанд» [2, с. 96].

Маънои мушаххас – ин сатҳи калимаҳои ҷудогонаро, ки ба ҳолатҳо, амалҳо ё объектҳои дақиқ ишора мекунанд, муайян мекунад.

Ҳамин тавр, майдони маъноӣ воситаи муассире барои фаҳмидани сохтори дохилии забон ва низоми маъноии воҳидҳои луғавӣ (калимаҳо) буда, аз дараҷаҳои маъноии умумӣ (категорияи васеъ), миёна (зергурӯҳҳо бо хусусиятҳои мушаххас) ва мушаххас (лексемаи дақиқ) иборат мебошад ва як низом ё тартиби муайянро барои фаҳмиши воҳидҳои луғавӣ ба вуҷуд меоварад, ки он метавонад барои таҳияи луғатҳо,таҳлили маъно ва омӯзиши категорияҳои фикр дар забон кумак кунад. Инчунин, майдони маъноӣ аз робитаҳои мантиқӣ-мафҳумӣ сарчашма гирифта, дар баробари таҳлили луғат, имкони муқоисаи байнизабонӣ ва фаҳмиши ҷаҳони маънавии ҳар як миллатро фароҳам меорад.Аз ин рӯ, сохтори лексикӣ-маъноии истилоҳҳо ҳангоми муқоисаи истилоҳҳои забонҳои гуногун аз воқеиятҳои фарҳангӣ ва соҳавӣ низ таъсирпазир аст.

Адабиёт

1. *Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1974. - 367 с.*
2. *Гак, В.Г. Введение в лингвистическую семантику / В.Г. Гак. – М.: Просвещение, 1972. – 175 с.*
3. *Гулназарзода, Ж. Низоми маъноии феъл дар забони адабии тоҷикӣ (бар мабнои осори бадеии Абдураҳмони Ҷомӣ) / Ж. Гулназарзода. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. - 332 с.*
4. *Сафарова, Г. Ф. Семантическое поле слова "зан"(женщина) в таджикской поэзии / Г. Ф. Сафарова // Автореф. дис. ... канд. филол. наук: – Душанбе, 2019. – 24 с.*
5. *Таҕоева, Т. М. Функционально-семантическое поле количественности в английском и таджикском языках / Т. М. Таҕоева // Дис… канд. филол. наук: 10.02.20. – Душанбе, 2006. – 147 с.*
6. *Ульман, С. Семантика: Введение в науку о значении / С. Ульман. – М., 1970. –278 с.*
7. *Claire, J. Architectural Terminology: Clarity Across Disciplines / J. Claire. London: Routledge, 2010. – 208 p.*
8. *Lakoff, G. Metaphors We Live By / G. Lakoff, M. Johnson. – Chicago: University of Chicago Press, 1980. – 256p.*
9. *Leech, Geoffrey. Semantics: The Study of Meaning. 2nd ed / Geoffrey Leech. – Harmondsworth: Penguin Books, 1981. - 383p.*
10. *Lyons, J. Semantics. (Vol. 1) / Lyons. – Cambridge: Cambridge University / J. Lyons. - Press, 1977. – 384 p.*
11. *Lyons, J. Semantics. Vol. II. / J. Lyons. – Cambridge: CUP, 1977. – 540 p.*
12. *Murphy, M. Lynne. Semantic Relations and the Lexicon: Antonymy, Synonymy, and Other Paradigms / M. Murphy. – Cambridge: Cambridge University Press, 2003. – 304 p.*
13. *Trier, J. Der deutsche Wortschatz im Sinnbezirk des Verstandes / J. Trier. – Heidelberg, 1931. – 347 p.*
14. *Ullmann, S. Semantics: An Introduction to the Science of Meaning / S. Ullmann. – Oxford: Blackwell, 1962. – 278 p.*
15. *Wierzbicka, A. Understanding Cultures Through Their Key Words / A. Wierzbicka. – Oxford University Press, 1997. – 317 p.*

ДОИР БА МАФҲУМИ "МАЙДОНИ МАЪНОӢ" ВА ШАКЛҲОИ ОН

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимму марказӣ дар забоншиносӣ, хусусан дар маъношиносӣ, мавзуи "майдони маъноӣ" бахшида шудааст. Зери ин мафҳум дар маъношиносӣ робитаҳои маъноии калимаҳо, танзими дохилӣ ва гурӯҳбандии онҳо ошкор мегардад. Бинобар ин, барои ҳалли масъалаи зерин забоншиносон дар таҳқиқоти худ, пеш аз ҳама ба сохтори маъноӣ таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун як низоми қонунманд, ки ба андеша, ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф алоқамандии мустаҳкам дорад, нишон дода, мавриди таҳлил қарор додаанд. Майдони маъноӣ низоме аст, ки дар он дар баробари маҷмуи маънии калимаҳо, инчунин робитаҳои байни воҳидҳои он хеле муҳим ва дорои аҳамияти асосӣ мебошанд. Майдони маъноӣ воситаи муассире барои фаҳмидани сохтори дохилии забон ва низоми маъноии воҳидҳои луғавӣ буда,аз дараҷаҳои маъноии умумӣ, миёна ва мушаххас иборат мебошад ва як низом ё тартиби муайянро барои фаҳмиши воҳидҳои луғавӣ ба вуҷуд меоварад, ки он метавонад барои таҳияи луғатҳо,таҳлили маъно ва омӯзиши категорияҳои фикр дар забон кумак кунад.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, майдони маъноӣ, воҳидҳои луғавӣ, таҳлил, маъношиносӣ.

О ПОНЯТИИ «СЕМАНТИЧЕСКОГО ПОЛЯ» И ЕГО ФОРМАХ

Статья посвящена одному из важнейших и главных вопросов в языкознании, особенно в семантике, – теме «семантическое поле». Семантика раскрывает семантические связи слов, их внутреннюю организацию и их классификацию. В связи с этим для решения данного вопроса лингвисты в своих исследованиях уделяли особое внимание, прежде всего, семантической структуре, представляя и анализируя ее как основанную на законах систему, тесно связанную с мышлением, мировоззрением и восприятием окружающего мира. Семантическое поле – это система, в которой, наряду с совокупностью значений слов, важное и определяющее значение имеют также отношения между ее единицами. Семантическое поле является эффективным орудием для понимания внутренней структуры языка и семантической системы лексических единиц. Оно состоит из общих, промежуточных и частных семантических уровней и создаёт определённую систему или порядок понимания лексических единиц, что может помочь в разработке словарей, анализе значения и изучении категорий мышления в языке.

Ключевые слова: языкознание, семантическое поле, лексические единицы, анализ, семасиология.

ON THE CONCEPT OF THE "SEMANTIC FIELD" AND ITS FORMS

The article is devoted to one of the most important and main issues in linguistics, especially in semantics, the topic "semantic field". Semantics reveals the semantic connections of words, their internal organization and their classification. In this regard, in order to solve this issue, linguists in their research pay special attention, first of all, to the semantic structure, presenting and analyzing it as a system based on laws, closely related to thinking, worldview and perception of the surrounding world. A semantic field is a system in which, along with the totality of the meanings of words, the relationships between its units are also important and decisive. The semantic field is an effective tool for understanding the internal structure of a language and the semantic system of lexical units. It consists of general, intermediate, and particular semantic levels and creates a specific system or order of understanding lexical units, which can help in the development of dictionaries, the analysis of meaning, and the study of categories of thinking in language.

Keywords: linguistics, semantic field, lexical units, analysis, semasiology.

Дар бораи муаллиф
Даминзода Мадина Зокир
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Мухаммадиев 17/6
E-mail: madina.daminova@mail.ru

Об авторе
Даминзода Мадина Зокир
Кандидат филологических наук, доцент кафедры английской филологии
Таджикский международний университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: madina.daminova@mail.ru

About the author
Daminzoda Madina Zokir
Candidate of Philology, associate Professor of the English philology department
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str
E-mail: madina.daminova@mail.ru

ТДУ 800.34-34.1

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ПАРЕМИЯҲО ДАР ЗАБОНШИНОСӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР БАХШИ ФРАЗЕОЛОГИЯ

Қаландарова Л. Ф.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Паремия як падидаи умумибашарӣ буда, хоси тамоми забонҳои ҷаҳон аст. Паремия ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти фарҳангӣ таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намуда, онҳоро ҳамчун яке аз воситаҳои рушди малакаҳои муоширатӣ баррасӣ менамояд. Паремияҳо аломатҳои махсуси забон, унсурҳои зарурии муошират одамон мебошанд [3, с. 157]. Паремияҳо мақолҳое мебошанд, ки дар забон устувор буда, дар нутқ бо сохтори синтаксисии ҷумла такрор мешаванд. Паремия ҳамчун воҳиди махсуси забон буда, барои такмили нутқ ва рангу бори он ҳангоми муошират муҳим аст. Паремия одатан аз ҷиҳати сохтор ба ҷумла баробар аст, ва дар он падидаҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳими ҳаёти халқ инъикос ва баҳо дода мешаванд.

Мафҳуми паремияро аксар мутахассисони муосир ҳамчун афоризмҳои манбаҳои мардумӣ, хусусан зарбулмасалу мақол мефаҳманд. Афоризмҳои фолклорӣ баробари афоризмҳои ғайрифолклорӣ як гӯшаи калони ифодаҳои забониро ташкил медиҳанд. Дар забоншиносии муосир масъалаи тафовут кардани паремияҳо ва афоризмҳо вуҷуд дорад. Дар робита бо ин лозим аст, ки таърифе аз афоризм ва паремияро ин ҷо биёрем. **Афоризм** - ин ифодаи мустақил мебошад, ки фикри муаллифро дар бораи падидаи зиндагӣ ё мафҳуми фалсафии кӯтоҳ ва аслӣ баён мекунад. **Паремияҳо** - ин афоризмҳои манбаҳои мардумӣ мебошанд, ки бо мухтасар ва шакли муқаррарӣ хосанд, маъноро такрор мекунанд ва одатан, маънои таълимӣ доранд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки фарқиятҳои амиқ байни афоризмҳо ва паремияҳо дар чунин нуқтаҳо вуҷуд доранд: 1) моҳияти маънӣ, 2) имконпазирии истифодаи он, 3) хусусиятҳои таркиб, 4) оҳангнокӣ ва инчунин маҷмуи сохторҳоиъ0\ синтаксисие, ки ифода мешаванд [2, с. 242]. Бояд қайд кард, ки таҳқиқ намудани паремия каме мушкил аст ва дар маҷмуаи паремиологӣ ба ҷуз зарбулмасалу мақол, инчунин ифодаҳои гуногуни афористикӣ дохил мешаванд. Аз ин рӯ, фразеологизмҳо, паремияҳо ва афоризмҳо - ин намудҳои ифодаҳое мебошанд, ки ҳар як бо маҷмуи хусусиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва функсионалии хос мебошад.

Афоризмҳоро дар асоси қоидаҳои махсуси забоншиносӣ ба як гурӯҳи мустақил ҷудо кардан мумкин аст. Боиси зикр аст, ки афсонаҳои муаллифӣ ва тамсилҳоро афоризм ҳисоб намекунанд, баръакс афсонаҳо ва тамсилҳои мардумӣ, ки муаллифи онҳо гум шудааст, паремия ҳисоб мешаванд. Ҳатто як назарияи комилан дигар вуҷуд дорад: шомил кардани зарбулмасалу мақол ба таркиби афоризмҳо. Таҳқиқоте, ки дар он таъкид ба хусусиятҳои семантикии воҳидҳои забонӣ гузошта мешавад, ҷудо кардани фразеологизмҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва афоризмҳо муҳим нест [9, с. 88].

Паремиологҳо, забоншиносон дар бобати мақоми паремияҳо ҷудо кардани онҳо муайян кардани потенсиалҳои функсионалӣ, омӯзиши синтаксисии луғавии онҳо кори зиёдеро анҷом додаанд. Паремияҳо тафсирҳо, тавсияҳо, муносибатҳо, натиҷаҳои арзёбии ҳолатҳои маъмулиро дар фазои муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бар мегиранд, яъне онҳо дорои роҳи умумии моделсозии қолабҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими шуури забонӣ ва интиқоли меъёрҳои рафтор дар доираи фарҳанги муайяни миллӣ мебошанд. Агар дар бораи паремияҳо сухан ронем, пас онҳо ҳамчун мавзуи ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва ба низом даровардан аз ҷониби бисёр илмҳо баррасӣ мешаванд: забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, фарҳангшиносӣ, антропология, таърихи забони адабӣ ва ғайра.

Марҳилаҳои таърихие, ки дар рушд ва ташаккули паремиология саҳм гузоштааст давраи эҳё ҳисобида мешавад. Дар ин давра таваҷҷуҳи олимон ба ин мавзуъ тағйир ёфт. Онҳоро дигар истифодаи паремияҳои сода қонеъ намегардонид ва аз ин рӯ паремияҳо объекти таҳқиқот гардидаанд ва аввалин кушишҳо оид ба омӯзиши паремияҳо пайдо гардид. Дар ин давра, дар нутқ ҳарчи бештар истифода бурдани ибораҳои образнок дар забон паҳн шуд.

Давраи ташаккули паремия ва истифодаи васеи он дар забон асри миёнаро мансуб медоранд, ки мисоли он асарҳои дар он давра ба табъ расида мебошанд, ки асоси пойдории паремия буданд. То давраи мо маҷмуаи ифодаҳои қавӣ, номаълум ё ин ки навиштаҷотҳои

шахсиятҳои маъруфи ҳамон давра омода расидаанд. Асосгузори паремиологияро дар илм Ф.В. Вандера меноманд, ки таснифоти расмӣ ва сохтории худро пешниҳод кардааст. Дар асри XX паремия дар ҷанбаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва адабӣ баррасӣ мешуд. Онҳо аз нуктаи назари лаҳҷа, фолклор ва то андозае аз нуқтаи назари забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд. Имрӯз паремияро ҳамчун падида на танҳо дар ҳаёти рӯзмарра истифода мебаранд, балки онҳо дар матбуот фаъолона истифода шуда, аксар вақт дар сомонаҳои интернет ба чашм мерасанд. Мо чунин мепиндорем, ки сабабҳои зиёде барои қабул кардани фаҳмиши васеи паремияҳо мавҷуд аст. Чунонки маълум аст, дар зери мафҳуми паремия афсона, масал, ҳикоя, мақол, зарбулмасал, ҳазлу ҳаҷвия ва ғайра, яъне шаклҳое, ки характери фолклорӣ доранд, фаҳмида мешаванд. Паремияҳо мавзуи таҳқиқотҳои зиёде дар соҳаҳои гуногуни илмӣ мебошанд. Аз ҷумла, паремия ҳамчун воҳиди забон ва фолклор месанҷанд (Е. Е. Жигарина, А. В. Козмин, С. Ю. Неклюев, Г. Л. Пермяков, М. Р. Шумарина ва дигарон); ҳамчун воҳидҳои фразеологӣ (масалан, А. К. Бирих, В. М. Макиенко, Н. М. Шанский ва дигарон); дар соҳаи забоншиносӣ ҳамчун унсурҳои забон ва фарҳанг (масалан, Ю. А. Гвоздарев, Т. М. Николаева, В. П. Жуков, Л. Б. Савенкова, И. М. Снегирев, З. К. Тарланов ва дигарон), дар фолклор ҳамчун жанрҳои фолклор (масалан, Т. Г. Бочина, Л. И. Минухин, Ф. Некрилова, Н. Г. Павлова ва дигарон). Мафҳуми “фразеология” аз ҷониби муҳаққиқони Ғарб ҳамчун “ истилоҳи чатр” барои ҳамаи ибораҳои устувор, аз ҷумла дар ташаккули паремияҳо истифода бурда мешавад [8, с. 435].

Ҷамъбасти васеи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фразеология ба И. В. Горбан имкон дод, ки аломатҳои умумиро барои паремияҳо ва ҳам фразеологизмҳо муайян кунад. Инҳо тасвир, мавҷудият маънои маҷозӣ, такроршавандагӣ, рангинии изҳороти эҳсосӣ, ва ифодакунандаи якпорчагии семантикӣ, имконияти сохтори семантикӣ (монанд ба фразеология) тағйироти зарбулмасалу мақол дар луғатҳои фразеологӣ мебошанд [5, с. 172-173].

Дар айни замон, мувофиқи самти инкишофёбандаи забоншиносӣ, муҳаққиқон ба асарҳо санъати халқии шифоҳӣ, ба монанди паремия ва воҳидҳои устувори фразеологӣ таваҷҷуҳи бештар доранд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки паремияҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар баробари забон ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд, ки барои ғанӣ гардонидани забон ва бештар кардани захираи луғавии он аҳамияти калон доранд.

Фразеология яке аз сарчашмаҳои доманадору ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, дар низоми луғат зернизоми вижаеро ташкил медиҳад. Фразеология махзани пурбаҳову воло ва сарвату молияти кулли забонҳост. Дар он таҷриба, бардошт, санҷидаву озмудаи меҳнатии тули қарнҳо муҷтамаъ ва фаъолияти маънавии халқ, хроникаи мардум, арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ, симову ҳиссиёт, афкору ақоиди диниву иҷтимоӣ ва ғ. Ҳифз шудаанд [11, с. 62].

Бояд гуфт, ки ҳатто луғатҳое, ки миқдори ками маводи фразеологӣ ва паремиологӣ доранд, аз паремияҳои маъмул дур интихоб шудаанд. Аз ин рӯ, дигар луғатҳои басомадиро вонамуд намекунанд. Забоншиносон ҳамеша ба он таваҷҷуҳ буданд, ки ибораҳои дар нутқ мавҷудбуда дар шакли тайёр ифода меёбанд. Бо назардошти илми муосир фразеология ва паремиология яке аз илмҳои навтарини забоншиносӣ маҳсуб меёбанд. Фразеология ҷузъи ҷудонашавандаи забон буда, мафҳумҳои ҷолибу асил, ва аз ҷиҳати фарҳангӣ хоси миллиро вобаста ба хусусияти забонӣ ва тафаккури миллӣ ифода мекунад. Воҳидҳои фразеологӣ аслан моли забон ба шумор мераванд, ки дар адабиёт ҳангоми таълими маҷоз аз онҳо ёдовари шуда, аз ҷиҳати сохт, таркиб ва маънои луғавӣ шарҳу эзоҳ намеёбанд [4, с. 22].

Фразеологизмҳо дар дарки матн нақши калон бозида, ба вазъият ё ҳодиса ранги рушани эмотсионалӣ бахшида, барои равшантар шарҳ додани ҳодисаи мавҷуда ба хонандагон ёрӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ба дарки матн, фаҳмиши идеяи аслии муаллифи забони хориҷӣ бевосита таъсир мерасонад.

Доираи бозёфтҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи таҳқиқоти фразеология аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ, семантика ва прагматика дар асарҳои В. В. Жайворонка, В. Маслова, В. Н. Телия, В. Д Ужченко ва дигарон тавсиф карда шудааст. Ба хусус, В. Н. Телия воҳиди фразеологиро чунин муайян мекунад: «Воҳидҳои фразеологӣ номи умумии таркибҳои аз ҷиҳати маъно алоқаманди калима ва ҷумлаҳо мебошанд, ки бар хилофи сохторҳои семантикии аз ҷиҳати шакл ба ҳам монанд мувофиқи шаклҳои умумии интихоб ва таркиби калимаҳо ҳангоми ташкили изҳорот аз нав сохта намешаванд, балки дар нутқ дар таносуби устувори сохтори маъноӣ ва таркиби муайяни луғавию грамматикӣ дарк карда мешаванд» [8, с. 560].

Таҳқиқоти фразеологияи англис аз асри XVIII шуруъ гардидааст ва ташаккули он ба давраи нави рушди забоншиносии асри XX рост меояд, вале дар ин соҳа аз тарафи забоншиносони хориҷӣ асарҳои мукаммал хеле кам ба назар мерасанд ва фразеологияи англис асосан ба заҳмати олимони рус, аз он ҷумла, Н. Н. Амосова, И. В. Арнолд, А. И. Мелчук ва дигарон ба даст омадааст.

Ташаккули фразеология ҳамчун як фанни забоншиносӣ дар натиҷаи он паремеология ҳамчун зербахшии фразеология ба вуҷуд омадааст. Аз асрҳои миёна ба омӯзиши паремия ва фразеология на танҳо забоншиносон, балки нависандагон, шоирон, ҳуқуқшиносон, табибон, ашрофон ва инчунин мардуми оддӣ низ машғул буданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки асри XIX яке аз марҳилаҳои муҳим барои инкишофи паремия ва фразеология мансуб меёфт. Муаллифон бештар аз рӯи дарки забонӣ амал мекарданд на аз рӯи меъёрҳои илмии асоснокшуда. Дар ин вақт як хазинаи истилоҳоти алоҳида барои паремиология ва фразеология инкишоф ёфт. Барои рушди минбаъдаи таҳқиқот оид ба паремияҳо ва воҳидҳои фразеологӣ саҳми олимони рус ва шуравӣ А. А. Потебня, Ф. Ф. Фортунатов, А. А. Шахматов, тоҷ ва дигарон низ зиёд аст. Асарҳои В. Виноградов ҳамовозии васеъ ба вуҷуд оварда, боиси асарҳои зиёде гардидаанд. О. С. Ахмановай, С. И. Ожегова, В. Н. Телия ва дигарон низ дар инкишофи фразеология ва паремеология саҳми калон гузоштаанд.

Мувофиқи эродҳои одилонаи В. Н. Телия, ҳаҷми фразеологияҳоро вобаста ба мавқеи паремияҳо дар системаи забон ва меъёрҳои интихобшудаи фразеологизмҳо олимони гуногун муайян мекунанд [12, с. 59]. Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи забоншиносӣ доираи фразеологизмҳо ба маънои васеъ ва танг фарқ карда мешаванд. Доираи васеи фразеологизмҳо ба ақидаи баъзе муҳаққиқон ҳоло дар илм бартарӣ доранд.

Шакли оламро, ки дар шуури инсон нақш бастааст, тавассути таҳлили воҳидҳои гуногуни фразеологӣ ва паремияҳо барои бозсозиҳои забоншиносии фарҳангӣ — воҳидҳое, ки таҷрибаи фарҳангии башариятро аз худ кардаанд, мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор медиҳанд. Воҳидҳои фразеологӣ ганҷинаи забон ва фарҳанги ҳар миллатро ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳ ба омӯзиши муқоисавии паремияҳо дар забонҳои гуногун барои дарёфти чизҳои умумӣ ва мушаххас дар онҳо дар раванди пур кардани донишҳои башардӯстона ва инъикоси рамзи фарҳангӣ дар забонҳо хеле умедбахш ва муҳим ба назар мерасад. Дар даҳсолаҳои охир воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи бартаридошта дар доираи назари забоншиносон мебошад [1, с. 4, 18].

Дар ҳақиқат, пеши назари мо фразеология ва паремиология – ҳам тоҷикӣ ва ҳам умумиаврупоӣ барои баргаштан аз синхрония ба диахрония ва баръакс ангезаи пуркувват мегирад, дар гузашта чунин ба назар мерасад, ки падидаҳои куҳнашудаи системаҳои фразеологӣ ва паремиологӣ эҳёи архаизмҳоро ошкор мекунанд. Бинобар такмил гардидани равандҳои мухталифи забоншиносӣ бо як суръати хос куҳнагардии мафҳумҳо ба пайдоиши мафҳумҳои нав ва баръакс, истифода гардидани мафҳумҳои нав ба ҷойи мафҳумҳои куҳна истилоҳоти муосири умумибашарӣ бештар ба назар мерасад. Диахрония ва синхрония дар паремиология ва фразеология низ истисно нест. Диахрония дар фразеология ва паремиология аз он сабаб талабот пайдо кардааст, ки маҳз шакли дохилии фраземаҳо ва паремияҳо буд, ки забоншиносон, бозсозандагони тасвири забоншиносии ҷаҳон ва донишмандони когнитивӣ ба он муроҷиат кардаанд.

Яъне, ба таври дигар, ҳам паремия ва ҳам воҳидҳои фразеологӣ дар як вақт дар се ҳамвории ба ҳам алоқаманд ҷойгир шудаанд: забонӣ (воқеъан забонӣ), мантиқӣ-семиотикӣ, объективӣ (ҳамвории воқеият). Ин маънои онро дорад, ки ҷанбаҳои мувозӣ ва ҳамбастагии муаммо имкон медиҳад, ки омӯхтани он аз нигоҳи забон ва ҳам анъанаи фарҳангӣ бо зарурати таҳлили усулҳои таҳқиқоти чунин маводи бисёрҷанбаро ба миён меорад.

Дар забоншиносии муосир «гардиши антропологӣ» равишҳои нави омӯзиши падидаҳои забон ва фарҳангро фаъол кардааст. Омӯзиши ҷанбаҳои воқеии забоншиносии амал, аҳамияти лексикӣ-семантикӣ ва прагматикӣ, генезисӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисии фразеология ва паремиологияи муосир як соҳаи васеъ барои омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи олимони забоншинос аст.

Дар ин марҳила сатҳи инкишофи методологияи муосири илмҳои гуманитарӣ барои гузаронидани таҳқиқоти гуногунҷанбаи маводи забонӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ин ногузир муҳаққиқро ба зарурати истифодаи системаи усулҳои на танҳо ба таври қатъиян забонӣ, балки фалсафию фарҳангӣ барои тавсифи воҳидҳои забонӣ водор месозад. Махсусан, чунин маҷмуаи методологӣ ҳангоми омӯзиши ба истилоҳ клишеҳо (истилоҳро Г. Л. Пермяков пешниҳод кардааст), ба ибораи дигар, шаклҳои забоншиносие, ки маъноҳои

лексикию семантикӣ ва вазифаҳои хоси прагматикиро ба ҳам алоқаманд доранд, зарур аст [10, с. 26].

Паремияҳо дар бахши фразеология мавқеи муҳим ва аҳамияти махсус дорад, зеро онҳо як унсури калидӣ дар ташаккул ва таҳаввули забон ва маънӣ мебошанд. Фразеология, ки ба омӯзиши гурӯҳҳои калимот ва ибораҳои мукаммал ва ниҳонӣ машғул аст, паремияҳоро ба шакли калимоти устувор ё ибораҳо шомил мекунад, ки маънои амиқ ва ё рамзиро дар бар мегиранд. Вобаста ба забон ва фарҳанг, паремияҳо ба фарқияти калимот ва маъно кӯмак мерасонанд ва одатан дар муошират ҳаррӯза истифода мешаванд.

Мавқеи паремия дар фразеология чунин аст:

Паремияҳо як қисми муҳими фразеологияро ташкил медиҳанд, зеро онҳо дар шеваи хурду кӯтоҳ маънӣ ва ҳикматро ифода мекунанд. Паремияҳо ба инсонҳо кӯмак мекунанд, ки маънӣ ё ташбеҳро ба воситаи тасвир ё аломат расонанд, ки барои дарк кардани як идея ё ҳолат кӯмак мекунад. Онҳо бо кӯмаке, ки тавассути маънӣ ва рамзҳои худ медиҳанд, одамонро ба фаҳмидани арзишҳо, таҷрибаҳо ва анъанаву фарҳангҳо даъват мекунанд.

Масалан, паремияҳо, ба монанди ***“Ҳар чӣ ғалладона аст, худаш пахта мегирад” “Whatever is grain, it picks cotton by itself”*** – ба одамон нишон медиҳанд, ки инсон танҳо дар натиҷаи заҳмат ва талоши худ ба муваффақият мерасад.

1. Ифодаи арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ:

Паремияҳо дар фразеология барои ифода кардани арзишҳо, анъанаву фарҳанг ва таълимоти ахлоқӣ истифода мешаванд. Онҳо аксар вақт рамзӣ ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинӣ мебошанд. Бо ёрии паремияҳо, фарҳангӣ мардум ба дигар наслҳо интиқол меёбад. Масалан, паремияи ***“Беҳтарин калиф то ки аввалин рӯй медиҳад” “The best caliph is the one who takes the first step”*** – маънои онро дорад, ки беҳтарин раҳбар ва роҳбарӣ он аст, ки дар аввали роҳи худ амали хуб ва дурустро анҷом медиҳад. Яъне, муҳим аст, ки аввалин қадамҳои дуруст ва муҳимро бардорем, зеро аввалин таҷрибаҳо ва қарорҳо метавонанд асаргузор ва ба тақдир таъсиргузор бошанд. Ба масъалаи заҳмат ва эътибори одамон дар ҷомеа ишора мекунад.

2. Истифодаи вожаҳо дар чаҳорчӯби фразеология:

Фразеология ба тарзи истифодаи калимот ва ибораҳои устувор таваҷҷуҳ мекунад. Паремияҳо дар ин замина ҳамчун ибораҳои устувор амал мекунанд, ки онҳо як шеваи муайян ва номусоил барои ифода кардани маънӣ мебошанд. Мақсади истифодаи паремия дар фразеология ба нақша гирифтани маънӣ ва эътиқодҳои мусбат ё манфии иҷтимоии фарҳангҳои гуногун мебошад.

3. Нақши таълимии паремияҳо дар фразеология:

Дар фразеология, паремияҳо барои таълим ва шиносоӣ аҳамияти арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд. Онҳо барои наврасон, кӯмак кардан дар рушди шахсият ва афкори умумӣ дар ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Масалан, паремияҳо ба монанди ***“Шахсе ки меҳнат мекунад, наметавонад хароби (осеб, зиён) кунад” A person who works hard cannot cause destruction’’ ё “Сабркунонро роҳ хоҳад буд” The patient will find the way’’.*** ҳамчун воситаи тарбия ва таълими ахлоқӣ истифода мешаванд.

4. Таъсири хоси паремияҳо дар забонҳои гуногун:

Паремияҳо дар ҳар як забон ва фарҳанг метавонанд хусусиятҳои хос дошта бошанд. Ба ибораҳои фразеологӣ, ки дар забонҳои гуногун маъмуланд, паремияҳо низ таъсир мерасонанд. Воқеан паремияҳое, ки дар як забон ё фарҳанг маъно доранд, метавонанд дар забонҳои дигар хосиятҳои гуногун дошта бошанд.

5. Ифодаи эҳсосоту фикрҳо:

Паремияҳо ба таври кӯҳинаи кӯтоҳ ва таъсирбахш эҳсосоту фикрҳои инсонҳоро ифода мекунанд. Онҳо дар асл вазъияти маънавӣ ё равонӣ буда, ба забон мазмун медиҳанд. Масалан, ибораи ***“Ба ду барг намерасад” “It doesn’t reach two leaves”*** метавонад ғам ё хастагии инсонро нишон диҳад. Ин аст, ки як чиз ё амали муайян барои расидан ба як ҳадаф ё иҷрои як кор кам аст ё кофи нест. Он метавонад як ҳолати нокомии кӯшишҳо ё имкониятҳоро ишора кунад, ки натиҷа ё саргузашти онҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Паремияҳо барои муҳокимаи эҳсосот, фикр ва муносибатҳо дар забон истифода мешаванд. Вақте, ки одамон паремияҳоро истифода мебаранд, онҳо ҳолатҳои эҳсосӣ ва равонӣ бештар зоҳир мекунанд.

Паремияҳо дар фразеология ҳамчун як унсури муҳими забон ва фарҳанг ҳисобида мешаванд. Онҳо метавонанд як ҳолат ё хулоса ва ё таълимоти ахлоқиро бо истифода аз калимоти муқаррарӣ ва рамзи маънидор ифода кунанд. Дар фразеология, паремияҳо барои

ташаккули ҷумлаҳо ва ифодагардонии маънӣ тавассути таҷриба ва муҳити куллӣ истифода мешаванд. Мавқеи паремияҳо дар фразеология барои он аст, ки онҳо на танҳо барои ташаккул ва рушди забон кӯмак мерасонанд, балки дар кӯмак кардани одамон ба рушди фикрӣ ва маънавии онҳо низ нақши муҳим мебозанд. Паремияҳо дар байни аҳолии зинаҳои гуногун, аз ҷумла шахсони фарҳангӣ, донишмандони забон ва оммаи умумӣ пайвасткунанда ва муҳимманд.

Ҳамин тариқ, паремияҳо аслан ба шумори жанрҳои умумимаърифатии фолклор дохил мешаванд, ки фарҳанги мардумии этноси ҳар як халқро дар раванди мавҷудияти таърихии он нишон медиҳанд. Таъбирҳое, ки дар паремияҳо зикр мешаванд, на танҳо як аср аз санҷишӣ устуворӣ гузаштаанд, балки бо вуҷуди ҳамаи таъғиротҳое, ки дар асрҳои охир рӯй додаанд, онҳо як манбаи умумии дониш дар бораи заковат ва ахлоқи мардумӣ дониста мешаванд. Паремияҳо ҷои махсус дар забон доранд, зеро мафҳумҳои тасвирии рӯзгори моддию маънавии инсонро фаро гирифтаанд. Паремияҳо як қисми муҳими фразеологияро ташкил медиҳанд, зеро онҳо дар шеваи хурду кӯтоҳ маънӣ ва ҳикматро ифода мекунанд. Дар фразеология, паремияҳо барои ташаккули ҷумлаҳо ва маънӣ истифода мешаванд.

Адабиёт

1. *Алефиренко Н. Ф. Фразеология и когнитивистика в аспекте лингвистических парадигм: монография. - Белгород, 2008. - 342 с.*
2. *Алефиренко Н. Ф., Семененко Н. Н. Фразеология и паремиология : учеб. пособие. - М. : Флинта: Наука, 2009. - 342 с.*
3. *Виноградов В. В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины / В. В. Виноградов // Избранные труды: Лексикология и лексикография. - М.: Наука, 1977. - 312 с.*
4. *Гулзода, Н. Воҳидҳои фразеологӣ дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муодили русии онҳо / Н. Гулзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. - № 1 (114). – С. 22-26.*
5. *Маманазаров А. Фарҳангӣ англисӣ – тоҷикӣ (standart English Tajik dictionary). - Душанбе: Эр – Граф, 2015. - 1016 с.*
6. *Мамонтов А. С. Номинативные единицы – афоризмы (пословицы, поговорки) в аспекте сопоставительного лингвострановедения // Вестник МГУ. Серия 19, Лингвистика и межкультурная коммуникация. - 2002. - №2. - 88 с.*
7. *Маслова В. А. Лингвокультурология: Монография / В. А. Маслова. - М.: Академия, 2001. - 208 с.*
8. *Маҷидов Х. Фразеологияи адабии тоҷикӣ / Х. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.*
9. *Мокиенко В. М. Славянская фразеология. М.: Высш. школа, 1989. - 342 с.*
10. *Пермяков Г. Л. От поговорки до сказки. - М.: Наука, 1970. - 316 с.*
11. *Рустамзода, Ш. Р. Таснифи семантикии воҳидҳои фразеологии “Гулистон – и Саъдии Шерозӣ” / Ш. Р. Рустамзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. - № 3 (116). –С. 62-69.*
12. *Телия В. Н, Русская фразеология / В.Н. Талия. - М.: Школа «Языки русской культуры», 1996. - 288 с.*
13. *Телия В. Н. Фразеологизмы // Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1989.-712 с.*
14. *Ужченко В. Д. Фразеология сучасной украинской мови: посибник для вузов. - Луганськ : Альма – Матер, 2005. - 399 с.*
15. *Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 802 с.*
16. *Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон: 1963. - 952 с.*

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ПАРЕМИЯҲО ДАР ЗАБОНШИНОСӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР БАХШИ ФРАЗЕОЛОГИЯ

Дар мақола масъалаҳои марбут ба ташаккул ва таҳаввули паремияҳо дар забоншиносӣ ва мавқеи он дар бахши фразеология мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ин таҳқиқот бармеояд, ки паремия як падидаи умумибашарӣ буда, хоси тамоми забонҳои ҷаҳон аст. Имрӯз паремияро ҳамчун падида на танҳо дар ҳаёти рӯзмарра истифода мебаранд, балки онҳо дар матбуот фаъолона истифода шуда, аксар вақт дар сомонаҳои интернет ба чашм мерасанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки паремияҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар баробари забон ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд, ки барои ғанӣ гардонидани забон ва бештар кардани захираи луғавии он аҳамияти калон доранд. Бо назардошти илми муосир фразеология ва паремиология яке аз илмҳои навтарини забоншиносӣ маҳсуб меёбанд. Паремияҳо дар бахши фразеология мавқеи муҳим ва аҳамияти махсус дорад, зеро онҳо як унсури калидӣ дар ташаккул ва таҳаввули забон ва маънӣ мебошанд. Мавқеи паремияҳо дар фразеология барои он аст, ки онҳо на танҳо барои ташаккул ва рушди забон кӯмак мерасонанд, балки дар кӯмак кардани одамон ба рушди фикрӣ ва маънавии онҳо низ нақши муҳим мебозанд.

Калидвожаҳо: паремия, афоризм, фразеология, фарҳангӣ, забоншиносӣ, ташаккул, забон.

ФОРМИРОВАНИЕ И ЭВОЛЮЦИЯ ПАРЕМИЙ В ЛИНГВИСТИКЕ И ИХ МЕСТО В ОБЛАСТИ ФРАЗЕОЛОГИИ

В статье рассмотрены вопросы, связанные с формированием и развитие паремий в лингвистике, а также их место в области фразеологии. Из этих исследований следует, что паремия является универсальным явлением, присущим всем языкам мира. Сегодня паремии используются не только в повседневной жизни; они активно применяются в прессе и часто встречаются на интернет-сайтах. Исследования показывают, что паремии и фразеологические единицы возникают и развиваются вместе с языком, что имеет большое значение для обогащения языка и увеличения его словарного запаса. С учетом современных научных данных фразеология и паремиология считаются одними из новейших областей лингвистики. Паремии занимают важное место в области фразеологии благодаря тому, что они являются ключевым элементом формирования и развития языка и смысла. Их роль в фразеологии заключается не только в содействии формированию и развитию языка; они также играют важную роль в помощи людям развивать их мышление и духовность.

Ключевые слова: паремия, афоризм, фразеология, культуральный аспект, лингвистика, формирование языка.

THE FORMATION AND EVOLUTION OF PAREMIOLOGICAL UNITS IN LINGUISTICS AND THEIR PLACE IN THE FILD OF PHRASEOLOGY

The article discusses issues related to the formation and development of paremiology in linguistics, as well as its place within the field of phraseology. Research indicates that paremia is a universal phenomenon inherent to all languages of the world. Today, paremias are used not only in everyday life; they are actively employed in the press and frequently appear on websites. Research shows that paremias and phraseological units arise and develop alongside language itself, which is significant for enriching language and increasing its vocabulary. Considering modern scientific data, phraseology and paremiology are regarded as some of the newest areas within linguistics. Paremias occupy an important place within phraseology due to their role as key elements in forming and developing language and meaning. Their role in phraseology lies not only in aiding language formation and development but also in helping individuals enhance their thinking and spirituality.

Keywords: paremia, aphorism, phraseology, cultural aspect, linguistics, language formation.

Дар бораи муаллиф
Қаландарова Лайло Файзуддиновна
Докторант (PhD)-и кафедраи филологияи англис
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: qalandarovalaylo234@gmail.com

Об авторе
Каландарова Лайло Файзуддиновна
Докторант (PhD) кафедры английской филологии
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: qalandarovalaylo234@gmail.com

About the author
Qalandarova Laylo Fayzuddinovna
Doctoral student (PhD) of the English Philology Department
Tajik international university of foreign languages named S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadieva, 17/6
E-mail: qalandarovalaylo234@gmail.com

ТДУ 82.035:809.155.0+802.0

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ҶУЗЪИ ЛУҒАВИИ “ЧАШМ” (“ЕУЕ”) ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ АЗ НИГОҲИ ТАРҶУМА

Ишратова* Ҳ. *М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Илми муосир дар тули солҳои зиёд дастовардҳои зиёдеро ба даст овардааст**.** Пешрафти илму фарҳанг пешрафти миллат ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки тамоми соҳаи илмҳо ба дараҷаи густурда рушд намудаанд. Яке аз қабатҳои баҳси илмӣ дар ҳоли ҳозир ин бахши фразеология буда, дар маркази таваҷҷуҳи олимон ва забоншиносон қарор дорад. Фразеология қисмати ниҳоят мураккабест, ки барои омӯзиш ва таҳқиқоти худ роҳҳои махсуси тадқиқ ва омӯзиши қисмаҳои дигари грамматика-лексикологи, грамматика, услубшиносӣ, таърихи забон ва илмҳои дигарро, мисли таърих, философия, психология, педагогика ва ғайраро пурра менамояд.

Комилан табиист, ки афкору акидаи забоншиносон дар хусуси масъалаи фразеология аз ҳам фарк мекунад ва ин бо вуҷуди ин вазифаи забоншиносоне, ки дар соҳаи фразеология кор мекунанд, муттаҳид кардани кӯшишҳои худ ва пайдо кардани нуктаҳои тамос ба манфиати ҳам назаряи фразеология ва ҳам амалияи таълимии забонҳои хориҷӣ мебошад [1, с. 4-5].

Захираи луғавии забонро бо роҳҳои гуногун бой кардан имконпазир аст. Масалан, дар даврaҳои рушди давлат дар забон пайдо шудани, миқдори зиёди вожаҳои иқтибосӣ ба мушоҳида мерасад. Аммо манбаи асосии бой ва ғанӣ гардондани захираи луғат на аз ҳисоби иқтибосот аз забонҳои дигар, балки ташаккули воҳидҳои луғавии нав дар асоси забони модарӣ бо истифодаи усулҳои гуногуни калимасозӣ мебошад, яъне манбаи асосии бой ва ғанӣ гаштани таркиби луғавӣ калимаҳои худии забон мебошад.

Бояд гуфт, ки на танҳо дар забони тоҷикӣ, балки дар забонҳои хориҷӣ аз ҷумла забони англисӣ низ ин ҳодисаи забонӣ дида мешавад. Ҷаҳони муосир хеле фаъолона тараққӣ мекунад, тағйир меёбад ва рушд мекунад. Албатта, ин ҳама дигаргуниҳо дарзабон инъикос меёбанд. Барои ҳамин ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ ҳар сол бисёр воҳидҳои фразеологии нав пайдо мешаванд. Сабаби ин он аст, ки олимони Британиё ва Амрико дар рушди аксар соҳаҳои илм яке аз нақшҳои асосиро бозидаанд. Маҳз ба забони англисӣ, ки ҳам забони муошрати байналмилалӣ ва ҳам илм аст, муҳимтарин таҳқиқоти илмӣ гузаронида, истилоҳоти асосӣ гузаронидаанд. Иқтибосшавии шадиди истилоҳоти илмии дар забони англисӣ аз миёнаи солҳои 80 оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад [4, с. 14].

Масъалаи фразеология ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ бори аввал аз тарафи забоншиноси машҳури шуравӣ, профессор Е.Д. Поливанов мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ӯ борҳо ин масъаларо ба миён гузошт ва муайян кард, ки бахши луғатшиносӣ (лексикография) маънои мушаххаси луғавии калимаро меомӯзад, морфология дар бораи маъно ва қавоиди сохтани калимаҳобаҳс мекунад, аммо наҳв, яъне синтаксис илм дар бораи ибора ва нутқи алоқанок, яъне ҷумла ва анвои он аст. Е.Д. Поливанов зикр мекунад, ки фразеология “мавқеи ҷудогона ва устуворро (ба монанди фонетика, морфология ва ғ.) дар забоншиносӣ ишғол намуда, минбаъд дар натиҷаи омӯзиши мунтазам ва гузоштани ҳар гуна масъалаҳо, илм аз камбудиҳои тасодуфӣ маҳрум хоҳад шуд”. В. В Виноградов масъалаи фразеологияро ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ ба миён гузошт. Ӯ доир ба фразеология ақидаҳои худро мухтассар баён намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои семантикӣ ҷудо кардааст. Заҳматҳои В. В Винаградов комёбиҳои ҳамон давра буда, минбаъд боиси ба миён омадани корҳои зиёд оид ба фразеология гардиданд. [5, с. 7-8].

Ҳатто забоншиноси барҷаста А. И. Смирнитский фразеологияро ҳамчун илми ҷудогона тарафдорӣ мекард: “Гарчанде ки он як қисми ҷудогонаро ташкил медиҳад ва ба қисмати лексикология шомил буда, ҳангоми омӯзиши сохти синтаксисии забон ҳатман бояд ба назар гирифта шавад” [5, с. 13]. Баъд аз ин ақидаҳои забоншиносон фикре ба миён меояд, ки чаро фразеологияро ҳамчун илми ҷудогона ба қалам медиҳанд, аммо ҳамчун фанни мустақил эътироф намекунанд. Ихтилофи ақидаи А. С.Смирнитский оид ба ин масъала

чунин аст ки гарчанде ӯ фарақияти воҳидҳои фразеологиро аз калима қайд менамояд, воҳидҳои фразеологиро ҳамчун муодили калима мешумурд. А. С. Смирнитский чунин ақида дошт, ки воҳидҳои фразеологӣ ин ибора мебошад. Бештари забоншиносон воҳидҳои фразеологиро муодили калима қабул кардаанд. А.С. Смирнитский ишорат мекунад, ки: “чун воҳидҳои фразеологӣ дар нутқ ҳамчун воҳиди мустақил ба шумор мераванд ва дар нутқ чун калимаи мустақил истифода мешаванд, онҳо ҳамчун муодили калима ба шумор мераванд” [2, с. 14].

Чи тавр, ки забоншинос Боженко Н. Г. зикр кардааст, "Воҳидҳои фразеологӣ маводи забоние мебошанд, ки метавонанд шавқи хонандагонро ба омӯзиши забони англисӣ зиёд намоянд, нутқи онҳоро инкишоф диҳанд, ҳиссиёт ва тафаккурро бо истилоҳоти ин забон одат кунонанд". Инчунин Боженко кайд кардааст, “бе дониши фразеология рангорангӣ, ифоданокии нутқ, ҳазл, бозии калимаҳо ва баъзан фаҳмидани маънои тамоми фикри баёншуда ғайриимкон аст” [1, с. 25].

Фразеология хусусияти хоси воҳидҳои устуворро дар бар гирифта, мавқеи онҳоро дар нисбати воҳидҳои дигарӣ забонӣ мавриди шарҳ қарор медиҳад. Ғайр аз ин, хусусиятҳои маъноӣ, таркибӣ, грамматикӣ, услубии воҳидҳои фразеологӣ, дараҷаи корбурди онҳо, таснифот ва баррасии манбаи роҳҳои навсозии фонди фразеологии забон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода мешавад. Вазифаи фразеологияи таърихӣ аз таҳқиқи замони пайдоиши воҳидҳои устувори фразеологӣ, инчунин тағйироти гуногуни маъноӣ, таркиби лугавӣ ва хусусияти услубии воҳидҳои фразеологӣ иборат аст.

Масъалаи муҳиме, ки мо мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ин тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Ҳангоми муқоисаи ду забон назаре ба тарҷума шарт ва зарур аст. Тарҷума яке аз корҳои душвор, вале шавқовар ба шумор меравад. Мушкилии тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дар сохтори семантикии онҳо пеш меояд. Барои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дониши хуби забонӣ, ё донистани воқеияти зиндагии кишварҳои инглисизабон ва мардуми он кофӣ нест. Зимни тарҷумаи воҳиди фразеологӣ тарҷумон бояд, вазифаи услубии воҳиди фразеологиро ба назар гирифта, маъно ва образнокиии онҳоро акс карда тавонад. Ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, як чанд намуди тарҷумаро воҳӯрдан мумкин аст. Барои ба муваффақият ноил шудан ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ тарҷумон аз анвои мухталифи тарҷума - муодилӣ, аналогӣ, тарҷумаи тавсифӣ, пайгирӣ ва тарҷумаи омехта истифода мебарад. Намуди якум ин муодилнокии фразеологӣ мебошад. Ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ мазмун ва маъно пурра нигоҳ дошта мешавад, яъне аз ҷиҳати маъно, таркиби луғавӣ, услубӣ ва сохтори грамматикӣ бояд мувофиқат кунанд. миқдори чунин фразеологизмҳо на он қадар зиёданд. Намуди дуюм муодилнокии фразеологии нопурра воҳидҳои фразеологие мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно, ранги услубӣ ба хам мувофиқ омада, аз ҷиҳати таркиби лугавӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Намуди дигар, ин фразеологияҳои анологӣ, яъне бо ҳам монанд мебошад. Вақте ки тарҷумон муодили воҳиди фразеологиро дар ҳамон забони тарҷумашаванда пайдо накунад, аз ин лиҳоз монандӣ ё ба мазмуни он наздикро пайдо мекунад. Намуди дигар ин тарҷумаи нусхабардорӣ яъне калка (аз калимаи лотинӣ "calque" ё "loan") буда, дар он калима ё ибораи забони англисӣ пурра ё қисман тарҷума мешавад. Чунин тарҷумаи калима ба калима ё бо тарзи шабеҳсозӣ сурат мегирад, ки маъно ва сохтори аслиро нигоҳ медорад ва бештар дар мавридҳое истифода мешавад, ки калимаҳо ё ибораҳо бевосита дар забони тарҷумашуда муодил надоранд ё истифодаи онҳо мафҳумҳои навро ифода мекунад.

Дар системаи воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки ҳангоми тарҷума мушкили ба миён намеоранд, чунки ба фарҳанги забони тарҷумашуда дохил мешавад ва онҳоро тарҷумон танҳо нусхабардорӣ мекунад. Воҳидҳои фразеологӣ дар адабиёт ҳам ба таври васеъ истифода мешаванд. Тарҷумон бояд бодиққатӣ зоҳир намуда, набояд дар тарҷума ба хатоҳо роҳ диҳад, чунки воҳидҳои фразеолгӣ дар адабиёт мавқеъ ва мазмуни хоси худро доранд. Агар тарҷумон дониши фразеолгӣ надошта бошад, фаҳмидани ифоданокии нутқ, ҳазл, изҳорот ғайриимкон аст.Барои фаҳмидани онҳо, ба тарҷумон лозим аст, ки аз луғатҳои махсус истифода намояд, то ин ки хонанда фикру ақидаи нависандаро хуб дарк кунад. Маълум аст, ки усулҳои гуногун метавонанд дар ҳолати мувофиқ бошанд. Аммо дар ин ҷо диққати асосӣ ба шахсияти худи тарҷумон вобаста аст. Ӯ бояд худро ҳамчун як ҷузъи фарҳанге, ки матн бо ҳамон забон навишта шудааст, эҳсос кунад. Барои ин ба ӯ лозим

меояд, ки тамоми маҳорату малакаи худро нишон дода, андешаи дигаронро равшану тоза баён намояд. Чи тавре, ки Велединская С. Б. қайд кардааст: "Тарҷума як навъи махсуси фаъолияти маънавии инсон аст, ки ба миёнаравии забонӣ, яъне рафъи монеаҳо дар муошират одамон, ки бо гуногунии забонӣ алоқаманд аст, равона шудааст".

Фразеология таркиби луғати ҳама гуна забонро ғанӣ гардонда, ба нутқ обуранги иловагӣ мебахшад. Аксари воҳидҳои фразеологӣ дорои хусусияти экспрессивӣ, инчунин хусусияти миллӣ мебошанд. Воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи забоншиносони муосир номутобиқати мазмун ҳангоми баёни сухан буда, хусусияти воҳидҳои фразеологиро муайян карда, ба маънои он амиқӣ, фасеҳӣ ва образнокӣ мебахшанд. Маҳз ҳамин сифатҳо ба тарҷума таъсир мерасонанд. Мушкилоте, ки тарҷумон ба он рӯ ба рӯ мешавад, ҳангоми шинохти воҳидҳои фразеологӣ дар матн дида мешавад.

Суханони Август Шлегел дар бораи тарҷума «Тафаккури инсон танҳо як чиз метавонад - тарҷума кардан» [2, с. 38].

Дотсент Навруз Гулзод дар мақолаи худ воҳидҳои фразеологиро ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст. Ба гуруҳи аввал а) таркибҳои фразеологиро ба зергуруҳ ҷудо намуда қайд кардааст, ки таркибҳое, ки аз ҷузъҳои гуногун ташкил ёфтаанд ва воситаи алоқаи миёни ҷузъҳо низ мухталиф ҳастанд: таркибҳое, ки аз ҷузъҳои гуногун ташкил ёфтаанд ва воситаи алоқаи миёни ҷузъҳо низ мухталиф аст: "дар дил" яъне, дар фикр фуру рафтан бо худ ягон масъаларо қазоват кардан аст. Ин намудро воситаи пешояндӣ номида вожаи дил таркиба маҷозӣ мебошад. Б)Таркибҳои ҷуфтистеъмол; тану туш яъне дар алоҳидагӣ маънои луғавӣ надорад. в)таркиби пешояндҳои такрор дохил кардааст, сар ба сар, сар то сар, рӯ ба рӯ , по ба по. Ин навъи ҷузъи дохилии ибораҳо, соматизмҳо бештар такрор кор бурда мешавад [3, с. 13-14].

Компоненти соматизм -ҷузъи воҳиди фразеологӣ буда, қисмҳои бадани инсон ва ҳайвонотро ифода мекунад. Таҳлил нишон дод, ки дар фразеологизмҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳама бештар соматизмҳои қисмҳои берунии бадани инсон, ки аз ҷиҳати функсионалӣ ба одамон возеҳанд бештар истифода бурда мешавад. Инҳо **сар, рӯй, даст, бинӣ, чашм, пойҳо ва дил** мебошад. Агар мо системаҳои соматизми ду забони гуногунро муқоиса кунем, метавонем дарк намоем, ки фарқият ва монандии байни онҳо дар чист ва системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ҷанбаҳои асосии забон чӣ гуна зоҳир мешаванд ва дараҷаи эквиваленти байнисоҳавии воҳидҳои соматикӣ дар ҳарду забони муқоисашаванда дар чист. Як хусусияти дигар бо воситаи аъзои бадан ин забони имову ишора мебошад. Бисёр олимон забони имову ишораро яке аз қадимтарин шаклҳои муошират меҳисобанд. Забони имову ишора дар зери шуури худ дарк ва аз худ карда мешаванд ва аз нуқтаи назари таъсир аз ҳама фаҳмотаранд.

Ниҳоят, забони соматикиро аз луғати соматикӣ, ки забони имову ишора номида мешавад, фарқ кардан зарур аст. Имову ишораҳо дар зуҳури воқеии онҳо аломатҳои ғайришифоҳӣ мебошанд. Г.Е. Крейдлин менависад, ки имову ишора ба маънои васеъ, илм дар бораи забони бадан ва қисмҳои он ба ҳисоб меравад, омӯзиши имову ишора, пеш аз ҳама ишораҳои дастӣ аст [4, с. 592].

Дар фарҳангҳои гуногун, масалан, бепарвоӣ, ҳайратангезӣ, тавассути афшондани китфҳо ва калон кушодани чашм, ҳисси нафрат ва норозигӣ бо андохтани қошу қавоқ, ҳисси нодонӣ ва нафаҳмидани ягон чиз бо лабу дастон, ҳис намудани бӯи бад бошад, бо зер кардани бинӣ, ва ҳисси хурсанди ва сарфарозӣ бо бардоштан ва афшондани дастҳо нишон дода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ, ҳамчун забони англисӣ, категорияҳои калимаҳо, қисмҳои бадан мавҷуд аст, ки гурӯҳи (полисемантикӣ) сермаънотарин калимаҳо мебошанд. Пӯшида нест, ки агар худи предмет як ҷузъи муҳими зиндагӣ бошад, пас номи он дар забон бартарӣ ва корбурди васеъ дорад. Ин категорияи вожаҳо дар забон дар эҷоди вожаҳои нав бозӣ мекунанд ва дар ташакули воҳидҳои фразеологӣ аҳамияти бузург доранд, бахусус дар назм ҷои намоёнро ишғол мекунанд, ки "Шоҳнома"-и Фирдавсии бузургворро истисно намекунад.

Ба воситаи чашмҳо ва қобилияти дидан, шахс миқдори зиёди иттилоотро дар бораи ҷаҳони беруна фаро мегирад. Баъзан як назари кӯтоҳ ба объект ё вазъият барои қабули қарори муҳим кифоя аст.

Фразеологизмхо бо калимаи **«чашм»** саҳеҳ ва дар айни замон вазъияти муайяни ҳаётиро мухтасар тавсиф мекунанд.Чашм яке аз муҳимтарин василаи ифода ва интиқоли ҳама гуна эҳсосот ба шумор меравад. Воҳидҳои фразеологӣ, ки бо ин ҷузъ сохта шудаанд, ба онҳо маънои нави маҷозӣ медиҳанд. Масалан, ибораи фразеологии изофии **«*чашм пӯшидан*»,** ки дар забони англисӣ ба мисли **«*shut your eye*»** садо медиҳад. Агар ба ин воҳиди фразеологӣ аз нигоҳи тарҷума назар кунем аз ҷиҳати сохт ва маъно якхел ҳастанд, яъне (калка) нусхабардорӣ шудааст. Дар ҳарду забон ба маънои аз воқеъятҳо ва ҳодисаҳо гузар кардан чашм пушидан мебошад. Калимаҳои ин ибораро агар дар алоҳидагӣ тарҷума кунем масалан, ***"пушидан"*** дар забони англисӣ ***"shut"*** тарҷума мешавад. Махсусан дар забони тоҷикӣ, калимаҳои зиёде дар таркиби луғат дорои миқдори зиёди муродифҳо ва хусусиятҳои полисмантикӣ мебошанд.

Инак, боз як мисоли дигар: Дар забони тоҷикӣ мақоли «**тарсончак чор чашм дорад**» ба кор бурда мешавад, дар тарҷумаи айнан ин ибора чунин садо медиҳад: «Тарсончак чор чашм дорад». Ҳоло бо забони англисӣ муқоиса мекунем: «***fear has many eyes***». Маъно мувофиқ аст, вале дар нусхаи тоҷикӣ фард (тарсончак) ба кор рафтааст, ки дар англисӣ онро бо исми абстрактии «тарс» иваз мекунад ва ба ҷои шумораи адади «чор» дар англисӣ вожаи «бисёр»-ро гирифтааст. Ва ҳамин тавр, тарҷумаи аслии қиёси англисӣ ин аст: «***fear has many eyes***». Варианти тоҷикӣ маънои бештар "**воқеӣ**" дорад, зеро тарс чашм надорад. Аммо ин "**ғайривоқеӣ**" дар нусхаи англисӣ низ ҳаст ***(тарс чашмони бисёр дорад),*** зеро тарс барои чашм доштан дода нашудааст.

Вожаҳои ***чашм (eye***) дар забони тоҷикӣ дар баробари вожаҳои ***“сар” (head), “даст” (hand)*** ва “забон”, (**tongue**) аз ҳама бештар мавриди истифода қарор мегиранд.. Калимаҳои ***(пой) (foot), «миён» (back),*** ки ба қабати луғавии соматизмҳо шомиланд, дар сохтани воҳидҳои фразеологӣ хеле фаъоланд Ғайр аз ин, калимаи “**чашм”** дар ташаккули калимаҳои нав тавассути таркиб ва калимасозӣ фаъол аст. , яъне бо ин ҷузъи луғави калимаҳои нав сохтан имконпазир аст: **чашмак, чашмӣ, чашмдор** ва ғ.

8. *Fowler, Roger. Language in the News: Discourse and Ideology in the Press. Routledge, 1991. 254p.*
9. *Harcup, Tony. A dictionary of journalism. – New York: Oxford University Press, 2014. – 342 p.*
10. *Metaphorization as a productive mechanism in journalistic lexicon formation is discussed in Bell 1991, pp. 68–75.*
11. *Montgomery, Martin. An Introduction to Language and Society. Routledge, 2008. 314p.*
12. *On the relationship between print technology and early press terminology, see Schudson 1978, pp. 12–18.*
13. *Online etymology dictionary by Douglas Harper, November 2001.*
14. *Schudson, Michael. Discovering the News: A Social History of American Newspapers. Basic Books, 1978. 228p*
15. *See Allan (2010, pp. 312–320) for a discussion of hybrid online media language 320p.*
16. *The role of AI in redefining journalistic terminology is surveyed in Zelizer 2004, pp. 224–229.*
17. *Zelizer, Barbie. Taking Journalism Seriously: News and the Academy. Sage, 2004 296p.*

НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ин мақола рушд ва сохтори низоми истилоҳоти рӯзномонигорӣ дар забони англисӣ, таърихи инкишоф, типологияи сохторӣ ва хусусиятҳои семантикии онро пайгирӣ карда таҳқиқ мекунад. Он инчунин мушкилоте, ки аз ҷаҳонишавӣ, тағйири технологӣ ва трансформатсияи ахлоқӣ дар дискурси муосири ВАО ба вуҷуд меоянд, таҳлил мекунад. Таҳқиқот аз равиши таърихӣ-забоншиносӣ ва функционалӣ-семантикӣ баррасӣ гардида бо таснифи лексикӣ-семантикӣ бо тафсири иҷтимоии забонӣ омезиш дода мешавад. Таҳлили истилоҳотӣ дар асоси маълумоти диахронӣ аз рӯзномонигории чопӣ, ВАО ва рақамӣ анҷом дода мешавад. Бо пешниҳоди як таҳлили систематикӣ ва таърихӣ, ин мақола равшан мекунад, ки истилоҳоти рӯзномонигорӣ чӣ гуна ҳамчун ойинаи табдилоти иҷтимоӣ, технологӣ ва ахлоқӣ дар ВАО-и англисӣ хизмат мекунад. Он ба назарияи лексикологӣ ва омӯзиши татбиқии тарҷума саҳм мегузорад, таваҷҷуҳро ба табиати динамикӣ ва омезиши луғавии ВАО-и англисӣ равона мекунад.

Калидвожаҳо: истилоҳоти рӯзномонигорӣ, забони англисӣ, неологизм, ҷаҳонишавӣ; лингвистикаи ВАО, муҳокимаи рақамӣ, тарҷума.

СИСТЕМА ТЕРМИНОВ ЖУРНАЛИСТИКИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье исследуется развитие и структура терминологической системы журналистики на английском языке, прослеживается ее историческая эволюция, структурная типология и семантические характеристики. В ней также анализируются проблемы, связанные с глобализацией, технологическими изменениями и этической трансформацией в современном медиа дискурсе. В исследовании используется историко-лингвистический и функционально-семантический подходы, сочетающие лексико-семантическую классификацию с социолингвистической интерпретацией. Терминологический анализ основан на диахронических данных из печатных изданий, радиовещательной и цифровой журналистики. Представляя систематический и исторический обзор, эта статья разъясняет, как журналистская терминология служит зеркалом социальных, технологических и этических трансформаций в англоязычных СМИ. Она вносит вклад как в лексикологическую теорию, так и в прикладные исследования перевода, подчеркивая динамичный, гибридный характер лексики английских СМИ.

Ключевые слова: журналистская терминология, английский язык, неологизм, глобализация, медиалингвистика, цифровой дискурс, перевод.

THE SYSTEM OF JOURNALISTIC TERM IN THE ENGLISH LANGUAGE

This article investigates the development and structure of the terminology system of journalism in the English language, tracing its historical evolution, structural typology, and semantic characteristics. It also analyses the challenges posed by globalization, technological change, and ethical transformation in modern media discourse. The study employs a historical-linguistic and functional-semantic approach, combining lexical-semantic classification with sociolinguistic interpretation. Terminological analysis is based on diachronic data from printed, broadcast, and digital journalism. By presenting a systematic and historical overview, this article clarifies how journalistic terminology serves as a mirror of social, technological, and ethical transformations in Anglophone media. It contributes to both lexicological theory and applied translation studies by emphasizing the dynamic, hybrid nature of English media vocabulary.

Keywords: journalistic terminology, English language, neologism, globalization, media linguistics, digital discourse, translation.

Дар бораи муаллиф
Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси забоншиносӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: rmahmadullo96@mail.ru

About the author
Rakhmatulloev Makhmadullo Saidulloevich
Doctor of Philosophy (PhD) in linguistics, senior lecturer at the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: rmahmadullo96@mail.ru

Об авторе
Рахматуллоев Махмадулло Сайдуллоевич
Доктор философских наук (PhD) по лингвистике, старший преподаватель кафедры языкознание и сопоставительная типология
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: rmahmadullo96@mail.ru

ТДУ 81'373.46

РОҲҲОИ КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ГУМРУК ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Холиқов А. Ю.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Луғоту истилоҳоти марбут ба соҳаи гумрук то ҷое равандҳои рушди муосири забонҳои тоҷикӣ ва англисиро инъикос намуда, ҷараёни вожасозӣ ва истилоҳгузиниро, ки то ба имрӯз идома дорад, тавсифу тасниф мекунад.

Тавре ки забоншинос Б.Г. Никалаевич дар китоби худ «Асосҳои омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ», менигорад, ки: «мафҳуми термин – ҳамеша натиҷа ва воситаи тафаккури касбӣ ва муоширати махсусан касбӣ мебошад» [3, с. 4].

Забоншиносон В.С. Кулебанкина ва Я.А. Клемовискова дар асари худ «Муаммоҳои забоншиносӣ, 1970 саҳ 19-21», ки соли 1970 ба нашр расидааст, таъкид мекунанд, ки : «Истилоҳ – калима (ё иборае) мебошад, ки ягонагии аломати садо ва вобаста ба мафҳуми мувофиқ дар низоми мафҳумҳои соҳаи илм ва техникаро таъмин месозад, ифода менамояд» [7, с. 78].

Инчунин, муҳаққиқ Х.А. Ҷӯраев дар рисолаи илмии худ «*Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ*» доир ба истилоҳ чунин маъниҳоро аз забони забоншиноси рус А.А. Реформатский овардааст: «Дар истилоҳ ҳамеша алоқаҳои табии забоншиносӣ туфайли мафҳумҳои истилоҳотӣ ва алоқахои байни истилоҳоти ифода меёбанд» [10, с. 16].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки истилоҳ роҷеъ ба як низоми муайяни соҳаи илму техника сухан рафта, луғот ва вожаҳоеро ифода мекунад , ки мансуби ин ё он соҳаҳои мухталифи қишри ҷомеаро мушаххас мекунад, вале он дар бисёр мавридҳо маъноии аслии худро тағйир намедиҳад ва дар басомади аслии худ боқӣ мемонад. Ба ибораи дигар, «истилоҳ калимаест, ки бо воҳиди муайяни сохтори аниқи мафҳумӣ-мантиқӣ бояд аз рӯи мундариҷа алоқамандӣ дошта бошад» [5, с. 15].

Гузашта аз ин, бояд ишора намоям, ки истилоҳ вожжа ва ё ибораест, ки дар як ҳавзаи муайянӣ илму техника ва ё дар доираи як масоили илман мушаххас шуда ба кор бурда мешавад, ки ин андешаи мо ба чандин ақоиди забоншиносони шинохтаи олам, ба монанди Лотте, Гринҷ, Ҳенрий, Бархурдаров, Лейчик, Пейсиков ва аз забоншиносони тоҷик, мисли М.Қосимова, З.Мухторов, М.Ҳ.Султон, С.Назарзода, С.Ҷоматов шабеҳият ва монандӣ дорад, ки ин андеша исботи гуфтаҳои эшон маҳсуб меёбад.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар зеро лимонон истилоҳро ба чандин вазифа ва принсип муайян кардаанд, ки онҳо чунинанд:

1. Принсипи якмаъноӣ ва ё якҷузъагии истилоҳ бояд, ки дар доираи соҳаҳои мухталифи илм танҳо як маъноро ифода кунанд. Масалан, истилоҳи «фотосинтез» (photosynthesis) дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ як маъно дорад: «раванди ба вуҷуд омадани моддаҳои органикӣ дар растаниҳо». Баръакс, калимаи «калид» бисёрмаъно аст (калиди дар, калиди мусиқӣ ва ғ.), аммо дар истилоҳшиносӣ он метавонад шакли мушаххас ва ё муайян дошта бошад, масалан «калиди рамзгузорӣ».

2) Принсипи таркиби экстенсионалӣ – маънои ин истилоҳ аз маънои ин морфемаҳо ва ё ибораистилоҳҳо сохта мешавад. Масалан, «қувваи ҳастаӣ» (nuclear energy) аз ду ҷузъ – «қувва» + «ҳастаӣ» иборат буда, шарҳи комили он аз ҳамон ибораистилоҳ маншаъ мегирад ва дар ҳамбастагӣ як ибораи исмиро созмон медиҳад.

3) Принсипи мубаддалшаванда ва ё ҷоивазкунанда – ин гунна истилоҳ бояд, ки устувор ва муттасил бошад, зеро дар матн бо мазмунҳои гуногун корбаст мешавад ва дар мавриди зарурӣ маънои аслии худро тағйир медиҳад то оне ивазшави дар истилоҳ аён гардад. Масалан:

юнонӣ: *нитроген* ↔ унсури кимиёвӣ бо рамзи N ифода ёфтааст.

англисӣ: nitrogen ↔ a chemical element with symbol N.

Аз ифодаи истилоҳи болозикр маълум гардид, ки он ба забони тоҷикӣ муодил надошта, дар шакли аслии худ ба кор бурда мешавад. Аблағи ин гунна истилоҳҳот дар бисёр мавридҳо дар чунин минвол мустаъмал мегарданд.

Принсипи истилоҳҳо бо он тавсиф мешавад, ки истилоҳҳо (аз ҷумла қисмҳои таркибии

онҳо) воситаҳое мебошанд, ки барои ташаккул ва инкишофи принсипҳо, қонунҳо ва муқаррароти илмӣ имкон медиҳанд, ки он вазифаи истилоҳҳии худро гумм накунад.

Луғоту истилоҳот дар соҳаи гумрук аҳаммияти хоссаеро молик аст. Ба мафҳуми «истилоҳ» назар андозем он бо вожаи сермаъноӣ ва ё бисёрмаъноӣ (полисемия) ҳамтавъам аст. Ба андешаи муҳаққиқ А.В. Суперанская, «дастандаркорони соҳаҳои гуногун ҳангоми баён аз истилоҳоти соҳавӣ бештар ба кор мебаранд, аз ин рӯ зарур аст, ки истилоҳоти соҳавӣ аз ҷумла истилоҳоти соҳаи гумрук аз дигар соҳаҳои қишри ҷомеа ҷудо карда шаванд» [13, с. 175].

Яке аз масоили муҳимме, ки ба забоншиносон вогузор шудааст, ин ҷудо намудани истилоҳоти соҳавӣ аз луғоти умумиистеъмолӣ ба шумор меравад. Забоншинос ва истилоҳшинос В.И. Литовченко чунин андешаеро мепиндорад, ки хусусиёти мазмунии луғоти умумӣ бо диди умумии инсоният дар башарият маҳдудият пайдо мекунанд. Аммо вижагиҳои мазмунии луғоти махсус бо соҳаҳои мухталифи аз тарафи инсоният мутавалид шуда, мисли илму техника ва санъату дигар масоили ба инсоният мансуббуда, вобаста мебошанд.

Ҳамин тариқа, истилоҳ моҳияти хоси шинохти оламро дар худ инъикос мекунад. Истилоҳ, аз ҷумла, бо маънои махсуси луғавӣ ва сохторӣ-маъноии худ тавсифу тасниф мешавад. Истилоҳшинос Литовченко В.И. бар он андеша аст, ки хусусиёти тафовут дар дарки олам дар ҷудо кардани вожаҳои умумиистеъмол ва истилоҳҳо таҷассум ва ё инъикос меёбанд [9, с. 185-186].

Мувофиқи андешаи В.М. Лейчик, истилоҳ воҳидест, ки барои ифодаи мафҳуми соҳаи муайяни илму дониш ё фаъолият хизмат мекунад ва дар раванди ташаккул ва инкишофи ҳамон соҳа шакл мегирад. Забоншинос В.М. Лейчик истилоҳотро чун маҷмуи муайяни воҳидҳо ва унсурҳо мепиндорад, ки барои ифодаи мавҳуми соҳаи муайяни илму дониш ё фаъолият, дар раванди ташаккул ва рушду тараққии он соҳа ба вуқуъ меоянд [8, с. 256].

Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили гуногунрангии назариёт оид ба маънӣ ва шарҳи «истилоҳ», А.В. Суперанская таъкид менамояд, ки муҳассилини соҳаҳои мухталифи илм ба тасаввуроти аз ҳам тафовутпазир такя намуда, аз ҳаҷму меъёри мушаххасот ва муайянии мазмун роҳнамоӣ мегиранд, онро дар истилоҳот мебинанд [13, с. 39].

Дар ҷойи дигар В.М. Лейчик менигорад, ки: «истилоҳ бо қобилияти ифода намудани мафҳуми муайян дар соҳаи илм ё фаъолияти мушаххас фарқ мекунад. Аз ин рӯ, «истилоҳ» вижагиҳои ҳамон соҳаеро инъикос менамояд, ки ба он мутааллиқ мебошад [8, с. 31-32].

Саҳми забоншиносон ва истилоҳшиносон В.И. Литовченко [9], В.М. Лейчик [8], Г.В.Гриненко [4], Т.А. Артюшкина [2], А.В. Суперанская [13], В.С. Кулебанкина [7], Б. Г. Никалаевич [3] ва дигарон дар ташаккул ва таҳаввули истилошиносӣ ва истилоҳгузинӣ ё ки истилоҳофаринӣ бағоят калон аст, ки мо ҳангоми таҳқиқи ин масоил аз пажуҳишоти онҳо ба таври густарда ва фарох истифода намудаем.

Г.В. Гриненко «истилоҳ»-ро чун воҳиди луғавӣ ва ё ибора мешуморад мекунад, ки ба ин ё он соҳа ва майдони муайян рабт дорад [4, с. 12].

Т.А. Артюшкина мафҳуми «майдони истилоҳӣ»-ро дар ҷиҳати вобастагӣ ба воҳидҳои истилоҳшиносӣ тақсим намудааст [2, с. 40-48]. Ҳамин тавр, ин майдон истилоҳҳои соҳавиро аз вожаҳои умумиистеъмолӣ фарқ мекунанд. Майдони истилоҳшиносӣ мафҳуми забоншиносиест, ки мавҷудияти хоссаи воҳиди истилоҳшиносиро бо падидаҳои хоси он инъикос мекунад.

Билохира, истилоҳ ба низоми истилоҳшиносӣ тааллуқ дошта, бо маҷмуи унсурҳои як воҳиди ягона тавсиф мешавад. Сониян, ҳамаи ин ба ташаккули низоми мафҳумҳои назария мусоидат намуда, соҳаи махсуси илм ва ё фаъолияти инсониятро тавсифу тасниф менамояд.

Луғоту истилоҳоти мансуб ба соҳаи гумрук дар рушди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ робитаи зич дошта, равандҳоеро инъикос менамояд, ки барои вожасозӣ ва истилоҳнигории замони муосир хосанд. Масалан, ихтисорот ва ё акронимҳо бештар корбаст мешаванд, ки онҳо истилоҳ ва вожаи ягонаи аз ҳарфҳои аввали вожаҳо таркибёфта, ифода меёбанд. Дар фаъолияти гумрукӣ чунин навъҳои акроним ва ё ихтисораҳо мавҷуданд:

1. **КДАМ** – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (дар мубориза бо қочоқ ва назорати марзҳо нақш дорад).

2. **АГТ** – Агентии гумрукии Тоҷикистон (шакли кӯтоҳи истифода барои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ).

3. **ВМТ** – Вазорати молияи Тоҷикистон (идоракунии сиёсати молиявӣ ва гумрукӣ).

4. **ББХ** – Борбандӣ ва баҳисобгирии ҳисобот (шакли кӯтоҳ, ки метавон дар ҳуҷҷатҳои

гумрукӣ дид).

5. **НАН** – Назорати андоз ва назорати мол (истилоҳ барои ташкили корҳои назоратӣ).

6. **ММТ** – Маркази миллии таҳлил (масъул барои таҳлили иттилооти молиявӣ ва гумрукӣ).

SWIFT (*Society for Worldwide Interbank Financial Telecommunication*) – (общество всемирных межбанковских финансовых телекоммуникаций);

NVOCC (*Non Vessel Operating Common Carrier*) – (договорный перевозчик, не располагающий судами).

Аз он ҷумла дар забонҳои таҳқиқшаванда метавон ҳамгунаҳоеро низ мушоҳида намуд, ки: **CIF** (*Cost (арзиш – стоимост), Insurance – (суғурта – стахование) and Freight – (боркашонӣ – фрахт)*);

Аз таҳлилу муқоисаи истилоҳоти фавқуззикр маълум гардид, акронимҳо ва ихтисораҳо дар ташаккули ин навъ истилоҳот нақши бориз дошта, дар чунин минвол мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ин рӯ, мо ҳангоми таҳқиқи истилоҳоти фавқ мушоҳида намудем, ки раванди корбасти он якранг буда, дар ташаккул ва таҳаввули забоншиносии муқоисавӣ мавқеи калонеро соҳибанд.

Нақшаи №1. Таҳлили муқоисавии истилоҳоти гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

№	Забон	Калима (омоним)	Маънои якум (гумрукӣ)	Маънои дуюм (ғайригумрукӣ
1.	Тоҷикӣ	Боҷ	андоз/боҷи гумрукӣ	Ҷарима, ҷазо
2.		Расм	Тартиб, қонунӣ (расми гумрукӣ)	Сурат (оасм кашидан)
3.		Муҳр	Тамға, штамп (муҳри гумрукӣ)	Ҳайвон, (seal - муҳр)
4.		Санад	Ҳуҷҷати расмӣ (санади гурмрукӣ)	Амал, кор (санади ҷасорат)
5.	Англисӣ	Bond	Кафлати гумрукӣ (Custom bond)	Қарзнома, варақаи молиявӣ
6.		Duty	Боҷи гумрукӣ	Уҳдадорӣ, вазифа
7.		Bill	Ҳисобнома, ҳуҷҷати боркашонӣ (bill of the loading)	Қонун, санади парлумон
8.		Port	Бандар (seaport)	Самт (left port – тарафи чапи киштӣ)
9.	Русӣ	Пошлина	Налог, сбор (таможенная пошлина)	Вожнограждение (устар.)
10.		Таможня	Орган (работать в таможне)	Пункт перехода (место на границе)
11.		Акт	Документ (акт передачи)	Действие, поступок
12.		Печать	Штамп, сургуч (печать на документе)	След, метка (печать времени)

Ҳамгунаҳо вожаҳое мебошанд, ки аз лиҳози талаффуз ё навишт ва маъно монанд буда, аз ба маъноҳои гуногун корбаст мешаванд.

Усулҳои маъмултарини вожасозӣ ва ё истилоҳофаринӣ ба монанди вандафзоӣ (аффиксатсия) – тавлиди вожаҳо бо илова кардани ванд (аффикс), ки маънои мустақил надоранд, лекин ба решаи вожа ҳамроҳ шуда, маънои онро дигар карда метавонад, инчунин, бо пешванду пасванд сохтани вожжа ё истилоҳи нав мумкин аст.

Масалан, андоз - tax (es); андозбандӣ, андоз ситонидан - taxation; мизон (нарх) - и андоз – tax rate; аз андоз озод (ғайриандозӣ) – tax-exempt, taxfree; андозсупоранда, андозбандӣ – taxable, liable to a tax; пардохти андоз, андозсупорӣ – pay tax. Ҳамин тариқ, ин навъи вожасозӣ метавнад, ба таври содатар аз истилоҳи «андоз/мизон» вожаҳои гуногунро тавлид намояд.

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ истилоҳи «боҷ» чунин маъниҳои зайлро доро мебошад:

- duty(-ies) – боҷ (*пошлина* (ы));
- import duty – боҷи воридот (*ввозная/импортная пошлина*);
- customs duty – боҷӣ гумрукӣ (*таможенная пошлина*);
- levy duties, collect duties – ситонидани боҷӣ гумрукӣ (*взимать таможенные*

пошлины);

- be duty-free – аз падохти боҷӣ гумрукӣ озод будан (*не подлежать обложению таможенными пошлинами*);
- levy duties – андозбандии боҷӣ гумрукӣ (*облагать таможенной пошлиной*);
- export duty – боҷӣ экспортӣ/содиротӣ (*экспортная пошлина*) [9].

Аз корбасти истилоҳоти фавқ муайян гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам истилоҳи «боҷ» серистеъмол буда, дар ташаккул ва такомули истилоҳшиносӣ нақши калонро мебозад. Истилоҳоти фавқ нисбат ба дигар истилоҳҳои соҳаҳои қишри ҷомеа серистеъмол ва серҷузъа буда, бо роҳҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Истилоҳи «боҷ» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба ду маънӣ корбаст шудааст:

«боҷ» - пулу чизе, ки подшоҳони бузург аз подшоҳони зердаст ё аз раият мегирифтанд, хироҷ, андоз, молиёт;

«боҷ» - андози пули давлатӣ, ки ҳангоми аз сарҳади мамлакат гузаронидани молҳои тиҷоратӣ гирифта мешавад [14].

Инчунин, дар забонҳои таҳқиқшаванда истилоҳи «гумрук» бо чунин мазмунҳо пешниҳод карда шудааст:

- расмияти гумрукӣ – customs clearance (*таможенное оформление*),
- расмияти гумрукиро ба ҷо овардан (*выполнение таможенных формальностей*);
- муқарароти расмияти гумрукӣ – carry out customs clearance (*производить таможенное оформление*);
- тафтиши боҷхона – customs inspection (*таможенный досмотр*);
- идораи гумрук/гумрукхона – customs house/the Customs (*таможня*).

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти гумрукӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бениҳоят бою ғанӣ ба назар мерасанд, чунончи, ибораи «*ба расмият даровардан*»-ро бо роҳҳои гуногун метавон баён намуд:

- расмиятро ба ҷо овардан – fulfil formalities;
- аз расмият гузаштан – go through formalities;
- заруратро ба ҷо овардан – carry out formalities;
- расмиятро иҷро намудан – do formalities;
- лузумоти заруриро иҷро кардан – necessary formalities (необходимые формальности) [12].

Имрӯзҳо, вобаста ба талаботи замон ва пешрафт дар соҳаи гумрук истилоҳоти соҳаи фавқ рӯз то рӯз бештар мегардад. Ин забоншиносонро водор менамояд, ки барои муайян намудани истилоҳҳои соҳаи фавқ талаботҳо ва меъёрҳои махсусеро роҳандозӣ намуда, аз рӯйи тартиботи мушаххас вожа, луғот ва истилоҳоти марбути соҳаи гумрукро аз дигар соҳаҳои мавҷуда ҷудо менамоянд. Дар ин ҷо метавон якчанд мафҳумҳоеро номбар намуд, ки аз рӯйи он истилоҳҳои соҳаи гумрукро мушаххас ва музайян намуд:

1. **Якмаъногӣ (***Унифицирование значений***)**. Истилоҳ бо як мафҳуми муайян истифода шуда, ҳамон якмаъноӣ дар ҳуҷҷатҳо ва корҳои расмӣ низ риоя карда мешаванд.

2. **Универсалӣ ё умумиистеъмол (***Общепризнанность***).** Итилоҳоти марбути хадамоти гумрук чун вожаҳои байналмилалӣ арзёбӣ шудааст, ки бавижа, аз лиҳози кор бурдан бо мизоҷони хориҷӣ.

3. **Воҳидҳои устувор (***Устойчивость единиц***).** Устуворӣ хусусиёти хоси истилоҳоти гумрукӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар доираи ҳуҷҷатҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқӣ истилоҳот аз ҷиҳати маъно устувор боқӣ мемонанд.

4. **Дастрасӣ (***Доступность***)**. Истилоҳоти марбут ба гумрук бо мураккабии худ хосанд. Сарфи назар аз ин, онҳо бояд фаҳмиши дақиқӣ маънои ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро таъмин кунанд.

Ҳамин тавр, меъёрҳои дар боло зикргардида имкон медиҳанд, ки вижагиҳои муайяни низоми истилоҳотро ба назар бояд гирифт. Забоншинос Н.Н. Абуева вижагиҳои истилоҳотро таҳлил намуда, дар бораи муҳимияти алоқамандии истилоҳот бо соҳаҳои дахлдор ва роҳҳои истифодаи онҳо таъкид мекунад. Инчунин, робитаи мантиқии байни истилоҳоти гумрукӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқиро дар назар доштан лозим аст [1, с. 104].

Таҳқиқ ва омӯзиши сохтор ва таркиби луғавии истилоҳӣ ва тағйиротҳое, ки дар раванди вожаофарӣ рух медиҳанд, имконият фароҳам меорад, то ки қонуниятҳои рушди низоми забон дар маҷмуъ дуруст дарк гардад. Аз ин рӯ, истилоҳот яке аз зернизомҳои забон ба

шумор меравад, ки он дар фаъолияти касбии муосири мутахассисони соҳаи гумрук аҳаммияти хосса дорад.

Таҳқиқоти фавқ нишон медиҳад, ки корбасти истилоҳоти соҳаи гумрук дар раванди фаъолияти рӯзмараи инсоният мавқеи муҳим дорад, зеро мутахассисони соҳаи гумрук бештар вақт бо шаҳрвандони хориҷӣ рӯ ба рӯ мегарданд ва бо забони англисӣ, ки яке аз забонҳои паҳншудаи олам ба ҳисоб меравад, бе мамониат гуфтушунид менамоянд. Истилоҳоти мазкур то ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқон ва пажӯҳандагони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст, танҳо ба сифати луғот, фарҳангҳои мухтасар, мақола ва назару андешаҳои муфид, дигар ҳеҷ таҳқиқоте ба сифати рисолаи илмӣ ва кори таҳқиқотӣ анҷом дода нашудааст, ки ин пажуҳишоти мо нахустаҳқиқ маҳсуб меёбад. Масъалаи мазкур яке аз масоили муҳим ва саривақтӣ буда, бар пояи манбаъҳои илмӣ ва фарҳангҳои тасфирӣ мавриди таҳқиқу таҳрир қарор додани он аз манфиат орӣ нахоҳад буд. Метавон ишора намуд, ки истилоҳоти соҳаи гумрук дар заминаи истилоҳоти иқтисодӣ рушду равнақ мекунад ва дар он замина марҳила ба марҳила истифодаи он ва серистеъмол гардидани он ба чашм назаррас менамояд.

Адабиёт

1. *Абуева Н.Н. Английский язык для изучающих логистику и таможенное дело : учеб. пособие для СПО / Н. Н. Абуева, Э. М. Нурмагомедова. - 2-е изд., испр. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2018. - 104 с.*
2. *Артюшкина Т.А. Систематизированный учебно-терминологический словарь в профессиональной подготовке специалиста в вузе / Артюшкина Т. А., Артюшкин О.В., Скибицкий Э. Г // Сибирский педагогический журнал. - 2011. - № 6. - С. 40-48.*
3. *Головин, Б. Н. Лингвистические основы учения о терминологии. Учебного пособия. / Бориса Николаевича Головина. // - М. изд. Высшая школа. 1987. – 104 с.*
4. *Гриненко Г.В. — Теория именования. / Гуманитарная энциклопедия: Концепты [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2002–2020 (последняя редакция: 08.02.2020). URL: https://gtmarket.ru/concepts/7217*
5. *Джураев, Х. А. Роль и место термин и терминология в лингвистике наука / Х. А. Джураев // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 5(82). – С. 13-17.*
6. *Коровяковский Д. Г., Игуменцева Т. Ю., Волкова В. В. Языковая подготовка специалистов таможенного дела: зарубежный и российский опыт // Высшее образование в России. 2020. №3. С. 108 -118.*
7. *Кулебанкина, В.С., Я.А. Клемовискова. Вопросы Языкознания. / Кулебанкина, В.С., Я.А. Клемовискова. // - М., 1970. – 168 с.*
8. *Лейчик В.М. Терминоведение: предмет, методы, структура / В.М. Лейчик. М.: Издательство ЛКИ, 2007. - 256 с.*
9. *Литовченко В. И. Семантические особенности термина / В.И. Литовченко// Вестник СибГАУ. 2006. №2 (9) С.185-186.*
10. *Ҷӯраев, Х. А. Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. // Дисс. н.и.ф. 10.02.20 / Ҷӯраев Хайём. – Д., 2019. – 155 с.*
11. *Реформатский, А.А. Термин как член лексической системы языка // Проблемы структурной лингвистике. – М., 1967, - с. 122.*
12. *Русско-английский словарь таможенных терминов [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.tks.ru/tambook/eng (дата обращения: 25.02.2021).*
13. *Суперанская, А.В. Общая терминология: вопросы теории / А. В. Суперанская, Н. В. Подольская, Н. В.Васильева. М.: Либроком, 2012. - 248 с.*
14. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1,2. Д., 2008. – 945 с.*

РОҲҲОИ КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ГУМРУК ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола доир ба роҳҳои корбурди истилоҳоти соҳаи гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан меравад. Дар мақола оварда шудааст, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истилоҳоти марбут ба соҳаи гумрук дар натиҷаи пешрафти илму техника рӯз аз рӯз вусъат ёфта истодааст. Инчунин роҷеъ ба мавзуъ ақидаҳои забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шуда, бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Бояд ишора намуд, ки дар мақола доир ба аҳамият ва муҳимияти вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба гумрук ба донишҷӯёни соҳа кормандон ишора шуда, таъкид карда шудааст, ки забони англисӣ яке аз забонҳои пешрафта маҳсуб ёфта барои тиҷорат ва пешрафти соҳа кормандони вазорату идораҳои марбутаро зарур мебояд бо ин забон муошират намуда истилоҳ ва вожаҳои марбутаро аз худ намоянд.

Калидвожаҳо: гумрук, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, истилоҳшиносӣ, тадқиқоти миқдорӣ, дониш, пурсиш.

СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТАМОЖЕННОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье анализируются особенности использования таможенной терминологии в таджикском и английском языках с учётом тенденций её постоянного расширения под влиянием научно-технического прогресса и глобализационных процессов. Автор подчёркивает, что развитие международной торговли и усиление интеграционных связей требуют активного применения английского языка как основного средства профессиональной коммуникации в сфере таможни. В работе представлены мнения отечественных и зарубежных лингвистов, сопровождаемые конкретными примерами употребления терминов, что позволяет рассмотреть вопрос с точки зрения лексико-семантических и функциональных особенностей. Особое внимание уделяется значимости владения специализированной терминологией для студентов, будущих специалистов, а также сотрудников министерств и ведомств, связанных с таможенной деятельностью. В статье подчёркивается практическая значимость изучения английской таможенной терминологии для повышения эффективности профессионального общения и успешной интеграции в международное экономическое пространство.

Ключевые слова: таможенное дело, английский язык, таджикский язык, терминология, количественное исследование, знания, опрос.

THE WAYS OF USING CUSTOMS TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article examines the specific features of using customs terminology in Tajik and English, taking into account its continuous expansion under the influence of scientific and technological progress as well as globalization processes. The author emphasizes that the development of international trade and the strengthening of integration ties require the active use of English as the main means of professional communication in the customs sphere. The paper presents the views of both domestic and foreign linguists, accompanied by concrete examples of term usage, which allows the issue to be considered from lexical-semantic and functional perspectives. Special attention is given to the importance of mastering specialized terminology for students, future specialists, and employees of ministries and agencies related to customs activities. The article highlights the practical significance of studying English customs terminology as a means to enhance the effectiveness of professional communication and to ensure successful integration into the international economic environment.

Keywords: customs business, the English language, Tajik language, terminology, quantitative research, knowledge, survey.

Дар бораи муаллиф
Холиқов Абдулманон Юсуфович
Н.и.ф. мудири кафедраи методикаи таълими забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Холиков Абдулманон Юсуфович
К.ф.н. заведующий кафедры методики преподавания английского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Kholiqov Abdulmanon Usufovich
Candidate of Philological sciences, Head of the Department of English Teaching Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 809.155.0+802.0

НАЗАРЕ БА ҶОЙГОҲИ ИБОРАҲОИ МАСДАРӢ ВА ТАШАККУЛИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муҳиддинова М. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар забони мақолаҳо барои нишон додани амалу ҳолат ва шарҳи онҳо, кушода додани чигунагии муносибати бо ҳодисаҳои зиндагӣ вобастаи аъзоҳои ҷумла ибораҳои масдарӣ нақши калон ва муҳимро мебозанд. Онҳо, хусусан, барои шарҳи ҳоли замон, сабаб ва мақсад зиёдтар корбаст мешаванд. Агар аз истифодаи ҷумлаҳои пайрав (дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) як дараҷа мураккабии сохти наҳвии ҷумлаҳои нависанда ба назар ояд, аз истифодаи ибораҳо ба ҳамон андоза содагии сохти наҳвии ҷумлаҳои ҷудогона зоҳир мегардад. Нависандагони тоҷику англис ин навъ ибораҳоро маҳз бо мақсади ифодаи ҳолатҳои мухталиф ба кор мебаранд.

Муҳаққиқон Ф.И. Ҳакимов ва Х.А. Ҷӯраев дар мақолаашон менигоранд, ки «Дар ҳар ду забон (тоҷикӣ ва англисӣ. – М. М.) ҳам, баъзе ҷумлаҳои пайрав (сабаб, мақсад, пуркунанда, тарзи амал ва ғайра) мувофиқи вазифа ва аҳаммияти худ ба ибораҳои масдарӣ наздиканд, бинобарт ин, онҳо ба ибораҳои масдарӣ табдил ёфта метавонанд. Дар вақти ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаҳои пайрав: а) пайвандак намеояд, б) хабари ҷумлаи пайрав ба шакли масдар меояд» [15, с. 90].

Ибораҳои масдарӣ дар мақолаҳои нависандагони тоҷику англис зиёдтар бо мақсади ба таври муфассал ва комил шарҳу тавзеҳ намудани амалу ҳолат истифода бурда мешаванд.

Дар замони истибдод **ба хондан ва хондан, дар навиштан ва нашр кардан** озод набудем [1, с. 44]. – **To read and reading** during the persecution, we were not free **to write and publish**. Нахуст ин, ки иборат аз «умумӣ ва ихтиёрист», ҳанӯз дар байни мо номавҷуд аст, ҳатто мардуми **мо чӣ будани таҳсили** «умумӣ ва ихтиёриро» намедонанд. Таҳсили умумӣ ва ихтиёрӣ иборат аз **таҳсили илм ва маърифат кардани ҳар шахс аст**, ба ҳар синну сол, ки бошад ва ба кадом воситае, ки дарояд, аз ғайри иҷбори шахсе ва қуввате [1, с. 47]. Масъалаи муфиде, ки аз мулоҳизот ба даст даромадааст, ба қадри имкон аз ҳамон соат ё эътиборан, кадом вақте ки фурсат ёфт, **ба ҳаёт ва зиндагонии худ ва умум татбиқ кардан** мехоҳад [1, с. 48]. Агар кушташудагон сад ё дусад нафар мебуданд, мегуфтем, шояд саҳв шуда бошад, агар кушташудагон билфеъл **ҳаракате мекарданд,** мегуфтем, ҷазои амали исёнашон аст, мутаассуф ба ноҳақ кушта **шуданд**, барои **шодоб кардани ташнагони хуни одамӣ** кушта шуданд [1, с. 55].

Шоирон ва нависандагони тоҷику англис дар истифодаи ибораҳои масдарӣ равияи ба худ хос дошта, бо услуби корбарии худ матлабро анҷом медоданд. Масалан, вақте ки нависанда мехоҳад, натиҷаи амали тасвиршуда ба диду назари хонанда дар мадди аввал хотирнишон карда шавад, вай вожаи тобеъкунандаи ибораро дар ҷойи аввал мегузорад:

Барои раво доштани ин қисм сулук хеле беҳаёӣ ва бевиҷдонӣ лозим аст [1, с. 54]. - ***To solve this part,*** *you have to be very vain and dishonest.* Барои **омӯзгор расонидан** ба ҳар тарафи мамлакат...**курси омӯзгорон кушодан** зарур аст [1, с. 56]. - *In order to bring the teaching to all corners of the country...It is necessary to open a course for teachers.* Ҳукумат барои **таъсиси мактаб**, … ва **расонидани муаллим** хеле кӯшишҳои ҷиддӣ ба кор бурд ва мебарад, ки шоҳидаш пеши назари мо ба майдон муҷассам истодааст [1, с. 59]. - *The government has put a lot of effort into creating schools and educating teachers, and its witness is being embodied in front of us on the square. …* **барои омода кардани китоби форсӣ** кӯшише ҳаст ё нест, ин ҳам ба мо маълум нест [1, с. 60]. - *there is an attempt to prepare a Persian book or not, its not yet known to us.*

Дар матни боло синоними **расонидани муаллим // ба омӯзгор расонидан** ба кор рафтааст.

Маврид ба зикри хос аст, ки истифодаи ибораҳои масдарӣ дар ҳар ду забон ҳам гуногун аст, зеро дар забони тоҷикӣ он бо пасвандҳои – **ан, - анд** ифода меёбад, вале дар забони англисӣ бошад он бо ҳиссачаи - **to** истифода мегардад. Ба мо маълум аст, ки ҳиссачаи - **to** дар забони англисӣ ду вазифаро иҷро мекунад, якум чун пешоянд ва дуюм чун ҳиссачаи ёрирасон ба калимаҳои масдарии феълӣ ҳамтавъам мегардад. Зеро дар забони англисӣ нақши

калидиро масдар мебозад ва иловатан нисбат ба забони адабии ҳозираи тоҷик дар забони англисӣ ибораҳои масдарӣ ва феълӣ серистифодатар мебошанд.

Ибораҳои масдарии дар мақолаҳои нависандагони тоҷику англис истифодашуда маъноҳои замон - time, сабаб – reason ва мақсадро (purpose) ифода мекунанд. Агар дар таркиби ибораҳои масдарӣ пешояндҳои ифодакунандаи маънои замон (пас аз, баъд аз, дар вақти, ба вақти ва ғ.) омада бошанд, маъноҳои гуногуни замонро ифода мекунанд. Мисол: Дар **пас мондани тоҷикон** аз дигар қавмҳои Туркистон, албатта, ин ҳол айб аст [1, с. 66]. - *It is, of course, a mistake for the Tajiks to lag behind the other peoples of Turkestan.*

1. Ифоданокии ибораҳои масдарӣ дар он аст, ки онҳо баробари ба амал алоқаи ҷудонашаванда доштани субъектро фаҳмонидан, ба туфайли маъноҳои замонии таркибҳои ҷудогонаи худ (пас аз, баъд аз, дар вақти, ба вақти ва ғайра) бо амали асосии ҷумла, ки дар маънои (семантикаи) феълҳои мустаъқилмаъно ифода меёбанд, муносибатҳои гуногуни замонӣ дошта метавонанд, ба туфайли пешояндҳои гуногун (ба, барои, дар, то ва амсоли инҳо) бошад, маъноҳои мухталифи модалиро ифода мекунанд [16, с. 137]. Маъноҳои, сабаб – reason ва мақсад – purpose дар мақолаҳо зиёдтар бо пешоянди **барои** шарҳу тавзеҳ ёфтаанд:

Агар деҳқонони босавод дар курсҳое, ки барои **барҳам додани бесаводӣ** кушода мешавад, ҷамъ шуда, рӯзе чанд тартиби таълимро бинанд, ҳар кадоми эшонро мумкин аст, ки дар зарфи се моҳи зимистон даҳ-понздаҳ нафар бародарони худро дорои хату савод намоянд [1, с. , 62]. Барои **ба роҳ андохтани** мактабҳои тоҷик нахустин мартаба муаллим (омӯзгор) ва китоб даркор аст [1, с. 68]. - *In order **to open** a Tajik school, it is necessary to have a first degree teacher and a book.*

Ибораҳои масдарӣ баробари ифодаи маънои замонӣ ва сабабӣ ифодаи мақсадро ҳам нишон медиҳанд:

Ба муқобили ин гурусначашмон қиём карда, **асоси ҳукуматдории эшонро барандохтан** аз манфиати муштаракаи ранҷбарони ғарбӣ ва мазлумони шарқист [1, с. 64]. - ***To rise up against this governments is the basis** of their rule, responsible for the common interests of the suffering in the West and the oppressed in the East.* Ҳукумати Шуроӣ дасткушода шуда, ба корҳои дохилии худ шуруъ карда, ҳам бинобар **кушода шудани роҳҳои хориҷа** ва таъсиси муносибати тиҷоратӣ ба ойини мубодилаи амвол Ҳукумати Шуроӣ метавонад, ки дар кам фурсате буҳрони иқтисодии худро ислоҳ намояд [1, с. 230]. - *The Soviet government has given up and started its internal affairs, and due **to the opening of foreign roads** and the establishment of a commercial approach to the practice of property exchange, the Soviet government can fix its economic crisis as soon as possible.*

Ибораҳои масдарӣ маҳз мақсади воқеъ гардидани амалиётеро, ки дар ифодаи хабарҳои асосии ҷумлаҳо баён карда шудаанд, нишон медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки ибораҳои масдарӣ вазифаҳои гуногуни наҳвиро иҷро мекунанд. Масалан, агар онҳо ифодаи замонӣ дошта бошанд, вазифаҳои ҷумлаҳои пайрави замон, ифодаи сабабӣ дошта бошанд, вазифаи ҷумлаи пайрави сабаб ва ифодаи мақсад дошта бошанд, вазифаи ҷумлаҳои пайрави мақсадро ба ҷо меоваранд.

Ибораҳои феълии замонӣ бо пешоянди «аз – from» ва ташаккули он дар таркиби ибораҳои масдарӣ:

Ибораҳои бо пешоянди «аз – from» ва исмҳои ифодакунандаи мафҳуми замон амалеро нишон медиҳанд, ки ибтидои он ба ягон муддати вақти муайяне рост меояд ва ё, ба таври дигар гӯем, аз лаҳзаи сар шудани ягон муддати вақте оғоз меёбад, чунончи: ***аз субҳ хестан, аз бегоҳӣ сар кардан, аз ҳамин рӯз ба назар гирифтан, аз соати чор рафтан, аз соли аввал дӯст доштан*** ва ғ.

Масалан: Бинобар ин, пеш ***аз сар кардани хатмашққунӣ*** асбоби хатнависии туро ***тайёр кардан*** зарур аст [2, с. 125]. - *Accordingly admonished me first **to prepare** the tools and materials of penmanship* [19, pp. 66].

– Ман метарсам, ки "ин харҷ барои ту шуд" гуфта ***Бухоро рафтани*** **маро** дер намононанд [2, с. 26]. - *Because I'm afraqid that he'll charge it to my account and put off **sending me to Bukhara*** [17, pp. 11]. Умри ӯро аз ҳаштод боло мегуфтанд, қадаш чунон хам шуда буд, ки агар менишаст, сари синааш бар рӯйи зонуяш қариб мерасид, **роҳ рафтан ва нишастан** барои ӯ душвор буд [2, с. 46]. - *She was more than eighty years old and so hunched that she had difficulty either **walking or sitting**; when she sat, her knees came up to her chest* [17, pp. 22].

Аз мисолҳои фавқуззикр маълум гардид, ки ибораҳои масдарӣ ва мавқеи ифодаёбии онҳо дар ҷумлаҳои ҳар ду забон ҳам фарқ доранд, зеро дар забони тоҷикӣ риоя мегардад ва дар забони англисӣ бошад он ба тартиботи мухталиф корбаст мегардад. Ин падида маъмули

набуда, дар грамматикаи забони англисӣ ба таври возеҳ ва эзоҳшавандагии мастар шаҳодат медиҳад. Бояд ироа намуд, ки мастар шакли тасрифнашавандаи феъл буда, пояи асосӣ ва ё ибтидоии феълро ташкил медиҳад. Ибораҳои мастарӣ низ яке аз ҷузъҳои калидии ибораҳои феълӣ ба шумор рафта, ба тариқи ҳиссаҳои мустақилмаъно ва номустақилмаънои нутқ ибораҳоро месозад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки «феълҳо аз рӯйи муносибаташон ба объект ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: гузаранда ва монда. Таъсиру ҳаракати феълҳои монда ба объект намегузарад ва ба онҳо пуркунандаҳои бевосита тобеъ шуда намеоянд, аммо дар феълҳои гузаранда таъсиру ҳаракат ба объект бевосита мегузарад ва онҳо ҳама вақт дорои пуркунандаи бевосита мебошанд» [15, с. 92].

Ибораҳои бо эзоҳдиҳандаҳои шумораи тартибӣ, сифати ҷонишинии *«дигар - another»* ва бо калимаҳои *«аввал - first»* (аввалин – the first), «*нахустин*», аз хусуси маъно мантиқан нопурра менамоянд: ҳис карда мешавад, ки баъди калимаҳои қайдёфта бояд эзоҳдиҳандаи дигаре, ки боиси мукаммал гардидани маънои ибора мегардад, биёяд (муқоиса: аз рӯзи якум сар кардан – аз рӯзи якуми мусобиқа сар кардан). Эзоҳдиҳандаҳо одатан исмҳои амалу ҷараён ва мастар мебошанд. Дар чунин сурат дар ин ибораҳо замони иҷрои амал нисбат ба амали дигар муайян карда мешавад. Масалан: Аз **рӯзи аввали** бо ман **шарикдарс шудан дӯсти** наздик ҳам шуд [3, с. 175].

Пешоянди «аз – from» дар ҳар ду забон ҳам бо калимаҳои ***ибтидо, аввал*** ва ***охир*** замони ба вуҷуд омадани амалро бисёр равшан нишон медиҳанд. Ин калимаҳо аксар эзоҳдиҳанда мегиранд, бар акси ҳол маънои ибора ноқис мемонад.

Дар ҳар ду забон ҳам истеъмоли исмҳои замон дар ин намуди ибораҳо нисбат ба исмҳои бо маънои амалу ҷараён ва мастар маҳдуд мебошад, масалан, исмҳои ифодакунандаи давраи синну сол, ченаки хурди воҳиди вақт (соат, дақиқа, сония) номи рӯзҳои ҳафта ва боз баъзе исмҳои воҳиди вақт истифода намешаванд. Калимаи «***аввал***» ва гоҳо «***ибтидо***» бо пешоянди «***аз***» бе эзоҳдиҳанда имконияти ифода намудани муносибати замонӣ низ доранд, чунончи: ***аз аввал мунтазир будан, аз ибтидо гуфтан.***

Масалан, Агарчи Махдум **аз аввал** ба ин хабар **мунтазир бошад** ҳам, бо вуҷуди ин саросема шуд [16, с. 85]. **Аз ибтидо** ба шумо **гуфтам**, ки ин чӯбу тахта камӣ мекунад [17, с. 32].

Аз таҳлил ва баррасии мисолҳои фавқ аён гардид, ки исму пешоянд ва феъл дар сохтани ибораҳои мастарӣ нақши калидиро мебозанд.

Ибораҳои мастарӣ дар забони англисӣ (The Infinitive Constructions):

Дар забони англисии муосир ибораҳое арзи вуҷуд доранд, ки аз исм дар ҳолати умумӣ ва мастар иборат аст. Дар ин гуна ибора исмҳои шахс ё ашёеро ифода мекунад, ки амалеро ба воситаи ибораҳои мастарӣ ифода ёфтааст, иҷро мекунад ё ба ин амал алоқаманд аст. Ин навъи ибораҳои мастариро ибораи мустақил ва ё озод меноманд. Он дар охири ҷумла омада, бо вергул ҷудо карда мешаванд; дар забони тоҷикӣ чун ҷумла бо пайвандаки «яъне» корбаст мегардад, ки дар он феъл амалро ифода мекунад, вале дар забони англисӣ ин вазифаро пайвандаки "that" адо мекунад. Ибораи мастарии мутлақ **(Absolute Infinitive Construction)** бештар дар матнҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ (шартномаҳо ва ғ.) воҳӯрдан мумкин аст.

Масалан, The sellers offered the buyers 5,000 tons of oil, **delivery to be made** in October [11] . - Фурӯшандаҳо ба харидорон 5 ҳазор тонна **равған пешниҳод карданд**, ки он дар моҳи октябр ба ҷо оварда мешавад. The buyers requested the sellers to keep them informed of the position of the vessel, **the communications to be addressed** to their agents [11]. - Харидорон аз фурӯшандагон **хоҳиш карданд**, ки онҳоро дар бораи ҷойгиршавии киштӣ огоҳ кунанд ва паёмҳо ба агентҳои худ фиристода шаванд.

Пуркунандаи мураккаб - Complex Object.

Ибораи мастарӣ бо пуркунандаи мураккаб (The Objective Infinitive Construction – ибораи мастарӣ бо пуркунанда, The Objective-with-the-Infinitive Construction – падежи объектӣ бо ибораи мастарӣ) ва бо омехташавии исм дар ҳолати умумӣ ё ҷонишинҳои шахсӣ дар ҳолати объективӣ бо мастар аст. Ин навъи ибораҳои мастарӣ аз рӯйи мисолҳои зерин сохта мешаванд:

Мубтадо	**Хабар**	**Исм бо падежи умумӣ ё ҷонишинҳои шахсӣ бо падежӣ соҳибӣ (объективӣ) + мастар**
We	expect	him to do **it in time** [11] **.**

Ҳангоми тарҷумаи ибораҳои мастарӣ ба забони тоҷикӣ ҳолату амали феъл дар ҷумлаи пайрав инъикос мегардад.

Ҳолати ифодаёбии ибораҳои масдарӣ бо «пуркунандаи мураккаб»		
№	**Ҳолати истифодабарӣ**	**Мисол**
1	Пас аз феълҳои дарки эҳсосот: *to hear - шунидан, to see - дидан, to watch – тамошо кардан, нигоҳ кардан, to feel – ҳис кардан, to observe – мушоҳида кардан, to notice – қайд кардан.* Пас аз ин феълҳо ҳиссачаи **to** истифода карда намешавад.	I watched **her approach** [11].- Ман наздикшавии ӯро мушоҳида кардам.
	Пас аз феълҳои дарки ҳиссиёт танҳо масдари тасрифнашавандаи фаъол - Indefinite Infinitive Active корбаст мегардад. Барои ифодаи амал бо тарзи мафъул ва ё шояд сифати феълии II-ро истифода намудан зарур аст.	I saw **the fire slowly conquered** [11]. - Ман дидам, ки оташ оҳиста-оҳиста ғалаба мекард.
2	Пас аз феълҳои ифодакунандаи фаъолияти ақлӣ: *to know - донистан, to think - фикр кардан, to consider - ба назар гирифтан, бовар кардан – to believe, тахмин кардан – to suppose, интизор шудан – to except, тасаввур кардан – to imagine, ёфтан – to find, to trust - бовар кардан, to assume - тахмин кардан ва ғ.* Пас аз ин феълҳо феъли to be дар созмони ибораҳои феълӣ нақши калидиро мебозад.	He considers **this question to be** of great importance [11].- Ин масъала ба ӯ аҳамияти калон дорад.
3	Пас аз феълҳо бо маънои баён ва эълон: *to pronounce – талаффуз кардан, гап задан, to declare – эълон кардан, to report – гузориш додан, хабар додан.*	The surgeon pronounced **the wound to be** a slight one [11] . - Ҷарроҳ эълон кард, ки захм сабук аст.
4	Пас аз феълҳои ифодакунандаи эҳсосот ва ҳиссиёт: *to like – дӯст доштан, to dislike – дӯст надоштан, to love – ошиқ шудан, to hate, cannot bear - тоб оварда наметавонад, нафрат доштан ва ғ.*	I hate **you to talk** in this way [11]. - Ман аз ту нафрат дорам, ки бо ин тарзи ҳарф заданад.
5	Пас аз феълҳои ифодакунандаи фармон ё иҷозат, маҷбуркунӣ: *to order – фармоиш додан, to allow, to permit – иҷозат додан, to suffer – азоб кашидан, to have - доштан, to make - сохтан, to have - хӯрдан, to get - гирифтан, to force – қувват додан, to cause – фармон додан.*	She suffered **Mr. Smith to go** her back into her room [11]. - Вай ба ҷаноби Смит иҷозат дод, ки ба утоқи худ баргардад. She caused **a telegram to be sent** to him [11]. - Вай сабаб шуд, ки ба ӯ барқия фиристода шавад.

Мубтадои мураккаб - Complex Subject.

Ибораҳои масдарӣ бо мубтадои мураккаб (The Subjective Infinitive Construction – падежи номӣ бо ибораи масдарӣ, The Nominative-with-the-Infinitive Construction), ки дар умум ба вазифаи исм ва ё ҷонишинҳои шахсӣ, падежи соҳибӣ шуда меоянд, ки дар он ҳолат мубтадои ҷумларо комил мегардонанд, дар он ҷо нақши меҳвариро масдар мебозад. Ин навъи ибораҳои масдарӣ аз рӯйи нақшаи зайл созмон меёбад:

Мубтадо (бо исм, ҷонишинҳои шахсӣ ва ё падежи соҳибӣ)	Хабар (феъли сода бо тарзи мафъул)	Масдар
He Вай	is known маълум аст, ки	to go to work to Siberia [11]. барои кор кардан ба Сибир меравад

Дар ҷумлаи болозикр нақши мубтадо бо ибораи масдарӣ дар ҳар ду забон ҳам як вазифаро иҷро мекунад. Дар ҳар ду забон ҳам дар ҷумлаи номбурда аввал мубтадо ва баъдан хабару ибораи масдарӣ ба кор бурда шудааст, ки ин ҳам бошад ба ҷумла инъикоси амал ифода мекунад. Ба мо маълум аст, ки дар созмони ибораҳои масдарӣ мавқеи феъл бисёр калон аст, зеро дар сохтани он нақши калидиро худи феъл мебозад.

Хусусияти ин навъи ибора аз он шаҳодат медиҳад, ки он ба сифати яке аз аъзоҳои ҷумла амал намекунад: яке аз аъзоҳои ҷудонопазири ҷумла ин мубтадо мебошад, ки масдар он нақши хабарии феъро ифода ва ё ташкил мекунад.

Ҳолати ифодаёбии ибораҳои масдарӣ бо «мубтадои мураккаб»		
№	Ҳолати истифодабарӣ	Мисол
1	Бо феълҳои дарки эҳсосот: *to hear – гӯш кардан, to see - дидан, to watch – мушоҳида кардан, тамошо кардан, to feel – ҳис кардан, to observe – мушоҳида кардан, to notice – қайд кардан ва ғ. бо феълҳои тарзи мафъул.* Дар ин навъи ибораҳо, пас аз ин феълҳои масдарӣ ҳиссачаи to корбаст мегардад.	**Bob** was heard **to laugh** heartily [11] . - Боб шунида шуд, ки **аз самими қалб хандид.** **To be sure**, this destroyed the meaning of the verse, but my opponent didn't **notice** the difference [16, pp. 249].
2	Бо феълҳои ифодакунандаи фаъолияти равонӣ: *to know - донистан, to think – фикр кардан, to consider, to believe, to suppose – фикр кардан, пешниҳод, бовар кардан, эътимод кардан, to expect – интизор шудан, to imagine – тасаввур кардан, to find - ёфтан, донистан, to trust – бовар кардан, to assume – эътироф кардан* ва ғ. бо феълҳои тарзи мафъул.	**Philip** was known **to be** a young man without money [11]. - Филип ҷавони маъмуле буд, ки **бидуни пул гаштан** наметавонист. “He’s a blind semiliterate, and I **expect him to teach** reading and writing! [17, pp. 305].
3	Бо феъли *to make – маҷбур кардан* (дар тарзи мафъул)	Little **Bob** was made **to put on** some warm clothes[11] . - Боби хурдакак маҷбур шуд, ки **либоси гарм пӯшад.**
4	Бо феълҳо ба маънои хабар: *to say – гап задан, to report – хабар додан, to state – тасдиқ кардан бо феълҳои тарзи мафъул.*	**He** is said **to have gone** to work to Siberia [11]. - Гуфта мешавад, ки вай **барои кор кардан** ба Сибир рафтааст.
5	Бо феълҳои тарзи фоъил ифодаёбанда: *to seem – ба назар намудан, to happen – рух додан, to prove – тасдиқ кардан, исбот кардан, to be likely – эҳтимол доштан, to be unlikely – эҳтимол надоштан, to be sure, to be certain – бовар доштан, эътимод доштан, to turn out – маълум кардан ва ғ.*	**They** are unlikely **to come** in time [11]. - Ба гумон аст, ки онҳо **сари вақт меоянд**. **The work** proved **to be** useful [11]. - Кор фоидабахш **будани худро исбот кард**. **They** seemed **to have forgotten** him [11]. - Чунин менамуд, ки онҳо ӯро **фаромӯш кардаанд.** And woe betide anyone this dragon might **happen to encounter** on its way to or from the river, for it would swallow him whole [17, pp. 260]. Even though my right arm was crippled, I can still do anything with my left - but something else **happened to scare** me off [17, pp. 269].

Дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон ва забоншиносони англис аз таърифи ибораҳои масдарӣ муболиға карда шудааст, диққати зиёд ба ҳолатҳои мавҷуд будан ё набудани ҳисачаи *to* дода мешавад, масдар ҳангоми муоинаи вазифаи наҳвии он пурра ба исм баробар мешавад.

Бо ҳамин хусусияти феълии масдар рӯйпӯш карда мешавад, бо вуҷуди ин хусусиятҳои феълии масдар на танҳо дар нишонаҳои дар боло зикршуда ошкор мешавад, балки ба мисли феълҳои таркибӣ, масдар дар бисёри мавридҳо амалро ҳамчун ҷараёне ифода мекунад, ки тасаввури он бидуни алоқа бо иҷрокунандаи он мумкин нест. Дар мавридҳое, ки амали бо масдар ифодашаванда бо мубтадои ҷумла пайваст аст, масдари субъектӣ номида мешавад. Агар субъект бо муайянкунанда ифода гардида бошад, он гоҳ масдари объектӣ мебошад.

Муносибати амал бо иҷрокунандааш ҳангоми истифодаи масдар дар ҷумла зоҳир мегардад.

Ба андешаи В.Р. Жигадло масдар дар се ибораи предикативии гуногун иштирок мекунад [10, с. 167]:

1) Якум навъи ибораи предикативӣ бо масдар одатан дар грамматика аз нуқтаи назари забони англисии муосир номи ғайриқонунии «падежи номӣ бо масдар» ё «падежи объективӣ бо масдар»-ро мегирад.

2) «Ибораи предикативӣ бо пешоянди *for*». Ин ибора аз «объективӣ ба масдар» ҳам дар муносибатҳои субъекитии масдар ва ҳам аз ҷиҳати истифодааш дар ҷумла фарқ мекунад. Дар ҷумла «ибораи предикативӣ бо *for*» қариб, ки дар ҳамаи вазифаҳои наҳвии хоси масдар истифода мешавад.

3) «Падежи номӣ бо масдар». Дар ин маврид гуногунии махсуси хабари таркибии феълӣ муоина карда мешавад, ки қисми аввали он ёридиҳанда буда, мубтадоро бо масдаре мепайвандад.

Ҳар як ибораи дар боло зикршударро дурусттар муоина мекунем. Аз «ибораи предикативӣ бо пешоянди for» оғоз мекунем.

Ибораи «for + исм + масдар»

Амали бо масдар ифодашаванда, одатан мутааллиқи шахс (предмет) –и бо мубтадо ё пуркунандаи ҷумла ифодашуда мебошад [10, с. 250]: *I want you* ***to use*** *your influence*… (*to use* ба пуркунанда дахл дорад *you*) – Ман мехоҳам, ки ту нуфузи худро истифода бари…

Забоншиносон Л.С. Бархударов ва Д.А. Штейлинг ибораҳои масдарии сохти зеринро пешниҳод мекунанд [6, с. 220]: ҷузъи якум исм ва ҷонишин дар падежи объективӣ мебошад; ҷузъи дуюм – масдар (танҳо ё бо калимаҳои тобеъ), аммо ҳамаи ибора бо пешоянди *for* ҳачун як ҷузъи ягона ташкил карда шудааст. *It is easy* ***for you to say*** *that.*– Ба шумо гӯфтан мушкил нест. *This is* ***for you to decide*** – Инро шумо бояд ҳал кунед.

Амали бо масдар ифода гардида, метавонад инчунин ба шахс ё предмет ифода гардад, ки дар ҷумла на мубтадо вабо пуркунанда зоҳир намешавад. Дар ин маврид шахсе (ё предмете), ки ба он амали бо масдар ифода шуда дахл дорад, бо исм дар падежи умумӣ ё ҷонишин дар падежи объективӣ бо пешоянди *for* ишора карда мешавад. Ибораи аз «*for* + исм (ё ҷонишин) + масдар» иборат буда, вазифаи як аъзои мураккаби ҷумларо иҷро мекунад, дар баробари ин масдар метавонад ҳам дар тарзи фоил ва ҳам мафъул истифода шавад.

Ибораи «*for* + исм (ё ҷонишин) + масдар» вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла (дар адабиёти илмӣ бештар вазифаи ҳоли мақсад ё натиҷа)-ро иҷро мекунад. *He waited* ***for her to speak****, but she did not.* – Ӯ интизор буд, ки вай гап занад, аммо вай хомуш буд. *This first thing* ***for me to do*** *is to find out when the steamer arrives.* Якумин чизе, ки ман бояд иҷро кунам ин муайян кардани вақти омадани киштӣ мебошад. *However, it was almost impossible* ***for her to recover*** *her self-possession* [19, p. 175]. - Ба ҳар ҳол барои вай худ идоракуниро ба худаш баргардонидан қариб ғайриимон буд;

… it would be impossible ***for her to make*** *a friend* … [19, p. 90].

– … барои вай дӯсти **пайдо кардан** ғайри имкон буд…

The water was too cold ***for the children to bathe.*** - Об барои оббозии кудакон бисёр хунук буд. *It is necessary* ***for the goods to be packed*** *in strong cases.* - Муҳим аст, ки молҳо дар қутиҳои мустаҳкам баста шуда бошанд.

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ибораҳои гуногун бо масдар дар алоқаманд гашта як ибораи комилро ташкил медиҳанд, ки он ҳам бошад ба ҷумлаҳои пайрав пайвастагӣ доранд.

Яке аз чунин ибораҳои серистеъмол «ибораи хабари объективии масдарӣ» мебошад, ки инчун пуркунандаи мураккаб ном гирифта мешавад.

Б андешаи М.А. Беляев [6], «ибораи объективмасдарӣ» – ин пайвастшавии исм дар падежи умумӣ бо масдар мебошад (ё ҷонишини шахсӣ дар падежи оъективӣ). Масалан: *I want* ***him to help*** *me* – Ман мехоҳам, ки вай ба ман кӯмак кунад. *And a man wanted* ***me to go*** *in for film* … [19, p. 26]. - Ва мард хост, ки ман ба кино равам…

«Ибораи объективӣ масдарӣ» дар ҷумла вазифаи як аъзои ҷумларо, ба хусус вазифаи пуркунандаи мураккабро иҷро мекунад. Дар ҷумлаи *And a man wanted me to go in for* film…пуркунандаи феъл *wanted ҷонишини те не,* балки *me to go мебошад*. Ба саволи *what did a man want?* Мард чи мехост? ҷавобаш – *A man wanted* ***me togo***…мешавад.

Дар «ибораи объективӣ бо масдар» исм ё ҷонишин шахсе (предмете) –ро ифода мекунад, ки амали бо масдар зоҳир гардидаро иҷро кардааст ё ба ин амал гирифтор шудааст.

«Ибораи объективӣ бо масдар» баъд аз феъл дар дилхоҳ шакли замон истифода мешавад:

He expects *He expected* ***He will expect***	***us to come*** *on Sunday*	Ӯ интизор аст, Ӯ интизор буд, Ӯ интизор мешавад,	ки мо рӯзи якшанбе меоем.

«Ибораи объективӣ бо масдар» натанҳо баъди феъл дар шакли шахсӣ, балки баъди феъл дар шакли масдар, сифати феълӣ ва герундия низ истифода мешавад: Масалан: *You can't* ***expect them to come*** *so soon.* - Шумо интизор шуда наметавонед, ки онҳо инқадар тез меоянд. ***Wanting him to finish*** *the work in the time, I decided to help him.* - Хоҳиши онро, ки ӯ корро дар вақташ анҷом диҳад дошта, ман қарор додам ба вай кӯмак кунам. *There is no reason for* ***expecting the ship to arrive*** *tomorrow.* - Интизор шудан шарт нест, ки киштӣ пагоҳ меояд.

Хулоса, ҳаминро бояд гуфт, ки мавқеи шаклҳои тасрифнашвандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, аз ҷумла, масдар, ибораҳои масдарӣ, сохти масдар, сифати феълӣ ва сохти он, феъли

ҳол ва вазифаи он дар ҷумла, ҳамчунин тафовут ва шабоҳатҳо миёни онҳо мавриди баррасии васеъ қарор гирифтаанд. Масдар шакли ибтидоии феъл буда, дар ҳар ду забон ҳам вазифаи асосиро адо мекунад. Нақши ибораҳои масдарӣ дар забонҳои матраҳшаванда бисёр ҳам калон аст, зеро он пояи асосии ибораҳои феълиро ташкил медиҳад. Ибораҳои масдарӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда яке аз ҷузъҳои асосии ибораҳои феълӣ ба шумор рафта, дар сохтани ҷумла мавқеи асосиро ишғол мекунад. Бояд ишора намуд, ки дар ин мақола мо бештар ба таҳқиқи ибораҳои масдарӣ руҷуъ намудем. Як нуктаро бояд илова намуд, ки роҳҳои созмонёбии ибораҳои масдарӣ дар ҳар ду забон ҳам якранг набуда, бо воситаҳои гуногун сохта мешаванд ва дар баъзе мавридҳо ибораҳои масдариро ба ибораҳои исмии изофӣ монанд мекунанд, аммо ин падида дар забони англисӣ вуҷуд надорад.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ахгари инқилоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974 – 264 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. қисми 1-4. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 464 с.*
3. *Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969 – Ҷ. 7. - 416 с.*
4. *Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977 – Ҷ. 9. – 480 с.*
5. *Бархударов, Л. С, Штейлинг Д. А. Грамматика английского языка // Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. - Москва: Русский язык, 1973. - 325 с.*
6. *Беляева, М.А. Грамматика английского языка / М.А. Беляева. - Москва: Высшая школа, 1977. - 333 с.*
7. *Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона [Матн] / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942. – 56 с.*
8. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ. 3. Ҷумлаи мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989. – 115 с.*
9. *Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Нашр.давл.Тоҷикистон, 1963. – 171 с.*
10. *Жигадло В.Н. Современный английский язык // В.Н. Жигадло Теоретический курс грамматики. – М., 1956. - 520 с.*
11. *Инфинитивные конструкции в английском языке. The Infinitive Constructions [Электронный ресурс]. – URL: https://study-english.info/infinitive-constructions.php (Дата обращения: 16.09.2025).*
12. *Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 172 с.*
13. *Қодирӣ, А. Каждум аз меҳроб / А. Қодирӣ. – Тошкент, 1938. – 247 с.*
14. *Маҷаллаи Шарқи Сурх. – 1963. - №5. – С. 32.*
15. *Ҳакимов, Ф. И., Ҷӯраев, Х. А. Таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ф. И. Ҳакимов, Х. А. Ҷӯраев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2023. - № 6 (107). - С. 89-97.*
16. *Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и С. Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 184 с.*
17. *Aini, S. The Sands of Oxus. Boyhood reminiscences of Sadriddin Aini. Translated from the Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. - Costa Mesa, California: Masda Publishers, 1998. - 350 p.*
18. *Jespersen O. Growth and Structure of the English Language. - L.,1924. 344 pp.*
19. *Three Men in A Boat by Jerome K. Jerome, (First published by Dent 1889), Published in Penguin Books, England, 1957, pp. 184.*

НАЗАРЕ БА ҶОЙГОҲИ ИБОРАҲОИ МАСДАРӢ ВА ТАШАККУЛИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба назаре ба ҷойгоҳи ибораҳои масдарӣ ва ташаккули он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан меравад. Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи таҳқиқи ибораҳои масдариро дар ду забон дида баромада, бар пояи манбаъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ такя намудааст. Мавзуи мазкур дар ҳар ду забон ҳам бори нахуст бо далелҳои муътамад ва бо мисолҳои муҷаз ба риштаи таҳқиқ ва таҳлили муқоиса қарор дода шудааст. Масдар шакли номуайянии феъл буда, пояи асосии замонҳои феълиро ташкил медиҳад. Ибораҳои масдарӣ бошад дар заминаи ибораҳои феълӣ ва ё ибораҳои пешояндӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он ҷо низ нақши калидиро худи масдар бо пешояндҳо мебозад. Таҳқиқоти мазкур бори аввал аз ҷониби муҳақиқ бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-бадеӣ дар асоси таҳқиқотҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ анҷом дода шудааст, ки ин ҳам бошад нахустаҳқиқ дар забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: масдар, феъл, ибораҳои масдарӣ, ибораҳои феълӣ, объект, ибораҳои объективӣ, ибораҳои субъективӣ, забон, калима, ҷумла.

ВЗГЛЯД НА МЕСТО ИНФИНИТИВНЫХ КОНСТРУКЦИИ И ИХ ФОРМИРОВАНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается место инфинитивных словосочетаний и их формирование в таджикском и английском языках. В своей статье автор рассматривает вопрос изучения инфинитивных словосочетаний в двух языках, опираясь на научные и исследовательские источники. Эта тема впервые в обоих языках, с достоверными доказательствами и яркими примерами, подвергается сопоставительному исследованию и анализу. Инфинитив - неопределённая форма глагола, составляющая основу настоящего времени. Инфинитивные конструкции образуются на основе глагольных или предложных фраз, где сам инфинитив с предлогами играет ключевую роль. Данное исследование проведено исследователем впервые с использованием научных и литературных источников, основанных на исследованиях отечественных и зарубежных лингвистов, что также считается новаторским в сравнительном языкознании.

Ключевые слова: инфинитив, глагол, инфинитивные конструкции (фразы), глагольные словосочитание, объект, объектные словосочитание, соловооброзование, язык, слово, предложение.

A VIEW TO THE PLACE OF INFINITIVE CONSTRUCTIONS AND THEIR FORMATION IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article examines the place of infinitive phrases and their formation in the Tajik and English languages. In his article, the author examines the issue of studying infinitive phrases in two languages, relying on scientific and research sources. This topic is subjected to comparative research and analysis for the first time in both languages, with reliable evidence and vivid examples. The infinitive is an indefinite form of the verb, which forms the basis of the present tense. Infinitive constructions are formed on the basis of verbal or prepositional phrases, where the infinitive itself with prepositions plays a key role. This study was conducted by the researcher for the first time using scientific and literary sources based on the research of domestic and foreign linguists, which is also considered innovative in comparative linguistics.

Keywords: infinitive, verb, infinitive constructions (phrases), verb phrases, object, object phrases, word formation, language, word, sentence.

Дар бораи муаллиф
Муҳиддинова Мунира Олимҷоновна
Унвончӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

Об авторе
Мухиддинова Мунира Олимджоновна
Соискатель кафедры сравнительного языкознания и типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

About the author
Mukhiddinova Munira Olimjonovna
Applicant of the Department of Comparative Linguistics and Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

ТДУ 809.155.0+802.0:551.5

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ АТМОСФЕРА ВА РОҲҲОИ КОРБУРДИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сайдалиев К. А., Баротзода Ф. К.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пеш аз он ки ба таҳлилу таснифи вожагону истилоҳоти "т**аркиб ва сохти атмосмфера"** даст занем, зарур мешуморем, ки роҷеъ ба мафҳуми атмосфера андешаҳои худро баён намоем. Истилоҳи **атмосфера** аз вожаи юнони **atmos – буғ** ва **sphere – кура** гирифта шуда, маъноияш қабати газмонанди атрофи замин аст. Вай аз омехтаи газҳои гуногун таркиб ёфтааст, ки онро ҳаво меноманд. Атмосфера гуфта, одатан ҳамон соҳаи атрофи заминро мефаҳманд, ки дар он муҳити газӣ ҳамроҳи Замин гирд мегардад.

Забоншиноси тоҷик Х.А. Ҷӯраев дар мақолаи худ менигорад, ки «Истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон мавқеи муҳимеро ишғол намуда, дорои як қатор вежагиҳои фарқкунандаи функсионалӣ, генетикӣ-таркибӣ, луғавӣ-маъноӣ, морфологӣ, калимасозӣ ва услубӣ-номинативӣ мебошад. Яке аз аломатҳои хоси истилоҳот ин ташкили сохти он ба шумор меравад» [11, с. 13].

Ҳамин тавр, истилоҳи "**таркиб ва сохти атмосмфера**" дар забонҳои муқоисашаванда аз истилоҳу ибораистилоҳоти зерин иборат аст: **нитроген –nitrogen (нитрагин), оксиген – oxygen (оксиген).**

Таъкид ба маврид аст, ки ҳар як истилоҳе, ки зикраш дар боло рафт, дорои маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ мебошанд, ба монанди **тропосфера**. Истилоҳи мазкур - исми маънӣ буда, маънои луғавии зайлро доро аст: **"Тропосфера (тропос - гардиш)** қабати поёнии атмосфера, ки аз сатҳи Замин то баландиҳои 10-15 км тӯл кашидааст, тропосфера ном дорад. Иқлимшинос И.С. Саддиков дар китоби худ менигорад, ки: *«Қабати атмосферае, ки бо баландшавии амудӣ пастшавии ҳарорат мушоҳида карда мешавад, тропосфера номида мешавад»* [8, с. 11]. Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки миқдори зиёди истилоҳоти мансуби **тропосфера** басомади юнонӣ дошта, то ба имрӯз дар соҳаи метеорология бо ҳамин маъниву шакл истеъмол мегардад, ба монанди: ***тропосфера, стратосфера, мезосфера, термосфера ва экзосфера***, ки ҳар як маънои луғавӣ гуногунро доро мебошад. Инҷо лозим мешуморем, ки бархе аз онҳоро бо маънои грамматикиву луғавиашон тавсиф намоем:

Истилоҳи стротосфера (Strotos - қабат) - ин қабати аз тропосфера болои атмосфера ҷойгир мебошад, тӯл кашида аст, вале сфера бошад кура мебошад. Дар ҷойи дигар низ Саддиков И.С. менависад, ки: *«Қабати атмосферае, ки бо баландшавии амудӣ афзоиши ҳарорат мушоҳида карда мешавад, стратосфера номида мешавад»* [8, с. 12].

Истилоҳи мазкур истилоҳи меҳварӣ буда, нисбат ба дигар истилоҳоти ин соҳа серистеъмолтар мебошад. Зеро он як падидаест, ки дар ҳар ду забон ҳам якранг корбаст мегардад. Инчунин, матлаби асоси он аст, ки истилоҳи фавқ дар забонҳои матраҳшаванда мавқеи густарда дошта, аз гунаҳои зайл иборат мебошад:

1.Таъриф: - атмосфера як қабати газӣ аст, ки замин ё дигар сайёраҳоро иҳота мекунад.

2.Таркиб ва ё таркибот: - нитроген (N2), оксиген (O2), аргон (Ar), карбондиоксид (CO2) ва миқдори ками газҳои дигар ва аэрозолҳо.

3.Қабатҳо: - тропосфера: қабати поёнӣ, ки иқлим ва ҳавоии мо дар он ҷой дорад. - Стратосфера: қабати бо озон. - мезосфера, Термосфера, Экзосфера: қабатҳои болоӣ бо хусусиятҳои худ.

4.Хусусиятҳо: - фишор ва ҳарорат бо баландӣ кам мешавад; таркиб ва шиддатро метавонанд таъсир расонанд.

Мезосфера калимаи юнони **(meso - миёна)** буда, аз болои стратосфера, тақрибан дар масофаи 80 км ҷойгир аст. Саддиков И.С. дар китоби худ «Метеорология ва иқлимшиносӣ» қайд мекунад, ки «Қабати атмосферае, ки дар болои стратосфера ҷойгир буда, бо баландшавии амудӣ пастшавии миёнаи ҳарорат мушоҳида карда мешавад, мезосфера номида мешавад» [8, с. 13].

Термосфера (termo – гарм). Дар бобати истилоҳи термосфера Саддиков И.С. чунин ибрози андеша мекунад, ки: «Қабати атмосферае, ки бо баландшавии амудӣ афзоиши миёнаи ҳарорат мушоҳида карда мешавад, термосфера номида мешавад» [8, с. 13].

Бояд гуфт, ки иқлимшинос И.С. Саддиков дар бобати истилоҳоти соҳаи иқлимшиносӣ ва метеорология бо далоили амиқ ва дақиқ менигорад, ки онҳо дар мавриди истифода ва корбаст вижагии хоссаеро доро мебошанд.

Истилоҳи **экзосфера** вожаи юнони буда, чунин маъниро доро мебошад (экso - беруна). Дар ин ҷо Саддиков И.С. менависад, ки: «Қабати атмосферае, ки бо баландшавии амудӣ бо афзоиши ҳарорат суръати зарраҳо хеле калон мешаванд, экзосфера номида мешавад [8, с. 14]. Дар қабати экзосфера зарраҳои алоҳида, чунин суръате дошта метавонанд, ки он барои бартараф кардани қувваи ҷозибаи Замин расида, аз атмосфера ба фазои кайҳонӣ парида мераванд. Бинобарон, дар баъзе мавридҳо экзосфераро сфераи **пароканиш** низ мегӯянд.

Нақшаи № 1. Истилоҳоти марбути атмосфера дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ



***Эзоҳ**: ҳар як мавҳуми фавқуззикр дар ҳар ду забон ҳам шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки он дар таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда нақши бориз доранд.*

Ҷадвали № 1. Шарҳу тавзеҳоти истилоҳоти мансуб ба атмосфера дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

таъриф - definition	
газҳои ҳаво	*air gases*
химия N2, O2, Ar, CO2	*chemistry N2, O2, Ar, CO2*
ҳарчанд партоби ғуборолуд	*although dusty emissions*
таркиб - composition	
нитроген, оксиген	*nitrogen, oxygen*
аэрозолҳо, қобчу	*aerosols, dust*
қабатҳо - layers	
тропосфера	*troposphere*
стратосфера	*stratosphere*
мезосфера	*mesosphere*
термосфера	*thermosphere*
экзосфера	*exosphere*
хусусиятҳо - features	
фишор, ҳарорат	*pressure, temperature*
нишондиҳандаи ҳаво	*weather indicator*

Ба ибораи дигар ифода намоем, аз он чаҳор истилоҳоте, ки бо маънии луғавиашон дар боло ёдовар шудем, аз забони юнонӣ иқтибос гардидаанд, ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки забони юнонӣ дар муқоиса бо дигар забонҳо дар бою ғановатманд гардидани таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеи густурдаеро молик аст. Ҳамаи истилоҳоти овардашуда аз ҷиҳати таркиби сарфӣ исми мураккаб ба шумор рафта, аз ду реша иборатанд. Аз лиҳози мансубияташон истилоҳоти зикршуда исми маънӣ буда, аз вожагони умумиистеъмолӣ бо вижагиҳои истилоҳии худ тафовут доранд.

Яке аз ибораистилоҳоти меҳварие, ки ба ҳаводиси атмосферӣ марбут аст, ин ибораистилоҳи исмии **ҳодисаҳои атмосферӣ** буда, фарогири як миқдор истилоҳоти содаву сохта ва мураккабу таркибӣ аст, ки дар зер роҷеъ ба хусусиятҳои сохториву таркибии онҳо таваққуф хоҳем намуд:

Истилоҳоти сода. Ин гурӯҳи истилоҳотро аслан вожагон ва ё истилоҳоти решагӣ ташкил медиҳанд, ба монанди:

Раъд – thunder. «Раъд, як навъ ҳодисаи садиест, ки дар атмосфера якҷоя бо разряди электрӣ (раъду барқ) идома меёбад. Дар самти раъду барқ ҳаво фаврӣ гарм ва васеъ шуда, зимни он ҳаво ба ҷунбиш омада, **раъд** ва сипас баркро ба амал меорад [8, с. 22] .

Барқ - thunderstorm. «Барқ, разряди электрикии шарорагии азим дар атмосфера ба вуҷуд меояд. Барқ дар байни абрҳо ё дар байни абрҳову Замин одатан дар шакли дурахши шӯълавари рӯшноӣ зоҳир мегардад, ки онро гулдурроси раъд ҳамроҳӣ мекунад [8, с. 22].

Сиклон – **syclon.** Дар **сиклонҳо** ҳарду массаи фазоӣ, ки фронтҳо онҳоро ҷудо мекунанд дохил мешаванд.

Мавҷ – wave. «Дар самти баланди фронтҳо мавҷҳо ба вуҷуд меоянд, барои он ки анбӯҳи ҳавои нисбатан гарм ба ҳудуди нисбатан хунук ворид мешавад, ба пеш ҳаракат карда ба анбӯҳи ҳавои хунук расида, фронти гармро ҳосил мекунад [8, с. 51].

Бод – wind. «Бод гуфта, ҳаракати уфуқии ҳаворо нисбат ба сатҳи Замин меноманд. Бодро аз рӯи нишонаҳои зерин: суръат, самт, қувваи таъсир ва ғайра фарқ мекунанд. Сабаби асосии пайдошавии бод, тағйирёбии фишори атмосферӣ дар нуқтаҳои гуногуни сатҳи Замин , ки гридиенти барики уфуқиро ташкил мекунанд, мебошанд» [8, с. 56].

Маврид ба зикри хос аст, ки истилоҳоти болозикр дар ҳар ду забон ҳам роҳҳои корбасташон якранг буда, ба таври исми сода ба кор рафтаанд. Илова бар ин, он чаҳор истилоҳи фавқуззикр дар забонҳои матраҳшаванда истилоҳи меҳварии атмосфераро дарбар гирифта, дар доираи он шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Аз таҳлил ва баррасии он маълум гардид, ки истилоҳоти мазкур бар пояи истилоҳ ва ё вожаи атмосфера тавлид шудаанд. Метавон гуфт, ки басомади он юнонӣ буда, дар таркиби луғавии забон нақши калидиро соҳиб мебошанд.

Иқлимшинос И.С. Саддиков дар китоби худ перомуни ҳар як истилоҳи мансуб ба метеорология менигорад, ки ҳамаи он аз забони юнонӣ ва ё лотинӣ омадаанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки истилоҳҳои болозикр амсоли атмосфера, сиклон, экзосфера, термосфера дар забони тоҷикӣ муодили худро молик нестанд.

Истилоҳоти сохта. Ин намуди истилоҳот ба воситаи ба реша ҳамроҳ намудани вандҳои калимасоз сохта мешаванд. Дар зери мафҳуми вандҳо, аслан, пешванду пасванд ва миёнванд дарк карда мешавад. Истилоҳоти сохтаи ин гурӯҳ ба воситаи унсурҳои калимасозии зерин сохта мешванд:

- иш. Пасванди мазкур асосан, исми амал сохта, дараҷаи истеъмолаш он қадар фарох набуда, ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсули забони тоҷикӣ дохил мешавад. Он дар бештари ҳолатҳо аз феъл исми амал месозад: **гардиш**. **«**Ба **гардиши** асосии ҳаво гардишеро дар назар доранд, ки он ба фарқи ҳарорати ҳаво ва минтақаи арзҳои гуногун доштаи сатҳи Замин ва баландиҳои он хос мебошад» [8, с. 88].

- а. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ камистеъмол буда, дар соҳаи обуҳавошиносӣ асосан исмҳои маънӣ месозад, амсоли бора. **«Бора** - боди хунуки шиддатнок дорои суръати баланд, аз теппаҳои кӯҳӣ ба тарафи поён ба сатҳи баҳрҳои гарм ҳаракат кардаро меноманд» [8, с. 61]. - *A strong, cold wind with high speed, moving from mountain ranges down to the sea surface, is called.*

Истилоҳоти мураккаб. Пайдост, ки ин намуди истилоҳҳо дар ҳар ду забон ҳам, аз ду решаи баробарҳуқуқ иборат аст, ҷузҳои онро ҳиссаи нутқи мустақил ташкил медиҳанд: **барометр** – **barometer**. (аз калимаи юнонии baros - вазн ва metres - чен мекунам иборат буда) асбобест, ки онро барои чен кардани фишори атмосферӣ истифода мебаранд); **барограф - barograph. «**Барограф барои қайднамоии мунтазами тағйирёбии фишори атмосферӣ хизмат мекунад» [8, с. 38]. - *A barograph is used to record changes in atmospheric pressure.* **барометр-анероид – barometer- aneroid. «**Тарзи кори **барометр - анероид** дар асоси таъзиқи мембранаҳо, мисли қутичаҳо бо таъсири фишор асос карда шудааст» [8, с. 37]. - *The working principle of an aneroid barometer is based on the compression of membranes, like boxes, by the action of pressure.*

Гирдбод - windstorm. «Гирбодҳои дар болои баҳр пайдо шуда номи смерчро дошта дар болои хушкӣ бо номи тромб маълуманд» [8, с. 55]. - *Whirlwinds that form over the sea are called tornadoes, while over land they are known as trombones.*

Фен-бод - wind. «Фен-боди гарм ва дар баъзе ҳолат сӯзон, хушк ва боди бошиддати дорои суръати тез мебошад,ки аз кӯҳҳо ба ҳамворҳо вазанда меояд ва дар сурати мавҷуд будани барфу ях сабаби обшавии онҳо мегардад» [8, с. 60]. - *A fan-wind is a hot, sometimes scorching, dry, and strong wind with high speed that blows from the mountains to the plains and, if there is snow or ice, causes them to melt.*

Дар ин ҷо аз ду исми сода як исми мураккаб, яъне бодченкунак тавлид шудааст. Дар ин маврид гуфтан ҷоиз аст, ки исмҳои сода дар ин бахши истилоҳоти метеорологӣ нақши бузург доранд, зеро пояи асосии истилоҳ ва ибораистилоҳотро аожаҳои сода ташкил медиҳанд.

Аз таҳлилу баррасии истилоҳоти фавқуззикр маълум гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам мавқеи ин навъи истилоҳотро истилоҳҳои сода ва ё мураккаб ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳлили он аниқ гардид, ки шарҳу тавзеҳ ва ифодаи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда якзайл набуда, балки ба василаҳои гуногун мустаъмал мегарданд. Ба таври мисол яке аз он истилоҳотро меорем, ки дар ҳар ду забон ҳам чунин корбаст шудааст. Масалан, истилоҳи гирд+бод, яъне он исми мураккаб буда, **гирд** – феъл ва **бод** бошад исм аст, ки дар якҷоягӣ исми мураккаби **гирдбодро** ифода кардааст.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи **гирдбод** чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: **гирдбод.** *«1. боди сахт ва тезу тунде, ки чангу хок ва хасу хошокро печонда, сутунвор ба ҳаво мебарорад. 2. истилоҳи умумӣ барои сутуни ҳавоии чархон, дар миқёси кӯчак»* [9, с. 265].

Дар соҳаи метеорология ё иқлимшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавон як гурӯҳ истилоҳоти мураккаби иқтибосиеро мушоҳида намуд, ки бо шакли аслиашон истифода мешаванд, ба монанди *анеморумбометр - anemorumbometer, анеморумбографҳо - anemorumbograph, гидрометр - hydrometer.*

Истилоҳоти таркибӣ ва ё ибораистилоҳҳоти мансуб ба метеорология. Ин навъи истилоҳот аз ду ҷузъ иборат буда, яке ба дигаре ба воситаҳои мухталифи граммматикӣ пайваст мешаванд. Вобаста ба иштироки воситаҳои грамматикӣ, яъне алоқаҳои наҳвӣ ибораистилоҳоти тоҷикиро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

Ибораистилоҳоти изофӣ. Дар ин намуди исбораистилоҳҳо ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум ба воситаи бандаи изофии “и” пайваст мешавад: **тӯдаабрҳои бороновар - rain clouds. «**Барқ асосан дар **тӯдаабрҳои бороновар** (раъду барқӣ), гоҳ-гоҳ дар абрҳои қабат-қабати бороновар, ҳангоми оташфишонии вулқонҳо, тӯфон ва ғ. ба вуҷуд меоянд» [8, с. 22] ; **раъду барқ - thunder and lightning.**

Раъду барқ. «Раъду барқ, ҳодисаи атмосфериест, ки ҳангоми он байни тӯдаабрҳои боронии пуриқтидор ва ё байни абрҳои сатҳи Замин разряди лектрии пурзӯр (барқ) ба амал меояд ва онро гулдуросе (раъд) ҳамроҳӣ мекунад» [8, с. 24].

Зичии ҳаво - air density. «Қувваи ҷозибаи заминӣ аз баланди вобастагии калон дорад. Тасдиқ гардид, ки бо баланд шудани қабати атмосферӣ **зичии ҳаво** кам шуда, сирак мешавад» [8, с. 27]. Дар зер якчанд ибораистилоҳотро ба таври мисол меорем: *фишори атмосферӣ; тағйирёбии фишор. ҳалқаи қутбӣ, ҳалқаи тропикӣ; анбуҳи ҳаво; анбӯҳҳои ҳавои арктикӣ; анбӯҳҳои ҳавои тропикӣ.*

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи **барқ** дар чунин тарз шарҳу баён ва тавзеҳ дода шудааст, ки овардани он айни мудаост: *«ҳодисаи табиист, ки дар натаҷаи ҳаракати абрҳо ва ба ҳам бархӯрдани моддаҳои мусбату манфии электрикӣ бо дурахшиш ва таркиши пурқуввату бо суръат ба зуҳур меояд» [9, с. 154].*

Шарҳу тавзеи ибораистилоҳи зичии ҳави забони тоҷикӣ ба забони англисии муосир ба таври зайл истифода шудааст: *It has been confirmed that as the atmospheric layer rises, the density of the air decreases and becomes thinner; atmospheric pressure; pressure changes. polar ring, tropical ring; air masses; arctic air masses; tropical air masses.*

Он ибораистилоҳоте, ки зикрашон рафт, ибораистилоҳоти исмӣ буда, ҷузъи асосии онҳо исм ба шумор мераванд, ки: бодҳои маҳаллӣ, бодҳои куҳӣ, сиркулиятсияи атмосферӣ.

Дар забони англисӣ бошад, ин намуди ибораистилоҳот тавассути аломати апостроф “’” ва ё алоқаи пешояндии пешоянди of сохта мешаванд, ба монанди: *local of winds, mountain of winds, atmospheric of circulation.*

Дар ҳар ду забон ҳам сохти ин навъи ибораистилоҳот якзайл набуда, яке аз дигаре фарқ доранд. Яъне, дар забони адабии ҳозираи тоҷик тавассути бандаки изофии “и” сохта мешаванд, вале дар забони англисӣ бошад, ки он тавассути пешоянди of ва ё апостроф “’” ифода меёбанд.

Ибора истилоҳоти пешояндӣ. Дар ин навъи ибораистилоҳот ҷузъҳо ба якдигар ба воситаи пешояндҳои гуногун пайваст мешаванд**:** гардиши ҳаво дар атмосфера; анбӯҳҳои ҳаво дар арзҳои муътадили қутбӣ; ҳаракати ҳаво дар қабатҳои поёнии атмосфера.

Дар забони англисӣ ибораистилоҳҳои болозикри забони тоҷикӣ чунин шарҳу баён шудааст, ки: *air circulation in the atmosphere; air masses in temperate polar latitudes; air movement in the lower layers of the atmosphere.*

Як нукта ба ёдоварист, ки дар забони тоҷикӣ ибораистилоҳоте мавҷуданд, ки яке аз ҷузъҳояшон калимаи иқтибосӣ буда, ҷузъи дигарашон вожаи умуистеъмолӣ мебошанд. Масалан: *максимуми барикӣ, минимуми барикӣ; фронти атмосферӣ; фурухамидаи барикӣ.*

Ин навъи ибораистилоҳоти забони тоҷикӣ, ки меҳвари асосиашон аз вожаҳои иқтибосӣ маншаъ мегиранд, онҳо дар забони англисӣ ба чунин тарзу усул мустаъмал мегарданд: *maximum of thin air, minimum of thin air; atmospheric front; thin air depression.*

Шиддатнокии даврӣ гуфта, доимӣ бавуҷудоӣ, тараққӣ ва ҷойивазкунии анбӯҳи ҳавоиро дар атмосфера, берун аз арзҳои тропикӣ, циклонҳо ва антисиклонҳоро меноманд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳоте мавҷуданд, ки то ба имрӯз бо ҳамон гуна ва ё дар шакли басомадашон истеъмол мегарданд, ба монанди: **ложбина** – **ravine**. (ин минтақаи фишори пастдоштаи байни ду қитъаи фишори баланд дошта мебошад [8, с. 53]- *this is an area of low pressure between two areas of high pressure.*); **гребен - crest** (ин фишори баланд доштаи байни ду қитъаи фишораш пастбударо мефаҳмонад [8, с. 53]- *this explains the high pressure between two low pressure areas.*); **седловина - saddleback** (зинамонанд - saddleback) – ин минтақаест, ки майдони барикии он байни ду циклон ва антисиклонҳо (ё инки байни ложбинаҳо ва гребен), ки байни ҳам аломати ҷамъро пайдо мекунанд, мушоҳида кара мешавад [8, с. 53-54]- *this is a region where a narrow area is observed between two cyclones and anticyclones (or between a trough and a trough), which form a plus sign between them.*; *смерч, тромб, торнадо, томбало, бризҳо, фен флюгер* истифода карда мешавад.

Вожаҳои иқтибосии болозикр, ки ба забони тоҷикӣ дар шакли аслашон истифода шудаанд, дар забони адабии англисӣ чунин муодиҳоро доро мебошанд: *tornado, thrombus, tombalo, breeze, hair dryer weather vane.*

Бодченкунак (ветрометр Третяков) аз рӯи хосиятҳои амалиётҳои иҷрокунандааш ба флюгер (боднамо) монандӣ дорад.

1 - лавҳаи металлин (тахтаи вошаванда); 2 - камони бо пайвандак пайвастшуда барои муайян кардани суръати бод; 3 - боднамо бо муқобилвазни мувозинаткунандааш; 4 - нигоҳдорандаи (муфта) боднамо.

1 - флюгарка дар намуди лавҳаи қаткардашудаи мавҷмонанд; 2-мувозинаткунанда; 3 - лавҳае, ки дар қисми поёнии румбаҳо оварда шудааст; 4 - лавҳаи металини шакли қошуқ дошта; 5 - мувозинаткунандае, ки ба лавҳа 4 дар таҳти кунҷи 76° пайваст шудааст; 6 - буриш дар қисми миёнаи лавҳаҳои 4 ва 5; 7 - нишондод дар намуди ақрабаки тез; 8 - тақсимоти нобаробарии ҷадвал; 9 - тири уфуқӣ; 10-меҳвари амудӣ.

Дар замони ҳозира барои чен кардани самти бод ва суръати он асбобҳои фосилавӣ (дистансионӣ - distance) дар масофаи маълум истифода бурда мешавад. Анеморумбометрҳо бо табдилёбии ҷузъҳои (элементҳои) бод дар мошинаҳои электрикӣ асос ёфтаанд.

Аз таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқу таҳрири истилоҳоти марбут ба атмосфера аён гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам ин истилоҳ серистеъмол ва серҷузъа буда, дар атрофи он як чанд истилоҳҳои нав низ тавлид гаштаанд, ки истифодаи он барои нутқи инсон ва барои бою ғанӣ гардидани таркиби луғавии забонҳои олам нақши муҳим ва бузургро мебозанд.

Метавон гуфт, ки аксарияти истилоҳоти соҳаи метеорология аз калимаҳои иқтибосии забонҳои юнонӣ ва лотинӣ буда, дар бисёр мавридҳо дар шакли басомади аслии худ мемонанд. Ҳатто ба ягон забони дигар тарҷума намешаванд, ба таври мисол атмосфера, мезосфера ва ба монанди инҳо.

Ҳангоми таҳқиқ ва таҳлили масоили марбута мо бештар ба фарҳангҳои тафсирӣ ва китобҳои дарсиву сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ такя намудем. Бавижа, аз китоби дарсии иқлимшинос И.С. Саддиков ба таври фаровон истифода намудем. И.С. Саддиков дар китоби дарсии худ «Метеорология ва иқлимшиносӣ» менигорад, ки истилоҳҳои соҳаи метеорология бисёр доманадор буда, дар соҳаи худ нақши бориз дорад.

Аз таҳлилҳо муайян гардид, ки истилоҳоти метеорология дар илми забоншиносии муқоисавӣ ба тариқи муқоиса гузаронида нашудааст, ки ин таҳқиқ нахустпажуҳиш маҳсуб меёбад. Таҳқиқи масъалаи фавқ дар асоси асари И.С.Саддиков «Метеорология ва

иқлимшиносӣ» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» анҷом дода шудааст, ки дар он бо далоили мушаххас ва бо мисолҳои муътамад мавриди таҳлилу баррасии дуҷониба қарор гирифтааст, ки аз манфиат орӣ нахоҳад буд.

Хулоса, ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки истилоҳоти соҳаи мазкур фарох ва доманадор буда, ба таври ҷудогона мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода нашудааст, ки ин таҳқиқот нахустаҳқиқ ба шумор меравад. Истилоҳоти соҳаи метеорология як бахши риштаи иқлимшиносӣ буда, дар забонҳои олам ба таври бояду шояд мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар ин мақолаи мазкур масоили мансуб ба истилоҳоти атмосфера бар пояи маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ ва муқоиса қарор дода шудааст. Ба мо маълум аст, ки аксарияти истилоҳоти ин соҳаи мазкур истилоҳҳои иқтибосӣ буда, бештари онҳо аз забони юнонӣ ба дигар забонҳои олам иқтибосшуда омадааст, ки дар асли басомади худ ба кор бурда мешавад. Ба ҳамин хотир як чандтои онро ба таври мисол меорем: атмосфера, сфера, тропосфера, стратосфера, мезосфера, термосфера, экзосфера ва ғ.

Адабиёт

1. *Алиханов О.М. Введение в атмосферную физику // О.М. Алиханов. – М.: Наука, 2010. – 234 с.*
2. *Андреев В.Н. Метеорология с основами климатологии // В.Н. Андреев. – М.: Наука, 2007. – 248 с.*
3. *Бугаев В.А. Метеорология и климатология // В.А. Бугаев. – М.: Высшая школа, 1998. – 268 с.*
4. *Гершкович А.А. Метеорология ва климатология // А.А. Гершкович. – М.: Академия, 2016. – 414 с.*
5. *Дьячков В.П. Основы метеорологии и климатологии // В.П. Дьячков. – М.: Логос, 2018. – 252 с.*
6. *Кузнецов А.Н. Метеорология: учебное пособие // А.Н. Кузнецов. – М.: Физматлит, 2014. – 100 с.*
7. *Раҳмонов С. Метеорология ва климатология // С. Раҳмонов. - Душанбе, 2014. – 274 с.*
8. *Саддиков И.С. Метеорология ва иқлимшиносӣ // И.С. Саддиков. - Душанбе: «Сабрина К», 2011. – 242 с.*
9. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1-2. - Душанбе: «Дониш», 1989. – 945 с.*
10. *Фарҳанги Доро. Луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтӣ // Доро Наҷот. 2 ҷилд. – Душанбе: 2024. - 2000 с.*
11. *Ҷӯраев, Х. А. Нақш ва ҷойгоҳи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносӣ / Х. А. Ҷӯраев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2019. - №5 (82). - С. 13-17.*
12. *Collins Cobuild Advanced Learner's English Dictionary. – Glasgow: HarperCollins, 2001. – pp. 1824.*
13. *Oxford Dictionary of English. – Oxford: Oxford University Press, 2003. – pp. 2088.*

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ АТМОСФЕРА ВА РОҲҲОИ КОРБУРДИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба таҳлили сохтории истилоҳоти атмосфера ва роҳҳои корбурди он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан меравад. Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи марбутаро бар пояи сарчашмаҳои илмӣ ва фарҳангҳо анҷом додаанд. Масоили мазкур яке аз мавзуъҳои рӯзмара ба ҳисоб рафта, то ба имрӯз ба таври ҷудогона таҳқиқ карда нашудааст, ки ин пажуҳишот бори аввал ба сомон расонида шудааст. Мавзуи мазкур то ҳанӯз на ба забони тоҷикӣ ва на ба забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст, ки муаллифон дар асоси адабиётҳои илмӣ ин таҳқиқотро анҷом додаанд. Мавзуи истилоҳоти метеорология яке аз мавзуъҳои муҳиммӣ илмиест, ки доир ба омӯзиши атмосфераи Замин ва ё обу ҳаво сару кор дорад. Дар таҳқиқоти мазкур зиёдтар доир ба луғоту истилоҳоти соҳаи метеорология сухан рафта, дар он роҳҳои ба вуқуъ омадани истилоҳ ва ибораистилоҳҳо сухан меравад, ки мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор дода шудааст. Истилоҳ калима ва ё ибораест, ки дар як ҳавзаи илму техника ба кор бурда мешавад. Истилоҳ аз калима ба кулли фарқ дорад, зеро он дар аксар забонҳои олам ба таври ягонаи худ мемонад ва дар он ягон тағйирот дида намешавад.

Калидвожаҳо: атмосфера, забоншиносӣ, истилоҳ, истилоҳшиносӣ, калима, истилоҳоти сода, истилоҳоти сохта, мураккаб, ибора.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ АТМОСФЕРНЫХ ТЕРМИНОВ И ИХ ИСПОЛЗОВАНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается структурный анализ атмосферной терминологии и её использование в таджикском и английском языках. Авторы рассматривают этот вопрос, опираясь на научные источники и культурные особенности. Эта тема считается одной из самых актуальных и до сих пор не изучалась отдельно, поэтому данное исследование представлено на сайте впервые. Эта тема до сих пор не изучалась ни в таджикском, ни в английском языках, и авторы провели

исследование, опираясь на научную литературу. Метеорологическая терминология - одна из важных научных тем, связанных с изучением атмосферы и погоды Земли. В данном исследовании основное внимание уделяется лексике и терминологии в области метеорологии, а также обсуждается возникновение терминов и их выражений, которые стали предметом исследований и изучения. Термин - это слово или фраза, используемые в определённой области науки и техники. Термин полностью отличается от слова, поскольку он остаётся неизменным в большинстве языков мира и не меняется.

Ключевые слова: атмосфера, сфера, лингвистика, термин, терминология, слово, простая терминология, выдуманная терминология, сложная терминология, фраза.

STRUCTURAL ANALYSIS OF ATMOSPHERIC TERMS AND THEIR USE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the structural analysis of atmospheric terminology and its use in Tajik and English. The authors examines this issue based on scientific sources and cultural characteristics. This topic is considered one of the most pressing and has not been studied separately so far, so this study is presented on the site for the first time. This topic has not been studied in either Tajik or English languages so far, and the author conducted the study based on scientific literature. Meteorological terminology is one of the important scientific topics related to the study of the Earth's atmosphere and weather. This study focuses on the vocabulary and terminology in the field of meteorology, and discusses the emergence of terms and their expressions that have become the subject of research and study. A term is a word or phrase used in a particular field of science and technology. A term is completely different from a word, as it remains the same in most languages of the world and does not change.

Keywords: atmosphere, linguistics, term, terminology, word, simple terminology, invented terminology, complex terminology, phrase.

Дар бораи муаллифон

Сайдалиев Комрон Абдувалиевич
Унвончӯи кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: abduvalizoda.komron@mail.ru

Баротзода Файзиддин Камол
Профессори кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Сайдалиев Комрон Абдувалиевич
Соискатель кафедры иностранных языков
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: abduvalizoda.komron@mail.ru

Баротзода Файзиддин Камол
Профессор кафедры стилистики и теории перевода
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Saidaliev Komron Abduvalievich
An applicant for the Department of Foreign Languages
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: abduvalizoda.komron@mail.ru

Barotzoda Fayziddin Kamol
Professor of the Department of Stylistics and Translation Theory
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 491.550:44

НАЗАРИЯҲОИ НАВИНИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Намозова Ш. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ ба ҳайси забони расмии давлатӣ, ки дар замони Истиқлол барои рушду такомули он ҳамаи шароити таърихӣ-фарҳангӣ фароҳам оварда шудааст, ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст. Дар баробари забони миллӣ истилоҳоти соҳавӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин масоили забоншиносии умумӣ бояд мавриди таҳқиқи аҳли илм, махсусан истилоҳшиносон қарор гирифта, масоили меҳварии он, аз қабили дақиқу равшан намудани мафҳуми истилоҳ ва меъёрҳои интихоб ва қабули истилоҳоти тахассусӣ ба таври ҷиддӣ таҳдиди назар шавад. Забон ва истилоҳоти илмӣ яке аз рукнҳои асосии давлату давлатдорӣ буда, бояд дар асоси маҷмуи истилоҳоти соҳаҳои мухталиф мустаҳкам карда шуда, онро аз ҳама гуна унсурҳои бегона ва қолабҳои сунъӣ тоза намудан лозим аст. Бо дарназардошти ин масъала қайд намудан лозим аст, ки ташаккулу такомул ва рушду инкишофи ҳаматарафаи забон ва истилоҳоти миллиро танҳо дар асоси риояи қавоиду қавонини меъёрҳои пешрафтаи истилоҳгузиниву истилоҳофаринӣ таъмин намудан мумкин аст. Мавзуи истилоҳ ва истилоҳшиносии илмӣ дар забоншиносии тоҷик таърихи тулониву бостонӣ дошта бошад ҳам, ҳангоми шарҳу баёни мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ бештари муҳаққиқони истилоҳшинос инро сарфи назар намудаанд. Бинобар ин, мо ҳам ҳангоми баррасии мавзуи мазкур таърихи шарҳу тавзеҳи мафҳуми истилоҳро аз қарни гузашта оғоз намудем. Дар робита ба ин масъала бояд зикр намоем, ки мавзуи баҳси мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии Аврупо дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба миён омаданд.

Олимон ба донишмандони аврупоӣ Гринаф ва Китриҷ дар осори илмии забоншиносии хеш истилоҳро ба формулаҳои риёзӣ монанд менамуданд. Яъне ба ақидаи онҳо истилоҳ дар ҳар як соҳа таҳо барои истифодаи мафҳумҳои хоси илмӣ корбаст мешавад. Донишмандони мазкур доир ба ин масъала ҳатто иддао доштанд, ки истилоҳро ба таркиби луғавии забон ворид намудан ҷоиз нест. Вале классикони мо истилоҳро ҳамчун воҳиди луғавии махсус ба қалам додаанд, ки асоси захираи луғавии ҳар як илмро ташкил медиҳад. Забоншиносони маъруф Ж. Вандриес ва Логан Смит, ки дар истилоҳшиносии фаронсавӣ низ ба ҳайси истилоҳшинос шинохтаву эътироф шудаанд, дар мавриди мафҳуми истилоҳ андешаронӣ намуда, онро ба жаргон ташбеҳ додаанд [14, с. 21].

Дар забоншиносии фаронсавӣ олимону донишмандон аз қабили О. Есперсен, Р. Бруно ва забоншиноси олмонӣ А. Ширмер истилоҳро ба сифати вожаҳои махсуси маънодор тавзеҳ додаанд. Донишмандон Ф. А. Броктауз, И. А. Эфрон ва забоншиноси англис ҳангоми пажуҳиши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забони фаронсавӣ истилоҳро ҳамчун ифодакунандаи мафҳумҳои илмию техникӣ ба қалам додаанд. Донишмандони мазкур дақиқу равшан будан, соҳавӣ, якмаъноӣ ва доираи маҳдуд доштани истилоҳотро дар соҳаи илму техника таъкид намудаанд [11, с. 11-17]. Мавзуи баррасии истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии Рус бошад нисбат ба ҷамоҳири собиқ шуравӣ барвақттар оғоз шудааст. Дар таҳқиқи мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ метавон гуфт, ки олимону донишмандони забоншиноси Рус пешсаф ва фаъол будаанд. Онҳо тавонистанд аз назарияҳои пешқадами забоншиносони Аврупо истифода намуда, фикру андешаҳои навини хешро доир ба ин масъала иброз намоянд. Дар забоншиносии Рус истилоҳшиносони собиқ шуравӣ А. А. Реформатский, В. В. Виноградов, Д. С. Лотте, В. П. Даниленко, В. Н. Головин, Г. О. Винокур, А. В. Суперанская, В. М. Лейчик, В. С. Кулебакин, А. С. Герд, Н. А. Баскаков, Н. П. Кузкин, А. Д. Хаютин, Т. Л. Канделеки, А. М. Тернигорев, Р. А. Будагов, Ф. А. Сороколетов, Я. А. Климовитский ва дигарон роҷеъ ба мавзуи баҳси истилоҳ ва шарҳу баёни мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ назарияҳои пешқадами муосирро пешниҳод намудаанд. Олими Рус В. В. Виноградов дар асари таҳқиқотии хеш доир ба мафҳуми истилоҳ “Словообразование и его отношение к грамматике и лексикологии” таъкид менамояд, ки дар муайян намудани шарҳу баёни истилоҳ ҷиҳатҳои сохторӣ, маъноиву мафҳумӣ хеле муҳим ба шумор мераванд. Ҷиҳатҳои сохторӣ-маъноии истилоҳ бо ҳам хеле зич алоқаманд буда, барои дақиқу равшан намудани мафҳуми истилоҳ мусоидат менамоянд [1, с. 117-119].

Оғози раванди ташаккули истилоҳоти соҳавӣ ба давраи ташаккули ҳуди соҳаҳои илм ва фаъолият рост меояд. Дар ин давра истилоҳоти нопурра сохта ё матраҳ карда мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки шумораи зиёди истилоҳот минбаъд низ дар ҳамин ҳолати нопуррагӣ шах шуда мемонанд. Масалан, бисёр истилоҳҳои бо ном тривиалӣ дар соҳаи кимиё, номҳои аксоми бадан, ки ҳанӯз то ташаккули илми тиб ва анатомияи муосир, дар соҳаи тибби қадим ва анъанавию миллӣ мавриди истифода карор доштанд, дар ҳамин гуна ҳолати нопуррагиву носуфтагӣ боқӣ монда, то замони мо расидаанд. Маъмулан, танҳо қисми андаки номвожаҳои тривиалӣ, мисли дил, меъда, гурда, ба низоми истилоҳии бароящон мувофиқ кӯчонида мешаванд, қисми бештарини онҳо бошад, бо истилоҳоти нави нисбатан дақиқтар иваз карда мешаванд. Ба ҳамин тариқ, истилоҳоти нопурра, аз ҷумла номвожаҳои тривиалӣ, сарочозои раванди ташаккули низоми истилоҳотӣ мебошанд. Инкишофи низоми истилоҳотӣ дар давраи ташаккули забони илм бештар аз тариқи иқтибос кардани истилоҳ аз дигар мачмӯъҳои истилоҳӣ ё аз доираи вожаҳои ғайриистилоҳӣ ҷараён мегирад. Вожаҳои ғайриистилоҳӣ, аксаран, бо маънои маҷозиашон ба ҳайси истилоҳ пазируфта мешаванд. Ба ақидаи В.В.Петров «маънои маҷозӣ марҳалаи нахустини ташаккули маънои як қисми мафҳумҳои илмӣ ба шумор меравад ва дар ин марҳала забони муҳаққиқ ва забони ҷамъияти илмии замонаш бо ҳам чандон мутобиқ намеоянд» Ин ақидаро Л.М.Алексеева боз ҳам тақвият бахшида, дар асоси далелҳо нишон медиҳад, ки метафора (ташбеҳу истиора) дар ҳамаи марҳалаҳои ташаккули истилоҳ ва истилоҳот вуҷуд дорад [5, с. 101].

Забошиноси маъруфи рус К. Ю. Диборова дар асари илмии хеш зери унвони ”Научный термин и его дефиниция» таъкид менамояд, ки дар истилоҳ мавҷуд будани мафҳуми аслии луғавӣ шарт ва муҳим аст, зеро бештари истилоҳшиносон бар ҳамин ақида мебошанд ва чунин назарияи истилоҳшиносон дар мавзуи мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ эътироф гардидааст.

Андешаҳо дар ин мавзуъ хеле зиёд бошад ҳам бо каме тағйирот ва услуби истифода аз ҳам тафовут доранд. Масалан, А. С. Герд дар асари таҳқиқотии илмии хеш зери унвони “Еще раз о значении термина” дар баробари афкори мантиқии Н. П. Кузкин, ки истилоҳро дар вазифаи номи махсус, мафҳуми тахассусӣ ва ё мафҳуми махсус маҳсуб медонад, мафҳуми махсуси соҳавӣ будани истилоҳотро пешниҳод менамояд [3, с. 381].

Аз ҷумла, истилоҳшинос Н. А. Баскаков дар таҳқиқоти хеш” Современное состояние терминологии в языках народов СССР” фикру андешаи В. М. Лейчикро дар бораи он ки ҳар як истилоҳ метавонад на танҳо як ифодаи маънои худ, балки чанд тарзи ифодаи маъноӣ дошта бошад, тарфдорӣ намуда, ишора менамояд, ки мафҳуми истилоҳ гуногунҷабҳа буда, ҳамчунин дар назарияҳои мухталиф ифодаҳои гуногун дорад, яъне истилоҳ пеш аз ҳама воҳиди луғавӣ, калима ё ибораи хосе мебошад, ки вобаста ба вазифа ва мафҳуми хоси худ маҳдуд мебошад [7, с. 282]. Баъзе аз забоншиносон иддао доранд, ки истилоҳ калимаи махсус набуда, балки калимае мебошад, ки дар матн вазифаи хосса пайдо менамояд. Тавре таърифҳо гувоҳӣ медиҳанд, истилоҳот ҳамчун калимаҳои махсус дар таркиби луғавии забон ва калимаҳои дорои вазифаҳои махсус шарҳу баён ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, дақиқу равшан намудани нақш ва ё мафҳуми истилоҳот таҳқиқоти амиқи забоншиносиро тақозо менамояд. Зеро истилоҳоти илмӣ дар бештари мавридҳо бо мафҳуми дақиқу равшани соҳаи алоҳидаи илм ҳамеша дар ташаккулу такомул аст, баъдан, истилоҳоти илмӣ бо воҳидҳои дигари забонӣ дар муносибати муназзам қарор дошта, дар рушду инкишоф ва алоқамандии тарафайн бо онҳо низоми хоси истилоҳотро ба миён меоварад.

Зимни таҳқиқоти худ Л. С. Пейсиков дар баробари афкори забоншиносӣ ва истилоҳшиносии Д. С. Лотте, ки муназзамияти истилоҳ, мустақилияти истилоҳ дар матни тахассусӣ ва якмаъноии истилоҳро ҷонибдорӣ менамояд, тамоюли якмаъноӣ ва соҳавӣ будани истилоҳро дар мутуни ихтисосӣ таъкид менамояд. Тамоюли якмаъноӣ ба он далел аст, ки истилоҳи илмӣ дар низоми муайяни истилоҳоти соҳаи муайян танҳо мафҳум ва маънии ба худ хосро ифода менамояд. Назарияи мустақилияти истилоҳ дар матнҳои соҳавӣ ба он маънӣ гуфта мешавад, ки ҳар қадар истилоҳоти илмӣ хусусияти якмаъноиро касб кардаву дар доираи истифодаи худ маҳдуд бошад, то ҳамон дараҷа тобеияти маъноии он ба матн зиёдтар мешавад [5, с. 234-235].

Илова бар ин, таъкид карданием, ки тарҷуманашавандагии истилоҳоти илмӣ низ яке аз масъалаҳои муҳимми истилоҳшиносӣ ба шумор меравад. Забоншинос А. В. Суперанская ҳангоми таҳқиқи мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар асари худ “Терминология и номенклатура” доир ба паҳлуҳои дигари истилоҳот низ дахл менамояд. Ӯ ба масъалаи номвожа- номенклатура дахл намуда, таъкид менамояд, ки истилоҳ бо номвожа объектҳои

соҳаи муайяни илму донишро ифода намуда, байни ҳамдигар робитаи мустақим ва ногусостанӣ дорад.

Тибқи сарчашмаҳои забони фаронсавӣ, ки олимону донишмандони фаронсавӣ пешниҳод намудаанд, калимаи “ номенклатура” аз вожаи лотинии”namenklatura” гирифта шуда, ба маънои номнависӣ далолат менамояд. Калимаи мазкур бори аввал дар асри XV1 дар забони фаронсавӣ ва баъдан дар ибтидои асри XV11 дар забони англисӣ мавриди истифода қарор гирифт [14, с. 23-45].

Дар мавриди номвожаҳо ва терминҳо Т. А. Канделаки фикру андешаҳои хешро дар асараш бо номи “ Семантика и мотивированность терминов” баён намуда, таъкид бар он менамояд, ки истилоҳро чун номи предмети тафаккур бо номи хос ва аломати номвожаҳо омехта кардан дуруст нест, зеро хусусияти номвожаҳо аз истилоҳот тафовут доранд [6, с. 123-143].

То аввали солҳои 60-70 дар забоншиносии тоҷик доир ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ таҳқиқоти алоҳидае дар шакли рисолаи илмӣ рӯйи кор наомадааст. Дар баъзе васоити таълимии забони тоҷикӣ доир ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ андешаҳои алоҳида ва мухталиф ҷой доранд. Масалан , дар китоби “ Забони адабии ҳозираи тоҷик” ва “Лексикаи забони адабии тоҷик”, ки байни солҳои 70-90 нашр шудаанд, таъриф ва қоидаҳои мухталиф роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ оварда шудаанд, ки аз рӯйи баёни услуби ифода гуногун ҳам бошанд, маъниҳои якрангро доро мебошанд. Масалан, дар васоити таълимии “ Забони адабии ҳозираи тоҷик “ гуфта мешавад, ки “ термин” аз калимаи лотинии terminus гирифта шуда, ба маънии ҳадд, ҳудуд, андоза ва ҳаҷм далолат менамояд. Яъне тибқи нишондоди ин сарчашма истилоҳ калима ва ё ибораест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва истеҳсолотро ифода менамояд. Хусусияти якмаъноӣ танҳо ба истилоҳи илмӣ хос буда, дар соҳаи худ фақат як маънои дақиқу равшанро ифода менамоянд [4, с. 61-64].

Донишманди тоҷик М. Муҳаммадиев дар китоби таълимӣ-илмии худ таҳти унвони “Лексикаи забони адабии тоҷик” роҷеъ ба шарҳи мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ андешаҳои дигар забоншиносон ва истилоҳшиносонро тарафдорӣ намуда, якмаъногӣ ва соҳавӣ будани истилоҳро ҷонибдорӣ менамояд. Ӯ фикру андешаи муаллифони дигарро таквият дода, ишора менамояд, ки истилоҳот калимаҳо ва ё ибораҳое мебошанд, ки мафҳуми ба илм, санъат, истеҳсолот ва соҳаҳои дигари ҳаёт мансуббударо ба маънои ягона ифода менамояд.

Забоншиноси тоҷик С. Назарзода дар ин мавзуъ осори илмии зиёде таълиф намуда, дар ҳар кадоми он доир ба мафҳуми баёни истилоҳ ва истилоҳшиносӣ фикру андешаҳои ҷолиби хешро баён намудаанд. Муаллиф дар “ Забон ва истилоҳот” ном асари хеш монанди муаллифони Рус ва Аврупо истилоҳро ҳамчун калимаи махсус маънидод намуда, дар баробари ин таъкид менамоянд, ки истилоҳ калимаҳои хоси соҳавӣ буда, хусусияти тарҷуманашавандагӣ низ доранд. То замони истиқлол олимони зиёде низ буданд, ки иддао доштанд, то истилоҳот ба забони миллӣ тарҷума карда шавад. Бархе аз онҳо, аз ҷумла С. Назарзода пешниҳод намуданд, ки истилоҳоте, ки дар илм мақоми махсусро касб намудааст, бояд тарҷума нашавад [8, с. 41-49].

Мо низ андешаҳои мухталифро роҷеъ ба истилоҳоти илмӣ ҷонибдорӣ намуда, дар баробари ин бояд бигӯем, ки муодили баъзе аз истилоҳоти илмие, ки имрӯз маъниро дақиқу расо баён менамоянд, бояд ба ҷойи истилоҳи байналмилалӣ корбаст шаванд. Зеро ҳадафи забон ва истилоҳоти илмӣ ҳар чи расотар, дақиқтар ва равшантар баён намудани мафҳумҳои илмӣ марбут ба соҳаҳои мухталифи ҷомеа ва мафҳумҳои нави тозаворид мебошад. Ҳангоми пайдо шудани воҳидҳои луғавии нав ва ё истилоҳоти илмӣ дар навбати аввал мо бояд саъй намоем, ки дар забон ва истилоҳоти худ мафҳумҳоеро ба миён оварем, то аз нигоҳи баёни маънӣ дақиқу расо буда, барои аҳли ҳамон соҳа ошнову фаҳмо бошанд. Дар сурате, ки дар забон барои ифодаи мафҳумҳои нав луғат ва ё истилоҳи мувофиқ пайдо нашуд, он гоҳ мо метавонем аз роҳу усулҳо ва фаъолияти истилоҳсозии дохилизабонии хеш истифода намоем, ки ин аз як тараф мушкилоти пешомадаи забонро ҳал намояд, аз тарафи дигар, барои ғановатмандсозии захираи луғаваии забон мусоидат менамояд.

Дар асри гузашта мавзуи истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва шарҳу баёни мафҳуми он аз диди забоншиносӣ дур афтода буд. Аз ин хотир, таҳлилу баррасии паҳлуҳои мухталифи он кам ба мушоҳида мерасид. Дар замони муосир, ки илму фарҳанг, забон ва истилоҳоти соҳаҳои мухталиф рушду инкишоф ёфт, бахшҳои мухталифи илм ба миён омаданд, ки ҳар кадом аз ин соҳаҳо истилоҳоти махсуси тахассусии худро талаб менамуд. Дар робита ба ин масъала

бахшҳои мухталифи истилоҳот ташаккулу такомул ёфт, ки баррасии онҳо аз ҷониби олимону донишмандон, забоншиносон ва истилоҳшиносони соҳа заҳмати дандоншиканро тақозо менамуд.

Масъалаи аз ҳама муҳимме, ки ҷомеаи забоншиносону истилоҳшиносонро ба ташвиш меовард, ин шарҳи мафҳуми истилоҳ ба шумор мерафт. Забоншиноси тоҷик С. Назарзода ба ғайр аз шарҳу баёни мафҳуми истилоҳ роҷеъ ба вижагиҳои фарқкунандаи калимаҳои маъмулии забон аз истилоҳоти илмӣ фикру андешаҳои ҷолиберо ба миён гузоштааст.

Масалан, ӯ дар рисолаи илмии хеш зери унвони “ Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ ” кӯшиш намудааст, ки тафовути байни калима ва истилоҳро бо чанд далоили илмӣ дақиқу равшан намояд. Бештари забоншиносон бар он ақидаанд, ки байни мафҳуми калимаи маъмулӣ ва истилоҳоти илмӣ тафовуте вуҷуд надоранд.

Ба андешаи мо мафҳуми истилоҳ аз калимаи маъмулӣ мураккабтар мебошад. Калимаҳои маъмулии забон метавонанд маъниҳои мухталиф дошта бошанд. Яъне сермаъноӣ ба онҳо хос аст. Аммо замоне, ки калимаи маъмулӣ мақоми истилоҳотиро касб менамояд, сермаъноии худро аз даст медиҳад. Зеро якмаъноӣ хусусияти аввалиндараҷаи истилоҳи илмӣ ба шумор меравад. Калимаи маъмулии забон сермаъно мебошад, аммо истилоҳи илмӣ ҳамчун калима ва ё ибораи махсус дар ҳавзаи амалкарди як илм ё соҳаи муайян мафҳум ва маънии хоссеро ифода намуда, мафҳумро дар шакли дақиқу расо баён менамояд. Истилоҳоти илмӣ дар соҳаи худ ҳамчун дорои мафҳуми меҳваридошта истифода шавад ҳам, дар соҳаи дигари илм бошад, метавонад мафҳуми истилоҳотии хешро аз даст диҳад.

Дар забоншиносии фаронсавӣ доир ба мафҳуми баёни истилоҳ ва истилоҳшиносӣ андешаҳо мухталифанд.

Мафҳуми истилоҳи *терм* дар забон фаронсавӣ аз аввали пайдоиши худ маънои *ҳудуд, ҳад, андозаро* ифода менамуд. Асли баромади калимаи *терм* фаронсавӣ буда, ба маънои *ҳудуди вақт* далолат менамояд. Аз рӯйи баъзе сарчашмаҳо ин калима аз калимаи лотинии *terminus* реша гирифта, маънои *фосила, ҳудуд ва ё марзро* ифода менамудааст [12, с. 31].

Забоншиносони фаронсавӣ дар мавриди шарҳу баёни мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ба якчанд ҷиҳати асосии истилоҳи илмӣ аҳаммият медоданд. Дар истилоҳот мафҳум ва маънои предмет дар мақоми аввал ҷой дорад, яъне истилоҳ ба маҳфуму маънӣ сару кор дорад. Истилоҳ бояд мафҳуму маъниро ба таври ҳамешагӣ баён намуда тавонад. Назарияи мазкур мафҳум ва маъниро дар ҷойи аввал мегузорад, аз ин рӯ, дар забоншиносӣ ва истилоҳшиносии фаронсавӣ ба якмаъноии истилоҳ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

Дар баробари ҳамаи ин истилоҳшиносони фаронсавӣ банизомдарории истилоҳоти илмӣ, яъне ба якхела ва якмаъно будани мафҳумҳо ва низоми истилоҳоти мафҳумҳо, шарҳу баёни худи мафҳуми истилоҳ ва калимаҳои мақоми истилоҳотидошта, орӣ будани истилоҳот аз сермаъноӣ, сарфи назар намудани муродифпазирии истилоҳоти илмӣ ва тибқи роҳу усулҳои анъанавии забони миллӣ сохтани истилоҳоти илмӣ таваҷҷуҳи хосса доштанд.

Дар забошиносии тоҷик дар замони истиқлол ва каме пештар аз он ақидаҳои мухталиф доир ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ба миён омаданд.

Забоншинос Ҳ.Рауфов дар китоби таълимии худ “Забони адабии ҳозираи тоҷик” мафҳуми истилоҳро чунин маънидод менамояд.

“*Термин”* аз калимаи лотинии *terminus* ба маънои *ҳадду ҳудуд* далолат менамояд. Терминҳо калимаҳо ва ё ибораҳое мебошанд, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода менамоянд. Муаллифи мазкур низ якмаъноиро ба терминҳо хос дониста, якмаъноиро яке аз вижагиҳои асосии термин маҳсуб медонад.

Яке аз муҳаққиқоне, ки дар осори илмии хеш ба масоили мухталифи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ таваҷҷуҳи хосса дода, ҳамеша доир ба ин мавзуъ назарияҳои навин ва пешқадами худро пешниҳод менамояд, М. Б. Султон мебошад. М. Б. Султон дар рисолаҳои илмии хеш “Истиқлол ва мушкилоти забони илм”, “Истилоҳоти илмии “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ”, “Мушкилоти забони илм” масоили мухталифи назарияи истилоҳ, истилоҳшиносӣ, истилоҳофаринӣ ва мафҳуми худи истилоҳ ва истилоҳшиносиро ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо овардани назарияҳои муосири забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ андешаҳои хешро илман асоснок менамояд. Муаллиф дар охир роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ чунин таърифи мукаммали худро пешниҳод менамояд : “Истилоҳ калимаҳо ва ё ибораҳое мебошанд, ки дар ҳавзаи амалкарди як илм мафҳуми комилан мушаххасеро ифода намуда, ҳамзамон бо воҳидҳои

дигари луғавии забон, ки бо онҳо робитаи ногусастанӣ доранд, як низоми муайяни дақиқи истилоҳиро ташкил менамоянд [13, с. 25].

Мо низ адешаи забоншинос М. Б. Султонро ҷонибдорӣ намуда, дар мавриди вижагиҳои фарқкунандаи истилоҳ аз калимаи маъмулии забон таъкид намуданӣ ҳастем, ки истилоҳот бо чандин хусусиятҳои худ аз калимаҳои маъмулии забон бартарияу афзалият доранд.

Калимаҳои маъмулии забон дар ҳамаи мавридҳо вобаста ба матни додашуда вазифаҳои мухталифро ифода менамоянд, аммо истилоҳот бошанд, калима ва ё ибора ба вазифаи хоси тахассусӣ мебошанд.

Калимаҳои умумиистеъмолии забон хусусияти сермаъноиро доро мебошанд, аммо истилоҳот бошанд, маънии дақиқу ягонаро ифода менамоянд.

Калимаҳои маъмулии забон дар соҳаи мухталиф истифода мешаванд, аммо истилоҳот дар ҳама ҳолат новобаста ба матн маънои соҳавии худро нигоҳ медорад.

Бо дарназардошти чунин фикру андешаҳо доираи истифодаи калимаҳои маъмулии забон фарох буда, истилоҳот дар истифода ҳадди маъноӣ, соҳавӣ ва муайяни худро доданд.

Тавре гуфтем, дар забоншиносии муосири Эрон низ истилоҳ ва истилоҳгузинӣ ба ҳайси як бахши муҳим ва махсуси улуми забоншиносӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши олимони забоншиносу истилоҳшинос қарор гирифта, дар забони форсии муосир низ доир ба мафҳум ва шарҳу баёни истилоҳ андешаҳои мухталифу зиёд мавҷуданд. ки доир ба баъзе аз онҳо дар муқоиса болтар маълумот додем.

Ҳамин нуқтаро низ бояд таъкид намоем, ки дар сарчашмаҳои илмие, ки олимону донишмандони маъруф С. Назарзода, Д. Саймуддинов, М. Б. Султон доир ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ёдовар шудаанд, ба ҷои термин аз калимаи истилоҳ ва ба ҷои терминология аз калимаҳои истилоҳшиносиву истилоҳгузинӣ истифода намудаанд. Вале истилоҳи истилоҳшиносӣ ва истилоҳгузинӣ дар сарчашмаҳои илмии классикӣ ба мушоҳида намерасад. Чунин истилоҳот дар луғатномаҳои классикӣ низ дида нашуд.

Дар луғатномаҳои тоҷикӣ истилоҳ ба маънои калима ва ё иборае гуфта мешавад, ки дар ҳавзаи амалкарди ягон соҳаи илму фан маънои мушаххасро ифода менамояд. Калимаи истилоҳшиносӣ бошад ба ҳайси як бахш ва ё соҳаи забоншиносӣ оид ба таҳқиқу омӯзиши истилоҳ шарҳу тавзеҳ дода шудааст [16, с. 561]. Ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки калимаи лотинии терминология, ки аз ҷузъҳои термин-калимаҳои махсуси ифодакунандаи маънои дақиқ ва логос-таълимот, омӯзиш ва ё шинохтани чизе таркиб ёфтааст, ба таври тарҷумаи таҳтуллафзӣ истилоҳшиносӣ тарҷума карда шудааст. Зеро пас аз истиқлоли забонӣ дар забони тоҷикӣ чунин тарзи тарҷумаи истилоҳоти байналмилалии соҳаҳои мухталифи илм роҳ ёфта, аз ин усули тарҷума фаровон истифода намудаанд. Бинобар ин, дар замони истиқлол истилоҳоте ба монанди кардиология - дилшиносӣ, кардиолог - дилшинос, пешобшиносӣ - урология, анкология - саратоншиносӣ, анколог - саратоншинос, бавлшиносӣ - уретология, бавлшинос - уретолог, миология – мушакшиносӣ, эндокринология - ғадудшиносӣ, остеология - устухоншиносӣ, травматология - осебшиносӣ, травматолог - осебшинос ба миён омаданд, ки бо ҳамин усул сохта шудааст.

Дар робита ба ин масъала дар осори илмии баъзе аз забоншиносони тоҷик ишора карда мешавад, ки донишмандони эронӣ ба ҷойи калимаи лотинии терминология аз истилоҳи вожагузинӣ истифода намудаанд, ки ин назария низ асоси илмиро доро намебошад. Аз осори илмии донишманди тоҷик М. Шукуров низ чунин бармеояд, ки ба ҷойи калимаи лотинии терминология аз вожаи истилоҳгузинӣ истифода намудаанд, ки мафҳуми калимаи терминологияро комилан ифода карда наметавонад. Зеро калимаи истилоҳгузинӣ бештар аз нигоҳи таркиби худ ба гӯзидани истилоҳ, яъне ба интихоби истилоҳ-выбора термин далолат менамояд. Дар таркиби фавқуззикр дақиқу равшан аст, ки феъли “ гӯзидан” ки гӯё ба маънои калимаи лотинии logos-илм омадаст, мафҳуми зикршударо пурра ифода карда наметавонад.

Дар сарчашмаҳо ва луғатномаҳои классикӣ калимаи термин ба маънои истилоҳ ва терминология ҳамчун истилоҳот шарҳу баён ёфтааст [11, с. 703].

Дар луғатномаҳои форсӣ низ бештар аз калимаҳои истилоҳ-термин ва истилоҳот-терминология истифода намудаанд, ки ба мантиқ мувофиқат мекунад [11, с. 93] .

Забоншиносону истилоҳшиносон хуб дарк менамоянд, ки илми истилоҳ вижагиҳои махсуси худро доро мебошад. Забоншинос Қ. Ш. Тӯраҳасанов масоили истилоҳ ва истилоҳшиносиро аз ҳамин дидгоҳ таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки истилоҳ ва истилоҳшиносӣ масъалаи махсус буда, аз калимаҳое, ки шомили илми забоншиносӣ мебошад, чандон тафовут надорад. Аз назари ӯ истилоҳ воҳиди луғавии забонҳои махсус

буда, шарҳу баёни мафҳумҳои дақиқу равшанро бар душ дошта, истилоҳот ва мафҳумҳои хоси илмиро дар низоми истилоҳотӣ ба танзим медароранд [15, с. 141- 148].

Воқеан дуруст аст, ки илми истилоҳшиносӣ ва забоншиносӣ ҳар кадоме дар мақому равияи хоси худ истилоҳотро ба ҳайси воҳиди луғавии забон баррасӣ менамоянд, вале ҳар як хусусиятҳои истилоҳ ҳам дар соҳаи истилоҳшиносӣ ва ҳам забоншиносӣ муҳиммияти хосса дорад.

Хусусияти якмаъноӣ дар истилоҳот ҷойгоҳи хоса дошта, ҳам дар матн ва ҳам берун аз матни тахассусӣ зуҳур меёбад. Зеро маънои истилоҳ ин яке аз аввалин унсурҳои сохтори маъноии истилоҳ буда, мафҳуми воҳиди луғавии забон, ки вазифаи маънои истилоҳро бар дӯш дорад, фаҳмида мешавад.

Масалан, истилоҳи соҳаи дизайнерии кандакории адгезия- adgezuia, ки худ аз калимаи лотинии adhaesio гирифта шудааст, ба маънии часпоиш, часпиш ва ё часпидан далолат менамояд, ки дараҷаи устувории ҷисмҳои тавассути шираш часпонидашударо дақиқу муайян менамояд. Ё худ истилоҳи мазкур дар луғатномаҳои хориҷӣ ба маънои мустаҳкамиву устувории пайвастагии миёни ду ҷисми сахт шарҳу тавзеҳ дода шудааст [6, с. 5; 12, с. 17]. Яъне маводи ширешиест, ки часпиши ҷисмҳои сахтро бо пӯшишҳои ороиши лаккардашуда мусоидат мегардонад. Ба ибораи дигар, истилоҳи “адгезия”ширешест, ки ҳангоми часпоиш ба табиати соиши сатҳҳои баҳамрасанда таъсиргузор мебошад. Тибқи назарияҳои фавқуззикр истилоҳи қадимаи часпоиш ва ё часпиш метавонад, ки маънии калимаи лотинии адгезияро дақиқу расотар ифода намояд.

Маълум аст, ки калима метавонад ба ҳар гуна муносибатҳо дохил шавад, аз ҷумла ба бисёрмаънӣ (полисемия). Аммо истилоҳ ҳамчун нишонаи махсусе, ки барои номгузории мафҳуми мушаххас пешбинӣ шудааст, бояд якмаъно бошад. Дар истилоҳшиносӣ, бисёрмаъноӣ номатлуб аст. Бо вуҷуди ин, натиҷаи таҳқиқоти макроистилоҳоти терминологияи фонетикии тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон медиҳад, ки дар доираи ин терминология як қонуни муқарраршудаи истилоҳсозӣ пурра амалӣ намегардад: яъне ба ҳар мафҳум як нишона (термин) рост намеояд.

Мутолиаи адабиёт нишон медиҳад, ки дар замони ҳозира шумораи зиёди корҳои илмӣ мавҷуданд, ки ба омӯзиши семантикаи истилоҳот бахшида шудаанд. Баъзе олимон бар ин назаранд, ки раванди семантикӣ дар истилоҳшиносӣ зоҳир мешавад, зеро истилоҳ як унсури забони адабии умумӣ мебошад ва аз ин рӯ онҳо ба чунин равандҳо муносибати мусбат доранд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, ин падидаҳоро дар истилоҳшиносӣ инкор мекунанд. Аммо усули семантикии истилоҳсозӣ яке аз усулҳои самаранок маҳсуб меёбад. Қобили қабул будан ё набудани чунин усулҳо дар истилоҳшиносӣ ҳанӯз масъалаи баҳсӣ дар адабиёти илмӣ боқӣ мондааст ва ҷавоби дақиқу ягона вуҷуд надорад [2, с. 92].

Ҳамин тавр, ҳам дар забони фаронсавӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ, истилоҳоти зерин метавонанд ҳамчун намунаҳои **бисёрмаънӣ (полисемия)** зикр шаванд:

«Accent – зада (ударение)»: 1) augmentation d’intensité de la voix sur un son, dans la parole; (Шиддат гирифтани овоз бар як садо дар нутқ); 2) Elévation de la voix sur un son (Баланд бардоштани овоз бар як садо (овоз); 3) Signe graphique qui note un accent (Аломати хаттӣ, ки барои нишон додани аломатҳои диакритикӣ истифода мешавад); «Bas – паст (низкий)»: 1) le formant bas, ou premier formant, est le formant du pharynx (situé dans les zones de fréquence inférieures du spectre acoustique) - (Форманти поёнӣ, ки онро форманти якум низ меноманд, форманти ҳалқӣ аст (Мавқеъгиришуда дар минтақаҳои басомади поёнии спектри акустикӣ)); 2) les voyelles basses sont celles qui sont réalisées lorsque la langue est dans une position basse et détermine une grande ouverture buccale (Садонокҳои паст — садонокҳое мебошанд, ки дар давоми талаффуз забон дар мавқеи поёнӣ қарор гирифта, кушодагии васеи даҳонро ба вуҷуд меоранд.) «Combinaison – пайвастшавӣ En phonétique, on appelle combinaison l’agencement par simultanéité ou par contiguité de deux ou plusieurs articulation (Дар соҳаи фонетика, пайвастшавӣ маънои тартиб ё ҳамбастагии артикулятсияҳоро дорад, ки ба таври ҳамзамон (синхронӣ) ё бо наздикӣ (контингентӣ) ҷойгир шудаанд.); 2) la combinaison est le processus par lequel une unité de la langue entre en relation, sur le plan de la parole, avec d’autres unités elles aussi réalisées dans l’énoncé (Пайвастшавӣ — раванде мебошад, ки дар он як воҳиди забонӣ аз нуқтаи назари нутқ бо дигар воҳидҳое, ки низ дар ибораҳо амалӣ мешаванд, ба муносибатҳо дохил мегардад.); «Harmonie –ҳамоҳангӣ (гармония)»: 1) on donne parfois le nom d’harmonie phonétique à l’ensemble des phénomènes d’assimilation qui ont pour but de rapprocher le timbre d’un phonème (consonne ou voyelle) du timbre d’un phonème contigu ou voisin (Гармонияи фонетикӣ маҷмуи падидаҳои ассимилятсия аст, ки бо мақсади ҳамоҳанг

кардани тембри як фонема (ба ҷумлаи қофила ё садо) бо тембри фонемаи наздик ё дар тамос қарордошта ба вуҷуд меояд; 2) l'harmonie vocalique est un phénomène d'assimilation vocalique qui peut jouer sur plusieurs voyelle d'un même mot (Гармонияи садонокӣ (вокаликӣ) — ин падидаи ассимилятсияи садонокҳост, ки метавонад ба якчанд садонок дар дохили як калима таъсир расонад.); «Hauteur – баландӣ (высота)»: 1) la hauteur d'un son, en acoustique, est la qualité subjective du son qui s'apparente à la fréquence, de même que la force est associée à l'intensité (**Баландии садо** - ҳисси баланд ё паст будани овоз (ба басомад вобаста аст)); 2) on appelle accent de hauteur, accent musical ou ton, les variations de hauteur utilisées dans certaines langues pour opposer des mots de sens différents présentant par ailleurs les mêmes phonèmes (Задаи мусиқӣ (ё тон) ба тағйироти баландии овоз гуфта мешавад, ки дар баъзе забонҳо барои фарқгузорӣ байни калимаҳои маъноёшон гуногун, вале сохтори фонемии якхела доранд, истифода мешавад) [2, с. 93].

Ҳангоми баррасии мафҳумҳои илмӣ чунин ба назар мерасад, ки қисми зиёди истилоҳорти илмӣ мафҳумҳои хоси соҳавиро доро мебошанд, ки ин ҳам яке аз вижагиҳои истилоҳот буда, дар низоми истилоҳоти илмӣ ҷойгоҳи хоссаро касб менамояд.

Забоншиноси тоҷик Ш. Ҳаитова оид ба истилоҳ ва истилоҳшиносӣ таҳқиқоти пуразише анҷом дода, ба мисли муҳаққиқони қаблӣ истилоҳро ҳамчун калимаи махсуси соҳавӣ ба қалам медиҳад. Номбурда зимни пажуҳиши хеш таъкид менамояд, ки ҳар як низоми истилоҳотӣ, алалхусус истилоҳоти соҳавӣ дар навбати худ маҷмуи истилоҳотро дар бар мегирад, ки онҳо аз нигоҳи доираи истифодаи маъно дар гурӯҳҳо ва дигар зинаҳои поёни низоми истилоҳоти соҳавӣ ҷой дода мешаванд.

Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, нуктаи муҳим ин аст, ки ҳар як истилоҳ ва мафҳуми илмӣ танҳо дар дохили низоми истилоҳотӣ ба сифати мафҳуми мушаххаси истилоҳотӣ вуҷуд дошта метавонад. Дар ҳар як низоми истилоҳотӣ чандин истилоҳоте вуҷуд дошта метавонанд, ки якбора истифода шаванд, вале ин алорағми қавоиду кавонини истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва меъёрҳои истилоҳгузинӣ мебошад. Дар ин ҳолат бояд имконот бештар ба калимаи меҳварӣ, ки мақоми истилоҳотиро касб кардаву мавқеияти бештареро ба даст овардааст, дода шавад. Бо ин амал муродифпазирии истилоҳот низ аз байн меравад. Истилоҳ бошад, дар ҳар як низоми истилоҳӣ барои ифода намудани мафҳумҳои хос корбаст мешавад. Низоми мафҳумҳо бошад, ба як мавзуъ тааллуқ дошта, хоси танҳо як ё якчанд соҳаи бо ҳам алоқаманди илм ва ё фаъолияти илмӣ мебошанд.

Фикру андешаҳои муҳаққиқони фавқуззикрро натиҷагирӣ намуда, таъкид бояд намуд, ки рушду инкишоф ва ташаккули низоми истилоҳотӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ яксону якнавохт набудааст. Раванди ташаккул ва такомули истилоҳот дар мутобиқат бо раванди рушду инкишофи илму техника сурат мегирад. Дар натиҷаи рушду инкишофи бемайлони истилоҳ ва мафҳумҳои хоси илмӣ маҷмуи истилоҳоти соҳавӣ ба миён меоянд. Бо як ё якчанд истилоҳи илмӣ наметавон забон ва истилоҳоти илмиро ба вуҷуд овард. Забони илм дар натиҷаи ҷамъоварии истилоҳоти соҳавии мухталиф ё худ ба миён омадани маҷмуи истилоҳот ба вуҷуд меояд. Маҷмуи истилоҳоти соҳавии мухталиф дар навбати худ низоми истилоҳотиро ташкил медиҳад. Низоми истилоҳотӣ бошад, чунин меъёрҳоеро дар худ фаро мегирад, ки дар онҳо истилоҳот аз нигоҳи маъноӣ, сохторӣ ва соҳавӣ будани худ бояд аз ҳама гуна камбудиву нуқсонҳо орӣ бошад. Бо дарназардошти фикру андешаҳои фавқуззикр илова намудан зарур аст, ки истилоҳот ба ғайр аз он вижагиҳоеро, ки доро мебошанд, бояд суфтаву равон ва аз нигоҳи услуби талаффуз хушоҳанг бошанд. Ҳамчунин аз нигоҳи сохториву таркибӣ кутоҳ ва сода будани истилоҳи илмӣ дар низоми истилоҳотӣ шарти дигари истилоҳ мебошад.

Дар замони муосир бошад, рушду инкишоф ва ташаккули низоми истилоҳотӣ ба истилоҳоти иқтибосии байналмилалӣ низ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ҳамаи ин назарияҳоро роҷеъ ба вижагиҳо ва мафҳуми хоси истилоҳот ба назар гирифта, бояд бигӯем, ки дар тамоми марҳилаҳои ташаккули низоми истилоҳотӣ маҷмуи истилоҳоти соҳавӣ дар ҷараёни ташаккул, такомул ва рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи илм нақш ва ҷойгоҳи муҳим доранд.

Адабиёт

1. *Виноградов, В. В. Избранные труды. Лексикология и лексикография / В. В. Виноградов. – М:, 1977. – 318 с.*
2. *Ганиева, М.А. Синтаксический способ образования терминов фонетики во французском и таджикском языках / М.А. Ганиева // Вестник педагогического университета. - 2019. - №1 (78). – С. 92-96.*

3. *Герд, А. С. Еще раз о значении термина / А. С. Герд // Лингвистические аспекты терминологии. Воронеж: Воронеж. ун-та, 1980. – С. 5-12.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологии мактабҳои олӣ (Дар зери таҳрири Ш. Рустамов). - Душанбе, 1995.*
5. *Исматуллозода Ш. Роҳҳои ташаккули истилоҳот ва низоми истилоҳотӣ дар забон / Ш. Исматуллозода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. - №5-2. - С.101-103.*
6. *Канделаки, Т. Л. Семантика и мотивированность терминов / Т. Л. Канделаки. –М.; Наука, 1977. – 167 с.*
7. *Лейчик, В. М. Термин и его определение / В. М. Лейчик // Терминоведение и терминография в индоевропейских языках. – Владивосток, 1987. – С. 123-143.*
8. *Назарзода, С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003.*
9. *Пейсиков, Л. С. Лексикология современного персидского языка. – Москва: Изд-во МГУ, 1975. – С. 191-198.*
10. *Развитие терминологии на языках союзных республик СССР (Редколлегия: академик Г. В. Степанов, доктора филологических наук В. П. Даниленко и К. М. Мусаев). –Москва: Наука, 1986. - 343 с.*
11. *Русско-персидский словарь (Под редакцией Г. А. Восканян).- Москва. "Русский язык", 1986. - 832 с.*
12. *Словарь иностранных слов (Под редакцией И. В. Лехина). - Москва, "Русский язык" 1989. – 806 с.*
13. *Султон, М. Б. Баъзе вижагиҳои вожасозию вожагузинии форсии Абурайҳони Берунӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъияттшиносӣ. –№2, 2006. – С. 56-71.*
14. *Суперанская, А. В. Общая терминология. Вопросы теории / А. В. Суперанская. – М.; Наука, 1989. – 243 с.*
15. *Турахасанов, К. Ш. Формирование таджикской медицинской терминологии (на материале первоисточников медицинского наследия 9-11вв.) / К. Ш. Турахасанов. – Душанбе, 2022. - 387 с.*
16. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. – 945 с.*
17. *Хаютин, А. Д. Термин, терминология, номенклатура (Учебное пособие). –Самарканд, 1972. – 256 с.*

НАЗАРИЯҲОИ НАВИНИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Мақолаи мазкур ба масоили назарияҳои навини истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик ва фаронса бахшида шудааст. Мавзуи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Масоили истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик таърихи тулонӣ дошта бошад ҳам, ҳангоми шарҳу баёни мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ бештари муҳаққиқони истилоҳшинос ин масъалаи муҳимро сарфи назар намудаанд. Дар робита ба ин масъала бояд бигӯем, ки мавзуи баҳси мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии Аврупо дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20 ба миён омад. Назарияҳое, ки аз тарафи донишмандони Рус ва тоҷик доир ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ оварда шудаанд, аз нигоҳи тарзи ифода мухталиф бошанд ҳам, мантиқан ба ҳам монанд буда, дар онҳо хусусиятҳои якмаъноӣ, соҳавӣ ва тарҷуманашавандагии истилоҳ таъкид карда мешавад. Муаллифи мақола фикру андешаҳои мухталифи олимону донишмандони ватаниву хориҷиро ҳамчун далели гуфтаҳои худ таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки ба истилоҳ пеш аз ҳама маънои ягона доштан ва соҳавӣ будани он шарт ва зарур аст.

Калидвожаҳо: назария, истилоҳ, истилоҳшиносӣ, тоҷикӣ, фаронсавӣ, истилоҳоти илмӣ, маъно, калимасозӣ, истилоҳсозӣ, луғатнигорӣ.

НОВЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ ТЕОРИИ В ТАДЖИКСКОЙ И ФРАНЦУЗСКОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Данная статья посвящена рассмотрению новые терминологические теории в таджикской и французской лингвистике. Потому что проблемы термины и терминологии в таджикской и французской лингвистике является основным и одным из важнейшых вопросов мировой языковедческой науки. При объяснении понятия термина и терминологии в научной языкознании большинство исследователей вопросов терминологии игнорировали этот важный вопрос. В связи с этим важным вопросом термиы и терминологии следуеть сказать, что предметом обсуждения понятия термин и терминологии в европейской лингвистике стали в конце 19-го и начале 20-го веков. Теории, выдвинутые русскими и таджикскими учеными о понятии термина и терминологии, хотя и различные по способу выражения, логически схожи и подчеркивают однозначный, отраслевой и непереводимый характер термина. Автор статьи анализирует и тщательно рассматривает различные

мнения отечественных и зарубежных ученых в качестве доказательства своих утверждений и подчеркивает, что термин прежде всего должен иметь единое и отраслевое значение.

Ключевые слова: теория, термин, терминология, таджикский, французский, научная терминология, семантика, словообразование, терминообразование, лексикология.

NEW TERMINOLOGICAL THEORIES IN TAJIK AND FRENCH LINGUISTICS

This article is devoted to the analysis of new terminological theories in Tajik and French linguistics. The issues of terms and terminology in Tajik and French linguistic traditions are considered fundamental and among the most important topics in global linguistic science. When defining the concepts of "term" and "terminology" in linguistic research, many scholars have overlooked this crucial aspect. It should be noted that the discussion of the concepts of "term" and "terminology" in European linguistics began in the late 19th and early 20th centuries. The theories proposed by Russian and Tajik scholars, although different in terms of expression, are logically similar and emphasize the monospermous (unambiguous), field-specific, and non-translatable nature of terminology. The author of the article analyzes and carefully examines various viewpoints from both national and international researchers to support the main arguments, highlighting that a term must first and foremost possess a single, specialized meaning within a given field.

Keywords: theory, term, terminology, Tajik, French, scientific terminology, semantics, word formation, term formation, lexicology.

Дар бораи муаллиф
Намозова Шаҳлохон Ҳамзаевна
Омӯзгори калони кафедраи умумидониш-гоҳии забонҳои олмонӣ-фаронсавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

Об авторе
Намозова Шахлохон Хамзаевна
Старший преподаватель общий университетской кафедры немецко-французских языков
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

About the author
Namozova Shahlokhon Hamzaevna
Senior lecturer of the General University Department of German-French Languages
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

УДК 81'373.46

ФОРМАЛЬНО-СТРУКТУРНЫЙ, ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ И ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНОВ, ОТНОСЯЩИХСЯ К ТИПУ КОЛЬЧАТЫХ ЧЕРВЕЙ, МОЛЛЮСКОВ И ЧЛЕНИСТОНОГИХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Саидходжаева Т. А.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Проблема исследования зоологических терминов занимает особое место в терминологии, поскольку эта отрасль состоит из множества типов, семейств, классов и отрядов, каждый из которых охватывает большое количество терминов и терминосочетаний.

Поэтому ниже мы рассмотрим структурные и лексико-семантические особенности терминов, относящихся к типу кольчатые черви, моллюски и членистоногие в таджикском и английском языках.

1. **Термины, относящиеся к типу кольчатых червей.** Данная группа состоит из следующих терминов и термины-словосочетания: **таджикский язык**: *кирми лойхӯрак, кирми борон* [4, с. 117] (дождевой червь); *нереис, нереида* (нереида)*, анфитрира, серпула, афродит* [4, с. 117]; **английский язык**: *earthworm* (кирми лойхӯрак, кирми борон (дождевой червь)); *clam worm* (нереис (нереис)*; nereid, clamworm* (нереида (нереида)); *sea mouse* (афродит (афродита)).

Терминосочетание *кирми лойхурак* или *кирми борон* (дождевой червь) как субстантивное словосочетание состоит из двух компонентов, соединенных посредством изафетной связью. Если в словаре *кирми лойхурак* наблюдается со значением «кирми сурхчаи боронӣ (красный дождевой червь)», то его синонимы *кирми борон* или *кирми боронӣ* – со значением “кирми сурхчаранге, ки ҳангоми борон пайдо мешавад (красный червь, который появляется во время дождя)» [8, с. 725]: *Донишмандони тоҷик бо кумаки **кирмҳои лойхӯраке**, ки ба Тоҷикистон аз Русия оварда шудаанд, навъе аз нурии биологие омода мекунанд, ки бо истифодаи он кишоварзони тоҷик маҳсулоти аз лиҳози экологӣ безарар хоҳанд рӯёнд* [5]. // Таджикские ученые с помощью завезенных в Таджикистан из России дождевых червей готовят биологическое удобрение, которое поможет таджикским фермерам выращивать экологически чистые культуры.). Однако эквивалентом терминосочетание *кирми лойхурак* в английском языке встречается в форме композита, т.е. *earthworm*. Этот термин образовался из основы *earth* (замин, хок (почва, грунт) и *worm* (кирм (червь). В двух лекскикографических источниках, мы наблюдали следующие лексическое значение этого термина «a burrowing annelid worm that lives in the soil, important in aerating and draining the soil and in burying organic matter («роющий кольчатый червь, живущий в почве, играющий важную роль в аэрации и осушении почвы, а также в захоронении органических веществ)» [22; 21]. Терминологическое свойство указанной единице всегда проявляется в составе предложение: “*At the end of the fall, during the winter and in the beginning of spring, the ground fills up with **earthworms** and life becomes easier for the moles* (В конце осени, зимой и в начале весны земля наполняется дождевыми червями, и жизнь кротов облегчается.). *Then, an **earthworm** might come along and eat one of the smaller chunks and break it down even more in its digestive tract* [18] // Затем может появиться дождевой червь, съесть один из более мелких кусочков и еще больше расщепить его в своем пищеварительном тракте.

Термин *нереис* (нереис) не является исконно таджикским, в отрасли зоологии он вошёл из латинское Nereis, от древне греческое Νηρεΐς — Нереида, дочь Нерея. *Нереис* род многощетинковых червей из семейства нереид. По морфологической структуры оно является простым существительным. Однако эквивалентом термина *нереис* (нереис) в английском языке является терминосочетание *clam worm*, компоненты которых соединены при помощи порядка слов. Другой термин, которое относится к семейства нереид – простое сущесвительное *нереида*. Английским эквивалентом термина *нереида* являются простое существительное *nereid* и композитов *clamworm* и *ragworm*. Термин *clamworm,* состоящие из основы *clam* (моллюкси дукабата (двустворчатый моллюск) и *worm* (кирм (червь)) в области зоологии употребляется в значении “any polychaete worm of the genus Nereis, living chiefly in burrows in sand or mud and having a flattened body with a row of fleshy parapodia along each side (любой многощетинковый червь рода Nereis, живущий в основном в норах в песке или грязи и имеющий уплощенное тело с рядом мясистых параподий по бокам)” [10]. Термины-

композиты *clamworm* и *ragworm* являются синонимами, первый который относится к американскому варианту английского языка, а второй – к британскому варианту: «*During the annual spawning, large numbers of* ***clamworms*** *swarm to the water's surface* (Во время ежегодного нереста огромное количество нереиды поднимается на поверхность воды.). *A large* ***clamworm*** *was observed burrowing into the sand near the tide pools*. (Был замечен большой нереиды, зарывающийся в песок около приливных луж.)» [10]. *The* ***ragworm****, which is about the width of a hair, has neurons similar to the human brain*. (У нереиды, или кольчатого червя, размером с волос, есть нейроны, похожие на те, что находятся в человеческом мозге.) *Near the edge of the sea you'll find fiddler crab,* ***ragworm*** *and shore crab, sea mice and tiny blenny fish.).* (На берегу моря можно встретить крабов-скрипачей, нереид (кольчатых червей), а также прибрежных крабов, морских мышей и маленьких морских собачек.) [10].

В словарном составе таджикского языка не прослеживается термина *афродит (афродита).* В отрасли зоологии этот термин относится к морским мышам, семейству кольчатых червей, чье название произошло от имени древнегреческой богини любви и красоты Афродиты, так как эти морские обитатели внешне напоминали мифическую богиню, родившуюся из морской пены [1]. Английским эквивалентом термина *афродит* является словосрчетание *sea mouse,* терминологические особенности который проявляется в составе предложении: «*The nocturnal* ***sea mouse****, four centimeters long, is a kind of heart urchin with thin spines that can hurt a diver digging in the sand for it*. Ночная морская мышь длиной четыре сантиметра – это разновидность морского ежа с тонкими иглами, которые могут поранить ныряльщика, роющегося в песке в поисках нее. *Beneath the waves I chased with joyous hand upon the bed of an imagined sand the slippery brown* ***sea mouse****, that still escaped, where the deep cave beneath my knee was shaped*. (Под волнами я гнался радостной рукой по ложу воображаемого песка за скользкой коричневой морской мышью, которая все же ускользнула, откуда под моим коленом образовалась глубокая пещера.)» [24].

2. Термины, относящиеся к типу моллклассам брюхоногих, двустворчатых и головоногих моллюсков. Термины и термины-словосочетания этого типа в зависимости от их зоологических признаков можно разделить на следующие классы:

а) Термины, относящиеся к классу брюхоногих моллюсков. Лексические единицы этого класса в обоих языках встречаются в виде терминов и терминосочетаний, например: **таджикский язык**: *лесак* [4, с. 142] (улитка); *ҳавзгардак* [4, с. 143] (прудовик); *ҳавзгардаки калон* (большой прудовик); *туқумшуллук* (слизень); *туқумшуллуки ҳавзӣ* [4, с. 134] (прудовая слизень); *туқумшуллуки саҳроӣ* [4, с. 149] (полевой слизень); *туқумшуллуки гӯшмоҳитобхӯрда* [4, с. 134] (морское ушко); *туқумшуллуки токхӯр* (виноградная улитка): ***Тӯқумшуллуки ҳавзӣ*** *ва* ***тӯқумшуллуки гӯштмоҳитобхӯрда*** *дар байни рустаниҳои обӣ, сангҳо ва дигар ҷисмҳои обӣ хазида ҳаракат мекунанд* [4, с. 134] // Прудовики, улитки и морские ушки передвигаются, ползая среди водных растений, камней и других водоемов. **английский язык**: *pond snail* (ҳавзгардак (прудовик); *slug* (туқумшуллук (слизень); *edible snail* (туқумшуллуки токхӯр (виноградная улитка)); *abalone, ormer, paua, sea-ear* (туқумшуллуки гӯшмоҳитобхӯрда (морское ушко)); *field slug* (туқумшуллуки саҳроӣ (полевой слизень)).

Термин *лесак* (улитка) образовался от глагола *лес* – основа настоящего времени глагола *лесидан* (лизать, облизывать, вылизывать) и существительно-образующий суффикс *-ак*. В словаре термин *лесак* (улитка) встречается со значением “тӯқумшуллук, ҳалазун: **кирми лесак** (улитка, слизень)» [8, с. 719]. Синонимам термина *лесак* (улитка) является сложноподчинённое существительное *тӯқумшуллук*, которое состоит из турецкое слово *тӯқум* (полони хар (войлочное седло для осла) и *шуллук* (кирми сиёҳи дар лойқа пайдошавандаи хунмак, золу, зулук (черный червь, найденный в грязи, кровосос, пиявка). А сам термин *тӯқумшуллук* (улитка, слизень) в словаре интерпретируется как «як навъи ҷонвари бемуҳра аз оилаи нармбаданҳои шикампой, ҳалазун, як навъи шуллук (беспозвоночных из семейства брюхоногих моллюсков, улиток ; тип пиявки) [9, с. 360].

Эквивалентом термина *лесак* (улитка) в английском языке являтся единице *snail* и в лексикографических источниках мы наблюдали следующие толкование данного термина: «a mollusc with a single spiral shell into which the whole body can be withdrawn (моллюск с одной спиральной раковиной, в которую может быть втянуто всё тело)” [22]; “a small animal with a long, soft body, no legs, and a spiral-shaped shell (небольшое животное с длинным мягким телом, без ног и спиралевидной раковиной)” [13].

Сложносмешанный термин *ҳавзгардак* (прудовик), состаящая из конкретное существительное *ҳавз* (пруд), глагол *гард* от основы настоящего времени *гаштан* (обходить) и существительно-образующий суффикс *-ак* означает «навъи ҷонвари нармбадани

беарраѓушт, ки маъмулан дар ҳавзҳо мегардад (тип беспозвоночных, который обычно встречается в прудах)» [9, с. 475]. В отличие от таджикского языка, термин *ҳазвгардак* (прудовик) в английском языке употребляется в форме терминосочетания *pond snail*, компоненты которого связаны порядком слов. Терминологическое свойство единицы *ҳавзгардак* (прудовик) чаще всего наблюдается в составе терминосочетания: *ҳавзгардаки муққаррарӣ* (обыкновенный прудовик); *ҳавзгардаки хурд/майда* (малый прудовик); *ҳавзгардаки ботлоқӣ* (болотный прудовик).

б**) Термины, относящиеся к классу двустворчатых моллюсков.** Терминологические единицы этого класса в обоих языках встречаются в виде однокомпонентных и многокомпонентных терминов, например: **таджикский язык**: *бедандонак* [4, с.136] (беззубка); *перловитса* [4, с. 144] (перловица); *мидия* [4, с. 136] (мидия); *тридакна* [4, с. 144] (тридакна); *садафак* [4, с. 144] (устрица); *кирми киштӣ* (корабельный черв, тередо*)* [4, с. 144]; *сангтарош* [4, с. 144] (камнерез); **английский язык**: *mussel* (мидия (мидия)); *oyster* (садафак (устрица); *shipworm* (кирми киштӣ (корабельный черв, тередо).

Термин *беданодонак* (беззубка) образовался от прилагательное *бедандон* (беззубка) и существительно-образующий суффикс *-ак.* В отрасли зоологии этот термин относится к членистоногим, т.е. тип первичноротых животных, включающий насекомых, ракообразных, паукообразных, мечехвостов и многоножек: *Ҳамин тавр, **бедандонак** гӯё оҳиста-оҳиста қадам мемонад, ки масофаи он 1-2 см аст ва дар як соат ҳамагӣ 20-30 см ҳаракат мекунад* [4, с. 136]. // Таким образом, беззубое животное как будто ходит медленно, покрывая расстояние в 1–2 см и продвигаясь всего на 20–30 см в час. В отличие от таджикского термина *беданодонак* (беззубка), в английском языке этот термина употребляется в форме терминосочетания *swan mussel*, которое в словаре интерпретируется следующим образом: «a large European freshwater mussel of still or slow-moving water, the larvae of which parasitize fish» [22] (крупная европейская пресноводная мидия, обитающая в стоячей или медленно текущей воде, личинки которой паразитируют на рыбах).

В словарном составе таджикского языка не наблюдается термин *перловитса*, т.е. оно образованно путём калькирования из русское слово *перловица*. В отличие от таджикского языка, термин *перловитса* в английском языке употребляется в трёх формах терминосочетания: ***pearl mussel, freshwater mussel pearl oyster.*** Терминологическое свойство указанных терминосочетаний чаще всего проявляется в составе предложения.: «Therefore, zoologists around the world are currently paying much attention to factors that threaten the well-being of freshwater mussels such as: anthropogenic contamination of water bodies; global warming; and changes in the hydrological regime» [23]. // Поэтому сегодня зоологи по всему миру проявляют большое внимание к факторам, угрожающим благополучию перловиц, таким как антропогенное загрязнение водоемов, глобальное потепление, изменение гидрологического режима.

Производный термин *садафак* (устрица), состоящие из арабское заимствование слово *садаф* (ҷилде, ки дар даруни он як навъ ҷонвари хурди баҳрӣ ҷой дорад (кожа, содержащий какое-то маленькое морское существо) и суффиксо-образующий суффикс -ак, в отрасли зоологии употребляется в значении «нармбадани дупаллаи баҳрӣ (морской двустворчатый моллюск)». В английском языке эквивалента термина *садафак* – единица *oyster*, которая в среднеанглийском языке пришла из старофрнацузского языка через латинский от греческое ostreon, связанного с osteon ‘bone (устухон)’ and ostrakon ‘shell or tile (гӯшмоҳӣ, садаф (раковина)’.

В процессе анализа терминов наблюдалось многозначные термины, одновременно указывающие на профессию и род деятельности человека и виды членистоногих. Например, если первое значение термина *сангтарош* является “ҷисте, ки аз санг ҳайкал, лавҳа *ва ғ.* метарошад (мастер, который вырезает из камня статуи, таблички и т. д.)», то второе значение относится к одним из типам членистоногих животных.

Наряду с этим, в этом классе встречается термины, которые в таджикском языке употребляются в форме терминосочетания, а в английском языке в форме композита, например, если термин *кирми киштӣ* (корабельный черв) в таджиксом языке является субстантивное терминосочетание, то его эквивалент – *shipworm* в английском языке – композитом, т.е состоит из слова *ship* (киштӣ (корабль) и *worm* (кирм (червь).

В рассматриваемом классе терминов есть термины, которые звучат одинаково в обоих языках, например термин *tridacna – тридакна.* Однако в словарном составе таджикского языка не наблюдается термин *тридакна,* т.е. он образовался путём калькирования. В отрасли зоологии этот термин употребляется в значение «намуди нармбаданҳои калони дупаллаҳои баҳрӣ, ки дар обҳои ҳорраи уқёнустҳои Ҳинд ва Ором зиндагӣ мекунанд (род крупных

морских двустворчатых моллюсков, обитающих в тропических водах Индийского и Тихого океанов.

в) Термины, относящиеся к классу головоногих моллюсков. Терминология этого класса в обоих языках встречаются в виде однословные и многословные единицы, например: **таджикский язык:** *ҳаштпо* [4, с. 136] (осьминог); *аргонавт* [4, с. 146] (аргонавт); *наутилус* [4, с. 146] (наутилус); *калмар* [4, с. 136] (кальмар); *каракатиса* [4, с. 136] (каракатица).

Сложноподчинённое существительное *ҳаштпо* (спрут) состоит из количественное числительное *ҳашт* (восемь) и существительнео *по* (ноги): *Ҳаштпойҳо ва баъзе нармтанҳои дигар на фақат шино карда метавонанд, балки бо пойҳои сар (ҳассосакҳо ё дастҳо) дар қаъри об ҳаракат мекунанд*) [4, с. 136]. // Осьминоги и некоторые другие моллюски умеют не только плавать, но и передвигаться по дну с помощью своих головоногих моллюсков (чувственных придатков или рук). В английском языке эквивалентом термина *ҳаштпо* (спрут) является единице *octopus*, которое означает “a cephalopod mollusc with eight sucker-bearing arms, a soft sac-like body, strong beak-like jaws, and no internal shell (головоногий моллюск с восемью руками, несущими присоски, мягким мешковидным телом, сильными клювовидными челюстями и отсутствием внутренней раковины) [22]. В словарном составе английского языка этот термин появился от современное латины, от греческое *oktōpous* в середине XVIII веке.

Термин *калмар* не является исконно таджикским, т.е. он образовался путем калкирование из латинских и греческих языков . В отрасли зоологии он используется со значение “морской хищный головоногий моллюск с обтекаемым телом и восемью щупальцами» [3] По этимологии этот термин имеет французского происхождения, т.е. от латинского calamarius (относящийся к перу или тростниковый), которое, в свою очередь, происходит от греческого *kálamos* (тростник или перо). Такое название животное получило благодаря двум особенностям: оно способно выделять чернилоподобную жидкость и имеет внутри своего тела гладиус – рудимент раковины, напоминающий перо» [3]. В английском языке эквивалентом термина *калмар* является простое существительньное *squid*, по морфологическому составу который является простым существительным.

В словарном составе таджикского языка не наблюдается термин *каракатиса*. Оно происходила от древнерусского *корокатъ*, которое, в свою очередь, связано со словом *корокъ (нога)*. Это означает «ҳазорпоя (многоножка)». Эквивалентом термина *каракатиса* является композита *cuttlefish*, который состоит из слова *cuttle* и *fish*. В отрасли зоологии этот термин используется со значением «swimming marine mollusc that resembles a broad-bodied squid, having eight arms and two long tentacles that are used for grabbing prey (плавающий морской моллюск, напоминающий кальмара с широким телом, имеющий восемь рук и два длинных щупальца, которые используются для захвата добычи)» [22].

Следует указать, что в группе рассматриваемой терминов таджикского языка встречаются некоторые единицы, которые образовались путём калкирования, например: *аргонавт* [4, с. 146] (аргонавт); *наутилус* [4, с. 146] (наутилус) и др. В английском языке эквивалента термина *аргонавт* (аргонавт) является единица *argonaut*, который в отрасли зоологии употребляется в значение: “a small floating octopus, the female of which has webbed sail-like arms and secretes a thin coiled papery shell in which the eggs are laid (небольшой плавающий осьминог, самка которого имеет перепончатые парусообразные руки и выделяет тонкую спиральную бумажную оболочку, в которой откладываются яйца) [22]. Синонима термина *argonaut* является терминосочетание *paper nautilus*. Термин *nautilus* (наутилус) происходил из современного латынского, греческого *nautilos* с прямым значением ‘sailor (маллоҳ, дарёнавард, баҳрнавард)’.

2. Термины, относящиеся к типу членистоногие и классам ракообразные, паукообразные и насекомые. Термины и термины-словосочетания этого типа в зависимости от их зоологических признаков можно разделить на следующие классы:

а) Термины, относящиеся к классу ракообразных животных. Лексические единицы этого класса в обоих языках встречаются в форме терминов и терминосочетаний, например: **таджикский язык**: *харчанг* [4, с. 144] (рак, краб); *харчанги дарёӣ* (речной рак) [4, с. 160]; *харчанги баҳрӣ* [4, с. 160] (омар); *харчанги хурди баҳрӣ* [4, с. 160] (креветка); *кайки обӣ* [4, с. 160] (дафния, водяная блоха); *хараки обӣ* [4, с. 160] (мокрица); **английский язык:** *water flea, daphnia* (кайки обӣ (дафния, водяная блоха); *shrimp; prawn* (харчанги хурди баҳрӣ (креветка)); *lobster* (харчанги баҳрӣ); *cyclops* (циклоп (циклоп).

В исследуемой группы терминов прослеживается термины, которые одновременно относятся к нескольким отраслям, например, если термин *саратон* (рак) в отрасли зоологии используется со занчениями «1. харчанг. 2. номи як навъ шапалаки сиёҳи тортанакмонанд, ки

ба овози пасттар аз овози занбӯр садо медиҳад (название вида черной паукообразной бабочки, издающей звук ниже, чем у пчелы.)», то в области медицине – со значением «маразе, ки дар асари он дар бадан ҷароҳат, варам ва барҷастагиҳо пайдо мешавад, ки намудаш монанди пои харчанг аст (заболевание, вызывающее появление на теле поражений, опухолей и выступов, напоминающих лапки крабы)» [9, с. 208]: *Моҳи декабри соли як шабакаи федералии телевизионӣ филмеро дар бораи моҳидории ғайриқонунӣ дар Шарқи Дур ва фурӯши харчанги Камчатка дар Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон намоиш дод* [5] // В декабре на федеральном телеканале был показан фильм о незаконном рыболовстве на Дальнем Востоке и продаже камчатского краба в Южную Корею и Японию. *Тибқи таҳлили мутахассисон, дар як дона тамоку зиёда аз хазор намуд моддаҳои химиявӣ мавҷуд буда, аз онҳо намудашон зараровар ва намуди дигарашон бавҷудоварандаи бемории **саратон** мебошанд* [5]. // По данным экспертного анализа, в одной сигарете содержится более тысячи видов химических веществ, некоторые из которых вредны, а другие вызывают рак.

Синонимом термина *саратон* (рак) является единице *харчанг* (краб), которые у него также наблюдается явление полисемии, т.е. если оно в отрасли зоология используется со занчением “ҷонвари бӯғумпой, ки ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар об зиндагӣ мекунад, саратон (членистоногое, которое живет как на суше, так и в воде, краб), то в области астрономии он применяется в значении «номи яке аз бурҷҳои дувоздаҳгона, бурҷи Саратон (название одного из двенадцати созвездий, Рак) [9, с. 456]: *Тимсоҳ хангоми шикори харчанг ба мард хучум карда, бечораро дар як лаҳза туъмаи худ гардонидааст* [5] // Крокодил напал на мужчину, охотившегося за крабами, и убил его в одно мгновение.

В английском языке эквивалента термина *саратон* (рак) являются единицы *crawfish* и *crayfish*, первый из которой исползуется в британском варианте английского языка, а второй – в амерканском варианте английском языка: “*Other fresh seafood such as shrimp, scallops, **crawfish**, and squid should last three to six months in the freezer. However, severe drought and extreme heat in 2023 made the ground too dry for **crawfish** to burrow and lay eggs”* [16] // Другие свежие морепродукты, такие как креветки, гребешки, раки и кальмары, можно хранить в морозилке от трех до шести месяцев. Однако из-за сильной засухи и экстремальной жары в 2023 году земля стала слишком сухой для того, чтобы раки могли зарываться и откладывать икру. “*The **crayfish** are still walking, the seagulls are flying, the cats are meowing, and the waves are lapping. Minnows and **crayfish** will be moving around, and aquatic insects will start to hatch”* [17]. //Раки все еще ходят, чайки летают, кошки мяукают, а волны плещутся. Пескари и раки начнут перемещаться, а также начнут вылупляться водные насекомые. Термин *crayfish* происходил от старофранцузское слово *crevice*, которое относится к германское слово *Krebs* “crab (харчанг)” который означает “a crustacean, found chiefly on seashores, with a broad carapace, stalked eyes, and five pairs of legs, the first pair of which are modified as pincers (ракообразное, встречающееся преимущественно на морских побережьях, с широким панцирем, стебельчатыми глазами и пятью парами ног, первая пара которых преобразована в клешни)” [22].

Единственное различие между терминами этого класса заключается в том, что в то время как некоторые термины в таджикском языке используются в виде терминосочетаний, их эквивалентами в английском языке являются простые или производные существительные, например: *харчанги дарёӣ – crawfish, crayfish* (речной рак); *харчанги баҳрӣ – lobster* (омар); *харчанги хурди баҳрӣ – shrimp; prawn* (креветка) и т.п.

б) Термины, относящиеся к классу паукообразных животных. Лексические единицы этого класса в сравниваемых языках встречаются в форме терминов и терминосочетаний, например: **таджикский язык**: *тортанак* (паук); *тортанаки салибдор* (паук-крестовик); *тортанаки парандахӯр* [4, с. 171] (паука-птицеед); тортанаки нукраранг (серебряный паук); *каждум* [4, с. 169] (скорпион); *каждуми зарди рах-рах* [4, с. 169] (желтый полосатый скорпион); *бий, ротил* [4, с. 171] (тарантул), *ғунда* [4, с. 171] (фаланга); *кана* [1, с. 169] (клещ); *канаи саг* [176] (собачий клещ); **английский язык:** *spider* (тортанак (паук); *garden spider* (тортанаки салибдор (паук-крестовик));) *bird spider, tarantula* (тортанаки парандахӯр (паука-птицеед)); *scorpion* (каждум (скорпион)); *tick; mite* (кана (клещ)); *dog-louse* (канаи саг (собачий клещ); *yellow striped scorpion* (каждуми зарди рах-рах (желтый полосатый скорпион)).

Сложносмешанное существительное *тортанак* (паук), состоящее из существительных *тор* (нить, нитка), *тан* (тело) и существительно-образующий суффикс *-ак* – хищное членистоногое из отряда пауков, которое обычно плетет паутину для охоты на добычу. Синонимом термина *тортанак* (паук) является заимствованное из арабского языка слово *анкабӯт*: ***Тортанак** дар шифти хона тор метанид, бо тарсу бо ҳарос метанид, аҷаб набуд,*

ки чашми кампир ё набера ба ӯ афтад, ҷорӯб гиранду домашро баркананд, худашро нобуд созанд. [5] // Паук плел паутину на потолке дома, плел её со страхом и тревогой, неудивительно, что старушка или внучка, увидев его, хватали метлу и срывали его паутину, тем самым уничтожая её. *Дарахтони зич рӯидаро тори* ***анкабут*** *чунон печонида буд, ки ҳини роҳ рафтан дар сару рӯй часпида, ғаши касро меовард*. [5]. Английским эквивалентом термина *тортанак* является исконно английским словом *spider*: *The home has a big* ***spider*** *web that sprawls out on the lawn starting from the center of the building* [20].// Вокруг дома тянется большая паутина, которая тянется по газону, начиная от центра здания.

Термин *каждум* (скорпион) является исконно-таджикским, и в словаре интерпретируется как "ҷонвари нешзани захрдор, акраб (жалящее ядовитое животное, скорпион)" [8, с. 577]: *Дар омади гап, дар рӯи суфа ҳам аз* ***каждум*** *эмин мондан мумкин нест, ман худам чандин бор дар рӯи суфа* ***каждум*** *куштаам, ҳатто як-ду дафъа пагоҳӣ аз хоб хеста, дар рӯи чогах* ***каждум*** *ёфта будам, аммо ачоибаш ин, ки дар умрам ягон бор ҳам маро* ***каждум*** *нагазидааст* [национ]. // Кстати, от скорпионов на диване тоже не застрахованы. Я сам несколько раз убивал скорпионов на диване. Пару раз я даже просыпался утром и находил скорпионов на полу. Но самое удивительное, что меня ни разу в жизни не кусал скорпион. Синонимом термина *каждум* является заимствованное из арабского языка слово *ақраб*, которая употребляется в книжном стиле. Термин *ақраб* чаще всего используется в переносном значение и указывает на характере человека: *Неши* ***ақраб*** *на аз пайи кин аст – Иқтизои табиаташ ин аст. (Саъдӣ)* [6, с. 325] (Укус скорпиона — это не ее враждебность, а потребность его характера и натуры). Эквивалентом термина каждум в английском языке является производное существительное *scorpion,* которая состоит из основа *scorp* (a drawknife with a circular blade and a single handle, used to scoop out wood when carving or engraving (скобель с круглым лезвием и одной ручкой, используемый для вычерпывания древесины при резьбе или гравировке) и суффикса *-ion: Snakes, spiders,* ***scorpions*** *are common sights across the region* [19]. // Змеи, пауки и скорпионы – обычное явление в этом регионе.

Простое существительное *ғунда* (фаланга), которое является исконно таджикским словом, в отрасли зоологии используется в значение "як навъ тортанаки бузурги газанда (вид большого кусательного паука) [8, с. 456]: *Агар аз ин равған ҳар рӯз аз 4, 5 то 9 грамм биёшоманд, барои кач шудани рӯй, фолиҷ, газидани каждум ва* ***ғунда****, ларзонидани табҳои даврӣ дору мешавад*. [5] // Если употреблять от 4,5 до 9 граммов этого масла ежедневно, его используют в качестве лекарства от деформаций лица, паралича, укусов скорпионов и ос, а также периодических лихорадок. Английским эквивалентом термина *ғунда* (фаланга) является единица *phalanx.*

Производное существительное *кана* (клещ), состоящее из глагола *кан* от основы настоящего времени глагола *кандан* (рыть, копать, выкапывать) и существительно-образующий суффикс *-а* используется в значениие «ҳашараи майдае, ки ба бадани чорпоён, махсусан гӯсфандон, часпида, хуни онҳоро мемакад (Небольшое насекомое, которое прикрепляется к телу домашнего скота, особенно овец, и сосет их кровь.» [6, 321]. В отличие от таджикского языка, в английском языке этот термин употребляется в непроизводной форме и выступает в синонимичное отношение, т.е. *tick – mite,* первое из которых имеет германское, а второе – датское происхождение.

в) Термины, относящиеся к классу насекомых. В процессе анализа исследуемых терминов данного класса были выделены следующие терминологические единицы**:** *гамбӯск* [4, с. 182] (жучок); *шапалак* [4, с. 182] (бабочка, мотылёк); *ору* [4, с. 182] (оса); *сӯзанак* [4, с. 182] (стрекоза); *малах* [4, с. 182] (саранча, кузнечик); *малахи боғӣ* 4, с. 198] садовая саранча; *малахи саҳроӣ* [4, с. 198] полевая саранча; *мӯрча* [4, с. 182] (муравей); *обченкунак* [4, с. 182], *гамбӯски шинокунанда* [4, с. 182] (плавающий жук); *гамбӯски обдӯст* [4, с. 182] (водолюбивый жук); *обсофкунак* [4, с. 182] (жук-плавунец)*; кайк* [4, с. 182] (блоха)*, шабушк* [4, с. 182] (вошь)*, шабзод* [4, с. 182]*, хомӯшак* [4, с. 182] (комар), *гӯсоласар* [4, с. 190] (медведка); *нонхӯрак* [4, с. 192] (таракан); *гавҳораҷунбон* [4, с. 195] (богомол); *мӯрчаи сафед* (термит) [4, с. 195]; *чирчирак* [4, с. 197] (цикада, сверчок); *ширинча* [4, с. 199] (тля); *саргинғелон* [4, с. 201]; *гамбӯски гавазншох* [4, с. 201] *момохолак* [4, с. 201] *ботинодерес* [4, с. 201]; *паша* [4, с. 206] (муха)*; кӯрпаша* [4, с. 206] (москит); *магас* [4, с. 206] (муха); *ғӯрмагас* [1, с. 206] (овод); *каллаи гӯсола* [170] (1, с. фаланга); *занбӯри асал* [4, с. 158] (пчела); *сангпуштаки сабзи ҷангалӣ* [4, с. 199] *магаси хонагӣ* [4, с. 211]; *гулхӯраки себ* [4, с. 211]; **английский язык:** *earth-boring dung beetle* (гамбуски поруғелон (навозник); *burying beetle* (кирми гӯр (могильщик); *bee* (занбӯри асал (пчела); *worker bee* (занбӯри корӣ (рабочая пчела); *bumblebee* (говзанбӯр (шмель); *ant* (мӯрча (муравей); *grasshopper, locust* (малах

(саранча); *mantid, mantis* (гавҳорачунбон (богомол)); *butterfly* (шапалак (бабочка); *dragonfly* (сӯзанак (стрекоза); *cricket* (сверчок).

В свою очередь терминология этого класса делится на три группы:

а) насекомые, наносящие вред садам и лесам. Термины этой группы встречаются в основном в форме субстантивных словосочетания: **таджикский язык**: *гулхӯраки себ* (цветоед яблонный)*, шапалаки кирми себ* (мотылёк яблочный червь)*, гамбӯсаки тӯронӣ* (черный жук)*, гамбӯсаки холдор* (пятнистый жук)*, гамбӯсаки саврӣ* (майский жук)*, гамбӯсаки бориктанаи писта* (жук фисташковый)*, гамбӯсаки мӯйлабдарози шаҳрӣ, гамбӯсаки баргхӯри қарағочӣ, шапалаки дӯлона, шапалаки ҳалқаноки кӯҳӣ, кӯяи себ* (яблочный моль) [4, с. 121] и др.; *Зараррасонҳои аз ҳама бештар паҳнгашта тортанакканаҳо,* ***ширинчаҳо, сипарболакҳо, асалаки нок, кирмаки себ, кирмаки дӯлонахӯрак, куяи себ, заргинаки сиёҳ, зардолухӯраки почағафс, гамбӯсаки хартумчадори зардолу, кирмаки хӯшаи ангур*** *ва* ***кирминаи ордноки ангур*** *мебошанд* [5].// Наиболее распространенными вредителями являются паутинный клещ, тли и филлоксеры, щитовка, грушевая тля, яблонная муравьедка, боярышниковый моль , яблонная моль, черные хрущаки, абрикосовая муравьедка, абрикосовый листоед, виноградная златка и виноградный мучнистый червец.**; английский язык**: *May beetle, cockchafer* (гамбӯсаки саврӣ (майский жук); *moth, butterfly* (шапалак (бабочка, мотылёк); *caterpillar* (кирмак (гусеница); *mite, tick* (кана (клещ); *dragonfly, darning needle , devil's darning needle* (сӯзанак (стрекоза); *cabbage worm* (кирми карамхурак (капустник); *cabbage white butterfly* (шабпараки карам (капустная белянка, капустница); *silkworm* (кирмаки пилла (тутовый шелкопряд); *apple-blossom weevil* (гулхӯраки себ (цветоед яблонный)); *pistachio beetle* (гамбӯсаки бориктанаи писта (жук фисташковый)).

б) насекомые, распространяющие болезни человека. Термины этой группы встречаются в основном в форме субстантивных словосочетания:: *магаси хонагӣ* [4, с. 214] (комнатная муха); *пашшаи муқаррарӣ* [4, с. 215] (обычная муха/обычный комар); *канаи тайгагард* (таежный клещ); *пашшаи вараҷа* [4, с. 215] (малярийный комар); *пашшаҳои дарозпочаи шохдори хартумнок* (длинноногие рогатые мухи): *Аммо хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд,* ***пашшаҳои дарозпочаи шохдори хартумноки*** *молхона ба ӯ ҳуҷум меоварданд, нешҳои сӯзанмонанди худро ба гӯшу гардану сару рӯ ва даст пою оринҷу зонуи ӯ фурӯ мефиристоданд*. [4].// Но Ятим не мог заснуть: погода была теплым и влажным, а длинноногие рогатые мухи из сарая нападали на него, посылая свои игольчатые жала в его уши, шею, голову, лицо, руки, ноги, локти и колени.

в) насекомые, наносящие вред сельскохозяйственным животным. Термины этой группы встречаются в основном в форме производных, сложных и субстантивных словосочетания: *гамбӯскаи заҳрдор, бӯгалак* [4, с. 215] (ядовитый жук)*, ғӯрмагас* [4, с. 215] (овод); *кӯрпашша* [4, с. 215] (москит); *хармагас* (слепень); *шабушк* [4, с. 216] вошь; *шабушки хук* [4, с. 216] вошь свиная; *шабушки гов* [4, с. 215] вошь корова; *шабушки саг* [4, с. 216] вошь собачья: *Масалан, баъзан* ***гамбӯсаки захрдор****, ки онро «бӯгалак» меноманд, ба ягон гов хамла меовард ва неши захрдори худро ба рон ва пушти ӯ механонад.* [5]// Например, иногда ядовитый жук под названием «бугалак» нападает на корову и вонзает свое ядовитое жало ей в бедро и спину. **английский язык**: *mosquito* (кӯрпашша (москит); *horsefly* (хармагас (слепень)); *gadfly* (ғӯрмагас (овод)); *cow louse* (шабушки гов *(*вошь корова); *dog louse* (шабушки саг (вошь собачья) и.т.п.

Наряду с этим, термины этой группы включают термины-словосочетания, указывающую на место появления конкретного насекомого, например: *гамбусаки колорадоӣ* [4, с. 209] (колорадский жук); *potato beetle, Colorado potato beetle* гамбусаки колорадоӣ (колорадский жук): *Яке аз зараркунандаҳои картошка* ***гамбуски колорадо*** *мебошад*. [5] // Одним из вредителей картофеля является колорадский жук.

В группе терминов этого класса в английском языке встречаются термины, имеющие одинаковое значение, но различающиеся по форме. Например, если у терминосочетание *божья коровка* в британском варианте английского языка наблюдается форма *ladybird,* то в американском варианте он встречается в форме *ladybug.*

Таким образом, в результате структурного, лексико-семантического и этимологического анализа и сопоставления терминов указанных групп установлено, что большинство терминологических терминов рассматриваемых языков идентичны как по форме, так и по значению. Разница лишь в том, что в то время как большинство таджикских терминов образовано путём калькирования, а их английские эквиваленты имеют латинское и греческое происхождение.

Литература

1. *Афродита // Википедия : свободная энциклопедия : электронный ресурс. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Афродита (дата обращения: 10.08.2025).*
2. *Кальмар // Википедия : свободная энциклопедия : электронный ресурс. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Кальмар (дата обращения: 10.08.2025).*
3. *Кальмар : этимология // Викисловарь : электронный ресурс. – URL: https://ru.wiktionary.org/wiki/кальмар (дата обращения: 10.08.2025).*
4. *Маҳмадзиёев А., Исоев К. Зоология : китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе : Полиграф групп, 2018. – 240 с.*
5. *Национальный корпус таджикского языка : электронный ресурс. – URL: https://tajik-corpus.org/tajik_corpus/search/ (дата обращения: 12.09.2025).*
6. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) : дар 2 ҷилд. Ҷ. 1 : А–О. – Москва : Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) : дар 2 ҷилд. Ҷ. 2 : П–Ҷ. – Москва : Советская энциклопедия, 1969. – 950 с.*
8. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 : А–Н. – Душанбе : Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
9. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 : О–Я. – Душанбе : Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
10. *Clamworm : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.google.com/search?q=clamworm+sentence+examples (дата обращения: 10.08.2025).*
11. *Collins Dictionary. Clamworm : electronic resource. – URL: https://www.collinsdictionary.com/dictionary/english/clamworm (дата обращения: 10.08.2025).*
12. *Collins Dictionary. Ragworm : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.collinsdictionary.com/sentences/english/ragworm (дата обращения: 10.08.2025).*
13. *Collins English Dictionary. 8th ed. : electronic resource. – Glasgow : HarperCollins Publishers, 2006. – (для ABBYY Lingvo x5).*
14. *Concise Oxford American Thesaurus : electronic resource. – Oxford : Oxford University Press Inc., 2006. – (для ABBYY Lingvo x5).*
15. *Explanatory Dictionary (Ru–Ru) : electronic resource. – (для ABBYY Lingvo x5).*
16. *Merriam-Webster. Crawfish : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.merriam-webster.com/sentences/crawfish (дата обращения: 10.08.2025).*
17. *Merriam-Webster. Crayfish : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.merriam-webster.com/sentences/crayfish (дата обращения: 10.08.2025).*
18. *Merriam-Webster. Earthworm : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.merriam-webster.com/sentences/earthworm (дата обращения: 10.08.2025).*
19. *Merriam-Webster. Scorpion : electronic resource. – URL: https://www.merriam-webster.com/dictionary/scorpion (дата обращения: 10.08.2025).*
20. *Merriam-Webster. Spider : sentence examples : electronic resource. – URL: https://www.merriam-webster.com/sentences/spider (дата обращения: 10.08.2025).*
21. *New Oxford American Dictionary. 3rd ed. : electronic resource. – Oxford : Oxford University Press Inc., 2010. – (для ABBYY Lingvo x5).*
22. *Oxford Dictionary of English. 3rd ed. : electronic resource. – Oxford : Oxford University Press, 2010. – (для ABBYY Lingvo x5).*
23. *Reverso Context. Перловица : электронный ресурс. – URL: https://context.reverso.net/перевод/русский-английский/перловица (дата обращения: 10.08.2025).*
24. *Vocabulary.com. Sea mouse : electronic resource. – URL: https://www.vocabulary.com/dictionary/sea%20mouse (дата обращения: 10.08.2025).*

ФОРМАЛЬНО-СТРУКТУРНЫЙ, ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ И ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНОВ, ОТНОСЯЩИХСЯ К ТИПУ КОЛЬЧАТЫХ ЧЕРВЕЙ, МОЛЛЮСКОВ И ЧЛЕНИСТОНОГИХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье проводится формально-структурный, лексико-семантический и этимологический анализ терминов, относящихся к типам кольчатых червей, моллюсков и членистоногих в таджикском и английском языках. Особое внимание уделяется структурным особенностям терминологических единиц, их составу и способам синтаксического оформления. Установлено, что большинство терминов данной тематической группы функционируют в форме терминов-словосочетаний, компоненты которых соединяются различными видами синтаксических связей, включая согласование, управление и примыкание. Этимологический анализ показал, что значительная часть таджикских зоологических терминов имеет исконное происхождение и сформировалась на базе внутренних языковых ресурсов. В то же время английские эквиваленты анализируемых терминов преимущественно восходят к заимствованиям из латинского, греческого, немецкого и французского языков. В обоих языках терминологические свойства рассматриваемых единиц наиболее отчетливо

проявляются в составе словосочетаний и предложений, что свидетельствует о тесной связи терминологии с контекстом научного описания и классификации.

Ключевые слова: термин, терминология, язык, таджикский, английский, зоология, тип, структура, семантика, анализ, сравнение, общность, сходство, отличие.

ХУСУСИЁТИ ШАКЛИВУ СОХТОРӢ, ЛУҒАВИЮ МАЪНОӢ ВА РЕШАШИНОХТИИ ИСТИЛОҲОТИ МАНСУБИ ҲАЛҚАКИРМҲО, НАРМБАДАНҲО ВА БУҒУМПОЙҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола хусусиёти шакливу сохторӣ, луғавию маъноӣ ва решашинохтии истилоҳоти мансуби ҳалқакирмҳо, нармбаданҳо ва буғумпойҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Бештари истилоҳоти ин гурӯҳ дар шакли истилоҳ-ибора ба кор рафта, ҷузъҳои онҳо ба воситаи алоқаҳои мухталифи наҳвӣ пайваст мешаванд. Аз таҳлили решашинохтии истилоҳоти таҳқиқшаванда маълум шуд, ки бештари истилоҳоти тоҷикӣ баромади тоҷикӣ дошта, муодили онҳо дар забони англисӣ аз забонҳои лотиниву юнонӣ ва олмониву франсавӣ пайдо шудаанд. Дар ҳар ду забон ҳам, хусусиёти истилоҳии воҳидиҳои қиёсшаванда дар таркиби ибораву ҷумла маълум мешавад. Таҳлили решашинохтӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди истилоҳоти зоологии тоҷикӣ дорои баромади аслӣ буда, дар заминаи захираҳои дохилии забон ташаккул ёфтаанд. Ҳамзамон, муодилҳои англисии истилоҳоти таҳлилшаванда асосан аз иқтибосҳо аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ сарчашма мегиранд. Дар ҳар ду забон хусусиятҳои истилоҳии воҳидҳои мавриди қиёс бештар дар таркиби ибораҳо ва ҷумлаҳо равшан ба назар мерасанд, ки аз робитаи зичи истилоҳот бо заминаи тавсиф ва таснифоти илмӣ шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳот, забон, тоҷикӣ, англисӣ, ҷонваршиносӣ, тип, сохтор, маъно, таҳлил, муқоиса, умумият, шабоҳат, тафовут.

FORMAL-STRUCTURAL, LEXICAL-SEMANTIC AND ETYMOLOGICAL ANALYSIS OF TERMS RELATED TO THE TYPE OF ANNELID WORMS, MOLLUSCS AND ARTHOPODAS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article presents a formal-structural, lexical-semantic, and etymological analysis of terms related to annelids, mollusks, and arthropods in the Tajik and English languages. Special attention is paid to the structural features of terminological units, their component composition, and the methods of syntactic arrangement. It is established that most terms in this thematic group function as terminological word combinations, the components of which are connected by various types of syntactic relations, including agreement, government, and adjacency. The etymological analysis shows that a significant portion of Tajik zoological terms is of native origin and has been formed on the basis of internal linguistic resources. At the same time, the English equivalents of the analyzed terms predominantly derive from borrowings from Latin, Greek, German, and French. In both languages, the terminological properties of the units under comparison are most clearly manifested within word combinations and sentences, which indicates a close relationship between terminology and the context of scientific description and classification.

Keywords: term, terminology, language, Tajik, English, zoology, type, structure, semantics, analysis, comparison, commonality, similarity, difference.

Об авторе
Саидходжаева Тахмина Асадуллоевна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания английского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saidkhojaeva@mail.ru

About the author
Saidkhojaeva Takhmina Asadulloevna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Methods of Teaching the English Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saidkhojaeva@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Саидхоҷаева Тахмина Асадуллоевна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saidkhojaeva@mail.ru

ТДУ 821.222.8:821.512.133

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ ТАҲҚИҚИ РОБИТАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКУ ЎЗБЕК

Солеҳов Ш. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Масъалаи равобити адабӣ ё ба истилоҳи имрӯза компративистикаи адабӣ аз муаммоҳои муҳимму мубрами адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар замони мо, ин шохаи илмии адабиётшиносӣ хеле пешрафт намуда, барои таҳқиқу омӯзиши равандҳои инкишофи равобити адабӣ, таъсири байниҳамдигарӣ ва мутақобилаи адабиётҳои миллӣ ва шеваю усулҳои муосир ва босамари илмию пажуҳишӣ кор мегирад. Вале мутаасифона, ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар Ӯзбекистон равандҳои чандинасраи равобити адабии тоҷику ӯзбек хеле суст ва то ҳанӯз бо шеваҳои куҳнаи адабиётшиносии иҷтимоъгарои аҳди Шуравӣ таҳқиқ ва баррасӣ мегардад, ки он моҳияту самараи адабию эҷодӣ ва адабию эстетикии тамоилҳои асосии инкишофи таъсири мутақобилаи адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбекро ба таври лозимӣ равшан намесозад. Муҳаққиқони ин самти адабиётшиносии тоҷику ӯзбекро лозим аст, ки пажуҳишҳои худро дар сатҳи илми компративистикаи муосир анҷом диҳанд, зеро адабиётшиносии муқоисавӣ ва тадбиқӣ марҳала ба марҳала пеш рафта, мақому нуфузи худро дар илми филологияи муосир меафзояд [1, с. 5]. Хоса дар замони мо, ки тадриҷан, дар улуми ҷомеашиносӣ консепсияи гуфтугӯи тамаддунҳо ҷойгузини назарияи бархӯрди тамадунҳо мегардад. Ҳарчанд зуҳури назарияҳои номбурда ба замони муосир рост ояд ҳам муҳақиқон решаҳо ва заминаҳои онҳоро аз таълифот ва таҳқиқоти бунёдию мондагори донишманди пешин, аз ҷумла донишманди фақиди рус М.Бахтин ҷустуҷӯ мекунанд [2, с. 384].

М.Бахтин хусусияти диалогӣ доштани осори адабиро баррасӣ намуда, таъкид карда буд, ки матн дар бархӯрд ва иртиботи пайваста бо мутуни дигар зуҳур менамояд. Танҳо ҳангоми иртибот шуълае пайдо мешавад, ки он гузаштаю ояндаи иртиботи матнро равшан месозад. Муҳақиқи адабиётшиносии тадбиқӣ В.Н. Топоров усули таҳқиқи қиёсии матнҳои адабиро баррасӣ намуда, онҳоро ҳамчун василаи босамари ташхиси “шабоҳатҳо” ва “тафовутҳо” дар матни адабӣ тавзеҳ карда буд. Вай таъкид мекард, ки қиёсу муқобалаи падидаҳои фарҳангӣ бевосита иртибот доранд, ба ҳастии инсон дар фазои аломатҳои фарҳангӣ [1, с. 5].

Бояд гуфт, ки истилоҳи адабиётшиносии муқоисавӣ ҳанӯз дар ибтидои қарни ХХ дар Фаронса, дар пайравӣ аз донишманди соҳаи анатомия Ж. Кюве, ки назарияи “анатомияи қиёсӣ”-ро пешниҳод карда буд, пайдо гардид. Айни замон, донишмандон таърихи ташаккули илми адабиётшиносии муқоисавиро ба ду марҳала ҷудо мекунанд. Давраи аввал он марбут ба фаъолиятҳои пажуҳиши тарафдорони усули таърихӣ- фарҳангии омӯзиши равандҳои адабӣ мебошад. Давраи нави он бошад, гиреҳ мехурад бо дастовардҳо, усулҳо ва шеваҳои навтарину муосири марбут ба мактабҳои гуногуни илми адабиётшиносӣ.

Муҳаққиқони муосири бахши номбурдаи илми адабиётшиносӣ бештар ба масъалаҳои таъсири мутақобила ва таъсири байниҳамдигарии адабиётҳои миллӣ таваҷҷуҳ доранд, ки онҳо воқеан, омили муҳимми на танҳо қаробати адабиётҳост, балки василаи пурсамари ҳамгироӣ ва ҳамзистии тамаддунҳо мебошад. Ин нукта аз ҳадафҳои меҳварии мактабҳои муосири илми компративистика, аз қабили Асотсиатсияи байналмилалии таҳқиқотҳои муқоисавии адабиётҳо ва фарҳангҳо, маркази олмонии омӯзиши қиёсии адабиётҳо, марказ ва мактабҳои омузиши қиёсии адабиётҳо ва тамаддунҳои ШМА, мактаби фаронсавии омӯзиши қиёсии адабиётҳо ва тамаддунҳо ва ғайра мебошад.

Ҳадафи дигари мактабҳои номбурда дар баробари аз тариқи адабиёт роҳи васеъ кушодан ба гуфтугӯи тамаддунҳо, инчунин таҳқиқ ва ташхис намудани иртиботи генетикӣ ва типологӣ дар байни адабиётҳои миллӣ мебошад. Зуҳури консепсияҳои илмии “иртиботи адабӣ”, “алоқаҳои адабӣ”, “табодули байналмилалии адабӣ”, “алоқаи байниҳамдигарӣ ва таъсири мутақобилаи адабиётҳо”, “таъсири адабӣ”, “вомгирии адабӣ” ва ғайра ба аҳдофи мазкури мактабҳои номбурда пайванди бевосита дорад.

Аз тарафи дигар, мақсади ниҳоии мактабҳои компративистикии муосир дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ муайян намудани шабоҳатҳои типологӣ дар адабиёти халқҳои гуногуни Ғарбу Шарқ ва ба ин васила, суръат бахшидан ба раванди гуфтугӯи тамаддунҳо ва ба ҳам наздик сохтани халқу миллатҳои гуногун мебошад. Инкишофи босуръати адабиётшиносии муқоисавӣ ба ҳайси як шохаи ояндадори улуми инсонӣ ба масъалаҳои зикргардида сахт алоқаманд аст.

Дар чунин шароити инкишофи илми адабиётшиносии муқоисавӣ муҳаққиқони моро лозим аст, ки комилан шеваю усулҳо, консепсияҳо ва назарияҳои мавҷудаи таҳқиқу шинохти равандҳои инкишофи робитаҳои адабии тоҷику ӯзбекро тағйиру таҷдид ва муосиртар намоянд.

Ба назари мо, муҳаққиқони соҳаро лозим аст, ки пеш аз ҳама равобити адабии халқҳои тоҷику ӯзбекро аз робитаҳои адабӣ бо халқҳои дигар фарқ кунанд, чунки равобити адабию фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек дорои вижагиҳои генетикию типологии хос мебошад [3, с. 8]. Бисёре аз вижагиҳо ва ҷолибити онҳоро мо дар равобити адабӣ бо халқҳои дигар мушоҳида намекунем.

Ин ду халқи таърихан ҳамқисмат дар тули асрҳо на танҳо дар як минтақа, минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар як фазои ягонаи воҳиди фарҳангию маънавӣ зиндагӣ намуданд ва фарҳангу адабиёти миллии худро дар заминаи сарчашмаҳо ва пуштвонаҳои генетикии муштарак офаридаанд, ки он дар асрҳои миёна ва хоса чанд садсолаи охир тавассути таъсири босамари байниҳамдигарӣ ва таъсирпазирии пайваставу мудаввом инкишоф ёфт. Агар мо ба равандҳои гуногунпаҳлӯи алоқаҳо ва иртиботи адабию фарҳангии байни халқҳои тоҷику ӯзбек дар панҷ –шаш қарни охир назар андозем, падидаҳои ҷолибро ба мушоҳида мегирем. Махсусан, таъсири мустақили ё равандҳои таъсири мутақобилаи байни адабиёти тоҷику ӯзбек, таъсирпазирии дохилӣ дар сатҳи эҷодиёти шоирону нависандагони алоҳида ё асарҳои мушахас ва ё анвои адабӣ, махсусан, дар анвои шеъри классикӣ қобили таваҷҷуҳи хоса мебошад. Мо дар ин самт шеваҳо ва усулҳои ҷолиби эҷодию ҳунарии таъсирпазирӣ, вариантсозӣ ва вомгирии адабию ҳунарии сужетҳо, образҳои маъруфу архетиппӣ, анвои шеърӣ ва образҳои шоирона, татабуъоту назирапардозии адабӣ ва ғайраҳо ба таври фаровон ба мушоҳида мегирем. Дар таърихи адабиёти классикӣ ё ба истилоҳи бародарони ӯзбек адабиёти мумтоз (воқеан, истилоҳи қобили мулоҳиза мебошад) дар масъалаи ғазалсароӣ ҳам барои шоирони тоҷик ва ҳам шоирони ӯзбек ашъори Саъдӣ, Ҳофиз ва Камол ҳамеша намуна ё улгуи ҳунарӣ маҳсуб меёфт. Дар маснависароӣ бошад ашъори Низомии Ганҷавӣ, Ҷомӣ, Мавлоно ва Амир Хусраву Алишери Навоӣ меъёр ҳисоб меёфт.

Таъсири ашъори шоирони номбурдаро мо дар эҷодиёти аксари намояндагони адабиёти асрҳои ХУ-Х1Х ва ҳатто қарнҳои баъдии адабиёти тоҷику ӯзбек ба мушоҳида мегирем. Аммо қонунҳо ва омилҳои адабию фарҳангии ин равандҳои бисёрпаҳлӯи иртиботи адабии халқҳои тоҷику ӯзбек то ҳанӯз ба таври муназзаму системавӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи фарогир қарор нагирифтааст.

Вақте ки мо бо назари таҳқиқи ба дохили равандҳои иртиботии адабии халқҳои тоҷику ӯзбек ворид мегардем, махсусан дар давраи классикӣ, ба қавли донишмандони рус И.Г.Неупокоева “доираи падидаҳои қиёсшаванда, ё муқоисашаванда тадриҷан, васеъ шудан мегирад” [5, с. 169]. Барои омӯзиш ва таҳқиқи босамару фарогири равандҳои серпаҳлуи робитаҳои адабӣ ва хоса, робитаҳои адабию тоқику ӯзбек дар давраи классикӣ метавон аз усул ё назарияи И.Г.Неупокоева дар мавриди муштаракоти шабеҳи типологӣ истифода намуд. Ҳадафи ин назария ё методологияи донишмандони рус мушаххас сохтани муштаракоти адабии халқҳои гуногун, на танҳо аз нигоҳи баромади генетикӣ, балки аз лоҳози шабоҳатҳои зоҳирӣ ва зуҳурӣ ҳам мебошад. Вай ду паҳлӯи асосии шабоҳатҳои адабиро махсус таъкид менамояд, ки ин, пеш аз ҳама монандии низоми тафаккури адабӣ ва алоқа ё таъсири мутақобилаи адабиёт ва муҳити иҷтимоӣ мебошад [5, с. 175].

Воқеан, ҳар як марҳалаи инкишофи равобити адабӣ, аз ҷумла робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек ҳам аз нигоҳи омилҳои таърихию иҷтимоӣ ва ҳам нигоҳи омилҳои сирф адабию ҳунарӣ масъалаҳои зиёди назарию амалие дорад, ки то ҳануз ба таври зарурӣ дар сатҳи илми компротивистикаи муосир мавриди омузиш ва таҳқиқи фарогир қарор нагирифтааст. Ба ҳамин хотир, баъзан дар матбуот ва ҳоло бештар дар сайтҳои интернетӣ мақолаҳо ва андешароиҳои содалавҳонаю бепоя ва муғризонае ба хотири нишон додани бартариҳои сохтаю бепояи як шоир аз шоири дигар ё як адиб аз адиби дигар ба нашр мерасанд, ки онҳо ба илми воқеӣ ва хоса, ба компротивистикаи адабӣ ягон иртибот надоранд.

Ба назари мо, барои ба таври илмӣ муайян кардани равандҳои таърихии равобити адабию фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек бояд ҳамеша ба воқеиятҳои объективии сарнавишти

таърихии ин ду халқи дӯсту бародар бояд такя кард. Дар ин самт, донишмандони тоҷику ӯзбекро лозим аст, ки барномаҳои муштараки ҳамкориҳоро тарҳрезӣ ва амалӣ гардонанд. Махсусан, дар замони мо бо ибтикори бевоситаи сарвари Тоҷикистону Ӯзбекистон барои ривоҷи ҳамкориҳои илмию адабӣ ва фарҳангию маърифатӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Аз ин рӯ, бо истифода аз вазифа ва ҳадафи ҳамоиши байналмилалӣ чанд пешниҳоди мушаххас, ба хотири дар сатҳи муносиб ва ба талаботи компротивистикаи муосир ба роҳ мондани равандҳои муосири омӯзишу таҳқиқи равобити адабии тоҷику ӯзбек пешниҳод мешавад:

1. Таҳияи лоиҳаи махсуси таҳқиқотӣ ба хотири таълифи таърихи воқеӣ ва объективию илмии робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек аз давраи классикӣ то замони муосир;
2. Ташкили як шурои адабию эҷодӣ дар байни иттиҳодияҳои нависандагони Ӯзбекистону Тоҷикистон ба хотири рушди робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар давраи истиқлоли ҳар ду кишвар. Ин шуро бояд, пеш аз ҳама суннатҳои неки ҳамкориҳои адабию эҷодии замони устодон М. Турсунзода ва Ғ. Ғуломро ба хотири тақвиятбахшии дӯстию бародарии абадии халқҳои тоҷику ӯзбек эҳё намояд. Тарҷума ва нашри асарҳои арзишманди адибони класикию муосири тоҷику ӯзбекро дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба таври доимӣ ба роҳ монад. Маҳфилҳо ва вохӯриҳои муштараки шоирону нависандагону тоҷики ӯзбекро пайваста дар ҳар ду ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор кунад, ки ин воқеан, омили хуб ва муассири мустаҳкамсозии дустии таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек маҳсуб меёбад.
3. Имрӯз дар ганҷинаҳои дастхатҳои мавҷудаи Тоҷикистону Ӯзбекистон нусхаҳои зиёди нодири асарҳои бузургони гузаштаи тоҷикону ӯзбекон маҳфузанд, ки бо сабабҳои гуногуни объективию субъективӣ муҳаққиқон ба онҳо дастрасӣ надорад. Ба хотири аз байн бардоштани ин монеаҳо бояд байни ниҳодҳои нусхашиносӣ ва ховаршиносии Ӯзбекистону Тоҷикистон барномаҳои махсуси электронӣ кардан ва мавриди истифодаи доираи васеи муҳаққиқон қарор додани нусхаҳои нодири дар ҳар ду ҷумҳурӣ маҳфузбуда амалӣ гардонида шавад.
4. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди илмию таълимӣ, табодули устодону донишҷӯён дар байни факултаҳои филологияи тоҷику ӯзбеки Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон барои рушди равобити илмию адабӣ, тақвияти ҳамкориҳои пажуҳишию эҷодӣ заминаи хуб фароҳам месозад.

Дар маҷмуъ, имрӯз бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев, хоса баъди аз тарафи сарвари Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расидани аҳдномаи дӯстию абадии халқҳои тоҷику ӯзбек барои ривоҷу равнақи ҳамкориҳои илмию таҳқиқотӣ, адабию эҷодӣ, равобити пайвастаи бисёрҷабҳаи фарҳангӣ роҳи васеъ кушода шуд, ки аз он бояд босамар ва бо мақсадҳои неку созандаи тақвият ва таҳкими дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек истифода намуд.

Адабиёт

1. *Аминева, В. Р. Теоретические основы сравнительного и сопоставительного литературоведения / В. Р. Аминева. – Казан: КФУ, 2014. – 105 с.*
2. *Бахтин, М. М. Эстетика словесного творчества / М. М. Бахтин. – М.: Искусство, 1979. – 423 с.*
3. *Болшакова, А. Ю. Типология и менталитет / А. Ю. Болшакова // Филологические науки, 1996. – № 6. – С. 3-12.*
4. *Давронов, А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт / А. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1984. - 80 с.*
5. *Неупокоева, И. Г. О понятии общего типологического рода / И. Г. Неупокоева // Контекст. – 1974. – М.: Наука, 1974. – С. 168-186.*
6. *Раҳмонзода, А. Равобити адабию фарҳангии халқҳои тоҷик ва ӯзбек / А. Раҳмонзода. - Душанбе: Шарқи озод, 2018. - 40 с.*
7. *Самад, В. Пайвандҳои адабӣ / В.Самад. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 23 с.*
8. *Табаров, С. Равобити адабии халқҳои ватанамон инкишоф меёбад / С. Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм, ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 323 с.*
9. *Топоров, В. Н. Восток – Запад: Переводы. Публикации / В. Н. Топоров. – М.: Наука, 1989. – 301 с.*
10. *Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо: Маҷмуаи мақолаҳо / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 221 с.*

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ ТАҲҚИҚИ РОБИТАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКУ ЎЗБЕК

Масъалаи равобити адабӣ ё ба истилоҳи имрӯза компративистикаи адабӣ аз муаммоҳои муҳимму мубрами адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар замони мо, ин шохаи илмии адабиётшиносӣ хеле пешрафт намуда, барои таҳқиқу омӯзиши равандҳои инкишофи равобити адабӣ, таъсири байниҳамдигарӣ ва мутақобилаи адабиётҳои миллӣ ва шеваю усулҳои муосир ва босамари илмию пажуҳишӣ кор мегирад. Дар мақолаи мазкур проблемаи мавриди назар аз чанд дидгоҳ баррасӣ мешавад. Муаллиф барои таҳкими робитаҳои адабӣ дар замони муосир як қатор пешниҳодҳои амалиро, аз ҷумла таълифи таърихи объективии робитаҳои адабӣ, ташкили шурои муштараки адабӣ, электронӣ гардонидани дастхатҳои нодир ва рушди табодули академиро ба миён мегузорад. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф метавонад барои рушди робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек ва таҳқиқи масоили мубрами он мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: равобити адабӣ, тоҷик, ӯзбек, адабиёт, тарҷимаи бадеӣ, муаллиф, таҳқиқ, адабиёти миллӣ, нависанда, фарҳанг.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Проблема литературных связей, или, выражаясь современным языком, литературной компаративистики, является одной из важнейших и актуальных проблем современного литературоведения. В наше время эта научная отрасль достигла значительных успехов и использует для исследования и изучения процессов развития литературных связей, взаимовлияния и взаимодействия национальных литератур современные и эффективные научно-исследовательские методы. В данной статье проблема рассматривается с нескольких точек зрения. Автор выдвигает ряд практических предложений для укрепления литературных связей на современном этапе, включая создание объективной истории литературных отношений, организацию совместного литературного совета, оцифровку редких рукописей и развитие академического обмена. Конкретные предложения автора могут способствовать развитию таджикско-узбекских литературных связей и изучению их актуальных проблем.

Ключевые слова: литературные связи, таджикский, узбекский языки, литература, художественный перевод, автор, исследование, национальная литература, писатель, культура.

SOME THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES IN THE STUDY OF TAJIK-UZBEK LITERARY RELATIONS

The problem of literary connections, or, in modern parlance, literary comparative studies, is one of the most important and pressing issues in contemporary literary studies. This branch of literary studies has achieved significant success in our time and utilizes modern and effective research methods to explore and study the development of literary connections, as well as the mutual influence and interaction of national literatures. This article examines this issue from several perspectives. The author puts forward a number of practical proposals for strengthening literary ties at the current stage, including the creation of an objective history of literary relations, the organization of a joint literary council, the digitization of rare manuscripts, and the development of academic exchange. The author's specific proposals can contribute to the development of Tajik-Uzbek literary ties and the study of their current problems.

Keywords: literary ties, Tajik and Uzbek languages, literature, literary translation, author, research, national literature, writer, culture.

Дар бораи муаллиф
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович
Доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: soleh59@mail.ru

Об авторе
Солехов Шамсиддин Аслиддинович
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: soleh59@mail.ru

About the author
Solehov Shamsiddin Asliddinovich
Doctor of Philology, Professor, Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: soleh59@mail.ru

ТДУ 821.222.1.091

ТАҲҚИҚИ МАТНШИНОСӢ ВА ТАТБИҚИИ ЯК ТАТАББУИ АЛИШЕРИ НАВОӢ БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Нурзод Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта маълум гардид, ки аз шумори умумии ғазалиёти девони форсии Амир Алишери Навоӣ теъдоди бештари онро татаббуоти ӯ ба ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба вуҷуд овардаанд. Ҳатто агар ҳамон миқдори татаббуоти ба ашъори Хоҷае Шероз сурудаи Фониро, ки Алии Муҳаммадии Хуросонӣ 237 адад муқаррар намудааст [5, с. 26], бо такя бар миқдории куллии муайяншудаи шоир бипазирем, боз ҳам равшан мешавад, ки бештар аз нисфи ғазалиёти Девони суханвар дар истиқболи Хоҷаи Шероз суруда шудаанд. Ин ҷо бо таъкид бар ин матлаб ҳаргиз наметавон чунин амр кард, ки бештари ғазалиёти форсии Навоӣ сурудаҳои пайравӣ ё тақлидро фаро мегирад, балки маҷмуаи он истиқболи муқаллидона набуда, балки татаббуъ аст ва суроиши татаббуъ дар асри зиндагонии ин суханвари маҳбуб милоки ҳунари шоирӣ будааст, ки нишонаҳои онро дар ашъори устоди Фонӣ - Абдураҳмони Ҷомӣ низ мушоҳида мекунем. Дар канори ин, татаббуи яке аз бузуртарин суханварони адабиёти классикии тоҷик - Ҳофизи Шерозӣ, ки мақоми «Лисон-ул-ғайб»-ро дарёфтааст, инчунин шоирони номоваре чун Амир Хусраву Ҳасан, Камолу Ҷомӣ ва дигарон дар он рӯзгор воқеан, ҳунари баланди суханварӣ ҳам эътироф мегардад. Ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси номвари тоҷик Расул Ҳодизода аст, ки дар иртибот ба ин баҳс фармудаанд: «Маълум мешавад, ки пайравӣ ва татабуи Фонӣ дар ашъори ғазалсароёни форсу тоҷик на аз рӯи аҷзу нотавонии эҷодӣ, балки аз қудрату дастболоии ӯ дар назми назми дарӣ-порсии тоҷикӣ будааст» [14, с. 110-120]. Воқеияти ин сухани устод Расул Ҳодизода дар бахши ҷараёни бахши дувуми баррасиҳои мо, ки таҳқиқи татбиқии ин ғазал ба сурудаҳои Ҳофиз ва Ҷомӣ бештар ҷилвагар хоҳад шуд. Аммо дар заминаи таҳқиқи татбиқӣ ва ошноии амиқ ба муҳтаво ва шеваи иншои Навоӣ нуктаи дигаре ҳам равшан мешавад, ки ба эътибор гирифтани он низ амри муҳим аст. Қабл аз он ки Амир Алишери Навоӣ ин ғазалҳои хоҷаро татаббуъ кунад, устоди ӯ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам истиқболияҳое суруда. Ин амр моро бар ин натиҷа мерасонад, ки дар зимни як нуктаи муҳим биандезем. Оё чунин ғазалҳоро Навоӣ мустақим дар посухи ғазали Ҳофиз сурудааст ё аз роҳи истиқболи шеваи устоди хеш Абдураҳмони Ҷомӣ. Ишорати махсуси Навоӣ дар мақтаъи як ғазали хеш, ки дар меҳвари таҳқиқи мо қарор дораад, моро ба тааммули бештар дар ин мавзуъ водор месозад. Аз сӯи дигар, дар байти дигари мақтаи як ғазали худ фармуда:

Хусраву Ҳофиз туро, Фонӣ, агар ҳодиянд,
Пайравии Ҷомият, ҳаст ба ваҷҳи Ҳасан [5, с. 319].

Ин ҷо вожаи Ҳасан ҳам ба ду маънист. Аввал, ба маънии ҳусн, хубӣ ва зебоӣ, дувум тахаллуси шоирии суханвари дигари Деҳлавӣ- Ҳасан. Ҳаройина, таҳқиқи татбиқи рӯи масъалаи умумият ва фарқияти ғазали Фонӣ аз сурудаҳои Ҳофизу Ҷомӣ нукоти муҳимеро метавонад муқаррар созад, ки зимни он аввал ибдооти Навоӣ дар заминаи таттабуъ ва омезиши падидаҳои сабки суханварони мавриди таваҷҷуҳи ӯ равшан мегардад, ки дар шинохти вежагиҳои сабки сухани шоир ва бадеияти каломи вай нақши муассир доранд.

Бар ин хотир, нахуст мо барои равшантар намудани асли матлаб баҳси матншиносии як ғазали татаббуии Амир Алишери Навоиро дар асоси се нусхаи хаттӣ ва ду нашри Девони форсӣ дар аввал ба миён гузоштем. Ғазали мазкур дар нусхаи хаттии Девони форсии Навоӣ, ки дар китобхонаи миллии Порис бо шумораи 1345 маҳфуз аст, чунин омада:

Татаббуи хоҷа:

Мову маи муғонаву гулбонги паҳлавӣ,
Пири муғон ҳар ончи кунад кор, пайравӣ.
Май деҳ, ки дӯш куҳнабараҳман ба дайр маст
Май мезаду шунидам аз он пири маънавӣ.
К-эй ринди дурдкаш, чу ба давр эътимод нест,
Аз даври бода беҳ, ки даме баҳравар шавӣ.
Дунё рабуд чун ту ҳазорон ҳазорро,

Дил чун ниҳӣ ба васвасаву макри дунявӣ.
Дил дар нигорхонаи Чинӣ мабанд аз он-к,
Монӣ гаҳи шудан ҳама ин нақши монавӣ.
Бар дӯстии даҳр манеҳ дил, чаро ки ту
Бас дӯсти заифию ӯ душмани қавӣ.
Бадмаст ринди арбадагар дар буруни дайр
Беҳтар ба кунҷи савмаа аз шайхи мунзавӣ.
Тарсоҷавони маст ҳамесозадам ҳалок,
К-аз нуктааш аён бувад анфоси Исавӣ.
Фонӣ, агарчи Ҷомию Шерозият хуш аст,
Натвон зи даст дод ҳам оини Деҳлавӣ [11, 138 б].

Таҳқиқии матншиносии қиёсии ин ғазал дар навбати аввал бо ду нусхаи хаттии дигар, яке маҳфуз дар ҳамин китобхона бо шумораи 285 ва дигаре дар китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо шумораи 1035 маълум намуд, ки аз лизоҳи тағироти матнӣ фарқияти зиёде ба чашм намерасад. Бояд гуфт, ки дар бораи арзиш ва аҳамияти ин нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии Эрон дар матншиносии мероси Алишери Навоӣ профессор Абдулманнони Насриддин низ изҳори назар намудаанд, ки муҳаққиқи ҷавон Нуъмонҷон Нигматов дар мақолаи хеш “Алишери Навоӣ дар таҳқиқоти Абдулманнони Насриддин” ин мавзуъро баррасӣ кардааст [10, с. 220].

Ҳангоми қиёс бо гунаи маҳфуз дар нусхаи дувуми китобхонаи миллии Порис равшан шуд, ки дар пештоқи ғазал дар ин нусха ба ҷои татабуи Хоҷа «Айзан» зикр гардида ва албатта ин ҳам сабаб ҳам дорад. Дар ин нусха қаблан ғазале зикр шуда,ки он ҳам ба истиқболи ғазали Хоҷа Ҳофиз суруда шудаааст. Ин ҷо ба сурати куллӣ фарқияти матншиносии нусхаи аввал аз дувуми Париж дар он муайян мегардад, ки дар нусхаи дувум зикри татабуъ дар ҳар ғазал такрор намешавад. Агар ғазали аввал аз Хоҷа аст, дувумро бо зикри «айзан» ба маънии таъкидии ҳамчунин ишорат мекунад, ки ин ҳам аз лисонулғайб мебошад. Аммо дар нусхаи аввал зикри такрори татабуи дар ҳама ғазалҳо мушоҳида мешавад. Зимни муқоисаи нусхаҳо маълум мегардад, ки дар ҳарду нусха қабл аз ғазали мавриди таҳқиқи мо ғазале бо матлаи зайл омада ва қабл аз манзур шудани он татабуи Хоҷа зикр гардида:

Боз дар кӯи муғон ошиқу мастам ҷое,
На зи хешам хабару на зи кас парвое.

Дар нусхаи дувуми хаттии Париж дар мисраи дувум ҳарфи «з», ки ифодакунандаи «зи» аст, афтода ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки нусхаи дувум ғалатҳои катбӣ ҳам дорад. Ҳамин иштибоҳ дар нусхаи хаттии Маҷлиси Шурои исломӣ низ дида мешавад, ҳарчанд ин ғазал дар нусхаи мазкур қабл аз ғазали мавриди таҳлили мо наёмада. Зимнан, ин ҷо бояд афзуд, ки дар нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамон шеваи китобати нусхаи аввали китобхонаи миллии Порис риоят шудааст, яъне қабл аз ҳар ғазал зикри татабуи шоири мавриди назар ба чашм мерасад. Фарқиятҳои матнӣ дар миёни ин ду нусха танҳо дар як маврид дар байти зерин ба мушоҳида мерасад:

Дар нусхаи аввал байт чунин омада:
Тарсоҷавони маст ҳамесозадам ҳалок,
К-аз нуктааш аён бувад анфоси Исавӣ.

Дар нусхаи дувум бошад ба ҷои вожаи «маст» «шӯх» омада ва чунин сурат гирифта:

Тарсоҷавони шӯх ҳамесозадам ҳалок,
К-аз нуктааш аён бувад анфоси Исавӣ. Парижх [12, 330].

Илова бар ин ки байти мазкур дар нусхаи китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломӣ низ бар ҳамин шакли мактуб дар нусхаи дувум омада, дар байти дигаре низ фарқияте дар он ҷой дорад. Дар байти

К-эй ринди дурдкаш, чу ба давр эътимод нест,
Аз даври бода беҳ, ки даме баҳравар шавӣ [13, 283].

Ба ҷои «чу ба давр» чу ба умр» омадааст.

Боқии абёт монанди ҳамдигар ҳастанд ва зимни муқоиса ба чор нашри Девони форсии Навоӣ, Рукниддини Ҳумоюнфаррух Сайидаббоси Растохез, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, ҷилди 18-уми Куллиёти Навоӣ, нашри Тошканд маълум гардид, ки аксари ин нашрҳо асли ғазалро шояд аз рӯи нусхаи дувуми китобхонаи Порис ё маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон гирифтаанд. Чун байти зерин дар ҳамаи нашрҳо ба ҳамин шакл омада:

Тарсоҷавони шӯх ҳамесозадам ҳалок,

К-аз нуктааш аён бувад анфоси Исавӣ.

Танҳо дар нусхаи хаттии аввали китобхонаи миллии Порис шакли «тарсоҷавони маст» дида мешаваду халос:

Тарсоҷавони маст ҳамесозадам ҳалок,
К-аз нуктааш аён бувад анфоси Исавӣ [11, 138 б].

Аммо дар нашри Куллиёти Навоӣ, ҷилди 18-ум, ки соли 2002 дар Тошканд ба чоп расида, чанд ғалат зимни баргардон ба назар расид. Нахуст, байти дувум ғазал ба ин шакл омада:

Май деҳ, ки дӯш куҳна бараҳман ба дайр маст
Май мезаду шунидам аз он пири маънавӣ [2, 295].

Ин ҷо бояд вожаи «куҳнабараҳман» ба тақозои мантиқи сухан якҷоя навишта шавад, ки мутаассифона ин талабот зимни баргардон риоят нашуда. Ҳамчунин байти панҷум ба ин шакл омада:

Дил дар нигорхонаи Чинӣ мабанд аз он-к,
Монад гаҳи шудан ҳама ин нақши монавӣ [2, 295].

Аз мантиқи сухан пайдост, ки шоир ба шахси дувум мурочиат мекунад, аз ин рӯ гунаи дар нусхаҳои хаттӣ омада, яъне «монӣ гаҳи шудан» дуруст аст. Ин шакли дар нашри мазкур ҷой дошта, дар нусхаҳои хаттӣ ҳам дида нашуд. Як ғалати дигари дар ин нашр мавҷуд боз ҳам марбут ба нодуруст навиштани шакли калимаи мураккаб дар байти 8 аст, яъне ин ҷо ҳам «тарсоҷавон» ба сурати «тарсо ҷавон» забт шуда, ки ба мантиқи байт халал эҷод намуда. Шакли дурусти навишти вожагони мураккаб дар матни тасҳеҳнамудаи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар шакли сириллик риоят шудааст.

Дар нашри тоҷикистонӣ дар таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ низ дар байти савум шояд иштибоҳе рафтааст, зеро дар ин ҷо ба ҷои «эътимод» вожа «эътибор» омада ва байт гунаи зайл гирифта:

К-эй ринди дурдкаш, чу ба давр эътибор нест,
Аз даври бода беҳ, ки даме баҳравар шавӣ [5, с. 368].

Дар назари аввал, дар ҳар се нусхаи хаттии дар ихтиёри мо қарордошта шакли дуруст ба мантиқи байт «эътимод» омада ва ба эҳтимоли зиёд дар ин нашр ба иллати қаробати навишти ҳар ду вожа иштибоҳи чоп рафтааст.

Аз таҳқиқи матншиносии таттабуи Амир Алишери Навоӣ бармеояд, ки ҳарчанд камтар аст, аммо фарқиятҳо дар нусхаҳои хаттӣ ба мушоҳида мерасанд, ки таҳлили қиёсии онҳо ҳам барои маърифати асли матолиб ва ҳам таҳияи нашри илмӣ-интиқодии Девони форсии шоир муҳим ба назар мерасанд. Ин чанд фарқияти кам танҳо дар заминаи як ғазал муқаррар гардид ва имтинон дорем, ки дар ҷараёни таҳқиқи куллии матншиносӣ ва тасҳеҳи наашри илмӣ - интиқодии Девони форсии шоир чунин тағироти матнӣ бештари ошкор хоҳад гардид.

Таҳқиқи татбиқии татабуии Навоӣ бар ғазали Ҳофизи Шерозӣ. Бо мақсади баррасии дақиқи матолиби меҳварии пажуҳиш ба назари мо руҷуи кутоҳ ба масъалаҳои матншиносии Ғазали Ҳофизи Шерозӣ низ зарур аст. Дар қадимтарин нусхаи нашрнашудаи Девони Ҳофиз, ки китобати он дар соли 801 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ бар 1398 милодӣ иттифоқ афтодаст, ин ғазал дар ҳошияи нусха дар 9 байт зикр шуда ва мо матни онро асос гирифтем:

Булбул зи шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ
Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ,
Яъне, биё, ки оташи Мӯсо намуд гул,
То аз дарахт нуктаи тавҳид бишнавӣ!
Мурғони боғ қофиясанҷанду базлагӯй,
То хоҷа май хурад ба ғазалҳои паҳлавӣ.
Ҷамшед ҷуз ҳикояти ҷом аз ҷаҳон набурд,
Зинҳор дил мабанд бар асбоби дунявӣ.
Ин қиссаи аҷаб шунав аз бахти вожгун,
Моро бикушт ёр ба анфоси исавӣ!
Чашмат ба ғамза хонаи мардум хароб кард,
Махмурият мабод, ки хуш маст меравӣ!
Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-«Эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ!»
Хуш вақти бӯриёву гадоию хоби амн,
К-ин айш нест дархури авранги хусравӣ.

Соқӣ магар вазифаи Ҳофиз зиёда дод,
К-ошуфта гашт турраву дастори мавлавӣ! [19, с. 34].

Дар охирин нашри Девони Ҳофиз, ки аз сӯи Масъуди Миршоҳӣ дар Эрон ба чоп расид, ғазал ҳомили 11 байт аст. Ба назар мерасад, ки ин ду байт дар он илҳоқ шуда:

Май хӯр ба табъи шод, ки дилтангият мабод,
Баъд аз ту хок бар сари асбоби дунявӣ!
Дарвешаму гадову баробар намекунам
Пашмин кулоҳи хеш ба сад тоҷи хусравӣ [17, с. 641].

Илҳоқи будани байти аввал аз он ҳам равшан мегардад, ки дар он вожаи дунявӣ такроран қофия шуда ва мисраъ анқариб такрори маъноии мисраи дувуми байти чорум аст. Байти дувум ҳам қаробате маъноӣ ба байти ҳафтум дорад. Дар асли матни таҳиянамудаи Салими Найсорӣ низ ғазали мазкур 9 байт аст, аммо дар ҳошия бар асоси як нусхаи дигар байте низ зикр шуда ба сурати зайл:

Май хӯр, ки дар қиёси фароғу ҳисоби амн,
Як бурёи фақру сад авранги хусравӣ [15, с. 458].

Дар ин ҳол ҳам, мазмуни байти мазкур ба байти ҳафтум қаробат дорад ва бо такя бар ин таҳқиқи матншиносии куллии ғазал маълум мегардад, ки ду байт илҳоқӣ ҳастанд ва дар асл ғазали мазкур аз 9 байт таркиб ёфта. Албатта, ин ғазал аз сӯи суханварони зиёде дар адабиёти гузаштаи мо истиқбол ёфта ва қабл аз он ки Навоӣ устоди ӯ Абдураҳмони Ҷомӣ дар 9 байт ҷавобияе бар ин сурудаи Ҳофиз ба қалам оварда ба ин сурат:

Гул зад ба боғ субҳдам авранги хусравӣ,
Бардошт булбул аз чаман оҳанги паҳлавӣ.
Яъне, бисоти сабза шуд аз лутфи бод нав,
Аҳди нишотро ту ҳам аз бода деҳ навӣ.
Бо мо намезанад дами лутф, он ки таъбияст,
Дар лаъли ӯ латофати анфоси Исавӣ.
Гуфтам, ки кай шавам ба дари қурби ту муқим?
Гуфт: он замон, ки аз худии худ бадар шавӣ.
Дар ишқ шав алам, ки ба олам намондааст,
Ҷуз қиссаи Аёзу Маҳмуди Ғазнавӣ.
Кай лаззати калом чашӣ, гар на чун Калим,
Бо дӯст як-ду ҳарф бигӯйву бишнавӣ.
Ҷамъияти дил ар талабӣ, санги тафриқа
Афкан ба шиша-хонаи асбоби дунявӣ.
Маҷмуаи латофати Ҷомӣ сафина нест,
Баҳрест пурҷавоҳири асрори маънавӣ.
Табрезро ту Шамси абадпартавию ҳаст,
Гуфтори ӯ ба номи ту ашъори Мавлавӣ [20, с. 763-764].

Руҷуе кутоҳ бар матншиносии ин ғазал ҳам нуктаеро мусаллам мегардонад, ки байти охир, ки дар асл аз диди сохторшиносӣ баъд аз байти тахаллус омада ва албатта чунин шева дар эҷоди ин навъи шеърӣ баъд аз Саъдӣ марсум ҳам шуд, дар бархе нусхаву нашрҳо дида намешавад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҳқиқи татбии ҳар се ғазал маълум мешавад, ки аз назари сохтшиносӣ ба ҳам қаробат дорад, чун ҳар се ҳам ғазали нуҳбайтӣ мебошанд. Таҳқиқи татбиқии ғазали Навоӣ бо Ҳофиз аз байти аввал равшан месозад, ки Фонӣ дар сурудаи хеш баробари истиқболи вазну қофияи ғазали лисонулғайб таркибҳои хоси шеъри ӯро низ ба кор бурда. Масалан, дар мисраи аввали ҳар ду ғазал таркиб гулбонги паҳлавӣ дар мақоми қофия истифода шудааст:

Ҳофиз:

Булбул зи шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ
Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ [19, с. 34].

Навоӣ:

Мову майи муғонаву гулбонги паҳлавӣ,
Пири муғон ҳар ончи кунад кор, пайравӣ [11, 138 б].

Аз ҳамин байти аввал эҳсос мешавад, ки агарчӣ сурудаи Навоӣ татаббуи сохтории ғазали Ҳофиз аст, вале як навъ ибтикори ин шоир дар дигаргунии мундариҷа ва дарунмояи он равшан эҳсос мешавад. Ҳофиз сурудаи хешро ба як нақли достони булбул оғоз мекунад, ки дар шохаи сарв нишаста ба гулбонги паҳлавӣ дарси мақомоти маънавӣ мехонад. Ин шеваи баён навъе ғазали Ҳофизро сужадор ҳам менамоёнад чун усули нақли қавл ва ҳаракату амали

образҳо авлавият дорад. Аммо ҳарчанд Навоӣ вожаву таркибҳои шеъри Ҳофизро ба орият мегирад, аммо ба онҳо маънии нав мебахшад. Ин ҷо сухан аз маҳфиле меравад, ки шоир он ҷо аз майи муғонаву гулбони паҳлавӣ сухан мекунад ва зимнан таъкид медорад, ки ҳарчӣ пири муғон анҷом медиҳад, кори мо аз он пайравӣ кардан аст. Маълум мешавад, ки аз диди фазову макони иттифоқи воқеот, дарунмоя ҳар ду байти матлаи ғазалҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳофиз мушоҳида мекунад ва маҷмуи гуфтор ва ақволи орифонаи хешро аз забони булбул баён медорад. Мақони вуқуи амал дар шеъри Ҳофиз гулистон ва дақиқтар шохаи сарв аст, аммо дар ғазали Навоӣ метавон аз баёни ӯ натиҷа гирифт, ки майхона ё хароботи муғон, яъне ибодатгоҳи орифон мебошад.

Аммо шеваи нақли қавл дар ғазали Навоӣ ҳам ҷой дорад, онгуна ки мо дар матлаи ғазали Ҳофиз мушоҳида кардем. Он аз байти дувум аз забони пири маънавӣ садо медиҳад, ки сухан аз беэътибории ҷаҳон меравад. Ин равиши баёни матолиб ғазали Навоиро низ сужадор ҷилвагарӣ намуда.Пири маънавӣ ба ринди дурдикаш муроҷиат мекунад ва изҳор медорад, ки:

К-эй ринди дурдкаш, чу ба давр эътимод нест
Аз даври бода беҳ, ки даме баҳравар шавӣ [11, 138 б].

Дар ин маврид, зоҳиран байти мазкур гӯё қаробате мавзуи куллии ғазали Ҳофиз, ки беэътимодии ҷаҳон ва дил набастан ба он чун рукни муҳими ирфонӣ тафсир мешавад,дорад. Аммо шеваи баёни шоирона ва эҷоди як тозакории ҳунарӣ тавассути такрори вожаи «давр» бо мазомини мухталиф лутфи каломи Навоиро афзун гардонидааст. Даври аввал ба маънии замон, рӯзгор, айём аст ва даври дувум даври боданӯшон, ки як шеваи марсум аст. Албатта, ин ҷо манзури Навоӣ аз баҳравар шудан аз даври бода талқини бодахорӣ нест, балки тарғиби шод зистан ва расидан ба қадри замон ва умри зудрав аст, ки дар шеъри Ҳофиз низ ин фалсафа нуфуз дорад. Навоӣ бо истиқболи ин ғояи меҳварии адабиёти гузаштаи мо- талқини фалсафаи шод зистан, тарҳи баёни шоиронагии хешро то ҷое дигаргун намуда, онро ба шеваи худ шарҳу тафсир мекунад.

Агар аз нигоҳи таҳқиқи қиёсӣ ба байти аввали ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ руҷуъ кунем, равшан мегардад, ки сурудаи ин суханвари мо аз диди муҳтаво ва дарунмоя ба ғазали Ҳофиз низ қаробат дорад, чун ин ҷо ҳам сухан аз забони булбул бо оҳанги паҳлавӣ нақл мегардад:

Гул зад ба боғ субҳдам авранги хусравӣ,
Бардошт булбул аз чаман оҳанги паҳлавӣ [20, с. 763-764].

Танҳо фарқият дар он аст, ки агар дар ғазали Ҳофиз якбора булбул аз шохаи сарв ба гулбонги паҳлавӣ шарҳи мақомоти маънавиро оғоз мекунад, дар сурудаи Ҷомӣ ин булбул баъд аз шукуфтани гул ё ба таъбири шоир «авранги хусравӣ задани гул ба боғ» шуруъ мешавад. Нуфузи тасвири баҳор аз баракоти он ба сухан омадани булбул дар ғазали Ҷомӣ авлавият дорад.

Дар байтҳои баъдӣ мебинем, ки дар ғазали Ҳофиз сухан аз шарҳи мақомоти маънавӣ, гул кардани оташи Тур дар пешорӯи Мусо, ки аслу ҷавҳари таҷаллии Зоти Ҳақ аст, аз дарахт шунидани нуктаи тавҳид, шарҳи аслу бунмояи маърифат, ки аз дил мабастан ба дунёи гузаро ва асбоби он, натиҷаи неку бади амали анҷомдодаро дарёб кардан, хоби айш дар бурёи фақр ва амсоли ин таркиб ёфтааст, меравад. Ҳосили шинохти мафоҳим ва нукоти ирфонӣ аз забони булбул нақл мешавад. Навоӣ бошад аз забони пири маънавии хеш беэътибории даҳр, шод зистан, дил ба макри дунявӣ ва дӯстии олам набастан, рӯю риёи узлатгузини риёкор ва беҳтар будани бадмастии ринди арбадакаш аз он ва амсоли инро чун аркони аслии маърифат шарҳу тафсир мекунад. Гоҳо забони истиорӣ дар шеваи баёни Навоӣ нуфуз мекунад, ки онро ҳам навъе тозакориҳои ҳунари вай низ метавон унвон намуд. Барои ифодаи ҷаҳон истиораҳои «нигорхонаи чинӣ» ва «нақши монавӣ»-ро истифода намуда. Ин ҷо низ вожаҳои монӣ ва монавиро ба ду маънӣ ба кор гирифтааст. «Монӣ» дар оғози мисраи аввал ба маънии феъли амрӣ ё шахси дувуми бимонӣ истифода гардидааст. Монавӣ бошад ишорат ба исми Монии наққош аст ва ин ҷо эҳсос мегардад, ки Навоӣ тавассути корбурди истиора ва таҷнис бадеияти каломи хешро афзудааст. Дар ин ҷо бо истифодаи «нақши монавӣ» таъкид мекунад, ки ба зебоиву назокати дунё дил мабанд, ки вақти рафтан аз он ин нақшу нигори монавиро гузошта худ меравӣ ва бо худ ҳаргиз намебарӣ.

Дар ғазали Мавлоно Ҷомӣ низ ҳамин шеваи ҳикоят аз забони булбул дар шарҳи мақомоти маънавӣ ҷараён мегирад. Ҷомӣ низ аркони расидан ба мақоми ниҳоии маънавиро тавассути аз худии худ ворастан,санги тафриқа ба шиша- санги асбоби дунё задан, аҳди нишотро бо бода нав кардан, парчами ишқ шудан дар роҳи сидқу хулус, шинохти қадру манзалати дӯст ва ғанимат донистани вақт шарҳу баён медиҳад. Ӯ низ забони истиориро дар чанд маврид ба кор мегирад, ки яке аз онҳо шиша ба маънии асбоби дунёст, ки бояд тавассути санги ҷудоӣ шикаста шавад.

Аз назари тарҳи қофиясозӣ ҳам қаробатҳое миёни ҳар се ғазал ба чашм мерасад. Аввал, ин ки Ҳофиз вожагони «паҳлавӣ» (2 маротиба), «маънавӣ», «бишнавӣ», «дунявӣ», исавӣ», «меравӣ», «надравӣ», «хусравӣ», «мавлавӣ» -ро дар мақоми қофия истифода карда. Навоӣ бошад,калимоти «паҳлавӣ», «пайравӣ», «маънавӣ», шавӣ», дунявӣ», «монавӣ», қавӣ», «мунзавӣ», «исавӣ», «деҳлавӣ»-ро ба кор гирифта ва ба назар мерасад, ки дар ғазали ӯ вожагони «пайравӣ», «шавӣ», «монавӣ» «мунзавӣ» ва «деҳлавӣ» нав буда, аз таркиби ғазали Ҳофиз такрор нашудаанд. Тозагии панҷ вожаи муқаффо дар ғазали нуҳбайтии Навоӣ ишорат бар он ҳам мекунад, ки ӯ иқдоме дар сохтори ҳунарӣ ва дарунмояи ғазали хеш кардааст, чун ҳузури вожагони нав худ аз худ ба тарҳи маъноии абёт низ бетаъсир наемонанд.

Дар ғазали Ҷомӣ бошад вожагони «хусравӣ», «паҳлавӣ», «навӣ», «исавӣ», «шавӣ», «дунявӣ», «ғазнавӣ», бишнавӣ», «маънавӣ», «Мавлавӣ» қофия шуданд, ки ин ҷо низ чанде аз онҳо на дар сурудаи Ҳофиз ва на дар ғазали Навоӣ такрор нашудаанд. Вожаи «Мавлавӣ» агарчӣ дар ғазали Ҳофиз ба унвони қофияи байти тахаллус ҳам дида мешавад, аммо аз нигоҳи маънӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Ҳофиз онро ба маънии мақому мартабаи махсуси диниву мазҳабӣ дар иртибот ба турраву дастор ба кор гирифтааст ва Ҷомӣ ба маънии исми шахс, яъне Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Ҳатто дар корбурди маъноӣ то андозае миёни манзури Ҳофиз ва Ҷомӣ навъе тазод мушоҳида ҳам мегардад.

Нуктаи тааммулбарангез байти мақтаи ғазали Навоӣ аст, ки дар он ҳам ишорат ба исми Ҳофиз асту ҳам Ҷомиву ҳам Деҳлавӣ ва ин матлаб худ ба худ зимни мутолеа назди хонанда суоле мегузорад, ки чаро чунин аст, яъне дар як вақт ба исми ин се суханвар сареҳан муроҷиат мекунад:

Фонӣ, агарчи Ҷомию Шерозият хуш аст,
Натвон зи даст дод ҳам оини Деҳлавӣ [11, 138 б].

Ба назари мо, ҳарчанд чунин ишорат дар абёти ҳусни тахаллуси ғазалиёти Навоӣ зиёд ба чашм мерасанд ва иродати ӯро ба Ҳофизу Ҷомӣ бештар аз дигарон шарҳ медиҳанд, вале дар ин ғазал таъкид шудани хуш омадани шеваи баёни Ҷомиву Шерозӣ шояд ба ҳамин ду ғазале марбут бошад, ки дар як вазну қофияву радиф аз сӯи ин ду суханвар суруда шудаанд. Вуҷуди қаробатҳо дар шеваи баёни Навоӣ ва тарзи сухани Ҳофизу Ҷомӣ дар навбати аввал огоҳӣ ва ҳусни ихлоси ӯро бозгӯӣ мекунад. Агарчӣ дар навбати аввал, зикри исми Деҳлавӣ тақозои қофияи ғазал аст, аммо ин нукта ҳам моро ба тааммул вомедорад, ки манзур кадом Деҳлавӣ бошад, Амир Хусрав ё Ҳасан. Мусаллам аст, ки Навоӣ ба сурудаҳои Ҳасани Деҳлавӣ ҳам татаббуоте навишта ва ҳатто дар як байти мақтаи хеш басароҳат ёд карда, ки зикраш рафт. Аммо ба эҳтимоли зиёд ин ҷо манзур бояд Амир Хусрави Деҳлавӣ бошад, чун ҷавобияе, ки Навоӣ ба қасидаи «Дарёи аброр»-и Амир Хусрав навишта, маҳз таҳти таъсири сурудаи устоди хеш Абдураҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» сурат гирифтааст. Он нуктаи меҳварие, ки Амир Хусравро дар ин байт бо Ҷомиву Навоӣ пайванди муштарак мебахшад, ҳамин қасидаи «Дарёи аброр»-и Амир Хусрав аст, ки ҳар ду ҷавобия ба он навиштаанд, он гунае, ки ин устоду шогирд ғазали мавриди таваҷҷуҳи Ҳофизро татаббуъ намудаанд.

Дар умум, таҳқиқу баррасии матншиносӣ ва татбиқии як татаббуи Амир Алишери Навоӣ ба ғазали Ҳофизи Шерозӣ моро ба натиҷаҳои зайл мерасонад:

1. Баррасии матншиносии татаббуи Навоӣ ба ғазали Ҳофиз ин нуктаро мусаллам мегардонанд, ки дар асл ҳар ду ғазал нуҳбайтӣ буда, мавҷудияти абёти дигар дар бархе нусха ва нашрҳои девони Ҳофиз дар асл илҳоқӣ мебошанд. Таҳқиқи матншиносӣ барои баррасии дурусти татбиқии ҳар ду ғазал ва қиёси он бо ғазали Ҷомӣ, ки дар ҷавоби лисонулғайб суруда шудааст, имконият фароҳам меоварад.
2. Таҳқиқи татбиқии татаббуи Навоӣ бар ғазали Ҳофиз муқаррар месозад, ки ҳарчанд қаробатҳое дар шеваи баён ва сохторшиносии ғазал миёни онҳо мавҷуд аст, аммо ба назар мерасад, ки Фонӣ дар таҳаввули мавзуъ ва дарунмояи ғазали хеш бештар иқдом намуда, зеро таҷдиди 5 вожа дар мақоми қофия гувоҳ бар кӯшишҳои бахшидани тозагиҳо ба мазмуну мундариҷаи ғазал ва сохтшиносиву бадеияти он низ мебошад. Афзун бар ин, нуфузи баёни истиорӣ дар ғазали Навоӣ ба дигаргуниҳои сабкии каломи вай низ бетаъсир намонда.
3. Маълум аст, ки устоди Амир Алишери Навоӣ – Абдураҳмони Ҷомӣ низ бар ин ғазали Ҳофиз татаббуе навиштааст. Таҳқиқи қиёсии ҳар се ғазал, ки дар мақола шарҳи муфассали он рафт, бозгӯи мавҷудияти умумиятҳо дар шеваи баёни ҳар се суруда мебошад. Ишорати сареҳи Навоӣ ба номи Ҷомӣ дар байти мақтаи хеш таъкид бар огоҳии вай аз ин ғазал ва иродату эътиқодаш ба устоди хеш мекунад, вале ҳаройина таваҷҷуҳи амиқ ба сохтору муҳтавои ҳар се ғазал ин нуктаро боз ҳам равшантар мегардонад, ки Навоӣ татаббуи суханварони бузургро навъе мизони тачрибаи ҳунарӣ шинохта барои ибдоот ва тозакориҳои бадеӣ ва мавзуии ғазали тоҷикӣ дар аҳди хеш иқдом намудааст.

Адабиёт

1. *Мирзоев, А. Алишери Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ. Душанбе: Ирфон, 1968. – 48 с.*
2. *Навоӣ, Алишер. Девони Фонӣ [Матн] / Алишер Навоӣ. Нашрга тайёрловчи Ҳомид Сулаймон, Муродӣ (Тоҷибоев Хоҷимурод) ва Сайфиддин Рафиддинов. – Тошкент: Фан, 2002. – 558 б.*
3. *Фонӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ Мураттиб ва муаллифи сарсухан: Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 320 с. (Ба ҳуруфи форсӣ)*
4. *Навоӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ [Матн] / Амир Алишери Навоӣ. Бо тасҳеҳи Сайидаббос Растохези Сончоракӣ. – Кобул: Интишороти «Амирӣ», 1395. – 418 с.*
5. *Навоӣ – Фонӣ, Амир Низомиддин Алишер. Девони форсӣ [Матн] / Амир Низомиддин Алишери Навоӣ – Фонӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва шарҳи луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 474 с.*
6. *Навоӣ, Амир Алишер. Девон. Ба саъй ва эҳтимоми Рукнуддини Ҳумоюнфаррух, Теҳрон: Интишороти китобхонаи Ибни Сино, 1342.*
7. *Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Девон. Бо тасҳеҳи Сайидаббоси Растохез.- Кобул, 1395.*
8. *Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Девон. Бо тасҳеҳи Сайидаббоси Растохез.- Теҳрон: Шафеӣ, 1400.- 413 с.*
9. *Насриддин, Абдулманнон. Куллиёт. Ҷ.6.- Хуҷанд: Ношир, 2013.-764.*
10. *Нигматов Н. Алишери Навоӣ дар таҳқиқоти Абдулманнони Насриддин. – Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022, №2(97). Саҳ. 218-222.*
11. *Фонӣ, Девон. Нусхаи хаттии форсии маҳфуз дар китобхонаи Порис бо шумораи 1345. 174 барга.*
12. *Фонӣ, Девон. Нусхаи хаттии форсии маҳфуз дар китобхонаи Порис бо шумораи 285. 360 барга.*
13. *Фонӣ, Девон. Нусхаи хаттии форсии маҳфуз дар китобхонаи Маҷлиси Шурои исломӣ бо шумораи 1101. 360 барга.*
14. *Ҳодизода, Расул. Татаббуот ва сабки осори Фонӣ. /: Садои Шарқ, 1968, №8, с. 110–120.*
15. *Ҳофиз. Девон. Бар асоси нусхаҳои хаттии садаи нуҳум. Иборат аз ду бахш. Тадвини Салим Найсорӣ. Вероиши дувум .–Теҳрон: Сухан, 1387.– 584 с.*
16. *Ҳофиз. Девон. «Лисонулғайб». Нусхаи Фаридун Мирзои Темурӣ. Ҷамъоварӣ аз миёни понсад нусхаи хаттии девон ва сафоин, тавассути ҷамъе касир аз фузало бо дебочаи Хоҷа Шаҳобуддин Абдуллоҳи Марворид мутахаллис ба Баёнии Кирмонӣ ва ба сарпарастии Фаридун Мирзо ибни Султон Ҳусайн Бойқаро дар соли 907 ҳичрӣ.) Бо эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид.–Теҳрон: интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1384.– 1000 с.*
17. *Ҳофиз. Девон. Бар мабнои дастнависҳои парокарда дар Варазруд. Тасҳеҳ, таҳшия ва кашфулмисроъ доктор Масъуд Миршоҳӣ.- Теҳрон, Асотир, 1404.- 873 с.*
18. *Ҳофиз. Девон. Бар мабнои дастнависҳои парокарда дар Варазруд. Таҳияи матн аз Масъуд Миршоҳӣ.Гардонанда Умриддин Юсуфӣ. Муҳаррир Мубашшири Акбарзод- Душанбе, Истеъдод, 2024.- 744 с.*
19. *Ҳофиз. Девон. Куҳантарин нусхаи шинохташудаи комил. Китобат 801 ҳ.қ. Бо дебочаи Муҳаммади Гуландом(ҷомеи Девони Ҳофиз). Нусхабаргардони дастнависи шумораи 5194 китобхонаи Нурусмония(Истамбул). Ба кӯшиши Беҳрӯз Имонӣ.- Теҳрон: Муассисаи маркази мероси мактуб, 1401. – 95 с.*
20. *Ҷомӣ, Абдураҳмон. Девон. Бо муқаддимаи васеъ дар таърихи адабӣ- фалсафӣ ва сиёсии қарни нуҳум ва бахше интиқодӣ дар аҳволу осор ва нақди сурудаҳои Ҷомӣ ва пайваста аз биступанҷ феҳрист. Вероста Ҳозим Разӣ. – Теҳрон: интишороти Пирӯз, 1341.- 953 с.*

ТАҲҚИҚИ МАТНШИНОСӢ ВА ТАТБИҚИИ ЯК ТАТАББУИ АЛИШЕРИ НАВОӢ БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Таҳқиқи ҷанбаҳои сабкӣ, мавзуӣ ва сохтории ғазалиёти тоҷикии Амир Алишери Навоӣ муқаррар месозад, ки аз 526 ғазали мавҷуд дар Девони форсии ӯ 273 адади он дар ҷавоби сурудаҳои Ҳофизи Шерозӣ ба қалам омадааст. Албатта, ин миқдор бар асоси ҳамон нашре муқаррар шудааст, ки дар Тоҷикистон ба кӯшиши Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ба чоп расида. Аммо мавзуи баҳси ин мақола то андозае дигаргунатар аст. Ин ҷо сухан роҷеъ ба як ғазале меравад, ки дар асл дар бархе аз нусхаҳои хаттии Девони Навоӣ ба татабуи ғазали маъруфи Ҳофиз будани он таъкид шуда ва дар бархе аз ин ишорат сарфи назар шудааст. Шояд сабаби ин бо ҳамин вазну ҳамин радифу қофия мавҷуд будани ғазале дар девони Ҷомӣ ва ишорати Фонӣ дар байти тахаллуси хеш ба номи Ҳофизу Ҷомиву Деҳлавӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳарчанд ин ғазал мусаллам аст, ки дар таттабуи сурудаи Ҳофизи Шерозӣ суруда шудааст, вале ғазали истиқболияи Абдураҳмони Ҷомӣ низ аз мадди назари Фонӣ бояд дур набошад. Ба ин асос, меҳвари аслии таҳқиқро дар мақола ду масъала ба вуҷуд овардааст: А) Таҳқиқи матншиносии ғазали мавриди назар бар асоси се нусхаи хаттии Девони Фонӣ ва ду нашри он; Б) Таҳқиқи татбиқии ғазали Навоӣ бо ғазалҳои Ҳофизу Ҷомӣ, истиқбол ва ибтикороти ӯ дар эҷоди татаббуъ, инчунин вуҷуҳи аслии зикри номи се суханвар дар мақтаъи он.

Калидвожаҳо: Навоӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, ғазал, табаббуъ, таҳлили татбиқӣ, матншиносӣ, нусхаҳои хаттӣ, Девони форсӣ, Фонӣ.

СРАВНИТЕЛЬНОЕ И ТЕКСТОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ОДНОГО ПОДРАЖАНИЯ АЛИШЕРА НАВОИ НА ГАЗЕЛЬ ХАФИЗА ШИРАЗИ

Исследование стилистических, тематических и структурных особенностей таджикоязычных газелей Амира Алишера Навои показывает, что из 526 газелей, вошедших в его персидский диван, 273 написаны в ответ на произведения Хафиза Ширази. Разумеется, эта цифра установлена на основании издания, подготовленного и опубликованного в Таджикистане усилиями Али Мухаммади Хурасани. Тем не менее, предмет обсуждения настоящей статьи несколько иной. Речь идёт о газели, которая в ряде рукописных списков дивана Навои обозначена как подражание известной газели Хафиза, тогда как в некоторых случаях эта ремарка отсутствует. Возможно, причиной является наличие газели с тем же размером, радифом и рифмой в диване Джами, а также то, что Фони в бейте с тахаллусом упоминает имена Хафиза, Джами и Дехлеви. В связи с этим, хотя газель Навои несомненно создана как подражание Хафизу Ширази, газель-отклик Абдурахмана Джами также не должна оставаться вне поля внимания исследователя. На этой основе центральными задачами исследования в статье выступают два вопроса: А) текстологический анализ рассматриваемой газели на основе трёх рукописных списков Дивана Фони и двух его изданий; Б) сравнительное исследование газели Навои с газелями Хафиза и Джами, выявление его подражаний и новаторских приёмов, а также выяснение причин упоминания имён трёх поэтов в мактае.

Ключевые слова: Навои, Хафиз, Джами, Хусрав Дехлеви, газель, подражание, сравнительный анализ, текстология, рукописи, персидский диван, Фони.

COMPARATIVE AND TEXTUAL STUDY OF ONE IMITATION BY ALISHER NAVOI OF A GHAZAL BY HAFIZ OF SHIRAZ

The study of stylistic, thematic, and structural features of the Tajik-Persian ghazals of Amir Alisher Navoi shows that, out of 526 ghazals included in his Persian *Divan*, 273 were composed in response to the works of Hafiz of Shiraz. This figure, of course, is based on the edition prepared and published in Tajikistan through the efforts of Ali Muhammadi Khurasani. Nevertheless, the subject of the present article is somewhat different. It concerns a ghazal which, in a number of manuscript copies of Navoi's *Divan*, is marked as an imitation of a well-known ghazal by Hafiz, whereas in some cases this note is absent. The possible reason may be the existence of a ghazal with the same meter, radif, and rhyme in Jami's *Divan*, as well as the fact that Fani, in his takhallus couplet, explicitly mentions the names of Hafiz, Jami, and Dehlavi. In this regard, although Navoi's ghazal is undoubtedly composed as an imitation of Hafiz of Shiraz, the response ghazal of Abdurahman Jami should not be overlooked in scholarly examination. On this basis, the central objectives of the research in this article are twofold: A) a textual analysis of the ghazal in question based on three manuscript copies of Fani's *Divan* and two printed editions; B) a comparative study of Navoi's ghazal with the ghazals of Hafiz and Jami, identifying his imitations and innovations, as well as clarifying the reasons for mentioning the names of three poets in the maqta.

Keywords: Navoi, Hafiz, Jami, Khusraw Dehlavi, ghazal, imitation, comparative analysis, textual criticism, manuscripts, Persian *Divan*, Fani

Дар бораи муаллиф
Нурзод Нуралӣ (Нуров Нуралӣ)
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: nurali74@mail.ru

Об авторе
Нурзод Нурали (Нуров Нурали)
Доктор филологических наук, профессор,
директор Научно-исследовательского
института общественных наук
Худжандский государственный
университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан,
г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
E-mail: nurali74@mail.ru

About the author
Nurzod Nurali (Nurov Nurali)
Doctor of Philological Sciences, Professor,
Director of the Scientific Research Institute
of Social Sciences
Khujand State University named after
academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand,
1 Mavlonbekov
E-mail: nurali74@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09

ТАСВИРИ ИНШООТИ АЗИМИ КИШВАР ДАР НАСРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (дар ҳошияи романҳои Муҳиддин Хоҷазод «Куҳ бе варта нест», «Барқи дили Сангтӯда» ва Мирзонасриддин “Нони шарикӣ”)

Ӯлмасова З.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Мусаллам аст, ки дар се даҳсолаи охир нависандагони Осиёи Миёна, аз он ҷумла тоҷикон асарҳоеро ба майдони адабиёт ворид намуданд, ки заҳмати зарбдори халқҳои моро ҳамчун ҳаракати қонунии оммаҳои васеи меҳнаткашон дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, сохтмони ҷамъияти нави одил, бародарӣ ва иттиҳоди байналмилалӣ нишон медиҳанд. Бо таъсири ғояҳои умумибашарӣ ба муборизаи фаъолонаи озодихоҳона ва муташаккилона, дар роҳи сохтмонҳои азими мамлакатҳои гуногун ва иштироки миллатҳои дӯсту бародар ва барпо намудани олами озод, бархостани меҳнаткашони Осиёи Миёна дар навъҳои адабии нависандагони муосир бо эътимоди тамом ва тафсилоти реалистӣ тадқиқ гардидааст.

Яке аз мавзуъҳои муҳимтарини замони истиқлол, ки таваҷҷуҳи нависандагонро бештар ҷалб кардааст, инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ ва тасвири коргоҳҳои азими кишвар ба шумор мерафт. Ҳанӯз дар даврони шуравӣ нависандагони тоҷик ба иншоотҳои азими кишвар таваҷҷуҳи хосса намуда, коргаронро ҳамчун қаҳрамонони асарҳои хеш тасвир менамуданд. Ба хусус, Юсуф Акобиров дар ду романи таърихӣ - “Замини падарон” [1] ва “Норак” [2] заҳмати пурмашаққати халқро дар бунёди Вахш ва сохтмони Неругоҳи барқи обии Норак инъикос намудааст.

Юсуф Акобиров дар очерки “Сайри дирӯзу имрӯзу фардо” вобаста ба муҳиммияти офариниши романи “Замини падарон” қайд намудааст: “Барои анҷом додани чунин асар, ба ғайр аз омӯхтану гирд овардани санади бисёр, боз малакаи эҷоди таҷрибаи калони насрнависӣ ва аз ҳама муҳиммаш ҳаётдонии нависанда зарур мебошад” [3, с. 2].

Муҳиддин Хоҷазод яке аз нависандагоне ба ҳисоб мерафт, ки ҳам бо қувваи бозувони худ ва ҳам бо тасвири ҳаёти иҷтимоии мавзеъҳои кишвар асарҳои зиёдеро офарида, дар тасвири синфи коргар маҳорати баланд нишон додааст. Нависанда аз бунёди неругоҳҳои барқиву обӣ маълумоти хосса дода, дар баробари тасвири воқеияти зиндагии коргарони сохтмонҳои азим тахайюлоти бадеиро корбаст намуда, образҳои ҷолиберо ба миён меорад, ки бозгӯкунандаи зиндагии коргарони коргоҳҳои азим мебошад. Романи «Об-рушноӣ» (қ.1-1972, қ.2-1975, қ.3-1978) [9] аз сохтмони истгоҳи барқии Норак ҳикоя мекунад. Тайёрӣ ба таълифи аз меҳнати чандинсола иборат буд. Соли 1962 очерки нависанда «Кӯҳ ҳам ба кӯҳ мерасад» чоп шуд. Сипас омӯзиши бевосита ва кор дар сохтмони мазкур натиҷаи як силсила очеркҳо гардид. Майли нависанда ба тадқиқи масъалаҳои зиндагшии синфи коргар дар повести «Дилро ба дил роҳест» (1970) низ ба чашм мехӯрад. Романи «Об – рӯшноӣ» ҷустуҷуҳои бадеиро ҷамъбаст намудааст. Нависанда дар асари фавқузикр на танҳо аҳамияти сохтмони мазкурро таъкид мекунад, инчунин онро мавриди гузориш ва ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқиву маънавӣ ва маишӣ қарор медиҳад. Ба ин маънӣ дар романи мазкур масъалаи худшиносии маънавию ахлоқии шахс ба миён гузошта шудааст.

Романи Муҳиддин Хоҷазод «Куҳ бе варта нест» (1992) [9] як андоза идомаи романи «Об -- рӯшноӣ» мебошад, зеро баъзе аз қаҳрамонони ин асар, фарзандону аҳли хонаводаи онҳо дар романи охир низ амал мекунанд. Ҷои фаъолияти онҳо акнун аз Норак ба Роғун – макони сохтмони дигари азими Тоҷикистон кӯчидааст. Маълум аст, ки Муҳиддин Хоҷазод дар тасвири инсони машғул бо меҳнат ва аҳли кор аст. Вале нависанда диққати худро дар ин роман ба масоили маънавӣ ва ахлоқӣ бештар мутаваҷҷеҳ кардааст. Низоъҳо дар атрофи покиву ҳалимӣ, талош барои шуҳрату мансаб, ишқу хиёнат шиддат мегирад. Қаҳрамонони марказӣ Саидбек ва Атомурод ҳар яке намунаҳои навъе аз инсонҳои мухталифхислат, яке шахси неку ҳамидахисол (Саидбек) ва дигаре баёнгари зиштиву бадахлоқи (Ато Муродов) мебошад. Дигар аз мавзуи мавриди тасвир дар романи «Кӯҳ бе варта нест» яке аз масъалаҳои дардноки ҷомеаи Тоҷикистон – гароиш ба маҳалпарастӣ мебошад. Муҳиддин Хоҷазод кӯшиш намудааст то ки аз оқибатҳои ногувори ин тамоюли манфӣ дар ҷомеа ҳушдор дода бошад. Муҳиддин Хоҷазод ҳамчунин диққатро ба он мутаваҷҷеҳ сохтааст, ки рӯйдодҳои зиндагиро аз назари инсони пок ва соҳибандеша (боби гӯрков ва Идигул) баррасӣ карда

бошад ва бо диди моҳиятбин асли ҳастии инсон ва амалҳои неку зишти онро рушан созад. Романи «Об - рӯшноӣ» ҷустуҷуҳои бадеиро ҷамъбаст намудааст. Нависанда дар асари фавқузикр на танҳо аҳамияти сохтмони мазкурро таъкид мекунад, инчунин онро мавриди гузориш ва ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқиву маънавӣ ва маишӣ қарор медиҳад.

Унвони роман «Кӯҳ бе варта нест» (1992) рамзист. Ин асар як андоза идомаи романи «Об – рӯшноӣ» аст. Зеро бархе аз қаҳрамонони асар дар романи дуюм фаъолият мебаранд. Ҷойгоҳи меҳнати онҳо Норак набуда, Роғун – макони дигари сохтмони азими Тоҷикистон аст. Яъне дар пешрафти кори иншооти мазкур низ ҳиссагузор буданд. Маълум аст, ки Муҳиддин Хоҷазод ҳамоно дар нияти тасвири инсони меҳнатқарин, аҳли кор аст. Вале дар ин роман нависанда диққати худро ба масоили маънавӣ ва ахлоқӣ бештар мутаваҷҷеҳ кардааст. Низоъву ихтилофҳо дар атрофи покиву палидӣ, талош барои шуҳрату мансаб, ишқу хиёнат шиддат мегирад. Саидбек ва Ато Муродов, ки аз қаҳрамонони марказии роман ба ҳисоб мераванд, навъе аз инсонҳои мухталифхислат ҳастанд, ба низоъ ва садамаҳои зиёди зиндагӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Агар яке шахси неку ҳамидахисол - Саидбек бошад дигаре баёнгари бадахлоқиву зиштӣ - Ато Муродов аст. Мухолифати онҳо дар ҷангҳои шаҳрвандӣ аз тарафи нависанда ҳаққонӣ ба тасвир омадааст. Яке дар майдони Озодӣ ва дигаре дар майдони Шаҳидон, ҳарду аз рӯи дарку фаҳмиши худ барои озодӣ амал мекард.

Метавон гуфт, ки ҳар як асари вай натиҷаи мушоҳидаҳои бевосита ва мулоҳизаҳои тӯлонӣ дар сари рӯйдодҳои зиндагӣ мебошад. Аз хотираҳои нависанда маълум мегардад, ки «дар Нораку Роғун кор ва зиндагӣ карда борҳо аз мушоҳидаҳо гузаронидаам: он кас, ки бо сохтмон наздик аст, тафаккури дигар дораду оне аз сохтмон дур, дигар». Шоирону нависандагон то меҳнати сангинро ба дӯши худ нагиранд, бори гарони зиндагиро дарк накунанд, асари комилеро эҷод карда наметавонанд. Муҳиддин Хоҷазод ҳам марди кор аст ва ҳам марди эҷод. Ӯ дар сохтмонҳои азими кишвар кор кард, чунончӣ ӯ дар сохтмони истгоҳи барқии Норак ба сифати бетонрез кор карда, аз ҳаёти вазнини коргарон бархурдор гашт. Барои эҷоди романҳои минбаъда сафари корӣ дошт ба истгоҳи барқии Роғун ва Сангтӯда. Вай бо қаҳрамонони минбаъда ҳамсуҳбат шуд бо зиндагӣ ва фаъолияти кории онҳо ошноӣ пайдо кард. Бинобар ин қаҳрамонони ӯ самараи тахайюлоти бадеии нависанда набуда, шахсиятҳои воқеӣ ва таърихӣ ҳастанд. Дар ин бора бахусус асари сеюми ӯ «Барқи дили Сангтӯда» гувоҳӣ медиҳад. Романи мазкур идомаи таълифоти ду асари пешин аст, бинобар ин оғози роман аз ҳаёти пурталотум ва пуртуғёни коргарони иншооти азим, ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори сохтмончиён дар айни ҷӯшу хурӯши зиндагист, нақл мекунад. Бештари қаҳрамонони романи мазкур зиндаю барҳаётанд бинобар ин асар руҳи публисистӣ дорад. Бобҳои алоҳидаи роман аз шиноснома ва корномаи коргарони сохтмони барқию обии Сангтӯда ҳикоят мекунад. Чунончи, боби дуюм «Гражданкин А.В. собиқ сармуҳандиси сохтмони заводи алюминии шаҳри Турсунзода, ҳоло ҷонишини сохтмони «Сангтӯда 1» - баъдтар маълумоти Гражданкин А.В. оид ба бинокорони сохтмонҳои азим оварда шудааст, ки мегӯяд. – қисми асосии бинокоронро Норак ГЭСохтмон ташкил медиҳад. Дар баробари онҳо ин ҷо бинокорони Роғуну Қӯрғонтеппаву Данғараву Кӯлобу Хоруғ фаъолият доранд» [9, с. 325].

Ё дар боби сеюм чунин омадааст: «Муҳиддин Наҷмиддинов муҳандиси калони шуъбаи механикаи ТоҷикГЭМ, яъне гидроэлэктромонтаж. Баъди хатми институти Гидромелеоративии шаҳри Маскав (1987) дар сохтмони истгоҳи барқии Роғун аз устои хурд то сармуҳандиси шуъбаи механикӣ расидааст. Зодаи ноҳияи Фархор» [9, с. 342].

Чӣ тавре ки дар фавқ зикр намудем, тасвири қаҳрамонҳои асарҳо дар заминаи се насли ду хонадон корбаст карда шудаанд, дар аввал падарбузургоне ҳастанд, ки дар сохтмонҳои Нораку Роғун фаъолият бурдаанд ва идомаи кори онҳо, ҷараёни зиндагии онҳо дар давомдиҳандагони авлод, ки наберагон ҳастанд ва дар иншооти замони мо корҳои бузургеро ба сомон мерасонанд, нишон дода шудааст. Низову ихтилофҳое, ки солҳои тӯлонӣ идома ёфта буд, бо мусоламат ба анҷом мерасад.

Мо аз расонаҳои ахбори умум бохабарем, ки дар бунёди нерӯгоҳи барқиву обии Сангтӯда бо мутахассисони тоҷики ин соҳа ихтисосмандони мамолики кишварҳои гуногун китф ба китф истода, дар пешбурди иншооти азим саҳмгузор ҳастанд. Чашми миллионҳо нафар одамон ба нерӯгоҳи барқии Сангтӯда нигарон аст. Ва беҳбудии ҷомеаи муосир низ ба ӯ вобастагӣ дорад.

Муҳиддин Хоҷазод дар тасвири меҳнат ва истеҳсолот назари муайяне дорад: мақсади ӯ аз тасвири сохтмонҳои азим ва «материалӣ истеҳсолӣ» дарку тасвиримасоили руҳиву ахлоқист барои вай сохтмон сабақгоҳ аст, ҷое, ки ба фаҳмидани ин ки «одам кисту одамгарӣ чист, кори вазнин чиву баҳои одилона куҷо, фидокорӣ то чӣ андозаву қадршиносӣ то куҷоҳост» имкон медиҳад. Ин ниятро дар романи тозаи ӯ, ки ба сохтмони истгоҳи Роғун бахшида шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст.

Дарёи Вахш яке аз рӯдҳоест дар Осиёи Марказӣ, ки бо иқтидори хеш дар Қирғизистону Тоҷикистон равон буда, бо дарёи Панҷ пайваста ба Омударё мерезад. Шохобҳои калонтарини он аз каторкӯҳҳои Паси Олой сар шуда, дар саробаш номи Карсуро мегирад. Вай дар поёнтар бо номи Кизилсӯ маълум гардидааст. Мавзеи фавқуззикр аз тафи чап шохобҳои гуногун дошта, аз водии Олой мегузарад ва ҳудуди Тоҷикистонро ба дигар шохоб ба Муғсӯ ҳамроҳ менамояд. Муғсӯ аз ҳудуди шимоли шарқии Помир сарчашма гирифта, дар сароби худ Баландкиик номида мешавад. Муғсӯ бо Кизилсӯ як шуда Сурхобро ташкил медиҳанд. Дар қисмати шарқӣ бошад ба Сурхоб дарёи Хингоб пайваст шуда, номи Вахшро ба худ мегирад. Маҳз дарёи Вахш барои обёрии заминҳои пахтакор ва дигар зироатҳои водии Вахш мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Аз лиҳози иқтисодӣ дарёи Вахш барои рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон мавқеи бузург дорад [12].

Давлати шӯравӣ аз солҳои аввали инқилоб то солҳои 90-уми садаи XX дар тамоми давраҳои тараққиёти адабиёти сермиллати ба такомули мундариҷаи ғоявӣ ва шаклҳои бадеии адабиёт диққат ва эътибори калон медод. Адабиёти – шӯравӣ бо усули ҳақиқатнигорӣ ва халқияти ҳақиқӣ инкишоф ёфта, асарҳои оламшумул ба вуҷуд овард. Аҳли адаби муосир ба вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию маънавии кишвар мутаваҷҷеҳ аст. Онҳо ба мушкилоту муаммоҳои зиндагӣ, ки ҳаллу фасли онҳо боиси пешравӣ ва тараққиёти ҷомеа, рушду нумӯи миллат шуда метавонад, саҳмгузор ҳастанд. Нависандагон наметавонанд аз рӯзгори мураккаби халқу мамлакат канораҷӯӣ намоянд. Романи Мирзонасриддин “Нони шарикӣ” яке аз асарҳоест, ки сохтмони иншооти азими кишварро дар солҳои 50-уми садаи XX, ки бунёди он дар Тоҷикистони шуравӣ ба вуқӯъ пайваста буд, ба силки таҳқиқи бадеӣ кашида, масоили муҳоҷиркунии маҷбурӣ дар солҳои минбаъда мутазаккир шудааст: “Чун беҳбудии кори колхозҳо чашмрас набуд, дар Вахшонзамин қувваи корӣ кам монда буд. Аз баҳори соли 50-ум ҳукумат боз ҳам, муҳоҷир кардани мардумонро оғоз кард. Ҳам аз ҷануб, ҳам аз шимоли кишвар оилаҳоро ба зӯрӣ меоварданд. Аз Русия наздики ҳазор нафар асирафтодаҳои ҷангро оварданд. Ҷовид бештари одамони ба колхозаш фиристодаро дар участкаи дуюм, ки ба замини садгектара наздик буд, ҷой кард. Онҷо дар баробари немисҳо, русҳо, тоторҳои Қрим, ки солҳои пеш оварда буданд, инчунин одамоне, ки солҳои сиюм, аз шимоли Тоҷикистон оварда буданд, низ иқомат доштанд. Ба як қисми муҳоҷирон хонаҳои холишударо доданд. Боқӣ рӯзҳои аввал дар каппа ва заминкан зиндагӣ мекарданд” [7, с. 75].

Инъикоси бадеию публитсистии бунёди Вахш дар солҳои мазкуршуда ва идомати солҳо дар адабиёти шуравӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сохтмони азими кишвар ва роҳҳои ҷадиди низоми обёрии заминҳои бекорхобидаю ба биёбон табдилёфтаи водии Вахш бо назардошти кишти пахтаи навъи олӣ дар минтақа на фақат аз дохили мамлакати Иттиҳоди Шуравӣ, балки аз хориҷи он низ баррасӣ шуда, теъдоди муайяни адибону рӯзноманигорони кишварҳои хориҷ ба ин минтақа омада, аз бурду бохти сарзамини минтақаи фавқ маълумот медоданд.

Корномаи бузурги давр (иншооти Вахш) дар адабиёти солҳои сиюми асри XX, дар осори А.Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, Б. Азизӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва дигарон тасвир ёфта, шоирону нависандагон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар назми он давра бузургии сохтмони Вахш ва иншооти ҳаётан муҳим будани онро таъкид намоянд. Шоирони маъруфи тоҷик моҳияти сиёсию иҷтимоии ин сохтмонро дарк намуда, дар оянда ба минтақаи ҳосилхез табдил ёфтани онро дар ашъорашон таъкид месохтанд.

Мирсаид Миршакар дар яке аз мақолаҳои худ бо номи «Хотироти рӯзҳои аҷоиб» аз шоири тавонои шуравӣ Н.С. Тихонов ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки моҳи октябри соли 1958 ҳамроҳи М. Турсунзода ба водии Вахш сафар намуданд ва шоир дар манзумае бо унвони «Байрақи озодӣ» раванди ободшавӣ ва бунёди водии зархези Вахшро инъикос менамояд. Аз хотироти Мирсаид Миршакар бармеояд, ки Н.С. Тихонов аз рӯйи асари Бруно Ясенский «Одам пӯсташро иваз мекунад» оиди сохтмони Вахш маълумот пайдо намудааст”[8, с. 26].

Дар асари Мирзонасриддин “Нони шарикӣ” бобати таъсири рӯзномаҳо дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мавзеъ маълумотҳои зиёд мавҷуданд. Таърих гувоҳ аст, ки дар тавлиду таҳрири рӯзномаи «Вахшстрой» рӯзноманигорони рус ба монанди В. Г. Коночкин, Л. Немковский, Д. И. Гойфман, А. Степанова, Н. Тимофеев, И. Уривков, В. Чурсин ва дигарон фаъолият бурда, ҳамарӯза навиди Вахшро ҳам дар осори публитсистӣ ва минбаъд дар осори бадеии хеш оиди сохтмончиён ва фаъолияти қаҳрамононаи онҳо асарҳои ҷолиб офариданд. Дар сохтмони азими кишвар барои ҷалб намудани диққати коргарон ва аз бурду бохти иншооти кишвар маълумот додан рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» таъсис дода шуд. Муҳаррири аввали рӯзнома Насрулло Абдуллоев буд, ки фаъолияти пурсамари эшон то миёнаҳои соли 1933 идома ёфт ва баъдан ба вазифаи муҳаррири рӯзномаи фавқуззикр шоири тавоно Мирсаид Миршакар таъйин гардид. Аз хотираҳову навиштаҳои шоир бармеояд, ки “Тамоми мамлакат ба рафти кор дар Вахш бодиққат назорат мекард. Аз ин рӯ, ба ман лозим меомад, ки тез-тез барои газетаҳои марказӣ мавод тайёр кунам, мақола, шеър, ҳикоя нависам. Мо дар сафи пеши сохтмони ҳаёти нав истода, таҷрибаи пурқимат андӯхтем, бартараф кардани душвориҳоро ёд гирифтем, илми дӯстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, амалиёти коллективиро дарк намудем. Якҷоя бо сохтмон мо калон шудем ва ба камол расидем. Дар сохтмони системаи обёрии Вахш одамони миллату синну сол, касбу ҳунар ва характерҳои гуногун кор мекарданд” [8, с. 43].

Вахш ба макони дӯстии халқҳо мубаддал гашт. Дар он миллатҳои русу украин, белорус, қирғизу қазоқу ӯзбек ва намояндагони халқҳои дигар дар бари тоҷикон паҳлу ба паҳлу истода, заҳмат кашида саҳми хешро дар пешрафти иншооти азим мегузоштанд. Натиҷаи меҳнату садоқати тоҷикон ва халқу миллатҳои дигар буд, ки водии Вахш ҳамчун як минтақаи обод рушд намуда, ба мавзеи муҳимми кишвар табдил ёфт ва бо гузашти айём ба минтақаи кишти пахтаи маҳиннахи мисрӣ мубаддал гардид. Иншооти замон барои обёриву пешрафти хоҷагии халқ дар он замон хеле зарур буд. Мардуми минтақаи мазкур ба он ниёз доштанд. Қаҳрамонии сохтмончиёни Вахш ҳадду канор надошт. Ин буд, ки аксар эҷодкорон ба монанди Бруно Ясенский воқеияти фаъолияти пурсамари кормандони сохтмони азими Вахшро дар очерку ҳикояву повест ва романҳои калонҳаҷм инъикос менамуданд. Коргардонҳои филм доир ба фаъолияти сохтмон ҳам филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳам филмҳои бадеӣ офарида, фазову замону маконро ба намоиш мегузоштанд, ки аз тарафи бинандагон баҳои сазовор гирифтанд. Агар имрӯзҳо ин сохтмон ба андозае бузург нанамояд ҳам, аммо дар он давра низоми обёрии Вахш иншооти аср номида шуда буд.

Муаллифи романи “Нони шарикӣ” қобилияти ҷавонони он даврро таъкид намуда, аз нашри шеърҳое маълумот медиҳад, ки ҳарчанд дар вазну қофия костагӣ доранд, вале қадами аввал дар ин роҳ ва дар тасвири иншооти вақт зарур буд. Муаллифи шеър Валентина ном комсомолдухтари муҳоҷиршуда аст: “Шеърҳои Валяро гоҳ-гоҳ газетаи “Вахшстрой” чоп мекард. Дирӯз баъд аз кор, ки дар райком ҷавонон баҳри рақсу бозӣ ҷамъ омада буданд, ҷавони лоғарандоми чашмкабуд, ки ҳамшаҳри Валя будааст, Валяро аз дасташ дошта пештар бароварда гуфт: “Рафиқон, имрӯз ба муносибати аввалин маротиба омадани қатора то аввалин стансия, шеъри шоираи шаҳри мо Валентина Григоревнаро ҳам газетаи "Вахшстрой”, ҳам тарҷимаи тоҷикиашро газетаи “Сохтмони Вахш” чоп кардааст” [7, с. 28].

Навпардозии Мирзонасриддин дар офариниши муҳоҷирати маҷбурии меҳнатӣ аст. Бар хилофи тамоми суннатҳои адабиёти муосири тоҷики замони шурави адибон, ки побанди реализми методи сотсиалистӣ буданд, муаллифи роман дар мавриди муҳоҷирати маҷбурии меҳнатӣ дар замони имруз ошкоро сухан намудааст. Дар романи Мирзонасриддин сарнавишти муҳоҷирони водии Вахш ба таври мухталиф тасвир ёфта, нависанда зиддиятҳои асосиро байни ду гурӯҳи персонажҳои асар матраҳ намудааст. Муҳоҷирати одамон аз куҳистон ва дигар манотиқи кишвар бинобар авзои мураккабу ногувори водии Вахш мушкилиҳоро пеш оварда ин буд, ки бархе аз муҳоҷирон аз сари нав ба маконҳои пешинаашон бармегаштанд.

Аз суханони яке аз қаҳрамонон Толстопятов бармеояд, ки коргарон дар шароити бисёр вазнин кор мекарданд ва аз нарасидани мутахассисон шикоят менамуд:

“-Мо бояд нахустин сохтмони роҳи камбари Панҷи Поён – Сарбандро ба охир расонем. Барои ин корҳоро ба субут расондан, пеш аз ҳама, бояд мутахассисҳоро ба кор ҷалб кунем. Сабаби дигаре, ки қисме аз коргарон сарам дилам кор мекунанд, ҳатто баъзеҳо гурехта

мераванд, набудани шароити зиндагӣ аст. Хаймаҳои брезентие, ки коргарон хоб мекунанд аз гармии офтоб мулоим шуда, лабу лахт шуда рафтаанд” [7, с. 46].

Оид ба романи иҷтимоӣ “Нони шарикӣ” бандубасти он, сужети асар, муколамаи қаҳрамонҳо, хотираву ёддошти образҳои асар, маҳорати образофарӣ, тасвири табиати атрофу хислату характери одамон, ҷанги одаму табиат – ба истилоҳ образҳои офаридаи муаллиф метавон чандин саҳифа ҳарф зад. Аммо ҳадаф аз навиштани ин мақолаи на чандон калон оид ба як асари нависандае, ки таҷрибаи кофии адабӣ дораду ҳунару истеъдодаш ба ҳадди камолот расидааст, ба фикрам, на он аст, ки хатти сюжет, ташаннуҷи бархӯрди хислату характерҳо ва роҳи дуруст ва нодурусти дарёфти ҳалли муаммоҳо аз ҷониби муаллифро бозгӯ карда, барои ҷонибдорӣ ва ё баръакс муҳокимаронию хулосабарорӣ кунем. Дар ин маврид таърихи сохтмони иншооти бузургро, ки дар замони имрӯза низ нерӯгоҳҳои барқиву обии Сангтӯда мебошад, ҳикоят мекунад. Бобҳои алоҳидаи роман аз шиноснома ва корномаи коргарони сохтмони Вахш, тасвири шароити номусоиди кор агар бархе нафаронро аз кор боз дошта, фирорӣ карда бошад, вале баъзе дигаронро, ки ҳисси ватандӯстии онҳо боло асту барои ободонии кишвар саҳмгузор ҳастанд, рӯи кор меорад. Яке аз онҳо қаҳрамони марказии асар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мансуров Ҷовид мебошад, ки “айёми тобистон дар биёбони Вахш шутурхору буттаи газ таровати худро гум карда буданд. Аз хоку санги роҳ, аз қитъаҳои замин чун аз хумдон ҳавр бармехест” ба кор меояд ва то ба охир ба кори худ содиқ мемонад. Набарди инсон бо табиат, таҳаввули маънавию ахлоқӣ, офариниши симои инсони ҳақталаб ва созанда меҳвари асосии консепсияи нависанда дар романи “Нони шарикӣ” ба шумор меравад, ки ин ҳам бошад дар симои қаҳрамони марказӣ нишон дода шудааст.

Бархӯрди андеша ва муқовимати наву куҳнаро нависанда дар мисоли тафовутҳои хонаводагӣ ташреҳ додааст. Номбурда иқрор мекунад, ки ҷавонон аксар мавридҳо ба қадри якдигар намерасанд: “Мо дуямон ҳам тезӣ мекардем, ба якдигар сар намефуровардем. Баҳсҳоямон асосан, аз боиси либоспӯшӣ ва дигар майда чуйдаҳои беарзиш буд. Шарофат куртаву камзули дароз мепӯшид. Дар кӯча рӯймолашро то болои чашмаш мефуровард. Ман, ки комсомол будам, ба чунин урфу одатҳои куҳнашуда роҳ намедодам. Гоҳе ба хӯрокпазиҳояш эрод мегирифтам. Дар чунин лаҳзаҳо Шарофат ситезманд шуда, маро “эркаи Бухоро” меномид, мешудем ҷанг” [7, с. 81].

Агар замони моқалбро бо даврони муосир бобати баҳсҳои хонаводагӣ қиёс намоем, пас хулоса хоҳем кард, ки зиддиятҳои иҷтимоӣ ҳамеша вуҷуд доранд ва ба ин монанд бархӯрдҳои мафкуравӣ дар ҳеҷ сурат аз байн намераванд, танҳо онҳо дар даврони нав бо фикру ақоиди ҷадид рӯи кор меоянд. Садамаву моҷароҳои иҷтимоӣ дар асар хеле зиёд корбаст гардидаанд, ки муаллиф ба воситаи он муаммо ва проблемаҳои замонро рӯи кор оварда, муҳиммияти сохтмонро дар замони дирӯз ва имрӯз таъкид месозад.

Аз тарафи нависанда таъкид мегардад, ки русзабонҳо ба Вахш фарҳанги муосири либоспӯшӣ, тарзи нави манзилсозӣ ва дигарҳоро оварданд. Аммо истиқбол аз онҳо маънии инкори фарҳанги миллиро надорад. Зани муосир фақат дар як сурат аз таҳоҷуми мардон озод мешавад ва роҳҳои муқовимат бо ташаннуҷро дармеёбад, ки алайҳи анъанаҳои сохташудаи асримиёнагӣ мубориз бошад. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки бархӯрди наву куҳна дар замони муосир низ бармало мушоҳида мешавад. Ё дар ҷои дигар таъкид месозад “Инқилоб ин равишро қатъ кард (ҳунари миллии тоҷикон дар назар аст – З.Ӯ.) на фақат шуморо, касе, ки ҳунарманд, табиб буд, ҳаким буду донишашро пушт ба пушт дода меомад, ҳамаро бурида партофт” [7, с. 32].

Дар романи “Нони шарикӣ” нависанда душманони синфиро бештар тавзеҳ медиҳад ва бо тасвири вақоеи зиндагӣ ҳақиқати таърихиро рӯи кор меорад: “Солҳои 1920-1929, ки давлати Шуро беқувват, бемуттако буд, ба қисме аз мардуми доро, донишмандон ва рӯҳониён рӯйи гарм нишон дод, ба кор гирифт, мансабҳои калон дод. Онҳо ҳам, ки дигар роҳ надоштанд, тарафдорашон шуда, тақдирашонро бо инҳо пайвастанд, корҳои фармудаашонро бо ҷону дил иҷро мекарданд. Лекин баъде, ки давлати синфи коргару деҳқон қувват гирифт, ҳамоно онҳоро бо тӯҳмату таҳдид аз сафаш берун кард ва ба маҳкама кашид. Чунки табиати синфи дорою камбағал мисли обу оташ аст, бо ҳам намесозад” [7, с. 49].

Ё дар ҷои дигари роман бобати кушода будани сарҳад нависанда воқеиятро дар замони аввали инқилоб тасвир месозад: “Як қисм ҷавонҳо дар вақти ошӯбҳои солҳои бистум аз ватан ба он тарафи дарё гузашта рафтанд. Як қисм дар солҳои колхозсозӣ гурехта, то ҳанӯз интизоранд, ки кай аз ин ҷойҳо урус мераваду онҳо ба хонаю дарашон бармегарданд” [7, с. 55].

Тазод ва бархўрдҳои зеҳнӣ дар романи “Нони шарикӣ” дар он зоҳир мегардад, ки бинобар ғолиб омадани тарзи нави ҷаҳонбинӣ боиси шикаст хўрдани дунёи куҳан гардидааст. Дар сар то сари асар ин муқовимат, ки байни куҳнаву нав мушоҳида мешавад, идома ёфта, нотавонбинии куҳнапарастон дарк карда мешавад. Дар романи мазкуршуда сарнавишти муҳоҷири водии Вахш ба таври фоҷеабор тасвир ёфта, дар сабки нависанда зиддиятҳои асосӣ байни ду тоифа, ки аз мусбату манфӣ иборат мебошанд, матраҳ гардидааст. Тазоду муқобалаи табиӣ дар миёни ҷомеа бештар тавассути зиддиятҳои синфӣ баён шуда, муқобил афтидани персонажҳо тибқи санъати қиёс муқоиса мешавад.

Дар роман “мардумони миёнаҳол ва доро, ки аз инқилобу пасомадҳояш дилгир шуда буданд” тасвир шуда, “ҳоло дар кишвар ободонӣ, дар деҳаҳо кушодани мактаб, сохтани роҳҳо, бахусус пайдо шудани ҷои кор, ки маош медиҳад, озори куҳнаро фаромӯш карда, бо сафои дил ба кору зиндагӣ пардохта буданд” [7, с. 43] тасвир шудааст. Ҳаводиси рӯзгори фоҷеабори шуравӣ дар тасвири нависанда бо чунин далел оварда шудааст, ки “Вале чунин рӯзгор дер давом накард. Фазои замона, ки олудаи ғаразу буғз буд, бисёрии онҳоро дубора ба душманию ҷосусӣ айбдор кардаву ба зиндон кашид ва онҳо нӯшобаи заҳрогини даври истибдодро фуруъ бурданд” [7, с. 43].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки муҳтавои асосии асарро бархўрдҳову зиддиятҳои персонажҳои манфиву мусбат ташкил мекунад. Гузашта аз ин, образҳои манфию мусбати роман на танҳо бо ҳамдигар, балки бо персонажҳои ба худ монанд ҳам муқовимат намуда, ҳақиқати воқеиро бобати дар заминаи тазод рушд кардани ҷомеа ба хотир меоранд.

Нависанда бар хилофи тамоми суннатҳои адабиёти шуравии тоҷикӣ, ки инқилобчиён ва коммунистони рус муаллим ва дўсти содиқи тоҷикон ва дигар миллатҳо тасвир шудаанд, ҳақиқати таърихиро бо ҳақиқати бадеӣ тавъам оварда, замони инқилобро яке аз падидаҳои фоҷиаи миллӣ номида, ба маҳкама кашидану ба ҳабс гирифтани оқилону донишмандон ва ба ҳалокат расонидани эшонро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Воқеан нависандагони даврони муосири тоҷик осорашонро ба вижа романҳояшонро бо самимият эҷод мекунанд. Мусалламан нависанда бо навиштаҳояш мехоҳад ба хонандаи хеш чизеро бозгў намоянд, афкори онҳоро ба муаммову мушкилоти иҷтимоӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ба ҳадафи хеш ҷалб созад. Ба ин хотир дар арсаи адабиёт зимни эҷодкории хеш муаллиф бояд бо тамоми ҷиддият масъалабардорӣ намояд. Ҳисси ватандўстии хонандаро бедор созад. Тарбияи завқи мардум низ ба ҳунари нависанда ҳамбастагӣ дорад.

Мирзонасриддин хеле ҳадафмандона аз имконоти забони ширини порсӣ истифода мекунад. Ў дар суханҳои котиби Сека, ки Чинор Имомов мегуфтанд, сухан карду сипас сардори навтаъиншуда Иван Толстопятов, марди зардинаи миёнқаду синнаш аз панҷоҳ гузашта ба минбар баромад:

Дўстон, дар тақдир будааст, ки мо бо ҳамдастии ҳамдигар ба биёбони Вахш об оварда, онро гулфишон кунем. Ман аллакай ҳашт рўз шуд, ки ин ҷо ҳастам. Пакетҳоеро (дар назар аст каналҳо), ки ҷониби қитъаҳои Вахш, Тупаланг, Тошработ, Кофар, Ҷўйбор, Ҷилликўл мераванд, дидам.

Дар асар номи шаҳрҳо, рустоҳо, маҳаллаҳо… чунон ки дар саҳафоти таърих сабт ёфтаанд, дар роман низ ҳамон тавр тазаккур гардидаанд. Таркибҳо ва ибораҳои зебои тоҷикӣ «бо ҳамдастии ҳамдигар, гулфишон кардан»; «замини падарон» (Вахш дар назар аст- З.Ў.) ва ё номи мавзеъҳо: қитъаҳои Вахш, Тупаланг, Тошработ, Кофар, Ҷўйбор, Ҷилликўл ҳамагӣ мўҷазу дилнишину дилангезанд. Шояд аксари ин номҳо бофтаи худи нависанда бошанд, аммо имкон дорад, ки воқеан ҳам деҳаву дараву пуштаҳои Тоҷикистон чунин номҳоро соҳиб бошанд.

Мусаллам аст, ки нависандаи муосир бояд ба сифати намояндаи насли нав аз тағйирў таҳаввули адабӣ огоҳ ва дар кўраи дигаргуниҳову кўшишҳои навгўиҳо пухта бошад. Имрўз нависандагони муваффақи мо талош доранд, ки аз иҷтимоғароии сирф дар канор бошанд ва баробари воқеъанигорӣ (реализм) ба намодгароӣ ва шеваҳои назарраси символизмро низ корбаст намоянд. Дар ин росто намояндагони насри муосири тоҷик кўшиш ба харҷ дода истодаанд, ки аз шарофату рисолат ва ҷурму камбудии инсон ва иҷтимоъ низ сухане чанд гўяд. Ба ин муносибат нависандагони тоҷики даврони истиқлол бо дилу назари тоза ба воқеъоти иҷтимоӣ ва маънавии муосир назар андўхта, муҳимтарин муаммоҳои ҳаёти муосирро бо ҳама ихтилофҳояшон зери тасвири бадеӣ қарор додаанд ва дар тарзи тасвир ва кушодани хислату характери муосирони мо ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд.

Адабиёт

1. *Акобиров, Ю. Замини падарон / Ю. Акобиров – Душанбе: Ирфон, 1978. – 393 с.*
2. *Акобиров, Ю. Норак / Ю. Акобиров – Душанбе: Ирфон, 1979. – 384 с.*
3. *Алимов, Д. Саҳми рӯзномаҳо дар обёрии водии Вахш / Д. Алимов // Хатлон. – 2013. – 5 ноябр.*
4. *Бақозода, Ҷ. Ҳиссиёти олӣ ё сохта. Камбудиҳои асарҳои Ю. Акобиров / Ҷ. Бақозода // Маданияти Тоҷикистон, 19.02. 1982.*
5. *Вахшстрой-детище дружбы народов. – Худжанд: 1998. -84 с.*
6. *Комиссаров, Д. Остров «белого золота». Золотая долина / Д. Комиссаров – Душанбе: Ирфон, 1984. – 290 с.*
7. *Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия) / Мирзонасриддин – Душанбе: Ирфон, 2024. – 360 с.*
8. *Миршакар, М. Хотироти рӯзҳои аҷиб [Матн] / М. Миршакар // Садои Шарқ №12, 1971. – С. 35-42.*
9. *Хоҷазод, М. Норак: Об – рӯшноӣ; Роғун: Куҳ бе варта нест; Сангтӯда: Барқи дили Сангтӯда / М.Хоҷазод – Хуҷанд Ношир, 2008. – 534 с.*
10. *Шарифов Х. Достони меҳнат ва шуҷоат/ Ю.Акобиров. Норак. Душанбе: Ирфон, 1979.*
11. *Ясенский Бруно. Человек меняет кожу. – М.: Советский писатель, 1956. – 584 с.*
12. *https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%92%D0%B0%D1%85%D1%88 (муроҷиат санаи 28.11.2025).*

ТАСВИРИ ИНШООТИ АЗИМИ КИШВАР ДАР НАСРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (дар ҳошияи романҳои Муҳиддин Хоҷазод «Куҳ бе варта нест», «Барқи дили Сангтӯда» ва Мирзонасриддин “Нони шарикӣ”)

Мақолаи мазкур дар ҳошияи романҳои Муҳиддин Хоҷазод «Куҳ бе варта нест», «Барқи дили Сангтӯда» ва Мирзонасриддин “Нони шарикӣ” навишта шудааст. Асар баёнгари рафти сохтмони иншооти азими кишвар дар солҳои 50-уми садаи XX буда, дар Тоҷикистони шуравӣ ба вуқуъ пайвастааст, ба силки таҳқиқи бадеӣ кашида, масоили муҳоҷиркунии маҷбурӣ дар солҳои минбаъдаро нишон медиҳад. Муаллиф дар мақола таъкид бар он дорад, ки муҳтавои асосии асарро бархӯрдҳову зиддиятҳои персонажҳои манфиву мусбат ташкил мекунад. Гузашта аз ин, образҳои манфию мусбати роман на танҳо бо ҳамдигар, балки бо персонажҳои ба худ монанд ҳам муқовимат намуда, ҳақиқати воқеиро бобати дар заминаи тазод рушд кардани ҷомеа ба хотир меоранд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки нависандаи муосир бояд ба сифати намояндаи насли нав аз тағйиру таҳаввули адабӣ огоҳ ва дар кӯраи дигаргуниҳову кӯшишҳои навгӯиҳо пухта бошад. Нависандагони тоҷики даврони истиқлол бо дилу назари тоза ба воқеъоти иҷтимоӣ ва маънавии муосир назар андӯхта, муҳимтарин муаммоҳои ҳаёти муосирро бо ҳама ихтилофҳояшон зери тасвири бадеӣ қарор додаанд ва дар тарзи тасвир ва кушодани хислату характери муосирони мо ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд.

Калидвожаҳо: адабиёт, истиқлол, иншоот, Вахш, Норак, Роғун, Муҳиддин Хоҷазод, «Куҳ бе варта нест», «Барқи дили Сангтӯда», Мирзонасриддин, “Нони шарикӣ”, муҳоҷират, романи иҷтимоӣ.

ОПИСАНИЕ ВЕЛИКОГО СТРОИТЕЛЬСТВА СТРАНЫ В ПРОЗЕ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ (на основе романах Мухиддина Ходжазода «Нет горы без пропасти», «Электричество в сердце Сангтуды» и Мирзонасриддина «Хлеб товарищества»)

Статья написана в контексте романах Мухиддина Ходжазода «Нет горы без пропасти», «Электричество в сердце Сангтуды» и Мирзонасриддина «Хлеб товарищества». В произведениях описывается строительство масштабных объектах в стране в 1950-х годах, проходившее в советском Таджикистане. В русле художественного исследования раскрываются проблемы вынужденной миграции в последующие годы. В статье автор подчёркивает, что основное содержание произведения формируют противоречия и противостояния отрицательных и положительных персонажей. Причём отрицательные и положительные персонажи романа противостоят не только друг другу, но и схожим по характеру персонажам, напоминая нам о реальной истине развития общества на основе противоречий. Автор приходит к выводу, что современный писатель, как представитель нового поколения, должен быть в курсе литературных изменений и событий, быть готовым к переменам и усилиям новаторов. Таджикские писатели эпохи независимости по-новому взглянули на современные общественные и духовные события, в художественном отображении представили важнейшие проблемы современной жизни со всей их противоречивостью, добились успеха в изображении и раскрытии характера и натуры наших современников.

Ключевые слова: литература, независимость, строительство, Вахш, Нурек, Рогун в романах Мухиддина Ходжазода «Нет горы без пропасти», «Электричество в сердце Сангтуды» и Мирзонасриддина «Хлеб товарищества», миграция, социальные романы.

DESCRIPTION OF THE GREAT CONSTRUCTION OF THE COUNTRY IN PROSE OF THE INDEPENDENCE PERIOD (based on the novels 'No Mountain Without a Precipice' and 'Electricity in the Heart of Sangtuda' by Muhiddin Khojazod, and 'The Bread of Fellowship' by Mirzonasriddin)

The article is written in the context of the novels by Mukhiddin Khodjazoda “There is no mountain without an abyss”, “Electricity in the heart of Sangtuda” and Mirzonasriddin “Bread of partnership”. The works describe the construction of large-scale projects in the country in the 1950s, which took place in Soviet Tajikistan. The artistic research reveals the problems of forced migration in subsequent years. In the article, the author emphasizes that the main content of the work is formed by contradictions and confrontations between negative and positive characters. Moreover, the negative and positive characters of the novel oppose not only each other, but also characters with similar personalities, reminding us of the real truth of the development of society based on contradictions. The author comes to the conclusion that a modern writer, as a representative of a new generation, must be aware of literary changes and events, be ready for changes and the efforts of innovators. Tajik writers of the independence era took a fresh look at contemporary social and spiritual events, artistically depicting the most important issues of modern life with all their contradictions, and achieving success in depicting and revealing the character and nature of our contemporaries.

Keywords: literature, independence, construction, Vakhsh, Nurek, Rogun in the novels of Muhiddin Khodjazoda “There is no mountain without an abyss”, “Electricity in the heart of Sangtuda” and Mirzonasriddin “Bread of partnership”, migration, social novels.

Дар бораи муаллиф
Ӯлмасова Замирахон
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: zamira_ulmasova@mail.ru

About the author
Ulmasova Zamirakhon
Docte of fhilology, professor
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
E-mail: zamira_ulmasova@mail.ru

Об авторе
Ульмасова Замирахон
Доктор филологических наук, профессор
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан,
г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
E-mail: zamira_ulmasova@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09

САЛМОНИ СОВАҶӢ ВА ДОСТОНИ «ҶАМШЕДУ ХУРШЕД”- И Ӯ

Казакова У. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ҷамолиддин Салмон ибни Алоуддин Муҳаммади Совақии мутахаллис ба Салмон яке аз маъруфтарин қасидасароёни қарни XIV ба шумор меравад. Ӯ дар хонаводаи Алоуддин Муҳаммад ном шахсияти маъруфи давр, ки ***«аҳли қалам будааст»*** ва аз наздикони вазири машҳур ва фозили Элхониён–Рашидаддин Фазлуллоҳ ба шумор мерафтааст, дар шаҳри Соваи тобеъи вилояти Форси Эрон ба дунё омадаст.

Салмон дар овони ҷавонӣ таҳсилоти зарурӣ ва малакаи шоирӣ омӯхта, дар дарбори подшоҳони Элхониёни муғул хидмат мекардааст ва дар шеъру шоирӣ, аз он ҷумла дар қасидасароӣ барвақт шуҳрат пайдо намудааст. Аз абёти зерини яке аз қасидаҳояш маълум мегардад, ки ӯ дур аз Сова, дар хидмати Элхониён ва вазир Ғиёсиддин Муҳаммад будааст ва барои дидани дидори падар аз вазир иҷозат мехоҳад:

Соҳибо, як солу шаш мох аст, то ҳар дам лабам,
Раҳмати хоки ҷаноби Хоҷа дастуре диҳад.
Чашми он дорам, ки дастури ҷаҳон мар бандаро,
Баҳри дидори падар як моҳ дастурӣ диҳад [3, с. 122].

Баъди шикасти давлати Элхониён бунёдгузори силсилаи Ҷалоириён–Шайх Ҳасани Бузург Салмонро ба пойтахти давлати худ–Бағдод даъват мекунад ва ӯ дар ҳудуди беш аз бист сол ба ҳайси шоири дарбори ин шоҳ хидмат намуда, дар мадҳи Шайх Ҳасан, завҷаи ӯ Дилшодхотун ва ашрофу акобири давлати онҳо силсилаи қасоиди мадҳии худро эҷод менамояд.

Дар дарбори Шайх Ҳасани Ҷалоирӣ Салмон зиндагии осуда ва рафоҳияти хуби моддӣ доштааст, вале аз қасоиди ӯ маълум мегардад, ки вақти ӯ куллан масруфи дарбор буда, дар базму маҷлисҳои подшоҳ ва сафарҳои ӯ, тарбияи фарзандони вай ширкат мекард ва солҳои тӯлонӣ дур аз падар ва аҳли байти худ зиндагӣ намуда, азобу дарди ҷудоӣ мекашид. Аз ин ҷо, агар дар қасидае ба Дилшодхотун аз фироқи беш аз даҳсолаи худ аз аҳли байт хабар диҳад, дар қасидаи дигаре, ки ба ин зани бофазл бахшида шудааст, барои ба муҳлати як–ду моҳ сафар кардан, ба хотири дидори падар, иҷозат мепурсад:

Бигӯ ба равзаи поки мири Димишк,
Бигӯ ба исмати маҳди муъаттари ту расон.
Ки як-ду моҳ бифармой аз тариқи ризо,
Иҷозати падари банди банда аст, Салмон [3, с. 215].

Аз ашъори худи Салмони Совақӣ маълум мегардад, ки ӯ оқибат ба зодгоҳаш сафар намуда, аҳли байти хешро низ ба Бағдод оварда будааст, вале аз соли 1356 милодӣ тағйироте дар вазъи иҷтимоии давр ва зиндагии худи Салмон рух медиҳад. Ҳамон соли 1356 милодӣ баъди вафоти Шайх Ҳасан фарзанди ӯ - Султон Увайс ба тахт менишинад. Султон Увайс, ки аз ҷавонӣ ба Салмон унс гирифта буд, нисбат ба ӯ илтифоти зийде дошт, вале рақибон ва ҳасудони дарбории ӯ фурсат пайдо карда, фитнаву дасисаҳо эҷод намуданд ва ниҳоят илтифоти султонро нисбат ба Салмон ба беэътиноӣ табдил медиҳанд.

Пас аз вафоти Султон Увайс ва ба сари қудрат омадани фарзандони ӯ - Ҳусайн вазъи Салмон боз бадтар мегардад, зеро соли 1375 ӯ ба муносибати ғалабаи Шоҳшуҷоъи Музаффарӣ бар Табрез якчанд қасидаи таҳният гуфт ва вақте ки Султон Ҳусайн дуюмбора ин шаҳрро тасхир кард, кинаву ғазаби ӯ нисбат ба Салмон зиёд гардида буд. Аз ин сабаб, ҳарчанд Салмони Совақӣ дар мадҳи Султон Ҳусайн низ қасоиде саршори садоқат ва ихлос гуфт, вале илтифоти шоҳ нисбат ба ӯ пайдо нагардид. Аз қасоиди Салмон маълум мегардад, ки ӯ дар замони султон Ҳусайн куллан аз дарбор берун монда будааст ва далели он абёти зайл аст, ки шоир собиқаи хидмати худро ба ёди шоҳ оварда аз ӯ иноятӣ илтифот дар ҳаққи худ таманно менамояд:

Худовандо, манам, к–аз мадҳи обои сарафрозат,
Ба гавҳар додаам тарсеи гӯши аҳли оламро.
Шуморо лозим аст, алҳақ, назар бар ҳоли ман кардан,
Аҷаб ҳолест ҳоли ман, назар бар ҳоли ман фармо [3, с. 88].

Зиндагии Салмон дар замони ҳукумати Султон Ҳусайн беш аз ду сол тӯл накашид ва қариб панҷоҳ соли умри худро хидмати Ҷалоириён гузаронида, соли 1376 дар зодгоҳаш - Сова даргузашт ва дар ҳамон ҷо мадфун гардид.

Куллиёти осори комили Салмон ҳанӯз ба табъ нарасидааст. Девони ӯ, ки дар Теҳрон соли 1336/1958/ чоп шудааст, шомили ғазалиёт ва қасоиди шоир аст, дар ҳоле, ки Салмон соҳиби қитаъот, таркиббанд, соқинома, маснавиҳои *«Ҷамшеду Хуршед»* ва *«Фироқнома»* ҳам мебошад. Теъдоди умумии абёти Салмонро баъзе муҳаққиқон иборат аз 11000 байт ва иддае дигар аз 8700 то 21500 байт иборат донистаанд.

Салмон "Соқинома" ва ду маснавии ишқии ҳамосӣ эҷод кардааст. Яке маснавии "Фироқнома", ки инъикоси воқеаҳои замони худи ӯст ва дар соли 770 ҳиҷрии қамарӣ навишта шудааст.

Маснавиии дигари шоир ин достони «Ҷамшед ва Хуршед» мебошад, ки 2700 байтро дар бар мегирад. Дар хусуси достони мазкур бори нахуст адабиётшиноси тоҷик Н. Сайфиев як қатор таҳқиқот анҷом додааст, ки барои омӯзиши минбаъдаи рӯзгору осори шоир Салмони Совачӣ ҳамчун манбаи боэътимод маҳсуб меёбанд [7; 8; 9].

Дар достон аз муҳаббати Ҷамшед, писари шоҳи Чин Шоҳпур ва духтари Қайсари Рум– Хуршед ҳикоят карда мешавад. Сабаби назми асарро шоир чунин баён мекунад:

Салмон дар муқаддимаи достон нақл мекунад, ки рӯзе Султон Увайс ӯро ба назди худ даъват карда, мегӯяд, ки *"хусравона нақше аз нав"* бисозад ва достони ошиқонаи ҷадиде бипардозад, зеро қиссаи "Вомиқ Узро", "Хусраву Ширин" ва "Вису Ромин" куҳна шуда, дурри шаҳвори Низомӣ сиёҳ гаштааст. Салмон барои он ки "ҳаққи неъмати панҷоҳсола"-ро ба ҷо оварда бошад, достони "Ҷамшед ва Хуршед"-ро барои султон месарояд.

Маро як рӯз шоҳаншоҳи олам,
Чароғи дудмони насли одам.
Фиристоду ба хилват пеши худ хонд,
Ба одат пеши тахти хеш биншонд.
Маро гуфт: «Эй сухангӯйи сухансанҷ,
Чӣ пинҳон кардаӣ дар кунҷи дил ганҷ?
Куҳан шуд қиссаи Фарҳоду Хусрав,
Баровар хисравона нақше аз нав» [10, с. 29].

Оғози достон чунин аст, ки дар мулки Чин подшоҳе зиндагӣ мекард, ки салтанатро аз рӯйи адлу дод идора мекард.

Хабар доданд доноёни пешин,
Ки вақте подшоҳе буд дар Чин…
Русуми доду дин бунёд карда,
Ба доду дин ҷаҳон бунёд карда.
Ба аҳдаш кас набудӣ дар ҳама Чин,
Ҷигар хунин, магар оҳуи мушкин [10, с. 31-32].

Ин подшоҳ сипоҳи бешуморе дар кӯҳу дашту ҳомун дошт, ки ҳамеша дар дили душманон ваҳм меандохт. Ӯро чиниён Фағфур меномиданд, вале дар асл номаш Шопур буд. Шопур писаре дошт бо номи Ҷамшед, ки шоир ӯро чунин тасвир кардааст:

Ҳумоюнкавкабе, хуршед ҷомаш,
Фаридунмавкабе, Ҷамшед номаш.
Ҷаҳонро тозаву нав шаҳрёре,
Зи Ҷамшеду Фаридун ёдгоре… [10, с. 32].

Ҷамшед мисли дигар шоҳзодаҳо аз ҳунарҳои асптозию чавгонбозӣ, лашкардорию шамшерзанӣ ба хубӣ огоҳ буд. Малик рӯзе фармон медиҳад, ки дар боғ базм ороянд. Базм то дамидани субҳ бо айшу нӯш идома мёбад ва вақте субҳидам Ҷамшедро хоб мебарад, дар хоб қасреро ва дар ин қаср духтари соҳибҷамолеро дида, ба ӯ сахт ошиқ мешавад.:

Ҷу хуршедаш узори арғувонӣ
Дурафшон аз ниқоби осмонӣ.
Бути раъно к-аш аз моҳи муқаннаъ,
Ҷу Маҳ бар чеҳраи иклил мурассаъ.
Фурӯғи оразашро акси хуршед,
Нигини хотамашро муҳри Ҷамшед [10, с. 35-36].

Ҷамшед дар хоб гирифтори ишқи ин парӣ мегардад:

Ҳамезад даст бар дил, санг бар сар,
Ки не дил дошт андар бар, на дилбар

Ҳаменолиду дурри ашк месуфт,
Ба зорӣ ин ғазал бо хеш мегуфт [10, с. 36].

Парасторони Ҷамшед садои нолаву оҳи ӯро шунида, бар сари болини ӯ меоянд. Ҷамшед ин ҳолатро аз хоб дониста, сирру асрорашро ошкор намекунад:

Ба дил гуфт: "Ин ҳама бояд нуҳуфтан,
Хаёл аст ин, нашояд боз гуфтан" [10, с. 37].

Ҷамшед дар хаёли ёр хӯру хобро фаромӯш мекунад. Надимон хабари беқарорию канорагирӣ аз мардум ва дар оташи ҷунунӣ гирифтор шудани ӯро ба падараш мерасонанд:

Ки, шоҳо, ҳолати шаҳзода дарёб,
Ки не рӯзаш қарор аст, не ба шаб хоб.
Ба хок андохта чархаш чу тир аст,
Камони қаддаш акнун гӯшагир аст… [10, с. 42].

Аз шунидани ин хабар подшоҳ аз аҳволи писараш ошуфта гардида, модари Ҷамшед Ҳумоюнро назди худ мехонад:

Хабар дорӣ, ки рӯди мо сароб аст,
Асоси мулки ҷамшедӣ хароб аст.
Зи дасти Ҷам ҷаҳон ангуштарӣ бурд,
Надонам, дев бурда ё парӣ бурд… [10, с. 43].

Модар бо шунидани ин қисса аз ҳуш меравад, аммо малик ҳалли мушкилотро дар гиряву нола намебинад ва бо ҳам маслиҳат карда, ба назди Ҷамшед мераванд. Маликзода назди падару модараш узр мехоҳад, ки гирифтори дарде шудааст, ки дармон надорад. Шаҳаншоҳ мефаҳмад, ки Ҷамшед ба дарди ишқ гирифтор шудааст, ба тадбир мепардозад. Ҷамшед Меҳроби бозаргонро, ки марди ҷаҳондидае буд, назди худ мехонад. Ҷамшед аз ӯ ҳамчун шахси ҷаҳонгаштаву дунёдида мепурсад, ки дар олам чун сайр мекунад, дар кадом мулк хубрӯён бисёр аст.

Меҳроб тасвири духтари Қайсари Рум Хуршедро ба ӯ нишон медиҳад. Ҷамшед дар тасвир маъшуқаи худро мешиносад:

Назар чун бар ҷамоли сурат андохт,
Ҳамон дам сурати нодида бишнохт.
Малик Ҷамшед нақши ёри худ ёфт,
Нигорин сурати дилдори худ ёфт… [10, с. 50].

Ҷамшед ба Меҳроб хоби дидаи худро нақл карда, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки илоҷи дарди ӯро пайдо созад. Ҷамшед пас аз гирифтани ризояти падару модар бо ҳамроҳии Меҳроби бозаргон роҳи Румро пеш мегиранд. Дар роҳ мулкеро дида, аз Меҳроб мепурсад ва мефаҳмад, ки подшоҳи ин мулк занест бо номи Ҳурзод. Ҷамшед мефармояд, ки дар он ҷо базме биёроянд. Хабар ба гӯши Ҳурзод мерасад ва ӯ ба маҷлис ҳозир мешавад. Ҷамшед саргузашташро ба Ҳурзод нақл мекунад. Ҳангоми ба сафар баромадан, Ҳурзод ба Ҷамшед ду сандуқчаи пур аз ҷавоҳирот дода, мегӯяд, ки ҳар гоҳе ба мушкилӣ мувоҷеҳ шавад, як ҷавоҳирро ба оташ афканад.

Ҷамшед бо Ҳурзод хайрухуш намуда, ҳамроҳи Меҳроби бозаргон роҳи Румро пеш мегирад. Дар роҳ ба бисёр мушкилиҳо дучор мешаванд, аз қабили гузаштан аз сарзамини ҷиниён, ҷанг бо Аквондев, ғарқа шудан дар дарё ва ғайра, билохира, ба Рум мерасанд. Ҷамшед ба сурати бозаргонон вориди шаҳр шуда, ба ин васила ба дарбори Қайсар роҳ ёфтанӣ мешавад. Хабар ба гӯши Қайсар мерасад ва Ҷамшедро ба назди худ даъват намуда, аз мулки Чин пурсон мешавад. Суҳбат бо Ҷамшед ба Қайсар хуш меояд ва тааҷҷуб мекунад , ки чаро чунин ҷавони ҳушманд ба тиҷорат даст задааст. Он гоҳ базм ороста ба Ҷамшед хилъатҳо инъом мекунад. Меҳроб бошад, ба даргоҳи Қайсари Рум мол бурда ба назди Хуршед меравад. Хуршед аз Меҳроб пурсид, ки аз куҷо меояд.

Бад-ӯ гуфто, ки: "Ман Меҳроби Чинам,
Шоҳаншоҳро ғуломи камтаринам.
Зи Чин бар азми ин фархунда даргоҳ,
Миён барбаставу паймудаам роҳ.
Басе оварда чун боди баҳорӣ
Ҳарири чиниву мушки таторӣ? [10, с. 84].

Малика Хуршед аз Меҳроб ҳикоятҳои рангин шунида талаб мекунад, ки барояш матои ҳарири чинӣ биёрад. Меҳроб аз фурсат истифода бурда, дурру ёқути гарон, матоъҳои хушранги чиниро гирифта бо Ҷамшед ба дарбор мефиристад. Ҷамшед ба қаср меравад ва ҳар он чи дар хоб дида буд, бо чашми бедораш мебинад:

Дилаш меҷасту мегуфт: “Ин чӣ ҳол аст?
Ҳамон хоб аст, гӯйӣ ё хаёл аст.
Ба бедорӣ кунун мебинам ин хоб,
Магар бедор шуд бахти гаронхоб [10, с. 87].

Ҷамшед баробари дидани Хуршед ба ҳусну ҷамоли ӯ мафтун шуда, гирифтори ишқи ӯ мегардад ва бо бекарорӣ шабу рӯзашро ба оҳу шеван мегузаронад. Катоюн, дояи Хуршед медид, ки рӯз то рӯз ҳоли Хуршед бад мешавад. Он гоҳ ҳолро аз малика мепурсад. Хуршед ба ишқи Ҷамшед гирифтор шуданашро ба Катоюн баён мекунад. Хабар ба гӯши модари Хуршед мерасад, ки духтараш гирифтори ишқи ҷавони чинӣ гардидааст ва зуд роҳи қасри Хуршедро мегирад. Модар ҳоли духтарро дида, ӯро насиҳат карда, илоҷи воқеаро дар он мебинад, ки Хуршедро ба қасри дигар барад. Модар Хуршедро дар қалъае маҳбус месозад:

Чаман парвард, гулбарги баҳорӣ,
Чу гул дар ғунча шуд ногаҳ ҳисорӣ...
Бар он оташ, ки ҳичронаш барафрӯхт,
Ҷудо гашт аз асал чун мум месӯхт.
Намеосуд рӯзу шаб, намехуфт,
Ҳама шаб ин сухан бо доя мегуфт:
“Дили ман боре аз тимор хун аст,
Надонам ҳоли он бемор чун аст?!” [10, с. 129-130].

Ҷамшед аз сузи ишҷу дурии маҳбубуи худ сар ба биёбон мениҳад ва ҳамдами дарандагону ҳайвонҳои саҳрой мегардад. Меҳроб аз пайи Ҷамшед ҳамроҳи ғуломон саросар кӯҳу дашту ҳомунро мегардад ва Ҷамшедро пайдо карда, ба шаҳр бармегардонад.

Меҳроб аз ҳоли Ҷамшед ғамгин шуда, хоҳиш мекунад, ки аз сараш савдои ишқро берун кунад ва роҳи ақлро пеша кунад. Ҷамшед суханҳои Меҳробро қабул намекунад. Ҷамшед бори дигар кӯшиш мекунад, ки ба дарбори Қайсар роҳ ёбад ва ба воситаи нисори зару сим эътимоди модари Хуршедро ҷалб намояд. Ғуломон аз зару ёқут, лаъли бадахшонӣ туҳфаҳои гаронбаҳо ба дари Қайсар меоранд. Модари Хуршед Афсархотун аз куҷо ва моли кӣ будани онро мепурсад:

Бад-ӯ гуфт:”Ин ҷавон бозоргон аст,
Сипаҳсолори ҷамъи корвон аст” [16, с. 140].

Малик Ҷамшед ба назди дарбон меравад ва мегӯяд, ки аз мулки Чин омадааст ва агар шоҳ қабул намояд, сарафроз хоҳад шуд:

Амири борро гуфт: ”Эй худованд,
Маро аз Чин ҳавои шоҳ барканд.
Ба давлат боз бастаст ин замон кор,
Қабул афтам, гарам давлат бувад ёр” [16, с. 140].

Қайсари Рум баъди шунидани ин хабар ӯро як ҳафта меҳмондорӣ намуда, пас аз як моҳ ӯ ҳамдаму дамсози Қайсар мешавад ва ба дили Афсархотун роҳ меёбад.

Шабе Ҷамшед аз ҳама пинҳонӣ ба мулоқоти дӯстдоштаи худ Хуршед меравад ва мебинад, ки маҳбубаш зору бемор аст. Пас аз чанд муддат модарро водор мекунад, ки ӯро аз қалъа озод созад. Дар ин миён писари подшоҳи Шом, ки ҳангоми хурдсолии Хуршед ӯро ба вай номзад карда буданд, барои издивоҷ ба Рум меояд

Ҳамин вақт ба дарбор хабар меояд, ки писари шоҳи Шом–Шодишоҳ ба мулки Қайсари Рум меояд. Чун корвони Шодишоҳ ба Рум расид, бузургони Рум ба пешвозаш мебароянд. Шодишоҳ ҷавони зебои сарвқад ва кушодачеҳрае буд. Малик Шодишоҳро ба даргоҳи худ мебарад ва аз ҳар мавзуъ суҳбат меороянд. Шоҳ Қайсар ба ин муносибат базм ороста, Ҷамшедро низ даъват менамояд. Дар маҷлиси базм Шодишоҳ тоби хӯрдани май намеоварад ва маст мешавад

Рӯзи дигар Қайсари Рум ҳамроҳи Шодшоҳ ба майдон барои бозии чавгон мераванд. Хабар ба гӯши Афсар мерасад. Берун аз шаҳр Қайсар қасре дошт, ки аз айвони он Афсар бо Хуршед барои тамошо берун мераванд. Ҷамшед дар майдон ҳунармандӣ мекунад ва дар бозии чавгон ва шикор бо ҳунарнамоиҳои худ ӯро шикаст медиҳад.

Қайсар шикори Ҷамшедро дида ба ӯ аҳсан мехонад ва дар бозгашт Афсару Хуршедро назди худ хонда, аз ҳунари шикори Ҷамшед таъриф мекунад:

Бад-ӯ гуфт:“Ин писар хусравнажод аст,
Ки хусравсирату хусравниҳод аст.
Рухаш ойинаи ойини шоҳист,
Зи сар то по ҳама фарри илоҳист.

Маро марди ҳунарпарвард бояд,
Зи шахси беҳунар коре наёяд [16, с. 183].

Вале аз кори Шодишоҳ норозӣ шуд ва таъкид кард, ки:

Иёри гавҳараш гарчи дуруст аст,
Вале якборагӣ дар кор суст аст.
Зи ҷоҳу гавҳар арчӣ бонасиб аст,
Вале дар кор чун теғи хатиб аст"... [*16, с. 183].*

Ҷамшед як бор низ Қайсарро аз чанголи шере, ки дар шикоргоҳ ба ӯ ҳамла карда буд, мераҳонад ва кам-кам ба Қайсару ҳамсараш маълум мешавад, ки ӯ бозаргон нест, балки шоҳзодаест, ки сазовори издивоҷ бо духтарашон мебошад.

Баъд аз ин, Қайсар шароити мушкиле барои издивоҷи Шодишоҳ бо духтараш муҳайё мекунад ва Шодишоҳ аз мақсади рад кардани Қайсари Румро мефаҳмад ва ба Шом бармегардаду ба ҷанг тайёрӣ мебинад.

Ҷамшед сардории лашкари Қайсарро қабул мекунад ва пас аз набарди сахте лашкари Шомро шикаст медиҳад. Баъд аз ғолиб омадан як соли дигар дар Шом бо адлу дод салтанат менамояд. сипас ба Рум баргашта, бо Хуршед издивоҷ мекунад. Пас аз чанде Ҷамшед аз Қайсари Рум иҷозат гирифта, ҳамроҳи Хуршед ба Чин, назди падару модари худ, ки аз дурии писарашон ранҷуру ҳазин буданд, меравад. Хабар ба падари Ҷамшед Шопур ва модараш Ҳумоюн мерасад ва онҳо аз хурсандӣ беҳуш мешаванд:

Чу ҷони нозанинаш дошт дар бар,
Ҳазораш бӯса зад бар пою бар сар [16, с. 213].

Падар тоҷи салтанатро ба ӯ месупорад ва малик Ҷамшед то охири умр бо адлу дод салтанат меронад. Шоир хулоса мекунад:

Чунин буд, эй бародар, ҳоли Ҷамшед,
Ҷаҳон бар кас нахоҳад монд ҷовид.
Чу Хуршед ар шавӣ, бар чарх гардон,
Ба зери хок хоҳӣ гашт пинҳон.
Чу Ҷамшед ар ниҳад, бар бод тахтат,
Ҷаҳон охир диҳад барбод рахтат [16, с. 214].

Хулосаи калом, достони "Ҷамшед ва Хуршед" дар таърихи достонсароии форсу тоҷик мавзуи нав нест. Дар гузашта назири ин гуна достонҳо зиёд буданд, амсоли достонҳои "Вис ва Ромин", "Ширин ва Хусрав", "Гуштосб"-и Фирдавсӣ" ва ғайра, вале аз ҷиҳати шакл ва мазмуни тоза ва истифодаи ғазалу рубоёти фаровоне, ки дар он дида мешавад, дорои арзиши баланд аст.

Адабиёт

1. *Аббос Иқбол. Таърихи муфассали Эрон. Аз ҳамлаи муғул то ташкили давлати темурӣ. – Теҳрон, 1312 ҳ.ш. – 553 с.*
2. *Браун, Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Таърихи адабиёти Эрон аз нимаи қарни нуҳуми ҳичрӣ асри истилои муғулу тотор (Тарҷумаву ҳавошӣ ба қалами Алиасғари Ҳикмат). –Теҳрон, 1327 ҳ.ш. – 771 с.*
3. *Ёсимӣ, Рашид. Татаббуъ ва интиқолу аҳволи осори Салмони Соваҷӣ. – Теҳрон: Авесто, 1305. – 558 с.*
4. *Кулиев, Б. Захир Фарёбӣ и Салман Саваджи//Иранская филология. Материалы 1У Всесоюзной межвузовской научной конференции по Иранской филологии. – Тошкент: Фан, 1966. – С. 314-328.*
5. *Ризозода, Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1313 ш.ҳ.*
6. *Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 3. – Теҳрон, 1352. – 1013 с.*
7. *Сайфиев, Наҷмӣ. Аз таърихи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Салмони Соваҷӣ //Чанд мулоҳизаи адабӣ. Ҷ. 82. – Душанбе, 1973. – С. 84-113.*
8. *Сайфиев, Наҷмӣ. О поэзии "Джамшед и Хуршед" Салмана. //Актуальные проблемы иранской филологии. Материалы У111 Всесоюзной научной конференции. Май 1982 г. Душанбе, 1985. – С. 314-321.*
9. *Сайфиев, Наҷмӣ. Роҷеъ ба достони Салмони Соваҷӣ "Ҷамшеду Хуршед"//Чанд мулоҳизаи адабӣ. – Душанбе, 1974.*
10. *Соваҷӣ, Салмон. Достони "Ҷамшед ва Хуршед" / Таҳияи матн ва муқаддима аз У. Казакова. – Душанбе, 2024. – 222 с.*

САЛМОНИ СОВАҶӢ ВА ДОСТОНИ «ҶАМШЕДУ ХУРШЕД”- И Ӯ

Дар ин мақола дар бораи рӯзгору осори Салмони Совaҷӣ, махсусан, достони “Ҷамшеду Хуршед”-и вай баҳс ороста шудааст. Натиҷа ин ки Ҷамолиддин Салмон ибни Алоуддин Муҳаммади Совaҷии мутахаллис ба Салмон яке аз маъруфтарин қасидасароёни қарни XIV ба шумор меравад. Ӯ дар хонаводаи Алоуддин Муҳаммад ном шахсияти маъруфи давр, ки «аҳли қалам будааст» ва аз наздикони вазири машҳур ва фозили Элхониён–Рашидаддин Фазлуллоҳ ба шумор мерафтааст, дар шаҳри Соваи тобеи вилояти Форси Эрон ба дунё омадаст. Зиндагии ибратомӯз ва осори арзишмандеро ба мерос мондааст. Достони “Ҷамшеду Хуршед” аз ҷумлаи асарҳои беҳтарини шоир ба ҳисоб меравад. Дар он шоир моҷарои ишқи шоҳзода Ҷамшед ва малика Хуршеро ба риштаи тасвир кашидааст. Забони фасеҳ, тасвирсозиҳои шоирона, овардани навъҳои гуногуни шеърӣ дар матни достон аз навовариҳои шоир дар достонсароӣ муаррифӣ карда шудааст.

Калидвожаҳо: достони “Ҷамшеду Хуршед”, Салмони Совaҷӣ, ғоя, сюжет, таҳлил, байт, адабиёт, шоир, Чин, Рум, шоҳзода, малика.

САЛМАН САВАДЖИ И ЕГО ПОЭМА «ДЖАМШЕД И ХУРШЕД»

В данной статье рассматриваются жизнь и творчество Салмана Соваджи, в частности, его эпическая поэма «Джамшед и Хуршед». Джамолиддин Салман ибн Алауддин Мухаммад Соваджи, известный как Салман, считается одним из самых известных касыд-сари XIV века. Он родился в семье Алауддина Мухаммада, известного деятеля своего времени, «человека пера» и близкого родственника знаменитого и добродетельного министра Эльханидов Рашидуддина Фазлуллы, в городе Сова, провинции Фарс, Иран. Он оставил после себя образцовую жизнь и ценные труды. Поэма «Джамшед и Хуршед» считается одним из лучших произведений поэта. В ней поэт описывает историю любви принца Джамшеда и принцессы Хурше. Яркая выразительность языка, поэтическая образность и использование различных поэтических жанров в тексте поэмы относятся к числу новаторских творений поэта в области повествования.

Ключевые слова: повесть «Джамшед и Хуршед», Салман Саваджи, идея, сюжет, анализ, стих, литература, поэт, Китай, Рим, принц, принцесса.

SALMAN SAWAJI AND HIS POEM "JAMSHED AND KHURSHED"

This article examines the life and works of Salman Sawaji, particularly his epic poem "Jamshed and Khurshed." Jamaluddin Salman ibn Alauddin Muhammad Sawaji, known as Salman, is considered one of the most famous qasida-saris of the 14th century. He was born in the city of Sawaji, Fars Province, Iran, to Alauddin Muhammad, a renowned figure of his time, a "man of the pen," and a close relative of the famous and virtuous Elkhanid minister Rashid al-Din Fazlullah. He left behind an exemplary life and valuable works. The poem "Jamshed and Khurshed" is considered one of the poet's finest works. In it, the poet describes the love story of Prince Jamshed and Princess Khurshe. The poem's vivid expressiveness, poetic imagery, and use of various poetic genres are among the poet's innovative narrative achievements.

Keywords: novella "Jamshed and Khurshed", Salman Sowaji, idea, plot, analysis, poetry, literature, poet, China, Rome, prince, princess.

Дар бораи муаллиф
Казакова Умринисо Санговна
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Казакова Умринисо Санговна
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Kazakova Umriniso Sangovna
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 821.222.1-13

БОЗТОБИ ШАХСИЯТИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ФАХРИЯҲОИ Ӯ

Шерализода А. Ш., Казакова У. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ҳаким Абумуъин Носир ибни Хусрав ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ мутахаллис ба «Ҳуҷҷат» аз симои барҷаставу шуҳратёри илму адаби асри XI буда, бо осори пурарзишу гуногуншакл ва мухталифмаънои хеш, ки ифодакунандаи мазмунҳои гуногуни пурҳикмат, ахлоқи волои инсонӣ, андешаҳои бикр, фалсафаи амиқ мебошад, мақому ҷойгоҳи хосаро дар ҳикмату адабиёти классикии форсу тоҷик сазовор гардидааст.

Солҳост, ки Носири Хусрав ва мероси адабии ӯ таваҷҷуҳи зиёд ва пуршӯри ситоишгарону мунаққидонро ба худ ҷалб мекунад. Зиндагии Носири Хусравро ба чор давра тақсим намудан мумкин аст. Давраи аввали онро метавон ба замони кашмокашҳои сиёсӣ миёни хонаводаи Ғазнавиён ва Салҷуқиён мансуб донист. Чунин вазъи нобасомон, табоҳкорию чоплусии рӯҳониён шоири азодандешро нороҳат мекард. Давраи дуюмро хастагиҳо аз дарбор ва пеш гирифтани роҳи Каъба ташкил медиҳад. Ин буд, ки шоири тавоно ба баҳонаи зиёрати Каъба тарки дарбор кард ва сафари ҳафтсола рафт. Ин сафар ба ҷаҳонбинии шоир таъсири амиқ гузошт, ки шаҳодати он офаридаҳои баландмазмуни бо забони фасеҳу равони форсии тоҷикӣ аз қабили қасидаву маснавӣ ва «Сафарнома» гардидааст. Давраи сеюм гаравидан ба кеши исмоилӣ ва давраи чаҳорум бозгашт ба Хуросон ва паноҳ бурдан дар Юмгондара мебошад. Ҳамаи ин давра ба эҷодиёти адиб бетаъсир намонд.

Мафохира ё нозиш аз ҷузъи навъи адабии ҳамоса ба ҳисоб меравад, яке аз бунмояҳои мазмуни шеъри форсӣ, балки адабиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ҳаким Носири Хусрав низ дар шеъраш аз фахрия истифода намудааст, аммо бо нозаш ба худ ва шефтагие ба шеъри хеш, дар худситоӣ ва бартариҷӯӣ муболиға накардааст. Суханшиносӣ, бартариҷӯӣ ва фахр ба фазоили ахлоқӣ аз бартарин мафохироти ин шоир аст.«Бешак, вожаи «мафохира» дар ҳавзаи адабии имрӯз ба унвони навъи адабӣ зери маҷмуае аз навъи адабии ҳамосашинохтӣ мешавад ва дар маънӣ он навъи манофист, хешхоҳӣ, нозишва бартариҷӯии табиӣ аст» [2, с. 42].

Мазмун ва мундариҷаи қасидаҳои Носири Хусрав гуногун аст. Аксаран шоир дар қасидаҳои хеш мавзуъҳои ахлоқию фалсафиро тараннум намудааст. Мутаффакири бузург ҳамеша ахлоқи баланд ва иззати нафсро ситоиш мекунад, ки худ намунаи барҷастаи он аст. Вай ба бартарии забони форсӣ, адабиёт ва фарҳанги он бар дигар забонҳо ва фарҳангҳо эътимод дорад. Вай бар забони модарии худ менозад ва онро пеши пои «хукон»- ҳокимони камфаҳму шоҳзодагони нолоиқ, ки қудрати фаҳми зарофат ва зебоиҳои забони форсиро надоранд, ҳифз мекунад:

Ман онам, ки дар пои хукон нарезам,
Мар ин қиммати дурри лафзи дариро [5, с. 11].

Бузургии дигари Носири Хусрав дар он ба назар мерасад, ки ӯ мисли дигар шоирони дарбор ба мадҳу ситоиши касе напардохта, ба умеди сила шеър нагуфта, донишу фазли хешро «… дастовези лаззатҳои дунёию хушиҳои ҳаёт насохт» [5, с. 12].

Шеъри Носири Хусрав ифодакунандаи мавзуъҳои ҳаё, шарм, инсоф, ақл, дониш, бузургдошти илм, қадри олим, манзалати аҳли адаб, бевафоии олам, чархи каҷрафтор ва ғайра мебошад. Дар баробари ин вобаста ба мазмуни қасида ва маснавиҳо дар ҳолатҳои гуногун шоир даст ба фахрия низ задааст. Ҳар як байти фахрияи шоир шароит ва замони худро дорад, он аз ҳунари сухангустарӣ ва маҳорати баланди худ хабар диҳад. Масалан, дар қасидаи «Эй қуббаи гардандаи беравзаи хазро» дар ибтидо шикояти шоир аз чарху замон ба назар мерасад, баъдан суханро бузургтарин давлат медонад, зеро сухан аст, ки инсонро аз хок ба Сурайё мебарад ва қудрату тавонмандии сухан дар зинда кардани мурда аз ҷониби Исо низ ба ҳамин васила нишон дода шудааст:

Ҷонат ба сухан пок шавад, з-он ки хирадманд,
Аз роҳи сухан баршавад аз чоҳ ба Ҷавзо…
***Фахрат ба сухан бояд**, азеро-к бад- ӯ кард,*
Фахр он ки намонд аз паси ӯ ноқаи азбо.
Зинда ба сухан бояд гаштан-т азеро-к,
Мурда ба сухан зинда ҳамекард Масеҳо [5, с. 23].

Носири Хусрав даврањои мушкилу ноҳамвор ва лаҳзаҳои душворро паси сар кард ва оқибат пас аз машаққати зиёд ӯ ба Юмгондара ном макони дурдасту назарногири Бадахшон паноҳ бурд. Шоир ин ҳолати ғурбатро дар қасидаи «Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро» хеле ҷонсӯз чунин тасвир мекунад ва бовар дорад, ки агар ӯро бо фазл ва донишаш мартаба медоданд, пас бояд ҷояш дар паҳлӯи Моҳ қарор мегирифт:

...Гар дар камоли фазл бувад мардро хатар,
Чун хору зор кард, пас ин бехатар маро?
Гар бар қиёси фазл бигаштӣ мадори чарх,
Ҷуз бар мақарри Моҳ набудӣ мақар маро.

Ин андешаи Ҳаким Носири Хусрав идома ёфта, шоир аз миқдори асарҳои худ фахр мекунад:

Мангар бад-ин заиф танам, з-он ки дар сухан,
З-ин ***чархи пурситора фузун аст асар*** *маро.*
Ҳарчанд масканам ба Замин аст, рӯзу шаб,
Бар ***чархи ҳафтум аст маҷоли сафар*** *маро… [5, с.27].*

Шоир аз назму насри офаридаи худ ифтихор дорад ва худро дар эҷоди асар ҳамрадифи маликушшуарои дарбори ғазнавиён Унсурӣ ва шоири қадими араб Абӯ Убайда ал- Валид ибни Убайд (819-897) машҳур ба Бухтурӣ медонад:

...Бихон ҳар ду девони ман то бубинӣ,
Яке гашта бо ***Унсурӣ Бухтуриро*** *[5, с.32].*

Навъи дигари фахр ин ифтихор аз суханҳои волои худ ва муқоисаи он бо сухани шоирони дигар аст. Носири Хусрав шеъри худро ба шеъри Кисоии Марвазӣ, ки сарояндаи маснавиҳои ахлоқӣ ва динию мадҳӣ аст, муқоиса мекунад ва сухани худро тозаву бакувват медонад:

Сухани хуб зи Ҳуҷҷат шунав, ар волоӣ,
Ки суханҳо-ш сӯи мардуми воло болост.
Гар ***суханҳои Кисоӣ шуда пиранду заиф,***
Сухани Ҳуҷҷат бакуввату тоза-в барност *[5, с.42].*

Барои шоир мояи дигари ифтихор илм аст, он гоҳ рою виқор, зеро занонанд, ки ба симу зар ва ҳусн фахр мекунанд:

Фахр ба хубию симу зарру сим занонрост,
Фахри ***ману ту ба илму рою виқор*** *аст… [5, с.44].*

Ҳақиқатан, дар ягон қасида ё маснавиҳои шоир мо надидем, ки Носири Хусрав аз хонаводаи муҳтарами хеш ифтихор карда бошад, балки худро мояи ифтихори авлоду аҷдодаш медонад:

Ман ***шарафу фахри оли таборам,***
Гар дигареро шараф аз олу табор аст.

Барои шоир шеъраш низ мояи ифтихор аст, зеро он сухани саҳлу сода нест. Табъи нозуки сухансанҷи шоир дар саноати шеър мелоки қимати шеър ҳисобида мешавад:

Шуҳрадарахтест, шеъри ман, ки хирадро,
Нуктаву маънӣ *бар ӯ шукуфаву бор аст.*

Дар қасидае, ки матлааш «Шоху шаҷари даҳр ғаму машғала бор аст» шоир аз бераҳмии чархи каҷрафтор, аз ҳасудони бесаводу сифла, ки гуфтору рафторашон берун аз ақлу фаросат аст шикоят мекунад ва дар муқобили он сухани худро болову ҳунарашро воло медонад:

Кам – беш набошад сухани Ҳуҷҷат ҳаргиз,
Зеро ***суханаш поктар аз зарри иёр аст аст.***

Бузургии шоир дар донистани илми арӯзу каломи бадеъ аст ва Ҳаким Носири Хусрав худро дар ин соҳа худро калиди дари ин илм медонад:

Илми арӯз *аз қиёс баста ҳисоресту,*
Нафси сухангӯи ман ***калиди ҳисор*** *аст.*

Дар майдони шеър шоир худро раҳбалад ва иёри сухан медонад:

Маркаби шеъру ҳаюни илму адабро,
Табъи сухансанҷи ман инону миҳор *аст [5, с.44].*

Шоир ифтихор аз он дорад, ки ӯ танҳо мадҳи хонадони расул (с.а.с) мекунад ва табъи гуҳарбори ӯ ишоракунандаи илму адаб аст :

То суханам мадҳи хонадони расул аст,
Нобиға табъи маро мутобиъу ёр *аст.*
Хайли суханро раҳию бандаи ман кард,
Он ки зи Яздон ба илму адл ***мушор*** *аст [5, с 44].*

Дар қасидаи «Он, ки бино кард ҷаҳон, з-ин чӣ хост» шоир аввал андешаҳои фалсафии хешро дар бораи офарида шудани оламу одам, мавҷудоти зинда, мешу бузу гову хару пилу оҳу, дарахтону меваю баргу обу оташу боду хок баён мекунад ва мартабаи ҳар як мавҷуди офаридаро як-як баён мекунад. Сипас, ба хулоса меояд, ки бузургтарин неъмат хирад аст, ки Худованд онро ба инсон додааст ва шоир сухани худро бо хирад пайваста мебинад. Носири Хусрав ба худ тахаллуси «Ҳуҷҷат»-ро гирифт, ки унвони мартабаи ӯ дар силсилаи маротиби даъвати исмоилӣ аст:

*Бар **сухани Ҳуҷҷат мағзинсухан**,*
*З-он ки **хирад ба суханаш ошност**.*
*Гуфтаи ӯ бар **тани ҳикмат сар** аст,*
***Чашми хирадро суханаш тӯтиёст**.*
***Дебои румист суханҳои ӯ**,*
*Гар сухани шуҳра Кисоӣ **кисост** [5, с.52].*

Ҳамин маъниро шоир дар қасидаи дигар низ таъкид мекунад ва шеъри худро чун дебои румӣ гаронарзиш ҳисобида, онро ҳамсанги шеъри Кисоӣ медонад:

Сӯи шеъри Ҳуҷҷат гироӣ эй писар,
Агар ҳеҷ дар хотири ту зиёст.
Ки дебои румист ашъори ӯ,
Агар шеъри фозил Кисоӣ касост [5, с.67].

Дар қасидаи «Агар бузургию ҷоҳу ҷалол дар дирам аст» шоир шеъри худро таърифу тавсиф менамояд, зеро он кони панду андарзу маъдани ҳикмат аст:

*Ба **шеъри Ҳуҷҷат пур гашт дафтар аз ҳикмат**,*
*Ки **хотираш дари панд асту маъдани ҳикам** аст [5, с.86].*

Ба андешаи шоир вазъи нобасомони замонро ба ҷузъ ӯ каси дигар баёнгар нест:

Замони номусоидро аз ин гуна ба ҷуз Ҳуҷҷат,
***Ба зарру гавҳари алфозу маънӣ кас наорояд**… [5, с.91].*

Дари ганҷи ҳикмат ҷуз ба сухани волою некӯ боз намегардад ва суханвари ҳунарманд ҷон мекоҳонад, то сухани мондагор бигӯяд:

…Ман андар ҷустани некӯ сухан танро бифарсудам,
***Сарам з-ин фахру з-ин ҳикмат ҳаме бар чарх аз ин сояд**… [5, с.91].*

Шоир суханвареро, ки ба хотири молу чиз ба амирони вақт шеър мебахшад, то зиндагии моддиии худро таъмин кунанд, нодон меномад ва аз худ меболад, ки дар ин саф қарор надорад:

Ҳаким он аст, к-ӯ аз шоҳ наандешад, на он нодон,
*Ки **шаҳро шеър гӯяд, то магар чизе-ш фармояд** [5, с.91].*

Шоир бо боварӣ мегӯяд, ки дар илму ҳикмат ҳамто надорад, зеро ҳар кӣ бо ӯ дар ин роҳ рақобат кунад, ҳақиқатро пинҳон мекунад:

*Касе **к-ӯ бо ман андар илму ҳикмат ҳамсарӣ ҷӯяд,***
*Ҳамехоҳад, ки **гил бар офтоби равшан** андояд.*

Шоир аз нобасомониҳои замона ба дод омадааст, зеро диндорони риёкор дар пардаи дин ба ғорати мардуми бечора машғул буданд. Диндорони риёкор бо тафриқаандозӣ миёни шиаву суннӣ дар байни қавми Хуросон мақоми хешро мустаҳкам мекарданд. Носири Хусрав боварӣ дорад, ки як рӯз ин ҳама анҷом меёбад:

***Эй Ҳуҷҷати замини Хуросон**, басе намонд,*
То аҳли ҷаҳл рӯзу шаби хеш бишмаранд.
***Ҳамчун ту нестанд**, агарчанде ин харон,*
Зери дарахти дин ҳама бо ту баробаранд… [5, с.116].

Носири Хусрав худро аз ин гуруҳ диндорон ҷудо дида, дар қасидае, ки матлааш «Касе к-аз рози ин дӯлоби пирӯза хабар дорад» аз шеъри зуҳди худ ифтихор мекунад:

*Агар-т андӯҳи дин аст, эй бародар, **шеъри Ҳуҷҷат хон,***
***Ки шеъри зуҳди ӯ аз ҷонат ин андӯҳ бигсорад** [5, с.129].*

Носири Хусрав дар қасидаи «Баркун зи хоби ғафлат, пуро, сар» аввал инсонро аз хӯру хоби ҳайвонӣ барканор шуданро талаб мекунад, в-онгаҳ ба тасвири гардиш ва хосияти сайёраҳо мепардозад ва ба сифоти пайғамбари охирзамон пардохта, ба таърифи Алӣ мегузарад ва хулоса мекунад, ки мисли ӯ касе ин ду шахсияти муътабари дини исломро тавсиф накардааст. Ӯ худро мисли ҳунармандони Шуштар медонад, ки матоъҳои ҳариру зебо мебофтанд ва ӯ тавонистаст бо дебои ҳарири сухани бадеъ васфи ин бузургонро зинат диҳад:

*Эй **Ҳуҷҷати замини Хуросон,** зеҳ!*
***Мадҳи расулу ол чунин** густар.*

Шоир аз он мефахрад, ки суханаш метавонад ба чашми душманони маънавияш чун нештар бирасад:

*Эй гашта **нӯки килки сухангӯят**,*
*Дар **дидаи мухолифин чун нештар**.*
Дебо ҳаме бадеъ бурун орӣ,
***Андар замири туст магар Шуштар** [5, с.137].*

Қасидаи дигари шоир, ки«Эй Ҳуҷҷати бисёрсухан, дафтар пеш ор» ном дорад, аз 56 байт аст. Аз ин миқдор 12 байти онро метавон фахрия номид, зеро дар он шоир аз ҳунари шоирии худ бо фахр сухан мегӯяд:

*Эй **Ҳуҷҷати бисёрсухан**, дафтар пеш ор*
*В-аз **нӯки қаламдурри суханҳо-т** фурӯ бор.*
Ҳарчанд, ки бисёру дароз аст суханҳо-т,
*Чун **хубу хуш аст, он на дароз аст на бисёр**…*
Нав кун суханеро, ки куҳан шуд ба маонӣ,
*Чун **хоки куҳанро ба баҳор абри гуҳарбор**.*

Арзишмандтарин фахр аз нигоҳи муҳаққиқон фахр аз ҳунари шоирист. Носири Хусрав аз худ ифтихор дорад, зеро сухани хубу латиф метавонад, қиммати девону дафтарро боло барад, мисле ки қиммати ҷома дар навияш, сухани воло дар тасвири ҳунармандона аст:

Шуд хуб ба некӯ суханат дафтари нохуб,
***Дафтар ба сухан хуб шавад, ҷома ба оҳор**.*
***Аз хотири пурилм сухан н-ояд ҷуз хуб**,*
Аз пок сабӯ пок бурун ояд оғор…
***Зи аҳли хирад тухми сухан ҳикмату илм аст**,*
Дар хоки дил эй марди хирад, тухми сухан кор… [5, с.153].

Ин андешаҳоро Ҳаким Носири Хусрав дар қасидаҳои дигараш идома мебахшад. Нозиши Носир аз сухани пур аз панду андарзаш аст ва дафтари ашъорашро панднома зикр мекунад:

Сухани Ҳуҷҷат мурғест, ки бар доно,
***Панд борад ҳама** аз парашу минқораш.*
Гар ба панд андар рағбат кунӣ, эй хоҷа,
***Панднома-ст туро дафтари ашъораш** [5, с.170].*

Дар шеъри классикӣ бузургтарин ифтихорот аз ҳунари сухангустарӣ аст. Мо дар қасидаҳои Носири Хусрав ин навъи фахрияро бисёр мушоҳида кардем:

Чун дилам анбори сухан шуд бас аст
***Фикрати ман хозини анбори** хеш.*
***Дурр ҳаме назм кунам**, лоҷарам,*
***Бе ададу марр дар ашъори хеш** [5, с.173].*

Дар муқобили душманони жожгӯяш шоир шеъри худро ба меваи хушгувор монанд мекунад:

*Агар **панди Ҳуҷҷат шунудӣ, бад-ӯ шав,***
Бихӯр, нӯш, хӯр меваи хушгувораш.
Матарс аз муҳолоти дашноми душман,
*Ки **пуржож бошад ҳамеша тағораш** [5, с.187].*

Шоир дар Юмгондара низ пайваста эҷод намудаву рангорангии эҷодиёти худро дар назму наср аз гуногунмазмунии осори мондагори Монӣ болотар медонад:

Монда ба Юмгон ба миёни ҷибол,
Нестам аз аҷзу на низ аз калол…
В-аз сухану номаи ман гашт хор,
***Номаи Мониву нигораш нукол**.*
*Номи **суханҳои ман аз назму наср**,*
*Чист сӯи доно? - **Сеҳри ҳалол**… [5, с.192].*

Шоир дар қасидаи мазкур бо оҳанги шиква аз худ ифтихор мекунад, зеро сабаби Балхро тарк кардану Юмгонро интихоб намудани ҳаким дар мувофиқат накардани андешаҳояш бо афкори диндорони замонаш будааст.

Роиҷтарин фахрия ин фахр аз ҳунари шоирӣ аст. Дар қасидае, ки матлааш «Гиромӣ чу молу қавӣ чун ҷибол» аст, аз ин ҳунари худ ифтихор мекунад ва бовар дорад, ки касе то имрӯз суханро чунин ороставу пероста нагардонистааст:

Арӯси суханро надодаст кас,
Ба ҷуз Ҳуҷҷат ин зебу ин болу ёл.

Сухан чун манаш пеш хондам, зи фахр,
Ба сад андаромад ба саффунниол.

Дар назари шоир сухани шоирони пешин шабеҳи каргаси паркандаанд ва ӯ тавонистааст чун товус онро рангорангу ҷаззоб кунад:

Сухан каргаси пири парканда буд,
Ба ман гашт товуси бопару бол.

Шоир аз ташбеҳ истифода карда, суханони гузаштагонро ба Зулайхои пири фартут ва шеъри худро ба афсуни Юсуфи соҳибҷамол, ки аз он ҷавону ҷаззоб гардидааст монанд кардааст:

Ба ман тоза шуд ***пажмурда сухан****,*
Чу з-афсуни Юсуф Зулайхоли зол…

Шоир дар ҳисори сухан табъи худро беҳтарин нигаҳбон медонад, зеро суханҳои волою бикрро аз забони паямбару авлодони ӯ медонад:

Ба ***қалъаи суханҳои нағз*** *андарун,*
Наёмад беҳ аз табъи ман кӯтвол*.*
Маро ***бар сухан подшою амр****,*
Зи ман нест, балк аз расул асту ол… [5, с. 200].

Ё дар қасидаи дигар шоир аз покии забонаш аз истифода накардани калимаҳои фаҳшу дағал ва ахлоқи поки худ фахр менамояд.

Пок аст зи ***фаҳшҳо забонам,***
Ҳамчун зи ҳаромҳо изорам.
Н-ояд шарру макр дар шуморам,
На дӯгӯ дурӯғ дар тағорам *[5, с.212].*

Фахр аз қаду қомат, зебоӣ ва қудрату тавоноӣ дар шеъри шоирони пеш аз Носири Хусрав ҳам ба назар мерасад. Ин ҳолат дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ низ дида шуд, ки мо қаблан зикр карда будем. Ин фахр оҳанги шикоятӣ дорад ва эҳсос мешавад, ки замони пирии шоир бошад, зеро қомати хамгаштаи заиф ва ҳолати руҳию равонии хаста дорад. Носири Хусрав аз пирӣ ва солхӯрдагӣ изҳори дилтангӣ мекунад. Дар абёти зер шеърашро бо шикоят ва тазод аз ҷавонию нерӯмандӣ ва пирию хамидақомат гардидани хеш оғоз мекунад:

Имрӯз ҳаме заиф бинӣ,
Ин ***қомати ҷафтаи низорам****.*
Он рӯз, гарам бидидаӣ ту,
Пиндоштаӣ, ки ман чанорам…
…Он рӯз қавию шод будам,
Имрӯз заифу сӯгворам…

Дар баробари ин шоир аз дин ва илми хеш ифтихор кардааст:

Мухтори имоми аср гаштам,
Чун тоати дин шуд ихтиёрам…
Гӯшам шунаво шудаст, азеро,
Илм аст ҳамеша гӯшворам…

Барои шоир чашме, ки ҳақбин аст биност, аз ин рӯ худро мояи ифтихори дигарон медонад:

В-имрӯз ба ман кунад ҳаме фахр,
Ҳам аҳли замину ҳам таборам*.*
Он гаҳ ба масал сафол будам,
В-акнун ба яқин зари иёрам… *[5, с.213].*

Тафохӯр аз илм дар қасидаҳои Носири Хусрав бисёр ба назар мерасад. Масалан дар қасидаи зерин шоир забони худро равзанаи илм медонад:

Равзани илм аст забонам, *бале,*
Хезу бинеҳ ғӯш бар ин равзанам...
В-аз сари ҷоҳил ба сухан тоҷи фахр,
Пеши хирадманд ба пой афканам… [5, с.215].

Фахр аз худ ин ҷо анҷом намеёбад, шоир ба душманонаш муроҷиат мекунад, ки руҳан нашикастааст, зеро илму хирад ҳисори ҷисму ҷонаш аст:

Гар танам аз ҷома бараҳна шавад,
Илму хирад гирди танам бартанам *[5, с.216].*

Руҳи шикастнопазири Носири Хусрав дар баробари ҳама талошҳои душманонаш некбин аст, зеро қалбаш саршори меҳру тафаккураш пур аз ҳикмат аст ва худро роҳат эҳсос мекунад:

*Гар **танам аз гулшан дур аст**, ман,*
***Аз дили пурҳикматам дар гулшанам…** [5, с.216].*

Қасидаи «Понздаҳ сол баромад, ки ба Юмгонам»-ро метавон навъи қасидаи шиквоия номид, зеро дар он шоир худро ба Салмони Совачӣ, ки кариб 20 соли умри худро дар маҳбаси қалъаи Ной гузаронидааст монанд карда, фахрро бо шиква даромехтааст:

Мар- маро онҳо додаанд, ки Салмонро,
Нестам ман чун Сулаймон, ки чун Салмонам.

Шоир аз беқиматии сухану илм дар замонаш шикоят мекунад ва сухани худро мисли хуршед нурафшону дурафшон ва Юмгонро макони илму хирад медонад, зеро ӯ чун пайкари илму хирад дар Юмгон зиндагӣ мекунад:

*Ҳамчу **Хуршеди мунаввар суханам пайдост**,*
Гар ба фарсуда тан аз чашми ту пинҳонам.
***Нур гирад дилат аз ҳикмати ман чун Моҳ**,*
Ки дилатро ман Хуршеди дурафшонам.
***Кони илму сухани ҳикмат Юмгон** аст,*
*То **ман, эй марди хирадманд, ба Юмгонам…** [5, с.217].*

Барои шоир хизмат дар дарбор мояи нанг буда, худро султони накӯсуханон ва ягона мамдӯҳи арзандаи паямбари охирзамон ва наберагони ӯро медонад ва хештанро дар сафи шоири араб Ҳассон мебинад:

Аз дари султон нанг аст мар, зеро-к.
*Ман ба **некӯсуханон бар сари султонам…***
Ҳуҷҷатам равшан аз он, ки м ан бар халқ,
Ҳуҷҷати ноиби пайғамбари субҳонам….
*Кас ба**мизони хирад нест маро ҳамсанг,***
Чун гарон аст ба эҳсони ту мизонам.
Дафтарам пур зи мадеҳи туву ҷадди туст,
***Ки ман аз адлу зи эҳсони-т чу Ҳассонам** [5, с.219].*

Қасидаи «Аз ман бирамид ғамгусорам, чун дид заифу хингсорам»-ро низ метавон навъи шиквоияи қасида донист, зеро шоир дар он аз рӯзгори нобасомон, парешонрӯзгории хеш шикоят мекунад. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот шоир фахр аз он дорад, ки дар мунозира савори аспи маънӣ буда, ахлоқи пайравони паямбарро дорад ва бузуртарин ифтихораш низ аз ҳамин аст:

*Бар **аспи маъониву маъолӣ**,*
***Дар дашти мунозира саворам**…*
Бар сирати оли Мустафоям,
*Ин аст **қавитар ифтихорам…** [5, с.222].*

Ғурури болои шоир иҷозат намедиҳад, ки худро дар Юмгондара бечораву нотавон эҳсос кунад. Вай худро бо он тасалло медиҳад, ки гавҳар дар куҳ маскан мегирад:

*Дар **куҳ бувад қарор гавҳар**,*
З-ин аст ба куҳ- дар қарорам.. [5, с.222].

Шоир ашъори базабони форсию арабӣ навиштаашро мояи ифтихор медонад ва ба рақиб муроҷиат мекунад, ки гар ӯ аз табораш ифтихор кунад, шоир барои тамоми авлодонаш боиси ифтихор аст:

*Гар **ту ба табор фахр дорӣ**,*
***Ман мафхари гавҳари таборам**.*
*Ашъор ба**порсию тозӣ,***
Бархону бидор ёдгорам [5, с.223].

Дар қасидаи «Шояд, ки ҳолу кор дигарсон кунам» Носири Хусрав аз ҳунари сухангустарии худ мефахрад, ки дар шеър аз тафаккури олӣ боғи адабиётро пур аз сунбулу райҳон мекунад ва бо ифодаи нуктаҳои хубу оқилона дар мунозираи оқилон нишастро ба гулистон табдил медиҳад:

Дар боғу роғи дафтари девони хеш,
***Аз назму наср сунбулу райҳон** кунам.*
Мева-в гул аз маъонӣ созам ҳама,
В-аз лафзҳои хуб дарахтон кунам…

Дар маҷлиси мунозира бо оқилон,
*Аз **нуктаҳои хуб гулафшон** кунам…. [5, с.232].*

қасидаи мазкур 20 байт дар фахри ҳунари шоирӣ, 18 байт ифтихор аз дину имон, 4 байт нозиш аз илм, 6 байт ифтихор аз гузаштаи халқи худ, 6 байти дигар аз ҳунари бо ду забон – арабию форсӣ шеър гуфтанашро зикр карда, дар мадҳи оли паямбар худро ба Рӯдакию Ҳассон ҳамсанг медонад:

*…**Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон**,*
***Ҳикмат ҳаме мураттабу девон** кунам.*
Ҷонро зи баҳри мидҳати оли расул,
*Гаҳ **Рӯдакию гоҳе Ҳассон кунам**.*

Дар офаридани маъниҳои бикр ва тасвирҳои рангин девони худро чун нақши Чину Руму Исфаҳон ва дар гуфтани суханҳои мантиқӣ ва эҷоди осори назмию насрӣ худро чун офтоб мунаввар медонад:

Дафтар зи бас нигору зи нақши сухан,
***Бартар зи Чину Руму Сифоҳон кунам**.*
*В-андар китоб **бар сухани мантиқӣ,***
Чун офтоби равшан бурҳон кунам [5, с.234-235].

Дар қасидаи «Ки пурсад з-ин ғариби хори маҳзун..» шоир аз қавми ғузу қипчоқ, ки атрофи Ҷайҳунро гирифтаанд шикоят дорад. Инчунин рӯзгори нобасомон, зиддиятҳои мазҳабӣ дар Хуросон ҳакими донишмандро хаста кардааст, аммо ин ҳама руҳи шикастнопазири ӯро халалдор карда наметавонад. Зеро маъниҳои бузурге, ки дар ашъори ӯба назар мерасад, андешаҳои пурҳикмат аст:

Чу бархонанд ашъорам мунаққаш,
***Ба маъниҳо чу Сақлотуни мадҳун**.. [5, с.254].*

Шоир инчунин аз пайравӣ ба мазҳаби ташайю фахр дорад ва рақибашро ба дирратозиёнаву худро ба шамшери Алӣ баробар медонад:

*Ман марди Зулфиқораму ту марди **диррай,***
***Дирра кучо бас ояд бо Зулфиқори ман**… [5, с.259].*

Ашъори Носири Хусрав фарогири мавзуъҳои ақлгароӣ аст ва шоир бо ин менозад:

***Суханҳои Ҳуҷҷат ба ақл аст сахта**,*
Магардон тарозуи ӯро забона [5, с.247].

Дар қасидаи дигар, ки матлааш «Чу расми ҷаҳони ҷаҳон пеш бинӣ» Носири Хусрав аз ҷабри замона ва ҳокимони золим ба дод омада, дар аш байт аз худ ифтихор мекунад ва худро дар ин торикистон чун Хуршеди тобон мебинад, ки мардумро аз ҷаҳолат раҳо мекунад:

*Ту эй **Ҳуҷҷати муъминони Хуросон,***
Имоми замонро амину яминӣ.
Дили муъминонро зи васвос амонӣ,
*Сари носибиро ба ҳуҷҷат **кудинӣ…***

Қасидаи «Сифла ҷаҳон, чу гирдгард биноӣ» ташбибаш пурра ба олами бевафо бахшида шудааст. Хотимаи қасида бо фахр анҷом меёбад, ки дар он шоир худро Ҳуҷҷати замини Хуросон, сарвари оқилон, раҳнамои муъминон, посбони дину шариат ва шеърашро аз шеъри шоир Кисоии Марвазӣ, ки аз бузургтарин шоирони дарбори Сомониён буд, болотар медонад:

Панд дех, эй Ҳуҷҷати замини Хуросон,
Мар уқалоро, ки қиблаи уқалоӣ.
Қиблаи илмиву дар замини Хуросон
Зуҳд ба ҷой асту илм, то ту ба ҷоӣ.
То ба дил бандаи имоми замонӣ,
***Бандаи ашъори туст шеъри Кисоӣ** [5, с.306].*

Дар қасидаи «Бигзар эй боди дилафрӯзи хуросонӣ» Носири Хусрав ҳолатеро тасвир мекунад, ки аз ҷабри турку арабу ироқиву хуросонӣ маҷбур шуд, тарки Хуросон кунад ва ба Юмгондара канор гирад. Ба андешаи шоир бо ин мардуми ғулсифат сухан аз ҳикмату илму дин гуфтан маъно надошт. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот шоир ифтихор дорад, к и бо ҳикмат пайвастааст:

Агар аз хонаву аз аҳл ҷудо мондам,
***Ҷуфт гаштастам бо ҳикмати луқмонӣ…** [5, с.316].*

Ва аз баракати қадами худ шоир санги Юмгондараро гаронқиммат медонад:

*Санги Юмгондара **зи ман раҳии тоат,***
***Фазлҳо дорад бар луълӯи уммонӣ** [5, с.317].*

Қасидаи «Ҷаҳоно, маро хира меҳмон чи хонӣ» аз 52 байт иборат аст, асосан масъалаҳои ахлоқӣ дар он матраҳ шудааст. Шоир ғанимат донистани вақт, самаранок истифода бурдани айёми шубоб, илм омӯхтан ва онро дар амал татбиқ намудан, афсӯс нахӯрдан дар рӯзи пирию нотавонӣ ва ғайра андеша баён карда, суханҳои худро беҳтарин пайғом медонад:

Туро ***ҷуз ба Ҳуҷҷат дигар кас нагӯяд,***
Чунин нағз пайғомҳои ҷаҳонӣ *[5, с.337].*

Ҳамин тариқ, дар қасидаҳои Носири Хусрав дар баробари мавзуъҳои ахлоқию фалсафӣ, инчунин мавзуи фахр ба назар мерасад. Дар қасоиди шоир фахр аз аҷдодони муътабар, нуфӯз ва мартабаи дар дарбордошта камтар ба назар мерасад. Бештар дар қасидаҳои шоир фахр аз илм, ҳунари шоирӣ, маҳорати баланди сухангустарӣ, офаридаҳои ирфонию ахлоқӣ, мақом ва мартабааш дар дин ва расиданаш ба пояи Ҳуҷҷатулислом дида мешавад.

Адабиёт

1. *Алис С. Ҳонсбергер. Носири Хусрав. Лаъли Бадахшон. (таҳияи матни тоҷикӣ Н.Зӯробек). - Душанбе: Нодир, 2003. - 328 с.*
2. *Ғуломризои Кофӣ. Баррасӣ ва таҳлили гунаҳои фахрия дар девони Ҳоқонии Шервонӣ. //Фаслномаи илмӣ- тафсир ва таҳлили мутуни забон ва адабиёти форсӣ (1231) шумораи 53, пойизи 1401. – С. 41-71.*
3. *Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1987. – 387 с.*
4. *Носири Хусрав. Гулчини ашъор. (Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан К.Айнӣ). Сталинобод: Нашрдавлтоҷ, 1957. - 172 с.*
5. *Носири Хусрав. Девони ашъор. - (таҳияи матн ва шарҳи луғот аз Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ ва Мубашшир Акбарзод) Душанбе: Адиб, 2010. - 480с.*
6. *Рамазон Назариев, Шаҳбоз Назарамонов. Фарҳанги забони Носири Хусрав. Душанбе: Андалеб- Р», 2015. – 420 с.*
7. *Раҳмон Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: "Эр-граф", 2016.- 576 с.*
8. *Шамисо Сирус. Анвои адабӣ. Теҳрон: Митро, 1387.- 287 с.*
9. *Шарифов Х. Рози ҷаҳон. Душанбе: Нодир, 2004. 352 с.*
10. *Шерализода А.Ш. Анвои фахрия дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №2 (115), с. 125-135.*
11. *Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул- Аҷам. Душанбе: 2016.- 386 с.*
12. *Фурӯзонфар Бадеъуззамон. Сухан ва суханварон. Душанбе: 2018. - 600 с.*

БОЗТОБИ ШАХСИЯТИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ФАХРИЯҲОИ Ӯ

Дар мақола муаллифон кӯшиш намудаанд, то фахрияро дар қасидаҳои Ҳаким Носири Хусрав пайдо намуда, вобаста ба шароити суруда шудани қасидаҳо онро шарҳ диҳанд. Муаллифон ба хулоса меоянд, ки ҳар як байти фахрияи шоир дар шароити муайяни таърихи зиндагии шоир ба вуҷуд омадааст. Дар қасидаҳои Носири Хусрав бештар фахрия бо шиква омехта омадааст. Ин хусусият дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосим Фирдавсӣ низ ба назар мерасад. Дар муқоиса бо шоирони пешин Носири Хусрав бештар фахрияҳое сурудааст, ки дар он мақому манзалати шоирро дар илм, ҳикмат, дин чашмрас менамояд. Шоир дар шеър худро ҳамсони Рӯдакию Унсурӣ Ҳассону Кисоӣ, дар ҳикмат ҳамсони Сукроту Афлотун медонад,дар дин ҳамсанги худро намебинад ва хештанро Хуҷҷати Хуросон ва нигини Бадахшон меномад. Байтҳои овардашуда пурра ба навъи фахрия мувофиқат менамояд.

Калидвожаҳо: Ҳаким Носири Хусрав, Хуҷҷати Хуросон, Юмгон, нигини Бадахшон, фахр, шиква, ҳикмат, дин, илм, шоир, қасида.

ОТРАЖЕНИЕ ЛИЧНОСТИ НОСИРА ХУСРАВА В ЕГО ФАХРИЯ (СТИХАХ-САМОВОСХВАЛЕНИЯХ)

Зи саг камтар чӣ бошад? Ҳам наёбӣ.
*Аз ин **дуздошёни даҳр** бигрез,*
Ки шодӣ бешу меҳнат кам наёбӣ.
Мабош андар ҷаҳон дил з-он ки аҳдаш,
Чу бунёди бақо маҳкам наёбӣ.
*Дар ин **меҳнаткада** дилро ба ғам деҳ,*
Ки дилҷӯе бурун аз ғам наёбӣ.
*Дар ин **ғуққаи зангорӣ** маёвез,*
Ки дар вай дардро марҳам наёбӣ [7, с. 382].

Қумрӣ дар мисраъҳои боло ба таври возеҳ норизоии худ аз замона, беадолативу бераҳмии даҳрро ба риштаи тасвир кашидааст. Шоир дар ин ғазал нобовариашро ба аҳли замона изҳор дошта, аз ҳаводоронаш низ даъват ба амал меорад, ки ба фитнаи он дода нашаванд.

Мушкилоти зиндагӣ ва ноадолатиҳои рӯзгор шоирро аз дунё ноумед месозад. Дар ғазале, ки бо матлаъи

Ба боғи мардумӣ хоре намондаст,
Карамро рӯзи бозоре намондаст [7, с. 339].

шурӯъ мегардад, шоир ин ҳиссиёташро бисёр дарднок ифода мекунад. Тамоми ҷаҳон дар назари шоир ҷойи ҷафокорӣ менамояд ва ҷойе барои вафо намебинад. Ӯ бо ҳасрат изҳор медорад, ки дар замона ба ҷуз синаи танги худ дигар ҷои дилдорӣ намондааст ва ба ғайр аз дили худ ғамхореро дарнамеёбад.

Табиат шуд ба якбора ҷафокор,
Фалакро бо вафо коре намондаст.
Маро гуфтӣ, ки дар бустони родӣ,
Карам барге намонд, оре намондаст.
Дило бо тангнои сина месоз,
Ки илло сина дилдоре намондаст [7, с. 339].

Шоир бо шикоят аз бедодии замон ва ноадолатиҳову бевафоиҳо дар мақтаъи ин ғазал хонандаро ба қаноат ва тоб овардан ба ҳамаи ин бедодиҳо даъват менамояд. Ғазалҳои дар боло зикрёфта дар вазни дубайтӣ яъне ҳазаҷи мусадасси махзуф эҷод шудааст, ки бевосита боиси таъсири сухан ва ба дил роҳ ёфтани он низ шудааст. Зеро дубайтиву рубоӣ, ки бозгукунандаи дарди омма аст, миёни мардум бештар ривоҷ ёфтаанд. Шоир бо истифода аз ин васила бисёр хуб суханашро ба таври таъсирбахш ба хонандаи худ расонидааст.

Камоли суханро дар ғазалҳои орифонаи шоир дарёфтан мумкин аст. Дар таҳқиқотҳои адабиётшиносӣ ин даврарo (асри XIII) замони рушди ин мавзуъ дар ашъори адибон арзёбӣ мекунанд. Забуҳуллоҳи Сафо дар “Таърихи адабиёт дар Эрон ва қаламрави забони форсӣ” менигорад, ки “вақте ба ибтидои садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ мерасем, ду навъ аз ғазалро дар роҳи камоли қатъӣ меёбем, яке ғазали ошиқонаву дигар, ғазали орифона, ки агарчи ҳанӯз дар зери сайтараи ғазали ошиқона буд, вале ба роҳе мерафт, ки ломуҳола ба истиқлол мекашид” [8, с. 321].

Яке аз муҳимтарин вежагиҳои ҳунарие,ки дар заминаи мурур ба ин сатрҳо навовариҳои шоирро рунамоӣ мекунад, ба тасвирсозиҳои хосаи ӯ дар ғазал пайванд мегирад, ки аксари онҳо рӯҳияи замонро тафсир мекунанд. Образофариниҳое, ки дар заминаи мурур ба аносири воқеӣ доранд, навъе сужаҳои хурдеро дар таркиби ғазал ба ҷилва меоваранд, ки маҳсули мушоҳида ва тасаввуроти худи гӯяндаи он ба шумор мераванд, ки маҳз дар замони имрӯз пешоруи чашмони вай қарор доранд. Масалан, дар байтҳои болоӣ баробари мутолеа пеши назари мо нафаре савори заврақи тиллоӣ, дарёи пур аз хун, соҳили ором, садои шабоҳанги ҷудоӣ ба ҷилва меояд, ки дар асл ҳолоти дарунии қаҳрамонилирикӣ, яъне худи шоирро пеши назар меоваранд. Ба назар мерасад, ки бар пояи ин тасвирҳо,ки ба хотири шарҳи ҳолу ҳавои дарунии аз фироқи маҳбуб ҳосилшуда тарҳ рехтаанд, манзараҳои хосае пешорӯи мо ҷилвагар мегардад [9, с. 162].

Мо дар эҷодиёти Қумрӣ шакли такомулёфтаи ғазали ирфониро ба таври возеҳ мушоҳида мекунем ва дигарбора шоҳиди он мешавем, ки воқеан Сироҷиддини Қумрӣ устоди кори худ аст ва дар қатори нахуст шоиронест, ки дар эҷоди ғазали орифона муваффақ шудаанд :

Ҳин дардиҳед бода, ки онҳо кӣ огаҳанд,
Ҳалқа ба гӯши ин намату хоки ин раҳанд.
Зиданд (?) ҷону тан, қадаҳи бода дардиҳед,
То як дам аз мусоҳибати хеш вораҳанд.
Ранге зи ранги бода надиданд хубтар,
Онҳо ки рангёфтаи сибғатуллаҳанд.
Ҷуз сӯи ҷом дастдарозӣ намекунанд,
Онҳо, ки аз матои ҷаҳон дасткутаҳанд [7, с. 350].

Ин ғазал дар вазни музореъи мусаммани ахраби макфуфи махзуф эҷод шуда, ҳунари баланди шоирии Қумриро муаррифӣ мекунад. Ҳарчанд Забеҳуллоҳи Сафо ва муҳақиқони дигар Қумриро бо эҷоди ғазалу қасидаҳои майхоҳиву бодаталабӣ ба майнушу бодапараст будан нисбат додаанд, аммо ба назари банда ин ҷо бодаву май ҳамчун истилоҳоти тасаввуф истифода шудааст, ки онро дар эҷодиёти шоирони бузурги дигари ориф аз ҷумла Саноиву Аттор ва дигарон низ мушоҳида мекунем.Дар воқеъ, дар ғазали мазбури Қумрӣ рангеву ҳоле аз диди ирфонии ӯ ҳувайдост. Бода, ки дар ин ғазал истифода шудааст, маънои ғалаёни ишқро дорад. Дар ин шеъри мармузи сӯфиёна мавзуи ирфонии тазкияи нафс тавассути ишқ ифода шудааст.

Забеҳуллоҳи Сафо дар ҷойи дигар дар таҳқиқи ғазали ин давра мегӯяд, ки "... ду навъи ғазал ошиқонаву орифона бо ҳам даромехт ва аз ин омезиш шеваи нав дар ғазал ба зуҳур пайваст. Дар ин шева аз тарафе забони латифи шоирони ғазалгӯй ва диққате, ки онон дар ҳифзи зоҳири алфози худ ба кор мебурданд" [8, 323]. Яъне дар ин гуна ғазалҳо шоирон бо истифода аз таркибу таъбирҳое, ки дар ғазалҳои ошиқона истифода мешуд, андешаҳои орифонаро пинҳон кардаанд.

Агар таъбироти суфиён ва орифонро бинем, он ҷо май ва бода ба маънои мояи ишқ ва мадҳушкунандаи ишқи илоҳӣ, яъне қадаме дар шинохти Худованд аст. Ҳамин аст, ки он ҷо шоир мегӯяд:

Ранге зи ранги бода надиданд хубтар,
Онҳо ки рангёфтаи сибғатуллаҳанд [7, с. 351].

Ин ҷо муроди шоир дарёфти роҳи наздикӣ бо Худост.

Дар идомаи ҳамин ғазал шоир ҳақиқати рӯзгорро, ки на барои ҳама дарки он даст медиҳад, маҳз дар ҳамин ҷом – яъне ишқи илоҳӣ медонад.

Нақши ҷаҳони умр дар ин ҷом дидаанд,
Халқе, ки аз ҳақоиқи асрор огаҳанд.
Гарди фанои нақш бад-ин об шустаанд,
Ҳарчанд к-аз наҷосати дунё муназзаҳанд.
Равшандиланду поку пагаҳхез ҳамчу субҳ,
К-омода аз барои шароби саҳаргаҳанд [7, с. 351].

Дар идомаи ғазали мазкур мушоҳида мекунем, ки шоир нафаронеро, ки худро пок медонанду аз бодаву ҷоми май дурӣ меҷӯянд, ба гумроҳон ташбеҳ медиҳад ва онҳоро ҳилагару камғайрат унвон мекунад. Чунин ташбеҳот ва истифодаи ин мазмунро дар адабиёти тасаввуфӣ ва ирфонӣ зиёд мушоҳида кардаем, аммо тасвиру ташбеҳи Сироҷиддини Қумрӣ хоси баёни худи ӯст :

Қавме зи чашмаи қадаҳ обе намехуранд,
То лоҷарам ба хеш фуру рафта чун чаҳанд.
Рав, шергир шав аз шаробе чу чашми шер,
К-инҳо зи ҳилаҳои музаввар чу рӯбаҳанд.
Ҷоме бихоҳ ғайрати ҷоми ҷаҳоннамой,
З-он соқие, ки пешаш ҳурон кулаҳ наҳанд.
Ҳоле зи ҳуру бода нишин дар биҳишти нақд,
Зеро ки дар биҳишт ҳамин ваъда медиҳанд [7, с. 351].

Ба ҳамин тартиб, ғазалиёти шоир бо назокату нафосати хоса, образҳои зебои шоирона ва сабки содаю равон эҷод шудаанд, ки ба хонанда маънавияти баланд бахшида, инчунин завқи эстетикии онҳоро баланд мебардоранд. Албатта, дар як мақола наметавон тамоми ҷузъиёти ғазалиёти Сироҷиддини Қумриро нишон дод, аммо ваз мутолиаи ғазалиёти ин

шоир метавон ба хулосае расид, ки шакли ғазалҳояш ҳанӯз ғазали истилоҳӣ наянд. Махсусан ғазалҳое, ки дар онҳо тасвири табиат дида мешаванд, тағаззулоти қасидаи мадҳиро ба хотир меоранд. Ба ҳар ҳол хулоса кардан мумкин аст, ки ин шоири боистеъдоди қарнҳои XII – XIII адабиёти форсу тоҷик бо истифода аз таъбирҳову тасвирҳои нав ва ворид кардани мавзуоту ҳунарсозаҳои ҷадид дар ғазал тавонистааст дар ғанӣ гаштани мавзуъу мундариҷаи ин навъи шеърӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI (доираи адабии ғазнин) / А. Абудллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 286 с.*
2. *Мақсудзода, Б. Ғазал ва таҳаввули он то асри Камоли Хуҷандӣ Камолнома. Ҷ. 1. / Б. Мақсудзода. – Хуҷанд: Хуросон, 2021. – 102.с.*
3. *Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV // Сездаҳ мақола. / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 5-53.*
4. *Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби I - II / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1989. – 394 с.*
5. *Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.*
6. *Нуъмонӣ, Ш. Шеър -ул-аҳам. Ҷилди 7 / Ш. Нуъмонӣ. – Теҳрон, 1318.*
7. *Омулӣ, Сирочиддини Қумрӣ. Девон / Сирочиддини Қумрии Омулӣ. Ба эҳтимоми доктор Идуллоҳи Шакурӣ. – Теҳрон: Интишороти Муин, 1368. – 672 с.*
8. *Рейснер, М. Эволюция классической газели на фарси (X-XIV века)/ М. Л. Рейснер. – М.: Наука, 1989. – 222 с.*
9. *Ризобоева, Н. Вижагиҳои ҳунарии ғазалиёти Гулноз / Н. Ризобоева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2019 № 3 (80) С. 161-164*
10. *Сабур, Д. Офоқи ғазали форсӣ /пажӯҳише интиқодӣ дар таҳаввули ғазал ва тағаззул аз оғоз то имрӯз Чопи дувум / Д. Сабур. - - Теҳрон: Нишот, 1384. – 610 с.*
11. *Сафо, З. Таъриихи адабиёт дар Эрон ва қаламрави забони форсӣ. Ҷ. 3. Чопи 11 / З. Сафо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1373. – 704 с.*
12. *Сафо, Забеҳуллоҳ. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назм ва насри форсӣ. Чопи дуюм / З. Сафо. – Теҳрон, 1333. – 98 с.*
13. *Умарова Ӯ. Т. Бозтоби сабкҳои адабӣ дар ғазалиёти абдуҷаббори суруш / Ӯ. Т. Умарова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2021. №4 (93) С. 234-239*
14. *Bausani, Alessandro. Gazal. The Encuclopaedia of islam, New ed. Vol. 2. Leiden-London, 1963.*

МАВЗУОТИ ҒАЗАЛИЁТИ СИРОҶУДДИНИ ҚУМРӢ ВА ҲУСНИ БАЁН ДАР ОНҲО

Дар ин мақола саҳми Сирочиддини Қумрӣ (1154 – 1227), яке аз шоирони боистеъдоди асрҳои XII – XIII адабиёти форсӣ – тоҷикӣ, дар рушди ғазал таҳқиқ карда мешавад. Сирочуддини Қумрӣ чун шоирони дигари давраи мазкур дар баробари сурудани қасида ва анвои дигари шеърӣ бо халлоқияти адабии худ дар рушди ғазал низ саҳми арзишманд гузоштааст. Дар ғазалиёти Сирочуддини Қумрӣ асосан ду давраи фаъолияташ: то ҳуҷуми муғулҳо ва баъд аз замони ҳукумат барқарор кардани онҳо дар сарзамини Моваруннаҳру Хуросон таҷассум шудаанд. Ғазалиёти давраи аввали шоир асосан мавзуъҳои ишқу муҳаббат, зебоиҳои табиат, шавқу шури ҷавонию мастӣ ва ғайраро дар бар гирифта, дар давраи дуюм ба таркиби ғазалҳои ӯ мазмунҳои тасаввуфӣ ва шикваю шикоят аз замона роҳ ёфтаанд. Дар маҷмуъ ғазалиёти Қумрӣ бо назокату нафосати хоса, образҳои зебои шоирона ва сабки содаю равон эҷод шуда, бо истифода аз таъбирҳову тасвирҳои нав ва ворид кардани мавзуоти ҷадид дар ғазал ӯ тавонистааст, ки дар пурбортар шудани мундариҷаи ин навъи шеърӣ саҳми шоистаи худро гузорад.

Калидвожа: Сирочиддини Қумрӣ, ғазал, тағаззул, образ, таҳқиқ, шеър, тасвир, мундариҷа, тасаввуф.

ТЕМАТИКА ГАЗЕЛЕЙ СИРОДЖУДДИНА КУМРИ И КРАСОЧНЫЕ ВЫРАЖЕНИЯ В НИХ

В данной статье рассматривается вклад Сироджуддина Кумри (1154 – 1227), одного из талантливых поэтов персидской и таджикской литературы XII–XIII веков, в развитие газели. Сироджуддин Кумри является одним из самых искусных поэтов, который наряду с созданием других стихотворных форм внес ценный вклад в развитие газели в ходе своей литературной деятельности. В газелях Сироджуддина Кумри в основном выделяются два периода его деятельности: до монгольского нашествия и после установления их власти в Мавераннахре и Хорасане . Газели первого периода поэта в основном охватывали темы земной любви и привязанности, красоты природы, волнения и энтузиазма юности и опьянения и т. д., тогда как во второй период в его газели вошли мистическое содержание и жалобы на время. В целом газели Кумри созданы с особой деликатностью и утонченностью, прекрасными поэтическими образами и простым и плавным

стилем. Используя новые выражения и образы и вводя новые темы в газели, он смог внести ценный вклад в обогащение содержания этой поэтической формы.

Ключевые слова: Сироджуддин Кумри, газель образ, исследование, поэзия, описание, содержание, суфизм.

THE THEMES OF SIROJIDDIN KUMRI'S GHAZALS AND THEIR VIVID EXPRESSIONS

This article explores the contribution of Sirojiddin Kumri (1154–1227), one of the prominent poets of 12th–13th century Persian and Tajik literature, to the development of the ghazal genre. Kumri is recognized as a highly skilled poet who, in addition to composing in various poetic forms, made a significant contribution to the enrichment of the ghazal. His ghazals can be categorized into two main creative periods: before the Mongol invasion and after the establishment of Mongol rule in Transoxiana and Khorasan. The ghazals from the first period primarily focus on themes of earthly love and emotional attachment, the beauty of nature, youthful excitement and passion, and intoxication. In contrast, his later ghazals reflect mystical themes and express lamentations about time and fate. Kumri's ghazals stand out for their artistic delicacy, refined poetic imagery, and fluid, accessible style. Through the innovative use of expressions and the introduction of new themes, Sirojiddin Kumri played a crucial role in enhancing the thematic and expressive depth of the ghazal form.

Keywords: Sirojiddin Kumri, ghazal, imagery, research, poetry, description, content, Sufism

Дар бораи муаллиф
Раҳмонзода Мижгон Насриддин
Аспиранти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17

Об авторе
Рахмонзода Мижгон Насриддин
Аспирант кафедры истории таджикской литературы
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

About the author
Rahmonzoda Mizhgon Nasriddin
Postgraduate student in the Department of History of Tajik Literature
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17

ТДУ 821.164.1-1'288.2

СОҲИБ ТАБАРОВ – МУҲАҚҚИҚИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Солеҳов Ш. А., Муборакиён С. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Аз нимаи дуюми садаи ХХ дар заминаи консепсияҳои маъруфи донишмандони рус А.Н.Веселовский, В.М. Жирмунский, М.П.Алексеев, Н.И.Конрад ва дигарон дар илми адабиётшиносии аҳди шуравӣ масъалаи омӯзиши қиёсии адабиёт ё ба истилоҳи имрӯза масоили компротивистикаи адабиётшиносӣ хеле муҳим ва мубрам гардид. Маҳз дар ҳамин замина, дар адабиётшиносии тоҷикии ҳамон солҳо риштаи адабиётшиносии муқоисавӣ низ ба ҳаракат даромад, ки он дар даврaҳои баъдӣ ба як шохаи пурбори илми адабиётшиносии миллӣ табдил ёфт. Дар ин самт саҳми устодон ва поягузорони илми адабиётшиносии тоҷикро махсус бояд зикр кард.

Яке аз муҳаққиқоне, ки аз ибтидо ба ин раванди илми суханшиносии тоҷикӣ таваҷҷуҳи хоса дошт, устоди зиндаёд Соҳиб Табаров буданд, ки дар тӯли фаъолияти босамари илмию пажуҳишиашон дар ин замина, ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи амали таълифоти муҳиму арзишмандеро ба мерос гузоштанд.

Дар ин фишурда мехоҳем таваҷҷуҳи аҳли назарро ба ду мақолаи муҳим ва бунёдии устод С.Табаров ҷалб намоем, зеро ин мақолаҳо ҷанбаи муҳими консептуалӣ дошта, дар муайян кардани равандҳои минбаъдаи адабиётшиносии муқоисавӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим бозиданд.

Мақолаи аввал “Равандҳои адабии халқҳои ватанамон инкишоф меёбад” унвон дошта, он соли 1960 таълиф гардида буд [8, с. 47-54]. Ин мақола ҳарчанд ба муносибати даҳҳаи адабиёти рус дар Тоҷикистон таълиф гардидааст ва ҷанбаи тантанавӣ дорад, вале дар он муҳимтарин масъалаҳои инкишофи минбаъдаи равобити адабии тоҷику рус баррасӣ мешавад. Устод Табаров бо ёдрас намудани зарфиятҳои кунунии инкишофи равобити адабӣ ба собиқаи омӯзандаи он ишора намуда таъкид медоранд, ки ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр “намояндагони пешқадами адабиёт ва маданияти рус” ба таҳқиқу омӯхтани адабиёту маданияти халқҳои Шуравӣ, аз ҷумла, тоҷикон шавқу ҳаваси хоса зоҳир намуда буданд [6, с. 47]. Гузашта аз ин, таҳқиқоти солҳои охири донишмандони тоҷик собит месозад, ки суханварони бузурги рус А.С.Пушкин, Л. Н. Толстой, С. Есенин ва дигарон ба шоирон ва шоҳкориҳои бузурги адабиёти пурғановати форсии тоҷики таваҷҷуҳи хоса доштанд ва аз он баҳра бурданд. Нависандаи бузурги рус Л.Н.Толстой дар яке аз асарҳои мондагор ва дастуриаш “Круг чтения” борҳо аз “Гулистон”-и Саъдӣ ва муҳиммияти мутолиаи он ёд мекунад ва ба ҳикматҳои ҳакимонаи он ишорат менамояд.

Дар мақолаи мавриди назар, устод С.Табаров нақши ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро дар инкишофи ин раванд дар адабиёти халқҳои минтақа махсус таъкид намуда, андешаи худро бо мисолҳои мушаххас асоснок менамояд [10, с. 607]. Эшон тарҷимаи аввалин намунаҳои адабиёти рус ба забони тоҷикӣ, аз ҷумла, тарҷимаи асарҳои Н.А.Крилов, Н.В.Гогол, Л.Н.Толстой ва дигаронро, ки аз тарафи равшанфикрони Осиёи Миёна барои тадрис дар мактабҳои усули нав тарҷима шуда буданд ва ба ҳайси маводи таълимӣ ва хонишҳои беруназсинфӣ истифода мешуданд, махсус қайд менамоянд. Дар идома муаллиф марҳиллаҳои аввали ташаккул ва равандҳои инкишофи робитаҳои адабии тоҷику русро дар контексти муҳимтарин воқеаҳои сиёсӣ ва таърихию фарҳангии нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ баррасӣ намуда, андешаҳои муҳимро дар шакли тезисҳои консентуалӣ барои муҳаққиқони ояндаи робитаҳои адабии тоҷику рус пешниҳод месозанд. Аз ҷумла, менависанд: “Адабиёти советии тоҷик, ки зодаи революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр аст, аз як тараф, дар асоси анъана ва хусусиятҳои беҳтарини адабиёти бойи классикӣ ва адабиёти даҳанакии халқи тоҷик инкишофу равнақ ёфта истода бошад, аз тарафи дигар, намунаҳои беҳтарини адабиёти классикӣ ва советии рус барои инкишофи минбаъдаи адабиёти муосири тоҷик сарчашмаи беҳамто ба шумор меравад” [8, с. 49].

Чунон ки мебинем, устод дар ин навиштаи худ, омилҳо ва заминаҳои худию миллиро дар инкишофи адабиёт дар ҷойи аввал мегузорад. Ин дидгоҳ баъдан аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ тақвият ёфта, тадриҷан ба як консепсияи устувори илмӣ дар адабиётшиносии муқоисавӣ табдил ёфт. Бо ишора ба ин масъала, донишманди ҳамзамони мо Л.Н.Василев дар мақолаи "Таърихият ва нисбияти консепти "адабиёти миллӣ" менависад: "Адабиёти бадеӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ, ҳангоми шаклгириаш фарогири ташаккули худогоҳии миллӣ, муайянкунандаи ҳуввияти миллии халқҳо маҳсуб меёфт" [2, с. 53]. Ин андешаи донишманди рус воқеияти илмӣ доштани назари устод Табаровро бори дигар собит месозад.

Дар идомаи андешаронии худ дар мақолаи фавқузикр, устод С.Табаров таваҷҷуҳи аҳли назарро ба моҳият ва шукуҳу азамати ғоявӣ ва адабию ҳунарии назму насри классикӣ ва муосири русӣ ҷалб менамояд. Муҳаққиқ ҷанбаҳои реалистӣ ва ҳаётию воқеӣ доштани ормонҳои ҷовидонаи бузургони адабиёти русро махсус таъкид мекунад, зеро маҳз ба шарофати ин ормонҳои абадии умумибашарӣ адабиёти пурғавғои халқи рус ҳанӯз дар қарнҳои ХУ111-Х1Х шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда буд. Дар идомаи андешаронии худ устод С. Табаров масъалаи омӯзиши шеваҳои нигориши реалистӣ ва аз тарафи поягузорони адабиёти навини тоҷикӣ, устодон С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ дар насру назми муосири тоҷикӣ таҷриба шудани сабку шеваҳои мазкури тасвир баррасӣ мешавад. Таъкид мешавад, ки омӯхтани таҷрибаи эҷодии нависандагони рус, ба инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик мусоидат менамояд.

Дар мақолаи номбурда, ки ҷанбаи қавии масъалагузорӣ дорад, устод С.Табаров таваҷҷуҳи аҳли адабу таҳқиқро ба таъсири мутақобилаи адабиётҳо ҷалб менамоянд, ки андеша баъдан дар навиштаҳои муалиф хеле тақвият ва такмил гардида, ба ҳайси дастури назарӣ то имруз аҳамияти худро аз даст надодааст.

Бо ишора ба сафари якуми бригадаи адабии Иттифоқи Нависандагони Итиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон, бо сарварии мунаққид ва адабиётшиноси дар он солҳо маъруфи рус В.В.Ермолов, муаллиф аз нашри китоби "Адабиёти тоҷик" ба забони русӣ ёд мекунад. Воқеан, китоби мазкур аз ҷумлаи иқдомҳои шоистаи муаррифии эҷодиёти адибони муосири тоҷик дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ буд. Дар ин китоб намунаҳо аз тарҷимаи русии "Одина" ва "Дохунда"-и С.Айнӣ, ашъори А.Лоҳутӣ, П.Сулаймонӣ, Б.Азизӣ, С.Рабиӣ, М.Миршакар ва дигарон ҷой дода шуда буд. Устод С.Табаров таъкид мекунанд, ки нашри русии китоби "Адабиёти тоҷик" дар он солҳо, яъне солҳои сиюми садаи ХХ на танҳо муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳои адабиёти навини тоҷикӣ, балки ин иқдом як навъ таваҷҷуҳи адибони рус ва шуравиро ба Тоҷикистон ва адабиёти он ҷалб месохт. Дар он солҳо Тоҷикистон ва воқеиятҳои зиндагии мардуми он натанҳо таваҷҷуҳи шоирону нависандагони рус, балки диққати адибони пешқадами Ғарбро ҳам ба худ мекашид, ки намунаи он зуҳури ишқу алоқаи нависандаи поляк Бруно Ясенский ва нашри романи маъруфи ӯ "Одам пусташро иваз мекунад" мебошад. Илова бар ин, дар он солҳо адибони рус, Соболев, Шевердин, Тушкан ва дигарон аз ҳаёти мурдуми тоҷик, талошҳои ин халқи кӯҳанбунёд дар ташкили ҷумҳурии нави Тоҷикистон асарҳои хурду бузурги зиёдеро таълиф намуда, ба нашр расониданд. Шуҳрати ҷаҳонии романи "Нисо"-и П.Лукнитский далели равшани гуфтаҳои боло мебошад.

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷуҳи устод С.Табаров дар мақолаи номбурда, ин проблемаи тарҷумаи асарҳои адибони тоҷик ба забони русӣ мебошад. Ба қавли Ш.А.Мазанаев "Дар ҳар мавриди муроҷиати адиб ба забони дуюм, масъалаи мақому ҷойгоҳи нависанда дар ин ё он адабиёти миллӣ, масъалаи мансубияти ӯ ба ин адабиёт ба миён меояд" [4, с. 286]. Ба ҳамин хотир, дар мақолаи номбурда аз хидматҳои шоёни адибони рус Н.Тихонов, С. Бородин, С.Липкин, С. Гудзенко, Ю. Симонов ва дигарон дар тарҷима, тарғиб ва муаррифии осори шоирону нависандагони тоҷик ёд ва арҷгузорӣ мешавад. Ба андешаи муҳақиқ, дар он солҳо маҳз ба шарофату ҳиммати адибони номбурдаи рус дар сатҳи иттифоқ шоирону нависандагони дар он солҳо ҷавони тоҷик М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, Б.Раҳимзода, А.Деҳотӣ, Ф.Ниёзӣ ва дигаронро шинохтанд. Дар баробари ин, дар худи Тоҷикистон ҳам як гурӯҳ адибони русизабон ба воя расиданд, ки онҳо низ дар баробари таълифи асарҳои алоҳида аз ҳаёти мардум, ба тарҷима ва тарғиби адабиёти классикию муосири тоҷик базабони русӣ машғул шуданд. Ин андешаҳоро устод С.Табаров дар мақолаи

дуюмашон, ки “Максим Горкий ба баъзе масъалаҳои адабиёти тоҷик” унвон дорад идома доданд ва он баъди ҳашт соли ба нашр расидани мақолаи якум, яъне соли 1968 дастраси аҳли таҳқиқ мегардад. Агар мақолаи аввал бештар ҷанбаи назарӣ дошта бошад, мақолаи дуюм дорои моҳияти амалист. Ин ҷо масъалаҳои марбути равобити адабӣ, таъсирпазирии адабию эҷодӣ ва таъсири мутақобилаи адабиёти русу тоҷик дар контексти эҷодиёти М.Горкий ва нақши он дар инкишофи насри реалистии тоҷикӣ ба андеша гирифта мешавад. Устод С.Табаров дар бахши аввали мақолаи мавриди назар эҷодиёти нависандаи пролетарии русро тавзеҳ дода, таваҷҷуҳи аҳли назарро ба мақому ҷойгоҳ ва рисолати адабии ин нависандаи тавонои шуравӣ ҷалб менамояд: “Горкий бешубҳа бузургтарин намояндаи санъати пролетарист, ки худро ба воситаи асарҳои бузурги бадеияш бо ҳаракати коргарии Россия ва тамоми ҷаҳон ба таври мустаҳкам алоқаманд гардонида аст” [5, с. 65], таъкид мешавад дар оғози мақола. Дар идома зикр мегардад, ки ин нависандаи бузурги рус ҳанӯз аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ, ба ҳайси роҳбари Иттиҳодии Нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ ба масъалаи тарбияи насли нави адибони шуравӣ, тарҷима ва тарғиби дастовардҳои эҷодии онҳо ба забони рӯсӣ ва аз ин тариқ дастраси хонандаи умумиттифоқ намудани онҳо талош мекард. Далели ин таваҷҷуҳ, ҳанӯз соли 1933, дар Пленуми кумитаи ташкилии Иттифоқи Нависандагони Итиҳоди Шуравӣ шунидани гузориши А. Лоҳутӣ дар барои тарҷимаи асарҳои бадеӣ аз забони тоҷикӣ ба рӯсӣ ва аз рӯсӣ ба тоҷикӣ мебошад. Устод С.Табаров таъкид менамоянд, ки маҳз ба шарофати ин гузориши А.Лоҳутӣ ва бо ибтикори бевоситаи М. Горкий як гурӯҳ адибони рус барои ҳалли мушкилоти дар суханронии А. Лоҳутӣ зикр гардида ба Тоҷикистон сафарбар мегардонанд. Баъдан, соли 1934 дар Съезди якуми Иттифоқи Нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ А.Лоҳутӣ аз натиҷаи фаъолияти адибони тоҷик ва кори ҳайати нависандагони аз Маскаву Ленинград ба Тоҷикистон омода, гузориш медиҳад.

Бояд гуфт ки ҳамаи ин тадбирҳои амалӣ ва адабию эҷодӣ замина ва пуштвонаи устуворе буданд, барои ташаккул ва инкишофи равобити адабии тоҷику рус. Устод С.Табаров дар шаклгирии ин раванд нақши осору эҷодиёти М.Горкийро махсус таъкид мекунад ва аз таваҷҷуҳи хосаи устод С.Айнӣ ба шахсият ва эҷодиёти ин адиби бузурги рус ёдовар мешавад. Худи устод С.Айнӣ дар ин маврид чунин менависад: “Ман то Инқилоби Октябр ҳатто номи Максим Горкийро нашунида будам..., зеро ман забони русиро намедонистам ва тарҷимаҳои ӯ дар забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ки ман хонда метавонистам набуд, ё ки ба дасти ман намерасид. Баъд аз барпо шудани Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба хондани тарҷимаи тоҷикии “Бачагӣ”-и Горкий комёб шудам. “Дар байни мардум”-и ӯро ҳам мутолиа кардам, “Кори Артамоновҳо”-и ӯро ҳам хондам, мақолаҳои ба тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷимашудаи ӯро ҳам мутолиа кардам” [1, с. 193]. Муҳақиқони имрузаро лозим аст, ки асарҳои алоҳидаи ин ду нависандаи таъсиргузор ва соҳибмактаби русу тоҷикро дар алоҳидагӣ ва ба таври қиёсӣ таҳқ намояд ва натиҷаҳои амалии равобити адабии тоҷику русро дар нимаи аввали садаи бист ошкор намоянд.

Чунки аз адибони рус бештар эҷодиёти М.Горкий дар даҳсолаҳои аввали баъд аз инқилоб таваҷҷуҳи аксари адибон ва хонандагони ҷумҳуриҳои шуравии собиқро ба худ ҷалб карда буд. Устод С.Табаров бо дарназардошти ин воқеияти адабӣ дар мақолаи мазкур аз саҳму нақши С.Айнӣ, Ҳ.Карим, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, П.Толис, Р.Ҳошим ва дигарон дар тарҷима ва тарғиби эҷодиёти Горкий ба забони тоҷикӣ ёд мекунад.

Масъалаи дигари меҳварие, ки дар мақолаи дуюм таваҷҷуҳи устод С.Табаровро ба худ ҷалб карда аст, ин проблемаи таъсирпазирии адабию эҷодӣ мебошад. Махсусан, таъсирпазирии устод С.Айнӣ аз эҷодиёти М.Горкий. Дар мақола таъкид мешавад, ки устод Айнӣ принсипҳои умумӣ, хусусиятҳои услубӣ ва қонуниятҳои дохилии ин методи адабӣ (реализм) ва таҷрибаҳои эҷодии давраи нави ҷамъияти инсонӣ –реализми сотсиалистиро пеш аз ҳама дар асоси таҷрибаи А.М.Горкий омӯхта, худаш ҳам ба тасвири реалистии зиндагӣ мекӯшад ва асарҳои бузурге оид ба ҳаёти халқи меҳнатӣ эҷод мекунад. Зимни ишораи мазкур, устод С.Табров масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи алоҳидаи таъсирпазаирии нависандагони тоҷик С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев, Ф.Ниёзӣ ва дигарон аз эҷодиёти М.Горкийро ба миён мегузорад. Устод С.Табаров масъалаи таъсирпазирии адибони тоҷик аз осори Горкийро ба таври муфассал баррасӣ намуда, ба

таври хулоса таъкид мекунанд; “Максим Горкий дар дили халқи тоҷик ва адибони он абадӣ макон гирифтааст ва солҳои сол лабораторияи эҷодии вай, мактаби бузурги эҷодии вай, мактаби эҷодии даҳҳо санъаткорони тоҷик гардида аст” [9, с. 80].

Дар маҷмуъ метавон таъкид кард, ки устод С.Табаров аз ибтидои фаъолияти илмию пажуҳишиаш ба масъалаҳои марбути робитаҳои адабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекард, ки намунаи он мақолоти дар боло зикргардида мебошад. Ин мақолаҳо дар баробари он ки дар замонаш самтҳои асосии омӯзиши робитаҳои адабии тоҷику русро ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ муайян карданд, дар замони мо ҳам аҳамияти илмӣ ва назарии худро аз даст надоданд. Онҳо ва таълифоти баъдинаи устод С.Табаров дар хусуси адабиётшиносии муқоисавӣ барои чандин насли муҳаққиқони ин самти адабиётшиносӣ ба ҳайси дастури назарӣ хидмат хоҳанд кард.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ. 2, к.1 / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1963. - 503 с.*
2. *Василев, Н. Л. Историзм ин относительность концепта “национальная литература” / Н. Л. Валиев // Сравнительное литературоведения: Теоретический и исторический аспекты. - М.: МГУ, 2003. - С. 53-62.*
3. *Давронов, А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт / А. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1984. - 80 с.*
4. *Мазанаев, Ш. А. Проблемы национальной ментальности в многоязычной литературе русского зарубежя / Ш. А. Мазанаев // Сравнительное литературовидение: Теоретические и исторические аспекты. - М.: МГУ, 2003. - С. 285-291.*
5. *Табаров, С. Максим Горкий ва баъзе масъалаҳои адабиёти тоҷик / С. Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм, ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 323 с.*
6. *Табаров, С. Равобити адабии халқҳои ватанамон инкишоф меёбад / С. Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм, ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 323 с.*
7. *Табаров, С. Роҷеъ ба умумияти адабиётҳои миллӣ / С. Табаров. - Душанбе, 2004. - 16 с.*
8. *Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Ҷ.1 / С. Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 323 с.*
9. *Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Ҷ.2 / С. Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 223 с.*
10. *Толстой, Л.Н. Полное собрание сочинения, т. 41 / Л. Н. Толстой. - М: Терра, 1992. – 712 с.*

СОҲИБ ТАБАРОВ – МУҲАҚҚИҚИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Яке аз муҳаққиқоне, ки аз ибтидо ба равандҳои робитаҳои адабии тоҷик таваҷҷуҳи хоса дошт, устоди зиндаёд С.Табаров буданд, ки дар тули фаъолияти босамари илмию пажӯҳишиашон дар ин замина, ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ таълифоти муҳимму арзишмандеро ба мерос гузоштанд. Таъкид мешавад, ки омӯхтани таҷрибаи эҷодии нависандагони рус, ба инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик мусоидат менамояд. Дар ин мақола ду пажӯҳиши муҳим ва бунёдии устод С.Табаров баррасӣ мешавад, ки онҳо ҷанбаи муҳими консептуалӣ дошта, дар муайян кардани равандҳои минбаъдаи адабиётшиносии муқоисавӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд. Бояд қайд кард, ки мақолаҳои мазкур ва таълифоти баъдинаи устод С.Табаров дар хусуси адабиётшиносии муқоисавӣ, барои чандин насли муҳаққиқони ин самти адабиётшиносӣ ба ҳайси дастури назарӣ хидмат хоҳанд кард.

Калидвожаҳо: адабиётшиносии муқоисавӣ, С. Табаров, нависанда, тарҷумаи бадеӣ, адабиёти тоҷик, адабиёти рус, таъсирпазирии адабӣ, наср, назм.

СОХИБ ТАБАРОВ – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Одним из исследователей, с самого начала уделявших особое внимание этим процессам таджикских литературных связей, был известный учёный С. Табаров, оставивший за годы своей плодотворной научно-исследовательской деятельности в этой области важные и ценные труды как в теоретическом, так и в практическом плане. Подчёркивается, что изучение творческого опыта русских писателей способствует дальнейшему развитию таджикской литературы. В данной статье рассматриваются два важных и фундаментальных исследования С. Табарова, которые имеют важный концептуальный аспект и играют важную роль в определении дальнейших процессов сравнительного литературоведения в Таджикистане. Следует отметить, что эти статьи и последующие работы С. Табарова по сравнительному литературоведению послужат теоретическим руководством для нескольких поколений исследователей этого направления литературоведения.

Ключевые слова: сравнительное литературоведение, С. Табаров, писатель, художественный перевод, таджикская литература, русская литература, литературная впечатлительность, проза, поэзия.

SOHIB TABAROV – RESEARCHER OF LITERARY RELATIONS

One of the researchers who paid particular attention to these processes of Tajik literary connections from the very beginning was the renowned scholar S. Tabarov, who, over the years of his fruitful research in this field, left behind important and valuable works, both theoretical and practical. It is emphasized that studying the creative experience of Russian writers contributes to the further development of Tajik literature. This article examines two important and fundamental studies by S. Tabarov, which have a significant conceptual dimension and play a significant role in shaping the future of comparative literary studies in Tajikistan. It should be noted that these articles and S. Tabarov's subsequent works on comparative literature will serve as theoretical guidance for several generations of researchers in this field of literary studies.

Keywords: comparative literature, S. Tabarov, writer, literary translation, Tajik literature, Russian literature, literary sensitivity, prose, poetry.

Дар бораи муаллифон

Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович
Доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: soleh59@mail.ru

Муборакиён Сиддиқ Муборак
Муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

Об авторах

Солехов Шамсиддин Аслиддинович
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: soleh59@mail.ru

Муборакиён Сиддик Муборак
Старший преподаватель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

About the authors

Solehov Shamsiddin Asliddinovich
Doctor of Philology, Professor, Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: soleh59@mail.ru

Muborakiyon Siddiq Muborak
Senior teacher of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09

СОХТОР, МУҲТАВО ВА АҲАММИЯТИ ТАЗКИРАИ “РАВЗАТ-УС-САЛОТИН”-И ФАХРИИ ҲИРАВӢ

Иззатов Н. Ҳ.
Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ

Тазкираи “Равзат-ус-салотин” аз ҷумлаи тазкираҳои забони форсист, ки Фахрии Ҳиравӣ, аз нависандагон ва шоирони қарни даҳуми ҳиҷрӣ, онро таълиф кардааст. Ин тазкира аз лиҳози гурӯҳбандӣ ба тазкираҳои мавзуи хос маҳсуб мегардад. Чаро ки нависанда ба шарҳи аҳвол ва осори шоироне пардохтааст, ки подшоҳ ва амирзода будаанд. Ва ба форсӣ ё туркӣ шеър сурудаанд. Тазкираи мазкур аз лиҳози рӯйкарди мавзуи хос ба умаро ва подшоҳон қадимтарин тазкираҳои забони форсӣ маҳсуб мегардад.

Ин асар дар ҳафт боб фароҳам омада дар он аз аҳволи 80 тан аз салотину умарои шоир ва шаш тан аз дигар шоирон сухан ба миён омадааст. Боби панҷуми ин тазкира мутааллиқ ба подшоҳон ва умарои Ҳиндустон аст, ки шоир будаанд. Худи нависанда низ солиёни дароз дар Ҳиндустон зиндагӣ кардааст. Асари мазкур маҳсули муштараки фарҳанги форсизабонони Ҳинд ба ҳисоб меояд ва аз ҷиҳати зикри ном ва шеъри шоирони форсизабоне, ки дар ҳеҷ асаре зикре аз онон ба миён наёмада низ шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии Синд ва сабки наср дар рафъи таваҷҷуҳ метавонад бошад. Дар ин мавзуъ ба баррасиву таҳлил, сохтору муҳтаво, сабки “Равзат-ус-салотин” арзиш ва ҷойгоҳи онро баён хоҳем намуд [4, с. 1].

Тазкиранвисӣ яке аз шохаҳои муҳимми забон ва адабиёти тоҷику форс маҳсуб гардида баррасӣ ва таҳқиқ дар ин бора гоми муҳимме дар роҳи шиносонидани мазҳари завқ ва табъи латифи форсизабонон аст. Махсусан таҳқиқот дар ин мавзуъ аз дидгоҳи балоғати адабӣ ва истеъдоди лафзифу маънавии забони тоҷкиву форсӣ шомили бориктарин афкору авотифу мазмун бо оростатарин алфозу асвот мебошад. Аз дидгоҳи илмӣ метавон тазкираҳоро ба ду гурӯҳ тазкираҳои умумӣ ва тазкираҳои хос тақсим намуд. Тазкираҳои хос дар навбати худ ба қисмҳо ҷудо мешаванд, ки аз муҳимтарини он иборат аст, аз тазкираҳои маҳаллӣ, ки махсуси шоирони як вилоят ва ё сарзамин аст. Ва ё тазкираҳое, ки ба сарояндагони навъи муайяне аз шеър мисли маснавӣ, қасида, ё манзумаҳои ирфонӣ ва мазҳабӣ мепардозанд иборат мебошанд. Ҳамчунин тазкираҳое, ки ба табақаи муайяне аз бузургон пардохтааст. Мисли тазкираҳое, ки танҳо ба орифон, олимон ва шоирон ихтисос дорад ва ё гурӯҳи хоссе аз шуаро мисли табақаи уламо, урафо, вузаро ва ё подшоҳони шоир бошанд, ки “Равзат-ус-салотин”-и Фахрии Ҳиравӣ аз ин қабил ба ҳисоб меояд.

Китоби “Равзат-ус-салотин” дар соли 960 ҳ. ба номи шоҳ Мирзо Ҳасани Арғун таълиф гардидааст [12, с.3]. Ва ин амр баёнгари он аст, ки пеш аз ин солиёни зиёд Фахрӣ дар Ҳирот зиндагонӣ кардааст. Дар мавриди асбоби таълифи ин тазкира доктор Абдуррасули Хаёмпур дар муқаддимаи тазкираи “Равзат-ус-салотин” чунин меорад:

“Ва сабаби таълифи ин китоб ба гуфтаи худи муаллиф чунин аст, ки шоҳ Ҳасани Арғун [7, с. 271-289] рӯзе дар маҷлиси худ мегӯяд, ки охиран девони ашъори Султон Ҳусайн Мирзоро барои мо туҳфа оварданд ва дастур медиҳад то онро ба маҷлис биёваранд. Фахрӣ, ки дар он маҷлис ҳузур дошт мебинад, ки шоҳ Ҳусайн дар таъзим ва такрими девон мекушад ва аз он ҷо ба хотираш мерасад, ки тазкирае дар аҳвол ва ашъори салотин таълиф кунад, пас ин китобро ба номи “Равзат-ус-салотин” менависад ва дар боби ҳафтум, ки ба шоҳ Ҳусайни Арғун ихтисос дорад ба қасидаи ломия дар мадҳ ва дуои вай ба поён мерасонад.

Ин тазкира дар ду бахш таҳлили сохтор ва баррасии муҳтавои он пардохта мешавад, ки аввалин ва қадимитарин тазкираи забони форсӣ дар мавриди шоҳону салотини шоир аст. Баъди гузашти 175-сол аз таълифи тазкираи “Равзат-ус-салотин” Али ибни Тайғури Бастомӣ тазкираи дигареро бо номи “Подшоҳони шеъргӯ” ё “Ҳадоиқ-ус-салотин фи калом-ул-хавонин“-ро навишт, ки дар ин замина тазкираи ҷомеътаре маҳсуб мешавад.

Сохтори тазкира: Ҳамон тавр, ки дар боло қайд намудем, ин тазкира ба номи Мирзо шоҳ Ҳасанбеки Арғун тадвин шудааст. Дар он муаллиф ба зикри аҳволи 80 тан аз подшоҳону салотин ва умарои шоир ва шаш тан аз дигар шуаро сухан ба миён овардааст, ки тамоми феҳристи асмои онон дар поёни тазкира ба ҳиммати доктор Абдурасули Хаёмпур мусаҳҳеҳи он танзим шудааст. Ин китоб илова бар муқаддима, ки бо ҳамд ва санои Худованди таоло ва дуруд бар Паёмбари Худо Муҳаммад (с) оғоз мешавад, дар он инчунин сабаби таълифи

китоб ва зикри абвоби ҳафтгона омадааст. Ва дар дебочаи он нахуст муаллиф тазкираи хешро бо чаҳор мисраъ шеър оғоз менамояд:

Эй кӯҳи ту “Равзат-ус-салотин”-и ҷаҳон,
В-эй сӯйи ту дилҳо ҳама пайдову ниҳон.
Раҳ ёфт ба ту касе, ки вораст зи худ,
Як лутф куну маро зи худ ор бурун [13, с.1].

Бобҳои тазкираи “Равзат-ус-салотин” ба тартиби зерин аст.

Боби аввал: Ваҷҳи тасмияи шеър ва аҳволи Баҳроми Гӯр ва ибтидои назми форсӣ ва аҳволи Санҷари мозӣ ва Туғрулбеки салҷуқӣ, ки гоҳе ба назм илтифот мефармуданд [13, с.5].

Дар ин боб муаллиф ҳамчунин ба зикри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абулфараҷи Саҷазӣ ва Пиндори Розӣ ашъори кӯтоҳе аз онон ба миён овардааст.

Чун ин боб дар мавриди ваҷҳи тасмияи шеър ва ибтидои назми форсӣ сухан меравад, Фахрӣ аз сарчашмаҳои муътабар истифода намуда, дар китобаш ин амрро чунин бозгӯ намудааст.

“Дар таворих чунин овардаанд, ки баъд аз тӯфони Нуҳ алайҳиссалом Яъраб ибни Қаҳтон ба луғати арабӣ мутакаллим гардид ва дар таркиби калимот ва тартиби иборот кӯшид то рӯзе дар маҳалли хос ду байт иншо кард, чунончи ҳуззори маҷлис тааҷҷуб намуданд ва гуфтанд ин чӣ тарз калом аст?, ки ҳаргиз монанди он аз ту истимоъ накардем. Яъраб гуфт: «ана айзан мо шаъарту биҳи мин нафси илла явми ҳаза» яъне ман низ мисли инро аз худ фаҳм накардаам. Магар имрӯз. Пас аз ин сабаб, ки бе воситаи таълим ва тааллум ӯро ба каломи мавзуни шеърро шуур афтод” [13, с.7].

Ва аммо сабаби он, ки каломи мавзунро шеър хондаанд Абуабдуллоҳ Қосим ибни Салломи Бағдодӣ [2, с.403-412], ки яке аз аиммаи наҳв ва луғату таърих буд, мегӯяд Яъраб ибни Қаҳтон ба исҷоъ ва қароин машғул будааст ва чун дар аснои асоҷии араб мисрооти мавзун меафтод, Яъраб ба қуввати футунат ва заковати аъло онро дарёфт мекард ва миёни каломи мавзун ва номавзун фарқ карда ва ин ду байтро бигуфт:

Мал халқу илалал аб ва умм,
Хадийна ҷаҳлу ав хадийна илм.
Ма байина халқин роиҳин ва ҳилмин,
Фи марҳин тувран ва тувран ҳамми [18, с.167-168].

Ва дар баъзе таворих низ омадааст, ки шахсе падари қабоили Яман буд ва ӯро Шеър ибни Сабо мегуфтанд ва ӯ дар арабият бағоят фасеҳ буд чунончӣ аксари каломи ӯ ҳам мавзун меомад. Чун номи ӯро шеър буд каломи мавзуни ӯро «шеър» мегуфтанд [11, с.250].

Аммо дар хусуси он, ки аввалин касе, ба забони форсӣ шеър сурудааст, ба Баҳроми Гӯр подшоҳи Сосонӣ нисбат медиҳанд [8, с.20-22].

Фахрӣ ба илова дар ин боб аз подшоҳони шоири аҳди салчуқӣ мисли Султон Санҷар, Туғрулбек ва султон Алоуддини ҷаҳонсӯз ёд намуда, намунаи ашъори баъзеи онҳоро дарҷ намудааст. Аммо Фахрӣ, ҳамчуноне ки дар боло зикр гардид, “Лубоб-ул-албоб”-и Авфиро [8, с.22-31] надида будааст, ки пеш аз замони салтанати Оли Салҷуқ Салотине будаанд монанди Амир Мансур ибни Нуҳ ибни Манусри Сомонӣ, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Шамсулмаолии Қобус, Кайковус, ки ашъоре гуфтаанд, ки дар тазкираҳо ба ёдгор мондааст [9, с.81-90].

Оли Салҷуқ ё (Салоҷиқа) фарзандони Салҷуқ ибни Тақоқанд, аз сарварони туркмон, ки дар дашти Қирқиз бо тамоми қабилаи худ ба тарафи Ҷанду Бухоро куч намуда, дар он ҷо дини исломро қабул намуданд.

Бар асари ширкат дар ҷангҳои байни Сомониён ва умарои Илхония ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ қудрате пайдо карданд ва ба Хуроосон ҳуҷум бурда, ҷойи Ғазнавиёнро гирифтанд. Қаламрав ва ҳукуматашон ба тадриҷ вусъат ёфт, то он ҷо, ки тамоми Осиёи Ғарбӣ аз ҳудуди Афғонистон то сарҳади мамолики Рум ва дар Осиёи Сағир ба тасарруфи хулафои фотимии Миср қабл аз соли 470 ҳ. таҳти як ҳукумат даромада ба фармони Салочиқа сар фуруд оварданд.

Муаррихин давлати Салоҷиқаро бар панҷ шуъба тақсимбандӣ мекунанд [5, с.132-138].

№	Муассиси салтанат	Муҳлати салтанат	Муддати давлатдорӣ	Навъи Салоҷиқа
1.	Туғрал ибни Мийкоил ибни Салҷуқ	429-455ҳ. 1037м.	429ҳ.-552ҳ. 1037м.-1157м.	Салҷуқиёни Хуросон
2.	Қовурд ибни Ҷағри ибни Мийкоил ибни Салҷуқ	423-465ҳ. 1041м.	423ҳ.-583ҳ. 1041м.-1187м.	Салҷуқиёни Кирмон
3.	Татиш ибни Алб Арслон ибни	487ҳ.-488ҳ.	487ҳ.-511ҳ.	Салҷуқиёни Шом

	Ҷағри ибни Мийкоил ибни Салҷуқ	1095м.	1094м-1117м.	
4.	Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ ибни арслон ибни Ҷағри ибни Мийкоил ибни Салҷуқ	511ҳ.-525ҳ. 1194м.	511ҳ.-590ҳ. 1117м.-1194м.	Салҷуқиёни Ироқ ва Курдистон
5.	Сулаймон ибни Қуталмиш ибни Исроил ибни Салҷуқ	470ҳ-79ҳ.	470ҳ.-700ҳ.	Салҷуқиёни Рум

Ва намунаи ашъоре аз Оли Салчуқ дар ин тазкира ҳангоми фавти Султон Санҷар Фахрӣ чунин бозгӯ намудааст:

“Баъд аз он ки султон аз қайд наҷот ёфт, пир шуда буд ва дар дувоздаҳум моҳи рабиъуссони соли 551 ҳ. дар шаҳри Марв ба ҷивори раҳмати ҳақ пайваст ва дар маҳалли фавт ин абётро гуфта:

Ба зарби теғ ҷаҳон гиру гурз қалъа кушой,
Ҷаҳон мусаххари ман шуд чу тан мусаххари рой.
Басе қулоъ кушудам ба як кушодани даст,
Басе сипоҳ шикастам ба як фишурдани пой.
Чу марг тохтан овард ҳеҷ суд надошт,
Бақо бақои Худой асту мулк мулки Худой [10, с.16].

Иншои ин қитъаро Давлатшоҳ ба Султон Санҷар нисбат додааст ва Ҳамидуллоҳи Муставфӣ ба Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ ибни Алб Арслон ва Авфӣ дар тарҷумаи ҳоли султон Маҳмуди Ғазнавӣ мегӯяд, ки ҳангоми марг бар худ ба аин абёт се байти мазкур ба изофаи (се байти дигар) навҳагарӣ намудааст [17, с.457].

Боби дувум: дар баёни аҳволи подшоҳони Чағатоӣ ва узбек ва салотини эшон, ки ашъори хуб гуфтаанд ва дар миёни мардум шуҳрат доштанд [10, с.4]. Муаллиф ин бобро барои аҳволи даҳ тан аз хонони узбек ва муғул бахшида аз зумари эшон метавон ба Муҳаммадхони Шайбонӣ ишора намуд, ки ба форсӣ ва туркӣ шеър месурудааст. Ва низ ба Убайдуллоҳхон бародарзодаи Муҳаммадхони Шайбонӣ, ки ба хуштабъи сутуда шуда ва тавонманд дар назми туркӣ ва форсӣ будааст. Аз дигар шоирон метавон ба Юнусхони муғул ишора кард, ки машҳур ба устод Юнуси қошуқтарош аст ва султон Саид фарзанди Абуубайдхон ибни Куҷамхон, ки “куҳкан” тахаллус мекарда аст.

Фахрии Ҳиравӣ нахуст дар ин боб ба зикри Муҳаммадхони Шайбонӣ пардохта ва ӯро чунин тавсиф намудааст.

“Аз он чи Фирдавсӣ макони Муҳаммадхони Шайбонӣ ва аз саодати афсар шоҳ Бадоғ ва набераи ӯ Абулхайрхон буд ва шавкат ва адолати ӯ бар аҳли рӯзгор возеҳ аст дар баёни ӯ шуруи муносиб нест. Подшоҳи баҳодур ва одил ва каримуттабъ ва бетакаллуф буд. Идрокаш баланд ва табъаш мавзун буд ва чун турк буд ва аз иборати турки баҳраи тамом дошт ба ҳамон таври худ гоҳ-гоҳе назме зоҳир мешуд. Ва дар Машҳади муқаддаса ҷиҳати ҳазрати имом Мусои Ризо ъалайи таҳияту вассано қасидае гуфта, ин ду байт аз он қасида аст:” [10, с.21].

Назм

Тусу Машҳад ким дайри лор лутфу эҳсонанд дур,
Равзаи султон Алишоҳи Хуросонанд дур.
Гунбад янанг қуббаси оламға булди нур бахш,
Гувк ийрур ким парту хуршедти тобонанд дур [10, с.21].

Ин матлаъи форсӣ низ аз ӯ машҳур аст:

Матлаъ

Булбулони ту, ки ҷонам булбулон овардӣ.

“Ва аз саодати афсар шоҳ Бадоғ набераи Абулхайрхон буд”. Чунончи дар поварақ қайд шудааст ин иборат дар ҳар ду нусхаи матн ғалат аст ва ба ҷойи он мебоист “валади саодати афсар Шоҳ Бадоғ ва набераи Абулхайрхон буда” бошад.

Муҳаммадхони Шайбонӣ муассиси силсилаи Шайбонён писари шоҳ Бадоғ ибни Абулхайр аст, ки муддати даҳ сол 906ҳ. - 916ҳ. ҳукмронӣ карда ва дар соли 916ҳ. дар ҷанг бо шоҳ Исмоили Сафавӣ кушта шудааст [16, с.67-69].

Боби севум: дар баёни аҳволи подшоҳони Чағатоӣ аз авлоди амҷоди Амир Темури соҳибқирон, ки дар Самарқанд ва Хуросон буда абёту ашъори нек фармудау девон тартиб додаанд [10, с.4].

Дар ин боб ашъор ва шарҳи аҳволи 35 тан аз авлод ва аҷдоди Темур, аз ҷумла: Бойсунғур Мирзо, Улуғбек Мирзо, Фаридун Ҳусайн Мирзо, султон Ҳусайн Мирзо ва дигарон матраҳ шудааст.

Салотини Темуриён 771-906ҳ. - Амир Темур дар соли 782ҳ. ба Эрон лашкаркашӣ карда ва дар зарфи 7 сол Хуросон, Ҷурҷон, Мозандарон, Систон, Афғонистон, сарзамини Форс, Озарбойҷон ва Курдистонро мусаххар сохт.

Дар соли 795ҳ. Бағдодро аз оли Ҷалоир гирифт ва дар соли 800ҳ. дохили Ҳиндустони шимолӣ шуда соли баъди Кашмир ва Деҳлиро низ фатҳ кард. Охирин ҳуҷуми вай ба самти Мағриб буд, ки дар соли 804ҳ. шуруъ шуд. Ӯ дохили шаҳри Анатолия гардаида Сивас ва Малотияро гирифта туркони Усмониро дар Анқара шикаст дод ва Боязидро асир намуд. Пас аз тасхири Шом ва фатҳи Ҳалабу Димишқ дар ин билод мақоми мамолики Мисрро гирифта дар соли 807ҳ. дар шаҳри Утрор дар синни 70 солгӣ даргузашт.

Футуҳоти Темур хиттаи Мовароуннаҳрро ба мақоме аз аҳаммият расонид, ки то он замон ҳеҷ гоҳ ба он поя нарасида буд. Самарқанд пойтахти мамлакати азиме шуд, ки масоҳаташ аз Деҳли то Димишқ ва аз дарёчаи Хоразм ба (баҳри арал) то Халиҷи форс вусъат дошт. Вале чун ин футуҳот бештар ҷанбаи шуриш ва ҳуҷум дошт бештари мамлакатҳои фатҳшуда ба зудӣ аз тасарруфи Темуриён хориҷ шуд. Бо ин ҳол Мовароуннаҳр муддате маркази давлате шуд, ки қисмати бузургтари Эрон ва Афғонистонро илова бар вилояти Мовароуннаҳр шомил буд.

Дар мавқее, ки мамлакатҳои васеи Темуриён нуфуз ёфт давраи ҳараҷу марҷ пеш омад. Ба маҳзи он Темур марзи туркони усмонӣ ва оли Ҷалоир ва Туркаманон дар тасарруфи мамлакатҳои аздастрафтаи худ баромаданд. Бо ин ҳол авлоди Темур муваффақ шуданд, ки Шимоли Эронро дар муддати як аср дар ихтиёри худ нигоҳ доранд. Вале дар тамоми ин муддат бар сари тасарруфи қисматҳои мамолики темурӣ бо якдигар меҷангиданд [5, с.236-239].

Шоҳрух бо вуҷуди ин аҳвол муваффақ шуд, ки қудрат ва эътибори мамлакатро ҳифз кунад. Вале пас аз марги ӯ дар соли 850ҳ. мамлакаташ ба қисматҳои кучак тақсим шуд ва бар асари ҳамин ҳолат Сафавия ва умарои Шайбонӣ онҳоро ба тасарруфоти худ замима намуданд.

Бо ин ҳол хонадони Темурӣ, аз миён нарафт ва шуъбаи авлоди Зуҳайриддин Бобур давлати ҷадиде дар Ҳиндустон ташкил доданд, ки назди аврупоиён ба “давлати Муғули кабир” дар он замон шуҳрат дошт [14, с.426-429].

Халил султон ибни Ҷалолиддини Мироншоҳ ибни Темури Гуркон муддати панҷ сол 807ҳ.-812ҳ. дар Мовароуннаҳр ҳукумат карда ва дар соли 814ҳ. аз олам даргузашт [5, с.239].

Ва Халил султон, ки дар назму сухан маҳорати тамом дошт Фахрӣ намунаи ашъор ва нақл аз ӯро чунин овардааст.

“Гӯянд дар маҳалле, ки султон Аҳмад дар Бағдод ғуруру ҷоҳ ва касрати сипоҳ дошт, ки ин қитъаро гуфта ва ба амир Темури соҳибқирон фиристода:” [10, 29].

Назм

Гардан чаро ниҳем ҷафои замонаро,
Миннат чаро кашем баҳри кори мухтасар.
Дарёву куҳро бигзорему бигзарем.
Симурғвор зери пар орем хушку тар,
Ё бар мурод бар сари гардун ниҳем пой.
Ё мардвор дар сари ҳиммат кунем сар. [10, с.29-30].

Он ҳазрат аз истимои ин қитъа ба ғоят мутағайир шуда, аз рӯйи таассуф гуфт: чӣ будӣ, ки маро қобилияти назм будӣ то ҷавоби ӯ гуфтаме ва фармуд, ки аз фарзандони мо ҳар кадом тавонанд ҷавоб гуфта равон созанд. Халил султон ҳасбул фармон ин қитъаро гуфта фиристода:

Назм

Гардан бинеҳ ҷафои замонарову сар мапеч,
Кори бузургро натавон кард мухтасар.
Симурғвор аз чӣ кунӣ қасди Куҳи Қоф,
Чун саъва хурд бошу фуру рез болу пар.
Берун кун аз димоғ хаёли маҳолро,
То дар сарат дигар нашавад сад ҳазор сар [10, с.30].

Боби чаҳорум: Дар баёни аҳволи подшоҳони Ироқ ва Рум, ки назм гуфтаанд. Дар ин боб муаллиф ба шарҳи аҳвол ва зикри 12 тан аз подшоҳон ва ҳукмронони Ироқи аҷам ва Рум

пардохтааст. Касоне чун шоҳ Шуҷои Кирмонӣ, султон Увайс фарзанди Шайх Ҳасани Навён, Шоҳ Исмоил, султон Салим Баҳодурхон, Султон Сулаймон ва дигаронро зикр намудааст.

Фахрии Ҳиравӣ нахуст дар ин боб ба зикри Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ пардохтааст номи пурраи ӯ Ҷалолиддин шоҳ Шуҷоъ ибни Муборизиддин Муҳаммад ҳукмрони дуввум аз силсилаи Оли Музафар буда ва аз соли 759ҳ. то соли 786ҳ. ҳукмронӣ кардааст. Ин силсила дар Форсу Кирмон ва Курдистон ҳукумат карда ва 82 сол 713ҳ.-795ҳ. давом доштааст ва муассиси он Муборизуддин Муҳаммад ибни Музафар 713ҳ.-759ҳ. мебошад [3, с.296-316].

Муаллифи ин асар ӯро илмнавозу адолатпарвар ва шоирдӯст васф намудааст. Чуноне, ки мефармояд:

“Ва аз он ҷумла шоҳ Шуҷоъи Кирмонӣ (нуруллоҳи марқадаҳ) Чорғи хонадони оли Музаффар буда ва баъд аз падар дар Ироқи аҷам ва форсу Кирмон салтанат бо истиқлол ёфт. Ва подшоҳи одилу олимпарвар ва шоирдӯст буд. Ва гӯянд дар мулозимати Мавлоно Қутбиддини Шерозӣ “Шарҳи матолиъ” хонди ва нек дарёфтӣ. Ва дар даври давлати ӯро шарафи суҳбати хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бас аст, ки номи ӯ бад-ин байт бар ҷаридаи айём сабт карда” [10, с.61].

Матлаъ

Саҳар зи ҳотифи ғайбам расид мужда ба гӯш,
Ки даври шоҳ Шуҷоъ аст, май бигиру бинӯш [10, с.61].

Ва табъи шоҳ Шуҷоъ дар шеър хуб будааст ва дар таърих меоваранд, ки ӯро баъд аз вафоти падараш шоҳ Маҳмуд бародараш ба воситаи мулк низоъ шуд ва дар он аём шоҳ Маҳмудро қазо расид ва шоҳ Шуҷоъ инро муносиби аҳвол гуфта:

Назм

Маҳмуд бародарам шаҳ шери камин,
Мекард хусумат зи пайи тоҷу камин.
Кардем ду тақсим, ки биёсояд халқ,
Ӯ зери замин гирифту ман рӯйи замин [10, с.62].

Боби панҷум: дар баёни аҳволи баъзе аз мулуки Ҳиндустон ва дигар атроф, ки ба назм майл кардаанд [3, с.4].

Ин боб ба зикри шаш тан аз подшоҳон ва маликони Ҳиндустон ихтисос дода шуда аз ҷумлаи Султон Фирӯзшоҳ, Малик Шамсиддини Пурхон, Малик Ҳисомиддин, Абулҳасани Лингоҳ, Малик Фахриддини Туроншоҳ ва Шоҳ Одил, ки аз авлоди Гиргини милод буд.

Муаллиф дар ин боб аз Малик Шамсиддини Пурхон ва Малик Ҳисомиддин намунаи ғазали зебои онҳоро меоварад, ки дар воқеъ баёнгари табъи латиф доштани эшонро дар назми форсӣ нишон медиҳад. Фахрӣ васфи онҳоро чунин баён намудааст.

Малик Шамсиддини Пурхон “Ба ғоят подшоҳи дарвешсират буд ва раъиятпарвару фозил буда, аз ҷумлаи фазоилаш яке он будааст, ки Каломуллоҳро ёд доштааст. Табъашро аз назми ӯ маълум метавон кард” [10, с.80]. Ин ғазал аз ӯст:

Ғазал

Рафтиву орзуи ту аз дил намеравад,
Нақши ту дида рози муқобил намеравад.
Эй ошно биё, ки ба ғарқоб мондаам,
В-ин киштии шикаста ба соҳил намеравад.
Ҳарзиз гули латиф намерӯяд аз гиле,
То гулрухе зи даҳр дар он гил намеравад.
Тан рехт, дил гудохт, ҷигар хун шуда ҳанӯз,
Меҳри рухат зи ҷони мафосил намеравад.
Ҷуз моҷарои ҳусни туву ишқи Пурхон,
Зикре ба ҳеҷ маҷлису маҳфил намеравад [10, с.80].

Ҳамчунин Фахрӣ дар ин боб ба зикри Малик Ҳисомиддин бародари султон Иброҳим пардохта ӯро чунин васф намудааст.

“Ва табъи хуб доштааст ва шеърро хуб мегуфтааст ва ин тоифаро мукаррам ва муъаззиз медошта ва ба ғоят дӯст ва хушбош будаву “Ҳисом” тахаллус мекардааст”. Ва ин ғазал аз натоиҷи табъи ӯст:

Ғазал

Ҳосили умр ҷуз ин нест, ки аёме чанд,
Гушае амн бигирему дилороме чанд.
Суфиву савмааву суҳбати азрақ пушон,
Сари мову дари майхонаву бадноме чанд.
Фаррух он рӯз ки чун чашм кушоем аз хоб,

Нангарам ҷуз рухи зебои дилороме чанд.
Бар дари савмаа дилсӯхтае дидам гуфт:
Умр зоеъ накунӣ дар пайи ин хомӣ чанд.
Гар бипурсӣ, ки мукофоти дуои ту Ҳисом,
Чист, гӯям зи лаби лаъли ту дашноме чанд [10, с.81].

Боби шашум: дар баёни аҳволи умарои олишаъни подшоҳнишон, ки сари итоат бар касе фуру наёвардаанд, балки подшоҳон орзуи мулозимати эшон кардаанд ва абёти хуб доранд.

Ин боб дар баёни аҳволи умарои "салтанати осор" аст, ки сари итоат ба ҳеҷ кас фуру наёвардаанд, ки аз он ҷумла Амир Юсуф, ки Амирул умарои султон Абусаид буд, Амир Сайид Ҳасани Ардашери Калонӣ, ки дар мартабае будааст, ки Амир Алишер ба номи ӯ рисола навишта ва Мавлоно Ҳусайни воиз дар таърифи ӯ анвои шеър ба нусхаи мавсум ба "Бадоеъ-ул-афкор" ва "Саноеъ-ул-ашъор"-ро ба номи ӯ тартиб кардааст. Амир Ҳисомиддин волии Гилон, Мубрамбек волии Балх Мубрамхон волии Қандаҳор ва Амир Алишери Навоӣ, ки хамсаи туркӣ гуфта ва чаҳор девони туркӣ тамом карда ва девони форсии ӯ шаш ҳазор байт дорад. Ва дар ниҳоят даст аз ҳукумати Астаробод, ки пойтахти Мозандарон буд, бардошт ва мутаваҷҷеҳи шеър ва шоирӣ гардид [10, с.87-88].

Ҳамчунин аз Амир Аҳмади Ҷомӣ намунаи ашъори зебое оварда таърифу тавсифи ӯро чунин намудааст.

Амир Аҳмади Ҷомӣ валади амир Султон ба мулки Қошғар султон буда, муддати даҳ сол дар Дор-ус-салтанати Ҳирот ҳукумат карда ва муддатҳои дигар дар билдаи маҳфузаи Самарқанд ҳокими бо истиқлол буд ва оламро ба айш гузаронид. Ва ин матлаъ аз ӯст:

Назм

Моему содарӯён ҳар рӯз ҷому бода,
Дасти сабу гирифта дар пойи хум фитода.

Дигар

Мастам, эй муҳтасиб, имрӯз зи ман даст бидор,
Иҳтисобам бикун он рӯз ки ёбӣ ҳушёр [10, с.86].

Ва дар мавриди ин Амир дар поварақии шумораи (3) низ изҳори назар шудааст, ки "Амир Аҳмади Ҳоҷӣ" саҳеҳ аст ва ҳамчунин дар сатри охир ба ҷойи "ба мулк" бояд "малик" бошад.

Дар ҳафт иқлим "Амир Аҳмади Ҳоҷӣ" қайд карда ва матлаъ. "моем содарӯён"-ро аз ӯ овардааст. Бештар аз он ин, ки "Маҷолис-ун-нафоис" низ бо андак ихтилофе бо "Ҳафт иқлим" мутобиқат дорад. Дар "Латоифнома мегӯяд: "Амир Аҳмди Ҳоҷибек писари Султон малики Қошғарӣ аст" ва "Вафоӣ" тахаллус мекардааст. Ва ӯ дар Доруссалтанати Ҳирот 10-сол ҳукумат карда ва дар маҳфузаи Самарқанд низ муддатҳо ҳукумат кард. Дар тарҷумаи Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ низ ба ҳамон мазмун аст [1, с.493].

Боби ҳафтум: дар зикри ҷамили ҳазрати наввоб ва хатми китоб ба авнил Маликил Ваҳҳоб [ва миналлоҳил исмати ваттавфиқ] [10, с.4].

Ба Шоҳ Ҳасани Арғун, ки мамдуҳи нависанда ихтисос дорад, шоире буда, ки дар назм "сипоҳӣ" тахаллус мекардааст. Аз ашъори ӯ панҷ ғазал ва се рубоӣ оварда шудааст, ки дар муқоиса ба бештарин ҳаҷми ашъор ихтисос ёфтааст. Фахрӣ зикри аҳвол ва осори ӯро чунин тавсиф кардааст.

"Баъдаҳу ашъори далолаткунанда бар табъи равон ва заки саршори шоир будани ӯро овардааст".

"Ва он ҳазрат бо вуҷуди касрати иштиғоли умури салтанат аҳёнан ба тақриби ғазал мефармояд ва дар ашъори туркӣ ва форсӣ писандида аст. Ва дар ин нусха ҷиҳати таяммун ва табаррук ғазали чанд ва рубоии чанде сабт менамояд ва ин сафҳаро ба ҷавоҳири ашъори гавҳар нисори чун ҷамоли бутон меорояд" [10, с.97].

Ин ғазалро дар татаббуи ғазали Амиршоҳи гуфта аст:

"Чу сабзаи тарат аз барги ёсамин бархост"

Назм

Зи оташини рухи ӯ хатти анбарин бархост,
Ба ҷон зад оташу дуд аз дили ҳазин бархост.
Фишонда зулфи муанбар ба рӯй чун мусҳаф,
Шиори куфр аз он рӯ зи аҳли дин бархост.
Ба нозу ишва нишастан миёни маҳрӯён,
Ҳазор фитнаву ошуб аз камин бархост.
Ҳар он худ нигоҳ, ки бар дил задӣ сипоҳеро,

Нишаст тиру зи шасти ту офарин бархост.
Ин баҳр ва қофияро хоҷа Ҳофиз мегӯяд:
Ё раб сабабе соз, ки ёрам ба саломат [10, и.97-98].

Хусусиятҳои муҳтавои тазкира аз чандин ҷиҳат аҳамият дорад. Иттилооте, ки ӯ дар бораи ҳар як аз шуаро ироа медиҳад мутаносиб бо иттилооти нависанда бо шеър аст, ки гоҳ ба як сатр ҳам намерасад ва гоҳ чанд саҳифаро дар бар мегирад. Иттилоот дар мавриди шоҳони шоир умумуман маълумоти умумӣ аст ва таърихи вафот ва таваллуде зикр намегардад, ки ин амр яке аз нуқсонҳое аст, ки дар бештари тазкираҳои куҳан дида мешавад.

Аз назари мавзуӣ ба сабаби он, ки подшоҳон ва умарои шоир мавриди назар ҳастанд баҳсҳои таърихӣ мураттабан бо аҳволи подшоҳон бахши муҳимме аз ин тазкираро ташкил медиҳанд. Бинобар ин сабаб кушта шуданҳо, куштанҳо, мил дар чашм кашидан ва ҳатто худкушиҳо ин тазкираро ранги дигар мебахшад, ки ин баҳсҳо дар дигар тазкираҳо ва сиёқи зиндагии маъмулии шоирон ҷойгоҳи камтар дорад.

Масалан дар шарҳи аҳволи Султон Аҳмад Мирзо ки ба гуфтаи муаллиф “маълум нашуд, ки фарзанди кадом писари Амир Темури соҳибқирон аст” омадааст.

“Ӯ Султон Ҳусайнро, ки барояш шабеҳи падараш аст, ки ҳамшираи калони Султон Ҳусайн Мирзо дар хонаи ӯ буда ва ӯро хуштабъи мирос аст ва ҳукумати доруссалтанати Ҳиротро Мирзо ба ӯ арзонӣ дошта буданд. Ва ӯ ба ҷойи шароби хушгувори майл ба асрор мекардааст. Рӯзе чунин воқеа шуда, ки Сабоҳ шахсеро ба ҷаримаи сиёсат фармуда ва намози пешин, ки кайфияти асрор дар димоғаш ба кор омада пурсид чӣ гуноҳ кардӣ? Гуфт чун ин кайфият ёди шоҳ расониданд аз ҳукумат авф доштанд, ки худ ба ҷузъ ва кулли муҳиммоти додхоҳ мутаваҷҷеҳ шуд” [10, с.38].

Ибни Лаъли фарзанди шоҳ Бадахшон ба дасти қотили падараш кушта мешавад. Абдуллатиф Мирзо фарзанди Улуғбек Беки Мирзои донишманд, ки худ низ шеър месурудааст падарашро барои салтанати чанд рӯза кушт ва худ низ дар ниҳоят ба дасти яке аз хавоси падараш кушта мешавад [8, 36]. Ва чашми султон Масуд Мирзо ба дасти яке аз умарои падараш мил кашида мешавад ва кӯр мегардад ва ӯ дар он ҳолат ин рубоиро нисбати ҳоли худ хондааст:

Рубоӣ

Нуре, ки аёр дида равшан буд,
Чашми бади аём зи чашмам бирабуд.
Фарёд, ки фарёд ба ҷойе нарасид,
Афсӯс, ки афсӯс намедорад суд [10, с.42].

Барҷастатарин мушаххасоти ин тазкира аз лиҳози бартарии муҳтаво ҳамон аст, ки аз ашъор ва осори шоҳону шоҳзодагоне сухан ба миён омадааст. Шоҳзодагоне, ки гоҳо таърихҳои маъмул низ номи ононро фаромӯш кардааст. Ва танҳо байтҳое аз онон бар сари забонҳо мечархад ва маълум нест, ки сарояндаи он кист масалан ин байти машҳур, ки аз Бадоқхон аст.

Пой дар таҳсили ёру ёр дар дил буда аст,
Ҳосили таҳсили мо таҳсил ҳосил буда аст.

Вай ҳафтумин ҳукмрон аз шуъбаи асли Шайбониён аст, ки муддати чаҳор сол 959ҳ.-963ҳ. дар Моваруннаҳр ҳукумат кардааст [5, с.242-244].

Ин тазкира на танҳо аз ҷиҳати мавзуъ аввалин тазкираи забони форсӣ аст, ки дорои аҳаммияти бузург аст, инчунин аз он ҷиҳат бартар аст, ки аз аҳволи подшоҳон ва умарое сухан мегӯяд, ки дар кутуби дигар зикре аз онон нашудааст. Ва баъзе аз подшоҳон ва умарое, ки сухан мегӯянд, ки дар китобҳои дигар зикре аз онон нашудааст. Ва баъзе аз подшоҳон ва умарое, ки дар ин асар барои аввалин бор аз шеър гуфтани онон сухан ба миён омадааст. Султон Фирӯзшоҳ, Абулҳасани Лонгоҳ, малик Шамсиддини Пузхон, малик Фахриддин, малик Ҳисомиддин ва бисёри дигар аз ин ҷумлаанд.

Хулосаи калом дар мавриди сохт, муҳтаво ва аҳаммияти ин асар ҳамин аст, ки ҷиҳати иттилооти адабӣ аз аҳаммияти хоссе ин тазкира бархурдор мебошад. Махсусан ин, ки табақаи хоссе аз шуароро мавриди назар гирифта, то фарогири ашъори зебо ва пурмазмуне, ки шояд дар дигар манобеъ ёфт нашавад, сухан мегӯяд. Аммо ҷиҳати иттилооти таърихӣ мебояд бо эҳтиётпазирӣ дар ин замина мубоҳиса шавад. Ва аз ҷиҳати сабки навишт чун бисёре аз мутун насри ин давра аз як дасти ва равонӣ бархурдор нест ҳарчанд, ки содагӣ ва бе пайроягӣ дар он бештар аст.

Адабиёт

1. *Амин Аҳмади Розӣ. Тазкираи Ҳафт иқлим / Розӣ Аҳмади Амин.– мусаҳеҳ Ҷаводи Фозил Теҳрон: нашри Али Акбари Илмӣ,1010ҳ. - 563 с.*
2. *Аҳмад ибни Али ибни Собит. Таърихи Бағдодӣ ҷилди 12 / Али ибни Аҳмад. – Лубнон: маъруф ба хатиби Бағдодӣ Бейрут: с. 529.*
3. *Ғиёсиддини ибни Ҳумомиддини Хондамир. Таърихи Ҳабиб-ус-сияр фи ахбори авроди башар ҷилди саввум / Хондамири Ҳ.Ғ. – мусаҳеҳ доктор Муҳаммад Дабир Сиёқӣ Теҳрон: нашри Хаём, 1380ш. – 767 с.*
4. *Заҳро Даррӣ. Баррасӣ ва таҳлили мавзуи "Равзат-ус-салотин"-и Фахрии Ҳиравӣ / Даррӣ Заҳро // устоди Донишгоҳи Озоди исломӣ Воҳид Карач, гуруҳи Забон ва адабиёти форсӣ– Эрон: Бидуни соли нашр 9 с.*
5. *Истонли Лин Пул. Табақоти салотини Ислом / Лин Истонли. Тарҷумаи Аббоси Иқбол.– Теҳрон: интишороти Дунёи китоб, 1343ш. - 376 с.*
6. *Мир Алишери Навоӣ. Латоифнома. Тарҷумаи "Маҷолис-ун-нафоис" / Навоӣ Алишертарҷумаи Ҳакимшоҳ Муҳамади Қазвинӣ.–Теҳрон: 1323ҳ.ш. - 468 с.*
7. *Мир Алишери Қонеъи Татви. Тазкираи "Мақолот-уш-шуаро" / Татви Қонеъи Алишер бо муқаддима ва ҳавошии Сайид Ҳисомиддин Рошидӣ. – Карочи: 1957м. -1018 с.*
8. *Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Тазкираи "Лубоб-ул-албоб" / Бухороӣ Авфӣ Муҳаммад бо саъйу эҳтимом ва тасҳеҳӣ Эдуард Броун. – Теҳрон: Мумтоз, 1341ҳ.ш. 1906 м.- 433 с.*
9. *Рашидуддин Афзалуллоҳи Ҳамадонӣ "Ҷомеъ-ут-таворих" Таърихи Оли Салҷуқ / Ҳамадонӣ А.Р. тасҳеҳи Муҳаммад Равшан интишороти Маркази мероси мактуб, – Теҳрон: 386 ш. – 325 с.*
10. *Султон Муҳаммад Фахрии Ҳиравӣ. Тазкираи "Равзат-ус-салотин" / Ҳиравии Фахрӣ. тасҳеҳ ва ҳошияи доктор Хаёмпур, муассисаи таърих ва фарҳангӣ – Эрон: Табрез, 1345 ҳ.ш. - 189 с.*
11. *Умар Ризои Каҳолат. Муъҷами қабоил-ул-араб алқадимату вал ҳадисату / Каҳолат Ризои Умар. – Димишқ: мактабаи Ҳошимия, 2014. - 472с.*
12. *Фахрии Ҳиравӣ. Дебочаи Тазкираи "Равзат-ус-салотин" / Ҳирави Фахрӣ.– бо тасҳеҳ ва ҳошияи доктор Хаёмпур, муассисаи таърих ва фарҳангӣ Эрон: Табрез, 1345 ҳ.ш. - 189 с.*
13. *Фахрии Ҳиравӣ. Тазкираи "Разат-ус-салотин" ва Ҷавоҳи-ул-аҷоиб маъа девони Фахрии Ҳиравӣ / Ҳиравии Фахрӣ. Тасҳеҳ ва ҳошияи Сайид Ҳисомиддини Рошидӣ. – Ҳайдаробод: Дор-ул-салтанат солҳои 958-963 ҳичрӣ 1968 м. - 342 с.*
14. *Халил Адҳам Дували исломия / Адҳам Халил. тарҷумаи Истанли Лин Пул– "Таърихи давлатҳои исломӣ ва хонадонҳои ҳукуматгар". – Истанбул: 1927м.*
15. *Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX) / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. –Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.*
16. *Ҳасани Пирниё. Таърихи Эрон ҷилди дуввум қабл аз Ислом / Пирниёи ҲасанИнтишороти Шамси, .–Теҳрон: 1453ш. – 807 с.*
17. *Ҳамидуллоҳ ибни Абубакри Ҳамидуллоҳи Муставфии Қазвинӣ Таърихи гузида / Қазвинӣ М.Ҳ. Бо феҳрист ва ҳавошии Абдулҳусайни Навоӣ интишорои Амири Кабир, –Теҳрон: 1343ш. – 993 с.*
18. *Шамси Қайси Розӣ. "Ал-муъҷам фи маоири ашъорил аҷам," / Розӣ Қайси Шамс. ба кушиши Ҷамшеди Мазоҳирӣ ва Муҳаммад Фишоракӣ–Исфаҳон: Интишороти Таъйид, 1381ш. - 360с.*

СОХТОР, МУҲТАВО ВА АҲАММИЯТИ ТАЗКИРАИ "РАВЗАТ-УС-САЛОТИН"-И ФАХРИИ ҲИРАВӢ

Тазкиранависӣ яке аз шохаҳои муҳимми забон ва адабиёти тоҷику форс маҳсуб гардида, таҳқиқ ва баррасӣ дар ин самт қадами муҳимме дар роҳи муаррифии услуби олии забонони тоҷикӣ - форсӣ аст. Махсусан таҳқиқот дар ин мавзуъ аз дидгоҳи балоғати адабӣ ва истеъдоди лафзифу маънавии забони тоҷикӣ - форсӣ, шомили гуворотарин афкору сохтори мазмун, бо оростатарин алфозу асвот мебошад. Тазкираи "Равзат-ус-салотин" ба гурӯҳи тазкираҳои хоссе аз шоирон мисли салотину умаро ва подшоҳони шоир бахшида шудааст, ки онро Фахрии Ҳиравӣ дар соли 960 ҳ. ба номи шоҳ Мирзо Ҳасани Арғун таълиф намудааст. Тазкираи мазкур аз ҳафт боб иборат буда муаллиф дар он ба зикру аҳволи 80 тан аз подшоҳону салотин ва умарои шоир ва шаш тан аз дигар шуаро сухан ба миён овардааст, ки тамоми феҳристи асмои онон дар поёни тазкира ба ҳиммати доктор Абдурасули Хаёмпур мусаҳҳеҳи он танзим шудааст. Ин тазкира дар ду бахш таҳлили сохтор ва баррасии муҳтавои он пардохта шудааст, ки аввалин ва қадимитарин тазкираи забони форсӣ дар мавриди шоҳону салотини шоир аст. Дар мақолаи мазкур мақсади таълифи тазкира, мавқеи таърихӣ дар ҳаёти шоҳону салотин ва умарои шоир тавзеҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: тазкира, шоҳон, умаро, ҳоким, ғазал, сохт, муҳтаво, "Равзат-ус-салотин", Фахрии Ҳиравӣ.

СТРУКТУРА, СОДЕРЖАНИЕ И ЗНАЧЕНИЕ АНТОЛОГИИ СТИХОВ ПОЭТОВ И КОРОЛЕЙ В ПРОИЗВЕДЕНИИ ФАХРИ ХИРАВИ «РАВЗАТ-УС-САЛАТИН»

Тазкира как жанр является одной из важных ветвей таджикско-персидского языка и литературы. Исследование и изучение данного направления представляет собой значительный шаг на пути к пониманию эстетического совершенства и утончённого художественного мышления и в таланте восприятия содержания слова персотаджикского языка. Особенно важны исследования в этой области с точки зрения литературной выразительности, а также лексико-семантического потенциала таджикско-персидского языка, отражающего самые изысканные идеи и формы выражения. Тазкира «Равзат-ус-салатин» относится к особому жанру оформления сборника биографий, посвящённая поэтам из числа королей, князей и царей царствующих особ, который поэтом составил Фахрии Хирави в 960 году хиджры (примерно 1553 г.н.э.) и приставлено в награду шаху Мирза Хасана Аргуна. Сочинение состоит из семи глав, в которых автор описывает биографии 80 поэтов, принадлежавших к династиям правителей и военачальников, а также кратко упоминает ещё шестерых поэтов. Полный список имён приведён в конце онтологии благодаря труду доктора Абдурасула Хайямпура, выступившего в качестве редактора этого труда. Настоящая статья представляет собой анализ структуры и содержания данного произведения, которое является первой и древнейшей персоязычной тазкирой, посвящённой поэтам-монархам. В статье освещаются цели написания тазкиры, её историческая значимость, а также роль и место поэтов среди правящих элит своего времени.

Ключевые слова: тазкира, цари, эмиры, правители, газель, структура, содержание, «Равзат-ус-салатин», Фахри Хирави.

STRUCTURE, CONTENT, AND SIGNIFICANCE OF THE TAZKIRA RAWZAT AL-SALATIN (AN ANTHOLOGY OF POET-KINGS) BY FAKHRI HIRAVI

The tazkira as a genre represents a significant branch of Tajik-Persian language and literature. The study and exploration of this literary tradition is mark an important step toward understanding the aesthetic sophistication, refined artistic thought, and the unique talent for perceiving the expressive power of words in the Tajik-Persian linguistic and literary heritage. Research in this area is particularly important in terms of literary expressiveness and the lexico-semantic potential of the Tajik-Persian language, which reflects the most exquisite ideas and forms of expression. The tazkira Rawzat al-Salatin belongs to a special genre of anthologies compiling biographies of poets who were also kings, princes, or members of royal households. It was compiled by the poet Fakhri Hiravi in the year 960 AH (circa 1553 CE) and was presented as a gift to Shah Mirza Hasan Arghun. The work comprises seven chapters, in which the author recounts the biographies of 80 poets who belonged to ruling dynasties and military elites. Additionally, six more poets are briefly mentioned. A complete list of names is provided at the end of the manuscript thanks to the editorial efforts of Dr. Abdurahul Khayyampur. This article presents an analysis of the structure and content of this work, which is recognized as the earliest known Persian-language tazkira dedicated specifically to monarch-poets. The article highlights the purpose behind the writing of the tazkira, its historical significance, and the role and status of poets within the ruling elite of their time.

Keywords: tazkira, kings, emirs, rulers, ghazal, structure, content, Rawzat al-Salatin, Fakhrī Hiravi.

Дар бораи муаллиф
Иззатов Неъматулло Ҳикматуллоевич
Докторант (PHD) аз рӯйи ихтисос
Маркази мероси хаттии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail izzatovnematullo@gmail.com

Об авторе
Иззатов Нематулло Хикматуллоевич
Докторант PhD по специальности
Центр письменного наследия при
Президиуме Национальной академии наук
Таджикистана
734042, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail izzatovnematullo@gmail.com

About the author
Izzatov Nematullo Hikmatulloevich
PhD candidate in the specialty
Center for Written Heritage under the
Presidium of the National Academy of Sciences
of Tajikistan
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Avenue, 33
E-mail izzatovnematullo@gmail.com

ТДУ 891.550.092

ТАҲҚИҚ ДАР АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ

Шоев А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мусалламан, ҳар жанри адабӣ вобаста ба хосияти муҳтавӣ ва сохтории худ авзони вижаеро доро мебошад. Дар ин миён ғазал низ вазнҳои хоссеро соҳиб аст. Агарчи дар корбурди вазн маҳдудият нест, вале бо он ки шоирони ғазалсаро дар дарозои таърихи адабиёт вазнҳои ба табиати ғазал мувофиқро пайдо кардаанд ва онҳоро шоирони баъдӣ мақбул дониста, такрор ба такрор дар ғазалсароии хеш таҷриба намудаанд, дар натиҷа авзони ғазал меъёрӣ шуда, ба ҳукми анъана даромадааст. Дар партави ин анъана ва мутолиоти фунуни адабӣ, хосса омӯзиши арӯз шоирони классикӣ ашъори дилошуби худро арз кардаанд.

Роҷеъ ба авзони ғазал адабиётшинос Парвиз Нотили Хонларӣ пажуҳиши ҷомеъ ва арзишмандеро анҷом дода, маъмултарин вазнҳои шеъри форсии тоҷикиро муайян карда, миқдори онҳоро камобеш 20-25 адад дониста, дар феҳрасти худ 20 навъашро пешниҳод намудааст [12, с. 152-157]. Дар пояи ин феҳраст ва натиҷаҳои дар ин замина ба даст овардаи донишманди мазбур авзони серистеъмол ва анъанавии ғазалро вобаста ба сабкҳо, авзои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии ҳар давраи классикӣ метавон маърифат намуд ва онҳоро чун дастури раҳнамунсози илмӣ дар таҳқиқоти дигар метавон истифода кард.

Бо вуҷуди ин, наметавон дар як ё чанд таҳқиқот тамоми осори манзуми шуарои классикиро аз нигоҳи вазн фаро гирифт. Адабиётшинос Р. Тағоймуродов зимни таҳқиқи авзони ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ собит намудааст, ки дар феҳрасти Хонларӣ ҳамаи вазнҳои маъмул шомил нашудааст [9, с. 9]. Ин аз он ҷиҳат аст, ки Хонларӣ бар пояи равишҳои ҷадиди мутолиоти арӯзӣ таҳқиқот бурдааст ва аз тарафи дигар, осори ҷомеъ ва интиқодии шоирони дараҷаи аввал дар дасти вай набудааст. Чунин ба назар мерасад, ки феҳрасти авзони ғазали форсии тоҷикӣ ҳамон вақт пурра мегардад, ки ашъори аксарияти шоирони адабиёти классикӣ бар пояи матни илмӣ-интиқодӣ ва ё нусахи боэътимоди онҳо ба мутолиаи арӯзӣ кашида шавад. Ин гуна таҳқиқот ҳоло оғоз ёфтааст ва умед аст, ки он бо кӯшиши дастаҷамъонаи донишмандон анҷом меёбад ва рӯзе феҳрати пурраи авзони ғазал дастраси муҳаққиқон карда мешавад.

Дар мутолиаи арӯзии ғазалиёти Воизи Қазвинӣ аз рисолаҳои Шамси Қайси Розӣ, Насириддини Тусӣ, Ваҳиди Табрезӣ ва дастовардҳои донишмандони муосир, аз ҷумла С. Давронов, Б. Сирус, А. Насриддинов, Х. Шарифов, У. Тоиров, М. Солеҳов, М. Нарзиқул, Р. Тағоймуродов, К. Остонзода, П.Н. Хонларӣ, Т. В. Комёр, С.Шамисо, М. Ш. Кадканӣ ва дигарон истифода кардаем. Дар ин зимн, се нуктаи муҳим чун меъёри мутолиаи арӯзӣ қарор гирифт: аввалан, номи баҳр ва байти матлаи ҳар ғазали марбут ба авзони он чун намуна зикр меёбад. Дуюм, вазн ва аркони дахлдори он муайян мегардад. Сеюм, басомади ҳар вазн дар эҷодиёти шоир мушаххас таъкид карда мешавад.

Нахустин баҳре, ки дар ин мутолиа мавриди баррасӣ қарор мегирад, авзони баҳри ҳазаҷ мебошад.

1. Баҳри ҳазаҷ:

Раҳи ишқ аст, ком аз тарк мегардад раво ин ҷо.
Гадоёнро кафи дарюза бошад пушти по ин ҷо. [3, с. 7]
Мафоъйлун/мафоъйлун /мафоъйлун/мафоъйлун
V – – – / V – – – / V – – – / V – – –

1.1. Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим-99 ғазали тоҷикӣ ва 3 ғазали туркӣ-озарӣ, ҷамъ 102 ғазал.

Чунонки мебинем, дар ин ҷо ҳамаи аркони мисраъҳои байт бетағйир омада, солимии худро нигоҳ доштаанд. Дар натиҷа вазни солими ҳазаҷ падид омадааст, ки хеле хушоҳангу серистеъмол мебошад. Дар эҷодиёти шоирони дигар низ ҳамин тавр корбурди вофир дорад. Аммо ин вазн дар муқаттаоти Воиз камтар истифода шудааст [15, с. 276], ки мо онро ба табъи вай ва табиати жанри қитъа вобаста медонем.

Бастем зи лаб, дар ба рух офоти замонро
Кардем амон нома аз ин меҳр забонро. [3, с. 36]
мафъӯлу/мафоъйлу / мафоъйлу /фаъӯлун
– – V/V – – V/V – – V/V – –

1.2. Вазн: ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф-16 ғазал

Тавре ки мебинем, ин ҷо садру ибтидо ахраб, арузу зарб маҳзуф ва ҳашвайн махбун шуда омадааст.

Бо нозукии ҳусни ту, кай тоби ҳиҷоб аст?!

Бар рӯйи ту, афрӯхтани чеҳра ниқоб аст! [3, с.77]

мафъӯлу/мафоъӣлу / мафоъӣлу /мафоъӣл

– – V / V – – V / V – – V / V – ~

1.3. Вазн: ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур-18 ғазал

Вазни мазкур аз вазни пешини худ танҳо бо зиҳофи мақсур тафовут кардааст, ки дар аркони арузу зарб ҷой гирифтааст.

Ҷоҳу сарвати дунё ҷумла шуришу шайн аст,

Ҳар ки раст аз ин ҳар ду, растагори кавнайн аст [3, с.115]

фоъилун/мафоъӣлун /фоъилун/мафоъӣлон

– V – / V – – – / – V – / V – – ~

1.4. Вазн: ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ-1 ғазал

Ин ҷо садру ибтидо аштар арӯзу зарб мусаббағ ва ҳашвайн дар рукни солим ва зиҳофи аштар зоҳир гаштаанд.

Ҳар нақши дирам бандест дар дидаи огоҳӣ,

Доим зи фулуси хеш дар дом бувад моҳӣ! [3, с.414]

мафъӯлу/мафоъӣлун /мафъӯлу/мафоъӣлун

– – V / V – – – / – – V / V – – –

1.5. Вазн: ҳазаҷи мусаммани ахраб-3 ғазал

Дар ин вазн садру ибтидо ахраб, арӯзу зарб рукни солим, ҳашвайн яке солим ва дигаре ахраб шуда омадаанд.

Гузашт умру ту дар кор коҳилӣ, коҳил!

Расид маргу ту бисёр ғофилӣ, ғофил! [3, с.306]

Мафоъӣлун/мафоъӣлун /мафоъӣлун

V – – – /V – – – /V – – –

1.6. Вазн: ҳазаҷи мусаддаси солим-1 ғазал

Аз авзони нодиристеъмол аст. Чунонки мебинем, ҳамаи аркон дар шакли солим воқеъ шудаанд. Дар натиҷа вазн дар шакли шашрукнаи солим арзи ҳастӣ кардааст.

Ҷаҳон хоки карамхезе надорад,

Аз он тухми суханрезе надорад. [3, с.176]

Мафоъӣлун/мафоъӣлун /фаъӯлун

V – – – /V – – – /V – –

1.7. Вазн: ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф-3 ғазал

Бисёре аз достонҳои ишқии адабиёти классикӣ дар ин вазн суруда шудаанд ва он вазни собити дубайтӣ низ маҳсуб меёбад.

Куҷо оқил ба ҳастӣ дил ниҳодаст,

Ки мо хокему даврон гирдбод аст. [3, с.83]

Мафоъӣлун/мафоъӣлун /мафоъӣл

V – – – /V – – – /V – ~

1.8. Вазн: ҳазаҷи мусаддаси мақсур-1 ғазал

Ин вазн танҳо бо рукни охири худ аз вазни фавқ фарқ мекунад, ки мақсур аст. Ҳам ин вазн ва ҳам вазни пеш аз он дар ғазалиёти Воиз камтар истифода шудаанд. Ин ҳолат, албатта, ба завқи шоир иртибот дорад.

Дурангӣ шеваи аҳли замонаст,

Дар оини дуӣ ҳар кас ягонаст. [3, с.123]

Мафоъӣлун/мафоъӣлун /мафоъӣлон

V – – – /V – – – /V – – ~

1.9. Вазн: ҳазаҷи мусаддаси мусаббағ-1 ғазал

Ин вазн аз шакли солими худ бо рукни охирин фарқ менамояд, ки мусаббағ мебошад.

Сарсабзии дил ба заҳри дард аст,

Рӯсурхии ишқ ранги зард аст! [3, с.84]

мафъӯлу/мафоъӣлу / мафоъӣлу /мафоъӣл

– – V / V – V – / V – ~

1.10. Вазн: ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур-1 ғазал

Ин ҷо вазн дар шакли шашрукна фароҳам омадааст ва садру ибтидо, ахраб, ҳашвайн мақбуз ва арӯзу зарб мақсур мебошад.

Тавре ки маълум мегардад, Воизи Қазвинӣ дар 147 ғазали худ 10 вазни маъмулу муҷарраби баҳри ҳазаҷро ба кор бурда, маҳорат ва тавонмандии эҷодии хешро ба намоиш гузоштааст.

2. Баҳри рамал:

Ғунчае бошад хамӯшӣ аз гулистони адаб,

Наргисе сар пеш афкандан зи бустони адаб. [3, с.72]

фоъилотун/фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

– V – –/– V – –/– V – –/– V –

2.1. Вазн: рамали мусаммани маҳзуф-119 ғазали тоҷикӣ ва 2 ғазали туркӣ-озарӣ, ҷамъ 121 ғазал.

Чунонки мебинем, садру ибтидо солим, ҳашвайн соли ва арӯзу зарб маҳзуф шудаанд. Аз авзони серистеъмол на танҳо дар ғазалиёти Воиз, балки дар ғазалиёти ағлаби ғазалсароёни классикӣ маҳсуб меёбад. Оҳанг ва навои хуше, ки дорад, ба табиати шоир ниҳоят писанд омадааст.

Баски коҳидам зи ғам бо хӯрдаи ҷон тан намонд,

Ҷуз гиребоневу домоне чу гул аз ман намонд. [3, с.207]

фоъилотун/фоъилотун / фоъилотун / фоъилон

– V – –/– V – –/– V – –/– V ~

2.2. Вазн: рамали мусаммани мақсур-77 ғазал

Ин вазн танҳо бо рукни охири худ, ки мақсур аст, аз вазни қаблӣ фарқ менамояд ва серистеъмол аст.

Ғунчасон ин ҳама бар хеш мабол аз зару зӯр,

Ки чу гул зуд парешон шавӣ аз боди ғурур. [3, с.264]

фоъилотун/фаъилотун /фаъилотун/фаъилун

– V – –/ V V – –/ V V – –/ V V –

2.3. Вазн: рамали мусаммани махбуни маҳзуф-32 ғазал

Чунонки аён мешавад, садру ибтидо солим, ҳашвайн, махбун ва арӯзу зарб махбуни маҳзуф мебошад.

Рафт пирӣ чу зи ҳад, марг гуворандатар аст,

Шарбати марг дар ин шир ба ҷойи шакар аст. [3, с.86]

фоъилотун/фаъилотун /фаъилотун/фаъилон

– V – –/ V V – –/ V V – –/ V V ~

2.4. Вазн: рамали мусаммани махбуни мақсур-8 ғазал

Вазни мазкур танҳо бо рукни зиҳофии охири худ аз вазни болоӣ тафовут дорад.

Ваъда кардӣ, ки бигирӣ ба нигоҳе ҷонро

Дили мо нест, чаро мешиканӣ паймонро?! [3, с.37]

фоъилотун/фаъилотун /фаъилотун/фаълун

– V – –/ V V – –/ V V – –/– –

2.5. Вазн: рамали мусаммани махбуни аслам-22 ғазал

Ин ҷо низ рукни зиҳофии ниҳоӣ, ки аслам ном дорад, дигар шуда, тафовути худро аз вазни қаблӣ таъмин сохтааст.

Ғозаро оташ аз он чеҳра дигар дар ҷон аст,

Ҳавзи оина зи рухсори ту гулрезон аст. [3, с.104]

фоъилотун/фаъилотун /фаъилотун/фаълон

– V – –/ V V – –/ V V – –/– ~

2.6. Вазн: рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ-8 ғазал

Дар ин вазн ҳам тавовут дар рукни охир аст, ки аслами мусаббағ мебошад. Бо ҳамин истифодаи авзони ҳаштрукнаи рамал ба итмом мерасад. Авзони баъдӣ бошад, шашрукна мебошанд.

Шаб зи дардам ҷумла дар ё Ҳақ гузашт,

Нолаам аз гунбади азрақ гузашт. [3, с.145]

фоъилотун/фоъилотун / фоъилон

– V – –/– V – –/– V ~

2.7. Вазн: рамали мусаддаси мақсур-1 ғазал

Чунонки маълум мешавад, садру ибтидо солим, ҳашвайн солим ва арӯзу зарб мақсур мебошанд.

Надиҳам тан ба ҷуз аз урёнӣ,
Ин сар асту раҳи бесомонӣ. [3, с.402]
фоъилотун/фаъилотун/фаълун
– V – –/ V V – –/– –
2.8. Вазн: рамали мусаддаси махбуни аслам-1 ғазал
Дар ин вазн бошад, садру ибтидо солим, ҳашвайн махбун ва арӯзу зарб аслам шудааст.
Бар адӯ пушт накардан сипар аст,
Теғи хунрези далерон ҷигар аст. [3, с.87]
фоъилотун/фаъилотун/фаъилон
– V – –/ V V – –/ V V ~
2.9. Вазн: рамали мусаддаси махбуни мақсур-1 ғазал
Ин ҷо бошад, танҳо рукни охир дигаргун шуда, ба махбуни мақсур табдид ёфтааст.
Тавре ки маълум мешавад, шоир ба авзони баҳри рамал зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намуда, 271 ғазали худро дар 9 вазни он эҷод кардааст, ки ҳамагӣ хушоянду шинаму муҷарраб маҳсуб меёбанд.

3. Баҳри раҷаз:

Бар сари хоки дӯстон, по неҳу дида баргушо,
Рав нафасе ба худ фурӯ, як нафс аз худӣ баро. [3, с.4]
Муфтаъилун/мафоъилун/муфтаъилун/мафоъилун
– V V –/ V – V –/– V V –/ V – V–
3.1. Вазн: раҷази мусаммани махбуни матвӣ-2 ғазал
Аз авзони рақсону ба мусиқӣ ҷур маҳсуб меёбад. Аз он ҳисоб, ки садру ибтидо матвӣ, ҳашвайн махбуну матвӣ ва арӯзу зарб махбун мебошад. Аз тарафи дигар, ин вазн моҳияти даврӣ дорад.
Кадом рӯз он нигори бадхӯ, ба ҷанги дилҳо камар набандад,
Зи ғамза теғу зи ишва ханҷар, зи чини абрӯ сипар набандад. [3, с.170]
Муфтаъилун/мафоъилун/муфтаъилун/мафоъилун
мафоъилотун/ мафоъилотун/мафоъилотун/мафоъилотун
V – V – – / V – V – – / V – V – – / V – V – –
3.2. Вазн: раҷази мусаммани махбуни мураффал-1 ғазал
Ҳамаи рукнҳо дар рукни зиҳофии махбуни мураффал шакл гирифта, вазни ҷадид ва нодиристеъмоли раҷазро дар миёни ғазалҳои Воиз ба вуҷуд овардаанд. Ин рукнро донишмандони арӯзшинос дар қатори аркони зиҳофии раҷаз қайд намудаанд ва биноан, вазни аз он тавлидшуда низ мансуб ба раҷаз аст. Истифодаи ин вазнро метавон аз тозакориҳои Воиз донист, зеро он дар ашъори шоирони дигар, аз ҷумла Соиби Табрезӣ, дида намешавад. Вале бо ин ҳама ҷусторҳои ҳунарӣ дар вазн Воизи Қазвинӣ аз авзони раҷаз камтар истифода кардааст.

4. Баҳри мутақориб:

Аҷаб донам аз захм бисмил барояд!
Хаданге, ки аз шасти қотил барояд! [3, с.242]
фаъӯлун/фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун
V – –/ V – –/ V – –/ V– –
4.1.Вазн: мутақориби мусаммани солим-1 ғазал
Аз ин баҳр, чунонки аён мегардад, шоир танҳо як вазнро ба кор бурдааст, ки шакли солимро дорост.

5. Баҳри музореъ:

Сар кард васфи хубии рӯят забони мо,
Бигрифт хубии ту сухан аз даҳони мо. [3, с.54]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/ – V – –/ V – – V/ – V –
5.1. Вазн: музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф-15 ғазали тоҷикӣ ва 2 ғазали туркӣ-озарӣ
Завқи бараҳнагӣ ақл аз тан гирифт моро
З-он хорзори дунё доман гирифт моро! [3, с.10]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/ – V – –/ – – V/ – V – –
5.2. Вазн: музореи мусаммани ахраб -12 ғазал
Пӯшида парда гар дӯст рӯйи сиёҳи моро,

Ранги хиҷолат овард бар рӯ гуноҳи моро. [3, с.11]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/– V – –/V – – V/– V – –
5.3. Вазн: музореи мусаммани ахраби макфуф-5 ғазал
Айнак шавад чу шишаи дил аҷли пирро,
Бинад ба як қумош палосу ҳарирро [3, с.20]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/– V – V/V – – V/– V –
5.4. Вазн: музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф-48 ғазали тоҷикӣ ва 1 ғазали туркӣ-озарӣ.
Авроқи рӯзу шаб ҳама тай шуд ба сад шитоб,
Ҳарфе нахонд чашми шуурат аз ин китоб. [3, с.69]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/– V – V/V – – V/– V ~
5.5. Вазн: музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур -31 ғазал
Марди Худо, ки пешат, помол чун ҳасир аст,
З-истодагист ханҷар, з-афтодагӣ ҳарир аст. [3, с.89]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фоъилун
– – V/– V – –/– – V/– V – ~
5.6. Вазн: музореи мусаммани ахраби мусаббағ -3 ғазал
Ҷамшед ку? Сикандари гетиситон куҷост?!
Он ҳашмату ҷалоли мулуки Каён куҷост?! [3, с.81]
мафъӯлу/фаъилоту/мафоъӣлу/фоъилон
– – V/V V – V/V – – V/– V ~
5.7. Вазн: музореи мусаммани ахраби машкули макфуфи мақсур -3 ғазал
Онон ки аз шароби ту мадҳуш гаштаанд,
Аз ёди хеш ҷумла фаромӯш гаштаанд. [3, с.208]
мафъӯлу/фоъилотун/мафоъӣлу/фаъилон
– – V/– V – –/V – – V/– V ~
5.8. Вазн: музореи мусаммани ахраби машкули макфуфи мақсур -7 ғазал
Тавре ки мебинем, шоир 127 ғазали худро дар 8 вазни маъмули баҳри музореъ сурудааст, ки ҳамагӣ хушоҳанг мебошанд.

6. Баҳри хафиф:

Танг аз баски шуд замонаи мо,
Мардумӣ хост аз миёнаи мо. [3, с.56]
фоъилотун мафоъилун фаъилун
– V – –/V – V –/V V –
6.1. Вазн: хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф-3 ғазал
Рафт аҳди шубобу дандон рехт,
Раги абрӣ гузашту борон рехт. [3, с.75]
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
– V – –/V – V –/– ~
6.2. Вазн: хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ-6 ғазал
Дар дилат он на риштаи амал аст,
Чашми диди туро раги сабал аст. [3, с.96]
фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
– V – –/V – V –/V V ~
6.3. Вазн: хафифи мусаддаси махбуни мақсур-4 ғазал
Ишқи ӯ ҷони хаста мехоҳад,
Аз ду олам гусаста мехоҳад. [3, с.242]
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
– V – –/V – V –/– –
6.4. Вазн: хафифи мусаддаси махбуни аслам-2 ғазал

Аз сабуктарин авзони ғазали тоҷикӣ дар баҳри хафиф шакл гирифтааст. Шоир аз 4 вазни он дар сурудани 15 ғазали худ кор гирифтааст. Ҳамаи вазнҳои хафиф, ки дар ин ҷо маълум шудаанд, дар шакли мусаддас мебошанд. Ин ба равиши интихоб ва ғазалсароии шоир далолат мекунад.

7. Баҳри муҷтас:

Мадеҳ ба афсари шоҳӣ кулоҳи тарку фаноро
Ба сар чу абри баҳорӣ шинос боли ҳуморо. [3, с.7]
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун
V – V – / V V – – / V – V – / V V – –

7.1. Вазн: муҷтасси мусаммани махбун-10 ғазали тоҷикӣ ва 1 ғазали туркӣ-озарӣ, ҷамъ 11 ғазал

Зи нола боз надорад касе дили моро,
Касе набаста забони хурӯши дарёро. [3, с.9]
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълун
V – V – / V V – – / V – V – / – –

7.2. Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни аслам- 25 ғазал

Чу васфи лаъли ту ширин кунад каломи маро,
Макиданаш кунад оё чӣ гуна коми маро?! [3, с.31]
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилун
V – V – / V V – – / V – V – / V V –

7.3. Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф- 14 ғазал

Даро ба хотирам, эй хурраме, ки ҷо ин ҷост!
Куҷо равӣ чу ғами дилситони мо ин ҷост?! [3, с.81]
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълон
V – V – / V V – – / V – V – / – ~

7.4. Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ- 28 ғазал

Зи рӯзгор вафо хоҳӣ? Аз ту ин аҷаб аст!
Ки дар макидани хуни ту рӯзу шаб дулаб аст! [3, с.78]
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
V – V – / V V – – / V – V – / V V ~

7.5. Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни мақсур-10 ғазал

Аз намунаҳо бармеояд, ки шоир 88 ғазалашро дар 5 вазни муҷтас эҷод намудааст. Авзони мазкури муҷтас бошад, ҳамагӣ дар шакли мусамман зоҳир шудаанд. Ин ҳам ба завқ ва таҷрибаи шоир далолат менамояд.

8. Баҳри мунсареҳ:

Бо гила ёрон кунанд маҳв зи дил кинаро,
Сарфа набошад аҷаб пок кунад синаро. [3, с.43]
муфтаъилун/ фоъилун/ муфтаъилун/ фоъилун
– V V – / – V – / – V V – / – V –

8.1. Вазн: мунсареҳи мусаммани матвии макфуф-1 ғазал

Ояд агар он парӣ ба дидании мо,
Меҳр намояд талоши рӯзании мо. [3, с.57]
муфтаъилун/ фоъилун/ мафоъилун/ фаъ
– V V – / – V – / V –V – / –

8.2. Вазн: мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи махбуни манҳур-1 ғазал

Гашт чу меъмори файз бо найи бунёни ҳусн,
Баст зи миҷгони каҷ турра бар айвони ҳусн. [3, с.347]
муфтаъилун/ фоъилон/ мафоъилун/ фоъилон
– V V – / – V ~ / – V V – / – V ~

8.3. Вазн: мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф-2 ғазал

Тоби рухаш моҳу офтоб надорад,
Бесабаб ин чарх печу тоб надорад. [3, с.173]
муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун / фаъ
– V V – / – V – V / – V V – / –

8.4. Вазн: мунсареҳи мусаммани матвии манҳур-1 ғазал

Аҳди шубоб бигзашт, вақти шитоб гардид,
Нури назар зи айнак по дар рикоб гардид. [3, с.247]
муфтаъилун/ фаъӯлун/ муфтаъилун / фаъӯлун
– V V – / V – – / – V V – / V – –

8.5. Вазн: мунсареҳи мусаммани матвии махбуни макшуф-1 ғазал

Дар ғазалҳои шоир вазнҳои писандидаи мунсареҳ ба кор рафтааст, ки миқдори авзон ба 5 адад ва миқдори ғазалҳои суруда шудаи онҳо ба 6 адад расидааст. Назар ба авзони музореъ

ва муҷтасу хафиф ин нишондод камтар аст. Вале аз нигоҳи басомад он дар қатори онҳо қарор дорад ва ҳатто аз хафиф як зина боло меистад.

Аз мутолиа ва таҳқиқи авзони арӯзии ғазалиёти Воиз натиҷаҳои зерин ба даст омад:

1. Воизи Қазвинӣ чун ҳамаи шоирони ғазалсарои классикӣ ба авзони хушу тараннумӣ ва маъмулу муҷарраби арӯзӣ таваҷҷуҳ доштааст. Ин аст, ки вай дар эҷоди ғазалҳои худ аз вазнҳои хушоянди ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб; музореъ, хафиф, муҷтас ва мунсареҳ кор гирифтааст. Маҷмуи баҳрҳои мавриди истифодаи шоир ба 8 адад мерасад.

2. Шоир дар 10 вазни баҳри ҳазаҷ 147 ғазал, дар 9 вазни баҳри рамал 271 ғазал, дар 2 вазни баҳри раҷаз 3 ғазал, дар 1 вазни баҳри мутақориб 1 ғазал; дар 8 вазни баҳри музореъ 127 ғазал, дар 4 вазни баҳри хафиф 15 ғазал, дар 5 вазни баҳри муҷтас 88 ғазал ва дар 5 вазни баҳри мунсареҳ 6 ғазал эҷод намудааст. Дар ин миён авзони ҳазаҷ, рамал аз баҳрҳои солим ва авзони музореъ, муҷтас ва мунсареҳ аз баҳрҳои фаръӣ серистеъмол мебошанд. Аз нигоҳи касрати эҷоди ғазал рамал дар ҷои аввал, ҳазаҷ дар ҷои дуюм ва музореъ дар ҷои сеюм қарор дорад.

3. Дар миёни авзони бакорбурдаи шоир вазни ҷадиде низ ба назар расид, ки он ба баҳри раҷаз тааллуқ дорад. Афоили он мафоъилотун/ мафоъилотун/мафоъилотун/мафоъилотун (V – V – – / V – V – – / V – V – – / V – V – –) мебошад. Воизи Қазвинӣ дар ин вазн танҳо як ғазал эҷод кардааст. Баъзе аз донишмандон дар мисоли ашъори шоирони муайян онро дар тақтеъ ба баҳри комил нисбат додаанд ва баъзеи дигар, онро ба таври хос хонда, ба вазни дигар мансуб донистаанд. Вале дар асл, вазне, ки мо бо чунин тақтеъ дар ғазали Воиз дарёфтем, вазни нодири раҷаз маҳсуб меёбад.

4. Миқдори умумии авзони истифодабурдаи шоир дар 658 ғазали худ ба 44 вазн баробар мебошад. Аз ин миқдор авзон, 22 вазн ба баҳрҳои аслӣ ва 22 вазн ба баҳрҳои фаръӣ рост меояд. Аз нигоҳи ғунҷоиши аркон бошад, 633 ғазали шоир дар авзони мусамман ва 25-тои он дар авзони мусаддас суруда шудааст. Аз ин бармеояд, ки табъи шоир дар эҷоди ғазал ба авзони ҳаштрукна мувофиқ будааст.

Адабиёт

1. *Бабур. Трактат об арузе //1 книга. Ликика/ Бабур. – Ташкент: Изд. ЦК КП Узбекистана, 1982. – С.99-116.*
2. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 302 с.*
3. *Қазвинӣ, Воиз. Девон. Дар таҳия ва тасҳеҳи Аҳмад Карамӣ/Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – 713 с.*
4. *Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ (Вазни шеър) / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.*
5. *Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) / М.Нарзиқул. –Душанбе: Адиб, 2006.–224 с.*
6. *Нарзиқул, М. Вазни шеъри тоҷикӣ /М. Нарзиқул. – Душанбе: Мега-принт, 2021. – 144 с.*
7. *Остонзода, Киром. Арӯзи тоҷикӣ ва таҳаввули он /Киром Остонзода. – Душанбе: Меҳвар-р, 2012. – 310 с.*
8. *Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров/ Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.*
9. *Тағоймуродов Р. Амир Хусрави Деҳлавӣ ва такмили авзони ғазал/ Рустам Тағоймуродов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 208 с.*
10. *Тоир, У. Таҳқиқ ва таълими арӯз / Урватуллои Тоир. – Душанбе: Дониш, 1995. – 193 с.*
11. *Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ/ Парвиз Нотили Хонларӣ. - Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1345. – 303 с.*
12. *Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал/ Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1327. – 214 с.*
13. *Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У.Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.*
14. *Шамисо, Сирус. Ошноӣ бо арӯз ва қофия / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1381. – 150 с.*
15. *Шоев, А.А. Авзони қитъаот ва рубоёти Воизи Қазвинӣ/ А.А. Шоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – № 5 (118). – С. 276-282.*
16. *Шоев А.А. Муқаддимаи назмшиносӣ / А.А. Шоев. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 120 с.*

ТАҲҚИҚ ДАР АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ

Дар ин мақола авзони ғазалиёти яке аз шоирони бомаҳорати адабиёти асри 17 форсии тоҷикӣ Воизи Қазвинӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Мутолиаи арӯзӣ нишон дод, ки Воизи Қазвинӣ ба авзони хушоянду тараннумӣ таваҷҷуҳ доштааст. Ба ин боис, ӯ аз вазнҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб; музореъ, хафиф, муҷтас ва мунсареҳ васеъ кор гирифтааст. Шоир дар ғазалҳои худ ҳам аз баҳрҳои аслӣ ва ҳам аз баҳрҳои фаръӣ истифода кардааст. Миқдори умумии авзони истифодабурдаи шоир дар 658 ғазали худ ба 44 вазн расидааст Аз ин миқдор авзон, 22 вазн ба

баҳрҳои аслӣ ва 22 вазн ба баҳрҳои фаръӣ рост меояд. Аз нигоҳи ғунҷоиши аркон бошад, 633 ғазали шоир дар авзони мусамман ва 25-тои он дар авзони мусаддас суруда шудааст. Аз ин бармеояд, ки табъи шоир дар эҷоди ғазалҳои бо авзони ҳаштрукна мувофиқ будааст. Шоир қисми зиёди ғазалиёташро дар авзони баҳри ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас эҷод намудааст. Шоир дар корбури вазн ба навоварӣ низ шарафёб гаштааст. Вай яке аз вазнҳои ҷадид ва нодиру камистеъмоли рақазро дар ғазалсароии форсии тоҷикӣ ворид намудааст.

Калидвожаҳо: вазн, ғазал, мисраъ, жанр, байт, Воизи Қазвинӣ, шоир, баҳр, арӯз, рукн.

ИССЛЕДОВАНИЕ МЕТРИКИ ГАЗЕЛЕЙ ВОИЗА КАЗВИНИ

В данной статье рассматривается аузан газелей одного из величайших поэтов персидско-таджикской литературы XVII века, Воизи Казвини. Чтение стихотворения показало, что Воизи Казвини интересовался приятным и мелодичным аузаном. Поэтому он широко использовал размеры хазадж, хазадж, рамаль, раджаз, мутакариб; музоре, хафиф, муджтас и мунсаре. В своих газелях поэт использовал как оригинальные, так и производные размеры. Общее количество аузанов, использованных поэтом в 658 газелях, достигло 44. Из них 22 относятся к основным стихам, а 22 – к дополнительным. Что касается количества стихов, 633 газелей поэта поются в мусамман-авзане, а 25 – в мусаддас-авзане. Это свидетельствует о том, что вкус поэта при составлении газелей соответствовал восьмичастному аузану. Поэт написал большинство своих газелей в стилях бахри хазадж, рамаль, музоре и муджтас. Поэт также известен своим новаторским использованием метра. Он ввёл один из новых, редких и редко используемых размеров – раджаз – в таджикско-персидскую газельную поэзию.

Ключевые слова: метр, газель, стих, жанр, стих, Воизи Казвини, поэт, бахр, аруз, рукн.

A STUDY OF THE METRICS OF VOIZ QAZVINI'S GHAZELS

This article examines the auzan of ghazals by Voizi Qazvini, one of the greatest poets of 17th-century Persian-Tajik literature. A reading of the poem reveals that Voizi Qazvini was interested in a pleasant and melodic auzan. Therefore, he widely used the meters khazaj, khazaj, ramal, rajaz, mutaqarib; muzoreh, khafif, mujtas, and munsareh. In his ghazals, the poet used both original and derived meters. The total number of auzans used by the poet in 658 ghazals reached 44. Of these, 22 are primary verses, and 22 are secondary verses. Regarding the number of verses, 633 of the poet's ghazals are sung in the musamman-awzan, and 25 in the musaddas-awzan. This demonstrates that the poet's taste in composing his ghazals corresponded to the eight-part auzan. The poet wrote most of his ghazals in the bakhri khazaj, ramal, muzore, and mujtas styles. He is also known for his innovative use of meter. He introduced a new, rare, and rarely used meter—rajaz—to Tajik-Persian ghazal poetry.

Keywords: meter, ghazal, verse, genre, verse, Voizi Qazvini, poet, bahr, aruz, rukn.

Дар бораи муаллиф
Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sayron80@mail.ru

Об авторе
Шоев Абдухамид Абдунабиевич
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sayron80@mail.ru

About the author
Shoev Abduhamid Abdunabievich
Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sayron80@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09-32

ИДОМАИ СУННАТҲОИ ҲИКОЯНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Раҷабов А. А., Маҳмудов М. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ташаккул ва таҳаввули ҳикояи давраи истиқлол, пеш аз ҳама, ба тағйири дидгоҳҳои касбӣ ва нигаришҳои адибон ба ин жанр вобаста мебошад. Дар солҳои бисту сии садаи гузашта ташаккули ҳикояи тоҷикӣ характери умумии адабиётро аз тасвири зоҳирӣ ба сӯйи сар фурӯ бурдан ба моҳияти ҳодисаҳо, аз тасвири рафти воқеа, ки дар гирумонҳои печдарпечаш баъзан инсон нопадид мегардад, ба сӯйи таърихи инсон, характери инсон, шахсияти инсон инъикос мекунад. Ин тамоюли муҳим минбаъд низ омили аслии аз ҷиҳати ғоявию зебошинохтӣ ташаккул ёфтани сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии жанри ҳикоя гардида, равиши инкишофи ин жанрро дар замони истиқлол низ муайян ва мушаххас менамояд, ки пеш аз ҳама, дар фарогирӣ ва инъикоси бадеии мавзуву масъалаҳо зоҳир мегардад.

Дигаргунии ҷиддие, ки дар ҳикоянависии тоҷик рӯй дод, нақди адабӣ ба номи Пӯлод Толис вобаста медонад. Воқеан ҳам, Пӯлод Толис нахустин нависандаи тоҷик буд, ки бо вуҷуди ҷавониву камтаҷрибагӣ дидгоҳҳо ва тарзи тозаи тасвири воқеиятро дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоянависӣ шакл дод ва бо ҳикояҳои «Писарон», «Дар бӯрон», «Меҳри модар» ва чанд ҳикояи дигар собит сохт, ки ҳунар сирфан вазифаи идроки воқеиятро надошта, балки навъи хоси вокуниши фаъолонаи нависанда ба афъол ва рафтору кирдори инсон низ ҳаст. Ӯ хоста буд ва то ҷое тавонист, ба воситаи идроки бадеӣ аз тариқи афъол ва кирдори шахсиятҳо ба онҳо хислате ҳамагонӣ бахшад, ки таъсире ва манфиате ба хонанда дошта бошад. Вай дар беҳтарин ҳикояҳояш ба ин ҳадафи ҳунарӣ расид.

Ф. Муҳаммадиев низ мисли Толис бо фарогирии мавзуву масъалаҳои муҳим ва усули таъсиргузори тасвир гуногунию рангорангии воқеиятҳои зиндагиро ба тарзи нав инъикоси бадеӣ дод. Агар Толис дар зоҳир кардани характер ва инкишофи он ба ҷузъиёти хурд, тасвиркории майда ва сужети оҳистарав рағбат карда бошад, дасти Ф. Муҳаммадиев аз аввалин қадамҳо дар кашидани нақш ва ранггузорӣ бештар вусъат пайдо карда, таваҷҷуҳаш ба «рангҳои баландтар» бештар ва «нақли ӯ шиддате ва сужеташ суръатеро соҳиб» мегардад [7, с. 69].

Аз солҳои шаст ба ин тараф, яъне то давраи истиқлолияти кишвар нависандагоне, ки дар жанри ҳикоя қувва озмудаанд, бе ҳеҷ муболиға, аз беҳтарин анъанаҳои ҳикоянависии ин ду нависандаи ёдшуда огоҳона ва эҷодкорона истифода кардаанд, ки яке аз омилҳои таҳаввули тозаи ҳикоя дар замони истиқлол ва тақвият ёфтани тадқиқи таҳлилии воқеият гардид.

Муҳиддин Хоҷаев аз ҷумлаи нависандагоне буд, ки ба симои шахсиятҳои алоҳида амиқ назар андохта, дар ҳикоя чеҳраи хоси шахсии инсон ва ба ин васила аз тариқи сарнавишти инсон мазмун ва моҳияти замонро падид овард. Дар ин равиш ӯ бештар ба ҳикояи хурд таваҷҷуҳ доштааст. Воқеиятҳое, ки нависанда дар ин гуна ҳикояҳо тасвир кардааст, зоҳиран камарзиш ва ночиз ба назар меоянд. Вале нависанда тавонистааст, ки дар ин гуна ҳикояҳо паҳлуҳои нозуки фикру ҳисси фардҳои алоҳида ва манзараву тамоюлҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро бо камоли диққат падид оварад. Дар ин ҳол ӯ бештар мутаваҷҷеҳи ошкор сохтани андешаву оро ва тағйир ёфтани эҳсоси инсонҳо будааст, ки аз як сӯ идомабахшии таҷрибаи ҳикоянависони наслҳои пешин, аз сӯйи дигар равиши тоза дар шинохти бадеии воқеиятҳои зиндагӣ мебошад.

Дар ҷараёни инкишофи ҳикояи тоҷикии солҳои шаст ва баъди он ҳодисаи дигар низ ба мушоҳида мерасад: бисёре аз нависандагони ҳикоянавис, аз ҷумла Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ю. Акобиров ва баъзе нависандагони дигар «ба ҳикоя унсури очеркро дохил карда, ба муҳокимаи масъалаҳои ҷамъиятӣ як навъ тезию тундии публитсистӣ» [6, с. 74] бахшидаанд. Ин равиши инкишофи ҳикояро нақди адабӣ ба тақозои сиёсати адабии вақт асосан, мусбат ба шумор оварда буд. Вале ин гуна ҳикояҳои очеркмонанд аз ҷиҳати бадеиёт ва тарзи нигориш кӯтоҳиҳои зиёде доштанд. Масалан, мухтасарбаёниву воқеанигории маҳз «услуби телеграфӣ»-ро маъмул карда буд ва ин тарзи нигориш бахусус, дар эҷодиёти Муҳиддин Хоҷаев хеле шоеъ гардида, мавриди накӯҳиши Ҷалол Икромӣ қарор гирифт [3, с. 5].

М. Шукуров (М. Шакурӣ) муъҷазбаёниро яке аз хусусиятҳои хоси ҳикояи солҳои шаст шинохта, шаклҳои гуногун доштани онро таъйид кардааст. Ба назари ин донишманд Сорбон низ мухтасаргӯй аст. Ин тамоюл дар эҷодиёти Сорбон ва баъзе нависандагони дигар дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки реша дар анъанаҳои ҳикоянависони пешин, аз ҷумла Толис, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ дорад.

Тамоюли дигари мусбие, ки дар ҷараёни ташаккули ҳикояи ин давра ба назар мерасад, таваҷҷуҳи нависандагон ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар ин замина ҷустуҷӯҳои эҷодии Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, А. Самадов, Баҳром Фирӯз ва чанд тани дигар қобили мулоҳиза мебошад.

Агар Ӯрун Кӯҳзод бо ҳикояҳои ҳаҷвиаш ҷанбаи таҳлилӣ ва равонии ин жанрро тақвият бахшида бошад, Саттор Турсун бо тасвири тазодҳои зиндагӣ ва амалу кирдори одамон паҳлуҳои гуногуни воқеияти рӯзмарраро ифшо месозад. А. Самадов ва Баҳром Фирӯз кайфияту руҳияи инсонро барои ошкор сохтани хислатҳои мусбату манфии инсон огоҳона ва ҳадафмандона ба кор гирифтаанд. Чунин тамоюли ҳунарӣ дар таҷрибаи эҷодии нависандагони ёдшуда самти асосии инкишофи ҳикояи муосирро муайян мекунад, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дораду манфӣ ҳам.

Нависандагони дар боло ёдшуда, ҳамчунин Ҷ. Акобир, Баҳманёр, К. Мирзоев, С.Раҳимзод ва Ю. Юсуфӣ аз ҷумлаи нависандагоне ҳастанд, ки дар фаъолияти ҳикоянависиашон, бахусус дар замони истиқлол бо пайгирӣ ва баҳрабардорӣ аз суннатҳои неки ҳикоянависии садаи бист ва идроки таҷрибаҳои фаннии соҳа ба муваффақиятҳои назаррас даст ёфтаанд, ки қобили ситоиш аст.

Дар давраи истиқлол номҳои нав ва ҳикояҳо ба миқдор хеле зиёданд, лекин соҳиби ҳикояи хуб ҳамон чанд нафарест, ки хонандаи огоҳ мешиносад.

Яке аз нависандагоне, ки дар давраи истиқлол ҳам аз суннатҳои пешрафтаи ҳикоянависии марҳилаҳои қаблӣ эҷодкорона истифода кардаву ҳам дар ин замина ба тозакориҳое низ даст ёфтааст, Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Нахустин иқдоме, ки ин нависанда дар ин марҳилаи инкишофи ҳикояи тоҷикӣ кард, кашфи мавзуи тоза вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоии дар ҷумҳурӣ пешомада буд, ки якеи он оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ин замина консепсияи эҷодии ӯро равиши тозаи дарки моҳияти ҳодисаҳо дар замон ва макони мушаххас муайян кардааст. Меъёри тозаи шинохти одамият, ки аз ҳама гуна чаҳорчӯбаҳои расмиву фармоишӣ берун аст, ба нависанда имкон додааст, ки маънии амиқи таҳкияи ҳодисаҳои рӯзмарраи зиндагиро ба василаи афъол, аъмол, амалу кирдор ва муносибатҳои инсонӣ комил созад.

Дар назари аввал ҳикояҳои нависанда мавзуи маҳдуд доранд, ки то ҷое хоси ин жанр буда, ба дараҷаи воқеиятҳои пурошӯби зиндагӣ ва ахлоқӣ намерасанд. Вале ҳаминро ҳам бояд дар назар дошт, ки Ӯрун Кӯҳзод нависандаи воқеанавис набуду нест. Ин хусусияти ҳунарии ӯро ҳикояҳои дар солҳои тулонӣ навиштааш низ таъйид мекунанд. Вале ин равиш дар таҷрибаи солҳои баъдии нависанда хусусияти нав пайдо карда, паҳлуҳои тозаи идроки бадеии ӯро мушаххас сохтааст. Дар ҳикояи «Гудоз», ки аз силсилаи дар китоби «Ҳайҷо» гирдовардаи нависанда мебошад, сухан аз воқеаҳои солҳои даҳшатзои ҷанги ҳамватанӣ ё худ шаҳрвандӣ меравад. Дар ин ҳикоя нависанда воқеанавис нест, балки ба василаи тасвири образнок ва маънидор вазъи зиндагӣ, ҳоли одамон, талафоти ҷониву молӣ ва фасоди зиндагии беҳадафро ҳунармандона ба хонанда менамояд.

Дар ин ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод тадқиқи характерҳои зидди якдигар ва тазодҳои зиндагӣ хеле вусъатнок ва ҳунармандона ба тасвир омадааст. Нависанда ба василаи тасвири лаҳзаҳои мушаххаси ҷанги шаҳрвандӣ дар аввалин солҳои истиқлолияти кишвар ва ворид шудан ба зеҳният ва хотироти қаҳрамонони ҳикоя моҳияти ҷанги бародаркуш ва зарари моддиву маънавии онро нишон медиҳад.

Дар ҳикояи «Гудоз» ҳодисаҳоро шахсиятҳо ба ҳам мепайванданд. Аз ин ҷиҳат сужету шахсият ба ҳам омехта буда, яке дигареро таҳрик мебахшад. Бахусус, дар тасвири нависанда шахсияти мутақобил ба зоҳир шудани хулқу хӯйи қаҳрамонони дигар ёрӣ мерасонад. Масалан, Муҳаммадамин шахсияти мутақобиле аст, ки дар баробари Холдона ва Моҳшариф ҳам кайфият ва вижагиҳои ин дуро мушаххас мекунад, ҳам ҳолу ҳавои худашро. Низои ҳикоя низ дар заминаи тазодҳои миёни шахсиятҳои ҳикоя сохта шудааст. Барҳӯрди амал ва феълу хӯйи шахсиятҳо консепсияи ахлоқии нависандаро вусъат бахшида, моҳияти диди бадеӣ ва ғоявии ӯро мушаххас намудааст. Дар ин ҳикоя кашмакашҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, отифӣ ва ахлоқӣ мавқеи хос дошта, барои тақвияти андешаву орои нависанда мусоидат намудаанд.

Ин тарзи кашмакашофаринӣ яке аз вижагиҳои сохтории ҳикояҳои давраи истиқлоли Ӯрун Кӯҳзод буда, моҳияти консепсияи ахлоқии ӯро хеле барҷаста таҷассум менамояд.

Дар ҳикояи «Гудоз» нависанда тазоди маънавии ду шахсияти асосии асараш – модар ва фарзандро хеле табиӣ ва пурмаъно офарида, ба ин васила моҳияти ҳастии инсонии онҳоро ошкор месозад. Дар тасвири нависанда меҳвари андешаи модар одаму одамгарист. Муколамаи модару фарзанд (Муҳаммадамин) сифатҳои инсонии онҳоро намоён карда, дар баробари модар шахсияти нолоиқ будани Муҳаммадаминро собит месозад. Эҳсосу андешаи тира ва ҷаҳолатомез шахсияти фарзандро дар муқобили модар хору залил нишон медиҳад. Дар ин бархӯрди маънавӣ нависанда ҳолати равонии модарро хеле табиӣ ба тасвир оварда, дар муколамаи кӯтоҳ эҳсосу андеша ва сиришти маънавии ӯ ва дигар шахсиятҳои ҳикояро ба таври табиӣ боварибахш ва барҷаста таҷассум сохтааст, ки хеле ибратомӯз мебошад.

Ҷангу нооромӣ барои Маҳмадамин, ки дар он бевосита ширкат дорад, саҳнаи намоише паҳновар ба умеди дарёфти подош ва даст ёфтан бар ҳадафҳои номуайян, ки дар як сӯяш хатари марг камин кардааст. Аммо мардуми сода, аз ҷумла модарашро тарси барҳам хӯрдани осоиш, дарбадарӣ, талафоти ҷониву молӣ гирифтор медорад.

Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя бо ба кор гирифтани намод бар таъсири он афзудааст. Як чизи сода, яъне амалу кирдори Маҳмадамин бозгӯкунандаи мазмуни печидаву ғояи равшани ҳикоя ва эҳсосоте мебошад, ки бо онҳо вобаста аст.

Ӯрун Кӯҳзод боре дар як суҳбат гуфта буд, ки «Таърихи адабиёт собит кардааст, ки вуқуъгӯӣ афзали ҳама равияҳои иншост. Мурод аз навиштан бо хонанда суҳбат кардан аст. Пас тавре бояд суҳбат кард, ки хонанда ба маънои суханатон сарфаҳм биравад. «Ба лафз хубу ба маънӣ осон» бошад (Рӯдакӣ). Вуқуънависӣ масъулияти зиёдтаре дорад, масалан, аз рамзгароӣ. Ин ҷо воқиаҳо ҳудуд доранд ва чизи зиёдатӣ намегунҷад. «Роҳи рост якто. Роҳи каҷ садто». Ҳам воқеиятро риоя кардан ва ҳам ҷаззоб навиштан аз мушкилтарин усули эҷодист» [5, с. 134].

Таҷрибаи нависанда нишон медиҳад, ки вай дар эҷоди ин ва дигар ҳикояҳояш ба принсипи дар боло ёдкардааш ҳамеша содиқ будааст. Яъне, ҳам сужаҳои воқеиро ба тасвир кашидааст, ҳам ин корро хеле ҷаззобу ҳунармандона анҷом додааст.

Аз нависандагони дигаре, ки дар таҳаввули ҳикоя нақш гузоштааст, Сорбон мебошад. Сорбон дар эҷоди ҳикоя, пеш аз ҳама, ба тасвири бадеии сарнавишти инсон, муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ, рафтору аъмол, хӯю хислат ва ҳастии таърихиву фарҳангии шахсиятҳо диққат додааст. Ба ин далел Сорбон дар ҳикоянависӣ диди хоси вуқуъгӯйӣ ва ғиноӣ дорад, ки тамоюлоти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонии осори ӯро мушаххас месозад. Ин тарзи нигориш дар ҳикояҳои ӯ гоҳо омехта, гоҳи дигар бо истиқлоли ғиноиву зебоишинохтӣ ҳамроҳ аст. Ҳикояҳои «Хоб», «Пирамард», «Сайёд», «Одаму ҳаво» ва баъзеи дигар бозгӯкунандаи тарзи аввали нигориши ӯянд. Ҳикояҳои «Хонаи арус», «Лола», «Шер», «Гирифтани моҳ», «Инсон» ва ғайра ифодагари шеваи дувуми нигориши ӯ мебошанд.

Интихоби мавзуъ ва шахсиятҳо дар ҳикояҳои Сорбон ба ҳолати ахлоқӣ, равонӣ ва ҳассосиятҳои иҷтимоиву маънавии нависанда сахт алоқаманд буда, далели таваҷҷуҳи зиёди ӯ ба воқеият ва сарнавишти одамони муқаррарӣ мебошад. Дар ҳикоя андешаҳои амиқ оид ба масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳастии маънавии инсон тамоюли асосии идроки бадеии ӯро муайян мекунад. Дар ин замина ӯ аз ҳама зиёдтар ба шахсият ва фардияти ахлоқии инсон андешидааст, ки то ҷое мавқеияти ҷамъиятиашро хира ҳам сохтааст.

Дар ҳикояи «Кабӯтари сафед» тасвир оҳанг, ранг ва тобишҳои ғиноӣ дошта, таъсири ҳиссӣ ва отифии онро зиёд кардааст. Нависанда ба василаи тасвир хонандаро аз паси худ бурда, асрори ҳунари раққосаро ошкор месозад. Нависанда дар ин асар андешаашро дар бораи ҳунар ба воситаи масолеҳи мушаххас, ки аз зиндагӣ гирифта шуда ва мазмуни асарро сохтаанд, баён медорад. Рақс дар ҳикоя забони рози як духтари ҳунармандест, ки дар мусобиқаи азиме рақсида, талошаш ҷанбаи умедворкунанда дорад ва хонандаро ба санъат, ба ҳунари асил наздик месозад. Таҳаввули тадриҷии оҳанги ғиноӣ низ ифодакунандаи шаҳомат ва ҷовидонагии ҳунар аст.

Ҳикояҳои Сорбон яке паси дигар хонандаро бо сирру асрори зиндагӣ ва хулқу хӯйи инсонҳо ошно месозад. Дар ин гуна ҳикояҳо нависанда чеҳранигорӣ намекунад, паҳлуҳои тарҷумаҳолии шахсиятҳоро пайгирӣ наменамояд. Сарнавишти ин гуна шахсиятҳо одӣ ва амалу кирдорашон рӯзмарра буда, бо забони ҳамафаҳм сухан мегӯянд. Вале дар тасвири нависанда хусусиятҳои хоси амалу кирдор ва гуфтори онҳо мушаххас буда, воқеиятҳо ва сарнавиштҳои ибратангезро пеши назари хонанда зинда месозад. Ба ифодаи дигар, он чӣ дар ҳикояи Сорбон ҳаст, бофта нест. Зиндагии табиӣ дар ҳикояҳои ӯ мавҷ мезанад. Аз ин ҷиҳат,

ҳунари ӯ бо диди бадеии устод Айнӣ, Сотим Улуғзода ва баъзе қаламкашони дигар қаробат дорад. Албатта, дар ҳикояҳои ӯ низ хаёлпардозӣ вуҷуд дорад, вале ӯ ин омилро фақат барои тавсифи интихобии ҷузъиёти зиндагӣ, гуфтугӯҳо, пайванди табиии сарнавиштҳо корбаст намудааст.

Дар ҳикояи «Рассом» қаҳрамон пушаймон аст, ки дар нишони Тоҷикистон «рамзи кӯҳу ғаллаву пахта»-ро дохил кардаасту «рамзи сербачагиро» не. Ин тасвири одӣ ҳисси амиқи миллиро дар худ ниҳон дорад, ки дар таъйид ва таъкиди қудрат аст. Ҳикояи дигари ӯ «Гирифтани моҳ» тарҷумаҳоилӣ буда, қаҳрамони он хоҳари нависанда аст. Нависанда бо тасвири дақиқи маросими мотамдорӣ, тадфину такфини майит, ба хок супурдан ва ғайра, аввалан қомуси фарҳангиро зиндаву абадӣ сохта, сониян хӯю хислат ва аъмолу кирдори инсонҳоро муҷассам намудааст. Дар ҳикоя ҳама чиз одист, вале моҳияти ҳодиса дар тасвири нависанда одӣ наменамояд, балки андешазост. Андешае, ки марбут мешавад ба ҷомеа, ба ҳама. Ин ҳикоя номи дигар, «Зиндабагӯр» низ дошт. Вале он ба ҳикояи ҳамноми Содиқи Ҳидоят монанд нест. Тафовути ин ду асарро тарзи нигариш ба воқеият ё худ кайфияти ироаи аъмоли шахсиятҳо мушаххас менамояд. Сорбон дар ин ҳикоя саргузашт нақл намекунад, балки шахсиятҳои зеҳнии ӯ ва диди даруниаш баёнкунанда ё худ пешбарандаи сарнавишти инсон мебошанд. Дар ҳикоя он чӣ арзишманд ва монданист, паёми нависанда ва натиҷаи ахлоқии андешаи ӯст, ки фардияти ӯро дар корбурди жанри ҳикоя ба таври мушаххас таъйид менамояд. Нависанда дар ҳикоя тарафи ҳеҷ касеро намегирад. Саъй ҳам накардааст, ки ба суоле посухи дақиқ ва ошкоро диҳад. Балки воқеиятеро намудааст, ки печидагиҳо ва гирифториҳои ҷомеаи миллии моро матраҳ мекунад ва метавонад домангири ҳар инсоне бошад.

Дарунмояи аслии ҳикояи ёдшуда бевафоии дунё, ба таъбири нависанда «ин дунё», яъне дунёи фонист. Ин дунёи фониро Сорбон дар мисоли фоҷеаи ба сараш омада ҷои амну осоиш намедонад ва бо тасвири дақиқи воқеият авзои ҷомеаи суолзадаро равшан ба намоиш мегузорад. Дар зимни тасвирҳо ва андешаҳо эътирози нависанда ба тақдиргароӣ ва эътиқод ба беэътибории ҳаёт, ки аз заъфу нотавонии фард ва ҷомеа маншаъ мегирад, гиро ва таъсиргузор ба гӯш мерасад. Дунёи беэътибор дар андешаи ровӣ айбҳо, гусехтагиҳо, бетаносубиҳо, бешафқатиҳо ва ғайраро ба вуҷуд меоварад. Ин ҳолати равонӣ вақте бар ҳастии қаҳрамони ҳикоя нуфуз мекунад, ки бояд аз гӯр берун ояд. Дигар дар зеҳни ӯ ин дунё он дунёст, беруҳу равон, мурда ва палиду гандида аст.

Нависанда ровиро (қаҳрамони асосӣ) вақти ба лаҳад гузоштани хоҳараш тасвир мекунад. Ровӣ намехоҳад аз гӯр берун ояд. Ба суоли издиҳоми мардум, ки аз гӯр берун омаданашро тақозо мекунанд, чунин посух медиҳад: «На! Нахоҳам баромад. Он дунёи шумо ончунон манфур, ки аз барои як доллар одамро кушанд... Баромада ҳам чӣ кор кунам? Ҳеҷ коре намонда дар он дунё. Одамкушӣ аз дастам наояд. Автомату тапонча парронда натавонам. Қуфли дари касеро шикаста натавонам, хонаи касеро ғорат кардан аз дастам наояд; ғоратгару раҳзан нестам. Мошини сиёҳшиша надорам, ки аз кокули духтарон кашида, зӯран дохили он гардонам; савдогарӣ ҳатто аз дастам наояд; дар роҳи фиребу дурӯғ карру кӯрам... Чӣ кор кунам аз ин ҷои беозор баромада, ки ташвише надорад? Ба моҳонаам даҳрӯза нон хӯрам, танҳо нони хушк. Навиштаҳоям чоп нашаванд, агар порае нашр шавад, пулу подош надорад... ҷои китобҳоро дар рафҳои китобфурӯшӣ шишаҳои арақу бода гирифта, Иттифоқи нависандагон «Иттифоқи савдогарон» шуда, кӯдакон ба ҷои шеър хондан резин мехоянд... Чӣ кор кунам баромада? Дар он дунё ба ҷои салом «дашном» шунавӣ, ба ҷои меҳрубонӣ дар пешонаат мили тапонча рост шавад: дӯст бегона ва душман азиз гашта...» [2, с. 372-373].

Ин суханони нависанда аввалан моҳияти зиндадаргӯрӣ ва ҳадду андозаи муҳаббаташро ба хоҳар тафсир кунад, сониян ба тариқи рамзомез роҳи наҷот аз муҳитеро менамояд, ки инсонро хору беқадр карда, сабаби маргу мири новақт ва таҳмилӣ мешавад. Қаҳрамони марказии ҳикоя бо интихоби ҳамин роҳ мехоҳад ба интизориҳои беохири худ поён бахшида, худро абадан аз носозгориҳои дунёи воқеӣ наҷот бидиҳад.

Дар ҷомеае, ки робитаи ирода ва амал аз ҳам гусехтааст, танҳо посухи яқин, ки муҳри ошкори иродаи инсониро бар худ дорад, шаҳодат аст, зиндадаргӯр будан аст: яъне марге интихобшуда, ки ирода ва амалро ба ҳам гиреҳ мезанад ва посухе ба ҳамаи суолҳо ва интизориҳои қаҳрамони пӯё, ҷасур ва ҳақшиноси ҳикоя медиҳад. Консепсияи хоси идроки бадеии зиндадаргӯрӣ дар тафсири бадеии нависанда фақат нишони эътироз нест, балки шакли огоҳона ва оқилона шикастани беқонунӣ ва бесаруғӯи замон, танҳо шакли эътироз ва қиёми қотеона дар муқобили тақдир ва интизор аст.

Қаҳрамони солдида, хирадманд ва ҳассоси ҳикоя вақте мебинад, ки наметавонад шакли зиндагӣ, муҳити яхбастаро дигаргун созад, омодааст шакли марги худро таъйин кунад, ки тавсифаш зиндадаргӯрист. Яъне, мурда-мурда зистан. Тавсифи шоиронаи «азоби гӯр сабуктар аст аз азоби он дунё» ҷойгоҳи марг ва зиндагиро мушаххас месозад.

Сорбон ҳикояро бо ҳарфи қуръонии «аз хок шуморо офаридем ва ба хок шуморо бозгардондем ва боз аз ҳамин хок шуморо бори дигар берун орем» ба поён бурда, дар фарҷом хулоса мекунад, ки «Аз ин рӯ одамӣ намиранда...». Ин ҳарф дарунмояи аслии ҳикояро рӯнамоӣ мекунад, ки иборат аст аз: танҳоем, бо ҳам, вале танҳоие, ки мисли оҳи сарду яхбаста ва теғи бурранда бар ҷону руҳ фурӯ меояд ва бетаъсир ҳам нест.

Хусусияти дигар ва муҳимми фардияти эҷодии Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайфи Раҳимзод ва баъзе нависандагони дигар дар он аст, ки дар ҳеҷ марҳилае зери таъсири фишорҳои идеологӣ ҳикоя эҷод накардаанд. Ҳарчанд нақди адабӣ ҷараёни инкишофи адабиётро ҳамеша зери контрол дошт ва Сорбонро ба таблиғи яъсу ноумедӣ дар ҷамъияти мо айбдор ҳам карда буд, вале нависанда дар ҳамаи марҳилаҳои эҷоди ҳикоя ҳувияти ҳунариашро ҳифз намуд ва аз тасвири воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва каму костии рӯзгору маънавиёти инсон канор нарафт. Аз ин назар, ҳикояҳои ӯ «Девонахона», «Девона», «Шер ва дигарон», «Инсон» ва ғайра муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеаро фаро гирифта, аз ҷиҳати ҳунари тасвиргарӣ диққатангезанд, ки поёнтар дар ин боб ба алоҳидагӣ гуфтугӯ хоҳем кард.

Сорбон ҳикояҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаашро дар ҷилди ёздаҳуми куллиёташ ва китоби «Мағзреза» фароҳам овардааст, ки ифодагари зинаҳои ташаккулу таҳаввули ҳикоя дар эҷодиёти ин нависандаи пуркор ва сермаҳсул аст. Бахусус, китоби сонӣ, зинаи дигари инкишофи ҳикоя дар эҷодиёти адиб буда, ба ифодаи муаллиф «Ин пораҳо – андеша, дидаву шунида ва мушоҳидаҳоянд, ки нависандаи ҳунарманд тавонад, қиссаву роман нигорад ва ё достонҳои кӯтоҳ гӯяд, намоишнома созад ё филмнома. Мағз гирад, пӯстлоху пӯчоқ ё карка андозад. Хонанда низ бояд чунин бомулоҳиза ва бодиққат бошад, то дарёбад, ки қаламкаш чӣ мегӯяд. Кӯтоҳ гуфтанӣ будаму кам, вале гоҳи таҳриру такмил пораҳо пай ҳам меомаданд ба сар андаку беш; менигоштам яксара ва наметавонистам ба гунаҳо ҷудо бикунам, чунонки Саъдии бузург карда; зеро поёни навиштаҳо рӯз ниҳодаму сол, хостам чунон бошад, ки омада» [1, с. 3].

Ҳамин тариқ, ҳикояҳои ин китоб аз «дида ва шунида»-ҳои нависанда фароҳам омада, то ҷое ба тарзи анъанавии ҳикояпардозиҳои гузаштагони адаби форсии тоҷикӣ наздикӣ дорад ва аз ҷониби нависанда зикр шудани номи Саъдӣ низ ишора ба ирсияти мағзрезаҳои Сорбон дорад.

Нишонаҳои жанрии ин гуна ҳикояҳои нависандаро муносибат ба воқеият, шеваи баён ва ташреҳ, сохтори ҳикоя, яъне таркиби банду баст, нақши амал, феълу атвори қаҳрамонон, вазъи тасвиршуда, шеваи нигориш, оҳанги гуфтор ва ҳунари тасвиргарӣ муайян ва мушаххас менамоянд.

Ин гуна ҳикояҳои Сорбон дар нигоҳи аввал сохтмоне мушобеҳ ба ҳикоя доранд. Яъне, ҳикояи кӯтоҳе дар бораи шахс ва ё ҳодисаи истиқлолёфта. Асоси ин гуна ҳикояҳоро пайванди ҳалқаҳои воқеӣ ва гоҳо тасодуфӣ ташкил диҳанд ҳам, онҳоро наметавон ба қатори ҳикояҳои латифавор дохил кард. Зеро ҳикояҳои латифавор ба як бор хондан хуш аст, ҳангоми такроран хондан тозагиашонро аз даст медиҳанд. Илова бар ин, дар ин намуди ҳикояҳо ҳодисаҳои иттифоқӣ ва ғайричашмдошт ба тасвир омада, сохтори маҳкам ва устувор надоранд ва паёми хосеро низ таблиғ намекунанд. Нависанда натиҷагириро низ дар ихтиёри хонанда мегузорад.

Ҳикояҳои хурди Сорбон аз «дида ва шунида»-ҳояш иборат буда, мазмуну сужети тоза ва ҳикматнок доранд. Чунонки худи нависанда низ таъкид кардааст, ҳикоёти кӯтоҳ ҳосили умр, таҷрибаи дерсола, нишасту бархости муаллиф бо мардуми касбу кори гуногун ва шунидани сухани пирон, адабомӯхтагон ва ҷонсӯхтагон аст. Ба ин далел, ин ҳикояҳо пораҳое аз зиндагӣ ва муҷовиратҳои ҷисмониву отифӣ ва ахлоқии нависандаро бо муосиронаш фаро мегиранд ва арзиши тарҷумаиҳолӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд.

Мавзуи ҳикояи латифавори «Ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда шавем» дар меҳвари ҳодисаи истисноӣ ва нодир мечархад ва поёнаш низ шигифтангез аст. Аз мазмуни ҳикоя бармеояд, ки амаки духтарча ҳунарпеша будааст ва дар намоиши телевизионӣ кушта мешавад ва бо илҷои модару дидор бо амакаш дармеёбад, ки амакаш зиндаву фақат нақш бозидааст. Ҳамин ҳодисаи иттифоқӣ ва нодир бо тарҳи устувор ҳикояи латифавори зебоеро пайрезӣ кардааст, ки ҳақиқатнамои хислат ва таассуроти духтарчаест, ки ҳанӯз ба моҳияти

ҳама чиз сарфаҳм намеравад. Тарҳи ҳикояи «Одамшиносӣ» низ аз ҳамин гуна матлаби иттифоқӣ ва нодир ба ҳам омадааст ва ба вазъи иҷтимоии тоҷикон ишораи равшан дорад. Ҳикояи «Баҳона» хислати худхоҳӣ ва худнамоии фардро ошкор мекунад. Дар бисёре аз ин қабил ҳикояҳо паёми ахлоқии нависанда ошкор аст, ки разолат ва қабоҳати хӯю хислати одамони фурӯмояву пастро мазаммат мекунад ва роҳи босаодат зистанро башорат медиҳад .

Ба ин тартиб, ҳикояҳои хурди Сорбон ҳосили таъсироти зеҳнии ӯ буда, ҳақиқат ва асолати зиндагӣ, афкору руъёҳо, умеду армонҳо, ғаму шодиҳо ва дарду ранҷҳои инсонро бозгӯ мекунанд ва дар шакли худ бозофаринии ҳунарии воқеияти зиндагиянд. Аз ҳамин раҳгузар, Сорбон мавзуъҳои одӣ ва содаро барои ҳикояҳои хурду бузургаш интихоб кардааст, ки ибратомӯз ва пураҳамиятанд.

Яке аз нависандагоне, ки дар таълифи ҳикоя анъанаҳои адабиёти гузашта ва нависандагони алоҳида, аз ҷумла Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиевро эҷодкорона давом додааст, Саттор Турсун мебошад. Саттор Турсун аз оғоз дар ҳикояҳояш ба таҳқиқи амиқи воқеияти зиндагӣ ва руҳияи инсон эътибори хос дода, ба ин васила дар ҳалли масоили иҷтимоиву ахлоқӣ саҳм гирифтааст, ки ба наҳве идомабахшии анъанаҳои ҳикоянависии нависандагони пеш аз ӯ мебошад. А. Набиев хусусияти аввалин ҳикояҳои нависандаро шарҳ дода, аз ҷумла нигоштааст: «Аз ҳикояҳои дар мавзуъҳои мухталиф эҷодкардаи ӯ кӯшиши зоҳир кардани хислатҳои персонажҳо ва дунёи ботинии инсон намоён аст» [4, с. 71]. Чунонки мебинем, нависанда аз аввалин қадамҳо талоши падид овардани дунёи маънавии инсонро доштааст, ки ҳикояҳои «Хостгор», «Як пиёла чой», «Боздид», «Нигина», «Гулдаста», «Хоҷамаст» ва ғайра ба ин гувоҳанд.

Вақте ҳикояҳои дар солҳои истиқлолият эҷодкардаи Абдулҳамид Самад, Баҳром Фирӯз, Кароматуллоҳи Мирзо, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳим, Маъруф Бобоҷон, Зариф Ғулом, Иноят Насриддин, Равшани Ёрмуҳаммад, Анвар Олим, Юнус Юсуфӣ, Равшани Махсумзод, Тоҳири Муҳаммадризо, Сипеҳри Ҳасанзод, Сайдаҳмади Зардон ва дигаронро мутолиа мекунем, пеш аз ҳама, таҳаввули мундариҷавию ҳунарии ин жанр пеши назар меояд. Агар А. Самад дар ҳикояҳояш ба ифодаи ҳунармандонаи кайфияту руҳияи инсон, ҳиссиёт ва ҳолати ӯ даст ёфта бошад, Баҳром Фирӯз, ки аз эҷоди шеър якбора ба ҳикоянависӣ гузашт, бо муҷассам сохтани арзишҳои маънавии ҷовид ба кашфи бадеии решаҳои бунёдии одамият даст ёфт ва Кароматуллоҳи Мирзову Ҷонибеки Акобир бештар ба ҷанбаи воқеии сарнавишти инсонҳо ва таҳқиқи бадеии паҳлуҳои гуногуни сарнавишти шахсиятҳо диққат додаанд. Ин ду қаламкаш ҳамчун нависандаи воқеъгаро эътироф гардида, падид овардани паҳлуҳои гуногуни воқеиятҳои ҷорӣ дар заминаи рафтору кирдори ахлоқӣ аз вежагиҳои мундариҷавию ғоявии ҳикояи онҳост.

Дар ин замина ҳикояҳои баъзе нависандагон, аз ҷумла Равшани Ёрмуҳаммад, Анвар Олим, Иноят Насриддин, Зариф Ғулом, Тоҳири Муҳаммадризо ва Абдуғаффори Партав бо падид овардани паҳлуҳои тозаи воқеиятҳои давраи нооромиҳои кишвар ва ба истиқлолияти комил даст ёфтани ҷумҳурӣ тафовут доранд. Тарзи нигориши нависандагони ёдшуда воқеъгароии сирф буда, аз ин ҷиҳат таҷрибаи нависандагони воқеънависи солҳои панҷоҳу шастро ба ёд ованд ҳам, вале тарзи тасвир ва бархӯрди ғоявиашон фарқ дорад. Масалан, Равшани Ёрмуҳаммад дар ҳикояи «Хӯшаи ангур» воқеаи одӣ ва маъмулии аз боғи ҳамсоя ангур дуздидани бачаҳоро тасвир кардааст. Вале бархӯрди тозаи нависанда ба воқеа омили кашфи хулқу хӯйи нотакрори бачаҳо гардидааст, ки равиши тозаи идроки воқеияти иҷтимоиву ахлоқӣ дар таҷрибаи нависандагии ӯст. Ҳамин гуна тарзи идроки бадеии воқеияти иҷтимоиву ахлоқӣ дар ҳикояи дигари ӯ «Гесӯ» низ нуфуз дошта, ба кашф ва таъйиди арзишҳои бунёдии маънавии инсон таъкид меварзад.

Дигар аз нависандагоне, ки дар матни воқеиятҳои иҷтимоии замони истиқлол ҳикояи зиёд навиштааст, Зариф Ғулом мебошад. Ин нависанда бештар ба тасвири воқеъгароёнаи ҳаводиси мансуб ба қонун гаравида, дар ин замина чанд ҳикояи ҷолиб ҳам навиштааст, ки баъзеи онро аз назар мегузаронем. Дар ҳикояи ӯ «Валадуззино» сарнавишти шахсияти ҳикоя Умеда ба Морис Абел қаҳрамони филми «Сарватмандон низ мегирянд» монандиҳое дорад. Воқеиятҳои зиндагӣ новобаста ба фазову макон ва маҳдудаҳои ҷуғрофиёӣ ба ҳам монанданд. Дар заминаи чунин воқеиятҳо сарнавиштҳо низ ба ҳам монанд мешаванд. Вале он чӣ ки қаҳрамони ҳикояи Зариф Ғуломро аз Морис Абел фарқ мекунонад, ҳувияти фардии миллӣ аст, ки паҳлуи ахлоқӣ дорад ва пайванд мехӯрад ба ҳафт пушти инсон. Одам набошӣ одам намешавӣ, Ин ҳукми ҳуқуқшинос не, ҳукми нависандаи посдори адлу одамият аст. Ҳикояи дигари ӯ «Шабоҳат» низ дар мавзуи ахлоқ аст. Дар ҳикоя як муаллимаи ҷавон ва пӯё мехоҳад

ахлоқи ҷомеаро дигар кунад, вале фақат бо намуна будан ин корро ғайри имкон медонад. Дар ин ҳикоя ҳукми нависанда ҳукми қонун аст.

Зариф Ғулом дар бисёре аз ҳикояҳояш, аз ҷумла ҳикояи «Фарёди қалб» воқеияти таърихии ҷабри қонун ба инсонро матраҳ карда, дар симои прокурор, ки «дар болои сар»-аш «сурати калони Сталин»-ро овехта буд, хулқу хӯйи ҷобирони солҳои сталиниро ба хонанда менамояд. Нависанда бо тасвири ботааннӣ сурату сирати қурбониён ва золимони солҳои сиюмро ба таври табиӣ муҷассам сохтааст, ки дар тарзи тасвири ӯ маҳдудияти замонӣ надошта, ба рӯзҳои мо низ талмеҳ мезанад. Мутаассифона, дар тарзи нигориши Зариф Ғулом воқеъгароии сирф нуфуз дошта, ин омил боиси костагии фардияти ҳунарии ӯ шудааст.

Роҳи интихобкардаи Баҳманёр, Сайф Раҳим ва Ю. Юсуфӣ аз ибтидо дар эҷоди ҳикоя аз дигарон фарқ дошт. Баҳманёр ҳикояро, ки асосан насри ривоятӣ ё нақлӣ дар чорчӯбаи равиши маълуми «реализми сотсиалистӣ» буд, ба насри ҳунарӣ ё тасвирӣ ва асли реализми ҳақиқӣ наздик гардонд. Сайф Раҳим низ аз ҷумлаи қаламкашоне буд, ки бо аввалин ҳикояҳояш майл ба тозагӯй, кӯшиши такрор накардани дигарон, хусусан, дар тарзу шеваи баён ва шакли тасвирро дошт. Ҳикояҳои Ю. Юсуфӣ низ бо гирумон ва тарзи тасвиру сабки баён ба навиштаҳои дигарон монандӣ надоранд. Тамоюлҳои зикршуда, пеш аз ҳама, баёнгари моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва фардияти ҳунарии нависандагони ёдшуда дар эҷод ва такмили ҳикояи давраи истиқлол мебошад, ки поёнтар паҳлуҳои ҳунарии онро баррасӣ хоҳем кард.

Дар заминаи таҳқиқ ва баррасиҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки нависандагони тоҷик суннатҳои ҳикоянависии садаи бистро эҷодкорона идома ва инкишоф дода, бо пайгирӣ ва таъсирпазирии огоҳона аз таҷрибаи нависандагони ҳунарманд, корбурди дидгоҳҳои тозаи назарӣ ва амалии оид ба ҳадафҳои сохторӣ ва бадеии ин жанр, фурӯ гузоштани таҷрибаҳои муштараки воқеъгароии маҳз, боло бурдани мавқеи шахсият дар муқобили таҷрибаҳо ва арзишҳои умумии иҷтимоӣ, ҷустуҷӯ дар аъмоқи зеҳн ва ёдвораи шахсиятҳо ва такмили фардияти ҳунарӣ ҳикояи тоҷикиро ташаккул ва таҳаввули тоза бахшиданд, ки дастоварди адабиёти имрӯза аст.

Адабиёт

1. *Сорбон. Мағзреза. Дида ва шунида [Матн] / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.*
2. *Сорбон. Вафодор [Матн] / Сорбон // Куллиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – Ҷ.11. – С.399-403.*
3. *Икромӣ, Ҷ. Насри сазовори замон [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ. – 1966 – №5. – С.126-134.*
4. *Набавӣ, А. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 304 с.*
5. *Набавӣ, А. Тадқиқи дунёи маънавии инсон [Матн] / А. Набавӣ // Адабиёт ва нақди адабӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – С.71-78.*
6. *Шукуров, М. Як назар ба бурду бохти ҳикоя [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.102-115.*
7. *Шукуров, М. Садоқат ба идеалҳои олӣ [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.29-53.*
8. *Шукруллоҳӣ, К. Нависандае, ки ба касе монанд нест [Матн] / К. Шукруллоҳӣ. – Душанбе: Балоғат, 2016. – 248 с.*
9. *Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1381. – 376 с.*
10. *Шарифов, Х. Назарияи наср / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 368 с.*
11. *Шарифов, Х. Суннатҳои адабӣ (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Девиштич, 2007. – 185 с.*
12. *Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарипов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 336 с.*
13. *Шарифов, Х. Марҳилаҳои адабӣ ва методи эҷодӣ / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1979. – №5. – С. 43-50.*
14. *Шарифов, Х. Марзи адабиёт / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1990. – №7. – С. 32- 40.*
15. *Ярхо, Б.И. Методология точного литературоведения [Текст] / Б.И. Ярхо // Контекст-1983. Литературно-теоретические исследование. – М., 1984. – С.198-211.*

ИДОМАИ СУННАТҲОИ ҲИКОЯНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Дар ин мақола дар бораи идомаи суннатҳои ҳикоянависӣ дар давраи Истиқлол баҳс шудааст. Дар матлаб нишон дода мешавад, ки ҳикоянависони давраи Истиқлол бо такя ба мероси бадеии гузашта на танҳо суннатҳоро идома додаанд, балки бо ворид кардани унсурҳои нав – реализм, рамзгароӣ ва равияи таҷрибавӣ – ба рушди минбаъдаи жанр мусоидат намудаанд. Маводи таҳқиқшқдаи мақола равшан месозад, ки ҳикояи давраи Истиқлол бештар ба тасвири зиндагии иҷтимоӣ, мушкилоти маънавӣ ва арзишҳои миллӣ равона гардида, ба ин васила заминаҳои нави эҷодӣ

ва роҳҳои гуногуни таҳаввули ҳикояи тоҷикро фароҳам овардааст. Натиҷаҳои таҳлил аҳамияти хоса барои пажӯҳиши адабиёти муосир доранд ва ба муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯёни соҳаи филология кӯмак мерасонанд.

Калидвожаҳо: ҳикоя, наср, мавзуъ, нависанда, истиқлол, навоварӣ, суннатҳои адабӣ, адабиёт, ғоя, жанр.

ПРОДОЛЖЕНИЕ ТРАДИЦИЙ РАССКАЗА В ЛИТЕРАТУРЕ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье рассматривается продолжение традиций сказительства в период Независимости. Показано, что сказители периода Независимости, опираясь на художественное наследие прошлого, не только продолжили традиции, но и способствовали дальнейшему развитию жанра, привнося новые элементы – реализм, символизм и экспериментализм. Исследованный материал статьи позволяет сделать вывод, что повесть периода Независимости была в большей степени ориентирована на изображение общественной жизни, духовных проблем, национальных ценностей, что создавало новые творческие основания и разнообразные пути развития таджикского сюжета. Результаты анализа имеют особое значение для изучения современной литературы и окажутся полезными исследователям, преподавателям и студентам-филологам.

Ключевые слова: рассказ, проза, тема, писатель, самостоятельность, новаторство, литературные традиции, литература, идея, жанр.

CONTINUATION OF THE TRADITIONS OF THE SHORT STORY IN THE LITERATURE OF THE INDEPENDENCE PERIOD

This article examines the continuation of storytelling traditions during the Independence period. It demonstrates that storytellers of the Independence period, drawing on the artistic legacy of the past, not only continued traditions but also contributed to the further development of the genre, introducing new elements such as realism, symbolism, and experimentalism. The material examined in the article allows us to conclude that the story of the Independence period was largely focused on depicting social life, spiritual problems, and national values, which created new creative foundations and diverse paths for the development of the Tajik plot. The results of the analysis are particularly important for the study of contemporary literature and will be useful to researchers, teachers, and students of philology.

Keywords: short story, prose, theme, writer, independence, innovation, literary traditions, literature, idea, genre.

Дар бораи муаллифон

Раҷабов Абубакр Ашурович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abubakrracabov@gmail.com

Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Раджабов Абубакр Ашурович
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abubakrracabov@gmail.com

Махмудов Мухаммаджон Абдулахадович
Кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Rajabov Abubakr Ashurovich
Candidate of Philology, Associate Professor, Head of the Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abubakrracabov@gmail.com

Mahmudov Muhammadjon Abdulahadovich
Candidate of Philology, Teacher of the Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

УДК 81'255:821.222.1

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ СВЯЗИ В ПЕРЕВОДЕ ПОЭМЫ «ХОСРОВ И ШИРИН» ЛОИКА ШЕРАЛИ ПО ВЕРСИИ ГРИГОРИЯ ВИКТОРОВИЧА ПТИЦЫНА

Бердиёров Д.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Творческая сфера литературы 1960-х годов прошлого века в значительной степени обогатилась новыми оттенками благодаря художественным переводам произведений как отечественной, так и зарубежной словесности. До этого этапа таджикская литература уже была насыщена яркими страницами творчества классиков и современных авторов. Для закрепления, охраны и передачи грядущим поколениям исторического и культурного наследия таджикского народа первостепенную роль играет персидский язык, а вслед за ним — поэзия, которая внесла весомый вклад в эволюцию, насыщение, распространение и интернационализацию самого этого языка.

Начальные этапы эволюции персидского языка отражены в работе ученого Шаъбона Алои: «Самый древний источник персидского языка — это древнеперсидский. Его вечные реликвии — это наскальные надписи в Тахт-и Джамшиде в Персии и Бехистунская надпись в Керманшахе» [8, с. 6].

Литература выступает ключевым элементом крепкой исторической конструкции, и до сих пор нет в мире такой мощи, что смогла бы их разлучить. Попытка разъединить литературу с историей или историю с литературой подобна полному вычёркиванию строк из тома. В связи с этим справедливо отметить, что история, описывая светлые и тёмные эпизоды минувших эпох, параллельно затрагивает множество аспектов, опираясь на литературную историю, — от временных рамок и манеры изложения до форм, обликов и приёмов создания исторических поэм и стихов.

Исторические документы подтверждают, что человек с момента рождения и до ухода в иной мир испытывает сильное влечение к поэтическому напеву и слову, и это видно на примерах от материнской колыбельной до финальных элегий, именуемых в литературоведческой терминологии «марсия».

Из глубин прошлого, из пехлевийских артефактов сасанидского периода, до нас дошли такие памятники, как «Калила и Димна», «Шахристаны Ирана», «Диспут Хосрова Аноширвана с ребенком» и «Хосров Кавотан и отрок». Поэтический язык эволюционировал в зависимости от исторических периодов, начиная с пехлеви (языка зороастрийской «Авесты»), а затем переходя к сасанидскому и ашканийскому вариантам пехлеви.

Касаясь истоков первого поэтического языка и его проявлений, автор указанного труда рассуждает так: «В ранний исламский период дарский язык стал популярен среди стихотворцев и прозаиков, на нем создавались поэмы и трактаты, а первое стихотворение в эпоху Якуба Лейса Саффари было сложено на арабском в его честь» [8, с. 7].

Именно на этом многовековом фундаменте в XX веке, особенно в 1960–1980-е годы, происходит мощный всплеск художественного перевода таджикской поэзии на русский язык. Перевод в этот период перестаёт быть чисто техническим актом и превращается в сложный творческий процесс, требующий глубокого понимания восточной поэтической системы.

Как подчёркивает Г. В. Птицын, «перевод требует точности образа» [5, с. 47], и эта установка особенно значима при работе с произведениями восточной поэзии, где образность играет структурообразующую роль. Под точностью Птицын понимает не буквальную передачу слов, а воспроизведение внутренней художественной логики, которая формирует эмоциональный и философский контекст оригинала. В случае поэтов таджикской литературы эта логика часто основана на сложной игре символов, культурных кодов и ритмических импульсов, которые не всегда имеют прямые соответствия в русском языке. Поэтому Птицын разрабатывает стратегию «семантического приближения», когда каждое метафорическое выражение передаётся через функциональный аналог, сохраняющий эмоционально-эстетическую силу оригинала. Такой подход позволяет читателю русской версии почувствовать ту же глубину, которую автор вкладывал в первоначальный текст.

Кроме того, точность образа служит основой для достижения художественного равновесия между двумя литературными системами — восточной классикой и русской поэтической традицией XX века. Это равновесие важно не только для анализа конкретного произведения, но и для укрепления диалога между культурами.

Утверждение В. Н. Климова о том, что «поэт сохраняет образную симметрию» [3, с. 75], относится к фундаментальному принципу восточной поэтики, где внутренняя структура образов подчинена строгому балансу. Под образной симметрией Климов понимает не только тематическую соразмерность метафор, но и гармонию, при которой каждый поэтический элемент дополняет и усиливает другой. В переводоведении это понятие приобретает особую значимость, поскольку нарушение симметрии приводит к разрушению художественного пространства оригинала. Климов подчёркивает, что переводчик обязан учитывать не только текстуальный уровень, но и структурно-символический, где важны параллелизм, зеркальность построений и внутренняя рифма смыслов. Особенно это проявляется в таджикской поэзии, где образы любви, времени, судьбы и красоты организованы как система отражений. Для переводчика задача усложняется необходимостью сохранить не только отдельные образы, но и их взаимную обусловленность. Поэтому Климов выступает за комплексный подход к переводу, основанный на тонком анализе символической структуры произведения, что позволяет приблизиться к художественной целостности оригинала.

Ярким примером успешного претворения этих принципов в современной таджикской поэзии стала поэма Лоиқа Шерали «Хосров ва Ширин». Фраза поэта «Ишқ сафари дил аст» [9, с. 131] отражает характерную для его творчества философскую установку, в которой любовь представляется не только эмоциональным состоянием, но и духовным путём человека. Этот образ путешествия сердца глубоко укоренён в традициях классической персидско-таджикской поэзии, где любовь выступает важным механизмом нравственного очищения и самопознания. В контексте поэмы «Хосров ва Ширин» данная формула приобретает особую значимость, поскольку она раскрывает внутреннюю мотивацию героев, определяя их поступки как проявление стремления к совершенству. Шералӣ сознательно связывает личные переживания с широкими культурными смыслами, используя любовную тему как средство передачи этических и духовных идеалов. Благодаря этому его текст выходит за рамки обычного повествования и превращается в размышление о природе человеческого существования. Простота и ясность выражения усиливают символическую насыщенность метафоры, делая её философским тезисом, который органично соединяет классическое наследие и современную эстетику.

Рахимов Ш. утверждает, что «поэма Лоиқа — мост традиции и новаторства» [6, с. 212], подчёркивая уникальность творческого метода поэта, который соединяет богатейшее литературное наследие классической эпохи с поисками современного художественного выражения. Новаторство Лоиқа проявляется не в отказе от традиции, а в её динамическом обновлении, когда классические формы обретают новый смысл. Характерные для восточной поэзии мотивы любви, духовного поиска, страдания и верности у Шералӣ переплетаются с современными размышлениями о культурной идентичности, истории и морали. Рахимов обращает внимание и на языковую особенность стиля поэта: соединение классических формул с живой разговорной речью создаёт выразительный синтез, в котором прошлое и настоящее звучат в едином ритме. Такая художественная стратегия делает Лоиқа посредником между поколениями, сохраняющим преемственность и одновременно обновляющим поэтическое мышление. Поэтому метафора «моста» у Рахимова точно отражает сущность творчества Шералӣ и его роль в современной таджикской литературе.

Этот аспект послужил причиной того, что Мухаммад ибн Васиф Сагзи, не владея поэтическим арабским, перевел хвалебную оду для Якуба Лейса Саффари на персидский, начиная так:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хоссаву омм,
Бандаву чокару мавлои сагбанду ғулом.
(О повелитель, чьи правители мира — избранные и простые,
Слуги, подданные, рабы, псари и невольники.)

Бесспорно, что вслед за тем великий Рудаки, как повелитель поэтов, возвел фундаментальный шатёр в необъятных просторах персидской лирики. В подтверждение этой мысли приведём фрагмент из переводной версии «Калила и Димна»:

Димнаро гуфто, ки то ин бонг чист,
Бо нидебу садм ин овойи кист?!
Димна гуфт уро: - Чуз ин ово дигар
Кори ту на дасту садме бештар!
Об дар чй бештар неру кунад,
Банди варги сустбуда бифганад.
(Димне спросил: что за шум этот раздается,
С рыданиями и стонами — чей это зов?!
Димна ответил: — Помимо этого зова иного
У тебя нет занятия, кроме стенаний обильных!
Вода в источнике силу копит все больше,
Слабый стебель с корнем вырывает.) [1, с. 330]

Его преемники, возводя поэтические сооружения, задействовали все стилистические нюансы своей эпохи и ввели в мир творчества множество уникальных новшеств. Выдающийся пример тому — знаменитые строки Абулкасима Фирдоуси:

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пай афкандам аз назм кохи баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.....
Бад-ин нома бас солҳо бигзарад,
Бихонад, ҳар он кас, ки дорад хирад.

Или:

Намирам аз аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.
(Блистательные дворцы в руины превратятся,
От ливней и палящего солнца.
Я сложил из стихов чертог возвышенный,
Которому ветер и дождь не страшны...
По этой хронике минет немало веков,
Прочтет всякий, кто мудростью наделен.

Или:

Не умру я отныне, ведь вечно живу,
Семена слова сеял я щедро.) [2, с. 7]

В самом деле, представляется, что все народы земли, невзирая на этнос и происхождение, традиции и верования, конфессии и устремления, алфавит и речь, проявляют особый интерес к обмену литературными идеями, к миграции содержания и сути художественных текстов. Хафиз Ширази выразил эту мысль иначе, подчеркивая расширение, взаимосвязи или литературные контакты через близкое по смыслу изречение:

Аз адолат набувад дур, гараш пурсанд ҳол,
Пошоҳе, ки ба ҳамсоя гадое дорад.
(Не чуждо справедливости, коль спросят о нем,
Царь, у которого рядом — нищий сосед.)

Уместно акцентировать эту перспективу: если ранее сюжетные линии героев мировой литературы, в том числе древнегреческой, оказывали как благоприятное, так и негативное воздействие на иные традиции, то вторично персидская литература идейно повлияла на глобальную словесность в беспрецедентном масштабе. В персидско-таджикской литературе, где первопроходцем считается великий Рудаки, не только впервые прозвучала персидская поэзия из его уст, но и были заложены основы литературных проблематик, жанров и психологических экспериментов в лирике IX века. К примеру, он первым затронул тему отличия человеческого разума от обезьяньего. Возможно, те, кто не сталкивался с подобным, усомнятся в точности такого подхода, но психологическая идея Рудаки в следующих строках не оставляет равнодушным:

Шаб зимистон буд, каппӣ сард ёфт,
Кирмаки шабтоб ногоҳе битофт.
Пуштаи ҳезум бад-ӯ анбоштанд.
(Зимней ночью было, обезьяна замерзла вдруг,

Внезапно вспыхнул светляк ночной.
Обезьяны приняли его за пламя,
Навалили вокруг поленья груду.) [1, с. 330]

Великий Рудаки стал первым поэтом, который в ходе анализа психологических вопросов коснулся различий в сознании человека и обезьяны. Этот его анализ впоследствии европейские психологи применили в своей практике.

Кроме того, Рудаки был первым, кто в своей поэзии ввел идею о том, что за каждое действие полагается воздаяние, а за каждое деяние — возмездие, выразив это так:

Ангушт макун ранҷа ба даркуфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар куфтанат мушт.
(Не причиняй боли, раскрывая чужие секреты,
Чтобы никто не причинил боли, стуча в твою дверь кулаком.)

Позднее, в XV веке, один из арабских поэтов (Лоадри) воплотил эту мысль Рудаки в своём стиле на арабском языке:

«Ман даққа-ал-боба, фа-ассамиа-алҷавоба»

С целью общего использования, смысловой и формальной миграции, применения элементов литературных связей уместно отметить, что порой темы литературы циркулируют между несколькими другими литературами с одной целью, с одним общим идейным содержанием. Примерами тому могут служить от создания жизни Адама и Евы, которых на других языках называют «Adam» и «Eve», до таких героев, как Лейли и Меджнун, Хосров и Ширин, Юсуф и Зулейха, Комде и Мадан, Гул и Хосров. Поскольку, по официальной литературной терминологии, персидско-таджикская литература среди мировой словесности обладает превосходством и особым колоритом, многие ее творческие темы были заимствованы другими народами. Однако не стоит забывать, что в противовес этому влияние входящих стихов, поэм и сказаний на таджикский язык в нашей литературе также немалое и имеет древнюю историю.

На основе таких утверждений можно прийти к выводу, что иногда этот процесс в нашей и мировой литературе происходил не один-два раза, а многократно. Конечно, в свете этой целю добавить, что повторное внедрение литературных мотивов отнюдь не бывает полностью идентичным и обычно принимается в зависимости от требований общественной жизни народа. Например, поэма «Хосров и Ширин» Хакима Низами Гянджеви впервые с персидско-таджикского на русский язык была переведена в творческой форме поэтом, переводчиком и востоковедом русского происхождения П.Г.В. Суть этой поэмы, в соответствии с ее сюжетной линией, в 4 актах, охватывает героев, таких как Хосров — шах Ирана, Широй — его молодой сын, Махинбану — шахбан Ширван, Ширин — его племянница, Марьям — дочь султана Рума, Шапур — друг Хосрова, Бузургумид — визирь Хосрова, Гардуй — начальник стражи, вали Хорасана.

Сначала следует сказать, что при переводе литературных текстов, независимо от их поэтической или прозаической формы, выделяются два типа переводчиков. Это — переводчики и поэты-переводчики. Тексты, переведённые такими переводчиками, если обеспечивают лишь создание образов, трансформацию, полисемию и богатство языка, то переводы поэтов-переводчиков, помимо совершенствования лексического фонда языка, также влияют на их последующее творчество, тематику, развитие творческого пространства. По этому поводу Э. Кархо в книге сборника статей «Мастерство перевода» пишет: «Известно, что переводы нередко эстетически обогащают поэтов-переводчиков, влияют на их собственное творчество» [4, с. 11].

Естественно, что переход созданных или создаваемых тем между литературами разных языков иногда кажется однородным, но с точки зрения требований творческого пространства, композиции, идеи, контекста они частично или полностью отличаются друг от друга. Прежде чем привести убедительные примеры этих мыслей, считаю необходимым упомянуть две другие точки зрения.

1. В творчестве Саади Ширази встречается газель с зачином «Пусть я заплачу, как облако весной», содержание которой целиком состоит из мотивов разлуки, сердечной тоски и страданий во имя друга. Среди стихов Саади Ширази, созданных на арабском языке, эта газель предстает с тем же смыслом, но в иной форме. Это свидетельствует о том, что поэт-

переводчик, свободно владеющий двумя языками и способный свободно творить, достигает больших успехов.

2. В нашей тысячелетней литературе также наблюдается множество подобных творческих совпадений. Например, среди произведений таких поэтов, как Хафиз Ширази, Насир Бухари и Камол Худжанди, встречаются газели, которые словно созданы одним из них, а другие скопировали с незначительными изменениями, но на деле это не так. Композиция газелей, изображение содержания, охват социальной философии в их сути различаются.

Относительно того, что действительно стихи, истории или творческие мотивы между той или иной разноязычной литературой в общем виде не бывают, но частично наблюдаются, однако не следует считать их продуктом повторения мысли или плагиата (кражи). Каждый текст, который переводится рукой переводчика, полностью обогащается поэтическими нюансами с элементами собственного творчества. Вдохновение поэта может предоставить поэту-переводчику новую возможность для создания подобного стиха или поэмы.

При изучении 10-го издания книги сборника статей «Мастер перевода» я обратил внимание на стихотворение Л. Онерва «Не страшусь» в переводе А. Блока, которое сильно напоминало одно стихотворение таджикского поэта Лоика Шерали. Затем для выяснения вечной сути и хронологической истории этих двух стихов было уделено серьезное внимание. Выяснилось, что стихотворение Л. Онерва «Не страшусь» в переводе А. Блока в книге «Мастер перевода» 1974-1975 годов размещено в объеме 12 строк, 3 строф, а стихотворение «Мадхияи аджал» Лоика Шерали создано в 1982 году, и интервал между ними составляет 7 лет. Кроме того, в стихе Лоика Шерали описываются священные функции смерти, милосердие, постоянные редкости, которые в 12 строках нашего интересующего стиха не предстают такими обширными и философскими.

Например:

Не страшусь, пускай могила,
Надо мной простерла свод:
Знаю – мощной жизни сила,
Из могилы путь найдет.

(Дословный перевод:

Не бойся, пусть могила,
Надо мной простерла свод:
Знаю – сила мощной жизни,
Из могилы путь найдет.)

Мой перевод Д. Бердиёров:

Не бойся смерти и того гунбазного камня,
Из-под которого можно найти освобождение.
Ибо мощные силы твоей жизни,
Из могилы до небес проложат тропу.
Не страшусь, пусть вечер алый,
Озаряет небосклон:
Тень улыбки самой малой,
В книгу впишется времен.

(Дословный перевод:

Не боюсь, пусть вечер алый,
Озаряет небосклон:
Тень самой малой улыбки,
В книгу времен впишется.)

Мой перевод Д. Бердиёров:

От алого вечера чего мне бояться,
Когда луна — фонарь семи небес.
Нежность, как крошечные улыбки,
В записи истории мироздания и пространства.
И замолкший дух бездны,
Зазвучит издалека,

Упадая ливнем звездным
На грядущие века

(Дословный перевод:

И замолкший дух бездны,
Зазвучит издалека,
Падая звёздным ливнем
На грядущие века)

Мой перевод Д. Бердиёров:

Зи дурӣ мерасад савти хамӯшӣ,
Зи байни вартаҳо низ рӯҳи озод.
Чу як борони найсонгунамавҷе,
Ва ё чун ахтаре бо шуру фарёд...
(Издали доносится голос молчания,
Из пропастей также свободный дух.
Как бурный ливень неистовый,
Или как звезда с сиянием и криком...) [4, с. 10-11]

Теперь речь идет об исследовании, содержании и глубине стихотворения «Мадхияи аджал» Лоика Шерали.

В 1982 году среди других стихов поэта Лоика Шерали его «Мадхияи аджал» в объёме 67 строк, 10 строф было опубликовано в книге «Куллиёти ашъор». Это стихотворение по охвату социальных вопросов, философии жизни и смерти сильно отличается от вышеприведённого стиха.

В общей контекстуальности переведённого стиха видна лишь одна черта — внушение смелости перед смертью, но в нижеследующем стихе с самого начала содержание ласки и хвалы в отношении конца жизни, называемого «смертью», начинается с выражения «Меситоям маргро». По мнению поэта, весть о рождении человека, то есть рождение, само по себе — вестник смерти. Но в первой строфе этой мадхии, которая включает 5 строк, поэт считает четыре аспекта жизни возрождающими и мощной силой руки судьбы: это «творчество природы», «творчество любви», «творчество как у матери», «законодательство». В целом первой строфы стиха поэт начинает речь с хвалы судьбы, чего в нашей литературе до его времени никто не касался в такой мадхии финала жизни:

МАДХИЯ АДЖАЛ

Хвалю смерть!
Баски ӯ ҳам офаринанда-ст монанди табиат,
Баски ӯ ҳам офаринанда-ст монанди муҳаббат,
Баски дар халлоқият чун модар аст,
Дар назар қонуншикан бошад, вале қонунгар аст.
(Ибо она творец, подобно природе,
Ибо она творец, подобно любви,
Ибо в творчестве она как мать,
Хоть кажется нарушителем закона, но она законодатель.) [8, с. 388]

В описательной строфе стиха уместно вставить эту мысль, что поэт восхваляет службу смерти, которая освобождает человечество от вихрей кризисов, беспомощности, усталости души, ожиданий, как положительную силу. Чтобы сделать привлекательным описание завершения человеческой жизни, именуемого «смертью», и представить услуги, аутентичность и миссию судьбы глазам читателя, от говорящего требуется знание, мастерство и высокая проницательность в речи.

В ёмкости контекста этого стиха вопросы «появления нового пути в социальном пространстве», «освобождения позиций от лентяев и бездельников», «жизни как смерть», «искателей смерти», «преимущества Фирдоуси над Дакики» Лоик Шерали считает одними из важнейших достойных услуг смерти живым.

В том же году Лоик Шерали в стихотворении «Кладбище Хайра» описал ценность рождения и бытия человека с его неповторимыми почестями так:

Барои зиндагон бояд бигӯям,
Ки қабристон барои мурдагон нест;

Ки қабристон барои зиндагон аст,
Ки то донанд фардо қадрашон чист...
(Для живых мне нужно сказать,
Что кладбище не для мертвых;
Что кладбище для живых,
Чтобы знали они цену завтрашнего дня...)

Относительно учёности и мастерства речи этого поэта Юсуф Акбарзода в книге «Миссия поэта и поэзии» с использованием одного его стиха пишет так:

"То чархи фалак хаёли мо афзун рафт,
Бисёр зи дида ашку аз дил хун рафт.
Нашкаста пари Диадлу Икар зинҳор,
В-арна ба сӯи фалак Гагарин чун рафт.
(«Пока небо воображения нашего росло,
Много слез из глаз и крови из сердца ушло.
Не сломав крылья Дедала и Икара, осторожно,
Иначе как к небу Гагарин полетел.)

В воспоминании о полете Гагарина к космосу из мифических героев Древней Греции отец и сын — Дедал и Икар — упоминание Лоика является результатом или плодом широты знаний, синтеза мышления и опыта восточного и западного» [10, с. 5-6].

Лоик Шерали, наряду с созданием стихов по содержанию таджикского происхождения, также чтил последователей тысячелетней персидско-таджикской литературы, включая поэтов-переводчиков разных народов. Именно его любовь к поэзии и литературе привела к тому, что в 1965 году он опубликовал стихи любимого русского поэта Сергея Есенина под названием «Персидские мотивы». Уместно подчеркнуть, что до этого никто не переводил стихи этого русского поэта так, как Лоик, и не вводил их в персидскую литературу. Таким образом, в конце шестидесятых и начале семидесятых годов прошлого века Лоик Шерали взялся за перевод произведений ряда поэтов, таких как Генрих Гейне, Иоганн Гёте, Пабло Неруда, Кайсын Кулиев, Расул Гамзатов. Также перевод стихов М. Светлова, Э. Межелайтиса, Е. Евтушенко, поэма П.Г. Викторовича под названием «Хосров и Ширин», опубликованная в 1987 году в журнале «Садои Шарк», принадлежит перу Лоика Шерали.

П.Г. Викторович после окончания персидского отделения Института востоковедения в Санкт-Петербурге обратился к изучению поэтических и прозаических произведений персидско-таджикской литературы и считается одним из преданных поклонников нашей древней литературы. Сначала он сосредоточился на исследовании поэтических и прозаических произведений, опубликовав научные статьи о специфике и глубине некоторых литературных вопросов нашей литературы. Птитсин до последнего вздоха внес достойный вклад в перевод на русский язык «Касыды жалобы на старость» А. Рудаки, поэмы «Хосров и Ширин» Низами Гянджеви, «Смерти ростовщика» С. Айни и нескольких стихов поэтов своего времени.

В действительности, на основе надёжных данных хрестоматии русской литературы выясняется, что до прихода к власти Петра I вопрос художественных переводов в значительной мере заполнил пространство русской литературы в XVIII веке, и это действие не было столь приемлемым для Петра I. Он заставил писателей своего времени на основе этого указания заниматься тематикой и гуманистическим творчеством, адаптированным к русской нации. В самом деле, это действие принесло русской литературе добрые плоды.

Не стоит оставлять без внимания, что Птицын некоторое время работал и действовал в Советской Социалистической Республике Таджикистан того времени. Согласно указанию интернет-источника, его деятельность оценивается при журнале «За социалистическую литературу», но на основе предложения личных документов, хранящихся в архиве при Государственном музее «Эрмитаж» в Санкт-Петербурге РФ, выяснилось, что его деятельность официально зарегистрирована в газете «За просвещение Таджикистана». Он перевёл на русский язык часть книги «Зафарнаме» Али Язди, к сожалению, последующие переводчики этой книги не упомянули о предыдущем переводе этого талантливого писателя.

Птицын накануне празднования 700-летия персидско-таджикского поэта-эпистоляра Хакима Низами Гянджеви переводит его поэму «Хосров и Ширин» с таджикского на

русский. Эта поэма включает 4 акта, о героях которой мы упомянули выше в части таджикского перевода Лоиком Шерали. Поскольку этот русский востоковед участвовал в битве за Ленинград и погиб, его заметная переводческая деятельность, к сожалению, осталась незавершенной. Затем перевод этой его поэмы с предисловием Э. Бертельса вышел в 1976 году в №4 «Памира», в 1976 году.

Лоик Шерали, который, согласно вышеизложенному, обладал сильной рукой в переводе художественных произведений и ряд его художественных переводов стал известен в литературных кругах, из преданности к этому рано ушедшему писателю в 1987 году вновь перевёл эту поэму с русского на таджикский. Конечно, здесь может возникнуть вопрос: «почему именно вновь перевёл эту поэму?» — ответ в том, что здесь Птицын Г.В. перевёл поэму Низами со своим взглядом и частичными или полными дополнениями.

Поэтому, по мнению литературоведа Юсуфа Акбарзода, Лоик Шерали не был шаблонным переводчиком, а оценивал суть перевода с поэтического взгляда, и именно этот его байт может быть предыдущим доказательством ко всем последующим вопросам:

Аз Рафоэлу да Винчию Микеланҷело,
Накашидааст касе манзараи комили дил...
(От Рафаэля и да Винчи с Микеланджело,
Никто не нарисовал полной картины сердца...) [9, с. 58]

Следует в этом контексте подчеркнуть, что Лоик Шерали очень похоже подошёл к переводу поэмы Птицына Г.В., и кажется, будто эти две фигуры сидели бок о бок во время перевода поэмы и сотрудничали. Теперь для доказательства вышеизложенных мыслей мы можем привести несколько байтов для сравнения: (Русская версия поэмы)

Х о с р о в Царевна, ночь веселия полна,
А ты сидишь, печальна и грустна.
Иль плохи яства, скучны песни наши,
Иль пусты разве золотые чаши,
И пир не весел наш?

В самом начале поэмы «Хосров и Ширин» П.Г. Викторович начинает поэтическую речь Хосрова со слова «Царевна». Любовь таджикского поэта Лоика Шерали к литературе, к поэзии, соблюдаемым правилам текстов переводов, а также к Птицыну не позволяет, чтобы таджикский перевод этой поэмы начинался иначе. Во второй строке первого байта слова «ты», «сидишь», «печальна», «грустна» в переводе не отходят от оригинального смысла и остаются неизменными, и только здесь Лоик Шерали добавил вопросительную частицу «Чаро». В третьей строке первой строфы русской версии поэмы слова «Иль плохи яства, скучны песни наши» с требовательными связями образуют вопросительную строку, которую переводчик Лоик Шерали из такого буквального выражения: «Или еда плоха, песни наши скучны» — приводит в соответствующую требованиям третью строку таджикской версии поэмы. В действительности такие переводы требуют от профессиональных переводчиков высокого мастерства, и, по нашему мнению, эти двое — и Птицын Г.В., и Лоик Шерали — сияли как отшлифованные жемчужины в океане перевода мировой поэзии. Теперь оставшиеся строки первой строфы мы оставляем на анализ и суждение самих читателей. (Таджикская версия поэмы):

Х у с р а в Малика в такой веселой пирушке,
Почему грустна и расстроена?
Не вкусен ли нектар и мелодия,
Или пуст золотой кубок от вина,
Или холоден наш пир? [7, с. 67]

Кажется, что в переводе нижеследующих строф Лоик Шерали вообще не отошёл от желаемого содержания поэмы с точки зрения контекста поэта-переводчика Птитсина Г.В. Эту нашу точку зрения также подчёркивает Симин Бехгони в своей статье о мастерстве перевода и переводе этой поэмы Лоиком Шерали.

В действительности, когда мы смотрим на формальный, содержательный, сущностный, этимологический, строковый, этический перевод этой поэмы, выясняется, что мастерство перевода этих двоих полностью нашло гармоничное соответствие. Для примера формы и

строки из русской версии две строфы и из таджикской версии также строфу поэмы прилагаем.

Русская версия поэмы:

Ш и р и н Великий царь!
Пир весел твой, и вина — как янтарь.
Но знаешь сам ты, если дым сомнений
Охватит сердце, радость наслаждений
Нам недоступна.

Таджикская версия:

Ширин Шаҳаншоҳ!
Маи гулрангу базми туст дилхоҳ,
Вале донӣ, маро дар дил ғубор аст,
Аз ин рӯ базму ишрат ногувор аст.
Гумоне дорам...

В оценке и распознавании творческой точки зрения самого Птицына тоже много слов. С одной стороны, если это выдающийся успех перевода Лоика Шерали, с другой точки зрения — это и шлифовка, зрелое творчество и точность перевода Птицына Г.В., поскольку он также показал неповторимое мастерство в переводе поэмы Низами Гянджеви. Выясняется, что Птицын, будучи не носителем языка и русским писателем, также полностью понимал глубину литературных вопросов персидско-таджикской литературы, красоту и уродство поэзии, распознавание духовности и художественных приёмов.

Теперь мы можем привести плод труда Лоика Шерали и П.Г. Викторовича в объёме двух строф:

Х о с р о в Но тогда открой,
Какая дума владеет тобой.
Поведай мне сомнения, быть может,
Любовь моя твоей беде поможет.
Ш и р и н О государь, беда в любви твоей.
Х о с р о в Царевна, темен смысл твоих речей.
Как утра луч, моя любовь ясна,
Как может горе принести она?
Таджикский перевод:
Х у с р а в Его быстро раскрой,
Что хочешь, что говоришь, поведай.
Сомнение любое выскажи,
Быть может, моё сердце поможет.
Ш и р и н Сомнение моё от твоей любви, о шах,
Х у с р а в Слово без завесы скажи, чтобы я знал.
Будет ясно, как свет утра, моя любовь,
Как может принести тебе печаль и горе?

Особо стоит упомянуть, что Лоик Шерали в применении классических и новых методов перевода, сохранении содержания и сути, и особенно в создании творческого пути перевода между берегами сегодняшнего и завтрашнего дня литературы оказал весьма гармоничные услуги, которые до него проложил.

Поскольку эти два упомянутых писателя сейчас не среди живых, и естественно, что многое из желаемых ими произведений осталось несозданным из-за закрытия глаз на этот мир, считаем необходимым в заключение привести четыре строки стиха Лоика Шерали с таким содержанием:

Чу мирад шоире ҳайкал гузоранд,
Ҳисоби байтҳояшро шуморанд.
Вале аз шеърҳои мурдаи ӯ,
Ба дил як заррае парво надоранд.
(Когда умирает поэт, ставят памятник,
Считают число его байтов.
Но от мёртвых его стихов,
В сердце ни капли заботы нет.)

Художественные соответствия и взаимосвязи в переводе поэмы «Хусрав и Ширин», выполненном по произведению Григория Викторовича Птицына поэтом Лоиқом Шерали, прослеживаются весьма чётко. Очевидно, что в переводе этих двух поэм — одной, основанной на «Хусраве и Ширине» Низами Гянджеви в переводе Григория П. В., и другой, «Хосров и Ширин» П. Г. Викторовича в переводе Лоиқа Шерали, — содержательный анализ занимает первостепенное место.

Литература

1. *Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор (Силсилаи "Ахтарони адаб". Иборат аз 50 ҷилд. Ҷ.1) / Таҳиякунандагон Р. Ҳодизода ва А.М. Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.*
2. *Абулкасим Фирдоуси. Избранные фрагменты «Шахнаме». — Душанбе: Типография ДДОТ им. С. Айни, 2024. — 465 с*
3. *Климов, В. Н. Поэтика и перевод восточной классики. — Москва : Наука, 1991. — 190 с*
4. *Мастерство перевода: сборник десятый. – Москва: Советский писатель, 1975. – 504 с. – (План выпуска 1975 г.; № 326)*
5. *Птицын, Г. В. Переводы таджикской поэзии и проблемы художественного соответствия. — Душанбе : Ирфон, 1989. — 160 с*
6. *Рахимов, Ш. Таджикская литература XX века: художественные традиции и новаторство. — Душанбе : Маориф, 2002. — 320 с*
7. *Садои Шарк: ежемесячный литературно-художественный и общественно-политический журнал. – 1987. – № 6. – 141 с*
8. *Шаъбон Алоӣ. Дастури забон ва адабиёти форсӣ-Душанбе, 2024. -120 с.*
9. *Шерали, Л. Полное собрание стихотворений / Л. Шерали. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 784 с.*
10. *Юсуф Акбарзода. Миссия поэта и поэзии. Сборник статей. — Душанбе: Адиб, 2009. - 376 с.*

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ СВЯЗИ В ПЕРЕВОДЕ ПОЭМЫ «ХОСРОВ И ШИРИН» ЛОИКА ШЕРАЛИ ПО ВЕРСИИ ГРИГОРИЯ ВИКТОРОВИЧА ПТИЦЫНА

В статье рассматриваются художественные связи в переводе поэмы «Хусрав и Ширин» Лоика Шерали по версии Григория Викторовича Птицына. Анализируется эволюция персидско-таджикской литературы с древних времён, роль Рудаки как основоположника, влияние переводов на обогащение языка и культуры. Обсуждаются примеры из произведений классиков, такие как «Калила и Димна» и «Шахнаме», а также психологические и философские мотивы в поэзии. Подчёркивается взаимосвязь литератур разных народов, включая греческую и арабскую, и вклад поэзии в глобализацию идей. Особое внимание уделено анализу переводческой деятельности Лоика Шерали и Птицына, включая сравнение версий поэмы «Хусрав и Ширин» Низами Гянджеви. Исследуются стилистические особенности, влияние переводов на творчество авторов, а также конкретные примеры строк из произведений. Статья освещает исторический контекст, включая роль Петра I в русской литературе, и подчёркивает неоконченность работ Птицына из-за войны. Завершается размышлениями о миссии поэзии и наследии авторов.

Ключевые слова: художественные связи, перевод поэмы, персидско-таджикская литература, Лоик Шерали, Григорий Птицын, Низами Гянджеви, Рудаки.

РОБИТАҲОИ БАДЕӢ ДАР ТАРҶУМАИ ДОСТОНИ «ХУСРАВ ВА ШИРИН»-И ЛОИҚ ШЕРАЛӢ АЗ РӮИ НУСХАИ ГРИГОРИЙ ВИКТОРОВИЧ ПТИТСИН

Дар мақолаи мазкур робитаҳои ногусастании бадеӣ дар тарҷумаи достони "Хусрав ва Ширин"-и Лоиқ Шералӣ аз рӯи офаридаи Григорий Викторович Птитсин баррасӣ карда мешаванд. Таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз замонҳои хеле қадим дақиқ ба назар мерасад, ки дар саргаҳи он нақши Рӯдакӣ ҳамчун асосгузор ё қофиласолори он басо бузург аст, ки дар таъсири тарҷумаҳо ба ғанисозии ҷанбаҳои қолабӣ, меъёрӣ, шевагӣ ва гуногунпаҳлуии забону фарҳанги миллӣ таҳлилу баррасӣ карда мешавад. Намунаҳои асарҳои классикони мо ба монанди "Калила ва Димна" ва "Шоҳнома", инчунин ангезаҳои фалсафию психологӣ дар шинохту таҳлил ва миқёси тафовутшиносӣ муҳокима карда мешаванд. Муносибати адабиёти халқҳои гуногун, аз ҷумла юнонӣ ва арабӣ ва саҳми шеър дар ҷаҳонишавии ғояҳо баръало ба мушоҳа мерасанд. Ба таҳлили фаъолияти тарҷумонии Лоиқ Шералӣ ва Птитсин, аз ҷумла муқоисаи намунаҳои достони "Хусрав ва Ширин"-и Низоми Ганҷавӣ диққати махсус дода шудааст. Хусусиятҳои услубӣ ва таъсири тарҷумаҳои муаллифон бошад, ба раванди шинохти эҷодиети муаллифон ҳусни нав зам намудааст, ки намунаҳои мушаххаси он далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Калидвожаҳо: робитаҳои бадеӣ, тарҷумаи достон, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, Лоиқ Шералӣ, Григорий Птитсин, Низомӣ Ганҷавӣ, Рӯдакӣ.

ARTISTIC CONNECTIONS IN THE TRANSLATION OF LOIK SHERALI'S POEM "KHOSROW AND SHIRIN" BASED ON THE VERSION BY GRIGORY VIKTOROVICH PTITSIN

The article examines the artistic connections in the translation of the poem "Khosrow and Shirin" by Loik Sherali based on the version by Grigory Viktorovich Ptitsin. It analyzes the evolution of Persian-Tajik literature from ancient times, the role of Rudaki as a founder, and the impact of translations on language and culture enrichment. Examples from classical works such as "Kalila and Dimna" and "Shahnameh" are discussed, along with psychological and philosophical motifs in poetry. The interconnection of literatures of different peoples, including Greek and Arabic, and the contribution of poetry to the globalization of ideas are emphasized. Special attention is given to the analysis of the translation activities of Loik Sherali and Ptitsin, including a comparison of versions of Nizami Ganjavi's poem "Khosrow and Shirin." Stylistic features, the influence of translations on the authors' creativity, and specific examples of lines from the works are explored. The article covers the historical context, including Peter I's role in Russian literature, and highlights the incompleteness of Ptitsin's works due to the war. It concludes with reflections on the mission of poetry and the legacy of the authors.

Keywords: artistic connections, poem translation, Persian-Tajik literature, Loik Sherali, Grigory Ptitsin, Nizami Ganjavi, Rudaki.

Об авторе
Бердиёров Довуд Муродкулович
Старший преподаватель кафедры языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

About the author
Berdiyorov Dovud Murodkulovich
Senior Lecturer at the Department of Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Бердиёров Довуд Муродқулович
Муаллими калони кафедраи забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

ТДУ 78 (575.3)

НУФУЗИ «РӮЗИ ФАЛАК» ВА НАСЛИ ФАЛАКХОНОНИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Бурҳонов М. Р.
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Яке аз самтҳои асосӣ дар давлатдории навини тоҷикон эҳёи рушди фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Истиқлоли давлатӣ ҳамчун падидаи нодир дар эҳё ва рушди мусиқии касбӣ пояи устувор гузошт. Бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусиқии суннатии тоҷик – Фалак дубора эҳё гардид ва ҳамчун мусиқии суннатии касбӣ эътироф шуд.

Ифтихормандии мардуми соҳибистиқлоли тоҷик аз он аст, ки маҳз дар давлати дунявии Тоҷикистони муосир ҷашни Рӯзи Фалак (10 октябр) ба ҳукми анъана даромада, ҳамасола бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Ифтихормандии мардуми соҳибистиқлоли тоҷик аз он аст, ки маҳз дар давлати дунявии Тоҷикистони муосир чунин идҳои фарҳанги мусиқӣ таъсис ёфта, ба ҳукми анъана даромадаанд. Бояд гуфт, ки дар давраи шуравӣ падидаи фалакро на ба саҳнаи расмӣ мебаровардану на дар бораи он сухани илмӣ мегуфтанд. Мутаассифона, онро муҳим намешумориданд. Ҳол он ки Фалак – нишондоди тафаккури мусиқии мардуми кӯҳистони тоҷик мебошад [5, с. 1].

Фалак яке аз муҳимтарин унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик буда, решаҳои таърихии қадима дорад. Бояд тазаккур дод, ки аҳамияти омӯзиш ва таҳқиқи Фалак на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои як қатор мамолики Шарқ аҳамияти бузург дорад. Хурсандиовар аст, ки ибтидои ин иқдомҳо аз мардуми тоҷик сар мезанад. Омили ҳамаи бурдбориҳои ин ҷода ташаббусҳои беҳамтои сарвари фарҳангпарасти тоҷик, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад [5, с. 1].

Соли 2021 бо иқдоми наҷибонаи сарвари давлат «Фалак» ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ЮНЕСКО ворид гардид [15, с. 33].

Фалакхонӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ густариш ёфта, гурӯҳои ҳунарӣ ва ансамблҳои давлативу минтақавӣ таъсис ёфтанд[1].

Ҳунари фалакхонӣ бо падидаҳои бузурги суннатӣ дар фарҳанги тоҷикон мавқеи хосса пайдо кардааст. Таърихан дар доираи мактабҳои авлодӣ рушд намуда, таълимоти он зимни мактаби суннатии устод-шогирд ба роҳ монда мешуд [8, с. 248-253]. Фалак чун осори шифоҳии касбии мусиқӣ дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон аз нав рушд ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Муҳим он аст, ки мақому мартабаи худро ҳамчун мусиқии суннатии касбӣ расман пайдо намуд. Дар ин давра аз тарафи олимон, муҳаққиқон, мусиқишиносон ва композиторони тоҷик чандин монографияҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, дастурҳои таълимиву методӣ ва маҷмуаҳои нотавӣ таҳия шуда, рӯйи чоп омаданд.[2] Ин таълимотҳо асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии фалакро муайян месозанд.

Ба низоми таълимии давлатӣ ворид шудани мусиқии суннатии Фалак ҳамчун падидаи нодир маҳсуб меёбад. Ин давраи тиллоӣ заминаи устувори рушди ҳунари фалакхониро

[1] Ансамбли давлатии «Фалак»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№714, 16 ноябри соли 2001), Ансамли «Фалак»-и назди Раёсати вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб (10 марти соли 2004), Муассисаи давлатии Ансамбли фолклорӣ-этнографии «Фалак»- и вилояти Суғд (№187, 19 июни соли 2008).

[2] Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. Монография/ Азизи Ф. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 398 с., Азизи Ф. Традиционные методики: исследование и внедрение. Монография. / Ф. Азизи, С. Каримов. – Душанбе: «Адиб», 2013. -92 с., Азизӣ Ф.А., Каримзода С.С., Бурҳонов М.Р., Лутфишоев Қ.Д., Алиев М.А. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ. – Душанбе: «Истеъдод». – 2022. – 143 с., Азизӣ Ф. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ. /Азизӣ Ф., Каримов С.–Душанбе: «Аржанг», 2014. – 31 с., Одиназода С.З. Омӯзиши сози таблак (дастури таълимӣ). – Душанбе: «Истеъдод». – 2025. – 20 с., Табаров С. Ёде аз Одина Ҳошим, – Душанбе: «Матбуот». – 2004. – 50 с. Таваккалов Ҳ. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон. Монография / Ҳ. Таваккалов. – Хоруғ, 2013. – 264 с., Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик. Маҷ. мақ. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 248 с., Фалак. Китоби дарсии амалӣ. Китоби 1. Мураттиб С. Каримов. – Душанбе: «ЭР-граф». – 2019. – 400 с., Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ. Мураттибон Азизӣ Ф.А., Каримов С.С. – Душанбе: «Аржанг». – 2014. – 31 с.

фароҳам овард. Мутобиққунонии барномаҳои таълимӣ, таҳияи дастурҳои таълимиву методӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисос яке аз мақсадҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Муассисаҳои таълимии миёнаи махсуси мусиқӣ ва олии касбӣ дар тайёр кардани мутахассисони суннатӣ саҳми назаррас дошта, як қатор симоҳои нави фалакхон дар саҳнаи касбӣ қадам гузоштанд. Бештари ин ҷавонони фалакхон ибтидоан фалакхониро аз мактабҳои авлодӣ, ансамблҳои хонаводагӣ ва маҳаллу минтақаи хеш омӯхтаанд. Вале барои мутахассиси касбиро сазовор шудан, донишҳои назариявӣ ва фанҳои тахассусиро аз худ намудан зарур аст. Бинобар ин, давраи истиқлол имкониятҳои зиёдеро баҳри омӯзиши илми мусиқӣ фароҳам овард, ки зимни методикаи нав фалакхонони касбӣ тарбия меёбанд. Дар ин ҷода саҳми устодони фалак бузург арзёбӣ мегардад. Бо ин мақсад, муаррифӣ ва саҳмгузории симоҳои нави фалакхононро дар рушди падидаи Фалак таҳлил ва муаррифӣ намудан иқдоми шоиста ба ҳисоб меравад. Симоҳои нав фалакхониро касби ҳамешагии худ интихоб намуда, бо ифтихори баланд ҳунари худро рушд медиҳанд.

Фалаксаро, мутриб Усмони Ҳайдар фалакхониро дар муҳити деҳааш аз бар мекунад. Хатмкардаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон (соли 2007) мебошад. Зимни мактаби суннатии устод-шогирд фалакҳои якқисмаву силсилавиро аз устодаш Саъдулло Каримзода омӯхтааст. Дар чорабиниҳои сатҳи баланди ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ пайваста баромад намуда, бо сурудҳои «Шукрона кунам» шеъри Ҷиёнхон Латифӣ, «Фалаки Сафарӣ» рубоиёти халқӣ, «Дилбари мо» шеъри Нурулло Ориф, «Тоҷикистон» шеъри Нурулло Ориф ва «Зан модар аст» шеъри Ҷиёнхон Латифӣ мухлисони худро пайдо кардааст. Мусиқишиносон «Фалаки Сафарӣ»-ро бори нахуст аз ӯ шунида, сабти нота кардаанд.[1] Ҳунари мутрибии ӯ услуби хоссаро пайдо кардааст.

Дар ин давра сафи духтарони фалакхон низ меафзояд. Яке аз чеҳраи намоён Чамангул Фатҳуллоева (фалакхон), шогирди Ҳофизи халқии Тоҷикистон Исмоил Назрӣ, хелҳои гуногуни фалакро дар сатҳи баланди касбӣ иҷро мекунад. Соли 2011 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро хатм намуд. Сурудҳои «Дидори ёр» шеъри Нуруллои Ориф, «Фалаки Роғӣ» рубоиёти халқӣ, «Аллаи Модар» шеъри Нуруллои Ориф, «Беғамии Модарон» шеъри Кӯҳзоди Фатҳулло, «Падар» шеъри Хайрандешро сабт намудааст.

Симои дигари фалакхон Наврӯз Бодуров дар иҷрои жанри фалаки помирӣ услуби худро пайдо кардааст. Ӯ дар ибтидо фалакхониро дар муҳити оила ва маҳал аз бар намуда, дар Бадахшон ҳамчун фалакхони касбӣ шинохта шудааст. Аз устодаш Саъдулло Каримзода (солҳои донишҷӯӣ дар Консерватория 2015-2020) Фалак-Мадҳия, Бепарвофалак, Фалак-Муноҷот, Фалаки Паррон, Фалаки Ғарибӣ, Фалаки Сафарӣ ва дигар суруду оҳангҳои суннатиро омӯхта, дар сатҳи баланди касбӣ иҷро мекунад.

Намояндаи сулолаи Ҳошимовҳо, Фирдавс Ҳошимов дар оилаи фалакхони шинохта, устоди фалак Одина Ҳошим ба дунё омадааст. Дар муҳити мактаби авлодӣ тарбия ёфта, ҳунари фалакхониву ғазалхониро нахустин бор аз падар ва бобояш омӯхтааст. Ӯ аз хурдсолӣ ба ҳунари бобояш дил баста, фалакхониро ҳамчун касб интихоб намуд. Бо ноил гаштан ба тахассуси олии мусиқии касбӣ (соли 2012) ҳунари сарояндагии ӯ рушд кард. Пайваста эҷодиёти Одина Ҳошимро талқин намуда, дар заминаи он чандин оҳангу сурудҳои навро эҷод кардааст. Дар саҳнаҳои бузурги дохил ва хориҷи кишвар фалаки тоҷикро муаррифӣ месозад. Аз Исмоил Назрӣ сурудҳои гуногуни мардумиро омӯхтааст. Ӯ Фалаки Роғӣ ва Фалаки Равонаро зимни ғазалхонӣ бештар талқин мекунад. Асарҳои офаридааш - «Ишқи Ватан» шеъри Убайдуллои Ширин ва «Арзи таманно» шеъри Файзи Олӣ мебошанд.

Фалакхон, мутриб ва омӯзгори боистеъдод Қодир Лутфишоев дар рушди мусиқии суннатии тоҷик саҳми арзишманд мегузорад. Дар муҳити хонаводагӣ рубобнавозӣ ва мадҳиясароиро аз падараш Давлатшо Лутфишоев омӯхтааст. Ӯ дар интихоб ва таҳлили шеър низ маҳорати баландро соҳиб аст. Инчунин, донандаи хуби навъҳои гуногуни жанрҳои мусиии Бадахшон мебошад. Дар жанри мадҳия асарҳои нави фалакро эҷод намуд, ки онҳо ҳамчун фалакҳои силсилавӣ ба ҷараёни таълим ворид гаштанд. Маҳорати сарояндагӣ ва дониши назариявии худро зимни таҳсил дар Консерваторияи миллӣ (зинаи мутахассис солҳои 2010-2015) синфи устод Давлатманд Хол ва (зинаи магистратура 2019) аз устод Саъдулло Каримзода мукаммал сохт. Ӯ бо ҳунари волои хеш ба Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Манголия сафарҳои ҳунарӣ намудааст.

[1] Сабти нотавии Фалаки Сафарӣ ба муҳаққиқ Саъдулло Каримзода тааллуқ дорад.

Истиқлоли давлатӣ ба омӯзиш ва тарбияи насли нави фалакхон такони бузург бахшид. Ҳунармандони ҷавон – Фаридуни Ҳотам, Худойдод Мадалиев, Муродалӣ Алиев, Қурбон Давлатов, Фирӯз Файзуллоев, Сорбон Саидов ва Иброҳим Мирзошарифов фалакхониро ҳамчун касб интихоб намуда, ба рӯйи саҳнаи касбӣ қадамҳои устувор гузоштанд. Онҳо дар баробари ҳунармандӣ, инчунин омӯзгориро низ пешаи доимии худ қарор додаанд. Ҳар яки он ба тарбияи истеъдодҳои нав машғул буда, дар рушди мусиқии суннатии тоҷик саҳми арзанда мегузоранд.

Ҳунари ғазалхонӣ дар фалак яке аз шохаи устувор маҳсуб меёбад. Ин услуб аз тарафи ҳунармандони ҷавон дар ҳоли рушд қарор дорад. Яке аз чеҳраҳои намоёни ин ҷода Комрони Ҳошим ба ҳисоб меравад. Фалакхон Комрони Ҳошим бо овози марғуладораш машҳур гаштааст. Ӯ бештар ба услуби ғазалхонӣ такя мекунад. Пайваста мекӯшад суннати ғазалхониро дар фалак устувор нигоҳ дорад. Дар хондани Фалакҳои Роғӣ, Ғарибӣ, Қаландарӣ, Равона ва Паррон маҳорати баланди касбиро доро аст. Соли 2018 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро бо ихтисоси фалакхон дар синфи дотсент Саъдулло Каримзода хатм намудааст. Номбурда дар чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гаштааст.

Минтақаи Бадахшон дорои фарҳанги бойю ғанӣ аст. Таърихан мактабҳои авлодии фалакхонӣ дар ин минтақа амал мекунанд, ки наслҳои охирини онҳо ҳунари аҷдодии хешро идома медиҳанд. Яке аз намоёнтарин мактаби авлодӣ дар минтақа мактаби Муаллибшоевҳо мебошад, ки Сурӯ Муаллибшоев насли чоруми ин мактаб аст. Сурӯ Муаллибшоев идомадиҳандаи мактаби авлодии фалакхонӣ дар жанри фалаки помирӣ мебошад. Ӯ дар оилаи фалакхони шинохта Олуча Муаллибшоев ба дунё омадааст. Аз хурдсолӣ бо падар ва бародараш фалакхонӣ мекард. Устод Давлатманд Хол нозукиҳои фалаки кулобиро ба ӯ нишон дод. Силсилаи «Фалаки Роғӣ» рубоиёти халқӣ, «Фалаки Паррон» рубоиёти Лоҳутӣ, «Фалаки Сафарӣ» рубоиёти Абусаиди Абулхайр, Алимуҳаммад Муродӣ ва халқ, «Бишнав аз най» ғазали Ҷалолуддини Балхӣ, «Бепарвофалак» рубоиёти халқӣ, «Фалак-Мадҳия» ғазали Ҷалолуддини Балхӣ, «Дур машав» ғазали Ҷалолуддини Балхиро бо маҳорати баланд месарояд.

Дар суннати фалакхонӣ ҳар як ҳунарманд мекӯшад, ки услуби сарояндагии худро дошта бошад. Ҳунармандони ҷавон – Сайҷамол Шоимов, Шоҳин Абдуллоев, Ҷаннатулло Абдуллоев, Қурбон Давлатов, Ҳикматулло Анваров, Сорбон Олимов ва Ҳаким Дамдоров дорои услуби хоссаанд. Дар ин давра онҳо силсилаҳои фалакро бо як маҳорати баланд пешниҳоди тамошобинон гардониданд. Инчунин, дар навохтани созҳои гуногуни мусиқӣ низ маҳорати худро сайқал додаанд.

Яке аз чеҳраи тобноки мусиқии суннатӣ ва эстрадаи тоҷик Чоршанбе Аловатов мебошад. Чоршанбе аз хурдсолӣ фалакхониро аз падараш – фалакхони шинохтаи тоҷик Ҳақназар Аловатов омӯхтааст. Ҳунари волои ӯ натанҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Услуби сарояндагии падару писар дар суннати фалакхонӣ ҷойгоҳи махсусро дорад. Эҳё ва рушди фалаки бадахшониро устувор нигоҳ дошт. Ӯ Фалакро дар шакли нав (омезиш бо мусиқии муосир) талқин намуда, пешниҳоди тамошобин мегардонад. Соли 2019 лауреати озмуни байналмилалӣ (Central Asia`s Got Talent) гардид.

Мактаби бузурги фалакхонии Давлатманд Хол дар рушди Фалак заминаи устувор гузошт. Авлодан фалакхониро аз насл ба насл идома медиҳанд. Лоиқ Холов – фалакхон, мутриб, идомадиҳандаи мактаби ҳунарии Устод Давлатманд Хол, яке аз чеҳраи шинохтаи имрӯза ба ҳисоб меравад. Фалакхониву мутрибиро аз падари ҳунармандаш омӯхта, дар саҳнаҳои баланди касбӣ устуворона қадам мегузорад. Мактаби авлодии худро бо услуби хос муаррифӣ месозад. Дар ичрои сурудҳои суннативу халқӣ маҳорати баландро касб кардааст. Лоиқ Холов сурудҳои «Дар васфи ҷамолат» шеъри Ҷаҳони Андеша, «Эй Ватан, Пешво» шеъри Нурулло Ориф, «Даври гиребон» шеъри Ҷонибеки Асрориён, «Ҳазрати Модар» шеъри Озар Салимро эҷод кардааст.

Хулоса, давраи соҳибистиқлолии кишвар ба рушди падидаи Фалак такони бузург бахшид. Симоҳои нави фалакхон рӯи саҳнаи касбӣ омаданд. Фалак ҳамчун жанри мусиқӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардид. Суннати силсилахонӣ эҳё шуда, дар асоси фалакҳои аслӣ силсилаҳои нави фалак эҷод гардиданд. Насли фалакхонони давраи Истиқлол бо ифтихормандӣ суннати фалакхониро устуворона идома медиҳанд.

Адабиёт

1. *Азизи, Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. Монография / Ф. Азизи. – Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.*
2. *Азизӣ, Ф. Фалак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 2. – Ф. Азизӣ, С. Каримов. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 499-501.*
3. *Азизӣ, Ф.А. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ / Ф. А. Азизӣ, С. С. Каримзода, М.Р.Бурҳонов, Қ.Д.Лутфишоев, М.А.Алиев. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 143 с.*
4. *Азизӣ, Ф. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ / Ф.Азизӣ, С. Каримов. – Душанбе: Аржанг, 2014. – 31 с.*
5. *Азизӣ, Ф.А. Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик (Маҷмуаи мақолот). - Душанбе: Адиб, 2009. - 248 с.*
6. *Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. Монография / Р. Амонов. – Душанбе: Матбаа, 1963. – 345 с.*
7. *Бобоев, А. Савти Фалак ва Фалаки Давлатманд / А. Бобоев. – Душанбе: Аржанг. – 2006. – 144 с.*
8. *Каримов, С. Изустная форма передачи музыкального материала как одна из актуальных методик современного музыкального вуза / С. Каримов // Подготовка кадров для сферы культуры и искусств: национальные традиции и современные тенденции. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 266-269.*
9. *Каримов, С. Мактаби суннатии фалакхонӣ: моҳият, фаъолият ва рушди он дар фарҳанги Тоҷикистони муосир / С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №5 – С. 248-253.*
10. *Каримов, С. Мафҳуми «чормодарон» дар суннатҳои фалаки кӯлобӣ / С. Каримов // Нақши муассисаҳои фарҳанг дар густариши тамаддуни ориёӣ. Маҷм. мақ. – Душанбе: 2006. – С. 76-89.*
11. *Корбурди суннатии устод ва шогирд. – Душанбе, Адиб, 2013. - 88 с.*
12. *Манучеҳр Б. Жанрҳои созии дойрабазм, дафсоз, қабопӯш дар мусиқии тоҷик / М. Бурҳонов // Маҷаллаи илмии «Мутриб». - Душанбе: Хирадмандон,2022. – С. 76-80.*
13. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", ш. Душанбе: Шарқи озод, 21 декабри соли 2021. – 47 с.*
14. *Пешвои муаззами миллат. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 372 с.*
15. *Тоҷикистон – 25. Дастовардҳои мардуми Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2019. – 384 с.*
16. *Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. Маҷ. мақ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 280 с.*

НУФУЗИ «РӮЗИ ФАЛАК» ВА НАСЛИ ФАЛАКХОНОНИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Дар мақола бори нахуст дар бораи насли фалакхонони давраи Истиқлол маълумот оварда шуда, нақши онҳо дар рушди падидаи Фалак арзёбӣ мегардад. Симоҳои нави фалакхон рӯи саҳнаи касбӣ омада, Фалак ҳамчун жанри мусиқӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардид. Фалак бо ҳама назокаташ дар давраи Истиқлоли Тоҷикистон аз нав рушд ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Ҳамчун жанри мусиқии суннатии касбӣ мақоми худро расман пайдо намуда, мавқеи хоссаро соҳиб гардид. Яке аз самтҳои асосӣ дар давлатдории навини тоҷикон эҳёи рушди фарҳанги миллӣ ба назар мерасад. Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки Истиқлол ҳамчун падидаи нодир дар эҳё ва рушди мусиқии касбӣ пояи устувор гузошт. Дар ин давра, мусиқии касбӣ ва инчунин мусиқии суннатии тоҷик - Шашмақом ва Фалак дубора эҳё гардида, барои омӯзиш ва таълими онҳо заминаи устувор фароҳам оварда шуд. Суннати силсилахонӣ маҳз тавассути фалакхонони давраи Истиқлолият рушд намуд, ки дар заминаи фалакҳои аслӣ асарҳои нави фалак эҷод гардиданд.

Калидвожаҳо: Фалак, Шашмақом, фалакхонӣ, Сафарӣ, Фалаки Помирӣ, Фалак-Мадҳия, Роғӣ, Равона, мадҳиясароӣ, Қаландарӣ, мактаби ҳунарӣ.

ВЛИЯНИЕ «ДНЯ ФАЛАКА» И ПОКОЛЕНИЕ ИСПОЛНИТЕЛЕЙ ФАЛАКА ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье впервые представлена информация о поколении исполнителей Фалака периода Независимости и дана оценка их роли в развитии феномена Фалак. На профессиональной сцене появились новые лица исполнителей Фалака. Фалак был признан как музыкальный жанр на международном уровне. Фалак при всей своей утончённости был заново разработан и изучен в период Независимости Таджикистана. Он официально обрел свой статус жанра традиционной профессиональной музыки и занял особое положение. Одним из основных направлений в новом таджикском правлении является возрождение развития национальной культуры. Можно сказать без преувеличения, что Независимость, являясь уникальным явлением, заложила прочный фундамент в

возрождении и развитии профессиональной музыки. В этот период была возрождена профессиональная музыка, а также традиционная таджикская музыка - Шашмаком и Фалак, и была создана прочная основа для их изучения и преподавания. Традиция циклического исполнения развивалась именно благодаря исполнителям Фалака периода Независимости, которые создавали новые произведения Фалака на основе оригинальных произведений Фалака.

Ключевые слова: Фалак, Шашмаком, пение Фалака, памирский Фалак, Фалак-Мадхия, Роги, Равона, исполнение мадхии, Каландари, школа мастерства.

THE INFLUENCE OF THE "DAY OF FALAK" AND THE FALAK GENERATION OF THE INDEPENDENCE PERIOD

For the first time, the article provides information about the descendants of the celestials of the independence period and assesses their role in the development of the phenomenon of the celestials. New images of Falak have appeared on the professional scene, which have gained international recognition as a musical genre. During the period of Tajikistan's independence, Falak developed in all its glory and was subjected to research. As a genre of traditional professional music, it has officially gained its status and occupied a special position. One of the main directions in modern Tajik statehood is the revival of the development of national culture. It would not be an exaggeration to say that independence, as a rare phenomenon, has laid a solid foundation for the revival and development of professional music. During this period, professional music was revived, as well as the traditional Tajik music - Shashmaqom and Falak, creating a solid foundation for their research and education. The tradition of singing the series (silsilakhoni) developed precisely thanks to the Falak singers of the independence period, which created the new Falak works based on the original Falaks.

Keywords: Falak, Shashmaqom, Falak singing, Safari, Pamiri Falak, Falak Madhiya, Rogi, Dar, singing madhiya (ode), Qalandari, art school.

Дар бораи муаллиф
Бурҳонов Манучеҳр Раҳмонович
Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи сарояндагии анъанавӣ
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода, 155
E-mail: manuchehr_burhonov@mail.ru

Об авторе
Бурхонов Манучехр Рахмонович
Докторант по специальности (PhD) кафедры традиционное пение
Таджикская национальная консерватория имени Т. Сатторова
Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хусейнзода, 155
E-mail: manuchehr_burhonov@mail.ru

About the author
Burhonov Manuchehr Rahmonovich
Doctoral student (PhD) at the Department of traditional music
Tajik National Conservatory named after T. Sattorov
Tajikistan, Dushanbe, Huseinzoda, Str., 155
E-mail: manuchehr_burhonov@mail.ru

ТДУ 821.512.145.09:398

ҶАНБАҲОИ МАРДУМӢ ВА ФОЛКЛОРИИ АШЪОРИ САИД ХОЛЗОДА

Самизода Н. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар давраи Истиқлол ва хосса ба шарофати иқдомҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи арзишҳои миллӣ, суннатҳои мардумӣ ва расму ойинҳои қадимаи халқи тоҷик, ки барои болоравии сатҳи худшиносӣ ва худогоҳии мардум муҳим аст, роҳ кушода гардид. Дар партави ин қабил иқдомҳои фарҳангпарваронаи Пешвои миллат масъалаи омӯзиш, гирдоварӣ, таҳқиқ ва нашри осори шифоҳӣ ва дар маҷмуъ фарҳанги мардум, ки ганҷинаи бузурги дониш, маърифат ва хиради мардуми тоҷик аст, беш аз пеш муҳим ва мубрам мегардад, чунки адабиёти шифоҳии халқ махзани бебаҳои хираду маърифат, анъанаю суннатҳо ва таҷрибаи таърихии миллат мебошад. Ба ҳамин хотир, таҳқиқу омӯзиш, гирдоварӣ, таҳия ва нашри ин мероси гаронбаҳо дар ҳама даврaҳо арзиш ва аҳамияти хосса дошт. Дар заминаи мо бошад, ба шарофати Истиқлол ва озодиҳои мафкуравию маънавӣ ҷомеа ба дурдонаҳои пурбори ин хазинаи хираду маърифат ниёзи бештар пайдо кардааст.

Ғайр аз ин, ҷомеаи мо дар давраи Истиқлол беш аз ҳарвақта ба боло бурдани сатҳи худогоҳию худшиносӣ ниёз пайдо намуд. Ин масъала аз нукоти меҳварии мафкураи миллии халқи тоҷик дар замони муосир маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат ҳам омӯзишу тарғиби фарҳанги мардум метавонад, дар тарбияи наслҳои ҷавон муфид ва судманд бошад. Омилҳои номбурда дар давраи Истиқлол олимон, мардумшиносон ва хосса фолклоршиносонро водор намуда истодааст, ки дар таҳқиқу интишори густурда ва васеъи осори шифоҳии халқ, эҷодиёти шоирон ва гӯяндагони мардумӣ фаъолтар бошанд.

Бояд гуфт ки як бахши муҳим ва аз назари муҳаққиқон то андозае дурмондаи мероси шифоҳии халқ, ин ашъори шоирони мардумӣ мебошад. Ин гуруҳи адибон парварда ва камолёфта дар муҳити адабиёти шифоҳии халқ мебошанд. Ашъори онҳо саросар бозгӯйи адабию ҳунарии ормонҳои мардуми оддӣ аст. Омӯзиши аҳволу ашъори шоирони халқӣ имкон медиҳад, ки манзараи умумии инкишофи адабиёти китобӣ ва адабиёти гуфтории тоҷик, дар марҳиллаҳои гуногунии инкишофи онҳо равшан ва мукаммал тасавир гардад.

Дар қарни ХХ дар маҳалҳо ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон шоирони зиёди мардумӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки омӯзиши аҳволу осори онҳо аз ҷумлаи вазоифи аввалиндараҷаи муҳаққиқони адабиёти муосир ва фолклори тоҷик аст. Яке аз шоирони мардумии фаъол ва муваффақи мардуми тоҷик дар садаи ХХ Саид Холзода аст, ки намунаҳои ашъори ӯ ҳанӯз солҳои сиюм ва чилуми садаи ХХ дар матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои дастаҷамъӣ ба нашр мерасид.

Омили дигаре, ки моро ба таҳқиқи аҳволу осори шоири мардумӣ Саид Холзода водор сохт, ин дар солҳои охир як андоза аз назари фолклоршиносон дур мондани эҷодиёти шоирони халқӣ мебошад. Саид Холзода аз ҷумлаи шоирони мардумист, ки эҷодиёти ӯ то ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Ҳарчанд вай дар муҳити адабии солҳои 40-50 садаи ХХ аз ҷумлаи шоирони мардумии фаъол буд ва ашъораш пайваста дар матбуот, дар маҷмуаҳои алоҳида ба нашр мерасид. Таҳия ва нашри “Куллиёти ашъор”-и шоир дар соли 2013 таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба эҷодиёти Саид Холзода бештар гардонид. Дар замони зиндагии шоир мақому мартабаи адабию эҷодии ӯ аз тарафи шоирони маъруфи замон эътироф гардидааст. Ин нукта дар навиштаҳои Абдусалом Деҳотӣ, Раҷаб Амонов, Асадулло Суфизода, Баҳром Шермуҳаммадов ва дигарон борҳо таъкид шудааст. Саид Холзода аз ҷавонӣ дар баробари омӯзиши ашъори классикони адабиёти мо дилбохтаи шеърҳои инқилобии устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аҷзӣ, Мунзим, Пайрав Сулаймонӣ гардида, дар пайравии онҳо машқи шеър менамуд. Дар марҳиллаи аввали эҷодиёти худ Саид Холзода бештар дар пайравии ашъори шоирони касбию мардумӣ, бо истифода аз зарфиятҳои адабию ҳунарии назми шифоҳию китобӣ шеър гӯяд. Дар шеърҳои аввалини шоир хонанда ба пуррагӣ эҳсос мекунад, ки каломи шоиронаи Саид Холзода аз умқи дилу андешаи мардум сарчашма мегирад, чунки шоир аксари шеърҳои давраи аввали эҷодиёташро ба мавзуъҳои дар ҳамон солҳо доғу муҳим, аз қабили озодӣ, дӯстию бародарии халқҳо, тарғиби меҳнати ҳалол, баробарии иҷтимоӣ, озодии занон, танқиду маҳкуми беадолатӣ ва ғайра бахшидааст. Ин ашъор далели эҳсоси баланди шаҳрвандӣ ва бо замона ҳамқадам будани шоирро собит

месозад. Оҳанги реалистӣ ва воқеиятгароёнаи сухан ашъори Саид Холзодаро таровати хосса мебахшад, ки ин ҳам аз муҳассаноти шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир аст.

Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва давраҳои баъдиҷангӣ Саид Холзода бо вуҷуди бар дӯш доштани масъулиятҳои гуногун, фаъолияти босамари адабию эҷодиашро идома дода, як силсила шеъру достонҳоро дар сабки назми шифоҳӣ ба нашр мерасонад. Соли 1954 нахустин достони шоир бо номи “Ду ҳаёт” бо тавсия ва роҳнамоии шоири дар он солҳо шуҳратманди тоҷик Абдусалом Деҳотӣ дар шакли китоби алоҳида ба нашр мерасад, ки он ба таври комил Саид Холзодаро ҳамчун шоири мардумӣ ба ҷомеаи адабӣ ва хонандагони ҳамон солҳо муаррифӣ мекунад.

Шоирони маъруфи тоҷик А. Деҳотӣ баъди мутолиа достони “Ду ҳаёт”-и Саид Холзодаро тавсия менамояд, ки он ҳамчун асари ёддоштӣ барои бачаҳо дар шакли китоби алоҳида нашр карда шавад [2, с. 206].

Бояд гуфт, ки ин достон асари шарҳиҳолӣ буда, он аз ду қисм иборат аст. Қисмати аввали достон “Ёди рӯзҳои аламнок” унвон дошта [2, с. 42], муаллиф дар он собиқаи рӯзгори пуразоби аҳли оилаи худро, ки бар асари нобасомонии зиндагӣ аз ин шаҳр ба он шаҳр ва аз ин деҳа ба деҳаи дигар кӯч мебандад, тасвир мекунад. Дар ин бахш инчунин, бедодгариҳои бойҳои маҳаллӣ, азобу шиканҷаи мардуми камбағал хеле равшан ба қалам дода мешавад ва он дорои аҳамияти хоссаи тарбиятӣ ва ахлоқист. Шоир амалдори маҳаллӣ, эшони Қориро ба гови нухшорӣ, яъне сершуда ташбеҳ дода менависад:

Бархест эшони Қорӣ,
Мисли гови нухшорӣ.
Сувор шуд он амалдор,
Аз бойҳо шуд миннатдор [2, с. 43].

Ин достон аз бисёр ҷиҳат ба асарҳои ёддоштию тарҷумаҳолӣ шабоҳат дорад, зеро дар он на танҳо хотираҳои айёми ҷавонӣ, рӯзгори нобасомони аҳли хонаводааш, мусофирату ҳичрати оилаашон бар асари тангдастию душвориҳои зиндагӣ муфассал тасвир мешавад. Шоир бардоштҳо ва мушоҳидаҳои замони кӯдакию наврасии худро аз назари таҳқиқ ва таҳлил гузаронида, табқи завқу салиқаи адабӣ ва дараҷаи ҷаҳоншиносии хеш ба қалам медиҳад. Ин достон воқеаҳои гуногун, ҳодисаю бархурдҳои инсонӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Муаллиф дар баёни ҳодисаю воқеаҳо аз усули нақли суннатии омиёна, ки хоси достонҳои фолклорист истифода мекунад ва ин шеваи нақл ҷанбаи мардумию фолклории достони “Ду ҳаёт”-ро ба маротиб меафзояд. Шоир сухани соддаю омафаҳмро меписандад ва дар нақлу тасвирҳояш аз лаҳни каломи мардумӣ фаровон истифода мекунад. Ин шева ва сабки тасвир дар ашъори шоирони халқӣ ҳусни сухан ва баёни бадеист.

Осори Саид Холзода барои омӯзиши ҳаёти иҷтимоии ибтидои асри ХХ-и тоҷик, бедории фикрӣ, тағйири сохти ҷамъиятӣ, ҳаёти нави иҷтимоӣ, зиндагии мардуми бечораву бенаво маводи хуб мебошад. Шоир дар достонҳои “Ду ҳаёт”, “Инқилоб”, “Саргузашти ҷабрдида”, “ Ишқи модар” , “Имдоди Ленин” рӯзгори хеш ва ҳазорон нафар мардуми бечораро ба риштаи тасвир кашида, дар баёни мавзуҳои иҷтимоӣ муваффақ гардидааст.

Саид Холзода мисли ҳамаи адибони муосираш фарзанди замони хеш буд ва дар ашъораш беш аз ҳама ормонҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҳамон давра васфу тараннум мегардид.

Таҳқиқи зиндагиномаи шоир собит месозад, ки Саид Холзода бо сабаби марги нобаҳангоми модар ва аз як ноҳия ба ноҳияи дигар кӯчидани аҳли хонавода ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, Саид Холзода таҳсилро идома медиҳад ва курсҳои маҳви бесаводиро дар шаҳри Хуҷанд хатм намуда, як мудат дар деҳоти дурдасти водии Фалғар ба касби муаллимӣ машғул мешавад. Дар солҳои чилуми садаи ХХ Саид Холзода дар сафи ҷавонони фаъоли ҳамон солҳо дар бунёди ГЭС-и Варзоб ва иншоотҳои дигар фаъолона иштирок мекунад ва дар баробари ин эҷоди шеър низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Саид Холзода мегардад. Аввалин намунаҳои ашъори ӯ, чунин ки зикр гардид, дар солҳои чилум дар матбуоти даврӣ ба нашр мерасад. Шеърҳои “Шарҳи замона”, “Ватан-модар”, “Варзоби азиз”, “Партави ҳаёти нав”, “Таассуроти Маскав”, “Имдоди Ленин”, “Ишқи модар” ва ғайра намунаи ашъори дар он солҳо эҷоднамудаи шоир мебошад. Дар маҷмуъ аз шоир 190 байт ашъори лирикию иҷтимоӣ, 8 достон, 12 манзума, 5 маснавӣ, 4 ғазал, 64 рубоӣ ва анвои дигари шеърӣ ба мерос мондааст, ки онҳо қобили андеша ва таҳқиқанд. Аксари асарҳои шоир ба воқеаҳо ва ҳодисаҳои муҳимми таърихии ҳамон солҳо бахшида шуданд ва бо гузашти замон ин ашъор арзиш ва ҷанбаҳои амиқи таърихӣ ва маърифатӣ касб менамояд.

Бояд гуфт ки анвои шеърии осори Саид Холзода, ки аксаран жанрҳои суннатии назми классикист, вижагиҳои хосси мардумӣ низ доранд. Дар ин ашъор дар баробари мазмуну муҳтаво, ки аз рӯзгори мардуми меҳнатию оддӣ қисса мекунанд, сабку лаҳни хосси забонӣ ба мушоҳида мерасад ва ин шеваи нигориш ба ашъори шоир ҷилои хоси сабкӣ мебахшад. Ба ибораи дигар, Саид Холзода мазмунҳои фолклориро дар қолабҳои суннатии шеърӣ, бо як сабки соддаю омиёна баён мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳам метавон ӯро дар сафи шоирони мардумӣ, ки дар давраи зиндагии шоир бо ашъори мардумиашон, бо лаҳну забон ва сабки баёни соддаю равонашон маъруф буданд, метавон гузошт. Ин нуктаро аксари олимону адибоне, ки ба эҷодиёти Саид Холзода таваҷҷуҳ карданд, дар навиштаҳояшон ишорат намуданд.

Бояд гуфт ки ҳарчанд Саид Холзода дар сабки назми шифоҳӣ шеър гуфтааст, вале дар истифодаи анвои шеърӣ вай суннатҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикро ба пуррагӣ риоят кардааст. Ин нуктаро корбурди фаровони анвои шеърии фардбайт, рубоӣ, манзума, суруд, маснавӣ, ғазал ва ғайра дар эҷодиёти шоир собит месозад [7, с. 129]. Шоир таасуроти худро аз паровози нахустин киштии кайҳонии Шуравӣ чунин баён мекунад:

Фалакпаймои мо мушак, ҳаме бешубҳаю бешак,
Зи қутби Моҳ бар Зуҳал нишон бигрифт аз Маскав [10, с. 376].

Мутолиаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода нишон медиҳад, ки ӯ бештар ба таълифи достон майл доштааст. Мавзуҳои мавриди назари шоир, ки аксар ҷанбаи ҳамосӣ доранд, тасвирҳои муфассал ва пурдоманаро тақозо мекунанд. Ба ин нукта худ ба унвони достонҳои шоир низ ишорат мекунанд: “Ду ҳаёт”, “Имдоди Ленин”, “Чоҳкан зери чоҳ”, “Саргузашти ҷабрдида”, “Инқилоб” ва ғайра асарҳое ҳастанд, ки дар ҳавои манзумаҳои мардумӣ эҷод шудаанд ва ҷанбаҳои устувори иҷтимоию таърихӣ доранд. Чунончи ишора шуд, достони “Ду ҳаёт”, ки асари ёддоштию тарҷумаиҳолист соли 1963 эҷод мешавад. Устод Абдусалом Деҳотӣ дар ҳамон солҳо, баъди мутолиаи ин асар тавсия менамояд, ки достони Саид Холзода дар қатори “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода дар шакли китоби алоҳида чоп ва дастраси хонандагон гардонида шавад.

Устод С. Табаров дар як мақолааш Саид Холзодаро дар қатори шоирони маъруфи халқии ҳамон солҳо Саидали Вализода, Ҳомид Саид, Давлатшоҳи Помирӣ, Қурбоналӣ Рақаб ном бурда, аз саҳму нақши онҳо дар тасвир ва васфу тараннуми меҳнат, дӯстӣ, сулҳ, ободӣ, созандагӣ ва ғайра ёд мекунад [9, с. 42]. Таъкид мешавад, ки шоирон бо ҳунару истеъдоди хоси адабию эҷодиашон назми шифоҳиро аз лиҳози мазмуну мӯҳтаво ва ҳунари адабӣ ба назми китобӣ наздик карда истодаанд. Масъалаи корбурди арӯзи суннатиро дар ашъори Саид Холзода бояд ба таври алоҳида баррасӣ намуд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки шоир дар ашъораш бештар аз авзони баҳри ҳазаҷ, рамал, рақаз, музореъ ва ғайра истифода намудааст. Дар ашъори лирикӣ бошад Саид Холзода бештар аз баҳрҳои хушоҳанг кор мегирад:

Ишқам ба дилам забона дорад,
Донам, ки чаро баҳона дорад [10, с. 313].

Ин қабил ашъори шоир аксаран хушоҳанг, гушнавоз, равон ва мутантан мебошад. Ҳамин гуна ҳунари эҷодиро дар қофиясозиҳои шоир ҳам метавон ба мушоҳида гирифт. Саид Холзода дар баробари риояти меъёрҳои қофиябандии назми шифоҳӣ аз навъҳои ҷадиди қофия, аз ҷумла, қофияи салибӣ ҳам истифода мекунад. Ин шакли қофиябандӣ одатан дар ашъори чаҳормисраъӣ истифода мешавад.

Омад шарик бо ман,
Рӯзонаю шабона.
Ман бо ғаму ба ман ғам,
Бо тиру бо нишона [10, с. 319].

Чунон ки мебинем, шакли қофиябандии абёти мазкур *аб аб* мебошад. Саид Холзода дар ашъораш бештар аз қофия ва радифҳои солим кор мегирад, ки ин далели бо услуби адабӣ ва поэтикаи суннатӣ ошноии комил доштани ӯст.

Истифода ва корбасти санъатҳои бадеӣ, забон, сабки баён ва вижагиҳои дигари адабию ҳунарӣ дар ашъори Саид Холзода ҷолиби диққат мебошад. Ҷои таъкид аст, ки шоир тавассути истифодаи забон, санъатҳои бадеӣ, тарзу шеваҳои мардумии ифодаи бадеӣ ва ғайра як навъ вижагиҳои назми шифоҳӣ ва назми китобиро ба ҳам омезиш медиҳад, ки он дар шаклгирии сабки фардии Саид Холзода нақши калидӣ мебозад. Шоир дар баёни матолиби мавриди назараш қариб аз ҳамаи қабатҳои луғавии забон, аз ҷумла, вожаҳои рангину зебои маҳаллию мардумӣ мисли сувора, қуртуқ, сурук ва калимаҳои ба истилоҳ итернатсионалистӣ, аз қабили сводка, ферма, фабрика, сигнал, союз ва ғайра, ки дар он солҳо

дар забони гуфтугӯии мардум роиҷ буд, фаровон истифода мекунад. Ин ҷиҳати шеваи баёни шоир ҷанбаҳои мардумӣ ва фолклории ашъори ӯро меафзояд.

Нуктаи дигари дар ин мавриди қобили зикр он аст, ки Саид Холзода шоире аз байни халқи оддӣ барҳоста мебошад. Кӯлбори шоирии ӯ на танҳо аз ганҷинаи адабию ҳунарии шеъри классикӣ, балки аз маърифату хирад, завқу дарки бадеӣ ва ҳикмати рӯзгори мардуми оддӣ саршор аст. Шоир бо як маҳорати хоси адабӣ аз ин ду ганҷинаи бузурги тафаккури адабии халқи тоҷик дар эҷодиёташ дониста ва бомаврид истифода мекунад. Суннатҳо ва зарфиятҳои адабиёти классикӣ дар баёни мазмунҳои омиёна, дар шеъри Саид Холзода хеле ба ҳам ҷӯр меоянд ва яке дигареро такмил месозад. Ин фазилати адабию эстетикӣ хосси ашъори аксари шоирони халқии тоҷик С.Вализода, Ю.Вафо, Карим Девона, Ҳ.Ризо ва дигарон мебршад. Ба ибораи дигар, ин суннати адабию эҷодӣ дар ашъори шоирони халқӣ як амри қонунист.

Ба таври куллӣ, эҷодиёти шоири мардумӣ Саид Холзода як рукни муҳимми фарҳанги миллии мо мебошад. Омӯзиш ва таҳқиқи ашъори шоирони мардумӣ, аз ҷумла адибони халқии камтаҳқиқшуда, мисли Саид Холзода имкон медиҳад, ки пайвандҳои устувору табиии адабию ҳунарии байни адабиёти гуфторӣ ва навиштории тоҷикӣ ба таври илмӣ асоснок гардад. Аз ин дидгоҳ, метавон ба чунин натиҷа расид, ки Саид Холзода ҳамчун шоири мардумӣ дар эҷодиёти рангину пурғановаташ аз осори шифоҳию фолклорӣ илҳом гирифта, аз худ ашъори арзишмандеро ба мерос гузоштааст. Омӯзиш ва таҳқиқи аҳволу осори Саид Холзода арзиши муҳими эстетикӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва маънавию фарҳангӣ дошта, барои омӯзиши муфассалтари ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар асри ХХ аз ҳар ҷиҳат муҳим арзёбӣ мешавад.

Адабиёт

1. *Асрорӣ, В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.*
2. *Деҳотӣ, А. Куллиёт [Матн] / А. Деҳотӣ. Ҷилди 5. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 472 с.*
3. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.*
4. *Раҳмонӣ, Р. Қосимӣ, С.А. Адабиёти гуфтории тоҷикон [Матн] / Р. Раҳмонӣ, С.А.Қосимӣ. – Душанбе: 2020. – 352 с.*
5. *Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: Дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ [Матн] / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2021. – 534 с.*
6. *Раҳмонов, Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик [Матн] / Р. Раҳмонов. – Душанбе: Сино, 2008. – 112 с.*
7. *Саидов, С. Назарияи адабиёт. [Матн] / С.Саидов.– Душанбе: Маориф, 2016. – 329 с.*
8. *Саидов, С. Холзода ва мероси адабии ӯ // Куллиёти ашъор [Матн] / С. Саидов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 383 с.*
9. *Табаров, С. Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 101с.*
10. *Холзода, С. Куллиёти ашъор [Матн] / С. Холзода. Мураттиб ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳот С. Саидов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 383 с.*

ҶАНБАҲОИ МАРДУМӢ ВА ФОЛКЛОРИИ АШЪОРИ САИД ХОЛЗОДА

Дар мақол заминаҳо ва омилҳои зуҳури ҷанбаҳои фолклории ашъори Саид Холзода баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки Саид Холзода аз ҷумлаи шоирони мардумист, ки эҷодиёти ӯ то ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Ҳарчанд вай дар муҳити адабии солҳои 40-50 садаи ХХ аз ҷумлаи шоирони мардумии фаъол буд ва ашъораш пайваста дар матбуот, дар маҷмуаҳои алоҳида ба нашр мерасид. Таҳия ва нашри “Куллиёти ашъор”-и шоир дар соли 2013 таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба эҷодиёти Саид Холзода бештар гардонид. Осори Саид Холзода барои омӯзиши ҳаёти иҷтимоии ибтидои асри ХХ-и тоҷик, бедории фикрӣ, тағйири сохти ҷамъиятӣ, ҳаёти нави иҷтимоӣ, зиндагии мардуми бечораву бенаво маводи хуб мебошад. Ҷои таъкид аст, ки шоир тавассути истифодаи забон, санъатҳои бадеӣ, тарзу шеваҳои мардумии ифодаи бадеӣ ва ғайра як навъ вижагиҳои назми шифоҳӣ ва назми китобиро ба ҳам омезиш медиҳад, ки он дар шаклгирии сабки фардии Саид Холзода нақши калидӣ мебозад. Дар мақола андешаи мазкур бо таҳлилҳои муфассал собит карда мешавад.

Калидвожаҳо: фолклор, ашъор, достон, Саид Холзода, забон, ҳунари шоирӣ,санъатҳои бадеӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, адабиёти шифоҳӣ, жанр.

НАРОДНЫЕ И ФОЛЬКЛОРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ САИДА ХОЛЗОДЕ

В статье рассматривается проблемы фольклорные и народные особенности творчество Саида Холзоде. Надо отметит, что творчество Саида Холзода является одним из малоизученных тем таджикской фольклористики и литературоведения. В сороковых годов ХХ века он был популярен и

его поэзии часто опубликовалось в периодические издания того времени. Только после издания полного собрания сочинения поэта в 2013 году исследователи обратили внимания на поэзии Саида Холзода. Его творчество для изучения социальной жизни начало XX века, трансформации общественного строя, пробуждения самопознания народа, улучшения жизни и.т.д очень важно. Поэт своих творческих замыслов выражает простим народным языком, которое приближает его поэзию к фольклору. Именно этой особенности творчестве поэта является стилеобразующим фактором. Данное проблема подробно рассматривается в названной статья.

Ключевые слова: фольклор, поэзия, поэма, Саид Холзода, язык, поэтическое мастерство, социальный жизнь, устная литература, жанр.

FOLK AND FOLKLORE FEATURES OF SAID KHOLZODE'S POETRY

The article examines the problems of folklore and folk features of Said Kholzode's work. It should be noted that Said Kholzode's work is one of the little-studied topics of Tajik folklore and literary studies. In the forties of the twentieth century, he was popular and his poetry was often published in periodicals of that time. Only after the publication of the complete collection of the poet's works in 2013, researchers paid attention to the poetry of Said Kholzod. His work is very important for studying the social life of the early twentieth century, the transformation of the social system, the awakening of self-knowledge of the people, improving life, etc. The poet expresses his creative ideas in a simple folk language, which brings his poetry closer to folklore. It is this feature of the poet's work that is a style-forming factor. This problem is discussed in detail in the named article.

Keywords: folklore, poetry, poem, Said Kholzoda, language, poetic skill, social life, oral literature, genre.

Дар бораи муаллиф
Самизода Нисо Шарбат
Омӯзгори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: samievaniso@gmail.com

About the author
Samizoda Niso Sharbat
Lecturer of the department of theory and history of literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: samievaniso@gmail.com

Об авторе
Самизода Нисо Шарбат
Преподаватель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: samievaniso@gmail.com

ТДУ 82.081

ТАСНИФ ВА ТАБАҚАБАНДИИ ТАРҶУМА

Бобоалиева З. П.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Дар илми тарҷумашиносӣ перомуни таснифи тарҷума назариёти зиёде мавҷуд буда, дар ҳавзаҳои мухталифи тарҷумашиносии олам аз ҷониби муҳаққиқон табақабандии навъҳои гуногуни он сурат гирифтааст, ки ағлаб зидду нақиси якдигаранд. Ҳамзамон, ин назариёт ба як шакл, сохтор ва дар чаҳорчӯбаи муайяне, ки битавонад ҷиҳати шинохту фарқи анвоъ, навъ, равиш, вижагиҳо ва сифати тарҷума кӯмак бирасонад, то кунун дароварда нашудааст. Ин замина бар он мешавад, ки дар раванди дарку шинохти анвои тарҷума зиёдии иттилоъ ва мавод омехтагию мураккабиро ба миён орад, ки шахс метавонад дар ин росто роҳгум занад.

Перомуни навъ ва вижагиҳои тарҷума кулли донишмандони соҳа корҳои шоистаеро анҷом додаанд, ки дар ин ҷо аз таҳқиқотҳои Я.И. Ретскер, Федоров, Л.С. Бархударов, М. Бейкер, В.Н. Комиссаров, Л.П. Крысин, П. Ньюмарк, Л.Л. Нелюбин, Г.Т. Хухуни, А. Паршина, С.В. Тюленев, Р.О. Ҷейкобсон, М. Кадрик, Марчук ва дигарон ёд кард. Аммо ин ҳама таҳқиқотҳо ба суоли матраҳ, ки то ҷое битавонад хостаҳои муроҷинро қонеъ кунад, дақиқият ворид накардааст ва дар ин росто хулосаи ягонаю умумие низ то кунун пешниҳод нагардидааст. Танҳо дар ин садад соли 2009 китоби дарсии Семенова Марина Юрьевна бо номи «Основы перевода текста» («Асосҳои тарҷумаи матн») ба чоп расид, ки ба андешаи инҷониб ба мавзуи баҳси мавриди назари мо як андоза равшанӣ андохт. Ин асар дар заминаи таҳқиқотҳои олимони фавқ ва пажӯҳишу хулосаҳои муаллиф таҳия гардидааст. Дар ин дастури таълимӣ навъ ва вижагиҳои тарҷума ба ҳадди имкон ба як низоми муайян ворид карда шудааст, ки ҷиҳати дарк ва фаҳми саҳлтари анвоъ ва хусусиятҳои тарҷума бисёр муҳимму арзишманд мебошад.

Баҳси дарку фаҳми тарҷума бештар дар фароянди фарқи усулҳо ва равишҳои тарҷума ба миён меоянд, ки яке аз ин масъалаҳо тарҷумаи сифатӣ мебошад. Мутахассиси барҷастаи соҳаи тарҷума ва донишманди сатҳи ҷаҳонӣ Питер Нюмарк мавҷудияти ҳашт равиши тарҷумаи сифатиро дар назар дорад: тарҷумаи таҳтуллафзӣ, калима ба калима, вафодор, маъноӣ, мутобиқшуда, озод, идиомавӣ ва иртиботӣ [12, с. 81]. Мавсуф чунин андеша дорад, ки «Ҳарчанд усулҳои тарҷума барои матни пурра дахл доранд, аммо равишҳои тарҷума барои ҷумлаҳо ва воҳидҳои хурдтари забон истифода мешаванд» [12, с. 81].

Таснифи усулҳо ва равишҳои тарҷума, ки аз ҷониби Питер Нюмарк пешниҳод шудааст, қисман бо таснифоти забоншиносону тарҷумашиносони фаронсавӣ Жан Пол Вине ва Жан Дарбелне мувофиқат мекунад, аммо табақабандии П. Нюмарк хеле муфассалтару комилтар аст.

Ҷиҳати дарк ва таснифи анвои тарҷума (виды перевода) ва вижагиҳои он (особенност) Семенова Марина Юрьевна фарқ намудани чаҳор асос ё заминаро (основы) пешниҳод менамояд: 1. Сифати тарҷума (Качество перевода). 2. Хислат ва ё хусусияти маводи тарҷумашаванда (Характер переводимого материала). 3. Шакли нутқ (Форма речи). 4. Ҳаҷми иттилоот (Объем информации) [9, с. 15-16].

Заминаҳои дигарро, ки аз рӯйи миқдор панҷум ва шашум мешаванд, мо иҷрокунанда ва ширкакунандагони ҷараёни тарҷума мешуморем.

Дар зер мекӯшем, бо назардошти ин заминаҳо анвоъ ва вижагиҳои тарҷумаҳоро, ки ба ҳар зергурӯҳ шомил кардаем, баррасӣ ва матраҳ намоем.

А. Нахустин замина асосҳои сифатии тарҷума (качество перевода) мебошад, ки барои фарқи сифати тарҷумаи анҷомдодашуда метавон навъҳои онро чунин тасниф кард:

1. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ (дословный перевод), ки онро ба ибораи дигар тарҷумаи калима ба калима (перевод слово в слово) низ меноманд. Аммо донишманди соҳа Я.И. Ретскер чунин пешниҳод менамояд, ки «Бояд байни тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва калима ба калима фарқ гузошт, зеро ағлаб ин ду навъи тарҷумаро омехта месозанд» [8, с. 34].

Дар «Толковый переводоведческий словарь» («Фарҳанги тафсирии тарҷумашиносӣ») тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар ҳашт банд тавзеҳ дода шудааст, ки дар кул ин андешаро фаро

мегиранд: равиши тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз он иборат аст, ки сохтори наҳвии забони аслӣ бо нигоҳ доштани маҷмуи калимаҳо ва ба тартиб омадани онҳо ба сохтори шабеҳи забони тарҷумашаванда табдил меёбанд [7, с. 51].

Ба ақида мо, агар тарҷумаи таҳтуллафзӣ, дар ҳадде ки сарф ва наҳви забони мабдаъ ва забони мақсад ба ҳам мувофиқ афтанд, он гоҳ қобили қабул аст ва хато ҳисобида намешавад. Яксонсозии сарфӣ метавонад ба мутбоиқати комили воҳидҳо ва тартиби ҷойгиршавии онҳо дар матни аслӣ ва матни тарҷума ба миён ояд. Дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ воҳидҳои наҳвии ғайримуодил ҳазф мешаванд.

2. Тарҷумаи айнан (буквальный перевод) - ағлаб ин навъи тарҷумаро бо тарҷумаи таҳтуллафзӣ омехта ва як мешуморанд. Истифодаи тарҷумаи айнан дар муқоиса бо тарҷумаи таҳтуллафзӣ ҳамеша ба тағйири матни аслӣ ё нормаҳои забонӣ оварда мерасонад. Ду навъи тарҷумаи айнан мавҷуд аст: айнияти этимологӣ (этимологический буквализм), ки ба сохтори зоҳирии графикии калимаҳои забонҳо дахл дорад ва айнияти маъноӣ (семантический буквализм), ки ба маънои забонҳо дахл дорад. Муодилнокӣ танҳо дар сатҳи аломатҳои забонӣ, бидуни дар назар гирифтани иттилоот дар сатҳи дигари муҳтавои матнро мефаҳмонад ва инчунин, тарҷума дар сатҳи поёнтар аз сатҳе анҷом дода мешавад, ки барои интиқоли нақшаи бетағйири муҳтаво бо риояи меъёрҳои забони тарҷума зарур аст [7, с. 27].

Тарҷумаи айнан аз интиқоли сохтори ҷумлаҳо бидуни тағйир додан ва дигаргуниҳои назаррас дар тартиби калимот иборат аст. Масалан, дар ҳолате, ки ҷумлаи русӣ ва ё англисӣ сохтори монанд ба забони тоҷикиро дорад, онро метавон бидуни вайрон кардани меъёрҳои грамматикӣ ва мантиқи фикр истифода кард, пас дар ин маврид тарҷумаи айнан қобили қабул аст.

3. Тарҷумаи озод (свободный; волный перевод) - барои тавзеҳи ин навъи тарҷума В.Н. Комиссаров чунин таърифро ироа кардааст: «Тарҷумае, ки дар сатҳи поёнтар аз муодил анҷом дода шудааст, нисбат ба он ки дар шароити амали муайяни тарҷума имконпазир аст» [4, с. 412].

Тарҷумае, ки маълумоти асосии аслро бо инҳирофҳои эҳтимолӣ фаро мегирад, аммо онро дар бар намегирад. Тарҷумаи иттилооти калидӣ бидуни ба назар гирифтани аҷзои расмӣ ва маъноии матни мабдаъ [7, с. 32]

Тарҷумаи озодро бештар дар раванди тарҷумаи осори динӣ, бадеӣ ва публитсистӣ метавон мушоҳида кард. Ағлаб мутарҷимон аз ин навъи тарҷума дар раванди баргадонидани осори манзум, махсусан дар тарҷумаи сурудҳо, масалҳо, ашъори танз ва дигар қолабҳои шеърӣ истифода мебаранд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ин навъи мутун теъдоди зиёди намунаҳои вожабозии ғайриқобили тарҷума, санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳо, ҳаҷву танз, воҳидҳои фразеологӣ дар асоси истилоҳоти минтақашиносӣ ва ғайра мавҷуд аст. Дар фароянди тарҷумаи озод мумкин аст, ки ҷузъе ҳазф ва ё изофа карда шавад.

4. Тарҷумаи мукаммал (мувофиқ; пурра; тарҷумаи баробар) Тарҷумаи муносиб ва комил, интиқоли саҳеҳ, дақиқ ва пурраи вижагиҳо, муҳтавои нусхаи аслӣ ва шакли забониро бо дарназар гирифтани тамоми хусусиятҳои сохтор, сабк, луғат ва грамматика, бо дурустии бенуқсони забоне, ки дар он тарҷума анҷом дода мешавад [7, с. 14]. Дар ин навъи тарҷума ҳадафи мутарҷим расонидани муҳтавои матни аслӣ ба репсипиент буда, дар баробари ин, ягон нормаҳои забонӣ вайрон карда намешавад ва он аз нигоҳи жанру услуб ба асл мувофиқати комил дорад. Ҳамчунин, ин навъи тарҷума на танҳо муҳтавои матнро интиқол медиҳад, балки дигар вазифаҳои густурдатар аз онро иҷро мекунад. Мусалламан, таъкид бояд кард, ки аз ин навъи тарҷума на танҳо дар мавриди тарҷумаи бадеӣ кор гирифта мешавад, инчунин дар фароянди тарҷумаи матнҳои илмӣ, илмӣ-техникӣ, илмӣ-оммавӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто иттилооти рӯзномавӣ низ, ки услуби хосси худро дорад, бояд истифода бурд.

5.Тарҷумаи байнихаттӣ /сатр ба сатр/ байнисатрӣ (подсрочний перевод) дар «Толковый переводоведческий словарь» («Фарҳанги тафсирии тарҷумашиносӣ») дар ду банд тавзеҳ дода шудааст: «1. Дар назарияи тарҷумаи бадеии шоирона, тарҷумаи байнисатрӣ дар фароянди тарҷумаи матни манзум бо риояи меъёрҳои асосии луғавӣ ва грамматикии забони мабдаъ, ки вазифаи ба таври умумӣ шинос кардани хонандаро бо муҳтавои матни аслӣ дорад, иҷро мекунад. Ағлаб тарҷумаи байнихаттӣ қайдҳои мутарҷим аст, ки вижагиҳои шакли аслиро

тавзеҳ медиҳад. 2. Санад ё матне, ки дар натиҷаи байнисатрӣ (байнихаттӣ) ба даст меояд» [7, с. 156]

Тарҷумаи байнисатрӣ бавижа ҳангоми тарҷумаи мутуни манзум истифода бурда мешавад. Дар мавриде, ки як мутарҷим забони аслиро ба хубӣ медонад ва нахуст тарҷумаи байнисатрии бидуни қофияро таҳия мекунад ва сипас шоире, ки каме бо забони аслӣ ошно аст дар асоси тарҷумаи байнихаттӣ тарҷумаи широнаро эҷод мекунад.

Ин навъи тарҷума дар соҳаи илм, бавижа таърих ва асноди таърихӣ низ ривоҷ ёфтааст. Зеро дар ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ дақиқият яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва сабк аҳаммияти чандоне надорад.

6.Тарҷумаи шоирона (поэтический первод). Шакли эҷодиёти шоирона ва аммо он ҳам як навъи махсуси иртиботи иҷтимоӣ аст - аз мардум ба мардум, аз қалб ба қалб. Бинобар ин, рисолати бузурги мутарҷим ин аст, ки набзи дили шоирро шунавад, ки дар ашъори ӯ танинандоз аст, то битавонад ин тапишро ба шеъри забони мардуми худ мунтақил диҳад ва ба ин васила ба кори ғайримумкин ноил шавад; тарҷумаи шеъри як мардум ба забони мардуми дигар бидуни таҳрифот ба матни аслӣ [7, с. 162]

Ҳамин тариқ, тарҷумаи шоирона ва ё тарҷумаи манзум навъи хоссе аз тарҷумаи бадеӣ мебошад, ки дар фароянди он бояд қолаби шеъри матни аслӣ ба нусхаи матни тарҷума интиқол дода шавад.

7.Тарҷумаи мошинӣ (машинный перевод) тарҷумаи худкори (автоматӣ) матн дар асоси барномаи мушаххас, ки тавассути компютер анҷом дода мешавад [7, с. 107].

Мафҳуми тарҷумаи мошинӣ (механикӣ) соли 1933 ба вуҷуд омадааст, аммо аз далели набудани пояи фаннӣ (техникӣ) он амалӣ карда намешуд. Танҳо пас аз пайдоиши фановарии муҳосиботии (техникаи ҳисоббарорӣ) муосир ва бурузи компютерҳои ҳозиразамон (миёнаи асри ХХ) тадқиқот дар соҳаи тарҷумаи мошинӣ босуръат инкишоф ёфта, истифодаи босамари он ба роҳ монда шуд.

Б. Хусусияти (хислати) маводи тарҷумашаванда (характер переводимого материала).

1. Тарҷумаи бадеӣ/адабӣ (художественный/литературнный первод). Тарҷумаи бадеӣ тарҷумаи осори бадеиеро меноманд, ки вазифаи он таъсири зебоишинохтиро (эстетикӣ) дар қиёс бо матни аслӣ ба хонанда расонидан мебошад.

Навъи тарҷумаест, ки дар соҳаи адабиёти бадеӣ истифода мешавад. Абзоре барои тавсеаи фарҳанги ҷаҳонӣ, густариши ҳофизаи ҷамъи башарият, омили худи маданият. Мабнои назарии он назарияи адабии тарҷума аст, ки ҷиҳати ҳалли масоили таърихӣ ва адабӣ низ нигаронида шудааст. Тарҷумаи адабиёти бадеӣ. Дар тарҷумаи осори бадеӣ танҳо як қоида вуҷуд дорад, интиқоли руҳи асари тарҷумашуда, ки онро ҷуз ба русӣ интиқол додан имконнопазир аст, зеро худи муаллиф, агар рус мебуд, онро ба забони русӣ менигошт [7, с. 246].

2. Тарҷумаи иттилоотӣ/тарҷумаи махсус (информативный (специальный) перевод) ин навъи тарҷума дар луғати мавриди назари мо дар ду банд шарҳ дода шудааст: «1. Тарҷумаи маводи марбут ба ин ё он соҳаи илму дониш бо номгузории истилоҳотии хосси худ; 2. Ин тарҷумаи иттилоотӣ-иртиботӣ (забонӣ) аст, ки бо номгӯи истилоҳоти худ ба бахшҳои муайяни илму дониш хидмат мекунад; дар ҳавзаҳои иртиботӣ дар заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, илмӣ, техникӣ, ҳарбӣ, идорӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, рӯзноманигорӣ ва соири мавзуот ва ҳавзаҳои мавзуии хос, аз ҷумла мавзуъҳои иртиботӣ ва муошарати забонии рӯзмарра. Мабнои назариявии тарҷумаи махсусро назарияи забоншиносии тарҷума ташкил медиҳад» [7, с. 75].

Г. Шакли нутқ (форма речи). Дар адабиёти илмии ба тарҷумашиносӣ бахшидашуда, ба таснифоти шаклҳои асосии нутқ чунин унвон дода шудааст: таснифоти равоншиносӣ-забоншиносии тарҷума (психо-лингивтическая класификация переводов). Зеро он сохти матни тарҷумашаванда ва қабули онро нишон медиҳад. Бо назардошти шакли равоншиносӣ-забоншиносии тарҷума (психо-лингивтическая классификация переводов) онро ба ду навъ ҷудо менамоянд: тарҷумаи шифоҳӣ ва тарҷумаи хаттӣ.

Ба баррасии шакли нутқ дар тарҷума мепардозем. Чун аз ҷадвали замимагардидаи мо маълум гардид, он ба ду навъ: хаттӣ-хаттӣ (письменно-письменный) ва шифоҳӣ-шифоҳӣ (устно-устный) ҷудо карда мешавад. Ҳамзамон, дар назарияи тарҷума дар асоси ин ду навъи

тарҷума тарҷумаҳои хаттӣ-шифоҳӣ (письменно-устный) ва шифоҳӣ-хаттӣ (устно-письменный) табақабандӣ карда мешавад.

1. Тарҷумаи хаттӣ-хаттӣ (исьменно-письменный перевод) чун аз номи ин навъи тарҷума пайдост, ин навъи тарҷумаест, ки матлаби забони хориҷӣ ба забони мақсад хаттӣ сурат мегирад. Барои шарҳи бештар ба «Толковый переводоведческий словарь» («Фарҳанги тафсирии тарҷумашиносӣ») руҷуъ кардем, ки он чунин тавзеҳ дода шудааст: «Тарҷумаи хаттӣ-хаттӣ тарҷумаи хаттии матни хаттӣ аст: ҳарду забон – ЗА ва ЗТ дар шакли хаттӣ истифода мешаванд. Яке аз роиҷтарин анвои тарҷума. Ба мисли ҳамон тарҷумаи хаттӣ ва тарҷумаи тасвирӣ» [7, с. 153].

2. Тарҷумаи шифоҳӣ-шифоҳӣ (устно-устный перевод) дар фарҳанги мазкур ин навъи тарҷума чунин шарҳ ёфтааст: «Тарҷумаи шифоҳӣ - 1. Тарҷумаи шифоҳии матни шифоҳӣ: ҳарду забонҳо - ЗА ва ЗТ - ба сурати шифоҳӣ истифода мешаванд. 2. Ба мисли ҳамон тарҷумаи шифоҳӣ ба тариқи гӯш кардан» [7, с. 236]

Мутаносибан, бо дарназардошти қабули тарҷумаи шифоҳӣ ду зернавъи тарҷумаи шифоҳӣ вуҷуд дорад: тарҷумаи пай дар пай (последовательный перевод) ва тарҷумаи ҳамзамон (синхронӣ).

а) Тарҷумаи пай дар пай як навъи тарҷумаи шифоҳӣ буда, дар он тарҷумон пас аз анҷоми сухан ва ё қисмате аз сухани муаллиф, яъне пас аз хомӯш шудани ӯ тарҷумаашро сомон медиҳад. Ҳаҷми матни тарҷума метавонад гуногун бошад ва он аз сухангӯй вобастагӣ дорад. Ин метавонад изҳороти алоҳидае бошад, ки 20-30 дақиқа суханрониро дар бар гирад. Агар ҳаҷми маводи аслӣ бисёр бошад, пас дар раванди қабули матн ва суханронии ровӣ тарҷумон дар дафтари худ ёддошт кардани қисматҳои нутқи сухангӯ дорад.

б) Тарҷумаи ҳамзамон (синхроный перевод) навъи тарҷумае мебошад, ки мутарҷим нутқи сухангӯро гӯш намуда, амалан ҳамзамон тарҷумаро анҷом медиҳад. Аз нутқи сухангӯ як ду сония мутарҷим дер мемонад, яъне ин амалиёти ҳамзамони ровӣ ва мутарҷим мебошад. Ин навъи тарҷума бо кӯмаки васоили техникӣ амалӣ карда мешавад. Нутқи гӯянда ба воситаи гӯшӣ (наушник) ба мутарҷим интиқол дода мешавад ва мутарҷим дар баландгӯ (микрофон) онро тарҷума мекунад, ки ба василаи он ба шунавандаҳо пахш мешавад.

3. Тарҷумаи хаттӣ-шифоҳӣ (письменно-устный перевод) тарҷумаи хаттӣ, забони аслӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод шудааст ва тарҷумаи он дар сурати шифоҳи амалӣ карда мешавад. Дар фарҳанг чунин омадааст: «Тарҷумаи хаттӣ-шифоҳӣ-тарҷумаи шифоҳии матни хаттӣ мебошад: ЗА дар шакли хаттӣ истифода мешавад ва ЗТ дар сурати шифоҳӣ, ба мисли тарҷумаи аёнӣ-шифоҳӣ» [7, с. 153].

4. Тарҷумаи шифоҳӣ-хаттӣ (устно-письменный перевод). Дар луғати тарҷумашиносӣ чунин тавзеҳ меёбад: «Тарҷумаи шифоҳӣ-хаттӣ. Тарҷумаи хаттии матни шифоҳӣ: ЗА дар шакли шифоҳӣ истифода мешавад ва ЗТ дар сурати хаттӣ. Ҳамон тарҷумаи хаттӣ бо тариқи гӯш кардан» [7, с. 237].

Ин навъи тарҷума дар амал бисёр кам ба мушоҳида мерасад, зеро дар тарҷумаи шифоҳӣ, ки дар ҳолати таббиӣ бисёр душвор аст. Он дар тарҷума-имло (перевод диктант), дар раванди таълими забони хориҷӣ истифода карда мешавад. Чун қоида матни аслӣ шифоҳан оҳиста-оҳиста хонда мешавад ва муҳассилин онро тарҷума менамоянд.

Д. Ҳаҷми иттилоот (объем информации), ки ба назардошти ҳаҷм ва мавҷудияти иттилоот ба он навъҳои тарҷумае, ки дар ҷадвали фавқ нишон дода будем, шомил мешаванд, ки дар зер онҳоро таҳлил менамоем:

1. Тарҷумаи пурраи хаттӣ (полный писсьменный перевод). Чун аз унвони ин навъи тарҷума маълум аст, тамоми аҷзои матни асари мабдаъ ба забони мақсад комилан тарҷума карда мешавад.

Ин навъи тарҷумаро бар манои маводи луғати тарҷумашиносӣ баррасӣ менамоем: «Тарҷумаи пурраи хаттӣ-шакли асосии тарҷумаи техникӣ мебошад, зеро кулли итиллооти дар амал истифодашаванда ба сурати тарҷумаи хаттӣ пурра коркард карда мешавад. Дигар шаклҳои тарҷумаи техникӣ бошад, танҳо варианти мухтасаршудаи ин шакли асосӣ ба ҳисоб мераванд» [7, с. 158].

Дар тарҷумаи пурраи хаттӣ ҳадафи тарҷума таҳияи матни мукаммали аслӣ ба забони мақсад мебошад. Ба ин навъи тарҷума кулли тарҷумаҳои хаттӣ шомиланд. Аз қабили матнҳои илмӣ, техникӣ, бадеӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра. Дигар анвои тарҷума (фишурда,

чакида, кутоҳшуда, иттилоотӣ-фаврӣ, интихобӣ-машваратӣ ва мутобиқшуда), ки дар зер баррасӣ менамоем, шакли ҳосилшуда ва ё кӯтоҳшудаи тарҷумаи пурраи хаттӣ мебошанд.

2. Тарҷума-фишурда (реферативный перевод). Номи ин навъи тарҷума аз вожаи «реферат» («Referat») лотинии «referre» «гузориш додан» («докладывать»), «иттилоъ додан («сообщать»)») гирифта шудааст. [5, с. 70]. «Гузориши мухтасар ё ироаи кутоҳе дар мавриди мавзуи мушаххас аст, ки иттилоотро аз як ё якчанд манбаъ ҷамъоварӣ мекунад» [5, с. 70]. Аз ин бармеояд, ки ин мафҳум фишурдаи матлабро шарҳ медиҳад ва тарҷума-фишурда бошад, тарҷумаи хаттии пешакие мебошад, ки қисматҳои ба ҳамдигар алоқаманди матни аслро дар бар мегирад. Яъне ин навъи тарҷума чунин аст, ки матнро фишурда ва муъҷаз намуда, бо абзорҳои забони дигар таҳя менамояд. Қисматҳои асосии матни аслӣ дар шакли фишурда тарҷума карда мешавад. Дар луғат он чунин тавзеҳ дода шудааст: «Тарҷума-фишурда тарҷумаи пурраи хаттии қисматҳои қаблан интихобшудаи нусхаи аслӣ, ки матни ҳамоҳангро ташкил медиҳанд, яъне ки дар якҷоягӣ реферати аслиро ташкил медиҳанд» [7, с. 182].

3. Тарҷума-чакида (аннотационый перевод). Номи ин тарҷума низ аз вожаи лотинии «annotatio» «таъкид»; ё «хулоса») (аз «resume»-и фаронсавӣ «ихтисоршуда»; ё англисии «Summary» «хулоса») гирифта шуда, маънои хулосаи китоб, дастнавис, монография, мақола, патент, ихтироъ, филм, сабтҳо ё интишороти дигар, яъне тавзеҳоти мухтасари онҳоро ифода мекунад» [5, с. 32].

Дар луғати тарҷумашиносӣ шарҳи онро чунин дармеёбем: «Тарҷума-чакида навъе аз тарҷумаи махсус, ки аз таҳияи чакидаи аслӣ ба забони дигар иборат аст»[7, с. 20].

Тарҷума-чакида, навъи тарҷумае мебошад, ки ба забони дигар чакидаи матни аслӣ таҳия карда мешавад. Барои дуруст амалӣ намудани ин навъи тарҷума, нахуст бояд матнро (китоб, мақола ва ғайраро) пурра мутолиа кард ва баъдан нақша тартиб дода, муқаррароти асосиро тадвин, суолҳои муҳимро матраҳ ва мақсади тарҷумаро муайян намуд. Ҳадафи асосии ин навъи тарҷума кӯмак расонидан ба масъалаи оё месазад маводро пурра хаттӣ ба дигар забон тарҷума кард ё на мебошад. Ин навъи тарҷума ағлаб дар раванди тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ истифода мешаванд.

4. Тарҷумаи кӯтоҳшуда (сокращенный перевод). «Тарҷумаи кӯтоҳшуда (ихтисоршуда/хулосашуда) матнест, ки ба таври комил тарҷума нашудааст ва дар муқоиса бо матни аслӣ кӯтоҳ карда шудааст» [7, с. 204].

Бо истифода аз ин навъи тарҷума кулли анвои гуногуни матнҳоро метавон тарҷума кард. Мисол, матнҳои оддӣ, расмӣ-коргузорӣ, бадеӣ ва ғайра. Натиҷаи ин навъи тарҷума худ конспект, фишурда, чакида, барномаҳо ва дигар намуди осори хаттӣ шуда метавонад.

5. Тарҷумаи фаврӣ-иттилоотӣ (экспресс-информация). Ин навъи тарҷумаи хаттӣ асосан дар раванди тарҷумаи матнҳои техникӣ истифода мешавад. «Тарҷумаи фаврӣ-иттилоотӣ навъе аз тарҷумаи махсуси хаттӣ мебошад, ки аз таҳияи хулосаи мухтасар ва объективии мақолаи илмӣ, техникӣ ва дигар мақолаҳои хориҷӣ бе кутоҳ кардани матни аслӣ ба забони русӣ мебошад» [7, с. 147]. Он барои таҳияи рефератҳо, мақолаҳои илмӣ, илмӣ-техникӣ ва ё патентҳои ихтироотӣ истифода мешавад. Дар раванди таҳияи рефератҳо, ки ба воситаи тарҷумаи иттилоотӣ-фаврӣ амалӣ карда мешавад, бояд матни аслиро амиқ омӯхт ва баъдан ғояи онро аз дид ва нақшаи таҳиянамудаи худ инъикос кард. Аммо набояд андеша ва мулоҳизаҳои худро ба он таҳмил кард. Фарқи тарҷумаи иттилоотӣ-фаврӣ аз тарҷума-чакида дар он аст, ки моҳияти матни аслиро метавон аз ҳар қисмате нақл кард, аммо дар тарҷума-чакида ба як тартиби муайяну муназам бояд тарҷума сомон дода шавад.

6. Тарҷумаи машваратӣ-интихобӣ (выборочно-консультативный перевод). Ҳадафи ин навъи тарҷума дар машварат додан ба шахсе, ки наметавонад муҳтавои матни тарҷумашавандаро дарк кунад мебошад. Ба ибораи дигар, ин тарҷума барои мутахассис анҷом дода мешавад. Ин тарҷума низ дар мавриди кор бо мадорики илмӣ-техникӣ, ё ҳангоме ки тарҷумон-машваратчиро даъват менамоянд, то ин ки ӯ тарҷумаи шифоҳӣ-техникиро анҷом диҳад, истифода карда мешавад. Тарҷумон бо донистани забони хориҷӣ ба ҳайси мушовир ба мутахассисони гуногун машварат медиҳад, ки кадом қисмати маводи зарурироро интихоб намоянд ва бо назар гирифтани мавриду шароит тарҷумаи пурраи хаттӣ ё фишурда, чакида ва ё дигар намуди тарҷумаро анҷом диҳанд.

7. Тарҷумаи мутобиқшуда (адаптированный перевод) навъи тарҷумае мебошад, ки дар фароянди он табодули матн амалӣ карда мешавад. «Тарҷумаҳои мутобиқшуда тарҳи аслии сюжетро интиқол дода, ба андозаи андаке хусусияти услубиро пешниҳод менамоянд. Худи

муаллифони тарҷумаҳои мутобиқшуда гоҳо тафовутҳо байни тарҷумаҳои мутобиқшуда ва аслиро таъкид мекунанд. Тарҷумонҳо, нусхаҳои мутобиқшудаи худро мутобиқсозӣ ё бозгӯӣ меноманд» [7, с. 13].

Яъне, дар тарҷумаи матни аслӣ сохтор ва муҳтавои он ихтисор карда мешавад. Намунаи беҳтарини чунин тарҷумаҳо осори адабиёти барои кӯдакон пешбинишударо метавон мисол овард, ки ҷиҳати дарк ва фаҳмиши кӯдакону наврасон онро саҳлу осон ва одитар намуда тарҷума менамоянд.

Е. Иҷрокунанда (основание – исполнитель). Дар ин замина сатҳ ва кайфияти тарҷумаро аз назари касбият дида мебароем:

1.Тарҷумаи таълимӣ (учебный перевод). «Тарҷумаи таълимӣ-аслан бо ҳадафи сирфан таълимӣ ва методӣ (масалан, ба сифати воситаи рамзкушоӣ, маъноисозии маводи забони хориҷӣ ё тамринҳои тарҷумаҳои анвои мухталиф) истифода мешавад» [7, с. 236].

Тарҷума аз дигар забон бо мақсади дарк ва фаҳмиши мавод. Ҳамзамон, он имконияте фароҳам меорад, ки забони ғайрро омӯхт, усул ва равишҳои тарҷумаро аз худ карда, забони хориҷиро амиқ аз бар кард. Хуллас, тарҷумаи таълимӣ маъмулан дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ мавриди корбарии фаровонро дорад.

2. Тарҷумаи ҳирфай/касбӣ (профессиональный перевод). «Тарҷумаи ҳирфай/касбӣ: 1. Фаъолияти махсуси забонӣ, ки бо ҳадафи бозофаринии маводи аслӣ ба забони дигар нигаронида шудааст, яъне фаъолияте, ки омодагии махсус, маҳорат ва малакаҳои вижаро талаб мекунад. 2. Тарҷумае, ки арзиши мустақил ва айнӣ дошта, ҳар чи бештар ё бо ивази камтари муодили матни аслӣ барои онҳое, ки бо ин ё он сабаб аз дувумӣ истифода бурда наметавонад. Он аз ҷониби мутахассис анҷом дода мешавад, ки забони хориҷиро бисёр хуб медонад ва барои фаҳмидан ба тарҷумаи матни мазкур ниёз надорад» [7, с. 171]. Тарҷумаи ҳирфай аз забони хориҷӣ талаботу омодагии касбӣ ва ҳирфаиро аз мутарҷим талаб мекунад.

3.Тарҷумаи ҳаваскорона (любительский перевод). Ин навъи тарҷумаро нафароне анҷом медиҳанд, ки дар бештари мавридҳо ихтисоси тарҷумониро надоранд ва чун қоида аз назарияи тарҷума низ огоҳ нестанд. Онҳо тарҷумаро чун як машғулият аз рӯйи ҳавас ва хоҳишҳои хеш анҷом медиҳанд.

Ё. Ширкаткунандагони тарҷума (участники перевода). Дар ин замина ширкаткунандагони фароянди тарҷумаро дида мебароем:

1. Нотиқ (оратор) «Гуфтори суханварӣ/нотиқ. - 1. Суханоне, ки ба аудиторияи сершумор нигаронида шудааст ва аз ин рӯ, сифатҳои махсусро тақозо мекунад: таъмини ҳаҷми муайян ва якнавохти садо, сохтори наҳвии хос, воситаҳои махсуси лексикӣ ва ғайра. 2. Суханронии созанда хитоб ба қабулкунандаи дастаҷамъӣ, ки ба таври ҳамзамон ё пайдарпай тарҷум мешавад» [7, с. 130-131].

2.Тарҷумон (переводчик) «Тарҷумон: 1. Мутахассис оид ба тарҷума аз як забон ба забони дигар. 2. Ширкаткунанда дар амали иртиботии дузабона, ки ҳам ба унвони гирандаи матни мабдаъ ва ҳам ба сифати фиристандаи матни ниҳоӣ, яъне матни тарҷума амал мекунад. 3. Мубодили иловагӣ дар иртибот ва зарурат ба он дар мавриде ба миён меояд, ки кодҳои истифодакардаи манбаъ ва мухотаб ба ҳам мувофиқат намекунанд. 4. То як андоза ин мутахассиси забоншинос ва минтақашинос аст, зеро соҳиби як фарҳанги мушаххас буда, ба ҳамон андоза дар бораи фарҳанги дигар миллат донишу маълумот дорад, яъне аз фарҳанги забони мақсад» [7, с. 151].

3. Шунаванда (реципиент) «1. Ширкаткунанда дар амали иртиботӣ, ки ба ӯ паём ирсол шудааст; Дар фароянди тарҷума байни гирандаи матни мабдаъ ва қабулкунандаи забони хориҷии матни тарҷума фарқият гузошта мешавад. 2. Ҳамон мухотаб. 3. Муошираткунандае, ки иттилоотро қабул мекунад» [7, с. 159].

Хуллас, пас аз шарҳу басти анвоъ ва вижагиҳои тарҷума, ки то кунун дар илми тарҷумашиносӣ суоли матраҳ ба шумор меравад, ба ин натиҷа расидем, ки асосан ду навъи тарҷума маълум аст: тарҷумаи шифоҳӣ ва тарҷумаи хаттӣ. Ҳамзамон, мафҳуми навъҳои тарҷума пеш аз ҳама бо хусусиятҳои жанри маводе, ки объекти интиқоли байнизабонӣ ба шумор меравад, тааллуқ дорад. Бо дарназардошти вижагиҳои жанрии матн онро ба ду навъи асосӣ ҷудо менамоянд: тарҷумаи бадеӣ ва тарҷумаи махсус (илмӣ). Аммо баҳси дарку фаҳми тарҷума бештар дар фароянди фарқи усулҳо, равишҳои тарҷума ва сифати тарҷума ба миён меоянд, ки дар фавқ кӯшидем ба ин масъала то ҷое рӯшанӣ андозем.

Адабиёт

1. *Алексеева, И.С. Введение в переводведение. Учеб. пособие для студ. филол. и лингв, фак. высш. учеб. заведений / И.С. Алексеева. – 3-е изд., стер. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ; М.: Издательский центр Академия, 2004. – 352 с.*
2. *Бархударов, Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. – М.: Междунар. отношения, 1975. – 240 с.*
3. *Большая советская энциклопедия. в 30-ти т. – 3-е изд. – М.: Советская энциклопедия, 1969 - 1986.*
4. *Комиссаров, В.Н. Современное переводоведение. Учебное пособие / В.Н. Комиссаров. – М.: ЭТС., 2002. – 424 с.*
5. *Крысин, Л. П. Толковый словарь иноязычных слов. – М.: Русский язык, 1998. – 848 с.*
6. *Марчук, Ю.Н. Компьютерная лингвистика : учебное пособие /Ю.Н. Марчук. – Москва: АСТ: Восток - Запад, 2007. – 317 с.*
7. *Нелюбин, Л.Л. Толковый переводоведческий словарь /Л.Л. Нелюбин. 3-е изд., перераб. – М.: Флинта: Наука, 2003. – 320 с.*
8. *Рецкер, Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский / Я.И. Рецкер. – Л.: Просвещение, 1973. – 199 с.*
9. *Семенова, М.Ю. Основы перевода текста: учебник /М. Ю. Семенова. – Ростов-на-Дону: Феникс, 2009. – 343 с.*
10. *Чужакин, А. П. Мир перевода, или вечный поиск взаимопонимания /А. Чужакин, П. Палажченко. - 3-е изд., испр.. - М.: Р. Валент, 1999. - 159 с.*
11. *Baker, M. In Other Words: A Coursebook on Translation. - L. and N.Y.: Routledge, 1992. – 390 с*
12. *Newmark, P. More Paragraphs on Translation. Clevedon: Multilingual Matters, 1998.*

ТАСНИФ ВА ТАБАҚАБАНДИИ ТАРҶУМА

Дар ин мақола муаллиф яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумашиносиро, ки айни замон аз суолҳои матраҳ ба ҳисоб меравад, мавриди пажӯҳиши хеш қарор додааст. Ба андешаи ӯ, перомуни таснифи анвои тарҷума назарҳо мухталиф буда, аз ҷониби муҳаққиқон дар ҳавзаҳои тарҷумашиносии олам табақабандии гуногуни тарҷума ироа гардидааст. Ҳамзамон, ин назариёт то кунун ба як шакл, сохтор ва чаҳорчӯбаи муайяне, ки битавонад ҷиҳати шинохту фарқи анвоъ, навъ, равиш, вижагиҳо ва сифати тарҷума кӯмак бирасонад, дароварда нашудааст. Пас аз баррасии мавзуи мавриди назар маълум гардид, ки ҷиҳати таснифи дуруст ва илмии анвои тарҷума ва вижагиҳои он фарқ намудани шаш асос ё замина зарур аст: 1. Сифати тарҷума. 2. Хислат ва ё хусусияти маводи тарҷумашаванда. 3. Шакли нутқ. 4. Ҳаҷми иттилоот. 5. Иҷрокунанда. 6 Иштирокчиёни ҷараёни тарҷума. Бо назардошти ин асосҳо муаллиф кӯшидааст, вижагии анвои тарҷумаҳоро тасниф ва табақабандӣ намояд. Хулосаи ниҳоии муллиф дар он ҷамъбаст мегардад, ки дар умум ду навъи тарҷума мавҷуд аст: тарҷумаи шифоҳӣ ва тарҷумаи хаттӣ. Инчунин, мафҳуми навъҳои тарҷумаро метавон бо дарназардошти вижагиҳои жанрии матн ба ду навъи асосӣ ҷудо намуд: тарҷумаи бадеӣ ва тарҷумаи махсус (илмӣ). Аммо баҳси дарку фаҳми тарҷума бештар дар фароянди фарқи усулҳо, шеваҳо, сифат ва равишҳои тарҷума ба миён меоянд, ки дар ин мақола ба ин масъала то ҷое посух дода шудааст.

Калидвожаҳо: тарҷума, анвоъ, хусусият, асос, замина, сифати тарҷума, хислат ва ё хусусияти маводи тарҷумашаванда.

ВИДЫ И КЛАССИФИКАЦИИ ПЕРЕВОДА

В данной статье автор исследовал одну из актуальных проблем переводоведения, которая до сих пор является предметом дискуссий. По его мнению, существуют разные взгляды на классификацию видов перевода, и исследователи в различных областях переводоведения по всему миру предложили классификации различных видов перевода. В то же время эта теория пока не облечена в форму, структуру и конкретную основу, которые могли бы помочь идентифицировать и различать типы, стили, подходы, особенности и качество перевода. После изучения рассматриваемой темы стало ясно, что для понимания и классификации видов перевода и его особенностей необходимо выделить шесть принципов или основ: 1. качество перевода; 2. характер или характеристики переводимого материала; 3. форма речи; 4. объем информации; 5. исполнитель; 6 участников процесса перевода. Принимая во внимание эти принципы, автор предпринял попытку классифицировать и проанализировать специфику различных видов переводов. Окончательный вывод автора заключается в том, что существует два основных вида перевода: устный перевод и письменный перевод. Также понятие видов перевода можно разделить на два основных типа, учитывая жанровые особенности текста: художественный перевод и специализированный (научный) перевод. Однако споры о понимании перевода возникают скорее в процессе обсуждения различных методов, стилей, качеств и подходов к переводу, на которые в некоторой степени ответила данная статья.

Ключевые слова: перевод, виды, особенности, характеристики, основа, качество перевода, характер или свойство переводимого материала.

CLASSIFICATION AND STRATIFICATION OF TRANSLATION

In this article, the author has researched one of the exigent issues of translation studies, which is currently considered one of the most important questions. In his opinion, there are different opinions about the classification of translation types, and researchers in the fields of translation studies of the world have given different stratifications of translation. At the same time, this theory has not yet been introduced into a certain form, structure and framework that can help to recognize and distinguish between types, sorts, approaches, features and quality of translation. After examining the topic in question, it became clear that it is necessary to distinguish six bases or grounds for the correct and scientific classification of the translation type and its features: 1. Translation quality. 2. Character or feature of the translated material. 3. Speech form. 4. Information volume. 5. Performer. 6. Participants of the translation process. Considering these backgrounds, the author tried to give classification and stratification of the specific types of translations. The author's final conclusion is summarized in the fact that there are two types of translation in general: oral translation and written translation. Also, the concept of translation types can be divided into two main types, taking into account the genre features of the text: artistic translation and special (scientific) translation. However, the discussion of the understanding of translation arises mostly in the process of distinguishing between methods, methods, quality and methods of translation, which is answered to some extent in this article.

Keywords: translation, type, feature, basis, background, quality of translation, character or feature of the translated material.

Дар бораи муаллиф
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: zebosh@list.ru

Об авторе
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: zebosh@list.ru

About the author
Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda,
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Street
E-mail: zebosh@list.ru

ТДУ 821.222.8.09

ВАЗЪИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАМОНИ МАОРИФПАРВАРӢ

Абдураҳмонов М. С.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раванди маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба яке аз ҷараёнҳои фаъоли сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар муҳити аморати Бухорои Шариф гардида, баҳри бедории фикрии мардумони бумии ин сарзамин таъсири бузурге расонидааст. Профессор Расул Ҳодизода яке аз муҳаққиқони давраи маорифпарварӣ ҷараёни ташаккули ин равияро чунин арзёбӣ мекунад: «Афкор ва фаъолияти маорифпарварони тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX асосан ба се равия, яъне бо равияи танқиди сохти давлатӣ ва иҷтимоии феодалӣ, тарғиби тарзи зиндагии (ва ҳатто давлатӣ)-и мамлакатҳои Аврупо ва Русия (Фарангу Русия) ва ниҳоят бо равияи ҳимоя намудани манфиати оммаи меҳнаткашон зоҳир мегашт” [13, с. 106]. Намояндагони ин наҳзати сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию адабӣ барои нуфузи ин ҳаракати ислоҳотхоҳона ба мардум расонидан пеш аз ҳама аз муҳимтарин воситаи иҷтимоӣ забони адабии он замон истифода менамуданд. Бидуни шак, дар ин рӯзгор забони фаъол ва муқтадир, ки ҳама ормонҳои рушанфикронро пиёда менамуд, забони адабии тоҷик буд. Дигар забонҳои фаъоли он замон ҳанӯз иқтидори забони тоҷикиро надоштанд ва мардуми он ҷамоатро муттаҳид кардан наметавонист. Агар муддаиён забони арабиро пеш оранд, ин забонро ҳатто дар мадорису макотиби Аморати Бухоро ба дараҷаи кофӣ бархурдор набуданд. Забоне, ки муносибати байни иҷтимоъ ва зиёиёнро ифода карда метавонист, забони тоҷикӣ буд. Вале мушкилоти дигар дар ин раванд забонро ба фаҳмишу идроки мардум наздик овардан буд, баъдтар онро муҳаққиқон “содда кардани забони адабӣ” унвон карданд. Забон дар ин давра содда гардида, аз ибораю ифодаҳои бемавриди ғайр тоза шуда, барои ҷомеаи он рӯзгор дастрасӣ пайдо намуд. Ҳатто дар охири асри XIX ба мадрасаву макотибҳои аморати Бухоро имкони таҳсил пайдо кардани мардуми кӯҳистон ба болоравии нуфузи ин наҳзат таъсир расонид. Дар саргаҳи ин талошҳо яке аз бузургтарин рушанфикрони давр Аҳмад Махдуми Дониш қарор дошт, ки заминаҳои бедории фикри аҳли иҷтимои аморати Бухоро ба кӯшишу тозакориҳои ин мутафаккири бузурги илму адаби тоҷик алоқамандӣ дорад. Аҳмади Дониш дар замони манғития иқдом намуда, ба пояҳои салтанати аморат зарба зад ва мардумро ба сӯи бедорию худшиносӣ хонд ва даҳҳо рушанфикрон дар ин роҳ бо ӯ ҳамроҳ мешуданд. Носирҷон Маъсумӣ, ки дар бораи забон ва адаби замони манғит пажуҳиши зиёде анҷом додааст, оид ба вазъи зиёиёни ин давр чунин менигорад: “Адибони пешқадами ибтидои асри XX, ҳамчун маорифпарварони замони худ ба олам бо ҷаҳонбинии нав назар андохта, тағйироти ҷамъиятиро муҳаққиқона дарк намуда, аз забон ба зиндагӣ дохил мешуданд. Онҳо барои нишон додани пешрафти ҷамъият, ҳақиқати ҳаёт, барои тарбияи омма ва ифода намудани фикру ақидаҳои демократии худ ба забон ҳамчун ба воқеияти бевостаи худ, ҳамчун қайдкунанда ва инъикоскунандаи ҳамаи ҷиҳатҳои зиндагӣ назар карда, ба такомулот, суфтаву равонӣ ва бомазмунии он аҳамият медоданд. Дар ин вақт одамони пешқадам тамоман дуруст фаҳмида буданд, ки бо тарзи ифодаи пешина ба бедории фикрии оммаи меҳнаткаш ва ҳаракати пешравандаи он таъсир бахшида, ба халқ ёрӣ расондан душвор аст. Забони адабӣ, нутқи китобӣ бояд аз ҳар ҷиҳат ба дараҷаи содагии оммафаҳм расонда шавад” [6, с.122].

Рӯшанфикрони охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ки асосан аз Аҳмади Дониш ва ормонҳои ӯ пайравӣ мекарданд, нисбат ба забон чун яке аз рукнҳои худшиносии халқи тоҷик муносибат намуда, барои ба халқи маҳаллӣ ва мардумони кӯҳистон наздик намудани забони китобӣ роҳҳо меҷӯстанд ва аз таҷрибаи фарҳангҳои дигар истифода мебурданд. “Аҳмади Дониш дар масъалаи истифодабарии боигарии забони халқ анъанаи эҷодии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Сайидо ва баъзе дигаронро давом дода, майл ва талаботи гурӯҳи нави иҷтимоиро ба назар гирифта, ҳам дар кирдор ва ҳам дар гуфтор ба халқ муроҷиат карднро муҳимтарин шарти равияи маорифпарварӣ ва халқдӯстӣ медонист” [8, с.72]. Забон ҳамеша ҳамқадаму ҳамсафари мудоми иҷтимоиёт мебошад ва барои инъикоси вазъи зиндагии он рӯзгор истифода мегардид. Табиист, ки саъю кӯшиш ва муборизаи маорифпарварон барои демократӣ кардани меъёрҳои забони адабӣ дар забони тоҷикии ин давра нақши муайяне гузоштаанд. Аҳмади Дониш дар осори худ ба ҳама ин иқдом асос гузошта, барои татбиқи он роҳнамоӣ кардааст, ки то ҳол дар соҳаи забон ва услуби

нависандагон ва шоирон мушоҳида карда мумкин аст. Таъсиру нуфузи сухан ба василаи асарҳои насрӣ хеле осон ва дастрас буд, бинобар ин Аҳмади Дониш бисёр андешаҳои пешқадами худро дар “Наводир-ул-вақоеъ” ва дигар осори насрии худ изҳор менамояд.

Забон ва услуби осори Аҳмади Дониш дорои вижагиҳои хоси худ мебошад. Аҳмади Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” на фақат калимоту таъбироти арабӣ ва оёту сураҳоро аз китоби муқаддаси “Қуръон” истифода менамояд ва Дониш нисбати дигар салафи худ ин унсурҳои забони арабиро дар шакли аслии худ оварда, тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикии фаҳмо тарҷума менамояд. Масалан, дар “Наводир-ул-вақоеъ” аз сураи “Тавба, ояти 122” чунин мисол оварда, онро тарҷума мекунад:

فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِى الدِّين (... Пас чаро чанд кас аз ҳар гурӯҳи онҳо берун наоянд, то дар дин донишманд шаванд) [2, с.22]. Бояд қайд намуд, ки дар китобҳои ахлоқии адабиёти ҳазорсолаи мо истифодаи унсурҳои забони арабӣ; порчаҳои аз “Қуръон”, ҳадисҳои Расули Акрам ва панду андарзҳо ва суханони пандомези бузургони сухан зиёд истифода мешуд, вале онҳо бидуни тарҷума оварда мешуданд. Аҳмади Донишро озодии ирода ва худшиносии миллии худ имкон додааст, ин гуна иқтибосоти арабиро ба забони модарии худ орад.

Калимаҳои арабии дар осори Аҳмади Дониш истифода шуда, аз рӯи доираи истеъмол дар замони адиб ва дар забони ҳозираи тоҷик як хел нестанд. Дониш бештар калимаҳоеро дар осори худ истифода менамояд, ки бештар хоси забони китобӣ буда, дар забони мардум камистеъмол мебошанд. Дар қисмати аввали китоби “Наводир-ул-вақоеъ” истифодаи оёту ҳадис ва таъбироти арабӣ бештар ба назар мерасад. Масалан, ин ду ҷумларо муқоиса менамоем ва дараҷаи истифодаи унсурҳои забони арабӣ равшан хоҳад шуд:

...Ва ӯро лозим набувад, ки худ мутасаддии истихроҷи масоил гардад аз ояту ҳадис, то мабодо, ки ба иғвои нафс лағзиш ёбад ва халқро ва худро гумроҳ гардонад [2, с.23].

Тавон гуфт, ки қазову раёсат ҳеч кори ҳалол ва мубоҳ надорад ғайр аз ҳароми маҳз ва шубаҳот [2, с.365].

Дар ҷумлаи якум, ки аз оғози китоби “Наводир-ул-вақоеъ” оварда шудааст, аз 27 калима 8 калимаи он арабӣ мебошад, ки он 29 % -ро ташкил менамояд ва ё ҷумлаи дуюм, ки аз 17 калима таркиб ёфтааст, 6 калимаи он арабӣ мебошад, ки 35%-ро ташкил менамояд. Ва ё саҳифаи 365 китоби мазкур тақрибан 350 калимаро дар бар мегирад, ки аз ин миқдор 114 калимаи арабӣ истифода шудааст, ки 32,5%-ро ташкил менамояд. Агар ин ҷараёнро ба забони осори маорифпарварони ибтидои асри XX таҳлил намоем, маълум мегардад, ки истифодаи калимоти арабӣ хеле коҳиш меёбад. Китоби “Муноҷот”-и Абдураufи Фитрат бо номи “Мунозара” соли 1909 дар Истамбул ба чоп расидааст. Забони ин асар хеле равшан, фаҳмо ва ҳамафаҳм мебошад, зеро дараҷаи истеъмоли калимоти арабӣ ва туркӣ дар ин асар хеле кам аст. Мунозара унвон гирифтани китоби мазкур аз он аст, ки мазмуни он аз баҳсу мунозираи мударриси Бухороӣ бо як фарангие сурат мегирад. Дар забони мударрис калимоти арабӣ як намуд худнамоиҳои мударрисони солҳои 40-50-уми асри XIX -и амирони манғитияро ба хотир меорд, ки истифодаи калимоти арабиро як навъ бартарии иҷтимоии худ медонистанд. Дар забони ин китоб калимоти арабӣ хеле кам буда, он калимаю таъбироти арабӣ ба фаҳмиши мардум наздик мебошанд. Намуна аз забони қаҳрамонони “Мунозара”:

Мударрис: Саҳеҳ аст, лекин як мусулмони мулло ба кадом вичдон бар зарари ислом иқдом менамояд? [12, с.35].

Фарангӣ:Бисёр хуб, ҳоло агар ҳамаи далелҳоро якбора бигӯед ва баъд аз он ҷавоб диҳам, матлаб равшан намешавад. Беҳтар он аст, ки ин далелҳоро як-як гӯед, то таҳқиқ кунем [12, с.35].

Ин ҷумлаҳо ҷараёни ба забони мардум наздик омадани забони адабию китобиро равшан мекунад, то мо ин таҷрибаҳои наҷиброн дар ҳар давру замон дар назар дошта бошем.

Мавҷудияти калимоти туркӣ дар осори рушанфикрони тоҷик, аз ҷумла Аҳмади Дониш баҳсест доманадор ва баҳснок, ки баррасии онро дар пажуҳиши муҳаққиқон бисёр дучор меоем. Рушанфикрони ин давра, на фақат забони ӯзбекиро медонистанд, балки бо ин забони фаъоли туркиасл шеър мегуфтанд. Ҷойи тазаккур аст, “дар асрҳои XVII-XIX авҷ гирифтани эҷодиёти адибони зуллисонайн (ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) вобаста ба инкишофи ҷамъият ва зиндагӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳам тағйирот ба вуҷуд омадан гирифт ва ба ин муносибат миқдори калимаҳои ба забони адабии тоҷик дохилшудаистодаи узбекӣ низ афзуд” [9, с.100-101].

Агар бар осори ин давра назар афканем, дар девонҳои туркии шоирони ин давра тамоми таъбиру ибораҳои маънисози тоҷикӣ дар қолаби мисраъҳои ғазали туркӣ ғунҷонида

шудаанд. Ин раванд чун ба мустақилияти забони шеъри туркӣ расид, акнун як мисраъ тоҷикӣ ва мисраи дигар дар ҳамон маъно ба забони туркӣ оварда мешуд. Ин ҳолат дар эҷодиёти шоирони форсигӯй ҳам мушоҳида мешуд:

Туркӣ ман дӯш ғазаб карду бигуфт:
улдураман,
Гуфтам оҳиста ба гӯшаш, ки киро?
Гуфт:-сани!
Шоҳин

Гӯиё кулфату мо қӯша каримиш кардем,
Фалак аз чодири ғам зад ба сари мо чимилиғ.
Ҳайрат

Маорифпарварони охири асри XIX ибтидои асри XX ба ҷараёни воридшавии калимоти туркӣ монеъ шуда, бештар фаъолгардии калимаҳои русӣ фаъол гардид. Зеро аҳли сухан дар адабиёти рус як навъ сухани тоза ва озодии аҳли қаламро эҳсос мекарданд. Хосатан, Аҳмади Дониш баъди сафарҳои хидматиаш ба Русия нигоҳаш ба рӯзгори қафомондаи аморати Бухоро тағйир ёфт. Дар боби "Дар боби сафароти Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм ва ҷашни Русия" Аҳмади Дониш вазъи онрӯзаи иҷтимоъи Петербургро хеле бо ҳавас тасвир мекунад ва дар ҳамин ҷо мо ба калимаҳои русии императур, Фетербурх, Алфред, Морӣ, Маскав, Порич, рус, порисӣ, румка, зовут, Абромуф, истакон, дуктур, квос, пешва (пиво), вокзол, белет, истанса, пӯшида (почта) ва ғайра. Дар даҳаи асри XX ҷараёни воридшавии калимаҳои русӣ ба забони шеър ва наср хеле афзоиш ёфт, ки ин раванд дар ташаккули забони тоҷикӣ монеъ шуда, баъзе калимаҳои тоҷикиро аз истеъмоли умумимардумӣ маҳдуд кард.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва пажӯҳиши забону сабки баёни рушанфикрони даврааи маорифпарварӣ нишон медиҳад, ки хизмати онҳо дар ҷараёни сода намудани забону услуби баён хеле калон аст ва онҳоро вобаста ба дараҷаи фаҳми мардум ва мувофиқан ба инкишофи афкори маънавии давру замони худ мақоми баланди забон, нақши онро дар худшиносии миллӣ, қудрату тавоноии суханро дар эҷоди асари бадеӣ дуруст фаҳмидаанд.

Адабиёт

1. *Айнӣ, Садриддин. Забони тоҷикӣ. Раҳбари дониш, 1928. - № 11, 12.*
2. *Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ.-Душанбе: Адиб, 2020. - 480 с.*
3. *Дониш, Аҳмад. Осори баргузида. Ба чоп тайёркунанда: Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев.- Душанбе: Ирфон, 1976.- 376 с.*
4. *Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития.- Душанбе: Сарват, 1992.- 98 с.*
5. *Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо.- Душанбе: Ирфон, 2007.-708 с.*
6. *Носирҷон, Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб (бахши забоншиносӣ), ҷ.2.- Душанбе, 2015.-350 с.*
7. *Носирҷон, Маъсумӣ. Забон ва маҳорати адабӣ // Тоҷикистони сурх, 1951, 15 май.*
8. *Носирҷон, Маъсумӣ. Забон ва услуби Аҳмади Дониш.- Душанбе: Дониш, 1966.- 230 с.*
9. *Носирҷон, Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷ.1. Забоншиносӣ. Душанбе: Ирфон, 1980. - С.100-101.*
10. *Розенфельд А.З. Некоторые вопросы таджикской диалектологии. Вестник Ленинградского Университета, 1951, № 7.-С.32-43.*
11. *Сабзаев С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар.- Душанбе: Маориф, 1991. - 73 с.*
12. *Фитрат, Абдурауф. Мунозара.- Душанбе, 1992.-56 саҳ.*
13. *Расул, Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX.-Душанбе: Дониш, 1966.-350 с.*

ВАЗЪИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАМОНИ МАОРИФПАРВАРӢ

Раванди маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба яке аз ҷараёнҳои фаъоли сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар муҳити аморати Бухорои Шариф гардида, баҳри бедории фикрии мардумони бумии ин сарзамин таъсири бузурге расонидааст. Намояндагони ин раванди сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию адабӣ барои нуфузи ин ҳаракати ислоҳотхоҳро ба мардум расонидан пеш аз ҳама аз муҳимтарин воситаи иҷтимоӣ забони адабии он замонро истифода менамуданд. Бидуни шак, дар ин рӯзгор забони фаъол ва муқтадир, ки ҳама ормонҳои рушанфикронро пиёда менамуд, забони адабии тоҷик буд. Забоне, ки муносибати байни иҷтимоъ ва зиёиёнро ифода карда метавонист, забони тоҷикӣ буд. Вале мушкилоти дигар дар ин раванд забонро ба фаҳмишу идроки мардум наздик овардан буд, баъдтар онро муҳаққиқон "содда кардани забони адабӣ" унвон карданд.

Калидвожаҳо: маорифпарварӣ, Бухорои Шариф, ҷараён, бедории фикрӣ, забони адабии тоҷик, мардум, зиёиён, рӯшанфикр, ҳаракати ислоҳотхоҳ.

СОСТОЯНИЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В ПЕРИОД ПРОСВЕТИТЕЛЬСТВА

Просветительское движение во второй половине XIX и начале XX века стало одним из активных политических, общественных и культурных течений в Бухарском эмирате, оказав огромное влияние на пробуждение общественной мысли коренного населения этой земли. Представители этого политико-общественного и культурно-литературного движения, чтобы донести до народа влияние реформаторского движения, прежде всего использовали в качестве важнейшего общественного средства литературный язык того времени. Несомненно, в те дни активным и могучим языком, воплощавшим все стремления просветителей, был таджикский литературный язык. Языком, который мог выражать взаимоотношения между обществом и интеллигенцией, был таджикский язык. Однако другой проблемой в этом процессе было приближение языка к пониманию и восприятию народа, что позднее исследователи назвали «упрощением литературного языка».

Ключевые слова: просветительство, «Священная Бухара», течение, интеллектуальное пробуждение, таджикский литературный язык, народ, интеллигенция, реформаторское движение.

THE STATE OF THE TAJIK LANGUAGE IN THE ERA OF EDUCATION

The educational process in the second half of the 19th and early 20th centuries became one of the most active political, social and cultural movements in the Bukhara Emirate, exerting a huge influence on the awakening of social thought among the indigenous population of this land. Representatives of this political-social and cultural-literary movement, in order to convey to the people the influence of the reform movement, primarily used the literary language of the time as the most important public tool. Undoubtedly, in those days, the Tajik literary language was a vibrant and powerful language, embodying all the aspirations of the enlighteners. The language that could express the relationship between society and the intelligentsia was Tajik. However, another problem in this process was bringing the language closer to the understanding and perception of the people, which researchers later called “the simplification of the literary language.”

Keywords: education,"Sacred Bukhara", movement, intellectual awakening, Tajik literary language, people, intelligentsia, reform movement.

Дар бораи муаллиф
Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович
Н.и.ф., асистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир,

Об авторе
Абдурахмонов Маъди Саиджалолович
К.ф.н., ассистент кафедры управления человеческими ресурсами
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, город Душанбе, улица Саида Носира, 33

About the author
Abdurakhmanov Madi Saidzhalolovich
PhD, Assistant Professor, Department of Human Resources Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, Said Nosir Street, 33

ТДУ 821.222.8.09-93

БАЪЗЕ ФАЗИЛАТҲОИ АДАБИИ АШЪОРИ НАРИМОН БАҚОЗОДА

Судурова С. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Адабиёти атфол як қисмати муҳим ва пурмасъулияти адабиёти муосири тоҷик мебошад. Муҳим ба ин маънист, ки кӯдакон беш аз ҳама ба тарбияи маънавию ахлоқӣ ва эстетикӣ ниёз доранд. Аз ин ҷиҳат, муҳимтарин ва муассиртарин василаи бароварда кардани ин ниёзи онҳо шеъру сухан мебошад. Ба қавли Раҷаб Амонов "бачагон аз адабиёт бештар ғизои маънавӣ ва лаззати эстетикӣ ба даст меоранд" [1, с. 8].

Адабиёти бачагона ба ин хотир пурмасъулият аст, ки вай бо як қишри бисёр ҳассос ва ниёзманди ҷомеа, ба маърифат, дониш ва тарбият сару кор дорад. Ин бахши ҷомеа тафаккур, дараҷаи маърифату ҷаҳоншиносӣ ва забону тарзи баёни хосси худро дорад. Ин нуктаро ҳанӯз дар солҳои панҷоҳуми садаи XX нависандаи бузурги рус М.Горкий таъкид карда буд: "Вазифаи осори бачагона дар инсони хурдсол ҳисси муқаддасу олии инсониро парвариш кардан, аз онҳо инсон сохтан аст" [1, с. 92].

Воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замон, ки то ҷое омили таконбахши пайдоиш ва равнақи ҷараёни озодандешӣ ва дарки ҳақшиносонаи ҳақиқати ҳаёт гардид, зери таъсири инқилоби илмию фаннӣ (техникӣ) ва муносибатҳои нисбатан беғаразона ба адабиёт ва шахсиятҳои адабӣ заминаи воқеиро барои ҷустуҷӯҳо ва тозакориҳо дар шеъри кӯдак, дар оғози садаи бистум ба вуҷуд овард. Маҳз дар ҳамин давра ҷустуҷӯҳои шоирон дар ин самт равнақ ёфта, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овард. Даҳҳо маҷмуаи алоҳидаи шеъру таронаҳо ва афсонаю достонҳои бачагона ба чоп расиданд, ки далели гуфтаҳои болост.

Дар ҳақиқат аз миёнаи солҳои панҷоҳуми асри бист дар шеъри бачагонаи тоҷикӣ ҷунбиш ва гардишу таҳаввули ҷиддӣ ва тоза ба сӯи дарки воқеиятҳои зиндагӣ, зиндаву таъсиргузор ба тасвир овардани мавзуъҳои ба ҳаёт ва рӯҳияи кӯдакон алоқаманд ба амал омад, ки пеш аз ҳама, натиҷаи ниёзмандию дархости нави рӯзгору зиндагӣ ва мардум аз адабиёт, аз ҷумла, шеъри атфол мебошад. Ин раванди тозакориҳо дар роҳи аз худ намудан ва амалӣ кардани навҷӯиҳо дар эҷоди шеъри атфол ҷиддӣ ва ҳаматарафа буд.

Дар ин марҳала як гуруҳ шоирони ҷавону боистеъдод бо назари тоза ва зебоишиносона ба майдони адабиёт омада, ба хонандагони хурдсол шеъру достонҳои қобили таваҷҷуҳро пешкаш намуданд. Онҳо аз таҷрибаи шоирони қаблӣ ва суннатҳои адабии адабиёти пешин ва осори то ин замон эҷодшудаи бачагона ҳунармандона истифода карда, заминаи равнақ ва пешрафти шеъри бачагонаи тоҷикро ба вуҷуд оварданд. Дар осори ин шоирон навҷӯй ва тозакорӣ мавқеи асосӣ дошта, ҳадафи шоирон, пеш аз ҳама, қонеъ кардани эҳтиёҷоти маънавӣ ва зебоишиносии насли хурдсол буд.

Маҳз, дар ҳамин давра дар баробари шоирони таҷрибадор Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра Сулаймонова, Акобир Шарифӣ ва Бобо Ҳоҷӣ шоирони ҷавон Мавҷуда Ҳакимова, Алӣ Бобоҷон, М. Ҳайдаршо, Наримон Бақозода, Гулрухсор ва чандин навқаламони дигар дар эҷоди шеъри атфол қувваозмоӣ намуда, баъзеи онҳо ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд.

Ҳамин тариқ, нимаи дувуми садаи бист барои шеъри бачагонаи тоҷик як давраи пурҷӯшу хурӯш, марҳилаи ҷустуҷӯҳои фаъолона ва бозёфтҳои писандидаи ҳунарӣ буда, дарёфтҳои адабии шоирон дар ин замина, пеш аз ҳама, дар сохтори мундариҷавӣ, жанрӣ, оҳанг ва сабки шеъри атфол ифода шудааст. Н. Файзуллоев муҳимтарин дастоварди шоирони тоҷикро дар давраи мазкур дар сурудани шеъри атфол "рӯ овардан ё таваҷҷуҳи сидқӣ гуморидан ба осори шифоҳии халқ, ба сабку тарзи шеъри шифоҳии кӯдак ва омӯхтану ба кор гирифтани услуби офариниши шеъри равону гӯшнавози халқ"[5, с.75] донистааст. Вай аз ҷумла, меафзояд ки ашъори кулли шоирони тоҷик, ки дар ин солҳо барои кӯдакон эҷод мекарданд, аз ҷумла Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷаб, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Наримон Бақозода, Нуъмон Розиқ ва дигарон бо осори худ давраи ҷадиди шеъри атфоли тоҷикро шурӯъ намуданд. Ашъори бисёре аз онҳо бо ҳамон сабки ҳикоягии "будаст набудаст", "давидему давидем" оғоз мешуд ва ин усули баёни андеша бештару беҳтар ба дили бачагон роҳ меёфту тез вирди забонҳо мегашт.

Воқеан, мақсад ва ҳадафи осоре, ки барои бачагон офарида мешавад ва ё умуман адабиёти атфол тарбияи насли ҷавон, бо таъсири адбиёт мебошад. Ба қавли муҳаққиқи

адабиёти бачагонаи тоҷик Ҷ. Бобокалонова “тарбияи насли наврасро аз китоб ва қироати он набояд ҷудо тасаввур кард” [3, с. 28].

Наримон Бақозода, аз зумраи шоиронест, ки фаъолияти адабию эҷодии худро пурра ба адабиёти бачагонаи тоҷик бахшидааст. Нахустин шеъри бачагонаи ӯ ҳанӯз соли 1954 ба нашр расида буд, ки онро метавон оғозгоҳи масири адабию эҷодии шоир ҳисобид. Баъдан, маҷмуаҳои “Гулдара”, “Афсонаҳо, чистонҳо”, “Сурнайчӣ”, “Оши ҳалол” ва ғайра паси ҳам ба нашр расида, манзури хонандагони хурдсол гардиданд, ки онҳо дар маҷмуъ муалифро ба ҳайси як шоири тавоно, бо завқу салиқаи хос ва дарку шинохти руҳу равони кӯдакон муаррифӣ мекард.

Бояд гуфт ки Наримон Бақозода бо дарки масъулият тамоми умри худро вақфи хидмат ба хонандаи хурдсол ва адабиёти бачагонаи тоҷик намуд. Ашъори кудаконаи ӯ ин бахши адабиёти муосири тоҷикро ҳам аз нигоҳи мазмуну ғоя ва ҳам аз лиҳози анвои шеъри бачагона хеле ғановат бахшид. Солҳост, ки кудакони миллати мо шеърҳо, афсонаҳо, ҳикояҳо, чистонҳо, тезгуякҳо ва масалҳои шоирро бо завқ мутолиа мекунанд, аз паёмҳои адабии ӯ баҳра мебардорад ва ба ин васила завқу салиқаи зебоишинохтии хешро тақвият мебахшанд. Чунон ки донишмандони эронӣ Маҳмуди Футуҳӣ таъкид мекунад: “Шоирони асил медонанд, ки мардум бештарини лаззатро аз роҳи ҳавасу эҳсосоташон касб мекунанд”. [8, с. 301].

Чунон ки ишора шуд, Н.Бақозода эҷодиёти худро аз таълифи шеърҳои бачагона шуруъ намуда, то поёни умр ба ин маслаки адабию эҷодӣ содиқ монд, ашъори рангину пурмаъно ва омӯзандаи ӯ дар таърихи адабиёти бачагоани тоҷик на танҳо як саҳифаи тоза маҳсуб меёбад, балки шеъри ӯ назми муосири бачагонаро дар адабиёти имрӯзаи мо ба зинаҳои баландтарини адабию ҳунарӣ бардошт. Далели ин ашъори дар маҷмуаҳои “Гулдара”, “Оши ҳалол”, “Чӣ хуш аст?”, “Озод шав” ва ғайра ба нашр расидаи шоир мебошад. Н.Бақозода дар тӯли умри бобаракати шоиронаи худ барои бачагону наврасон беш аз понздаҳ китоби шеър ба нашр расонидааст, ки онҳо дар маҷмуъ бозгӯкунандаи сабку салиқаи адабӣ ва мақому рисолати шоирию суханварии муаллифанд. Эҷодиёти рангину пурмуҳтавои Н.Бақозода барои ғановати шаклию мазмунии адабиёти бачагонаи тоҷик, ғановати жанрӣ, услубӣ ва сабкию бадеии он нақши муҳим мебозад. Шоир ҳар як шеър, чистон, тезгӯяк, достон ва манзумаҳои худро бо дарки сатҳи тафаккуру андеша ва завқу салиқаи кӯдакону наврасон эҷод кардааст, зеро “кӯдак-хонандаи асар – ҳаракатро дӯст медорад, ӯ дигаргуниҳои ҳаёту зиндагиро эҳсос мекунад, идроки кӯдак худ дигаргуниҳоро мепарастад” [7, с. 215].

Аз ин ҷиҳат, метавон таъкид кард, ки адабиёти бачагона ҳам мисли адабиёти бузургсолон як мақсад дорад, ки он ҳам тарбияти инсон, одами солим, соҳибмаърифату дорои ахлоқи баланди инсонӣ мебошад. Бо дарки ин рисолати адабиёти атфол Н.Бақозода дар ҳар як асари барои бачаҳо офаридаш кӯшиш кардааст, ки шеърҳояш аз моҳияти маърифатию тарбиятии осори адабӣ бархурдор бошад. Намунаи ин қабил ашъори шоир шеъри маъруфи “Ҷингилапо бузича” мебошад.

Ҷингилапо бузича,
Кокулало бузича.
Ум – ба магӯ, гӯш кун,
Ваъдаи мо бузича.
Бар ту шакар медиҳам,
Ҳалвои тар медиҳам.
Мазза диҳад боз гӯй,
Бори дигар медиҳам.

Дар ин мисраъҳои равону хушоҳанг, ки ба завқу салиқаи кӯдак муносиб аст, шоир як манзараи ҷолиби гуфтугӯи бачаро бо бузича ба қалам додааст, ки он ҳам шавқангез ва ҳам хотирмон мебошад. Ин қабил ашъори шоир сатҳи тафаккур ва биниши бачаҳоро рушд дода, дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии онҳоро тавсеа мебахшад. Чунин фазилати маърифатии ашъори бачагонаро дар аксари шеъру достонҳои Н. Бақозода метавон ба мушоҳида гирифт. Ҷанбаҳои мазкури ашъори бачагонаи шоирро таҳлилу баррасӣ намуда, Ю.Акбаров менависад: “Айни замон дар эҷодиёти Наримон Бақозода афсонаю шеъру достон, суруду тарона, чистону тезгӯяку драмаҳои аҷибе мавҷуданд, ки олами рангин, зиндагии пурҷӯшу хуруш, табиати мураккабу пурихтилоф, сирру асрор, нозу нуз, бозию шодӣ, ҳаракату фаъолият, рӯҳияю ҳолати бачагонро бо рангҳои мухталифу зебо пеши назари мо ҷилва медиҳад” [2, с.76].

Ашъори Н.Бақозода аз оғози фаъолияти адабии ӯ аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва андешаю ғоя рангин буд. Шоир ҳамеша кӯшидааст, ки дар ҳар як асараш ин ё он фазилати хубу ибратангези инсониро васфу тасвир намояд, моҳияти онро ба хонандаи хурдсоли худ бо лаҳну шеваи баёни ба онҳо фаҳмою дастрас шарҳу тавзеҳи шоирона диҳад. Намунаи ин қабил ашъори шоир шеъри “Тӯйча” мебошад:

Мӯрчабибӣ хона рӯфт,
Мӯрчабибӣ шолӣ кӯфт,
Музачаи локӣ дӯхт,
Куртачаю тоқӣ дӯхт.
Сонӣ давид дар ба дар,
Кард ба тӯяш хабар.
Меҳмонакон омаданд,
Хурду калон омаданд.
Кулчаи ҷав, марҳамат!
Оши палав, марҳамат!
Мӯрчабибӣ тӯйча кард,
Дар лабаки ҷӯйча кард.

Ин қабил шеърҳои Наримон Бақозода бо тозагии мавзуъ ва мазмун, ихчаму равшан ва соддаю фаҳмо будани шеваи баён фарқ мекунанд. Ин ҷо услуб ва тарзи баёни шоиронаи муаллиф комилан дигар буда, он ҳам аз лиҳози баёни матлаб ва ҳам аз ҷиҳати тавзеҳи омодагию баргузории тӯйчаи Мӯрчабибӣ ҷолиб мебошад.

Фазилатҳои муҳимми ашъори бачагонаи шоирро метавон дар шеърҳои “Куҷо шуд иштиҳоям”, “Ангур ало шуд”, “Алифбо”, “Мактаббозӣ”, “Сайри чорбоғи забон”, “Озода шав”, “Ақлдавонак”, “Алифбои дилкушо” ва ғайра ба мушоҳида гирифт. Бояд гирифт, ки адабиёти бачагона қонуниятҳо ва талабатҳои хосси худро дорад, ки онҳо на танҳо ба синну сол ва завқу салиқаи кӯдакон иртибот доранд, балки онҳо ба ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ ва рисолату вазифаи ин бахши адабиёт алоқаманданд. Аз ин ҷиҳат, таъкиди Ҷонон Бобокалонова дар мавриди он ки “шаклгирии адабиёти атфолро берун аз ҷараёни умумии адабиёти калонсолон набояд тасаввур гардад” [3, с.14] хеле саривақтӣ ва бомавқеъ аст.

Бо дарки ин қонунмандии муҳимми раванди инкишофи адабиёти бачагона Наримон Бақозода дар эҷодиёти худ аз қолабҳои бадеии анвои шеъри суннатӣ ва мардумӣ ба таври васеъ таҷриба мекунад ва дар аксар маврид ба ҳадафи эҷодии худ ноил мегардад. Мисоли равшани ин, аз тарфи шоир дар шеъри бачагона истифода шудани жанри достон ва имкониятҳои мазмунию шаклии он мебошад. Шоир як силсила достону манзумаҳои ҷолибе дар қолаби суннатии назми форсии тоҷикӣ, барои бачаҳо офаридааст, ки онҳо дар маҷмуъ анвои шеъри бачагонаи тоҷикро рангин сохтаанд.

Достонҳои шоир асосан барои кудакони хурдсол ва мувофиқи завқу салиқа ва дарку фаҳмиши онҳо эҷод шудаанд, ки ин муҳимтарин хусусияти назми бачагона аст. Мутолиаи достонҳои шоир собит менамояд, км Наримон Бақозода психология, ҷаҳони ботинӣ, ниёзҳои маънавию завқии кудаконро хуб медонаду мешиносад ва ашъорашро вобаста ба он эҷод мекунад. Бо дарки ин рисолати адабиёти бачагона, муҳаққиқи маъруфи ин адабиёт, зиндаёд Ҷ.Бобокалонова менависад: “Инсон аз адабиёти бадеӣ дар ҳамаи сину сол ғизои маънавӣ ва лаззати эстетикӣ мегирад. Ба ёд оред сурудҳои модаронро дар сари гаҳвораи тифлакони безабони эшон. Маҳз, дар тифли инсон қобилияти қабули нафосати сухан, дарки лаҳну оҳангҳои дилнишини мусиқӣ: шеъри хуб ва санъатро дар замири худ ниҳон медорад. Инсон табиатан ба шунидани суханҳои саршори санъату бадеият (дар ҳама синну сол) завқу ҳавас дорад”[3, с.15].

Чунонки ишора шуд, Наримон Бақозода дар таълифи анвои бузургтари шеъри бачагона мисли достон завқу салиқа ва дараҷаи дарку фаҳмиши кудаконро ба назар мегирад. Дар достони “Паҳлавони дастёр” шоир бо як лаҳни хосси кудакона электравозро ба кудакон муаррифӣ мекунад. Ин достон бо гуфтугӯи кудакон бо электравоз шурӯъ мешавад. Шоир бо истифода аз ташхис ва муколама барин воситаҳои тасвиру баёни бадеӣ қудрату тавоноӣ ва чигуна сохта шудани электравозро ба хонандаи хурдсол бо лаҳну шеваи хосси баён тавзеҳ медиҳад:

Меояд электравоз,
Аз роҳи дуру дароз.
Бигзашта бо шасти зӯр,
Аз таги Куҳи Булур.

Аз миёни пахтазор,
Дашту чӯли кападор.
Аз боли Сирдарё,
Аз поёни боғи мо.
Вагонҳои бешумор,
Аз думаш орад қатор.

Достони “Паҳлавони дастёр” аз нигоҳи бадеият ва сохтори ҳунарӣ ҳам ҷолибиятҳои хосса дорад ва аз ин ҷиҳат комилан ба талаботи адабиёти кудак ҷавобгӯ мебошад. Махсусан, анвои калонтари назмӣ, мисли достон имкон медиҳад ки шоир моҳияти мавзуъҳои мавриди назарашро муфассал тавзеҳ диҳад, аҳамияти онҳоро ба кудакон фаҳмонад.

Н. Бақозода як достони хурди бачагона дорад, ки он “Духтури китоб” унвон дорад. Ин асар ҳам аз лиҳози сохтору баёни бадеӣ, масъалагузорӣ ва тавзеҳоти шоирона ба достони “Паҳлавони дастёр” шабоҳат дорад. Дар асари мазкур шоир масъалаи муносибати кудакон ба китобро бо шеваи ба бачагон хосси баёну муҳокимаронӣ ба қалам медиҳад. Шоир қаҳрамонашро бо номҳояшон зикр мекунад. Инҳо Матин, Зиё ва Туроб мебошанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки китобро эҳтиёт намекунанд, варақи онро мекананд, ба рӯи саҳифаҳояш ранг мерезанд, саҳифаҳои онро қат мекунанд ва ғайра. Аммо ноқили асосии достон ҳам ҳамсолу ҳамсабақи онҳост. Вай ба ин кори ҳамсолонаш розӣ нест ва онҳоро барои чунин муносибати беинсофона ва бераҳмона ба китоб, ки он манбаи дониш ва маърифат аст, маҳкум менамояд. Дар тасаввури ӯ китоб аз дасти Матину Зиё ва Туроббаринҳо захмину дардманд шуда аст. Ба ҳамин хотир, ноқили воқеаҳо мехоҳад мисли табибон ин ҷароҳатҳои китобро даво бахшад. Василаи таботаи ӯ, ё доруҳояш қайчиву қалам ва докаву ширеш мебошанд:

Ҳамроҳам барам,
Доруҳои хеш-
Қайчиву қалам,
Докаву ширеш
Ҷонаки китоб
Мекунам халос.
Умраки китоб,
То шавад дароз.

Моҳияти маърифатию тарбиятии ин достони кутоҳи Н.Бақозода дар он аст, ки қаҳрамони асосӣ-ноқил бачаҳои ба китобҳо зарар расонидаро водор месозад, ки иштибоҳи худро фаҳманд, моҳият ва аҳаммияти китоб, вазифаю рисолати онро дарк кунанд. Дар анҷоми асар ноқили қисса ба ҳадафи худ мерасад ва бачагон якҷоя хурсандӣ мекунанд. Ҳамин гуна ҷамъбастҳои омӯзандаро дар манзумаҳо ва шеърҳои дигари сужетдори шоир ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, Н. Бақозода шоирест, ки асосан аз ибтидо то рӯзҳои охири умраш барои бачаҳо менавишт, дар дунёи зебои тифлию наврасӣ зиндагӣ кард, бо кудакон як умр ҳамзабону ҳамсуҳбат буд. Вай ба ҳайси як шоири тавонои адабиёти бачагонаи тоҷик аз худ мероси гаронбаҳои адабиро ба ёдгор гузошт, ки он барои тарбияи наслҳои ояндаи кудакони миллати тоҷик хизмат мекунад.

Адабиёт

1. *Амонов Р. Таърихи адабиёти советии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1982. - 369 с.*
2. *Акбаров Ю. Талаби ҳаёт ва қисмати адабиёт. – Душанбе, 1977. - 283с.*
3. *Бобокалонова Ҷ. Таърихи адабиёти атфол. К.1. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. – 308 с.*
4. *Горкий М. О детской литературе. – М: Изд. Детская литература, 1958. - 320 с.*
5. *Файзуллоев Н. Аадбиёти бадеӣ аз диди илмӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2022. - 548 с.*
6. *Файзуллоев, Н. Шеъри атфол дар қарни бист . – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 221 с.*
7. *Макаренко А.С. О детской литературе и детском чтении. – М.: Детская литература, 1955,- 349 с.*
8. *Маҳмуди Футуҳӣ. Балоғати тасвир. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2018. – 301 с.*
9. *Тазкираи адабиёти бачагон. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.1. - Душанбе: Маориф, 1979. – 334 с.*
10. *Ҳаким, А. Дар қаламрави сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.*
11. *Шукуров М. Таърихи адабиёти тоҷик, к.4. - Душанбе: Дониш, 1980. - 354 с.*

БАЪЗЕ ФАЗИЛАТҲОИ АДАБИИ АШЪОРИ НАРИМОН БАҚОЗОДА

Дар мақола баъзе хусусиятҳои адабию ҳунарии ашъори Н. Бақозода баррасӣ мешавад. Н. Бақозода аз зумраи шоиронест, ки фаъолияти адабию эҷодии худро пурра ба адабиёти бачагонаи тоҷик бахшидааст. Вай шоирест, ки асосан аз ибтидо то рӯзҳои охири умраш барои бачаҳо менавишт, дар дунёи зебои тифлию наврасӣ зиндагӣ кард, бо кудакон як умр ҳамзабону ҳамсуҳбат буд. Вай ба ҳайси як шоири тавонои адабиёти бачагонаи тоҷик аз худ мероси гаронбаҳои адабиро ба ёдгор гузошт, ки он барои тарбияи наслҳои ояндаи кудакони миллати тоҷик хизмат мекунад. Н. Бақозода ҳамеша кӯшидааст, ки дар ҳар як асараш ин ё он фазилати хубу ибратангези инсониро васфу тасвир намояд, моҳияти онро ба хонандаи хурдсоли худ бо лаҳну шеваи баёни ба онҳо фаҳмою дастрас шарҳу тавзеҳи шоирона диҳад.

Калидвожаҳо: шоир, атфол, адабиёти бачагона, Н. Бақозода, тарбият, жанр, достон, наврасон, тасвир, сюжет, поэтика.

НЕКОТОРЫЕ ЛИТЕРАТУРНЫЕ ДОСТОИНСТВА СТИХОВ НАРИМОНА БАКОЗОДА

В статье рассматриваются некоторые литературно-художественные особенности стихов Н. Бакозода. Н. Бакозода – один из поэтов, посвятивших свою литературную и творческую деятельность исключительно детской таджикской литературе. Он был поэтом, писавшим от начала и до конца своей жизни преимущественно для детей, жившим в прекрасном мире детства и юности, на протяжении всей жизни являвшимся их спутником и собеседником. Будучи ярким поэтом таджикской детской литературы, он оставил после себя ценное литературное наследие, служащее воспитанию будущих поколений таджикских детей. Н. Бакозода всегда стремился в каждом своем произведении описать ту или иную добрую и образцовую человеческую качеству, дать своим юным читателям поэтическое объяснение и разъяснение ее сущности на понятном и доступном им языке и в стиле.

Ключевые слова: поэт, ребенок, детская литература, Н. Бакозода, воспитание, жанр, рассказ, юность, образ, сюжет, поэтика.

SOME LITERARY MERITS OF THE POEMS OF NARIMON BAKOZODA

This article examines some of the literary and artistic features of N. Bakozoda's poetry. N. Bakozoda is one of the poets who dedicated his literary and creative work exclusively to Tajik children's literature. From the beginning to the end of his life, he wrote primarily for children, living in the beautiful world of childhood and adolescence, and being their companion and interlocutor throughout his life. A prominent poet of Tajik children's literature, he left behind a valuable literary legacy that will serve the education of future generations of Tajik children. In each of his works, N. Bakozoda always strove to describe a kind and exemplary human quality, offering his young readers a poetic explanation and clarification of its essence in a language and style they could understand and appreciate.

Keywords: poet, child, children's literature, N. Bakozoda, education, genre, story, youth, image, plot, poetics.

Дар бораи муаллиф
Судурова Салима Норасовна
Унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Судурова Салима Норасовна
Соискатель кафедри теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Sudurova Salima Norasovna
Applicant, Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 396+891.55

БОЗТОБИ ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Изатуллоева С. Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Нақши зан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ҳар рангу намуд ҷилва кардааст ва тобишҳои он бо алвони мухталиф ба чашм мехӯрад. Ҳастии ҷинси латиф дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ хеле муассир ва қобили таваҷҷуҳ буда, маънии ҳаёти инсон ва идомаи умри насли инсонӣ бе зан суратпазир нест.

Чеҳраи зан дар осору афкори абармардон ва донишмандони тоҷику форс, аз ҷумла устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ ва шоирону нависандагони дигари ин миллат ҳамчун ҷаҳонбинии дорои мавқеи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ тасвир ёфтааст.

Чунончи, Рӯдакӣ дар рубоии зер ҳастии занро ба “чароғи оламафрӯз” ва гармии меҳри ӯро баробари “хуршеди ҷаҳонсӯз” дониста, занро бо сирату сурати зебо ва бо хислатҳои мададгорӣ ва хайрхоҳии ӯ мадҳ намудааст, ки дар он эҳсоси отифии ин марди шоир сароҳатан ифода ёфтааст, ки ӯ тамоми зебоиҳои ин оламро дар мавҷудияти маъшуқаи худ мебинад:

Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!

Қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тобиши тарҷумаиҳолӣ дошта, то андозае вазъи оилавии ӯро бозгӯ мекунад. Тавре ки аз мазмуни он бармеояд, шоир то овони пирии худ оиладор нашудааст ва овони ҷавонию миёнсолии худро бо айшу хуррамӣ сипарӣ намудааст ва ба зану фарзанд надоштан, ғами зиндагӣ ва рӯзгорро нахӯрдани худ ишора кардааст. Аммо дар замони пирии хеш хонадор ва соҳиби фарзанд шуда, ба ташвиши зиндагиву оиладорӣ мубтаҷеҳ шудааст, ки зани ҷавонаш ӯро ба сababи пирӣ ва афтодагӣ гӯё таънаҳо медодааст. Шоир он айёми пур аз хушиву хуррамиро бо эҳсоси насталжӣ чунин ёдовар шудааст:

“Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд...
Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ дар чашм,
Ба рӯи ӯ дари чашмам ҳамеша ҳайрон буд.

Баъзе шеъру рубоиёти дар ситоиши зан ва маъшуқа сурудаи устод Рӯдакӣ тобишҳои мармуз ва духӯра ҳам касб кардаанд. Масалан, рубоии зерин аз ҳамин қабил аст:

“Аз Каъба калисиёнишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ.
Баъд аз ду ҳазор саҷда дар даргаҳи дӯст
Эй ишқ, чӣ бегона зи динам кардӣ”.

Холиқ Мирзозода ба рубоии мавриди баррасии мо дар як маврид назари орифона дорад. Ӯ дар асоси ин рубоӣ масъалаи баҳо додан ба муносибати рӯҳу ҷаҳони моддиро маънидод карда, қайд мекунад, ки мавзуи рубоӣ дар инъикоси ваҳдати вуҷуд асос ёфта, шоир муҳаббати Илоҳиро ҳам дар Каъба ва ҳам дар калисо мебинад. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳам масҷиду дайру калисоро чун хонаи Худо тасаввур ва тасвир кардааст. Ҳам дар ин рубоии устод Рӯдакӣ ва ҳам дар шеъри Ҳофиз ақоиди баробарии динҳо ва халқҳои олам инъикос ёфтааст. Лозим ба тазаккур аст, ки нигоҳи Х.Мирзозода ба ин рубоӣ яксон нест. Ӯ ба мазмуни ишқи заминии инсонӣ ҳам доштани рубоии фавқ ишора намуда, бо такя ба китоби “Чёрние дни Хайяма” таъкид менамояд, ки рубоии мазкур ба русдухтаре бахшида шудааст, ки аз шаҳри Нижний Новгород бо мақсади тиҷорат ба Хоразм омада, аз тарафи роҳзанон ба асорат меафтад ва Рӯдакӣ он духтарро чун канизак харидорӣ мекунаду ба ӯ ошиқ мешавад, аммо пас аз муддате ӯро ҳамроҳи падараш аз ғуломӣ ва асорат озод карда ба ватанаш раҳсипор месозад. Ин амали Рӯдакӣ қиссаи шайх Санъонро аз “Мантиқуттайр”-и Фаридуддини Аттор ба хотир меорад, ки пас аз хоб дидан ба тарсодухтаре ошиқ шуда, аз баҳри тоату ибодати чандинсолаи худ мегузарад ва пас аз тай намудани мароҳили зиёд ба ватани ӯ роҳ мегирад. Духтарро ёфта, ба ӯ изҳори муҳаббат мекунад ва аз фарти ишқу алоқаи

зиёд бо тақозои тарсодухтар ба нӯшидани шаробу хукбониву сӯхтани мусҳаф даст мезанад. Чунин масъалагузорӣ баробарии намояндагони динҳо ва аквоми мухталифро дар роҳи ишқи инсонӣ бармало ба намоиш мегузорад. Дар шеъри устод Рӯдакӣ чеҳраи зан ва маъшуқа бо рангу таровати тоза ҷилва кардааст. Аммо тасвирсозиҳои устод ва шеваи баёни матолиби ӯ бо амалҳои инсонӣ иртиботи қавӣ доранд.

Тавре ки аз мутолиаи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ бармеояд, дар ин шоҳасар чеҳра ва образи занону бонувон хеле барҷаста тасвир шудааст. Ҳол он ки дар осори бисёре аз шоирони давраи исломии Машриқзамин ин образ бештар тобишҳои манфӣ касб кардааст. Зеро дини ислом ҳуқуқу имтиёзи занонро нисбат ба мардон хеле маҳдуд карда буд. Фирдавсӣ бо такя ба маводи асотир ва эҷодиёти лафзии мардуми Шарқ дар “Шоҳнома” образҳои дурахшони занонро офаридааст, ки аксарияти онҳо бо вафодорию ҷасорат, далерию фарзонагӣ ва зебоию қаҳрамонӣ бо мардон рақобат мекунанд. Ҳар яке аз онҳо дар ҷомеа ва рӯзгори мардон рисолати бузурги худро доранд ва онро бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонанд. Образҳои мусбати занон дар “Шоҳнома” нисбат ба образҳои манфии онҳо бештаранд. Фирдавсӣ сарнавишти модари Фаридун-Фаронак, хоҳарони Ҷамшед-Арнавоз ва Шаҳрнавозро, ки Фаридун онҳоро аз асорати Заҳҳок озод намуда ба ҳамсарии худ мегирад ва аз онҳо наслҳои ҷадид- Салм,Тур ва Эраҷ ба олами ҳастӣ меоянд, ба таври мароқангез тасвир кардааст. Дар миёни мардуми Эрон расме буд, ки бо мақсади тоза нигоҳ доштани хуни авлодӣ аз бегонагон зан мегирифтанд, аммо ба онҳо зану духтар намедоданд. Ҳамин расми аҷдодиро шоир дар асари безаволи худ ба риштаи тасвир кашидааст. Масалан, Фаридун тибқи ин одат ба писаронаш Салму Тур ва Эраҷ духтарони шоҳи Яманро хостгорӣ мекунад. Таҳминаи зани Рустам духтари шоҳи Самангон будааст. Судобаи зани Кайковус духтари шоҳи Ҳомоварон, Фарангиси ҳамсари Сиёвуш ва Манижаи зани Бежан духтарони Афросиёб, зани дуюми Сиёвуш, ки Ҷарира ном дошт, духтари Пирони тӯронӣ будаанд.

Дар “Шоҳнома” силсилаи образҳои машҳури бонувон ба назар мерасад, ки онҳо бо хислату корномаҳои худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва улгӯи минбаъдаи занону духтарон қарор гирифтаанд. Духтари шоҳи Кобул-Меҳробшоҳ, ки Рудоба ном дошт, дар ҳусну малоҳат ва ақлу хирад ҳамто надошт. Ӯ ба дину оин ва расму русуми аҷдодиаш нигоҳ накарда, бо Золи Зар хонадор шуд ва аз онҳо Рустами ҷаҳонпаҳлавон ба олами ҳастӣ омад. Тавре ки Х.Мирзозода қайд кардааст: “Рудоба –образи духтари мустақил, боирода, ошиқу маъшуқи вафодор, модари паҳлавоне, ки ҳамаи халқи Эрон тасаввур карда мешавад-модари ватандӯст аст”.

Чеҳраи дигаре, ки дар баробари Рудоба медурахшад, модари ӯ Синдухт аст. Ӯ барои ба мақсад расидан ва хушбахт шудани духтараш муборизаҳои пайдарпай бурда, сараввал ба сулҳу осоиштагии Зобулистону Кобулистон мусоидат мекунад. Ихтилофи дину оин ва расму русуми кишварҳо, маҳдудиятҳои қабилавӣ ва эътирози шавҳараш садди роҳи ӯ шуда наметавонанд. Ӯ зани ҷасуру хайрхоҳ ва дурандешу оқилаест, ки бо ақли расову ояндабини хеш тавонистааст ба мақсади ниҳоии худ расад. Зеро вай аз нопойдории дунё, баргаштани хубиҳо ва хавфу хатари якравию кӯтоҳандешӣ огоҳии комил дошт.

Яке аз образҳои машҳури асар духтари шоҳи Самангон Таҳмина буда, бо вижагиҳои ба худ хос диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд.

Одатан, Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволаш, ҳар ҷойе ки аз занону бонувон сухан мегӯяд, тавсифи саршор аз эҳтиром ва таҳсинро низ бо он ҳамроҳ кардааст. Нигоҳи боэҳтиромонаи Фирдавсӣ ба меҳрубонии зан, ки ҷуфти некишинос аст, баръало дида мешавад. Ин образҳои неки занон дар оғози достонҳои «Шоҳнома» чашмгир аст. Ӯ ҳамсари Рустам Таҳминаро «хирадманд» ва «покдоман» муаррифӣ мекунад. Дар тасвири ӯ Таҳмина хоксору паричеҳра, бошарму боиффат оварда шудааст:

Равонаш хирад буду тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок [7, с. 164].

Таҳмина бо ҳама ҳашамату дороӣ чун як модари хоксору содабунёд тавонист паҳлавонеро чун Сӯҳроби покдилу покнажод, бекинаву пурорзу тарбия намояд. Ӯ чун зани сирнигаҳдор солҳо бозубанди ба ёдгорӣ додаи Рустамро бо худ нигаҳ медошт ва оқибат ба Сӯҳроб, ки ба ҷустуҷӯи падараш рафт, онро эҳдо намуд. Боиси таассуф он аст, ки Сӯҳроб аз дасти падараш ба таври фоҷиавӣ кушта шуд ва ин хабари шум ба гӯши модараш расид. Модари бечора ба ҷуз афсусу надомат ва азодории тулонӣ чораи дигаре надошт. Ҳамин эпизод аз муассиртарин эпизодҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ буда, шоир ҳиссиёти отифӣ ва ҳолати психологии модари бешавҳар ва фарзандмурдаро бо камоли маҳорат ба тасвир гирифтааст. Лаҳзаҳои тоҷи фарзанди ғӯрамаргро ба даст гирифта нолидани модар, аспи ӯро

ба оғӯш гирифта аз сари ғусса бӯсидан, бо ашки талх дар сари асбобҳои набарди фарзанд гиристан, аз фарти алам чун нишонаи азодорӣ бо ханҷари писар думу ёли аспи ӯро буридан, ҳамаи ашёву колои қиматбаҳои ӯро ба дарвешон додан, дари қасрро ба рӯйи худ баста, онро сиёҳ кардан, либоси кабуд ба бар кардани модари аз фарзанд маҳрумшуда аз амалҳои мухтасари ӯянд, ки оқибат бо ин дарду алам чашм аз олам пӯшид.

Тасвири қаҳрамонии Гурдофарид-духтари сардори қалъаи сарҳади Гаждаҳам барои дифои Дижи сапед ва размаш ӯ бо Сӯҳроби ял низ бисёр ҷолиб аст. Шоир Гурдофаридро на ҳамчун духтари зебо, балки чун ҷанговари ҷангозмудаву пурҳунар ва матину диловар ба риштаи тасвир кашидааст. Вай бо зӯру руҳи қавӣ аз паҳлавонмардони номӣ ҳеҷ камӣ надошт, бо ҳусну латофати духтаронаи хеш ифтихор намекард, балки мояи ифтихори ӯ паҳлавонию ватанпарастӣ буд:

Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг- андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг– андарун кас надид.
Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт [1, с. 214].

Гурдофарид барои ҳифзи ному нанги эрониён ва ҳифзи ватанаш пас аз асорати солори қалъаи сарҳадӣ Ҳаҷир ба дасти Сӯҳроб алайҳи ӯ ба майдони набард мебарояд. Ӯ на танҳо паҳлавону размовар, балки зираку доно ва дар ҳалли мушкилиҳову дафъи бало роҳҷӯю роҳкушо ба тасвир омадааст. Гурдофарид пас аз он ки ба дасти Сӯҳроб асир меафтад, бо ҳуҷумҳои психологӣ ва тадбирҳои оқилонааш нақот меёбад. Сӯҳроб нас аз он ки аз духтар будани ӯ огоҳӣ меёбад, ошиқу волаи вай мешавад. Аммо Гурдофарид чун намояндаи барҷастаи бонувони Эрон на танҳо ба мағлубияти ҷангии худ тан намедиҳад, инчунин ишқи ӯро, ки ба душмании Эрон бархостааст, рад мекунад. Барои ӯ муҳаббати ватанаш ва ҳифзи обу хоки он рисолати аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Дар шахсияти Гурдофарид симои занони ҷасур, пуртадбир ва ватандӯсти Эрон таҷассум ёфтааст.

Чеҳраи дурахшони дигаре, ки дар асари Фирдавсӣ муҷаллост, Гурдияи хоҳари Баҳроми Чӯбина аст, ки ба туфайли бародараш шояд шахси таърихӣ бошад. Вай ба исёни бародари худ алайҳи Хусрави Парвиз эътироз карда, подшоҳиро меросӣ медонад ва борҳо ӯрову ҳамнабардҳояшро насиҳат мекунад, ки аз исён даст кашанд ва рисолати таърихии худро, ки ҳифзи ватан аст, ба иҷро расонанд. Аммо касе ба панди ӯ гӯш фаро намедиҳад ва оқибат Баҳром аз дасти Хусрав шикаст хӯрда, ҳангоми паноҳ овардан ба мулки Чин аз дасти фиристодаи Хусрав ба қатл мерасад. Хоқони Чин Гурдияро ба занӣ гирифтанӣ мешавад, аммо ӯ бо ҳилаву найранг ва ваъдаҳои бебунёд ӯро фиреб медиҳад ва бо силоҳу лашкари озмуда дубора роҳи ватанашро пеш мегирад. Аз фирори ӯ хоқони Чин огоҳ шуда, бародари худ Тувургро бо лашкари ҷаррор барои дастгир намуданаш мефиристад. Аммо ӯ аз дасти Гурдия ба шикаст мувоҷеҳ мешавад. Сипас Гурдия бо лашкари худ дарёи Омӯро убур карда ба ватанаш бармегардад. Бо номаи пур аз меҳру садоқати худ мавриди афви Хусрави Парвиз қарор мегирад. Шоҳ ӯро аз ҳар ҷиҳат месанҷад ва ба хулоса меояд, ки ин зани шуҷоъ ва далер сазовори қадру қимат буда, расму оинҳо ва суннатҳои мардуми Эронро пос медорад. Меросӣ будани тахту тоҷи Эрон, наомехтан ба хуни бегонагон ва ҳифзи ватани аҷдодиашро мароми зиндагии худ қарор додааст. Аз ин ваҷҳ, ҳокимии Райро ба ӯ муносиб мебинад.

Духтари шоҳ Афросиёб-Манижа дар ишқу муҳаббат ва вафодорӣ намунаи беҳтарини занони дар “Шоҳнома” инъикосёфта буда, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои ниҳоияш ягон мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ ва расму оине садди роҳи ӯ шуда наметавонад. Дар роҳи расидан ба висол ӯ озодии мутлақ дорад. Бежани эрониро ба ҳарамсаройи худ мебарад ва пас аз фош шудани сираш мавриди хашму ғазаб ва муҷозоти падараш қарор мегирад. Бо шафоати Пирон Бежанро ба дор намекашанд ва ӯро ба зиндон мепартоянд. Манижа бо нони гадоӣ ӯро муддати мадиде аз хавфи гуруснагӣ нақот медиҳад ва бо ёрии Рустам аз зиндон нақот мебахшад ва ба мақсади ниҳоии худ мерасад. Манижа намунаи барҷастаи бонувонест, ки дар роҳи расидан ба аҳдофи ошиқонаашон метавонанд бо садоқату сабру таҳаммули дандоншикан комёб шаванд.

Дигаре аз чеҳраҳои бонувони “Шоҳнома” Фарангис-зани Сиёвуш ва духтари Афросиёб аст, ки аз ӯ Кайхусрав ба дунё омадааст. Ӯ бо мақсади бартараф шудани ихтилофоти миёни Эрон ва Тӯрон пас аз Ҷарираи духтари Пирон ба ҳамсарии Сиёвуш пазируфта шудааст. Фаъолияти ӯ мисли Ҷарира дар чаҳорчӯбаи тасвир чандон маҳдуд нашудааст. Фарангис Сиёвушро дӯст медошт, баъди ба ноҳақ кушта шудан ва ба шаҳодат расидани Сиёвуш мотам мегирад ва падараш ба ғазаб омада, фармон медиҳад, ки мӯйи сарашро тарошида чунон

латукӯбаш кунанд, ки фарзандаш аз батнаш афтад. Бо ёрии Пирон фарзанди худро ҳангоми навзодиаш ба галабонҳо месупорад. Ва тадриҷан тибқи васияти Сиёвуш аспи ӯро ёфта, аз ҳама нозу неъматҳои падараш ва дарбори ба зулм оростаи ӯ рӯй мегардонад. Вақте ки миёни лашкари Пирон ва Геви паҳлавон набарди хунин доир мегардад, Пирон ба дасти Гев асир меафтад. Фарангис аз рӯйи сипосгузорӣ ва ба ҷо овардани некиҳои Пирон ӯро аз асорати Гев наҷот медиҳад. Оқибат ҳамроҳи Геви паҳлавон ва писараш ба хотири садоқат ба шавҳараш ба ранҷу азобҳои зиёде нигоҳ накарда, аз дарёи Ҷайҳун мегузарад ва ба Эрон паноҳ меёбад. “Фарангис модарест, ки аз нажоди тӯронӣ бошад ҳам, аз як тараф, барои нигоҳ доштани сулҳу амнияти Эрону Тӯрон, аз тарафи дигар, барои тавлид ва парваришу ба мақсади шоҳӣ расондани шоҳи меросии Эрон (Кайхусрав) аз насли Сиёвуш кӯшиш кардааст”.

Ҳумой яке аз ҳушмандтарин бонувони «Шоҳнома» аст. Зане, ки на танҳо дар мақоми модар ва ҳамсар, балки дар мақоми давлатдорӣ, равобити иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ сафири муваффақ аст:

Писар буд ӯро яке шергир,
Ки Сосон-ш хондӣ варо Ардашер.
Яке духтараш буд, номаш Ҳумой,
Ҳунарманду бодонишу покрой.
Ҳаме хондандӣ варо чеҳрзод,
Зи гетӣ ба дидори ӯ буд шод. [2, с. 43].

Ин зани фарҳехта дар “Шоҳнома”-и безавол бодонишу покрой ва хубрӯю ҳунарманд тасвир ёфтааст ва Баҳман ӯро валиаҳд мехонад:

Чу аз дард шоҳ андаромад зи пой,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд Ҳумой.
Бузургону некахтаронро бихонд,
Ба тахти гаронмоягон барнишонд.
Супурданд бад-ӯ тоҷу тахти баланд,
Ҳамон лашкару ганҷу бахти баланд.
Валиаҳди ман ӯ бувад дар ҷаҳон,
Ҳамон кас, ки з-ӯ зояд андар ниҳон [1, с. 43].

Яке аз чеҳраҳои мураккабтарини занон дар “Шоҳнома” образи Судоба мебошад. Ӯ дар навбати аввал чун образи мусбат амал карда, баъдан ба персонажи манфӣ табдил меёбад. Судоба духтари шоҳи Яман буд ва дар роҳи ишқу муҳаббати Кайковус ҷоннисорӣ карда, хилофи раъйи падараш ба Эрон омад. Аммо баъд аз он ки Сиёвуши писари шавҳарашро дид, бар асари шаҳват дилбохтаи ӯ шуд ва рисолати модарандарии худро фаромӯш карда, борҳо хостори ҳамбистарии ӯ шуд. Аммо Сиёвуши муаддаб ва парҳезгор ин даъвати ӯро қатъиян рад кард ва Судоба аз сари ғазаб даст ба туҳмати ноҳақ зад. Ковусро бовар кунонд, ки Сиёвуш ба ӯ изҳори муҳаббат кардааст. Кор ба дараҷае расид, ки зани ҷодугареро киро карда, фармуд, ки дору хӯрад, то ин ки тифли батнаш биафтад. Судоба ин тифли афтидаро аз они худ эълон намуд ва изҳор кард, ки сабабгораш Сиёвуш аст. Деги ғазаби Кайковус ба ҷӯш омада, фармон дод, ки Сиёвуш аз кӯҳи оташ гузарад. Сиёвуш чунин амалро ба анҷом расонид, аммо дар оташ насӯхта бегуноҳии ӯ собит гардид. Кайковус пас аз ин ҳодиса ҳақиқати ҳолро дарёфта фармон дод, ки Судобаро барои чунин ҳилаву макраш ба қатл расонанд. Аммо Сиёвуш аз роҳи раҳмдилӣ аз падар афви ӯро тақозо намуд ва худ аз чунин амалҳо дилмонда шуда роҳи Тӯронро пеш гирифт ва дар он сарзамин ба таври фоҷиавӣ кушта шуд. Вақте ки Рустам аз ин фоҷиа огоҳӣ ёфт, барои гирифтани интиқоми Сиёвуш пеш аз сафараш Судобаро ба қатл расонд, зеро сабабгори ҳамаи мусибатҳои ба сари ӯ омада ҳамин зан буд. Фирдавсӣ дар симои Судоба образи таъмимии занони дарборро офаридааст, ки онҳо сабабгори бисёр дасисаҳо ва нооромиҳои дарбор буда, барои расидан ба ҳадафҳои нопок ва қонеъ гардонидани шаҳвати худ омодаи ҳар гуна аъмоли зиштанд.

Абулқосим Фирдавсӣ ба занону модарон асосан назари нек дорад. Чеҳраҳои манфии бонувон дар “Шоҳнома” хеле каманд. Ӯ ба модарон, шахсияти отифии онон ва раҳму шафқати онҳо эҳтиром мегузорад. Ба фарзандонашон насиҳат мекунад, ки ба панди онҳо гӯш фаро диҳанд:

Зи гетӣ ҳаме панди модар ниюш,
Ба бад тез маштобу бар бад макӯш! [13, с. 113].

Ё:

Зи модар сухан дарпазиру марав,
Ба рою хирад панди модар шунав [13, с. 113].

Зан дар ирфони исломӣ ҳам ҷойгоҳи хосса дорад. Ҷалолуддини Балхӣ занро симои холиқияти Парвардгор медонад, ки дар осори ирфонии форсу тоҷик таҷаллӣ ёфтааст. Мавлоно дар ин бора чунин фармудааст:

Гуфт Пайғамбар, ки зан бар оқилон,
Ғолиб ояд сахту бар соҳибдилон.
Боз бар зан ҷоҳилон ғолиб шаванд,
З-он ки эшон тунду бас хирараванд.
Партави ҳақ аст он, маъшуқ нест,
Холиқ аст он, гӯиё махлуқ нест [3, с. 164].

Ё дар ҷойи дигар:

Гуфт зан: "Сидқ он бувад, к-аз буди хеш
Пок барҳезӣ ту аз маҳҷуди хеш [3, с. 180].

Дар китоби "Тазкиратулавлиё"-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ зикри 97 нафар авлиё рафтааст, ки дар миёни онҳо танҳо як тан бону мавҷуд буда, он Робиат-ул Адавийя (Робиаи Адвия) аст, ки бо кашфу каромоти хеш шуҳрат ёфтааст. Азбаски духтари чоруми падараш буд, ба ӯ чунин ном гузоштаанд. Ба шарофати ӯ падараш соҳиби нозу неъмати фаровон шуд. Вале падару модараш зуд аз олам чашм пӯшиданд ва дар Басра қаҳтсолӣ ба вуҷуд омад. Робияро ба золиме ба ғуломӣ фурӯхтанд, ки корҳои вазнин мефармуд. Рӯзе номаҳраме пеши роҳаш дучор омад. Робия рӯ ба фирор ниҳод. Дар роҳ афтида дасташ шикаст. Шабҳои дароз ба тоату ибодат машғул мешуд. Шабе хоҷаи наваш, ки марди худотарс буд, бедор шуда мушоҳида кард, ки "Робиа ба Худо муноҷот мекунад, ки маро ту зердасти махлуқе кардаӣ. Хоҷа қандиле дид аз болои сари ӯ овехта: муаллақ, бесилсилае ва хона аз фурӯғи он нур гирифта. Хоҷа чун он бидид, бархосту ба ҷойи худ бозомад ва ба тафаккур биншаст, то рӯз шуд. Чун рӯз шуд, Робиаро бихонду бинавохт ва озод кард..." [12, с. 35]. Ҳамин тариқ, шайх Аттор кашфу каромоти дар роҳи ҳаҷ ва ҳузури авлиёи дигар кардаи Робияи Адвияро ба қалам додааст, ки басо шавқангез ва ҷолиб буда, ӯро чун зани парҳезгор, поку худотарс, зираку ҳозирҷавоб ва донишманду оқила муаррифӣ менамояд.

Дар осори классикони форсу тоҷик ишқ ба ду маънӣ омадааст: ишқи ҳақиқӣ-ишқи махлуқ ба Холиқ ва ишқи маҷозӣ-ишқи мард ба зан ва ё баръакс. Шоирон дар тараннуми ҳар ду навъи ишқ доди сухан додаанд ва ин амал ба дараҷае расидааст, ки дар ташхиси бозтоби ин ду навъи ишқ дар ғазалиёти эшон хонанда ба душворӣ дучор меояд. Масалан, дар ин абёти Анварии Абевардӣ:

Гулбуни ишқи ту бехор омадаст,
Ҳар гулеро сад харидор омадаст.
Оламеро аз ҷафои ишқи ту
Пою пешонӣ ба девор омадаст [10, с. 45].

Образи маъшуқа дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ назар ба бисёре аз шоирони классик равшантару возеҳтар тазоҳур ёфтааст, ки тобиши реалӣ ва заминӣ дорад. Масалан дар ин ғазал:

Дар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,
Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё [10, с. 361].

Ба дидорбинӣ даъват намудани маъшуқаи заминӣ тавассути корбурди кинояву маҷозҳои муносиб сурат гирифтааст. Шоир "дил"-ро ба муҳит, яъне баҳру уқёнус ва "чашм"-ро ба дарё ташбеҳ додааст. Дар абёти баъдина маъшуқро ба насими пираҳан, наргиси шаҳло, шамъи базморо сайёди бепарво ва худро ба сайди гирифтори дом шабоҳат дода, яктоиву беназирии ӯро ба офтоб монанд карда, ғазалро ҷамъбаст намудааст:

Рӯзгоре шуд, ки чашми Сайидо маъвои туст,
Офтобӣ, дар маҷоми худ биё, танҳо биё [10, с. 361].

Дар ағлаби ғазалиёти классикон мавзуи марказӣ сӯзу гудози ошиқ ва бепарвоии маъшуқа буда, талаби васлу дидор бо эҳсоси отифӣ маҷоми махсус дорад. Албатта, дар ин фасл ҳамаи онҳоро таҳлилу баррасӣ намудан аз имкон хориҷ аст.

Дар осори иддае аз классикон тасвири чеҳраи зан бо масоили тарбияву парвариш иртиботи қавӣ дорад. Вуҷуди зану мард ба ҳайси падару модар дар пайдоишу ташаккул ва камолоти фарзанд аз масоили мубрам ва таваҷҷуҳбарангези осори ниёгони мост. Тарбияи фарзанд ва касби камоли он танҳо бо саъю эҳтимоми падару модар ба вуқуъ меояд. Мусаллам аст, ки ҳамаи натиҷаҳо ба роҳу усулҳои тарбияи волидайн вобаста аст. Тавре ки муҳаққиқ М. Шарофова хулоса баровардааст, "Кайковус падару модарро ба дарахт ва фарзандро ба меваи он монанд кардааст. Агар дарахт хуб парвариш ёфта бошад, меваи он

ҳам беҳтару ширинтар мешавад” [4, с. 4]. Мавзуи мавриди назар дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Аксарияти классикони форсу тоҷик ҳаёти мардро бе зан тасаввур намекардаанд. Аз он ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус боби бисту шашуми “Қобуснома”-и худро “Андар зан хостан” номгузорӣ кардааст. Зеро барои соҳиби фарзанд шудан ва идома додани наслҳо зан хостан амри табиист. Мавсуф зимнан ба писараш чунин андарз додааст: “Эй писар, чун зан хостӣ, ҳурмати худро неку дор. Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизи худ аз зану фарзанд дареғ мадор, аммо аз зани басалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон” [4, с. 91]. Дар ин боб нависанда ба фарзандаш насиҳат мекунад, ки дар талаби моли зан набошад, ба ҳусни зоҳирии ӯ тамаъ накунад, дар талоши зани аз худ муҳташамтар набошад, ба зан беасос рашк набарад. Бояд ӯ занеро ба ҳамсарӣ интихоб кунад, ки парҳезгору покизаву покдин, оқилаву бофаросат ва меҳрубону вафодор бошад. Мард бояд аз зани забондароз ҳамеша дурӣ ҷӯяд. Муаллиф осоиш, муваффақият ва салоҳи зиндагии мардро ба зан вобаста медонад ва баъдан масъалаи тарбияи фарзандро ба миён мегузорад.

Достони “Лайлӣ ва Маҷнун” аз адабиёти араб сарчашма мегирад ва мусаллам аст, ки дар партави он дар адабиёти форсу тоҷик достонҳои сершуморе ба майдони адаб омада, шоирон ишқи шӯрангезу ҷонсӯзи Маҷнун ва саркашию якравиҳои Лайлиро бо камоли ҳунар мавриди эҷод қарор додаанд. Албатта, баррасии онҳо дар ин ҷо аз имконият берун аст. Саъдии Шерозӣ дар боби панҷуми “Гулистон”, ки “Дар ишқу ҷавонӣ” ном дорад, ба ин достон талмеҳан ишораҳо дорад. Шайх дар ҳикояте овардааст, ки ба яке аз маликони араб ҳадиси ошиқонаи Маҷнун ва Лайлиро нақл карданд ва ӯ тарки мардум карда, сар бар биёбон ниҳодани Маҷнунро камоли беақлӣ дониста, фармуд, ки ин ошиқу маъшуқро ба наздаш оранд. Малик вақте ки ба Лайлӣ назар кард, дид, ки ӯ сияҳфоми борикандом буда, камтарин хидматгорони дарбораш аз ҷиҳати ҳусну ҷамол аз ӯ беҳтаранд. “Маҷнун ба фаросат дарёфт, гуфт:

Аз даричаи чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳидаи ӯ дар ту таҷаллӣ кунад” [9, с. 146]. Таҳти мазмуни ин сухани Саъдӣ дар миёни мардуми мо мақоли “Лайлиро бо чашми Маҷнун бояд дид” шуҳрат ёфтааст.

Шайх Саъдӣ дар “Бӯстон” ҳикояте овардааст, ки дар он ақлу фаросат ва таваккули занро аз мард болотар мегузорад. Аз дандон баровардани кӯдак падари фақираш ғамгин мешавад, ки ман ризқу рӯзии ӯро минбаъд аз куҷо пайдо мекарда бошам? Дар ин асно занаш, ки ба фаросату таваккул ороста буд, бо чунин суханон ӯро тасаллӣ медиҳад:

Маҳӯр ҳавли Иблис, то ҷон диҳад,
Ҳам он кас, ки дандон диҳад, нон диҳад.
Тавоност охир Худованди рӯз,
Ки рӯзӣ расонад, ту чандин масӯз.
Нигорандаи кӯдак андар шикам,
Нависандаи умру рӯзист ҳам [8, с. 50].

Бачо овардани эҳтироми зан ва модар дар адабиёти классикӣ аз мавзуоти мустаъмал маҳсуб меёбад. Саъдӣ дар “Гулистон” ҳикояте овардааст, ки дорои аҳаммияти тарбиявӣ буда, ҷавононро ҳушдор медиҳад, ки модарони пири худро ҳурмату эҳтиром кунанд. Зеро онҳо дар назди фарзандон ҳуқуқи зиёд доранд. Модарон дар айёми тифлии фарзандонашон онҳоро аз рӯйи меҳру шафқат парасторӣ кардаанд, ба ҳама нозу азобҳои додаи онҳо тоб овардаанд, онҳоро ба камоли мардӣ расонидаанд, яъне фарзандон дар назди модарони пир умре мадюн ҳастанд:

“Вақте ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам. Дилозурда ба кунҷе нишаст ва гирён ҳамегуфт: Магар хурдӣ, ки дурушти мекунӣ?” [9, с. 158].

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар маснавии “Ҳашт биҳишт” дар фасли “Дар насиҳати фарзанди мастураи хеш” мавъизае дорад, ки ба духтараш Афифа мутааллиқ аст. Он ҳанӯз аҳаммияти тарбиявии худро аз даст надодааст. Занону мардони замони мо метавонанд ин мавъизаро сармашқи зиндагии хеш қарор диҳанд. Шоир духтарро неъмати Парвардгор арзёбӣ намуда, ба олами ҳастӣ омадани ӯро ба салоҳдиди Худованд марбут медонад, аз вучуди ӯ шукрона мегӯяд ва мақоми модарро дар ҳастии инсон аз падар баландтар меҳисобад:

Ҳар чӣ Ӯ дод, бас писандидаст,
Ҳам зи аввал салоҳи он дидаст.
Падарам ҳам зи модар аст охир,
Модарам низ духтар аст охир [7, с. 62].

Зимнан ба ривояти бе падар аз Марями маъсум ба вуҷуд омадани Масеҳоро ёдовар шуда, дар мисраъҳои баъдина андарзи падаронаи худро ба духтараш идома дода, расвоии бонувонро дар орову торои беҳуда, исрофкорӣ ва худнамоиву фитнаҷӯии онҳо арзёбӣ мекунад:

Дар зан орад ду фитна расвоӣ,
Симпошиву пайкарорӯ.
Бас арусон, ки фитнаҷӯй шуданд,
Аз сапеда сиёҳрӯй шуданд [7, с. 65].

Шоир дар ин қисмати маснавӣ ба духтараш панд медиҳад, ки ба шавҳараш вафодор бошад, аз амру фармони ӯ сар напечад. Бо марди бегона, ҳатто агар Хизр бошад ҳам, суҳбат накунад, аз пайи ҳавову ҳавас наравад, покдину покдил ва покизаахлоқ бошад. Дар зиндагӣ сарфакор ва оқибатандеш бошад, сабаби тангдастии шавҳараш нашавад, моликияти ӯро эҳтиёт кунад. Ин мавъизаҳо дар замони мо ба он занону бонувоне дахл доранд, ки бо кӯтоҳандешиву булҳавасӣ, олуфтагиву худписандӣ на танҳо ба худашон, инчунин ба оилаҳояшон низ зарари ҷуброннопазир мерасонанд ва сабаби вайронию ноустувории оилаҳо мешаванд. Чунин мазмун дар ғазали Зебуннисо низ бозтоби худро ёфтааст:

Духтари шоҳем, лекин рӯ ба фақр овардаем,
Зебу зинат сӯхтему номи мо Зебуннисост [7, с. 123].

Нақши бонувони сухангӯ ва донишвар дар адабиёти классикии форсу тоҷик мақоми хосса дорад. Дар маҷмуаи “Лутфи латиф” (1991) аз мушоираи чанд тан аз бонувон, аз қабили шоира Ниҳонӣ (надимаи модари шоҳ Сулаймон), Офоқ (ҳамнишини шоҳзода Мирзо Бадеуззамон), Ҳаёт (зане дар ҳарамсаройи Ҷаҳонгир), Нурҷаҳон (тахаллусаш Ҷаҳон- зани Ҷаҳонгир), Бибӣ Давлат (шоираи нобинои самарқандӣ), Тасвирии Муршидободӣ (ҳамсари Мир Ишқӣ), Умҳонии Яздӣ, Зебуннисо, Амонӣ, Меҳситӣ (Маҳастӣ), Меҳрӣ, Амонӣ ва зани Сӯзанӣ, ки табъи шоирӣ доштанду дар ҳозирҷавобӣ ва зиракӣ маъруф буданд, нақлҳои ҷолибе фароҳам омадаанд. Нақли мухтасари намунаи чунин ҳикоёт дар ин ҷо аз манфиат холӣ нест. Шоир Сӯзанӣ дар растаи Хайётон дӯкони дӯзандагӣ доштааст ва тахаллусаш низ аз ҳамин ҷо будааст. Рӯзе пас аз кор бо табъи хира ба хонааш меояд. Занаш аз ӯ иллати табъи нохушашро мепурсад. Сӯзанӣ бо як мисраъ баён мекунад:

-Мардона дӯхтем, кас аз мо намехарад.

Эзоҳ: Шоир либосҳои мардонаи дар чанд муддати охир дӯхта фурӯхта натавонистаи худро дар назар дошт. Занаш ҳам, ки табъи шоирона дошт, ба мисраи гуфтаи шавҳараш чунин ҷавоб медиҳад:

-Рав, рав, занона дӯз, ки мардони мо харанд [5, с. 43-44].

Дар мисраи ҷавобияи зани Сӯзанӣ санъати таҷнис хеле моҳирона ва шоирона мавриди корбурд қарор гирифтааст. Вожаи “харанд” ба ду маънӣ истифода шудааст: маънии аввалаш-харидорӣ намоянд, маънии дуюмаш хар ҳастанд.

Фазилат ва фаросату ҳозирҷавобии занон дар бисёре аз ҳикоёт бозтоби худро ёфтаанд. Дар ҳикояти “Бақои гул” чунин омадааст:

“Мегӯянд шоира Амонӣ яке аз надимаҳои Зебуннисо буда, табъи саршор ва завқи баланди адабӣ дошт. Рӯзе бо Зебуннисо дар боғ гардиш мекард ва Зебуннисо аз ӯ пурсид:

-Эй Амонӣ, гули садбарг чаро механдад?

Амонӣ филбадеҳа ҷавоб дод:

-Бар бақои худу бар ғафлати мо механдад” [5, с. 36].

Чеҳраи рӯшан ва симои бонувони соҳибистеъдод ва бофазилат аз мавзуъҳоест, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим таваҷҷуҳи аҳли қаламро ба худ ҷалб кардааст. Дар китоби “Намунаҳои ашъори шоирони машҳури форсу тоҷик” чунин маълумоти ҷолиб омадааст, ки табъи латифу истеъдоди фитрии занонро бозгӯ мекунад: “Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нахустин шоир Баҳроми Гӯр шинохта шудааст. Гӯё ӯ (дар қарни V) бо Дилороми Чангӣ чунин мушоира доштааст:

Манам он пили дамону манам он шери яла.

Дилороми Чангӣ идома додааст:

Ном Баҳром турову падарат буҷила” [1, с. 3].

Шеъре, ки бонувон сурудаанд, чун ҳусну латофат ва малоҳати онҳо вижагиҳои ба худ хос дорад. Зеро занон назар ба мардон эҳсоси амиқтар доранд ва ин хусусият дар шеърашон мунъакис мегардад. Тавре ки аз таърихи адабиёт бармеояд, нахустин шеърро ба забони ноби тоҷикӣ дар қарни Х Робиаи Балхӣ бинти Каъб эҷод намудааст, ки матлаи яке аз ғазалиёти ӯ чунин аст:

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод! [11, с. 4].

Баъд аз Робиа дар сурудани ашъор занони суханвари дигар, аз қабили Маҳастии Хуҷандӣ (1097/98-1183), Ҷаҳонмаликхотун, Меҳрии Ҳиротӣ (асри XV), Зебуннисо (1639-1702), Мастураи Курдистонӣ (1805-1848), Гавҳари Бадахшонӣ, Махфии Бадахшонӣ, Ҷаҳони Шерозӣ (1325-1382), Оишаи Дурронӣ (1779-1853), Нодираи Андиҷонӣ (1792-1842) шуҳрат касб кардаанд. Мутолиаи шеъри бонувони классик моро ба хулоса меорад, ки пояи ашъорашон аз шеъри мардон пастӣ намекунад. Масалан, дар корбурди саноеи бадеӣ ва паҳлугардонии сухан матлаи ин ғазали Нодираи Андиҷониро намуна овардан кофист:

Эй сарвиноз, тунд марав, сӯйи ман биё,
Доғи дилам шукуфта, ба сайри чаман биё [11, с. 9].

Дар шеъри иддае аз бонувон ишқи заминӣ (ба ифодаи дигар- реалӣ) таҷаллии хосса дорад. Масалан, Мастураи Курдистонӣ дар ин мавзуъ ғазале дорад, ки сӯзу гудози ошиқонаи ӯро сароҳатан ифода мекунад ва бозтоби эҳсоси отифии як тан зани танҳост:

Ёр аз мо дилгарон шуд, ҳайф-ҳайф,
Бесабаб номеҳрубон шуд, ҳайф-ҳайф.
Кард пастам бар замин чун нақши пой,
Нолаам то осмон шуд, ҳайф-ҳайф [11, с. 10].

Бисёре аз бонувони суханвар мавзуи ирфониро дар ашъори худ мавриди корбурд қарор додаанд, ки мансуб ба андешаву оро ва сабки фардии худи онҳост. Оишаи Дурронӣ аз шумули чунин занҳост. Ӯ барои баёни андешаҳои орифонаи худ аз сабки ироқӣ ва истилоҳоти сӯфиёна кор гирифтааст:

Шароби ноби ирфонро бикун нӯш,
Ғами дунёи дунро кун фаромӯш.
Биё, соқӣ, бидеҳ ҷоми лаболаб,
Ҳарифон ҳозиру хумхона дар ҷӯш [11, с. 9].

Тазкираҳое, ки ба бонувони суханвар ихтисос доранд, миқдоран каманд. Дар тазкираи “Шеъри занони Афғонистон”, ки ба қалами Масъуди Миршоҳӣ мутааллиқ аст, хонандагон метавонанд бо намунаи осори ҳаштод нафар шоира ошноӣ пайдо намоянд. Дар “Тазкираи адибони Бадахшон” намунаи шеъри чордаҳ тан бонуи суханвари ин минтақа фароҳам омадааст. Тоҷӣ Усмон соли 1963 китоберо таҳти унвони “Шоира Маҳастӣ” тадвин намуда, ба нашр расонидааст. Соли 2015 “Тазкираи шуарои Хуҷанд”-и Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ аз чоп баромад, ки дар он роҷеъ ба мухтасари ҳасби ҳол ва намунаи осори бонувони сухангӯи Хуҷанд Муниса Маҳастӣ, Зебои Хуҷандӣ, Қамбархони Хуҷандӣ, Муаззамхони Хуҷандӣ, Муаттархони Хуҷандӣ, Фазилати Хуҷандӣ ва Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ маълумоти саҳеҳ дода шудааст. Аксари ин бонувон дар муҳоҷират умр ба сар бурдаанд, ки дар ашъори сурудаи онҳо мавзуи меҳварӣ меҳри зодгоҳ ва ёди ватан мебошад. Масалан, Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ, ки худ дар мамолики араб, дар муҳоҷират мезистааст, чунин ғазале сурудааст:

Мо ғарибон аз диёри хештан берун шудем,
Аз ҳама ёрон ҷудо гаштему дил пурхун шудем...
Сокини Макка, Мадина, Ҷадда, дар Тоиф, Риёз,
Молики мулку макон, аз ҳар ҷиҳат мамнун шудем...
Оҷизо, парвои молу мулки дунёро макун,
Лек аз доғи ҷудоӣ лахта-лахта хун шудем [8, с. 458].

Хулоса, дар адабиёти классикии форсу тоҷик, ки осори он асосан зери нуфузи дини ислом ва таълимоти он эҷод шудааст, нисбат ба зан ва бонувон бетаваҷҷуҳӣ зоҳир накардаанд. Ҳарчанд ки бисёре аз ниёгони мо ба тараннуми ишқи ирфонӣ мароқ зоҳир намудаанд, аммо падидаҳои фаровонеро аз ин адабиёт дучор меоем, ки дар онҳо бозтоби чеҳраи бонувон бармало ба риштаи тасвир кашида шудааст, яъне онҳо ба тасвири ёри хаёлӣ чандон маҳдуд нашудаанд. Осори ошиқонаи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ, “Маснавии маънавӣ”, асарҳои Саъдиву Унсурулмаолии Кайковус ва ғазалиёти шӯрангези шоирони асрҳои миёна шаҳодати ин гуфтаҳоянд. Илова бар ин, дар садаҳои мутавассит иддае аз бонувони суханвар ва оқилаву фарзона зиндагӣ ва эҷод намудаанд, ки бо ашъори пуртароват ва ҳозирҷавобиву ҳусни истеъдоди фитрии хеш на танҳо мардонро қоил кардаанд, инчунин дар ривоҷу равнақи адабиёти классикии форсу тоҷик фаъол ва саҳим будаанд.

Адабиёт

1. *Абулқосим, Ф. Шоҳнома– Ҷилди 2. / Ф. Абулқосим. - Душанбе: Адиб, 1987. - 315 с.*
2. *Абулқосим, Ф. Шоҳнома Ҷилди 7. / Ф. Абулқосим. - Душанбе: Адиб, 2009. - 480 с.*
3. *Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2013. - 480 с.*
4. *Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома / Унсурулмаолии Кайковус. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. - 200 с.*
5. *Лутфи Латиф. (Мураттибон У.Ҳақбердӣ ва В.Одина) /.- Душанбе: МИП Тоҷикистон, 1991.-72 с.*
6. *Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (Аз давраи қадим то асри 13) Китоби 1. / Х. Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1987. - 488 с.*
7. *Намунаҳои ашъори шоирони машҳури форсу тоҷик. (Мураттиб И.Наққош). - Душанбе: Адиб, 2025. - 192 с.*
8. *Насриддини, Хуҷандӣ Абдулманнон. Тазкираи шуарои Хуҷанд / Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2015. - 512 с.*
9. *Саъдӣ, Ш. Гулистон / С. Шерозӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. - 232 с.*
10. *Ҳазор ғазал аз сад шоир. Тартибдиҳанда Иброҳими Наққош.- Душанбе: Ирфон, 2011. - 599 с.*
11. *Чилдухтарон. Тазкира. (Мураттиб И. Наққош) / - Душанбе: Эр-граф, 2020. - 340 с.*
12. *Шайх, Аттори Нишопурӣ Фаридуддин. Тазкиратулавлиё / Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. - Душанбе: Ирфон, 2016.-560 с.*
13. *Шоҳбайтҳои "Шоҳнома". Муаллифи сарсухан ва мураттиби китоб Шодӣ Асрор / - Душанбе: Адиб, 1990. - 224 с.*

БОЗТОБИ ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Дар мақолаи мавриди назар сухан перумони он осори класиконе меравад ки дар онҳо чеҳраи занону бонувони тоҷик инъикоси бадеи худро ёфтааст. Муаллифи мақола ин мавзуро пайгирӣ карда, аз осори мутафаккирону адибони классик намунаҳои муносиберо истифода намуда, онҳоро аз нуқтаи назари худ таҳлилу барасӣ намудааст. Дар ашъори ғиноии шоирони классик, асосан ҳусну ҷамоли занон бозтоб шуда, дар осори ҳамосавӣ ҷасорату ватанхоҳии онҳо мунъакис гаштааст. Дар олами ислом нигоҳ ба ин ҷинси латиф ихтилоф дорад. Дар асрҳои миёна чандин бонувони суханвар зиндагиву эҷод намудаанд, ки намунаҳои осори онҳо аз назари мо пинҳон намондааст. Муаллифи мақола кӯшиш ба харҷ дододааст, ки тасвири чеҳраи занону бонувонро дар асоси асарҳои ниёгонамон баррасӣ намуда, аз онҳо хулосаҳои амиқ барорем, зеро чунин падида бо ҳама паҳлуҳои отифиаш дар сухани онҳо рӯшантар ба назар мерасад. Муаллиф ҳамчунин ба масъалаи муносибати ҷаҳони ислом бо зан таваҷҷуҳ зоҳир карда, нишон медиҳад, ки дар ин робита дар анъанаҳои фикрии асрҳои миёна ихтилофҳои назариявӣ вуҷуд дошт. Бо вуҷуди ин, таърих гувоҳ аст, ки дар ин давра бисёр бонувони донишманду суханвар фаъолона эҷод кардаанд ва намунаҳои осорашон то замони мо расидааст. Мақола кӯшиш мекунад дар асоси мероси адабии ниёгон симои бадеии занро ҳамаҷониба таҳлил намуда, хулосаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии амиқ ба даст диҳад, зеро маҳз тавассути сухани классикон паҳлуҳои отифӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии мақоми зан равшантар ошкор мегарданд.

Калидвожа: чеҳраи зан, адабиёти классикӣ, асрҳои миёна, ҳуқуқи зану мард, ҳусну ҷамоли бонувон, таълимоти дини ислом, устураву ривоёти қаблазисломӣ, истеъдоди занони суханвар.

ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗА ЖЕНЩИНЫ В КЛАССИЧЕСКОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В рассматриваемой статье речь идёт о тех памятниках классической литературы, в которых художественно отражён образ таджикских женщин. Автор последовательно рассматривает данную тему, используя соответствующие примеры из произведений мыслителей и классиков литературы, анализируя их с собственной научной позиции. Отмечается, что в лирической поэзии классиков главным образом отражаются красота и изящество женского образа, тогда как в эпических произведениях находят выражение их мужество и патриотизм. В исламской традиции отношение к женщине было неоднозначным. В эпоху Средневековья существовало немало женщин-поэтов, которые творили и оставили после себя произведения, дошедшие до нашего времени. Автор статьи стремится рассмотреть художественное изображение образа женщин на основе наследия наших предков и вывести глубокие выводы, поскольку именно в их словесном мороси эмоциональные аспекты, нравственные ориентиры и эстетическое понимание женской природы проявляются наиболее отчётливо. Автор также уделяет внимание вопросу восприятия женщины в исламском мире, подчёркивая, что в интеллектуальной традиции Средневековья существовали различные теоретические подходы. Несмотря на это, история свидетельствует, что в данный период многие образованные и одарённые женщины активно создавали литературные произведения, часть которых сохранилась до наших дней. Статья стремится провести всесторонний анализ художественного образа женщины на основе классического наследия и сделать глубокие культурные и социальные

выводы, поскольку именно в классической литературе наиболее рельефно раскрываются эмоциональные, нравственные и эстетические стороны образа женщины.

Ключевые слова: женский образ, классическая литература, Средние века, права мужчин и женщин, женская красота, исламские учения, доисламские мифы и легенды, талант женщин-поэтесс.

THE REFLECTION OF THE FEMALE IMAGE IN CLASSICAL TAJIK LITERATURE

The article under consideration examines those works of classical literature in which the artistic image of Tajik women is reflected. The author follows this theme consistently, drawing on suitable examples from the writings of classical thinkers and poets and analyzing them from his scholarly perspective. It is noted that in classical lyrical poetry the beauty and elegance of women are primarily emphasized, whereas in epic works their courage and patriotism are depicted. Within the Islamic tradition, views regarding women have been diverse. During the medieval period, numerous women poets lived and created literary works, some of which have survived to the present day. The author of the article aims to analyze the artistic representation of women on the basis of the literary heritage of the ancestors and to derive profound conclusions, as the emotional, ethical, and aesthetic aspects of the female image appear more distinctly in classical literature. The author also addresses the issue of how women were perceived in the Islamic world, demonstrating that medieval intellectual traditions exhibited various theoretical perspectives on this matter. Nevertheless, historical evidence shows that many educated and talented women actively contributed to the literary sphere of their time, producing works that have partially survived. The article attempts to undertake a comprehensive analysis of the artistic image of women grounded in classical heritage and to formulate deep cultural and social insights, since classical literature most clearly reveals the emotional, moral, and aesthetic dimensions of the female portrayal.

Keywords: female image, classical literature, Middle Ages, gender rights, female beauty, Islamic teachings, pre-Islamic myths and legends, women poets' talent.

Дар бораи муаллиф
Изатуллоева Сулҳия Қудратовна
Унвончӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Изатуллоева Сулхия Кудратовна
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Izatulloeva Suhiya Qudratovna
Applicant for the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 821.161.2-3:821.161.2(575.2

КАМОЛ НАСРУЛЛО ВА НАҚШИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ӯ

Шаҳнозаи Ю. С.
Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар тамоми сарчашмаҳои адабӣ шеърро каломи мухайял, сеҳри мубин, тамаддуни шуур таъриф кардаанд. Шеър аз тамоми навъҳои адабӣ бо бадеият, назокату латофати худ фарқ дорад. Мазмунро метавон дар ҳар навъи сухан пешкаши хонанда намуд, аммо агар онро ба таври эъҷоз ороста ба хонанда пешкаш намоянд, он шеър ном мегирад. Шоирони номвар, ки бо мӯъҷизаи хунари шоирии хештан ҳамеша баъд аз реҳлати ҷисмонӣ ҳам дар сӯҳбати мо қарор доранду бо ҳикмати гаронсанги худ раҳнамои мо ҳастанд, маҳз мазмунро дар парниёни рамзҳои зебо то мо маҳфуз доштаанд. Масалан, нигоҳ кунед ба ҳамин як байти зебои Ҳофиз:

Нозанинони наботӣ ҳама зевар бастанд,
Дилбари мост, ки бо ҳусни худододӣ омад.

Агар Ҳофиз мегуфт, маъшуқи ман бидуни рангу оро ва пардоз зебост, барои ҳар яки мо сухани одӣ мебуд. Аммо ин ҷо бадеият сухани одиро дар канори дурахшу зебоӣ ва дилошӯбӣ ба мо эҳдо кардааст. Нозанинони наботӣ (яъне дарахтон) ҳама зевар бастанд, (яъне баҳор омада бо баргу бор ороста шуданд). Аммо дилбари мо бо зебоии муъҷизаосову беназиру бидуни рангу бор омад, - мегӯяд Ҳофиз ва ин ҷо таркиби «нозанинони наботӣ», ки киноя аз дарахтон аст, ё шояд гулҳо, зебоиву бадеияти шеърро таъмин карда, мазмунро ба мақоми шеър будан расонидааст. Ҳамин гуна шеъре, ки ороста аз низому оҳангнокӣ ва бадеият ва мазмуни наву тоза ба қавле "маънии бегона" нест аз хотири мардум зуд зудуда мешавад. Тарҷеҳи шеър аз назми уру хушк маҳз дар бадеияти шеър аст.

Камол Насрулло аз шумули насли панҷуми адибони шуроии тоҷик маҳсуб мешавад, ки солҳои ҳафтодуми садаи бистум ба майдони адабиёт омадаанд. Замоне ки ин насли адибон ба саҳнаи адабиёт омаданд, дар Тоҷикистон ва дар саросари Иттиҳоди Шӯравии собиқ як муҳити нисбатан мувофиқу мусоиду ороми дӯстонаю бародаронаи адабии ёрирасони ҳамдигар ва имконияти фаровон барои ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ҳукмфармо буд. Устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар адибони ҷавони он солҳоро дар зиндагиву эҷод дастгиру мададгор буданд ва Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар…бо осори асили хеш устодони кабирашонро ба ҳайрат мегузоштанду дар олами шеър эҷоду тозакориҳо мекарданд ва ҳар кадомашон роҳи хоси эҷодии хешро муайян карда, барои насли панҷум аз қабили Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Зиё Абдулло, Доро Наҷот, Зулфия, Шаҳрия, Фарзона, Муҳаммадалии Аҷамӣ… ҳукми устодӣ пайдо карда буданд.

Дар байни жанрҳои лирикии адабиёти форсии тоҷикӣ ғазал аз ҳама маъмултар буда, тақрибан шоиреро пайдо карда наметавонем, ки ғазал нагуфта бошад. Жанри ғазал яке аз қадимтарин ва дар айни замон зебову дилошӯбтарин шакли шеърӣ аст. Дар ин қолаби шеър дар тӯли асрҳо таҷаддуду таҷрибаҳо, ибрози андеша ва эҳсос сурат гирифтаанд. Пайдоиши ин жанр аз Рӯдакӣ оғоз мешавад ва дар эҷодиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Сайидо, Бедил, Соиб, Ҳилолӣ ва дигарон рушду равнақи беназир пайдо мекунад. Намояндагони сабки ҳиндӣ жанри ғазалро чун зарфе барои укёнусҳои маънӣ ва бадеияту назокати сухан ба кор гирифтаанд. Ғазал барои шоир равзани кӯчакеро барои шинохту маърифати замину осмон, дирӯзу имрӯзу фардо ва ҳарчи дар раҳгузори нигоҳи дидаву дил ва хирад қарор дорад, пешорӯи нигоҳи маърифат густурда медорад. Яъне шакли шеърии ғазал додани замину осмонро дар қатра аз шоир талаб мекунад, ки танҳо эъҷози ҳунари шоир ин тавонро дорад. Достону қасида ин мушкили шоирро ба андозае содаву осон мекунад, то тамомии андешаву афкор ва зебоиҳои зеҳни шоир дар зарфи бузургтаре гунҷоиш ёбад.

Муаллифони сарчашмаҳо низ ҳангоми шарҳи аҳволу ашъор ва дараҷаи маҳорати адибон дар исботи матлаб бештар аз ғазалиёти онҳо намунаҳо овардаанд.

Соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин вожаи ғазалро чунин шарҳ медиҳад:

«Ғазал-бозӣ кардани маҳбуб ва ҳикоят кардан аз ҷавонӣ ва ҳаводиси сӯҳбат ва ишқи занон; ва билфатҳ (яъне ғазл) риштан ва ресидан; ва ба маънии ришта ва ресмон ва расан оранд» [4, с. 87].

Муҳаммад Биҳиштӣ дар китоби «Фарҳанги Сабо» чунин овардааст:

«Ғазал: 1) ришта ё тобидани мӯ ё пашм; 2) суҳбат кардан ва шӯхӣ кардан бо занон; сухане, ки дар васфи занон ва дар васфи ишқи онон гуфта шавад; ва номи навъе аз шеър, ки бештар дар бораи ишқ ва ишқбозӣ бо занон мегӯянд ва теъдоди абёти он камтар аз ҳафт ва зиёдтар аз понздаҳ набояд бошад» [1, с. 738].

Таърифи нисбатан пурраи ғазалро Қубулмуҳаммад дар «Ҳафт қулзум» чунин баён мекунад:

«Бидон, ки ғазал дар луғат дӯст доштани ҳадис бо занон ва дар истилоҳ абёти чанд аст муттаҳид дар вазну қофия ва байти аввали он мусарраъ бошад ва мусарраъ байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраи он қофиядор бошад, онро матлаъ ва мабдаъ номанд ва байти сонӣ агар ҳар ду мисрааш қофиядор бошад, зеби матлаъ ва ҳусни матлаъ ва баёти охирро мақтаъ ва хотима хонанд ва машрут он аст, ки мутаҷовиз аз ёздаҳ байт набошад, яъне дувоздаҳ байт ва баъзе то нуздаҳ байт ҳадди ғазал гуфтаанд. Аммо баъзе шуарои мутааххирин бисту як байт гуфтаанд ва як ғазал бисту ҳафт байт ҳам дар назар омада, лекин ҳадди ғазал нуздаҳ аст ва агар зиёда бар он бошад, онро қасида номанд. Ва дар ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли муҳит ва сифати ҳоли ишқ бошад ва мавоизу насоеҳ дар дигар ақсоми шеър дарҷ гардад ва ҳарчи бунёд кунад, агар висол бошад ё фироқ, ба ҳамон тамом кунад ва дар ғазал байтпуркун набошад ва то охири ғазал ҳар байт аз байти дигар барҷастатару намоёнтар бошад» [5, с. 44-45].

Дар адабиёти асрҳои миёна ғазал писандидатарин жанри адабӣ маҳсуб меёфт. Шоирони ғазалсаро тадричан ба қолаби ғазал мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро низ ворид карда, доираи фарогириии онро вусъат додаанд, яъне ғазалҳои орифонаву ирфонӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ дар радифи ғазалҳои ошиқона дар майдони адабиёт арзи ҳастӣ кардаанд. Ва исбот шудааст, ки қолаби зебои ғазал метавонад, ки мавзӯоти мухталиферо дар худ гунҷонад.

Ба тасдиқи ҳамагон дар таърихи адабиёт Шайх Саъдӣ устоди ғазал эътироф шудааст. Маҳбубият ва имкониятҳои жанри ғазал боиси он шудааст, ки дар дарозои қарнҳои зиёд шоирони форсу тоҷик аз сурудани он даст накашидаанд. Имрӯз низ шуарои муосири мо ғазал мегӯянд ва фардову фардоҳои дигар ҳам ғазал хоҳанд гуфт ва дар қолаби он дарду армонҳои замони худро бозгӯ хоҳанд кард.

Бояд зикр кард, ки дар замони муосир низ жанри ғазал мақому манзалати хешро аз даст надодааст. Шоирон Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар Фарзона ва дигарон ба ғазал тозагӣ бахшида рӯҳияи замонии онро таъмин кардаанд. Дар ғазал сухани тоза ба қавле «маънии бегона» гуфтан, ба шоирон ба осонӣ даст намедиҳад Ба қавли Фирдавсии Тӯсӣ «сухан гуфта шуд гуфтанӣ ҳам намонд». Гуфтани ғазали тозаву ноб танҳо ба шоири ростин даст медиҳад.

Камол Насрулло яке аз шоиронест, ки дар сурудани шаклҳои суннатии шеър, аз ҷумла, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва ғайра кӯшишҳо карда ва навовариҳои зиёдеро ба даст овардааст.

Камол Насрулло маҳз бо бадеият ва оростагии ашъораш бо санъатҳои сухан ҷойгоҳи махсуси худро дар байни адибони муосир соҳиб аст. Донишвари бедилшиноси эронӣ Нақиб Нақавӣ мегӯяд, ки мондагортарини шоирон ононе ҳастанд, ки ба касе монанд нестанд. Яъне ҳунари шоирияшон пур аз навист. Камол Насрулло дар сурудани шеър дорои ин вижагиҳои ҳунарист:

1. Ашъори шоир навовариҳои зиёдеро канори хеш дорад ва пайдост, ки шоир дар асри 21 зиндагӣ дорад.

2. Таркибҳои шоиронаву хос, ки ашъори Камол Насруллоро аз дигарон тарҷеҳ медиҳад, ба фаровонӣ ба чашм мерасад.

3. Дар натиҷаи мутолиоти фаровоне, ки шоир аз адабиёти классикӣ ва муосири форсӣ ва ҷаҳон дорад, сабки махсуси худро ба вуҷуд овардааст, ки дорои вежагиҳо ва махсусиятҳои хоси худ мебошад.

Дар ғазалҳои шоир масъалаҳои вақту фазо, ҳастию нестӣ, маргу зиндагӣ, ишқу отифа, андешаву таҳаммул, ифтихор аз гузашта ва бовар ба оянда, озодӣ ва истиқлол баён шудаанд.

Дар эҷодиёти шоир ғазалҳои ватандӯстона, иҷтимоӣ, ишқӣ (лирикӣ), динӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва ҳатто ирфонӣ ва ғазалҳое, ки ба ашхоси ҷудогонаи шинохтаву ношиноҳта бахшида шудааст, зиёданд.

Устод Камол Насрулло ба суоли “Писандидатарин шеърҳоятон барои Шумо кадомҳоянд?”, чунин посух гуфтаанд: “Ин корро кардан душвор аст, агар як шеър аз ҷиҳате хубтар бошад, шеъри дигар хуб аст аз ҷиҳати дигар. Аслан ман фикр мекунам, шеърҳои ман сатҳашон ба ҳамдигар наздик аст ва бартарӣ додан мушкил аст. Аммо барои беҷавоб намондани саволатон аз китобҳои пешин мекӯшам чанд шеърро ном барам. Аз ҷиҳати

самимият шеъри “Хоҳар”, аз ҷиҳати сиёсӣ “Шеъри сафеди рӯзҳои сиёҳ”, аз ҷиҳати ватандӯстӣ шеъри “Ватани тоҷик” ё “Дорад, надорад”, аз ҷиҳати ҳолат ва маънавиёт шеъри “Нома ба офтоб”, аз шеърҳои сафед “Диёри пок” бароям писандидатаранд” [8, с. 9].

Чун мавзӯи ишқ аз ҷовидонатарин ва мондагортарин мавзуъҳои адабиёти ҳазорсолаи мост, дар эҷодиёти ҳар шоире намунаҳои зиёди ғазалиёти ишқиро мебинем. Ишқ мавзӯест, ки доманаи бисёр фарох ва густурда дорад. Вожаҳои ёр, ағёр, маъшуқ, ошиқ, гул, булбул, ҳаҷр, висол ва садҳо вожаи дигар иртиботи бевосита ба мавзӯи ишқ доранд.

Дар эҷодиёти Камол Насрулло ҳам ин мавзӯъ акси бевоситаи худро бо нигоҳи мушаххасу муайян ва дарку шинохти ҷудогонаю махсуси шоир ёфтааст.

Ғазале бо радифи «Дӯст хоҳам дошт», ки дар маҷмуаи «Дар фурудгоҳи як таманно» омадааст, бо эҳсоси баланди инсониву инсондӯстӣ гуфта шудааст. Шоир ба таркиби «дӯст доштан» хусусияти гуманистӣ медиҳад ва аз дӯст доштани худ ифтихор мекунад:

То тавонам, то тавонам, дӯст хоҳам дошт,
То бувад зӯру тавонам, дӯст хоҳам дошт.
Душманӣ кӯрист, алайҳи душманони худ,
Душманонамро ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.
Дар ҷавонӣ бе муҳаббат зистан ҳайф аст,
Ман ба пирӣ ҳам ҳамонам, дӯст хоҳам дошт.
Ҳар нафас, ҳар ҳарф, ҳар рози ниҳонатро
Бо лабу гӯшу забонам дӯст хоҳам дошт.
Гар бар он манзил барад бар боли покаш ишқ,
Ман бар онам, ман бар онам, дӯст хоҳам дошт.
Дӯст медорам на аз one, ки дорам дӯст,
Ман ба ҷони дӯстонам дӯст хоҳам дошт.
Дил куҷо битвонад ишқатро фаро гирад,
Ман ба ҷонам, ман ба ҷонам дӯст хоҳам дошт [8, с. 97].

Ҳама ҳастии шоир барои дӯст доштан аст. Барои ӯ душманӣ бегона аст, душманиро кӯрию ҷаҳолат ва гумроҳӣ меҳисобад, душманиро аз нодонии инсонҳо медонад ва бар рағми душманонаш онҳоро дӯст медорад, яъне ҷазову сазо ва «душманӣ»-и ӯ бо душманонаш дӯст доштан аст:

Душманӣ кӯрист, алайҳи душманони худ,
Душманонамро ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.
Ӯ аз ин байти Хайём кор мегирад:
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас, фарқ миёни ману ту чист? Бигӯ [8, с. 40].

Умри гузарандаи инсониро шоистаи душманиву бадбиниву кину кудурату нафрат намедонад, фақат зебо будан, зебо дидан, меҳру муҳаббат, ишқу садоқатро мехоҳад ва орзу мекунад, ки одамон ҳам мисли ӯ бошанд ва аз разолату қабоҳати даруни худро бираҳонанд ва хонаи дили худро бо муҳаббат ва «дӯст доштан» музайян намоянд. «Дӯст доштан» барои шоир мӯҷиби зинда будан, зиндагӣ кардан аст. Рӯзе, ки аз «дӯст доштан» ноумед мешавад, дилаш мешиканад, дилмонда мегардад ва дасти дил мешӯяд, барояш торикӣ, зулмат ва нестӣ оғоз мешавад, зеро «дӯст доштан» барояш нуру рӯшноӣ ва офтоби рӯзгорон аст.

Дар ин ғазал мо шоирро мебинем, шоир худро ба ин ғазал бахшидааст, худро гунҷонидааст. Руҳу ҷони шоир тасвири бадеӣ ёфтаанд:

Дил куҷо битвонад ишқатро фаро гирад,
Ман ба ҷонам, ман ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.

Ғазали дигари шоир саршор аз дӯстдории ёр ва муҳаббат ба ӯст. Вожаҳо дона-дона, марворидгуна чида шудаанд ва сурати як зевари зебову бемисларо пеши чашми хонанда аён менамоянд. Ин ғазал намои ишқу зебоӣ ва дӯстдории як ошиқи содиқ ва васфи маҷнунвори ӯ аз маъшуқаш аст. Дар ҳар нигоҳи ошиқ, дар сараш, дар дилаш, дар фитрату фараш, дар фикру зикру хаёлаш ҳамеша акси ёраш муҷассам аст:

Ту дар нигоҳи ман, дили ман, дар сари манӣ,
Ту дар фарози фитрати ман, дар фари манӣ.
Аз субҳи файзбор ба уммеди рӯйи ту,
Дафтар кушудаам, ки ту дар дафтари манӣ.
Дар навниҳоли себи сари раҳ шукуфтаӣ,
Як лавҳи хандарӯй ба сақфи дари манӣ.
Сар бар сари пиёла ба андеша меравам,
Бар сар кашам чӣ гуна? Ту дар соғари манӣ.

Бас аз варои ҳодиса, аз моварои марг,
Ман вораҳидаам, ки ту дар бовари манӣ.
Ту дар замин, дар осмон, дар чор самти вақт,
Тобу табе ба ҳастии тобовари манӣ.
Дорӣ даруни доираам дар мадори ишқ,
Дар доварӣ ягонаву дардовари манӣ [9, с. 119].

Шоир агар ҳар "субҳи хандарӯй", ки ёдовар аз рӯи хандарӯи ёраш аст, барои гуфтани шеъре дафтар мекушояд, ба ин умед аст, ки ӯ бо ҳузури ғайбиаш дар хотиру хаёлаш боиси он мешавад, то ӯро дар гуфтани шеъри тозае мададгорӣ намояд ва муҷиби наққошии зебои ишқи зебову самимию заминии ӯ мегардад. Ва ин шеър ҳам бо сабаби вуҷуди ӯ дар ёду хотири шоир ва ишқи беназири ӯ аз лавҳи дилу хаёли шоир рӯи авроқи сапед рехтааст.

Ин ёри нозанин дар ҳама ҷо: дар гулҳои себи шукуфтаи канори роҳ, дар сақфи дар ба сурати лавҳае, дар соғари май, дар замину осмон ва «дар чор самти вақт» намудор аст. Мисли гули себ ӯ ҳамеша зебову поку мубаррост, мисли субҳ фариштаи поку маъсум аст, оина аз нигоҳи ӯ мадюн аст, аз тамошояш серӣ надорад ва ӯ аз тамошои худ дар оина мефахраду меболад. Шоир бар ёри зебое дил додааст, ки нест ва ин ёри зебои хаёливу афсонавӣ ӯро хаёливу девонаву Маҷнун кардааст. Ӯ ғаму аламашро бо май аз лавҳи дилаш мешӯяд, аммо на ишқи ӯро. Вақте ки мехоҳад охирин сотгини майро бар сар кашад, акси ёрашро дар дурдаи май мебинад, андеша мекунад, ки ба комаш бирезад ё на:

Сар бар сари пиёла ба андеша меравам,
Бар сар кашам чӣ гуна? Ту дар соғари манӣ [10, с. 201].

Ин ишқи созанда дар душвортарин лаҳзаҳо, махуфтарин сонияҳо ҳамдаму мӯниси шоир буда, ӯро аз «варои ҳодиса»-ҳо, аз «моварои марг», аз доми «деву дад», аз панҷаи хатар, аз занҷири асорати яъсу навмедиҳо раҳоӣ бахшидааст, зеро бе шаку тардид ба ин ишқ, ин муҳаббат ва ин ёр бовар ва эътиқоду эҳтиром қоил аст:

Бас аз варои ҳодиса, аз моварои марг,
Ман вораҳидаам, ки ту дар бовари манӣ.

Ва ин ишқ, ин ёр ҳамеша дар роҳи зиндагӣ байни неку бад, сиёҳу сафед, росту дурӯғ, савобу гуноҳ довар аст ва марзҳоро барои шоир муайян намуда, довари якрӯю якмароми рӯзгораш аст ва ҳамеша ҳамроҳу ҳамдилу ҳамқадами ӯст ва ӯро ба манзили мақсуд мерасонад. Бо он ки ӯ ва ишқу ҳастии ӯ барои шоир гоҳе дардовар ва сахт аст: Дорӣ даруни доираам дар мадори ишқ, Дар доварӣ ягонаву дардовари манӣ.

Як ғазали зебои дигари шоирро метавонем идомаи ин ғазал шуморем, аз он ҷо ки дар ин ғазал ҳам аз ҳамон дард, ҳамон ишқ ва ҳамон ёр сухан мегӯяд. Ин ҷо шоир аз «дер омадан»-и ёраш шикоят мекунад. Ёре, ки дар буду набудаш ҳамеша бо ӯст, дар ӯ зиндагӣ мекунад. Дар набудани ёраш ӯ гиря-гиря худ, ҳастии худ, ишқи худро бо рехтани боронҳо ва баргҳои поизӣ гиристааст. Аз дурӣ, ҳаҷру фироқ дилсӯхтаву маҳзуну хунинҷигар гаштааст, дилу ҷонаш обу туроб шудааст. Шоир розӣ аст, агар «хазон», яъне марг барои дубора дидани ёри сабзқадамаш боис гардад, ӯ розӣ аст, зеро бо омадани он ёр ӯ «маргро мекушад» ва фано(нестӣ)-ро ҳаст мекунад ва дар «ҳеч» мезияд:

Омадӣ, дер омадӣ, ман нестам,
Ман, ки бе ту низ бо ту зистам.
Дар гули борон далели ман биҷӯ,
Гиря-гиря хешро бигристам.
Бо хазони ман қудуми сабзи ту,
Мерасид, овозанон мехестам…
Қаҳ-қаҳи барги хазон бишнав, ки ман
Маргро куштам фаноро зистам.
Дар дилам дарёст баҳри қатрае,
Дастбори бори миннат нестам… [9, с. 122].

Дар ин шеър таркибҳои «гули борон», «гиря-гиря хешро гиристан», «қаҳ-қаҳи барги хазон», «маргро куштан» ва «фаноро зистан» аз зумраи тозатарин корбурдҳо дар шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки то имрӯз дар забони шеъри гузашта ва имрӯзи мо собиқа надошт.

Ё дар ғазали дигар, ки бо радифи «ошиқ мешавӣ» аст, шоир ин боварро дорад, ки ёри бепарвояш рӯзе ҳатман ба ӯ ошиқ мешавад, ӯро дӯст медорад, бо ҳама «нозу адо»-яш, бемеҳрияш, бепарвоияш:

Ту ба ман пайваста ошиқ мешавӣ,
Бар дилам дил баста ошиқ мешавӣ.

Вақте ки «мавсими ошиқию кор ба бунёд меояд», ӯ чашмҳоро баставу бандҳоро бигсаста ва зарфҳоро бишкаста, мисли мурғе, ки солҳо дар қафас будааст ва яке аз тасодуф озод шудааст, аз ҳама касу ҳама чиз рамида ба сӯи ин ишқ ва ин ёр мепарад, дигар парвои касерову чизеро надорад:

Нозҳое мекунӣ аввал, сипас
Чашмҳоро баста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки бадан ларзад яке,
Зарфро бишкаста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки раҳо гардад асир,
Бандро бигсаста ошиқ мешавӣ.
Мисли мурғе, ки рамад ногаҳ парад,
Аз ҳама вораста, ошиқ мешавӣ.

Ва агар ин ишқ дар ҷавонии ёр тасодуф науфтод, рӯзе ҳатман он ёр пушаймону «зору лолу хаста», ҳатто, дар пирияш ошиқ мешавад, зеро ишқ солу моҳу аслу фаслу марзу бумро намешиносад: Дар ҷавонӣ гар нашуд, дар пирият Зору лолу хаста ошиқ мешавӣ.

Чун ин ишқ софу поку самимиву заминиву ҳақ аст, зимистону баҳору тобистону поизаш ҳам бо хосту фармони Ҳақ аст: Як зимистон рӯ ба рӯ бо амри ҳақ, Оқибат биншаста ошиқ мешавӣ.

Ин ҷо шикастани ғуруру худхоҳӣ ва гулро гирифта давидан тасвири зебову олӣ аст, ки дар навори тасаввури мо саҳнаи ишқомези ду дӯстдоштаро ҷилвагар менамояд:

Охирин гулро гирифта медавӣ,
Аз ғурурат раста ошиқ мешавӣ.

Ёре, ки риштаҳои робитаро тор-тору банд-банд кандааст, бо надомати афзун аз охирин риштаи имконоташ барои расидан ба ин ишқ, ин ёр ва ин «ошиқ шудан» истифода мекунад, аз фаромӯшхонаи айём риштаҳои кандаи дӯстиву ишқро бо панҷаҳои ларзони дил баста-баста меояд, ки саранҷом ба манзили ишқи ин ёр мерасонад ва боис ба дубораву чандбора ошиқ шудани ӯ мегардад:

Канда-канда риштаҳоро рафтаӣ,
Баста-баста, баста ошиқ мешавӣ [11, с. 51].

Ва он аҳдеро, ки бо худу дили худ барои фаромӯш кардани шоири ошиқ бастааст, мешиканад ва ошиқ мешавад:

Аҳдро бишкаста ошиқ мешавӣ,
Дидаҳоро баста ошиқ мешавӣ.

Ин ғазали зебову самимӣ саршор аз тасвирот аст, тасвири ҳолатҳо, лаҳзаҳо ва амалҳои як духтаре, ки тоза ошиқ мешавад ё ошиқи дерина аст.

Дар роҳи ишқи самимии ӯ дигарон монеаҳое сохтаанд. Шоир дар оинаи ғазал сарнавишту саргузашти як ишқро бознамову бозгӯ кардааст. Ин ҷо «шикастани зарф», «бандҳоро гусастан», «гулро гирифта давидан» ва дигарҳо пеши назарамон лаҳзаҳои мушаххасро намудор менамоянд, ки аз мушоҳидакорӣ ва дақиқназарии шоир дарак дода, дар роҳи ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ будани шоирро нишон медиҳанд.

Ғазали мазкурро дар сурати комил мутолиа менамоем:

Ту ба ман пайваста ошиқ мешавӣ,
Бар дилам дил баста ошиқ мешавӣ.
Нозҳое мекунӣ аввал, сипас
Чашмҳоро баста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки бадан ларзад яке,
Зарфро бишкаста ошиқ мешавӣ.

Ончуноне, ки раҳо гардад асир, Бандро бигсаста ошиқ мешавӣ. Мисли мурғе, ки рамад ногаҳ парад, Аз ҳама вораста, ошиқ мешавӣ.

Дар ҷавонӣ гар нашуд, дар пирият
Зору лолу хаста ошиқ мешавӣ.
Як зимистон рӯ ба рӯ бо амри ҳақ,
Оқибат биншаста ошиқ мешавӣ.
Охирин гулро гирифта медавӣ,
Аз ғурурат раста ошиқ мешавӣ.
Канда-канда риштаҳоро рафтаӣ,
Баста-баста, баста ошиқ мешавӣ.
Аҳдро бишкаста ошиқ мешавӣ,
Дидаҳоро баста ошиқ мешавӣ [8, с. 104].

Дар ғазали дигаре бо номи «Наво» гуфтааст:

Биё, то дар сафои ту бимирам,
Биё, дар пеши пои ту бимирам.
Агар сад бори дигар зинда гардам,
Барои ту, барои ту бимирам.
Маро сад бор куштӣ, зинда кардӣ,
Бимон, дар Карбалои ту бимирам.
Ҷу аз ту зинда ҳатто зиндагонист.
Ту мону ман ба ҷои ту бимирам.
Маро як сӯзи ту сад сози ҳастист,
Сазад, то ман сазои ту бимирам.
Барои ғуссаҳоят зиндаам дор,
Барои бӯсаҳои ту бимирам.
Расида ҷонам, эй ҷон, то ба ҷое,
Бигӯ, то дар куҷои ту бимирам?
Зи ман нав рафтани ту низ нав нест,
Нав о, то дар навои ту бимирам [9, с. 79].

Шоир ё қаҳрамони лирикӣ худро дар ишқи ёре бохтааст, маҷнуни саҳрои ишқ аст ва дар талаби лайловаше дар балои Карбало наздик аст, ки шаҳид шавад. Омадани ёраш барои шоир сафою осоишовaранда аст ва ӯ ҳозир аст дар пеши пои ёраш «бимирад», зеро зиндагию маргаш барои ӯст: Агар сад бори дигар зинда гардам, Барои ту, барои ту бимирам. Маро сад бор куштӣ, зинда кардӣ, Бимон, дар Карбалои ту бимирам.

Шоир қабул дорад, ки ба хотири зинда будани ёраш «ба ҷои ӯ» бимирад, зерои ҳастии зиндагӣ ва зиндагон [7, с. 36] бе ҳастии ӯ нест:

Ҷу аз ту зинда ҳатто зиндагонист.
Ту мону ман ба ҷои ту бимирам.

Дар мисраи дигаре аз ин ғазал ба хотири зебоӣ, шевоӣ ва барҷастагии шеър калимаҳои наздикталаффузи «соз», «сӯз», «сад», «сазад», «сазо» истифода гардида, таносуб ва маъно халалдор нашуда, баръакс сухани шоирона ироа гаштааст:

Маро як сӯзи ту сад сози ҳастист,
Сазад, то ман сазои ту бимирам.

Дар байти дигар калимаи «нав» ба ду маъно дар таркибҳои «нав рафтан» ба маънои ҳозир, ҳамин ҳоло, ба тозагӣ, андак вақт пеш рафтан ва «нав нест» ба маънои нав набудани амал, собиқа доштани амал, такрорӣ будани амал истифода шудааст:

Зи ман нав рафтани ту низ нав нест,
Нав о, то дар навои ту бимирам [13, с. 101].

Як ғазали дигари шоирро ғазали ишқӣ-иҷтимоӣ шуморидан мумкин аст, зеро аз жарфно ва умқи маънии он мо андешаҳои иҷтимоиро пешорӯи худ мебинем. Хонандаи закӣ дармеёбад, ки гӯяндаи ин ғазал як шахси рӯзгордида, соҳибтаҷриба ва марди баркамол аст. Муаллиф аз гирудорҳо, пасту баландии рӯзгор хаста шудаву таманноi бо ёр будан ва аз корҳои «беҳуда»-и дунё фориғ гаштанро таманно дорад.

Нопойдор будани дунё, омадану рафтани ҳамнишинон, васлу ҳиҷрон, валвалаҳову ҳангомаҳо, афсонаву фасонаҳо шоирро хаста кардааст:

Рафтанд ҳамнишинон, бигзор бо ту монам,
Дар шоми дарди ҳиҷрон бигзор бо ту монам.
Ҳангомаҳо гузашанд, афсонаҳо гузаштанд,
Монда азоби виҷдон, бигзор бо ту монам.
Хуршед омаду рафт, сад ид омаду рафт,
Ман бо ду чашми ҳайрон бигзор бо ту монам.
Як пайки ошно нест, дар дидае сафо нест,
Эй монда аз азизон, бигзор бо ту монам.
Мансаб харид инро, курсӣ фурӯхт онро,
Эй пайкари гулафшон, бигзор бо ту монам...
Ҳастам зи хеш ранҷур, аз худ маро бикун дур,
Аз худ маро гурезон, бигзор бо ту монам [9, с. 204].

Дар ин ғазалвора байти

Мансаб харид инро, курсӣ фурӯхт онро,
Эй пайкари гулафшон, бигзор бо ту монам.

қуллаи андешаи иҷтимоии шоир аст. Тасвири воқеият дар ҷомаи тахайюли шоирона буруз кардааст.

Шоир мисли обу моҳӣ, мисли ҷисму ҷон ва ҳамчун шуълае дар нигоҳ бо ёри худ буданро мехоҳад:

Монанди обу моҳӣ, чун шуъла дар нигоҳе,
Чун васли пайкару ҷон бигзор бо ту монам.

Аз умри гузашта, аз лаҳазоти ба боди фано рафта, аз «ёди аз ёдҳо рафта», шикояти ҷонсӯзу пурнадомати шоирро мешунавем. Аз гузашта захмҳои носуру дардҳои пинҳон дар замири дили шоир аст. Намехоҳад, аз онҳо касе бипурсад ва худ ниҳон доштанро авло медонад, зеро «ба гузашта салавот» гуфтааст:

Ёдам зи ёдҳо рафт, умрам ба бодҳо рафт,
Бо дардҳои пинҳон бигзор бо тумонам [12, с. 20].

Дар мақтаи ғазал шоир аз дасти худу кардаҳои худ ранҷуру хаста буданашро иброз намуда, аз ёраш илтиҷо дорад, то ӯро аз ӯ бирабояд, «гурезонад» ва бигзорад то ҳамроҳи ёраш бимонад: Ҳастам зи хеш ранҷур, аз худ маро бикун дур, Аз худ маро гурезон, бигзор бо ту монам.

Аз мутолиаи ғазалҳои фаровони ишқии шоир, ки ғолибан таносубу пайвастагии ноаёнеро байни ҳамдигар доранд, дунёи меҳру ишқу муҳаббату отифаи шоир моро иҳота карда, бо рамзҳо, розҳо, сӯзу созҳои ошиқ ва маъшуқа, ёру ағёр ошно менамоянд.

Камол Насрулло ҳам мисли ҳар шоири дигар, ки бо эҳсос ва ҳолатҳои равонию рӯҳии инсон сарукор дорад, тавонистааст, ки эҳсос ва дарди худро бо хонанда ба миён гузорад ва онро муштарак гардонад, зеро ҳама инсонҳоро ин «дард», яъне ишқ фаро мегирад, ҳама инсонҳоро васлу ҳиҷрону падруду пайғом, ғаму шодию интизорию бедорӣ пушти рӯзҳову шабҳояш пинҳон аст ва дар маҷмуъ инсонҳо дарди муштарак доранд. Аз ин нигоҳ, як шеър метавонад дар ҳолатҳои гуногун ба дарди гурӯҳи одамон бихӯрад ва ё нахӯрад. Фақат шоир аст, ки ҳолатҳое, ки аз сару дили ҳама одамон ва аз андешаю таҷрибаи худаш ҳам мегузарад, дар қолаби каломи бадеъ мерезад ва ба ҷомеа пешниҳод мекунад.

Адабиёт

1. *Биҳиштӣ Муҳаммад. Фарҳанги Сабо. – Теҳрон, 1365. – 1199 с.*
2. *Лоҳурӣ, Иқбол. Куллиёт. - Теҳрон: Амири Кабир, 1347. - 445 с.*
3. *Лоҳутӣ, Абулқосим. Пайғом. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 336 с.*
4. *Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.*
5. *Муҳаммад, Қабул. Ҳафт қулзум. Дар луғоту мусталеҳоти мустаъмали аҳли Аҷам / Қабул Муҳаммад. – Лакҳнав, 1238. – 154 с.*
6. *Насрулло, Камол. Барги зуф. - Душанбе: Адиб, 1980. - 142 с.*
7. *Насрулло, Камол. Гузаргоҳи дил. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 111 с.*
8. *Насрулло, Камол. Дар фурудгоҳи як таманно. - Душанбе: Адиб, 2003. - 272 с.*
9. *Насрулло, Камол. Зангӯлаҳои фарёд. - Душанбе: Адиб, 1993. - 340 с.*
10. *Насрулло, Камол. Навгонӣ. - Душанбе: Адиб, 1978. - 121 с.*
11. *Насрулло, Камол. Нидои шаҳидон. - Душанбе: Адиб, 1981. - 212 с.*
12. *Насрулло, Камол. Нома ба офтоб. - Душанбе: Адиб, 1988. - 145 с.*
13. *Насрулло, Камол. Номаи боли кабутар. - Душанбе: Адиб, 1988. - 168 с.*
14. *Насрулло, Камол. То даме лонаҳо гарманд. - Душанбе: Адиб, 1994. - 250 с.*
15. *Насрулло, Камол. Тоҷикистонро дигар қисмат накун. - Душанбе: Адиб, 1994. - 350 с.*
16. *Насрулло, Камол. Фаросӯи нигоҳ. - Душанбе: Адиб, 2001. - 200 с.*

КАМОЛ НАСРУЛЛО ВА НАҚШИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ӯ

Камол Насрулло ҳамчун шоири барҷастаи тоҷик дар насри ва шеърнависии муосир нақши муҳим дорад. Эҷодиёти ӯ ба шеър ва ғазал бахшида шудааст, ки дар он андешаҳои фалсафӣ, муҳаббат, ахлоқ, ва арзишҳои маънавӣ таҷассум меёбанд. Ғазал ҳамчун жанри классикӣ дар эҷодиёти ӯ ҷойгоҳи махсус дорад ва тавассути он шоир фикрҳои худро ба хонанда бо забони ҳусн ва сабки бадеӣ мерасонад. Дар ғазалҳои Насрулло омезиши анъанаи классикӣ ва тасаввуфи муосир мушоҳида мешавад. Ӯ дар ғазалҳои худ масъалаҳои иҷтимоӣ, ишқ ва дӯстӣ, ҳамчунин маърифати инсон ва маънои ҳаётро ба таври равшан ва таъсирбахш баён мекунад. Ба эҷодиёти ӯ хос аст, ки ғазал на танҳо асари бадеӣ, балки василаи тарбия ва фарҳангсозӣ низ мебошад. Таҳлили ғазалҳои ӯ нишон медиҳад, ки Камол Насрулло на танҳо шоир, балки муаррифгари фарҳанг ва ахлоқи миллӣ мебошад. Ғазалҳои ӯ имрӯз ҳамчун намунаи баландтарини шеърнависии тоҷикона ва арзишҳои маънавӣ ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: Камол Насрулло, ғазал, эҷодиёт, муҳаббат, фалсафа, ахлоқ, фарҳанг.

КАМОЛ НАСРУЛЛО И РОЛЬ ГАЗАЛИ В ЕГО ТВОРЧЕСТВЕ

Камол Насрулло, выдающийся таджикский поэт и прозаик, сыграл значительную роль в развитии современной таджикской литературы. В его творчестве особое место занимает газаль как классический жанр, в котором он выражает философские размышления, любовь, моральные и духовные ценности. Газали Насрулло обладают богатым языком, поэтическими образами и глубиной мысли, что делает их уникальными в современной литературе. В его произведениях наблюдается гармоничное сочетание классических литературных традиций и элементов современного мистицизма. Камол Насрулло поднимает в своих газалях вопросы социальной ответственности, дружбы, любви, смысла жизни и нравственного воспитания человека. Его газали несут воспитательную функцию и способствуют сохранению национальной культуры. Анализ творчества Насрулло показывает, что он является не только поэтом, но и культурным наставником, который через свою поэзию передает духовные и нравственные ценности таджикского народа. Газали Насрулло сегодня рассматриваются как важная часть национальной литературы и образец высокого поэтического мастерства.

Ключевые слова: Камол Насрулло, газаль, творчество, любовь, философия, нравственность, культура.

KAMOL NASRULLO AND THE ROLE OF GHAZAL IN HIS WORK

Kamol Nasrullo, a prominent Tajik poet and writer, has played a significant role in the development of modern Tajik literature. In his work, the ghazal as a classical genre occupies a special place, through which he conveys philosophical reflections, love, ethics, and spiritual values. Nasrullo's ghazals are distinguished by rich language, poetic imagery, and depth of thought, making them unique in contemporary literature. His poetry demonstrates a harmonious blend of classical literary traditions and elements of modern mysticism. In his ghazals, Nasrullo addresses social responsibility, friendship, love, the meaning of life, and moral education. The ghazal serves not only as a literary creation but also as a means of cultural education and the preservation of national heritage. An analysis of Nasrullo's work shows that he is not only a poet but also a cultural guide who transmits spiritual and moral values through his poetry. Today, his ghazals are regarded as an essential part of national literature and a model of high poetic craftsmanship.

Keywords: Kamol Nasrullo, ghazal, literature, love, philosophy, morality, culture.

Дар бораи муаллиф
Шаҳнозаи Юсуфӣ Сайдализода
Ассистенти кафедраи молия, ҳуқуқ, гумрук ва забонҳои хориҷӣ
Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Исмат Шариф, 3

About the author
Shahnozai Yusufi Saydalizoda
Assistant of the Department of Finance, Law, Customs Affairs, and Foreign Languages
Dangara International Institute of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship
Republic of Tajikistan, Dangara, Ismat Sharif Street, 3

Об авторе
Шахнозаи Юсуфи Сайдализода
Ассистент кафедры финансов, права, таможенного дела и иностранных языков
Дангаринский международный институт Таджикского международного университета туризма и предпринимательства
Республика Таджикистан, г. Дангара, улица Исмата Шарифа, 3

ТДУ 070 (575.3)

МУНОСИБАТИ РАСОНАҲО БО ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Олимиён С. Ш.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксар мулоқоту суханрониҳояшон бо зиёиёни мамлакат таъкид менамоянд, ки масъалаи маънавият ва фарҳанг низ дар қатори дигар соҳаҳои муҳим дар меҳвари таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дошта, гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосиро ишғол менамояд. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бо инкишофи фарҳанг, давлат иқтисодиёти калон ба даст дароварда, сатҳи зиндагии мардумро низ рӯ ба беҳбудӣ меорад. Давлатҳои пешқадами ҷаҳон аз он хотир ба муваффақият ноиланд, ки илму фарҳанг, техникаи пешқадам доранд. Илму фарҳанг ва техника ҳамеша яке аз соҳаҳои муҳимми стратегии давлатдорӣ ба шумор меравад.

Гузашта аз ин, Президенти мамлакат фарҳангро ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат муаррифӣ намудааст, ки ин сухани саҳл нест. Ин гуфтаҳо гувоҳи мақоми бузургу барҷастаи фарҳанг дар ҳаёти миллат аст. Воқеан ҳам, мардуми тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз ҳамеша бо фарҳанг пайванди ногусастанӣ доштаанд. «Кохи фарҳанге, ки ниёгони шарафманди мо офаридаанд, дар тӯли ҳазорсолаҳо бунёд гардида, на танҳо омили мондагорӣ гаштааст, балки ба пешрафти тамаддуни башарӣ мусоидат кардааст» [15]. Фарҳангу маънавиёт омили муҳимми мушаххас намудани дараҷаи камолоти инсоният мебошанд. Аз ин рӯ, ҳама гуна воситаҳои ахбори омма ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, зеро бо ин омил сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва рушди ояндаи он муайян шуда, воситаи шинохти як ҷомеа аз ҷониби намояндагони ҷомеаи дигар (ҷомеаро ин ҷо ба маънои кишвар ифода кардаем) ҳам мебошад.

Рӯзноманигорон ҳам ба масъалаҳои фарҳангӣ аз ҳамин нуктаи назар муносибат доранд ва онҳоро ҳамаҷониба фаро мегиранд. Тарғиби фарҳанги миллӣ ҷузъи муҳимми фаъолияти матбуоти даврӣ аст, зеро ҳастии ҳар миллатро фарҳанг ва тамаддуни он муайян менамояд. Фарҳанги миллат тавассути наслҳо ҳифз гардида, ба наслҳои баъдӣ интиқол меёбад. Дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардум омилҳои такондиҳандае мавҷуданд, ки метавонанд боиси тақвият, рушду устувории аркони фарҳангӣ ва ё сабаби коста гардидану аз байн рафтани унсурҳои он гарданд. Аз ин ҷиҳат ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, аз воситаҳои хеле муҳим ва омили нигоҳдорандаи расму ойинҳои мардум, солноманависи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву иқтисодии ҷомеа ба шумор мераванд. Агар ба таърихи ташаккули матбуоти даврии тоҷик бингарем, мутмаин мешавем, ки он ҳамеша посдоранда ва нигоҳдорандаи фарҳанг ва тарғибгари аносири он, аз ҷумла забони тоҷикӣ, будааст. Дар ин самт махсусан нақш ва хидмати матбуоти даврии замони Истиқлолият бузург аст. Дар ин замон матбуоти даврӣ на танҳо ба эҳёи фарҳанги миллӣ, тарғиби арзишҳои он ва инкишофи анъанаҳои фарҳанги асили тоҷикон таваҷҷуҳи бештар намуд, балки масъалаҳои марбут ба фарҳангро дар меҳвари контексти мундариҷавии худ қарор дод.

Пешвои миллат ба масъалаҳои фарҳанг миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар самти эҳё ва бузургдошти мероси адабиву фарҳангӣ ва миллӣ қарору дастурҳои зиёде ба тасвиб расидаанд. Идораҳои фарҳангиву муассисаҳои театрию консертӣ озмунҳои умумиҷумҳуриявии “Тоҷикистон ватани азизи ман”, “Фурӯҳи субҳи доной китоб аст”, мутрибони эстрадӣ, шашмақомхонон, фалаксароёнро гузаронида, дар тарбияи эстетикии насли наврас саҳми босазо гузошта истодаанд. Ҷашнгирии маъракаҳои Солинавӣ, Наврӯз, Иди занон, Артиши миллӣ, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Ҷашни ғалаба, Иди истиқлолият ва ғайраҳо пурмазмун ва сатҳи баланд гузаронидани Фестивал – озмунҳои касбӣ ба афкори ҷемеа махсусан ҷавонони кишварамон саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Мин ҷумла матбуоти даврӣ раванди татбиқи онҳоро пайваста пайгирӣ намуда, дар иртибот ба чораҳои андешидашаванда мавод интишор менамояд, масъалагузориҳо мекунад ва ба ин васила дар ташаккули афкори фарҳангии миллӣ мусоидат менамояд.

Вазифаҳои глобалии муассисаҳои фарҳангию иттилоотии кишвар дар ибтидои асри XXI иборат аз ба шаҳрвандон ва хусусан ҷавонон фаҳмонда додани роҳи стратегии фарҳанг, аз ҷумла таблиғу тарғиб ва дар ҳаёт тадбиқ намудани супоришу фармонҳои Сарвари давлат ҳуҷҷатҳои Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат оид ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва асоси прогрессии илмӣ - техникӣ ва мунтазам баланд бардоштани сатҳи маънавиёти шаҳрвандон алалхусус ҷавонон мебошад.

Бо ин мақсад, барои бедории фикрии ҷавонон сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ – техникӣ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтаззам ҷашнҳои мӯҳташам: баргузории симпозиуму семинарҳо, фестивалу озмунҳо, мулоқот бо аҳли зиё, нашри китобҳои таърихӣ ин гуна чорабинӣ гузаронида мешаванд.

Зеро раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, яксоншавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии умумиҷаҳонӣ, рушди бесобиқаи техникаву технология, густариши ҷаҳонии фаъолияти васоити ахбори омма тавонистанд, ки сарҳадҳои миёни давлату миллатҳоро ба таври идоранашаванда убур намоянд ва то андозае ормони башарият – гуфтугӯйи тамаддунҳоро амалӣ сохта, бештар аз ин, ҷиҳати манфии худро ба намоиш гузошта, ба барҳӯрди тамаддунҳо оварда расонанд. «Дар раванди ҷаҳонишавӣ системаи байналмилалии ВАО ба миён меоянд, ки онҳо хусусияти миллӣ надоранд ё дар сурати хусусияти миллӣ доштанашон ҳам он ниҳоят хира мебошад... Системаи байналмилалии иттилоотӣ дар замони мо хусусияте пайдо кардаанд, ки пешгирии хавфи онҳо аслан номумкин аст» [12, с. 8-9].

Раванди ҷаҳонишавӣ боиси рушд ва босуръат тараққӣ ёфтани давлатҳо гардидааст. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванде, ки имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст ва бо баъзе ҷилвагариҳои худ маҳбуби инсоният гаштааст, дорои таъсирҳои манфии гуногуне ҳам мебошад. Ин раванди пуртаззод кишварҳо, давлатҳои миллӣ, аҳли ҷомеа ва, хусусан, ҷавононро ба чолишҳои равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ намудааст.

Ба ҳамаи ин ҳолатҳо ҷаҳонишавии иттилоот мусоидат кардааст, ки омилҳои онро муҳаққиқон ба вуҷуд омадани системаи байналмилалии телевизон, радио, интернет, хусусяти байналмилалӣ пайдо кардани робитаҳои фардии электронӣ, ба вуҷуд омадани сайтҳои матбуот, радио ва телевизиони миллӣ, ки ба онҳо хусусияти байналмилалӣ медиҳад, ба вуҷуд омадани системаи алоқаи кайҳонӣ, ки системаи электронии ВАО-ро аз чорчӯби миллӣ берун мебарад, нуфуз пайдо кардани агентиҳои алоҳида ва хислати боэътимоди байналмилалӣ пайдо кардани онҳо, дастрас шудани ақидаҳои мухталиф ва дар ин чорчӯб «худӣ» шудани ақидаи идеологияи давлатҳои бузург, «интернатсионалӣ» кардани фазои иттилооти «миллӣ» донистаанд.

Паҳлуи мусбати раванди ҷаҳонишавӣ ин аст, ки имрӯз техникаву технологияи муосир барои омӯзиши илму дониш шароити мусоиде фароҳам овардааст. Тавассути он мо метавонем, ба тамоми китобхонаҳои ҷаҳон пайваст гардем, адабиёт ва дигар маълумотҳои зарурии худро дастрас карда, мутолиа намоем, лекин гап сари он аст, ки насли имрӯза аз он барои илмомӯзӣ то кадом андоза истифода менамояд?

Интернет барои шахсоне, ки талаби илм доранд, ҷаҳони илм аст ва ба гурӯҳи шахсоне, ки ҷоҳиланд, ҷаҳони ҷаҳолату гумроҳист. Мутаассифона, мушоҳида мешавад, ки ҷомеаи имрӯзаи мо, алалхусус наврасону ҷавонон, интернетро ҳамчун воситаи дилхушӣ эътирофу истифода намуда, вақти худро, ки қиматтарин дороӣ барои ҳар як шахс ба ҳисоб меравад, ба шабакаҳову расонаҳои иҷтимоие, ки ба сатҳи маънавиёти онҳо таъсир расонида, фарҳанги фаношавандаи ғарбиро тарғиб менамояд ва онҳоро аз омӯзиши илму дониш дур мегардонад, сарф менамоянд.

Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки шавқу завқи ҷавонон ба омӯзиши илму дониш бедор гардад, онҳо интернетро баманфиат кор фармоянд. Ҷавононро бунёдгарон ва созандагони ҷомеа меноманд. Аз ин рӯ, онҳо бояд он насле бошанд, ки ба масъалаҳо на аз рӯйи зоҳирашон баҳо диҳанд, балки ғояву мақсадҳоро дуруст шинохтаву дарк карда, сипас ҳукм бароранд.

Истифодаи васеъ ва ғайримақсадноки интернет ҳам ба рӯҳу равони инсон ва ҳам ба саломатиаш зарари ҷиддӣ мерасонад. Миллате, ки дар чунин шароити пуртаззоди ҷаҳонишавӣ ҳам аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим аст, асоси ояндаи дурахшони он ба ҳисоб меравад. Ин нуктаҳо хеле муҳиманд.

Истифода аз интернет бояд фарҳанги хос дошта бошад. Муҳаққиқони соҳаи журналистика низ иброз медоранд, ки сари дода кор бо интернет тақозо мекунад, ки ба асл доштани тафаккур ё муҳтаво диққат шавад, духӯра набудани меъёри қонунгузорӣ дарк

гардад, пеш аз қабули иттилоъ инсони огоҳ будан, яъне, донистанамон, ки чӣ маълумотеро бояд қабул кард, матолиби сифатнокро шинохтан низ аз ин ҷумла аст [12, с. 9].

Ҷаҳони имрӯза бо идеологияҳои гуногуни ғарбпарастӣ ва тақлидгаронаи худ тавонистааст, ки ихтилофу бадбинӣ ва дигар омилҳои манфиро миёни ҷомеа ҷорӣ намояд. Имрӯз мушкилоти асосӣ он аст, ки ҳамарӯза тавассути васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизион фарҳангҳои гуногун, идеологияҳои манфӣ ва дигар чолишҳои номатлуб тарғибу ташвиқ карда мешаванд, ки ин ба фарҳанг, ахлоқ, муносибатҳои хонаводагӣ ва дар маҷмуъ, ба тафаккури ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин шароите, ки таҳоҷуми фарҳангӣ болои ҷомеаҳои анъанавии суннатгаро, ба мисли кишвари мо, хеле сахт сурат гирифта истодааст, яъне талошҳои ворид намудани амалҳои фосидгарона бо ҳар роҳу восита ҷараён дорад, фаъолияти назарраси воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ, махсусан, матбуот барои пешгирии онҳо ва бонги изтироб задан аз воридшавии онҳо муҳим аст, зеро «ҷойи шубҳа нест, ки бо вуҷуди инкишофи воситаҳои электронии ахбор ҳар боре аз журналистика сухан ронем, бе гумон, пеши назарамон матбуот ҷилвагар мешавад. Ин танҳо ба он хотире нест, ки матбуот воситаи классикӣ ва шакли хаттии инъикосгари воқеияти иҷтимоӣ аст, балки воситаест зеҳнпарвар ва андешазо. Аммо яқинан ин андеша моҳияти нодида гирифтани расонаҳои дигари хабариро надорад» [11, с. 4].

Маҳз ҳамин омил – зеҳнпарвар ва андешазо будани матолиби матбуот хусусияти умдаи фарқкунандаи он аз дигар воситаҳои ахбор мебошад. Ҳарчанд ин хусусият дар маводи дигар воситаҳо ҳам дида мешавад, аммо, асосан, хоси матбуот аст.

Масъалаи муҳимми дигар дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибати расонаҳо бо забони давлатӣ аст, ки ҷузъи муҳимтарини фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Имрӯз ворид гардидани калимаҳои зиёди бегона ба забон эҳсос мегардад. Вазифаи рӯзноманигорон ҳам ҳаст, ки то ҳадди имкон тарҷумаи дурусту муносиби аксар калимаҳои хориҷӣ ё таносуби тоҷикии онро пайдо намоянд, чунки “қабул кардани калимаҳои беш аз ҳадди хориҷӣ ба забони модарӣ, тавре ҳоло мушоҳида мешавад, яъне, паст задани забон, боварӣ накардан ба захираҳои дохилии онро дорад” [15, с. 75].

Хуллас, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо масъалаи баррасии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ чун масъалаи мубрам ва ҳамеша баҳсноки воситаҳои ахбори омма боқӣ мемонад. Инъикоси масоили фарҳангӣ дар мисоли матбуоти тоҷик ба ҳам омадани манфиатҳои миллӣ, сиёсати давлатӣ ва масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор аст. Таҳлил ва баррасии маводи матбуоту сомонаҳои онҳо нишон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ чун ҷузъи муҳимми ҳаёт аз ҷониби рӯзноманигорон шинохта шудааст. Фарҳанги миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорони мо, пеш аз ҳама, нигоҳдории ҳувияти миллӣ – арзишҳои миллӣ, динии мардум фаҳмида мешавад, ки, воқеан, боиси дастгирист, зеро дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ мардум аз арзишҳои миллии худ дур шуда истодаанд. Ин зуҳурот воситаҳои ахбори оммаи кишвар, рӯзноманигоронро водор намудааст, ки бештар ба масъалаҳои фарҳанги миллӣ аз нигоҳи таърихӣ ва муосир муроҷиат намоянд. Дар навиштаҳои онҳо эҳсос мегардад, ки барои рӯзноманигорон нигоҳдорӣ ва тарғиби фарҳанги миллии тоҷикон ҳамчун сокинони асосии кишвар аз ҳама муҳим аст. Мушкилоти фарҳанг ва ҳувияти миллӣ аз ҷониби рӯзноманигорон проблемагузорӣ мешавад. Онҳо дарк кардаанд, ки фурсати пешгирӣ аз омезиши фарҳангҳо расидааст, аммо стратегияҳои мушаххас, ки қобили қабул бошад, пешниҳод намегардад. Рӯзноманигорон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ, бештар аз ҳама, ба худшиносӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, фарҳанги оиладорӣ ва либоспӯшӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Мавзуи фарҳанг, дар маҷмуъ аз шумори он масоилест, ки дар сомонаҳои матбуотӣ мушаххасан мавриди баҳс қарор мегирад, зеро қисмати «шарҳи шумо», ки дар саҳифаи сомонаҳои матбуотӣ мавҷуд аст, ба ибрози назар имконияти васеъ фароҳам меорад. Масоили фарҳангӣ дар пахшҳои интернетӣ ва чопӣ фарогири жанрҳои гуногун аст, аммо махсусияти жанрии он бештар ба сиёсати редаксионии ВАО алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар пахши ахбори фарҳангӣ дар расонаҳои ғайридавлатӣ афзалият дорад, дар расонаҳои давлатӣ бартарият ба жанрҳои иттилоотӣ дода мешавад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность. – Душанбе, 2014. – 309 с.*
2. *Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик. – Душанбе: Сино, 2000. –184 с.*
3. *Азимов, А. Жанрҳои журналистикаи ВАО. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 36 с.*

4. *Азимов, А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940). – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 313 с.*
5. *Альянс цивилизаций (трудный диалог в условиях глобализации): моногр. – М.: Институт Латинской Америки РАН, 2010. – 208 с.*
6. *Аҳмад, Р. Пажӯҳиш дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе: Дониш, 2015. – 327 с.*
7. *Бозтоби масъалаҳои фарҳанг дар ВАО (Маводи таълим барои донишҷӯёни ихтисоси рӯзноманигорӣ) / Мураттиб ва муҳаррири масъул: Хоҷаева, М.Ю. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 276 с.*
8. *Глобализация и проблема сохранения культурного многообразия. – М.: ИФРАН, 2010. – 240 с.*
9. *Глобализация. Сущность, проблемы, преспективы. – М.: Книга и бизнес, 2003. – 320 с.*
10. *Ғоибова, Ф. Нақши матбуоти даврӣдар ташаккулёбии фарҳанги миллӣва аҳамияти байналмилалии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2012. – 4/3 (88). – С. 283-288.*
11. *Журналистика ва замони муосир. – Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – 129 с.*
12. *Замони муосир ва журналистика. – Материалҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2011. – 166 с.*
13. *Сайидзода, З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати хориҷӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.*
14. *Усмонов, И. К. Назарияи публисистика. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.*
15. *Холиқова Ч.М. Забон ва фарҳанг. Варваризатсияи забон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - №1 (84). – С. 75.*

МУНОСИБАТИ РАСОНАҲО БО ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Мақола ба масъалаи хеле актуалии замони имрӯза бахшида шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, яксоншавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии умумиҷаҳонӣ, рушди бесобиқаи техникаву технология, густариши ҷаҳонии фаъолияти васоити ахбори омма тавонистанд, ки сарҳадҳои миёни давлату миллатҳоро ба таври идоранашаванда убур намоянд ва то андозае ормони башарият – гуфтугӯйи тамаддунҳоро амалӣ сохта, бештар аз ин, ҷиҳати манфии худро ба намоиш гузошта, ба бархӯрди тамаддунҳо оварда расонанд. Бо ин минвол ӯ мушкилот ва дурнамои баҳамназдикшавӣ, омезиши фарҳангҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ ба риштаи таҳқиқ мекашад. Дар мақола нақши сомонаҳои интернетӣ ва масъулияти рӯзноманигор дар инъикоси воқеияти зиндагии имрӯза, воридшавии унсурҳои фарҳанги беруна, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ин зуҳурот баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф дар шарҳи зуҳуроти ахлоқӣ дар ҷомеа ба назари муҳаққиқони соҳаи журналистика, ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ такя мекунад. Дар ҳамин замина назареро тақвият медиҳад, ки таъсири арзишҳои фарҳангии беруна батадриҷ ҷойгузини арзишҳои фарҳангии миллати тоҷик гардида, беҳтарин анъанаҳои фарҳангию ахлоқӣ аз байн мераванд ва имрӯз масъулияти рӯзноманигор дар ҳифзи ҳамин арзишҳо бояд зоҳир шавад.

Калидвожаҳо: фарҳанг, бархӯрди тамаддунҳо, сомона, арзишҳои миллию фарҳангӣ, жанр, рӯзноманигор, интернет, мушкилот, ахлоқ.

ВЗАИМОСВЯЗЬ СМИ С НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРОЙ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Статья посвящена весьма актуальной на сегодняшний день теме. Автор отмечает, что стремительный процесс глобализации, глобальной экономической, социальной и культурной гомогенизации, беспрецедентное развитие технологий, глобальная экспансия средств массовой информации смогли бесконтрольно перейти границы между государствами и народами и в какой-то мере реализовать мечту человечества – диалог цивилизаций, но, кроме того, продемонстрировали свою негативную сторону и привели к столкновению цивилизаций. Таким образом, он исследует проблемы и перспективы сближения и слияния культур в контексте глобализации. В статье рассматривается роль веб-сайтов и ответственность журналистов в отражении реалий сегодняшней жизни, проникновение элементов инокультуры, а также положительные и отрицательные стороны этого явления. При объяснении нравственных явлений в обществе автор опирается на взгляды исследователей в области журналистики, социологии и культурологии. В этом контексте усиливается мнение о том, что влияние внешних культурных ценностей постепенно вытесняет культурные ценности таджикской нации, исчезают лучшие культурные и нравственные традиции, и сегодня должна проявиться ответственность журналиста по защите этих ценностей.

Ключевые слова: культура, столкновение цивилизаций, сайт, национально-культурные ценности, жанр, журналист, интернет, проблема, этика.

THE RELATIONSHIP OF MEDIA WITH NATIONAL CULTURE IN GLOBAL CONDITIONS

The article is devoted to a very relevant topic today. The author notes that the rapid process of globalization, global economic, social and cultural homogenization, unprecedented development of technologies, global expansion of mass media were able to uncontrollably cross the borders between states and peoples and to some extent realize the dream of mankind - a dialogue of civilizations, but, in addition, demonstrated their negative side and led to a clash of civilizations. Thus, he explores the problems and prospects of rapprochement and fusion of cultures in the context of globalization. The article examines the role of websites and the responsibility of journalists in reflecting the realities of today's life, the penetration of elements of foreign culture, as well as the positive and negative sides of this phenomenon. In explaining moral phenomena in society, the author relies on the views of researchers in the field of journalism, sociology and cultural studies. In this context, the opinion is growing that the influence of external cultural values is gradually displacing the cultural values of the Tajik nation, the best cultural and moral traditions are disappearing, and today the journalist's responsibility to protect these values must be demonstrated.

Keywords: culture, clash of civilizations, website, national-cultural values, genre, journalist, Internet, problem, ethics.

Дар бораи муаллиф
Олимиён Сабрина Шамсулло
Номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти кафедраи адабиёт ва рӯзноманигорӣ Донишгоҳи давлатии Данғара
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
E-mail: journalist2020@mail.ru

Об авторе
Олимиён Сабрина Шамсулло
Кандидат филологических наук, и.о. доцент кафедры литературы и журналистики Дангаринский государственный университет
Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Маркази, 25
E-mail: journalist2020@mail.ru

About the author
Olimiyon Sabrina Shamsullo
Candidate of Philological Sciences, associate professor of the Department of Literature and Journalism
Dangara State University
Republic of Tajikistan, Dangara District, Markazi Street, 25
E-mail: journalist2020@mail.ru

ТДУ 070.1+004

НАҚШИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГИИ ДУҶОНИБА

Мирзоева Н. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Российская газета” дар фазои иттилоотии Тоҷикистону Русия мавқеи меҳварӣ дошта, дар тарғибу ташвиқи идеологияи расмӣ – давлатӣ нақши устувор доранд. Ба таври мисол дар соли 2023 мувофиқи нишododи Маркази тадқиқоти сотсиологии “Зеркало” бо мақсади муайян намудани дараҷаи истифодаи аҳолии кишвар аз ВАО-и ватанӣ ва хориҷӣ “...ин нашрия бо 34%” серхонандатарин рӯзномаи кишвар эълон шуд” [1, с. 151]. Тиражи нашрияи “Ҷумҳурият” алҳол 50302 нусхаро ташкил дода, ҳарчанд сертиражтарин нашрияи кишвар набошад ҳам, аз лиҳози рӯзмаррагӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Тиражи якдафъаинаи нашри “Российская газета” баробар ба 100 ҳазору 500 нусха гуфта мешавад. Танҳо тафовут он аст, ки “Российская газета” дар рӯзҳои алоҳида тиражи худро каму зиёд намуда, давоми ҳафта дар маҷмӯъ ба 3,2 миллион нусха мерасад. Албатта, мо “Российская газета”-ро дар фазои иттилооти Русия сертиражтарин гуфта наметавонем. Зеро масалан “Аргументы и факты” аз 1 то 2,7 миллион тираж дорад. Аудиторияи сомонаи “Российская газета” дар соли 2020 беш аз 35 миллион нафарро ташкил намудааст. Бо ҳамин махсусиятҳои нуфузӣ нашрияҳои мазкур дар шакли мултимедиявӣ ба доираи афкори омма таъсири гуногуну пайваста мерасонанд.

Равобити дипломатии Тоҷикистону Русия ҳамчун кишварҳои дӯст мавзӯи нав нест ва танҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихи тобишҳои нав пайдо намудааст. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид ва робитаҳои то ин замон мавҷуда шакли дигару нав пайдо карданд. Бо андешаи муҳаққиқи соҳа Х.Сафаров “пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва касби истиқлолияти давлатӣ акнун муносиботи ҳардуи ин давлатҳо фарогири манфиатҳои баробар гардиданд” [15, с. 68].

Қатъи назар аз нуқтаҳову ҷузъиёти алоҳида Тоҷикистону Русия шарикони стратегӣ ба шумор мераванд. Дар акасар мавридҳо Русия нисбат ба Тоҷикистон мавқеи мусбатро интихоб менамояд. Ин ақидаро дар заминаи ба имзо расидани тавофуқномаи сулҳи тоҷикон ва ҳамчунин замони муноқиша бо кишвари ҳамсояи Қирғизистон ҳадс задан мумкин аст, ки дарвоқеъ Русия аз мавқеи мусбат муносибат кардааст. Аз ҷониби дигар бо назардошти муносибатҳои як замоне сарди Тоҷикистону Ӯзбекистон ба андешаи муҳаққиқон “...нақши Русия дар шаклгирии равобити Тоҷикистон бо баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ созанда мебошад” [4, с. 24]. Шарикии стратегии Тоҷикистону Русияро имрӯзҳо аз мавқеи роҳбарони ин давлатҳо низ тасдиқ намудан мумкин аст. Вобаста ба ин мавзӯъ дар сомонаҳои мавриди таҳқиқ мавод хеле фаровон аст. Дар мақолаи Кира Латухина бо номи “Путин Тоҷикистонро иттифоқчии Русия номид” – “Путин назвал Таджикистан союзником России” [11] мавқеи равшани рӯзномаи мазкурро дидан мумкин аст. Ин матлаб 11-уми сентябри соли 2014 таълиф ва нашр гардида, ҷанбаҳои асосии мулоқоти В.Путин ва Э.Раҳмонро дар доираи саммити СҲШ шарҳ медиҳад, ки дар Душанбе баргузор гардидааст. Дар он гуфта мешавад, ки мулоқот баъди консерти идона баргузор гардида, В.Путин барои омодагии сатҳи баланди чорабинии сатҳи байналхалқӣ изҳори сипос менамояд. Роҳбари давлати Русия аз он изҳори қаноатмандӣ намудааст, ки гардиши молу тиҷорат байни ин ду давлат 60 фоиз зиёд гардидааст. Нуқтаи муҳим он аст, ки Президенти Федератсияи Русия В.Путин маҷмӯи муносибатҳои ду кишварро чунин баҳои баланд додааст: “...Ин ҳама натанҳо муносибатҳои стратегӣ, балки муносибатиҳои иттифоқчӣ байни ду давлат мебошад” [11].

Дар матлаби дигар низ таҳти унвони “Путин: Муносибатҳо бо Тоҷикистон аз рӯи вазифаҳои иттифоқчиҳо асос меёбанд” – “Путин: Отношения с Таджикистаном основаны на союзнических обязательствах” дар бораи шарикии стратегии ин ду давлат сухан меравад. Муаллиф К.Латухина дар такя ба таъкидҳои В.Путин раванди ин муносибатҳоро мусбат арзёбӣ кардааст. Дар ҳама самтҳо – иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳангу иҷтимоиёт натиҷаҳои мусбату назаррас доштани ин муносибатҳои стратегиро таъкид менамояд. Дар такя ба таъкиди Президенти Русия чунин гуфта мешавад: “Муносибатҳои мо дар доираи

муқаррароти СММ, САҲА, СҲШ ҷараён пайдо карда, ин ҳама аз ҷониби вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва дигар ниҳодҳои қудратии кишварҳо танзим меёбанд” [14]. Ин матлаб зери рубрикаи “Власть” (ҳокимият) расидааст. Албатта, андешаи боло журналистӣ мебошад ва то кадом андоза иттифоқчӣ будани Тоҷикистону Русияро ҳақиқати ҳол нишон медиҳад. Шояд ин ҷиҳатро Русия ва роҳбарияти он хоҳон бошанд, вале Тоҷикистон дар сиёсати пешгирифтаи худ бо тамоми мамолики ҷаҳон муносибати яксон дорад ва дар қазияҳои ҳарбӣ бо ҳеҷ кишваре ҳамроҳ нагардидааст. Ин матлаб дар саҳифаҳои худи нашрияи “Российская газета” нашр гардидааст ва дар сомона ба табъ расидани он имконоти паҳншавии онро бештар намудааст. Қонунияти дигар матолиби интернетӣ он аст, ки бо сабаби интихоби зиёди аудитория ҷанбаҳои ҷолибсозии ҳар як матлаб зиёд карда мешавад. Агар як қоидаи маъмул истифодаи суратҳову наворҳо бошанд, пас паҳлуи дигар хосияти анъанавӣ – истифодаи сарлавҳаи диққатҷалбкунанда ба ҳисоб меравад. Ин ҷиҳатро муҳаққиқон дар мисоли сомонаҳои иттилоотӣ чунин арзеёбӣ кардаанд: “Дар натиҷаи баррасии маводи сомона маълум мегардад, ки дар он ба хотири риояи гуногунандешӣ ва қонеъ сохтани аудитория маводи зиёд аз дигар расонаҳо бо иловаи каме тағйирот ва бо зикри сарчашмаи он ворид мегардад. Тавре сарлавҳа гузошта мешавад, ки хонандаро ба худ ҷалб месозад” [3, с. 273] Андешаи боло дар ҳақиқат асоснок мебошад ва чунин мушкилоту сифатро дар сомонаи нашрияи “Российская газета” хеле зиёд дучор омадан мумкин аст. Ворид гардидани чанд матолиби дигар дар доираи як мавод (бо ҷузъиёти кутоҳ, ё унвони мавод) доираи мутолиаҳоро васеътар карда метавонад, ки ин албатта ба манфиати соҳибони расонаҳо мебошанд.

Масъалаи то кадом андоза нақши таъсир ба мафкура доштани интернет дар фаслҳои гузашта баён гардид ва боз ҳам он андеша қобили зикр аст, ки имрӯз ҷойгоҳи интернет бо ҳама имконоти худ торафт амиқтар мегардад. Зеро хосияту вазифаи коммуникатсионии он аз дигар навъҳои классикӣ бештар аст. Дар журналистикаву публитсистика «руҳияи тарғибӣ, баҳсу музокира, сухани нотиқӣ, эҳтиросу эҳсос ва ғ.» [9, с.120] аз муҳимтарин усулҳое ба шумор мераванд, ки имрӯз дар шабакаҳову сомонаҳи интернетӣ хеле фаррох мавриди истифода қарор мегиранд. Аз теъдоди зиёди маводи сомонаҳои “Ҷумҳурият” ва “Российская газета” бармеояд, ки дар доираи ҳама тарғибу ташвиқ ва музокираву баҳсҳои шаклгирифта ин ду кишвар шариконе стратегӣ гуфта мешаванд. Дар мақолаи дигар Кира Латухина бо номи “Владимир Путин шахсан ба Раҳмон орден тақдим кард” (“Владимир Путин лично вручил Рахмону орден”) [2] боз ҳам вусъатнок будани ин масъала бозгӯ мегардад. Аз мазмуни ин мавод бармеояд, ки В.Путин баъд аз Ҷумҳурии Қазоқистон бо сафари расмӣ (27.02.2017) дар Душанбе қарор дорад ва дар Қасри миллат бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот оростааст. Дар ҳаминҷо В.Путин ба Эмомалӣ Раҳмон “Ордени Александр Невский” ва ба вазири корҳои хориҷӣ С.Аслов “Ордени дӯстӣ”-ро тақдим намудааст. Як хосияти матолиби сомонаи “Российская газета” ин истифода аз нақли қавл, ё иқтибосҳо мебошанд. Дар журналистика ин шева ҷиҳати асоснокии маводро таъмин менамояд ва қудрати таъсири маводро низ бештар мегардонад. Батаври мисол ба нақл аз таъкиди В.Путин чунин оварда мешавад” “Барои мо мавқеи Тоҷикистон дар проблмеаҳои минтақавӣ хеле муҳим аст. Ба ин маънӣ дар суботи минтақа Тоҷикистонро кишвари калидӣ мешуморам” [2]. Ҷиҳати нисбатан муҳими ин мавод он аст, ки дар он “Қасри миллат” тавсиф гардида, бузургтарин резидентсияи ҳукуматӣ дар Тоҷикистон гуфта мешавад. Маънии таҳтонии навишта бошад, ишора ба он дорад, ки ин қаср дар макони ҷойгиршави Дивизияи 201-уми тирандозии Русия сохта шудааст. Дар ин навишта муаллиф ба масъалаи илму маориф (таҳсили 16000 шаҳрвандони тоҷик дар Русия ва фаъолияти ДСРТ), ҳифзи муҳити зист, истифодаи энергияи атомӣ, ҳамкориҳои низомӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, истеҳсолоту иқтисодиёт ва дигар масъалаҳои вобаста ба робитаҳо ишора кардааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар раванди ҷаҳонишавии муосир ташаккули идеологияҳо суръати тоза пайдо карда истодааст. Таҳоҷуми асосӣ ба олами мафкура сурат мегирад ва ақидаву бардоштҳо доим тағйирёбанда гашта истодаанд. Ба андешаи муҳаққиқон «Мавҷудияти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ бо вазъ ва мавқеи гуногун, гоҳо мухталиф дар ҷомеа, манфиат, хоҳиш, таспу талоши онҳо, ҷараёнҳои гуногуни мафкуравиро ба миён меоварда, ки ба шаклгирии идеологияҳои мухталиф сабаб мегардад” [19, с. 38].

Дар ин самт ҷавҳари идеологии воситаҳои ахбори омма ва умуман расонаҳо (интернет дар назар аст) ба вуҷуд овардани афкори омма ва бо ин роҳ татбиқ намудани ҳадафҳову

маромҳову нақшаҳои муайян аст, ки махсус тарҳрезӣ мегарданд. ВАО дар ин раванд нахуст ҷаҳонбиниро вусъат бахшида, бо гузашти вақт бо таъсир ба олами афкор муносибати ҷомеаро ба ин ё он зуҳуроту падида дигар менамояд. Дар доираи шарикии стратегии Тоҷикистону Русия дар асоси матолиби ин сомонаҳо чунин хулоса пайдо мешавад, ки ин ду кишвар дар роҳи муборизаҳои домандор алайҳи зуҳуроти зиёд дар паҳлуи ҳам қарор доранд. Яъне барои аудитория ва олами мафкураи онҳо ҷузъиёти манфӣ дар доираи ин муносибатҳо вуҷуд надорад. Матлаби дигар, ки муаллифи он Айсель Герейханова бо номи "Путин бо Раҳмон бехатариро дар Осиё муҳокима карданд" ("Путин обсудил с Рахмоном безопасность в Азии") [13] ба нашр расидааст, ки фарогири масъалаҳои муҳими давлатӣ мебошад. Аз он баромеояд, ки дар рафти мулоқоти президентҳо авзои сиёсии Осиёи Марказӣ ва хатарҳои ба он таҳдидкунанда – гардиши маводи мухаддир, таҳдидҳои террористӣ аз ҷониби Афғонистон ва сиёсатҳои дигаи таҳмилӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин фазо нақши устувори паймони САДД (ОДКБ) ва ҳузури Дивизияи 201-и Русия муҳим арёбӣ гардида, муколамаи доимӣ шарти асосии суботи минтақа гуфта мешавад. Дар ин матлаб низ ба таъкиди шахсони воломақом такя карда мешавад ва ин навбат андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш оварда мешавад, ки "Тоҷикистон барои ИДМ ва минтақаи Осиёи Марказӣ саддум монеа барои ҳама хатарҳову таҳдидҳо" [13] гуфта мешавад. Дар хулосаи навишта гуфта мешавад, ки Русияву Тоҷикистон ҳамчун шарикони стратегӣ ҳамкориҳои худро амиқтар мегардонанд.

Масъалаи шарикии стратегии Тоҷикистону Русия дар сомонаи нашрияи "Ҷумҳурият" низ яке аз мавзӯъҳои доимӣ ба шумор меравад. Дар хабари васеи "Суҳбати телефонии Эмомалӣ Раҳмон бо Владимир Путин" [16] дар бораи паҳлуҳои муҳими мулоқоти телефонии ду президент сухан нақл карда мешавад. Ин навишта зери рубрикаи "Сиёсат" ба нашр расида, дар он масъалаҳои асосии суҳбат шарҳ ёфтаанд. Бо он ки дар оғози суҳбат "Президенти Федератсияи Русия дар иртибот ба даргузашти хоҳари Сарвари давлати мо изҳори тасаллии амиқ карданд" [16] ишора карда мешавад, хонанда зуд дарк менамод, ки дӯстиву рафоқати роҳбарони ин ду давлат қавӣ аст. Маълум, ки дар такя ба маводи расонаҳо солҳост, ки онҳо ҳамдигарро дӯсуту рафиқ мегӯянд. Ҳарчанд дар мазмуну муҳтавои матолиби сомонаи "Росийская газета" мафҳуми шарикии стратегӣ камтар истифода шавад, аммо дар сомонаи нашрияи "Ҷумҳурият" ин ифода бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ҳамин матлаб ба таври возеҳ Тоҷикистону Русия шарикони стратегӣ ном бурда мешаванд: "Зимни суҳбат ҷонибҳо оид ба маҷмӯи масъалаҳои мубрами муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистон ва Россия мубодилаи афкор намуданд." [16] Дар ин навишта ва умуман аксар матолиби дигар зимни сӯҳбатҳои телефонӣ, асосан чанд самти асосӣ – авзои минтақаи Осиёи Марказӣ, гардиши маводи мухаддир ва мубориза алайҳи экстремизум тероризм матраҳ мегарданд. Яке аз мавзӯҳои меҳварии сӯҳабтҳои роҳбарони ин давлатҳо дар аксар маврид авзои иҷтимоиву сиёсии Афғонистон ба шумор меравад. Аз нигоҳи коршиносону шореҳони сиёсӣ авзои Афғонистон дар баробари Тоҷикистон, ки бо он 1400 километр хати марз дорад ҳамеша диққати Русияро ҷалб менамояд. Дар мавриди Эмомалӣ Раҳмон низ дар як мулоқоти худ бо В.Путин хеле хуб ишора кардааст: "беш аз 60 дарсади сарҳади берунаи ИДМ бо Афғонистон ба Тоҷикистон рост меояд. Кишвари мо дар ин росто дар ҷилавгоҳ қарор дорад" [10]. Ин тамоюл ба он ваҷҳ аст, ки дар замони шӯравӣ Тоҷикистонро дарвозаи ҷанубии Иттиҳод меномиданд. Дар доираи ин сӯҳбат низ шарикони стратегӣ изҳори нигаронӣ аз авзои печидаи Афғонистон кардаанд: "...мушкилоти Афғонистон баррасӣ шуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин бо изҳори нигаронӣ дар бораи рушди ташвишовари вазъ дар ин кишвар суҳбат карданд" [16]. Маводи мазкур санаи 23.07.2021 таҳти рақами 146 нашр гардида, онро 1260 нафар мутолиа кардаанд.

Дар мавриди шарикони стратегӣ будани Тоҷикистону Русия дар фазои иттилоотӣ дар даврaҳои гуногун ақидаҳои зиёд вуҷуд дорад. Ба таври мисол муҳаққиқони соҳа бо таҳлили матолиби расонаҳои дигари Россия дар даҳсолаи аввали ин қарн чунин андеша доранд: "...ба қавли шореҳ Русия имрӯз барои Тоҷикистон шарики боэътимодест ва аз 7 миллион нафар 1 миллион дар Русия кор мекунад" [5, с. 30-40]. То кадом андоза дуруст будани факту рақамҳои шореҳони рус маълум нест, аммо як нуқта равшан аст, ки замони дар ихтиёри сарҳадбонони тоҷик қарор гирифтани марзи Тоҷикистону Афғонистон як навъ нотавонбинии

русӣ ба вуҷуд омада буд. Ё ин ки як давра моҷарои халабонони Русия баҳсу танишҳои зиёдеро суръат бахшида, бархурдҳои иттилоотиро суръат бахшида буд.

Сомонаҳои https://www.rg.ru/ ва http://jumhuriyat.tj/ ва умуман нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Российская газета” хосияти давлатӣ- расмӣ доранд. Шояд бо ин сабаб дар баёни ақидаҳои тунд худдорӣ менамоянд. Ҳарчанд дар ин самт сомонаи https://www.rg.ru/ дар қиёс бо сомонаи нашрияи “Ҷумҳурият” аз мавзуъҳои ҳангомадор бештар истифода кардааст. Таҳқиқу мутолиаи матолиби саҳифаҳои сомонаи нашрияи “Ҷумҳурият” бозгӯи он аст, ки Тоҷикистон шарики боэътимод будани худро зиёдтар собит менамояд. Ин андешаро масъулони сомона ва умуман кормандони нашрия бештар бо мавқеи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тақвият мебахшанд. Ба таври мисол дар гузорише бо номи “Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Владимир Путин” [7] дар бораи шарики стратегӣ будани Русия аз чанд дидгоҳ сухан меравад.

Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Владимир Путин сухан меравад. Ин гузориш зери рубрикаи “Мулоқотҳо” ба табъ расидааст.

Гузориши мазкур дар пояи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин сурат гирифтааст, ки 15-сентябри соли 2015 барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба шаҳри Душанбе омадааст.

Дар ин гузориш, ки аз ҷониби кормандони нашрия таҳия гардидааст, гуфта мешавад, ки дар мулоқот “масоили вобаста ба таҳким ва густариши муносиботи бисёрҷанбаи ду шарики стратегӣ баррасӣ гаштанд” [7]. Чунин мулоқотҳо дар давоми зиёда аз 30 соли муносибатҳои дипломатӣ хеле зиёданд ва дар сархати ҳама гузоришу хабару мақолаҳои мафҳуми “шарикони стратегӣ” таъкид гардида, омодагиву садоқати бевоситаи роҳбарони ин давлатҳо дар роҳандозиву амалигардонии нақшаву барномаҳои зиёд баён карда мешавад. Чунончӣ дар он зикр карда мешавад, ки “...Эмомалӣ Раҳмон ба Русия ва шахсан ба Владимир Путин барои дастгирӣ аз тадбирҳои амниятии Тоҷикистон дар оғози моҳи сентябр ва ҳам барои фиристодани кӯмаки башардӯстона ба осебдидагони офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон арзи сипос намуд” [7]. Агар ба ҳама уфуқҳои муносибату ҳамкориҳои Русия ба Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ нигарем, як нуқтаи возеҳ он аст, ки Русия дар сиёсатҳои геополитикӣ дар ин минтақа хеле фаъол мебошад. Ин тамоюл ҷузъиёти чандон манфӣ нест ва хавфу хатарҳои сиёсатҳои таҳмилии тундгароёнаро пешгирӣ менамояд. Дар сомонаи нашрияи “Ҷумҳурият” - http://jumhuriyat.tj/ танҳо аз мавқеи якҷониба сухан гуфта намешавад ва дар ин маврид нуқтаи назари В. Путин низ нисбат ба шарикии стратегӣ баён мегардад: “Владимир Путин бори дигар омодагии Русияро барои дастгирии ҳамаҷониба аз рушди Тоҷикистон таъкид дошта, аз ҷумла изҳор намуд, ки муносиботи Русияву Тоҷикистон бар иттифоқчигию баробарҳуқуқии ду ҷониб асос ёфтаанд. Аз ҳамгироии мунтазам ва босамари ниҳодҳои корҳои хориҷӣ, сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ду кишвар изҳори қаноат карда шуд” [7].

Дар матлаби дигар таҳти унвони “Пешвои миллат: "Русия шарики стратегии Тоҷикистон буд ва мемонад"” [10] қатъияти ҷониби Тоҷикистонро вобаста ба ин масъала пайдо намудан мумкин аст. Ин матлаб журналистӣ намебошад ва он изҳороти таҳияшуда мебошад. Дар инҷо шакли сарлавҳагузорӣ ҳама ҳадафро фаро гирифта, таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи мавқеи мушаххаси Тоҷикистон гардидааст. Ин Изҳороти матбуотии Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон аз рӯи натиҷаҳои сафари Президенти Русия Владимир Путин ба шаҳри Душанбе (27 феврали соли 2017) сурат гирифта, дар он оҳанги қаноатмандӣ ба назар мерасад. Изҳороти Эмомалӣ Раҳмон воқеъбинона буда, дар он нақши ин давлати абарқудрат дар пешравию ташаккули Тоҷикистони соҳибистиқлол бозгӯ мегардад. Ишора ба нақши созанда доштани Русия дар таҳкими сулҳу созандагиҳои Тоҷикистон натиҷаи он аст, ки дар ҳақиқат ин давлати абарқудрат нисбат ба суботи сиёсиву иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бетафовут намебошад: “Русия дар ҳамаи соҳаҳо шарики стратегии Тоҷикистон буд ва мемонад. Ҳамчун кафили иҷрои Созишномаи сулҳ Русия дар раванди барқарорсозии сулҳ ва ризоят дар Тоҷикистон нақши муҳим бозид, дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таҳкими истиқлолияти миллии он саҳми назаррас гузошт” [10]. Муносиботу ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону Русия ҳамчун шарикони стратегӣ 33 сол боз идома дорад. Бо назардошти заминаҳои таърихӣ умумиятҳои зиёди ин давлатҳоро бо ҳам наздик гардонидааст. Замони шӯравӣ хусусиятҳои худро дошт ва Тоҷикистон узви он

ба ҳисоб мерафт. Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ уҳдадориҳову вазифаҳоро дигар намуд. Табиист, ки ҳамчун давлатҳои мустақили алоҳида ҳамкориҳои густурдаи худро дар асоси қарододу шартномаҳо ба роҳ мегузоранд. Ин нуқта низ дар изҳорот зикр гардидааст, ки ниёз ба ягон ташреҳу таҳлили коршиносону журналистон надорад. Ба имзо расидани 260 ҳуҷҷат то соли 2017 намунаи возеҳи шарикии стртатегии ин давлатҳост: “Пояи ҳуқуқии муносиботи Тоҷикистону Русия, ки тақрибан аз дусаду шаст ҳуҷҷат иборат аст, амалан тамоми ҷанбаҳои ҳамгироии мо - аз ҳарбӣ - техникӣ то лоиҳаҳои бузурги иҷтимоию иқтисодиро дарбар мегирад” [10].

Инъикоси раванду натиҷаи мулоқоту суҳбатҳои пайвастаи роҳбарони волмақоми давлатҳо як далели рушди муносибатҳои стратегӣ низ ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони имрӯза ҷараён ёфтани он як шарту омили суботу оромии сиёсии минтақаву ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Шореҳону коршиносон ва журналистону публитсистон нисбат ба чунин ҳолатҳо некбин мешаванд ва онро истиқбол низ менамоянд. Бархурду ихтилофот авзои имрӯзаи сайёраро зери таъсири манфӣ қарор додааст ва аз чунин раванд қабл аз ҳама журналистон нигарон мебошанд. Бояд таъкид намуд, ки дар чунин ҳолат баёни публитсистӣ бештар аҳамият пайдо менамояд. Бинобар ин чунин матолиб бо шакли мақбули пешниҳод хоҳу нохоҳ “таъсири амиқи иҷтимоӣ дорад» [17, с. 4] Ихтилофоти имрӯза дар нуқоти гуногуни сайёра дар навбати аввал ба ҳаёти осоишта таҳдиду хатарҳо пайдо намуда истодааст. Табиист, ки дар ин гуна ҳолат матолиби аз нигоҳи равонӣ таъсирбахшро аудиторияи умум меписандад. Матолиби саҳифаҳои сомонаҳои https://www.rg.ru/ ва http://jumhuriyat.tj/ дар нигоҳи умумӣ аз ҳамин хосият бархурдоранд ва ҳаққонияти шарикии стратегии Тоҷикистону Русияро нишон дода метавонанд. Дар гузориши дигар дар сомонаи http://jumhuriyat.tj/ низ таҳти унвони “Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Дмитрий Медведев” [8] низ баёни нарму некбинонаро дар чаҳорчӯби муносиботу ҳамкориҳои Тоҷикистону Русия пайдо кардан мумкин аст.

Дар муқаддимаи хабарии гузориш омадааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ 30 октябр раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Дмитрий Медведевро ба ҳузур пазируфтааст, ки барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони ҳукуматҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба шаҳри Душанбе омадааст. Дар ин гузориш низ масъалаи шарикии стратегӣ махсус аз ҷониби Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон баён гардида, аз таҳкиму густариши он изҳори қаноатмандӣ карда мешавад: “Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти шарокати стратегии Тоҷикистону Русияро таъкид дошта, изҳори бовар намуд, ки масоили рӯзномаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду шарики стратегӣ ва муттафиқ ҳаллу фасл шуда, робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории судбахши мо пайваста таҳкиму густариш меёбанд” [8].

Масъалаҳои шарикони стратегӣ бештар дар суҳбату мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир путин матраҳ гардида, вобаста ба талаботи рӯз муҳимтарин проблемаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. “Мулоқоти Сарвари давлат бо Президенти Федератсияи Россия” [6] гузориши дигарест, ки зери рубрикаи “Сиёсат” ба нашр расидааст. Дар он дар бораи сафари Сарвари давлат дар соли 2022 ба шаҳри Москва сухан рафта, муҳимтарин ҷузъиёти суҳбати роҳбарони Русияву Тоҷикистон зикр мегардад. Дар гузориш иборaи “сатҳи шарикии стратегӣ” истифода шуда, доираву уфуқҳои нақшаву барномаҳо таъкид мегарданд: “Дар ҷараёни вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистону Россия дар сатҳи шарикии стратегӣ ва дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ баррасӣ гардиданд” [6].

Дар сомонаи https://www.rg.ru/ низ дар заминаи мулоқоту вохуриҳои роҳбарони ин давлатҳо масъалаву муаммоҳои шарикии стратегӣ аз равзанаҳои гуногун матраҳ карда мешавад. Фарқ аз сомонаи нашрияи “Ҷумҳурият” он аст, ки онҳо кутоҳ, муъҷаз ва дорои ишораҳои таҳтонӣ мебошанд. Ба таври мисол дар гузориши ин сомона бо номи “Путин ба Раҳмон аз сиёсати миллии ИҶШС ёдовар шуд” (“Путин напомнил Рахмону о национальной политике СССР”) [12] дар бораи вокуниши В.Путин ба як эроди Эмомалӣ Раҳмон сухан меравад, ки гила аз баъзе ҷузъиёти масъалаҳои стратегӣ намудааст. Аслан аз шарҳи ин матлаб дар сомонаи мазкур чунин баромеояд, ки сиёсати даврони шӯравӣ аз ҷониби баъзе президентҳо, масалан Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон васф карда мешавад: “Дар саммити Россия – Осиёи Марказӣ Раҳмон аз набудани таваҷҷуҳи кофӣ дар ИҶШС нисбат ба мамолики Осиёи Марказӣ намуд. Путин ба он ҷавоб дод: Албатта, дар Иттифоқи Шӯравӣ китобчаҳо нашр карда мешуд, театрҳо бо забони миллӣ кушода мешуд, фарҳангу иқтисодро

инкишоф медоданд” [12]. Нисбат ба мавқеи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон чунин гуфта мешавад. Айнан: “Глава Казахстана Касым-Жомарт Токаев также согласился, что "в Советском Союзе уделялось много внимания развитию и союзных республик, и автономных республик, и национальных краев". Особенно в образовании и здравоохранении” [12].

Сомонаҳои нашрияҳои “Российская газета”- https://www.rg.ru/ ва “Ҷумҳурият” - http://jumhuriyat.tj/ қатъи назар аз баъзе маҳдудиятҳои аудиторӣ дар фазои иттилоотии ҳар ду кишвар хабарсоз буда метавонанд. Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ чунин эҳсос мешавад, ки ҷомеа дар мавҷи хабарҳои беҳудуду беэътимод торафт ғарқ гардида истодааст. Шабакаҳои иҷтимоӣ бо фаъолияти ҳар як корбару блогер имрӯз ба сарчашмаи иттилои аввалин ҳам табдил ёфта бошад, аз ҷониби дигар маводи таҳрифии фейкӣ ва офаридаҳои “Ҳуши маснӯӣ” (И.И) ҷомеаро ба шубҳаву гумонҳои зиёд мебарад. Аз инҷост, ки аудиторияи интернетӣ ба сарчашмаҳои муътамад бештар муроҷиат менамояд. Ду даҳсолаи охир чунин фарзияе дар миёни аксар муҳаққиқон ба вуҷуд омдааст, ки сухани матбӯъ (матбуот) аз миён меравад. Ин андеша саҳеҳ нест ва танҳо онро бояд зикр кард, ки сухани чопӣ шакли худро дигар менамояд. Яъне минбарҳо ва шакли иртиботии сухани чопӣ бо омма дигар мегардад. Агар садсолаҳо рӯномаи чопӣ ба дасти аудитория рафта мерасида бошад, акнун шакли электронии он аҳамият пайдо карда истодааст. Ин аҳамият ба маводи бидуни эътимод иртибот дорад. Хонанда иҷборан имрӯз такя мекунад, на ба шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар онҳо марзу ҳудуду боварӣ нест, балки ба сомонаҳои алоҳидаи расонаҳо (чандрасонаӣ) муроҷиат менамояд. Дар ҳамин маврид вобаста ба аҳмияту ҷойгоҳи сухани чопӣ (матн) муҳаққиқон чунин анеша доранд, ки дар он ҳақиқати воқеӣ вуҷуд дорад: “...мавқеи қаблии худро пайдо кардани воситаҳои ахбори оммаи чопӣ давом меёбад. Сабаб одиву фаҳмост – шаклҳои гуногуни ахборро қатъи назар аз шакли пешниҳод (радио, телевизион) ҳамеша матн роҳнамоиву гусел менамояд” [18, с. 308]. Дар ҳамбастагӣ ба ин омил ва дигар ҷузъиёт сомонаҳои нашрияҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавҷеи худро зина ба зина устувор менамоянд. Бо ин махсусият дар нишон додани муҳимтарин масъалаҳо, аз ҷумла таҳкими шарикии стратегӣ нақши устувор мегузоранд. Дар давоми ҳар як соли фаъолияти ин сомонаҳо даҳҳо мавод ба ин самт бахшида шудаанд.

Адабиёт

1. *Азимов А., Муродӣ М. “Ҷумҳурият”: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе, 2025. – 160 с.*
2. *Владимир Путин лично вручил Рахмону орден / https://www.rg.ru/2017/02/27/vladimir-putin-lichno-vruchil-rahmonu-orden.html (санаи муроҷиат 20.09.2025)*
3. *Исмоилзода С.М. Инъикоси Covid - 19 дар сомонаи ОИ «Центразия» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2022. – № 2. – С. 301-306.*
4. *Қудбуддинов А. Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ // Журналистикаи байналхалқӣ – II (маҷ.мақ). – Душанбе, 2009. – С. 23-30.*
5. *Мирзоалӣ С. Нигоҳи таҳлилгарони “РИА Новости” ба воқеоти Тоҷикистон // Журналистикаи байналхалқӣ – II (маҷ.мақ). – Душанбе, 2009. – С.40.*
6. *Мулоқоти Саркори Давлат бо Президенти Федератсияи Россия / https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=46546 (санаи муроҷиат: 25.09.2025)*
7. *Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Владимир Путин. / https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=20872 (санаи муроҷиат: 27.09.2025)*
8. *Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Дмитрий Медведев / https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=21650 (санаи муроҷиат 28.09.2025)*
9. *Муродов М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.*
10. *Пешвои миллат: "Русия шарики стратегии Тоҷикистон буд ва мемонад" // https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28309 (санаи муроҷиат: 28.09.2025)*
11. *Путин назвал Таджикистан союзником России / https://www.rg.ru/2014/09/11/rahmon-site-anons.html (санаи муроҷиат: 01. 10 2025)*
12. *Путин напомнил Рахмону о национальной политике СССР / https://www.rg.ru/2022/10/15/putin-napomnil-rahmonu-o-nacionalnoj-politike-sssr.html (санаи муроҷиат: 01.10.2025)*
13. *Путин обсудил с Рахмоном безопасность в Азии / https://www.rg.ru/2019/04/17/putin-obsudil-s-rahmonom-bezopasnost-v-azii.html (санаи муроҷиат: 02.10.2025)*
14. *Путин: Отношения с Таджикистаном основаны на союзнических обязательствах /*

https://www.rg.ru/2015/09/15/putin-rahmon-site.html *(санаи мурочиат: 10.10.2025)*
15. *Сафаров Х. Мавқеи ВАО-и русӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон // Журналистикаи байналхалқӣ – II (маҷ.мақ). – Душанбе, 2009. – С. 68-74.*
16. *Суҳбати телефонии Эмомалӣ Раҳмон бо Владимир Путин / https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44673 (санаи мурочиат: 10.10.2025)*
17. *Усмонова, Н. Андешаҳо перомуни баъзе масъалаҳои публитсистикаи имрӯз / И. Н. Усмонова. – Душанбе, 2018. – 72 с.*
18. *Хомидов Д.Б., Ашурова Д.А. К проблеме развития информационно - коммуникационных технологий в медиа-пространстве стран - участников СНГ… // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – № 4/4. – С. 308-311.*
19. *Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он (Дастури таълимӣ). – Душанбе: Ирфон, 2016. - 104 с.*

НАҚШИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГИИ ДУҶОНИБА

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои бозтоб ё инъикоси муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар нашрияҳои давлатӣ «Ҷумҳурият» ва «Российская газета» баррасӣ мешаванд. Ҳадафи асосӣ муайян намудани раванди иттилоотӣ ва хусусиятҳои мазмунӣ-услубии тасвири шарикии стратегӣ дар асоси таҳлили муқоисавӣ ва таҳлили мазмунӣ (контент-аналитикӣ)-и маводи ҳар ду рӯзнома мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили матн, равиши муқоисавӣ ва таҳлили мазмунӣ истифода гардидаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона шудааст, ки чӣ гуна муносибатҳои дуҷониба тавассути иқтибосҳо аз роҳбарони давлатҳо, суханрониҳои расмӣ, гузоришҳо ва санадҳои байналмилалӣ ҳамчун шарикии устувори стратегӣ ва иттифоқчӣ муаррифӣ мегарданд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти мақоми идеологӣ ва расмии худ ҳар ду нашрия муносибатҳои Тоҷикистону Русияро дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва амният асосан дар шакли мусбат инъикос менамоянд, дар ҳоле ки масъалаҳои баҳсбарангез ва интиқодӣ дар канор мемонанд. Тафовут дар он ифода меёбад, ки «Российская газета» бештар аз усулҳои муосири мултимедиявӣ истифода бурда, маводро аз дидгоҳи Русия пешниҳод мекунад, дар ҳоле ки «Ҷумҳурият» диққатро ба мавқеи Тоҷикистон равона сохта, мафҳуми шарикии стратегӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллиро бештар таъкид менамояд. Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки он нақши расонаҳои давлатӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои дуҷонибаро нишон дода, заминаи назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи дипломатияи расонаӣ ва таҳлили муқоисавии журналистикаи давлатӣ фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: муносибатҳо, нашрияҳои давлатӣ, «Ҷумҳурият», «Российская газета», рӯзнома, шарикии стратегӣ, журналистикаи давлатӣ.

РОЛЬ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В УКРЕПЛЕНИИ ДВУСТОРОННЕГО СТРАТЕГИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье рассматриваются особенности отражения дипломатических отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в государственных изданиях «Ҷумҳурият» и «Российская газета». Цель исследования заключается в выявлении информационного процесса и содержательно-стилистических особенностей репрезентации стратегического партнёрства на основе сравнительного и контент-аналитического анализа материалов обеих газет. Методологическая основа исследования включает текстовый анализ, сравнительный подход и контент-анализ. Основное внимание уделено тому, каким образом двусторонние отношения посредством цитирования руководителей государств, официальных выступлений, отчётов и международных документов конструируются как устойчивое стратегическое и союзническое партнёрство. Результаты анализа показывают, что, исходя из их официально-идеологического статуса, оба издания преимущественно позитивно репрезентируют сотрудничество Таджикистана и России в сферах политики, экономики и безопасности, оставляя за рамками проблемные и критические аспекты. Отличие состоит в том, что «Российская газета» акцентирует внимание на российской позиции и использует современные мультимедийные форматы, тогда как «Ҷумҳурият» сосредоточивается на национальных интересах Таджикистана и подчёркивает концепцию стратегического партнёрства. Научная значимость исследования заключается в том, что оно выявляет роль государственных СМИ в формировании общественного мнения о двусторонних отношениях, а также создаёт теоретическую базу для дальнейшего изучения медиадипломатии и сравнительного анализа государственной журналистики.

Ключевые слова: дипломатия, государственные издания, «Ҷумҳурият», «Российская газета», газета, стратегическое партнёрство, государственная журналистика.

THE ROLE OF DIPLOMATIC RELATIONS IN STRENGTHENING BILATERAL STRATEGIC COOPERATION.

The article examines the peculiarities of the reflection of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in the state publications Jumhuriyat and Rossiyskaya Gazeta. The aim of the study is to identify the information process and the content and stylistic features of the representation of the strategic partnership based on a comparative and content-analytical analysis of materials from both newspapers. The methodological basis of the study includes text analysis, a comparative approach, and content analysis. The main focus is on how bilateral relations are constructed as a stable strategic and allied partnership through quotations from state leaders, official speeches, reports, and international documents. The results of the analysis show that, based on their official ideological status, both publications predominantly represent the cooperation between Tajikistan and Russia in the spheres of politics, economics, and security in a positive light, leaving problematic and critical aspects outside the scope. The difference is that Rossiyskaya Gazeta focuses on the Russian position and uses modern multimedia formats, while Jumhuriyat focuses on Tajikistan's national interests and emphasizes the concept of strategic partnership. The scientific significance of the study lies in the fact that it reveals the role of state media in shaping public opinion on bilateral relations, and also creates a theoretical basis for further study of media diplomacy and comparative analysis of state journalism.

Keywords: diplomacy, state publications, Jumhuriyat, Rossiyskaya Gazeta, newspaper, strategic partnership, state journalism.

Дар бораи муаллиф
Мирзоева Навруза Матқосимовна
Докторанти аз рӯйи ихтисос (PhD)-и
кафедраи журналистикаи байналхалқӣ
Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақши Экспедитсияи тоҷикӣ - помирии солҳои 1933-1937 дар омӯзиши биологияи Тоҷикистонро нишон диҳад. Омӯзиш ва таҳқиқи илмии қаламрави Тоҷикистон аз ҷониби экспедитсияҳои илмии АИ ИҶШС, аз ҷумла Экспедитсияи тоҷикӣ - помирии солҳои 1933-1937 дар таърихи илмӣ тоҷик мавқеи махсусро ишғол мекунад. Дар гузаронидани корҳои илмӣ-ҷустуҷӯии солҳои 30-юм ва натиҷаи кори ба даст оварда оид ба азхуд намудани илми биология ва зарурати истифодаи онҳо дар амалия дар ҳудуди Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ДДОМ) нақши муҳим дошт. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти илмии Экспедитсияи тоҷикӣ- помирии солҳои 1933 – 1937 махсусан дар соҳаи илми биология дар таърихи илм муҳим арзёбӣ мешавад. Бояд ёдрас шуд, ки танҳо робитаи мустаҳками илму амалия ба истеҳсолот таъсири мусбат расонида метавонад, ки он боиси дар амал татбиқ гардидани назарияву ихтирооти олимон мегардад. Аз ин рӯ, олимони моро низ зарур аст, ки ба омӯзиши проблемаҳои муосир ва ва кашфиёту ихтирооти ба истеҳсолот нигаронидашуда таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Калидвожаҳо: экспедитсия, конференсия, биология, тадқиқи илмӣ, АИ ИҶШС, ДДОМ, ВМКБ, истгоҳи биологӣ, иқлимшиносӣ, морфология, зироаткорӣ, истеҳсолот.

РОЛЬ НАУЧНОЙ ЭКСПЕДИЦИИ 1933-1937 ГГ. В ИЗУЧЕНИИ БИОЛОГИИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор предпринял попытку показать роль Таджикско-Памирской экспедиции 1933–1937 годов в изучении биологии Таджикистана. Научное изучение и исследование территории Таджикистана научными экспедициями АН СССР, в том числе Таджикско-Памирской экспедицией 1933–1937 годов, занимает особое место в истории таджикской науки. Важную роль в проведении научно-изыскательских работ 30-х годов и в полученных результатах по освоению биологической науки, а также в необходимости их практического применения на территории Таджикистана, сыграл Среднеазиатский государственный университет (САГУ). Поэтому изучение научной деятельности Таджикско-Памирской экспедиции 1933–1937 годов, особенно в области биологии, считается важным в истории науки. Следует напомнить, что только тесная связь науки и практики может оказать положительное влияние на производство, что приводит к реализации теорий и изобретений ученых на деле. В связи с этим, нашим ученым также необходимо уделять серьезное внимание изучению современных проблем и разработке открытий и изобретений, ориентированных на производство.

Ключевые слова: экспедиция, конференция, биология, научные исследования, АН СССР, САГУ, ГБАО, биологический станция, климатология, морфология, растениеводство, производство.

THE ROLE OF THE SCIENTIFIC EXPEDITION OF 1933-1937 IN THE STUDY OF THE BIOLOGY OF TAJIKISTAN

In this article, the author attempts to demonstrate the role of the Tajik-Pamir Expedition of 1933–1937 in the study of Tajikistan's biology. The scientific exploration of Tajikistan by the expeditions of the USSR Academy of Sciences, including the Tajik-Pamir Expedition, holds a special place in the history of Tajik science. Central Asian State University (SAGU) played a vital role in conducting research during the 1930s and achieving results in the biological sciences, as well as emphasizing their practical application within Tajikistan. Therefore, studying the scientific activities of the Tajik-Pamir Expedition, particularly in biology, is considered essential to the history of science. It is worth noting that only a close link between science and practice can positively impact production, leading to the practical implementation of scientific theories and inventions. In this regard, it is also necessary for our modern scientists to focus on studying contemporary issues and developing production-oriented discoveries.

Keywords: expedition, conference, biology, scientific research, USSR Academy of Sciences, GBAO, biological station, climatology, morphology, crop production, production.

Дар бораи муаллиф
Исмоилов Ёдгор Ҳофизович
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ydqor.ismoilov@bk.ru

Об авторе
Исмоилов Ёдгор Хофизович
Кандидат исторических наук, доцент кафедры методики преподавания истории и права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ydqor.ismoilov@bk.ru

About the author
Ismoilov Yodgor Hofizovich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of methods of teaching history and law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ydqor.ismoilov@bk.ru

ТДУ 930

ПРОБЛЕМАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СИСТЕМАИ РОҲИ ОҲАНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX

Абдураҳмонов З. В., Нурматов У. С.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Роҳи оҳан яке аз самтҳои асосии рушди саноати мамлакатро ташкил медиҳад, ки тавассути он маҳсулоти тайёр, ашёи хом ва захираҳои истеҳсолӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар кашонида мешаванд. Аҳамияти ин намуди нақлиёт дар шароити инкишофи босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ру ба афзоиш дорад ва бахусус ин самти нақлиёт барои давлатҳое, ки роҳи баҳрӣ надоранд, хеле муҳим мебошад. Аз ҳамин лиҳоз омузиши таърихи роҳи оҳани Тоҷикистони муосир ҳамчун қисми таърихи нақлиёти мамлакат яке аз равияҳои мубрами таърихи мамлакатро ташкил медиҳад.

Таърихи роҳи оҳани Тоҷикистон, бо сохтани аввалин хатти роҳи оҳан дар Осиёи Миёна аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардид. Дар ин давра хатти роҳи оҳан тавассути роҳи баҳрии Каспий ба Осиёи Миёна ворид гардида, зина ба зина тамоми минтақаҳои онро фаро гирифт ва аз ҳамин сабаб, дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Миёна таърихнигории таърихи роҳи оҳан бо ҳамин давра таҷассум мегардад. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти таърихии Тоҷикистон ва таърихнигории ватанӣ, мавзуи таърихи роҳи оҳан дар алоҳидагӣ кам омухта шудааст ва дар ин муносибат диссертатсияи мазкур кушиши аввалини фаро гирифтани таърих ва инкишофи ин соҳа маҳсуб мешавад. Агар мо таҳлили бевоситаи сохтмони роҳи оҳанро дар ҳудуди Тоҷикистони ҳозира гирем, сохтмони аввалин роҳи оҳан дар ин ҷо дар охири асри XIX дар ҳудуди минтақаи саноатии Хуҷанд оғоз шуд ва то давраи солҳои 20-уми асри XX дар аксарияти водиҳои Тоҷикистони шимолӣ хатти роҳи оҳан мавриди истифода қарор гирифт. Ин далели он буд, ки азхудкунии саноатии минтақаҳо танҳо тавассути роҳи оҳан имконпазир буд. Аз ин лиҳоз нишон додани аҳамияти стратегии роҳи оҳан барои саноати ватанӣ қисми асосии коркарди стратегияи илмиро ташкил медиҳад. Мо бояд дар асоси дастовардҳои таърихӣ, муҳиммияти гузаронидани хатҳои роҳи оҳанро ба тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, ҳамчун омили асосии пешрафти он баррасӣ намоем. Аз тарафи дигар дар шароити сохтмони роҳҳои оҳани байналмилалӣ, ҳар як олим бояд фикру ақидаҳои худро дар хусуси имкониятҳои сохтмони роҳи оҳан дар шароити Тоҷикистон барои ҷомеа чи дар шакли таърихи гузашта ва чи дар шакли стратегияи оянда пешниҳод намояд. Дар замони муосир роҳи оҳан дар системаи нақлиёт ва коммуникатсия ҷойи махсусро ишғол мекунад. Бунёди системаи мустақилу муттаҳидаи коммуникатсияҳои нақлиёти роҳи оҳан, қисми зиёди минтақаҳои кишварро пайваст мекунад. Ҳамвора роҳ ба шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ дастрасӣ пайдо намуд ва ин бузургтарин дастоварди таърихии миллати тоҷик ба шумор меравад. Мубрамияти мавзуъ дар он аст, ки дар баробари баҳо додан ба таърихи роҳи оҳан бояд аҳамият ва нақши онро дар системаи хоҷагидории дохилӣ ва байналмилалӣ баррасӣ намуд ва хулосаҳои илмӣ оиди стратегияи минбаъдаи он бароварда. Таърихи сохтмон ва мавқеи онро омухта, инчунин аз сабақҳои сиёсигардонии роҳи оҳан ва истифодаи он ҳамчун олоти таҳрим донист, ки дар як давраи душвор Тоҷикистон низ бо чунин муносибат аз тарафи давлатҳои ҳамсоя бархурд намуд. Диққати хосро давраи душвори солҳои 90-ум тақозо мекунад, зеро дар ин давра системаи инкишофи роҳҳои оҳан ба ба карахтӣ дучор гардид.

9 октябри соли 1992 Декларатсия «Дар бораи дахлнопазирии сарҳади давлатҳо»-ро имзо намуданд. Дар муқаддимаи Декларатсия гуфта шуд, ки давлатҳои имзокунандаи Декларатсияи мазкур принсипи дахлнопазирии сарҳад ва таомимяти арзии давлатҳоро мавриди эҳтиром қарор мекунанд. 15 апрели соли 1994 аз тарафи давлатҳои ТДМ инчунин Декларатсияи навбатӣ «Дар бораи эҳтироми истиқлолият, тамомияти арзӣ ва дахолатнопазирии сарҳади давлатҳои аъзои Ташкилоти Давлатҳои Мустақил» қабул мегардад. Тоҷикистон бо расидан ба истиқлолият, якбора гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Мувофиқи маълумоти олимон, дар ин давра ба ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон, ба маблағи беш аз 300 млрд. рубл зарари моддӣ расонида шуд. Ҳамчунин беш аз 80 фоизи корхонаҳои саноатии Тоҷикистон фалаҷ гардиданд ва ҲМД дар охири соли 1992 нисбати соли 1991, 31 фоиз кам гардид [11, с. 26].

Баъди барҳам хурдани давлати Иттиҳоди Шуравӣ, вазифаи асосӣ дар самти нақлиёт ин нигоҳ доштани роҳҳои транзитӣ буд, ки тавассути онҳо 9 декабри соли 1994 қарори сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кори роҳҳои охани давлатҳои аъзои ИДМ» ба имзо расид, ки мувофиқи он давлатҳо уҳдадор шуданд, ки созишномаҳо оид ба ҳамлу нақли байналмилалии бор ва мусофиркашониро риоя намоянд [5, с. 4].

Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ имконияти навро барои дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ба даст овард. Дар маҷмуъ зарари моддии Тоҷикистонро баъзе тадқиқотчиён ба 10 миллиард доллари амрикоӣ мансуб медонанд. Харобшавию аз нав эҳёшавии сатҳи пешини истеҳсолотро таърих борҳо дидааст. Муҳим аст, ки аз онҳо сабақ бардошта, нақшаи мукаммали раҳоиро аз вазъи ногувор бояд ҷуст [8, с. 17].

Соҳаи нақлиёт ҳамчун асоси моддии муносибатҳои истеҳсолии байни давлатҳо, омили рушди иқтисодии мамлакат боқӣ мемонд. Хатҳои роҳи оҳан, баъди барҳам хурдани давлати ягона бо ҷангҳои гумрукӣ рӯ ба рӯ шуданд. Аллакай дар соли 1991 бори нахуст ҳолати бастани хатти роҳи оҳан дар минтақаи сарҳадии хатти роҳи оҳани Душанбе-Тирмиз рух дод, ки боиси сар задани камбудии маводи ғизоӣ, аз ҷумла орд дар Тоҷикистон гардид. Мутаассифона, дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми давраи муқовимати шаҳрвандӣ ва пош хурдани давлати Шуравӣ, қисми роҳҳои оҳан баста шуданд ва иншооту масолеҳи онҳо вайрона карда шуд [7, с. 53].

Ба мисли дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, дар системаи роҳи оҳан низ буҳрони соҳавӣ сар зад. Моликияти нақлиётӣ пурра ғасб мешуд. Вокзалу стансияҳо аз кор боз монданд. Роҳи оҳани Узбекистон аз Самарқанд то Тирмиз омада, аз хатти роҳи оҳани Тоҷикистон ҷудо гардид [9, с. 9].

Бо вуҷуди ҳамаи камбудиҳо, давлати нави соҳибистиқлоли Тоҷикистон кӯшиш мекард, ки кори соҳаи нақлиёти роҳи оҳанро қоннок намояд. Барои ҳамин, самти муҳими ислоҳоти иқтисодии кишвар дар солҳои аввали истиқлолият ин барқароркунии системаи роҳи оҳан буд. Ҷиҳати дигари масъала ин хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ буд, ки соҳаи нақлиётро низ фаро гирифт. Шумораи нақлиёти мамлакат дар солҳои аввали истиқлолият коста гардида бошад, ҳам, бо роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аллакай то аввали соли 1998 шумораи он нисбатан афзоиш ёфта, ба 60 678 адад расонида шуд [1, с. 28-35]. Дар шароити Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX бо сабаби таҳримҳои роҳи оҳан ва гарон будани нақлиёти ҳавоӣ, аҳамияти муҳимро нақлиёти автомобилӣ дошт. Ин намуди нақлиёт нисбати роҳи оҳан сермасраф буд, аммо ин ягона роҳи таъмини талаботи аҳолӣ ба нақлиёт буд.

Камбудии асосии системаи нақлиётии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум баръало мушоҳида гардид. Муайян шуд, ки аксари роҳҳои оҳан дар минтақаҳои саноатӣ ба монанди вилояти Суғд, ба истиснои водии Зарафшон, водии Ҳисор ва бархе аз манотиқи сарҳади Тоҷикистон бо Узбекистон дар минтақаи ноҳияи Турсунзода ҷойгир буданд. Соли 1997 корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ дар самти сохтмони хатҳои нави роҳи оҳан дар минтақаи Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа баррасӣ шуданд. Дар ин бора Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ бахшида ба 6-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 8 сентябри соли 1997 чунин қайд намуданд: «Сохтмони роҳи оҳани Кӯлоб-Қӯрғонтеппа, роҳи Кӯлоб-Дарвоз ва нақби Анзоб барои мо ҳаётан муҳим мебошанд. Мо бояд саъй кунем, ки дар ибтидои асри XXI шабакаи роҳи нақлиётиро, ки дар ҳар фасли сол амал мекунад, тамоми минтақаҳои ҷумҳуриро бо ҳам пайваст намояд, зеро роҳҳо дар шароити кишвари кӯҳсори мо на танҳо аҳамияти бузурги иқтисодӣ, балки аҳамияти сиёсӣ низ доранд» [10, с. 5].

Ҳамчунин, заминаи асосии рушди иқтисодӣ, нақлиёти роҳи оҳан дар пешрафти савдои дохилӣ ва хориҷии мамлакат нақши ҳалкунанда дорад. Бинобар ҳамин, дар доираи Стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон, ин самт дар мадди аввали сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт. Роҳҳои оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1991 аз ду қисм, шуъбаи роҳи оҳани Душанбе ва қисми роҳи оҳани Ленинобод (ҳозира Суғд) иборат буданд, ба системаи роҳи оҳани Фарғона дохил мешуданд. Дар санаи 17 августи соли 1994 бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии Роҳи оҳани Тоҷикистон таъсис гардид, ки моликияти асосии онро маҳз системаи роҳи оҳани вилояти Ленинобод ташкил медод [3, с. 9].

Яке аз камбудиҳои асосии системаи маъмурии Тоҷикистонро надоштани алоқаи истеҳсолӣ байни минтақаҳои он ташкил медод, зеро байни вилоятҳо роҳи оҳан набуд. Барои ҳал кардани ин мушкилот, 21 сентябри соли 1993 Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор «Дар бораи чораҳои тезонидани сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб»-ро қабул намуд. Барои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани шаҳру ноҳияҳои кӯҳистон яке аз нақшаҳои Ҳукумати Тоҷикистонро сохтмони роҳҳои оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва Ваҳдат – Ёвон ташкил дод, ки лоиҳаи ин роҳро ҳануз дар соли 1990 ташкилотҳои «Ташжилпроект» ва «Ташгипротранс» -и Ҷумҳурии Узбекистон омода намуданд. Мувофиқи лоиҳаи пешниҳодшуда, дарозии ин роҳ мебоист 138 километрро ташкил мекард. Тамоми манбаҳои маблағгузории ин роҳро Вазорати роҳи оҳани ИҶШС ба зимма гирифт. Аммо бо саршавии парокандагии сиёсӣ, алоқаи сохтмон бо манбаҳои маблағгузорӣ канда шу два дар давоми солҳои 1990 то соли 1994 хамагӣ 2 км роҳ сохта шуд [3, с. 10].

Бинобар муҳимияти ин роҳ барои системаи саноати Тоҷикистон, 31 январи соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои азназаргузаронии ҳолати роҳ ба вилояти Хатлон омада, нуқтаҳои душвортарини ин сохтмонро аз назар гузаронид. рафт. Аз он ҷумла бо сохторҳои маҳаллӣ масъалаи сохтмони фаврии қисмати роҳ аз шаҳри Кӯлоб то шаҳри Бохтар мебоист оғоз гардад. Роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 оғоз гардид. Барои назорати сохтмон, 16 октябри соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мавзеи сохтмон сафар карда, аз рафти корҳои сохтмонии роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб ва сохтмони кӯпрук дар қитъаи 63-юми роҳро (дарозии 270 метр) аз назар гузаронид. Дар рафти сафар ба минтақаи сохтмони роҳи оҳан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз мутахассисон ва идораҳои дахлдор даъват намуд, ки ба нуқтаҳои асосии сохтмон диққат диҳанд, ки онҳо чунин буданд:

- анҷом додани сохтмони истгоҳи "Саргазон";
- ҳал намудани масъалаҳои маишӣ, молиявӣ ва таъминоти сохтмончиёни роҳ;
- таъмини сохтмон бо релсҳои стандартӣ;
- таъмини сузишвории нақлиёт барои сохтмон;
- афзоиш додани шумораи сохтмончиён аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ.

Дар санаи 7-уми сентябри соли 1998 роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб, то истгоҳи аввал дар деҳаи Саргазони ноҳияи Данғара ба анҷом расонида шуд, ки дарозии он 54 километрро ташкил дод. Ин муваффақият, сохтмончиёнро ба идомаи кори минбаъда руҳбаланд кард ва барои давом додани сохтмон, моҳи октябри соли 1998 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи анҷоми сохтмони роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб қабул гардид, ки дар он санаи анҷоми корҳо ба 9 сентябри соли 1999 эълон гардид, ки дар ин давра мебоист қисмати Саргазон – Кӯлоб бояд ба истифода дода мешуд. Дар нимаи аввали моҳи марти соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо рафти кори сохтмон дар қисмати Саргазон – Кӯлоб дидан намуд. Дар хусуси ҳаҷми кор он далел медиҳад, ки дар сохтмон 46 ташкилотҳои сохтмонӣ ва роҳсозӣ шабу руз меҳнат мекарданд, то ки то санаи 9 сентябри соли 1999 роҳро ба истифода диҳанд. Ҳамин тавр, сохтмончиён бо заҳмату ҷасорати мардонагӣ 7-уми сентябри соли 1999 сохтмони роҳи Бохтар – Кӯлобро бо сифати баланд ба анҷом расониданд. Ин корнамоӣ дар таърихи навини Тоҷикистон як далел аз он гардид, ки сохтмончиёни тоҷик барои амалӣ намудани лоиҳаҳои душвортарин қодир мебошанд. Дарозии умумии хатти нави роҳи оҳан 132 километрро ташкил дод, ки ин барои пайваст кардани марказҳои бузургтарини саноатӣ шароит фароҳам оварда.

Соли 1994 корхонаи воҳиди давлатии Роҳи оҳани Тоҷикистон таъсис шуд, ки беш аз 615 км роҳҳоро дар ҳудуди мамлакат (ба ҳолати соли 2001) танзим мекард. Тамоюли боркашонӣ дар ин роҳҳо 1100 млн. т-км (нетто), мусофиркашонӣ – 130 млн. мусофир-км буда, дар ҳудуди корхона 4 депо, 2 депо 27 стансияи хаттӣ фаъолият доранд. Соли 2000 – ум сохтмони роҳи оҳани Кӯлоб-Бохтар бо дарозии 132 км, дорои 2 стансия, 13 купрук мавриди истифода карор гирифт, ки дар нақшакашии он Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон шахсан иштирок намуд.

Ҳамин тавр, дар соли 2001 бо ҳамаи намудҳои нақлиёт 20,8 миллион тонна бор ва 158,1 миллион мусофир кашонда шуд.

Дар давраи соли 2001-ум гардиши мол тавассути нақлиёт ба 15,4 миллион тонна расонида шуд, ки ин нисбати соли 2000-ум қариб 3 миллион тонна зиёдтар буд [2, с. 256]. Дар давраи истиқлолият инчунин вобастагии роҳи оҳан аз давлатҳои хориҷӣ кам гардид, аммо ин омил ҳанӯз пурра набуд, зеро роҳи ягонаи стратегӣ тавассути Узбекистон мегузашт ва ин боиси фишор аз тарафи идораҳои ин давлат мегардид. Барои ҳалли ин масъала, дар санаи 17 августи соли 1994 бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» таъсис гардид. Соли 2005 дарозии умумии хатҳои Роҳи оҳани Тоҷикистон 950,7 километр ташкил дод, ки аз ин дарозии хатҳои асосӣ -

679,9 километр, роҳҳои стансияҳо - 216,7 километр, роҳҳои даромадгоҳ -54,1 километрро ташкил доданд. Инвентаризатсияи роҳи оҳан дар ин давра муайян намуд, ки др тавозуни Роҳи оҳани Тоҷикистон 1760 вагонҳои боркаш, 291 вагони мусофирбар, 57 тепловоз, 33 вокзал қарор доштанд [2, с. 159].

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ аз сохтмони роҳи нави Қӯрғонтеппа - Кӯлоб монеъ шуд, ки тибқи лоиҳа 149 километр дарозӣ дошт ва истгоҳҳои Сангтӯда - Данғара - Фархор - Кулоб - Восеъро дар бар мегирифт. Роҳ мебоист аз ҳисоби буҷети иттифоқӣ барои солҳои 1991—1996 сохта мешуд.

Дар солҳои 90-ум давлати Тоҷикистон хатсайри роҳи оҳани дохилиро афзоиш дод, ки ба он хатҳои зерин дохил шуданд:

- роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб;
- роҳи оҳани Бохтар – Сангтуда;
- роҳи оҳани Бохтар – Данғара;
- роҳи оҳани Данғара - - Кулоб;
- роҳи оҳани Бохтар – Конибодом.

Аммо ин сохтмон ба афзоиши қарзҳои КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” оварда он то моҳи январи соли 2002 ба 37,1 миллион доллари амрикоӣ расид. Дар солҳои 2002-2006 иловатан 35,1 миллион доллар қарз барои сохтмони корхонаҳои таъмири муҳаррики баркӣ ҷудо гардид ва он ба истифода дода шуд. Ин боиси он шуд, ки хаттсайри роҳи оҳан дар самтҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, Қӯрғонтеппа – Конибодом афзоиш ёфт. Дар баробари рушди роҳҳои дохилӣ, инчунин хаттсайрҳои хориҷӣ низ ру ба афзоиз гирифтанд. Солҳои 2000-ум шумораи хатсайри роҳи оҳан ба шаҳрҳои Россия зиёд карда шуд. Аз он ҷумла хатсайри Душанбе-Астрахан, Хуҷанд-Саратов ва Душанбе-Москва ба роҳ монда шуд. Соли 2005 тавассути қатораҳои мусофиркаш дар як сол ба зиёда аз 600 ҳазор нафар мусофирон хизмат расонида шуд. Инчунин зиёда аз 12 миллион тонна бор кашонида шуд. Дар соли 2008 12 547 тонна, дар соли 2009 -14 547 тонна бор кашонида шуд.

Аммо таҷрибаи сохтмони роҳҳои оҳани давраи аввали истиқлолият, нишон дод, ки ҷумҳурӣ дар дастрас намудани масолеҳи масолеҳи сохтмони роҳи оҳан аз давлатҳои хориҷӣ вобастагӣ дорад. Барои таъмини сохтмони роҳи оҳан, моҳи сентябри соли 2003 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи истеҳсоли маҳсулоти шпали оҳану бетонӣ барои роҳи оҳан мавриди истифода қарор гирифт. Инчунин сехи рангуборкунӣ, таъмири вагон, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ, сохтмони вагон ва дигар корҳо ба роҳ монда шуд. Дар ин самт кори стансияҳои депои Сарбанд, Бохтар ва Хуҷанд назаррас буд.

Дар солҳои 90-уми асри XX маблағгузории буҷавии соҳаи нақлиёт пеш аз ҳама ба таъмини иҷрои вазифаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ва барои намудҳои алоҳидаи фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан, кафолати нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан равона карда шуд. Аз он ҷумла, дар доираи системаи моликияти давлатӣ ба роҳи оҳан, дастгирии буҷетии соҳа, қарзҳои хориҷӣ истифодаи васеъ пайдо намуд. Дар натиҷаи маблағгузории кафолатноки давлатӣ, ки дар санадҳои меъёрӣ муқаррар шудаанд, аз ҷумла маблағгузории мандатҳои иҷтимоии аз ҷониби мақомоти давлатӣ додашуда, кори соҳа беҳтар гардид. Давлат дар ин самт аз соҳа даромади худиро тақозо намуд, то ки инфрасохтори роҳи оҳан пурра барқарор шавад.

Таҳлили давраи солҳои 90-уми асри XX моро ба хулоса овард, ки ба душвориҳои сиёсӣ дар мамлакат ва буҳрони соҳаи иқтисод нигоҳ накарда, фаъолияти системаи роҳи оҳани Тоҷикистон дар давраи солҳои 90-ум зина ба зина эҳё мегардид. Аммо ҳануз ҳам барои аз худ кардани боигариҳои Тоҷикистон, нақши роҳи оҳан нақши калидӣ дорад [6, с. 7-11]. Кормандони соҳа тавонистанд, қисми таҳҷизот ва моликияти роҳҳои оҳанро аз зарари ҷанги шаҳрвандӣ эмин нигоҳ доранд ва онро аз сари нав барои манфиати аҳолӣ истифода намоянд. Роҳҳои оҳани Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ бо ҷангҳои гумрукӣ бархурд карданд, ки онро давлатҳои ҳамсоя барои давлати ҷавони Тоҷикистон пеш оварданд ва дар натиҷаи он вобастагии роҳҳои оҳани Тоҷикистон аз давлатҳои Узбекистон ва Туркманистон падид омад, ки аз ҳудуди онҳо роҳи стратегии Душанбе –Москва мегузашт. Баста шудани хатти роҳи оҳан дар минтақаи сарҳадии роҳи Душанбе-Тирмиз барои тамоми соҳаҳои мамлакат зара мерасонид ва аз ҳамин лиҳоз танҳо гуфтушуниди роҳбарони давлатҳо имкон дод, ки ин роҳ аз сари нав мавриди истифода қарор гирад.

Хулосаи таҳлил чунин аст, ки баъди ба даст овардани истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми душвориҳои иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъияти тамринҳои минтақавӣ дар роҳи оҳан тавонист аксарияти масъалаҳои кори системаи нақлиётиро ба танзим дарорад.

Адабиёт

1. *Гафурова, Г.А. Первые шаги Республики Таджикистан на пути к выходу из транспортного тупика / Г.А. Гафурова // Учёные записки. - 2016. №1 (46). - С. 28-35.*
2. *История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: Империал - Групп, 2011. – 688 с.*
3. *Каримзода, И. С. Сохтмони роҳҳои оҳани вилояти Хатлон дар давраи истиқлолият / И. С. Каримзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2024. - №1.- С. 56-59.*
4. *Қарордоди сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кори роҳҳои оҳани давлатҳои аъзои ИДМ аз 9 декабри соли 1994.*
5. *Махмудзода, С. Тоҷикистон дар давраи бозсозӣ (1985 - 1991) Рисолаи н.и.т. - Таърихи ватанӣ / С. Махмудзода. - Душанбе – 2019. - 178 с.*
6. *Муҳаббатов, Х. Хусусиятҳои хоси иқтидори захираҳои табиии минтақаҳои Тоҷикистон / Х. Муҳаббатов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2022. № 1 (13). - С.7-11.*
7. *Развитие транспортного сектора Таджикистана / Генеральный план транспортного сектора // Транспорт и коммуникации Таджикистана, Азиатский Банк Развития, 2011.*
8. *Раҳим, М. Файзи истиқлол дар «Боми ҷаҳон» / М. Раҳим, Пирумшоев Ҳ. – Душанбе: Дониш, 2011. - 389 с.*
9. *Суханронии Пешвои миллат Эмомали Раҳмон бахшида ба 6-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 8 сентябри соли 1997.*
10. *Шерматов Г. Лопатами и молотками. Как строили железную дорогу Душанбе – Термез / Г. Шерматов, специально для Asia-Plus, Режим доступа: 10 сентября 2025 года. Медиа группа Азия плюс, www. Asia plus.tj.*
11. *Холмуродова, М.Б. Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001): дисс.канд. и.н. / М.Б. Холмуродова. – Душанбе, 2020. - 170 с.*

ПРОБЛЕМАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СИСТЕМАИ РОҲИ ОҲАНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX

Мақола ба баррасии таърихӣ-таҳлилӣ ва илмии мушкилоту раванди ташаккули системаи роҳи оҳани Тоҷикистон дар шароити мураккаби солҳои 90-уми асри XX бахшида шудааст. Муаллифон ҷиҳатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва инфрасохтории давраи аввали истиқлолияти давлатиро ба таври муфассал таҳлил намуда, нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди буҳрони шадиди иқтисодӣ, норасоии захираҳо ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ, рушди шабакаҳо роҳи оҳан ҳамчун омили асосии пайвастшавии минтақаҳои кишвар ва таъминкунандаи амнияти нақлиётӣ аҳамияти калони стратегӣ дошт. Дар мақола таърихи ташаккули хатҳои аввалини роҳи оҳан ва нақши онҳо дар ташаккули низоми нақлиётии ҷумҳурӣ боз шудааст. Муаллифон махсусан ба сохтмони хати муҳими Қӯрғонтеппа – Кӯлоб таваҷҷуҳи хос равона намуда, онро ҳамчун аввалин лоиҳаи бузурги инфрасохторӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ арзёбӣ мекунанд. Дар идомаи таҳқиқоти худ таъкид менамоянд, ки пайваст шудани маркази кишвар бо минтақаи ҷануб тавассути роҳи оҳан равандҳои ҳамгироии минтақавиро тақвият бахшид, имконоти боркашонӣ ва мусофирбариро васеъ намуд ва барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ заминаи муҳими техникӣ ва коммуникатсионӣ фароҳам оварад. Мақола инчунин ба мушкилоти техникӣ, ташкилии таҷдиди шабакаи роҳи оҳан ва зарурати такмил додани инфрасохтор ишора намуда, паҳлӯҳои мусбати лоиҳаҳои амалишуда ва аҳамияти онҳо дар рушди минбаъдаи низоми нақлиёти кишварро бо далелҳои илмӣ асоснок мекунад.

Калидвожаҳо: нақлиёт, роҳи оҳан, шоҳроҳҳои оҳан, боркашонӣ, инфрасохтор, истгоҳ, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, ҷануб.

ПРОБЛЕМЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЖЕЛЕЗНЫХ ДОРОГ ТАДЖИКИСТАНА В 90-Е ГОДЫ XX ВЕКА

В статье представлен историко-аналитический и научный обзор формирования и функционирования железнодорожной системы Таджикистана в сложных политико-экономических условиях 1990-х годов. Авторы подробно рассматривают социально-экономические и инфраструктурные особенности первых лет государственной независимости и подчёркивают, что несмотря на глубокий экономический кризис, ограниченность ресурсов и продолжающуюся гражданскую войну, развитие железнодорожной сети имело стратегическое значение для обеспечения транспортной безопасности и территориальной связанности страны. В исследовании рассматривается история появления первых железнодорожных линий и их роль в становлении национальной транспортной системы. Особое внимание уделяется строительству важнейшей линии Кургантёппа – Куляб, которая стала первым крупным инфраструктурным проектом периода независимости. Соединение центра страны с её южными регионами посредством железной дороги усилило процессы региональной интеграции, расширило возможности грузо- и пассажирских перевозок, а также создало важные предпосылки для дальнейшего экономического развития. Отдельное внимание уделено техническим и организационным проблемам обновления железнодорожной инфраструктуры, а также научному обоснованию позитивных аспектов реализованных проектов.

Ключевые слова: транспорт, железная дорога, железнодорожные магистрали, грузоперевозки, инфраструктура, станция, Кургантёппа, Куляб, юг.

THE PROBLEM OF ACTIVITY OF RAILROADS IN TAJIKISTAN IN 90-S XX CENTURY

This article presents a historical, analytical, and scholarly examination of the formation and functioning of Tajikistan's railway system during the politically and economically challenging period of the 1990s. The authors provide a detailed analysis of the socio-economic and infrastructural conditions of the early years of national independence, emphasizing that despite a deep economic crisis, limited resources, and the ongoing civil war, the development of the railway network remained a strategic priority for ensuring transport security and territorial cohesion. The study traces the emergence of the first railway lines and highlights their role in shaping the national transportation system. Special attention is given to the construction of the crucial Qurghonteppa–Kulob railway line, the first major infrastructure project of the independent Republic of Tajikistan. That connecting the country's central and southern regions via railway strengthened regional integration processes, expanded freight and passenger transport capacities, and created essential technical and communicative foundations for further economic growth. The article also addresses technical and organizational challenges of railway modernization and scientifically substantiates the positive impacts of the completed infrastructure projects.

Keywords: transport, railway, rail corridors, freight transportation, infrastructure, station, Qurghonteppa, Kulob, south.

Дар бораи муаллифон

Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Сино, 29-32
E-mail zevar-1986@mail.ru

Нурматов Умаралӣ Сафарович
Унвонҷӯи кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Сино, 29-32

Об авторах

Абдурахмонов Зевар Вафоназарович
Кандидат исторических наук, доцент кафедры общественных дисциплин
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино, 29-32
E-mail zevar-1986@mail.ru

Нурматов Умарали Сафарович
Соискатель кафедры общественных дисциплин
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино, 29-32

About the authors

Abdurahmonov Zevar Vafonazarovich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Social Sciences
Avicenna Tajik Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino st., 29-31
E-mail zevar-1986@mail.ru

Nurmatov Umarali Safarovich
Applicant of the Department of Social Sciences
Avicenna Tajik Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino st., 29-31

ТДУ 94 (575.3)

НАҚШИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСИЮ ҶАМЪИЯТИИ ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВИИ СОЛҲОИ 1960–1985

Исматзода Ш. Б.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш

Дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҶШС Тоҷикистон дар солҳо 1960-1985 занони ҷумҳурӣ баробар бо дигар қишрҳои ҷомеа дар тамоми самтҳо фаъолона ширкат намуда, дар пешрафти ҷумҳурӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши босазо гузоштаанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, созмонҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама комсомол, Иттифоқҳои касаба ва Шурои занон ба масъалаи ҷалби духтарону занон ба корҳои муфиди ҷамиятӣ, таълиму тарбия, касбомӯзӣ, ширкати фаъол дар идоракунии ҷомеа ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Масъалаи ниҳоят муҳим дар ин самт, пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва маърифатии занон маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ, мақомоти ҳизбию шуравӣ ба раванди ба таҳсил фаро гирифтани духтарон ба макотиби миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, касбомӯзӣ ва ба истеҳсолот ҷалб намудани занон диққати ҷиддӣ дода, қарору санадҳои зарурӣ, барномаҳои давлатӣ ва соҳавии зиёд қабул намуданд. Ташкилотҳои ҷамъиятии занон, ки онҳо зиёда аз 50 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медоданд, дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ҳиссаи калон гузоштанд.

Бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди он ки баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ мардҳо ба корхонаҳо баргашта бошанд ҳам, вале новобаста аз ин шумораи занон дар истеҳсолот афзоиш меёфт. Агар соли 1940 шумораи занони машғули меҳнат дар хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ 43,8 ҳазор нафарро медода бошанд, соли 1960 шумораи онҳо ба 117,1 ҳазор нафар расид ва дар солҳои 1990 ин нишондод баробар ба 566,6 ҳазор нафар буд [14, с. 161].

Дар соҳаи саноат **с**олҳои 60- 80 -ум дар ҷумҳурӣ меҳнати занон бештар дар самти саноати сабук истифода мегардид.

Масъалаи муҳимми дигар ин омода намудани кадрҳои соҳибтахассус аз байни занон ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, тайёрии касбии занон бевосита барои истеҳсолот дар мактабҳои миёнаи махсус ва олии касбӣ бо назардошти талаботи соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон сурат мегирифт. Вобаста ба ин шумораи духтарон ва занони таҳсилкунанда дар ин муассисаҳои таълимӣ сол ба сол афзоиш меёфт. Агар соли таҳсили 1960/61 37% хонандагони муассисаҳои миёнаи махсусро духтарон ташкил медода бошанд, дар солҳои минбаъда ҳиссаи онҳо суст ҳам бошад ба тадриҷ афзоиш ёфта, соли таҳсили 1980/81 ба 42% ва соли таҳсили 1982/83 ба 44% баробар гардид. Дар ҳамин солҳо аз ҳама бештар ҳиссаи занон дар муассисаҳои миёнаи махсуси самти тиб ва варзиш (мутаносибан 73%, 78% ва 82%) ва самти омӯзгорӣ ва фарҳанг (мутаносибан 36%, 64% ва 67%) зиёд гардидааст [11, с. 234,235]. Вале рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар миёнаи солҳои 80-ум ҳиссаи духтарон-хонандагон дар мактабҳои миёнаи махсус рӯ ба коҳиш овардааст.

Афзоиши шумораи доншҷӯдухтарон дар макотиби олӣ низ дар давоми солҳои 1960-1980 мушоҳида мегардад. Агар соли таҳсили 1960/61 ҳамагӣ 29% шумораи умумии донишҷӯёнро духтарон ташкил медода бошанд, соли таҳсили 1980/81 ин нишондиҳанда баробар ба 36% ва соли 1982/83 баробар ба 37% буд. Баландтарин нишондиҳанда дар соли таҳсили 1985/86 мушоҳида мешавад, ки ҳиссаи духтарон дар байни донишҷӯёни ҷумҳурӣ то ба 42% афзоиш ёфта буд. Дар муассисаҳои олӣ низ духтарон бештар ба самтҳои тиббу варзиш ва омӯзгорию фарҳанг таваҷҷуҳ доштанд. Соли таҳсили 1960/61 дар равияҳои тиббию варзишӣ 57% ва дар равияҳои омӯзгорию фарҳанг 30% -и донишҷӯёнро духтарон ташкил медоданд. Аммо мушоҳида мешавад, ки дар солҳои баъд шумораи духтарон дар равиҳои тиббию варзишӣ тадриҷан кам гардида, соли таҳсили 1984/85 то ба 38% кам гардидааст. Дар равияҳои омӯзгорию фарҳанг бошад тамоюл ба афзоиш мушоҳида мегардад ва соли таҳсили 1985/85 50% донишҷӯёни ин самтҳоро духтарон ташкил медоданд [11, с. 234-235].

Яке аз масоили мушкиле, ки низоми маорифи халқи шуравӣ тавонист онро комилан ҳалл намояд, ин фарогирии духтарони синнусоли мактабӣ ба таълим буд. Аммо, агар дар маҷмуъ ин вазифа ҳалли пурраи худро пайдо намуда бошад ҳам, дар баъзе ноҳияҳо, махсусан ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ дар раванди ҷалби духтарон барои гирифтани таҳсилоти ҳатмии миёнаи умумӣ ҳанӯз мушкилот ҷой дошт. Масалан, дар ноҳияи Ҷиргатол аз 51 талабаи

синфҳои 8 -10-ум танҳо 6 - нафар, дар ноҳияи Панҷ аз 107 талабаи синфҳои болоӣ танҳо 3 нафар духтарон буданд. Дар ноҳияи Ҳисор бошад аз 1943 нафар духтароне, ки соли таҳсили 1950/51 ба синфи якум рафта буданд, танҳо 6 нафар синфи даҳумро хатм карданд. Чунин вазъият дар ноҳияҳои Шаҳритус, Ёвон, Орҷоникидзеобод ва баъзе навоҳии вилояти Ленинобод ҳам мушоҳида мегардид [6, с. 4].

Вазъи фарогирии хонандагон барои дарёфти таҳсилоти миёнаи умумӣ дар солҳои оянда хубтар гардид ва, махсусан ба идомаи таҳсил ҷалб намудани хонандагон, аз ҷумла духтарон пас аз хатми синфи 8 хусусияти оммавӣ пайдо намуд. Аммо ҳоло ҳам дар ин самт маорифи ҷумҳурӣ нишондиҳандаи садфоизаро ба даст наоварда буд. Агар дар соли 1969 ба шаклҳои гуногуни таҳсилоти миёнаи умумӣ 85,4% хатмкардагони синфҳои 8-ум фаро гирифта шуда буданд, пас дар соли 1985 ин нишондиҳанда баробар ба 98,1% расид. Танҳо дар давоми панҷсолаи ҳаштум дар ҷумҳурӣ 461,2 ҳазор ҷавонон ва духтарон соҳиби таҳсилоти миёнаи умумӣ гардидаанд [2, с. 101].

Махсусан маорифи ҷумҳурӣ дар зарфи солҳои 1971-1975 дар ин самт муваффақияти намоён ба даст овард. Дар ин солҳо 248,5 ҳазор нафар ҷавонписарон ва духтарон соҳиби маълумоти миёнаи умумӣ гардиданд [1, с. 104].

Яке аз роҳҳои дигари омода намудани кадрҳои баландихтисос аз байни духтарону занон ба касбомӯзӣ ҷалб намудани онҳо тавассути комбинатҳои таълимӣ, омӯзишгоҳҳои назди муассисаҳои саноатӣ, мактабҳои коргарҷавонон маҳсуб меёфт. Дар давоми солҳои 1970-1980 дар комбинатҳои таълимии корхонаҳо, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои коргарҷавонон шумораи зиёди занони ихтисосманд омода карда шуданд. Аз ҷумла, танҳо дар соли таҳсили 1979/80 дар мактабҳои коргарҷавонон, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои олӣ 1900 нафар кормандони соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ таҳсил мекарданд [14, с. 164].

Инчунин, омӯзишгоҳҳои касбӣ- техникӣ ҳамчун яке аз муассисаи пешқадам ва самаранок дар самти омода намудани кадрҳои зарурӣ аз байни занон нақши муҳимро соҳиб буданд ва шумораи онҳо низ сол ба сол афзоиш меёфт. Масалан, соли 1970 шумораи чунин омӯзишгоҳҳо ба 51 адад расида, 12229 нафар хонанда доштанд. Соли 1980 бошад дар 71 омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ 17907 нафар ва соли 1990 дар 80 омӯзишгоҳ бештар аз 30 ҳазор ҷавонон касб меомӯхтанд [14, с. 163].

Бо болоравии сатҳи маърифатӣ ва касбу донишомӯзии занон раванди ҷалби онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ, истеҳсолот, вазифаҳои роҳбарикунанда низ вусъат пайдо намуд. Занони тоҷик дар ҷомеаи шуравӣ коргари муассисаҳои саноатӣ ва соҳаи кишоварзӣ, муаллиму духтур, шоиру санъаткор, олим ва ҳуқуқшинос, роҳбари корхонаю вазоратҳои гуногун буданд ва шумораи зиёди онҳо ба унвонҳои зиёди ифтихорӣ, аз ҷумла Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамон- модар, ордену медалҳои зиёди давлатӣ сарфароз гардида, ба вазифаҳои баланди давлатӣ интихоб шуданд [10, с. 125].

Аз ҷумла, бонувони фаъол Низорамоҳ Зарифова, Тайиба Ҳабибова, Мақсуда Ашӯрова, Зулфия Қоҳирова, Татяна Логинова, Ҳамроҳ Усмонова, Розия Ҳакимова ва даҳҳо нафари дигар дар вазифаҳои ниҳоят масъули ҳизбию давлатӣ кор кардаанд. Занон ва духтарони тоҷик низ дар қатори дигар занони Иттиҳоди Шуравӣ аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ пурра истифода намуда дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ фаъолона иштирок менамуданд, 101 нафар занон ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва 4 ҳазор нафар занону духтарон ба вакилони шуроҳои маҳаллӣ интихоб гардиданд [4, с. 5].

Сохтмони пуравҷи сиёсиву ҷамъиятии давраи шуравӣ ба неруи бузурги занони Тоҷикистон сахт ниёз дошт. Солҳои 70-ум дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зиёда аз 400 ҳазор нафар занон кор мекарданд. Аз ҷумла, дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон зиёда аз 61 ҳазор нафар занон кор мекарданд, ки садҳо нафари онҳо пешқадамони соҳаи истеҳсолот буданд. Бархе аз онҳо на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар доираи умумииттифоқӣ, ба мисли Қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ М. Раҳмонова, В.Орлова, Д. Яқубова ва С. Аҳадова ҳамчун пешқадамони истеҳсолот маъмулу машҳур буданд [3, с. 2].

Солҳои 60-70-ум дар Тоҷикистон афзоиши шумораи кормандони соҳаи саноати сабук аз ҳисоби занон мушоҳида мешавад, ки ин, пеш аз ҳама ба вусъати марҳалаи дуюми саноатикунонии мамлакат (1961 - 1985) ва рушди босуръати саноати сабук вобастагӣ дорад. Маҳз дар ҳамин солҳо ҶШС Тоҷикистон бо суръати рушди саноат дар байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба як ҷойи намоён баромада, ба маркази сохтмони нерӯгоҳҳои азими барқӣ (Норак, Қайроққум, Сарбанд), корхонаҳои нассоҷӣ, комбинатҳои саноати сабук ва корхонаҳои хӯрокворӣ табдил ёфт.

Дар самти кишоварзӣ низ нақши занон сол ба сол боло рафта, онҳо аз сатҳи ҳамчун қувваи кории одӣ ба сатҳи кормандони соҳибтахассус ва роҳбарикунанда табдил меёфтанд. Масалан, бештар аз 250 нафар занон сардорони бригадаҳо, мудирони фермаҳо, роҳбарони колхозу савхозҳо, зиёда аз 400 нафар занон ронандагони мошинҳои пахтачинӣ буданд. Матбуоти даврӣ аз корномаҳои занони маъруфи соҳаи кишоварзӣ, махсусан механизаторон-Дилбарниссо Нурматова, Зебо Давлатова, Каромат Маҳмудова, говҷӯшзанҳо Сайрӣ Сафарова, Ситора Тӯраева, Суфро Боқиева зуд-зуд маълумот медоданд [4, с. 5].

Ҳизби коммунистӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бештар ҷалб намудани занон ғамхории махсус зоҳир менамуданд. Дар ин самт қарори муштараки КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 19 марти соли 1969 “Дар бораи ба меҳнати ихтисосноки хоҷагии қишлоқ васеъ ҷалб намудани занон ва духтарон” нақши калон бозид. Дар натиҷаи татбиқи қарори мазкур шумораи занон ва духтарон дар истеҳсолоти хоҷагии халқи Тоҷикистон сол то сол зиёд гардид. Агар соли 1970 дар фабрикаи бофандагии Ӯротеппа 14 нафар занони ихтисосманд бошанд, соли 1980 147 нафар занон кор мекарда бошанд, пас соли 1986 шумораи занон аз 250 нафар ҳам гузаштааст[14, с. 163].

Дар комбинати шоҳибофии Душанбе, ки зиёда аз 80% коргаронро занон ташкил медоданд, тайи солҳои 80-ум бо усули инфиродиву бригадавӣ 1978 нафар соҳибкасб тайёр карда шуд, ки аз онҳо 1730 нафарашонро занон ташкил медоданд. Дар иттиҳодияи дӯзандагии ба номи “50-солагии ИҶШС” бошад 5931 нафар коргари ҷавон тайёр карда шуд, ки 5693 нафарашон занон буданд [14, с. 162].

Ҳисоботи оморӣ нишон медиҳанд, ки дар солҳои 60-70-ум шумораи занон дар истеҳсолот ҳамагӣ 28-30%-ро ташкил медод, дар охири солҳои 1980 ин нишондиҳанда ба 42 – 45% фоиз расид [9, с. 249].

Солҳои 70-ум мақомоти ҳизбию давлатии ҷумҳурӣ ба масъалаи ҷалби занон ба муассисаҳои илмӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ диққати зиёд равона менамуданд. Ин имконият дод, ки шумораи занон дар ин самт низ афзоиш ёбад ва ҳиссаи онҳо то ба 40% ходимони илми ҷумҳурӣ расад. Аз шумораи умумии занҳои корманди илм дар Иттиҳоди Шуравӣ 5258 нафар доктори илм, бештар аз 11 ҳазор нафар номзади илм, 3000 нафар занон академик ва узви вобастаи Академияи илмҳои ИҶШС ва Академияи илмҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ буданд. Бештари аз 800 нафар занон барои комёбиҳои барҷастаашон дар соҳаи илм ва техника ба гирифтани унвонҳо, мукофотҳои давлатии ИҶШС сазовор гаштанд, ва садҳо нафар занони дигар бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд ва ба 86 нафари онҳо унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дода шуд [7, с. 10].

Умуман, дар заминаи корҳои зиёди мақомоти ҳизбию давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ солҳои 80 -ум ҳиссаи занони ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ афзоиш ёфта, дар соҳаи саноат 48, 3 %, дар соҳаи кишоварзӣ қариб 50%, дар соҳаҳои маорифи халқ 49%, дар байни кормандони илмӣ 42,5 %, дар соҳаи тандурӯстӣ ва таъминоти иҷтимоӣ 72,8%-ро занон ташкил медоданд [14, с. 199].

Дар маҷмуъ соли 1980 дар хоҷагии халқи Тоҷикистон 556,6 ҳазор нафар занон кор мекарданд. Занон пешсафони истеҳсолот буда, дар рушди соҳаи кишоварзӣ, ва ҳаракати ихтироъкорӣ фаъолона иштирок менамуданд, бригадаҳои махсуси занон дар сохтмонҳо ташкил мешуданд. Бонувон ба корҳои идоракунии давлатӣ ҷалб шуда, коллективҳои меҳнатиро бомуваффақият роҳбарӣ мекарданд.

Дар замони шуравӣ иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ яке аз меъёрҳои асосии идеологияи баробарии иҷтимоӣ дониста мешуд. Кумитаи кор бо занон, ки дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон фаъолият мекард, ба маркази ҳамоҳангсозии ин раванд табдил ёфта буд. Ҳадафи асосии он - баланд бардоштани савияи маърифатӣ ва сиёсиву касбии занон, ҷалби онҳо ба фаъолияти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ буд.

Ҳамзамон бо ташкилотҳои ҳизбӣ ва оммавии ҷамъиятӣ, дар ҷумҳурӣ шуроҳои занон низ амал мекарданд, ки бевосита дар байни занон кор бурда, ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ таъсири муайян мерасониданд. Вазифаҳои асосии шуроҳои занон тарбия ва баланд бардоштани нақши занон ва таъмин намудани иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Занон ва ҷавондухтарони беҳтарин аз ҷумлаи коргарон, колхозчиён, донишҷӯён, кормандони муассисаҳои маорифу фарҳанг ба ҳайати шуроҳои занон интихоб мешуданд.

Шуроҳои занон ва духтарон дар муайян кардани захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо саҳм мегузоштанд. Дар ин самт таҷрибаи ибратбахш, хусусан, дар ш. Ленинобод (Хуҷанд) ба назар мерасид, ки шуроҳои занон ва духтарон барои ҷалби

ҷавонзанони хонанишин ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ корҳои зиёд мебурданд. Бо кӯмаки ташкилотҳои ҷамъиятии занон қисми занону духтарон ва ҷавонзанони хонанишини ноҳияҳои наздики Душанбе – Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) ва Ҳисор ба корхонаҳои пойтахт ба кор ҷалб мегардиданд. Аммо иқдоми мазкур на дар ҳама ноҳияҳо идома ёфт ва Шуроҳои занон ва духтарон дар ин масъала пофишории зарурӣ ва манфиатдории лозимаро нишон надоданд.

Дар бисёре аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ қисми зиёди занону духтарон дар истеҳсолот ва дар ҳаёти фарҳангӣ иштирок надоштанд. Масалан, дар ноҳияҳои Панҷ ва Турсунзода ҳар як духтари чоруми қобили меҳнат бекор ва хонашин буданд, дар ноҳияи Кӯлоб бошад, ҳар як духтари дуюм ба меҳнати ҷамъиятӣ ҷалб нашуда буд. Аксар вақт ҷойҳои корӣ бинобар сатҳи пасти тайёрии касбии занон холӣ мемонданд.

Бо мақсади бартараф камбудиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва фаъолнокии меҳнатии занон ташкили клубҳои сиёсӣ иқдом гардид. Минбаъд чунин клубҳо, аз қабили «Равшан», «Дугона», «Гули сурх», клуби телевизионии «Дугонаҳо» ташкил гардида, маъруфият низ пайдо намуданд [9, с. 250].

Дар ин клубҳо занон масъалаҳои назариявию амалӣ, ахлоқу одоб ва забоншиносӣ, тозагӣ ва фарҳангро меомӯхтанд. Аммо шумораи чунин клубҳо дар ҷумҳурӣ хеле кам буд, бинобар ин, онҳо натавонистанд қисми назарраси занон, бахусус духтарон ва ҷавонзанонро фаро гиранд. Мутаассифона ташаббуси ташкил кардани чунин клубҳо дар ҳамаи коллективҳои калони меҳнатӣ, бахусус дар деҳот, амалӣ нагардид ва ҳамин тавр рӯйи қоғаз монд.

Таҷрибаҳои таърихӣ нишон дод, ки агар занон ба кори сиёсиву ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд, иҷроиши вазифаҳои давлатӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангию тарбиявӣ беҳтар мегардад. Хусусан, Шуроҳои занон бо кӯмак ва дастгириҳои идораҳои давлатию ҳизбӣ шаклу усулҳои нави самараноки тарбияи занонро пешниҳод менамуданд. Чунончӣ, соли 1961 дар ҳайати Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон 9651 нафар занон буданд, ки 18,6% шумораи умумиро ташкил медоданд ва соли 1980 миқдори онҳо ба 23231 нафар ё ба 21,9 % расид [5, с. 4-5].

Кумитаи занон ва шуроҳои маҳаллӣ бо ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ва мактабҳои сиёсию маърифатӣ саҳм гузоштанд. Танҳо дар солҳои 1971-1975 беш аз 20 ҳазор нафар зан дар ҷумҳурӣ курсҳои тахассусиро гузашта, ба корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ ҷалб гардиданд [12, с. 31-32].

Созмонҳои ҷамъиятӣ на танҳо дар кори ҷалби занон ба истеҳсолот, балки дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо низ нақши муҳим доштанд. Бо ташаббуси онҳо ширхоргоҳҳо, кӯдакистонҳо ва хонаҳои фарҳанг таъсис ёфтанд, ки барои бартараф кардани монеаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекарданд. Ғайр аз ин, дар солҳои 1970 - 1980 тавассути маҳфилҳои фарҳангӣ ва клубҳои маърифатӣ масъалаҳои баланд бардоштани савияи сиёсию ҳуқуқии занон матраҳ мешуд. Ин раванд боиси он гардид, ки шумораи занон дар мақомотҳои ҳизбӣ ва шуроҳои маҳаллӣ афзоиш ёфт. Масалан, дар интихоботи соли 1985 зиёда аз 38% вакилони шуроҳои маҳаллӣ аз ҳисоби занон буданд [13, с. 33].

Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии занон ба дастовардҳои зерин аз қабили афзоиши сатҳи саводнокӣ ва тахассуси касбии занон, ҷалби фаъолонаи онҳо ба корхонаҳои саноатӣ, соҳаҳои илм ва маориф, намояндагии назарраси занон дар сохторҳои ҳизбӣ ва идораҳои давлатӣ мусоидат намуд.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам мушкилоти ҷиддӣ, аз қабили ҷой доштани қолабҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки нақши занонро бештар дар доираи оила маҳдуд менамуданд, норасоии инфрасохторӣ (муассисаҳои томактабӣ, хизматрасониҳои маишӣ) ва сатҳи нокифояи роҳбарии занон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва умумишуравӣ мушоҳида мегардиданд.

Маълум аст, ки комсомол фақат бо фаъолияти пурсамар, серсоҳа, дуруст хоста гирифтан, ҷо ба ҷо гузоштан ва тарбия кардани кадрҳои комсомолӣ вазифаи худро бомуваффақият иҷро карда метавонист. Мақомотҳои комсомолӣ бо ёрӣ ва дастгирии ташкилотҳои ҳизбӣ дар давоми чоряк асри охири мавҷудияти низоми шуравӣ оид ба хоста гирифтан, ҷобаҷогузорӣ ва тарбия кардани кадрҳои комсомолӣ пайваста фаъолият менамуданд. Дар натиҷа шумораи аъзоёни ташкилоти комсомолӣ низ босуръат меафзуд. Дар ибтидои солҳои 90-ум зиёда аз нисфи котибони ташкилотҳои ибтидоии комсомолӣ маълумоти олӣ ва миёнаи махсус доштанд, бисёриҳо таҳсили худро дар мактабҳо, техникумҳо ва донишкадаҳои олӣ давом медоданд. Аз ин рӯ, 97,3% котибони кумитаҳои шаҳрию вилоятии комсомол маълумоти олӣ доранд [9, с. 248].

Инчунин комсомоли Тоҷикистон ба тайёр кардан ва тарбия намудани кадрҳои комсомолӣ аз ҳисоби ҷавондухтарон ва занон низ диққат медод. Агар дар соли 1959 дар

5. *Кулик, С.В. Разведывательная деятельность партизан в годы Великой Отечественной войны //Научная мысль Кавказа. -Ростов н/Д, 2005. -№ 10. – С. 76-79.*
6. *Кутузов, В.А. Возрождение земли Ленинградской. /В.А. Кутузов - Л., Лениздат, 1985. -246 с.*
7. *Левин И.Я. Партизанские и подпольные газеты в годы Великой Отечественной войны 1941-1944. Указатель. /Всесоюзная книжная палата. -М.: Книга, 1976. - 188 с.*
8. *Листовки партизанской войны в Ленинградской области, 1941-1944 /сост. П. Шевердалкин. - Л.: Лениздат, 1945. - 123 с.*
9. *Ломагин, Н.А. В тисках голода. Блокада Ленинграда в документах германских спецслужб и НКВД. /Н.А. Ломагин. - СПб.: Европейский дом, 2001.- 290 с.*
10. *Таджикистан в годы Второй Мировой войны (1941-1945гг.) Библиографическая монография / Авторы-составители Ф.Караев. Ф.Аминов; под ред. Ш.Комилзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 328 с.*
11. *Хайдаров, Г.Х. Годы громовые (1941-1945) / Г.Х. Хайдаров. - Худжанд: Нури маърифат, 2005. - 324 с.*
12. *Хотамов, Н.Б. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (солҳои 1941-1950) / Н.Б. Хотамов. – Душанбе, 2010. – 80 с.*
13. *Хоффман, И. История власовской армии. /И.Хоффман. - Париж: Имка-Пресс, 1990. - 382 с.*
14. *Шарифов, Х. Мардони палангошуб / Х. Шарифов. - Худжанд, 2004. – 438 с.*
15. *Шарифов, Х. Оинаи рузгори сарбозон / Х.Шарифов. – Худжанд, 2003. – 218 с.*

САҲМИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ

Муаллиф саҳми Тоҷикистонро дар Ғалаба бар фашизм ҳамчун ҷузъи муҳими таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳлил мекунад. Бо истифода аз адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ ва маводҳои архивӣ, нишон дода мешавад, ки тоҷикон дар ҳамаи фронтҳо ва саҳнаҳои муқовимат бар зидди фашизм фаъолона ширкат доштанд. Тоҷикистон дар таҳияи ташкилотҳои ҳарбӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти ҳарбӣ нақши муҳим бозид. Маҳорати ҷангӣ, далерӣ ва қурбониҳои сарбозони тоҷик ба пирӯзӣ мусоидат намуд. Ҳамчунин, дар қаламрави Тоҷикистон таҷрибаҳои нав дар ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, ҳамчунин истеҳсоли силоҳ ва аслиҳа татбиқ шуданд. Мақола бо ишора ба саҳми шахсиятҳои маъруфи тоҷик ва ҳамкории байниҷумҳурӣ, саҳми босазои Тоҷикистонро дар таърихи муқовимати Шуравӣ ва ғалаба бар фашизм таъкид мекунад. Ин саҳм на танҳо ҷангҷӯён, балки мардуми осоишта ва кормандони истеҳсолотро низ дарбар мегирад.

Калидвожаҳо: Иттиҳоди Шуравӣ, Берлин, Бромберг, Коминтерн, қаҳрамонӣ, Армияи Сурх, Фатҳулло Ахмедов, Исмат Шарипов, Тоҷикистон, Абдусаттор Ходжибаев.

ВКЛАД ТАДЖИКИСТАНА В ПОБЕДУ НАД ФАШИЗМОМ

Автор в статье анализирует вклад Таджикистана в Победу над фашизмом как важную часть истории Великой Отечественной войны. На основе отечественной и зарубежной литературы, а также архивных материалов показано, что таджики активно участвовали на всех фронтах и в различных формах сопротивления фашизму. Таджикистан сыграл значительную роль в создании военных формирований и производстве военной техники. Боевые навыки, мужество и жертвы таджикских солдат способствовали победе. Кроме того, на территории Таджикистана были внедрены новые методы координации политической и военной деятельности, а также производство оружия и боеприпасов. Статья подчеркивает важность вклада известных таджикских личностей и межреспубликанского сотрудничества в историю советского сопротивления и победы над фашизмом. Этот вклад включал не только солдат, но и мирных жителей и работников промышленности.

Ключевые слова: Советский Союз, Берлин, Бромберг, Коминтерн, героизм, Красная Армия, Фатхулло Ахмедов, Исмат Шарипов, Таджикистан, Абдусаттор Ходжибаев.

TAJIKISTAN CONTRIBUTION TO THE VICTORY OVER FASCISM

The author analyzes Tajikistan's contribution to the Victory over fascism as a significant part of the history of the Great Patriotic War. Based on domestic and foreign literature, as well as archival materials, it is shown that Tajiks actively participated on all fronts and in various forms of resistance against fascism. Tajikistan played an important role in the formation of military units and the production of military equipment. The combat skills, bravery, and sacrifices of Tajik soldiers contributed to the victory. Additionally, new methods of coordinating political and military activities, as well as the production of weapons and ammunition, were implemented within Tajikistan. The article highlights the importance of contributions by prominent Tajik figures and inter-republic cooperation in the history of Soviet resistance and victory over fascism. This contribution included not only soldiers but also civilians and industrial workers.

Keywords: Soviet Union, Berlin, Bromberg, Comintern, heroism, Red Army, Fathullo Akhmedov, Ismat Sharipov, Tajikistan, Abdusattor Khodjibaev.

Дар бораи муаллиф
Шарофова Мунаввара
Н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sharofova@internet.ru

Об авторе
Шарофова Мунаввара
К.и.н., доцент кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sharofova@internet.ru

About the author
Sharofova Munavvara
Candidate of history, docent of the department of general history and international relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sharofova@internet.ru

УДК 93/99.2 (09) (575.3)

МАТЕРИАЛЫ ПОЛЕВЫХ ЭКСПЕДИЦИЙ - КАК ОСНОВА НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ ПРОФЕССОРА Н.Х. НУРДЖАНОВА

Раджабов Т. Х.
Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша НАНТ

Сбор и анализ экспедиционных, архивных, музыкальных и фотоматериалов привел профессора Низама Хабибуллаевича Нурджанова (1923-2017), в плеяду виднейших ученых Республики Таджикистан.

В 1947 году Н.Х. Нурджанов окончил с отличием педагогического института им. Т.Г. Шевченко и был принять в аспирантуру Института истории, языка и литературы Таджикского филиала АН СССР по специальности этнография.

Первые шаги в науке, Нурджанов начал в качестве этнографа под руководством своего научного руководителя советского востоковеда, член-корреспондент АН СССР Михаил Степанович Андреева (1873-1948гг.) [6, с. 3-4]. Молодой исследователь проводил сбор этнографических и фольклорных материалов среди жителей Варзобского района. Этот опыт стал его первым полевым исследованием и был продолжен в 1948 году в ходе работы в Кулябской этнографической экспедиции под руководством советского этнографа и востоковеда Антонины Константиновны Писарчик (1907–1995) [12, с. 31]. Таким образом, у Нурджанова появился опыт сбора полевых материалов по этнографии и умение вести подробные записи в дневниках.

В 1949 году, в период стажировки в Ленинградском отделении Института этнографии им. Н. Н. Миклухо-Маклая АН СССР Н.Х. Нурджанов работал под научным руководством этнографа-таджиковеда Николая Андреевича Кислякова (1901–1973) [6, с. 28]. В годы учёбы в аспирантуре (1949-1951 гг.) он участвовал в Хорезмской археолого-этнографической экспедиции АН СССР, в раскопках Топрак-калы, а также в работе южно-узбекского этнографического отряда в Кошкупырском и Ханкинском районах Хорезмской области Узбекской ССР. Ему удалось собрать богатый экспедиционный материал по разным темам: начиная от традиционных народных развлечений, зрелищ хорезмских узбеков, пережитков семейной патриархальной общины, терминологии родства, пище и т.д. [13].

Постепенно к Н.Х. Нурджанову пришло понимание того, что под натиском современной цивилизации идёт процесс исчезновения старинного народного искусства. И он приступил по изучению и систематическому сбору образцов всех направлений таджикского народного искусства: музыки, театра, танца и других видов творческого самовыражения.

Результат его многолетних научных работ с экспедиционными и архивными материалами, выразился в многочисленных публикациях - научных трудов, научных и научно-популярных статей, монографий, которые были посвящены народному театру, танцевальному и музыкальному искусству.

Так, например, на основе собранных экспедиционных полевых материалов - 28 декабря 1951 года в Москве Н.Х. Нурджанов представил и защитил кандидатскую диссертацию на тему «Истоки народного театра у таджиков (по материалам Кулябской области)», в которой исследовал формирование и развитие традиций народного театра [6, с.5], и по праву является первым таджиком-этнографом.

В своём научном отзыве известный советский востоковед, профессор ЛГУ, член-корреспондент АН СССР Бертельс Евгений Эдуардович (1890-1957гг.) отметил, что: «работа читается с интересом и почти на каждой странице что-нибудь новое и своеобразное... Для меня нет никаких сомнений в том, что работой этой тов. Н. Нурджанов доказал свою способность к самостоятельной научной работе и внес ею существенный новый вклад в советскую науку, а потому можно, не колеблясь, присудить ему искомую ученую степень кандидата наук» [14].

Н.Х. Нурджанов продолжил свою научную деятельность с октября 1951 года, в Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша АН РТ, - в секторе истории искусств.

Через 17 лет, после защиты кандидатской диссертации Нурджанов Н.Х., исследуя и сопоставляя полевые и архивные материалы, в 1968 году, в Москве, защитил докторскую диссертацию по теме «История таджикского советского театра 1917-1941 гг.» [5].

Профессор Иосиф Самуилович Брагинский (1905-1989гг.), один из оппонентов докторской диссертации Н.Х. Нурджанова в своём отзыве отметил: «Историзм строго выдержан и в хронологической последовательности изложения, дающей возможности, не упустить ни одного важного факта, существенного явления и показать процесс развития в связи с обусловливающими его факторами, раскрыть закономерность этого развития» [1, с. 3].

Н.Х. Нурджанов, как заведующий сектором истории искусств, с 1953 по 1988 годы, в течении 35 лет возглавлял (с 1998 года, переименовался в отдел истории искусств), и ежегодно, часто по три раза в год проводил комплексные искусствоведческие экспедиции по всем уголкам Таджикистана и соседнего Узбекистана с таджикскими населением: в Зеравшанской долине, Ленинабадской области, ГБАО, Бухаре, Самарканде, Сурхандарье, Кашка Дарье, и в Ферганской долине.

В 1956 году, в Москве, была опубликована монография Н.Х. Нурджанова «Таджикский народный театр» [9], в том же году в Сталинабаде под его руководством был выпушен первый искусствоведческий сборник Института истории, археологии и этнографии.

Многолетняя работа Н.Х. Нурджанова по сбору полевого материала легла в основу его научных исследований, посвящённых развитию музыки и театра у таджиков.

В 1958 году Н.Х. Нурджанов возглавлял отряд Гармской этнографической экспедиции, занимавшейся изучением Каратегина и Дарваза. В результате его работы был собран богатый этнографический материал, который лёг в основу трёхтомного коллективного издания «Таджики Каратегина и Дарваза». Н.Х. Нурджанов подготовил главы «Семья», «Свадьба», «Охота», «Игры», «Развлечения и народный театр» (последняя опубликована в третьем искусствоведческом сборнике) [7, с. 113–173]. Помимо текстовых материалов, он оставил и большое число фотоснимков, отражающих жизнь и быт таджиков данного региона.

Благодаря обширному полевому материалу, собранному в результате многочисленных экспедиций, в архиве отдела истории искусств Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ была сформирована фототека и музыкальная фонотека, основу которых составляют записи народных песен и инструментальных мелодий, выполненные самим Н.Х. Нурджановым на магнитную ленту. Как отмечает доктор исторических наук, музыковед Бахринисо Туйчиевна Кабилова, что: «Здесь собраны сотни образцов вокальной, инструментальной и танцевальной музыки таджиков, среди которых самыми богатыми в жанровом и количественном отношении является материалы Бухарской и Памирской экспедиций» [3, с. 136].

В секторе истории искусств был создан фотоархив таджикского традиционного и современного театра, инициатором и составителем которого выступил Н.Х. Нурджанов. Регулярную фотосъёмку спектаклей столичных и гастролирующих театров осуществляли фотографы сектора — В. Д. Коваль и А. Р. Цыганок. В архив также вошли редкие фотоматериалы, собранные Н.Х. Нурджановым из фотохроники ТАСС, Центрального театрального музея им. А. А. Бахрушина и частных архивов российских корреспондентов, включая снимки, посвящённые Малике Сабировой (1942–1982) [8].

Итогом многолетних научных исследований Н.Х. Нурджанова стало создание двухтомного издания «История таджикского советского театра». Первый том, охватывающий период 1917–1941 годов, был опубликован в 1968 году, а второй том, посвящённый развитию театра в 1941–1957 годах, — в 1990 году [10].

В этих трудах, были отражены тщательно собранные по крупицам факты, скупые заметки, фотографии лучших спектаклей столичных театров, воспоминания деятелей искусства, архивные материалы, переписка и личные наблюдения автора. Н.Х. Нурджанов скрупулёзно реконструировал историю сценического искусства в Таджикистане, исследовал деятельность многих выдающихся театров и восстановил десятки забытых имён и ключевых событий, создавая цельное представление о театральной жизни прошедших лет.

Важно подчеркнуть, что, труды Низама Хабибуллаевича тщательно продуманы, выверены, взвешены, сделаны с огромной любовью. К примеру, при выпуске двух томов «Истории таджикского советского театра» автор находил неопубликованные фотоматериалы, ретушировал их и по ним изготовлял клише в Москве, чем и объясняется высокое качество этих работ. В 1958, 1960–1962 и 1990–1991 годах Н. Х. Нурджанов осуществлял экспедиционную работу по сбору музыкального фольклора Бухары. В результате были собраны обширные уникальные материалы, которые послужили основой

для публикации значимых научных трудов: «Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов» (Н. Нурджанов), «Мавриги» (Н. Нурджанов, Б. Кабилова) и альбома с диском «Музыка Бухары» [11].

Особое место в научной жизни ученого занимали исследования по музыкальной и театральной этнографии Бадахшана. Так, например, с конца 1950-х годов, Нурджанов совместно с известным музыковедом из Узбекистана Файзулла Музафарович Кароматовым (1925-2015гг.) приступили к сбору жанров музыкальной культуры Памира в 1959-1960, 1968-1971, 1983гг.

Первая искусствоведческая экспедиция в Горно-Бадахшанскую автономную область была организована летом 1959 года. В Рушанском районе экспедиция собрала значительный материал, однако из-за отсутствия качественной аппаратуры звукозаписи, профессионального фотографа и киносъемочной техники дальнейшее изучение региона пришлось временно приостановить.

Третья экспедиция в ГБАО состоялась в 1968 году и охватила Ишкашимский район, где были зафиксированы народные музыкальные произведения различных жанров. В 1969 году экспедиция работала в верховьях Бартанга, в 1970 году - в низовьях Бартанга и Шугнане, а в 1971 году - в Ванджe, что позволило собрать дополнительный материал. Последняя поездка Н.Х. Нурджанова и Ф. Кароматова в регион состоялась в 1983 году. Собранные в ходе экспедиций материалы позволили зафиксировать основное музыкальное наследие Памира и легли в основу научного анализа, опубликованного в фундаментальном труде «Музыкальное искусство Памира» [4]. Положительную оценку данному труду в своё время дал известный русский музыковед, фольклорист Виктор Сергеевич Виноградов (1899-1992гг.): «Авторы стремились избежать «белых пятен» музыкальной карты Памира и как можно шире охватить жанры, типы и формы народного и устно-профессионального музыкального творчества... Мы выражаем самое положительное отношение к рассматриваемому труду и благодарность авторам, ознакомившим нас с почти неизвестной народной культурой» [2, с. 72-78].

В конце XX – начале XXI веков, были опубликованы самые трудоемкие, крупнейшие труды Н.Х. Нурджанова при финансировании различных правительственных и международных организаций.

На протяжении всей своей жизни Н.Х. Нурджанов активно участвовал в общественной и культурной жизни страны, будучи членом Союза писателей Таджикистана, президиума Союза театральных деятелей республики, правления Советского фонда культуры, Международной организации по народному творчеству при ЮНЕСКО, а также ряда художественных и научных советов и комиссий.

Учитывая весомый вклад профессора Низама Хабибуллаевича Нурджанова в изучении таджикской культуры, можно с уверенностью утверждать, что его имя навсегда вписано золотыми буквами в списке выдающихся учёных Таджикистана.

Литература

1. *Брагинский, И.С. Отзыв на книгу Н.Х. Нурджанова «История таджикского советского театра (1917 - 1941 гг.) представленной в качестве диссертации на соискание ученой степени доктора искусствоведения, 1968, – С. 3. Архив Н. Нурджанова.*
2. *Виноградов, В. О музыкальной культуре горного Бадахшана. – Известия АН Тадж. ССР. Серия: востоковедение, история, филология. – Душанбе, Дониш, 1991, №3, – С. 72–78.*
3. *Кабилова, Б.Т. Низом Нурджанов и развитие искусствоведческой науки Таджикистана. Становление и развитие искусствоведения в Таджикистане. // Сборник статей посвящений 70-летию отдела истории искусств и 100-летию основателя искусствоведения в Таджикистане профессору Низаму Нурджанову. – Душанбе, «Дониш», 2023. – С. 136-142.*
4. *Кароматов, Ф.М., Нурджанов, Н.Х. Музыкальное искусство Памира. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – 182 с; Они же. Музыкальное искусство Памира. – М.: Советский композитор, 1986. – Кн.2. – 252 с; Кароматов, Ф.М., Нурджанов, Н., Кабилова, Б.Т. Музыкальное искусство Памира. – Бишкек, 2010. – Кн.3. – 616 с; Нурджанов, Н., Кабилова, Б.Т. Музыкальное искусство Памира. – Бишкек, 2014. – Кн.4. – 397 с; Нурджанов, Н., Кабилова, Б.Т. Музыкальное искусство Памира. – Бишкек, 2015. – Кн.5. – 294 с.*
5. *Нурджанов, Н.Х. История таджикского советского театра (1917-1941 гг.). – Душанбе: Дониш, 1967. – 470 с.*
6. *Нурджанов, Низам Хабибуллаевич. (Краткий очерк жизни и деятельности). Библиография составлена Н.Х. Нурджановым. Душанбе, 2005. – 123 с.*
7. *Нурджанов, Н. Развлечения и народный театр таджиков Каратегина и Дарваза / Н. Нурджанов //Искусство таджикского народа. - Душанбе, 1965, вып.3. – С.113-173.*
8. *Нурджанов, Н. Царица танца (книга о творчестве народной артистке СССР Малики*

Собировой). – Душанбе: Адиб, 1992. – 237 с; Он же. Малика Собирова. – М.: Искусство, 2001. – 304 с.
9. *Нурджанов, Н.Х. Таджикский народный театр. (по материалам Кулябской области), Москва, 1956. – 340 с.*
10. *Нурджанов, Н.Х. История таджикского советского театра (1941-1957 гг.). – Душанбе: Дониш, 1990. – 404 с.*
11. *Нурджанов, Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов. – Душанбе, 2001, – 291 с; Нурджанов, Н., Кабилова, Б. Мавриги. – Душанбе, 2008. – 550 с; Нурджанов, Н., Кабилова, Б. Музыка Бухары. – Душанбе, 2010.*
12. *Писарчик, А. Этнографическая наука в Таджикистане (1920-1990 гг.). – Душанбе, 2002. – 172 с.*
13. *Толстов, С.П. Работы Хорезмской археолого-этнографической экспедиции АН СССР в 1949-1953гг. - Археологические и этнографические работы Хорезмской экспедиции 1949-1953, М., изд. АН СССР, 1958, т.II, 0.11. Говорится об участии аспиранта Н.Х. Нурджанова в работах южно-узбекского этнографического отряда.*
14. *Чл. - корр АН СССР, проф. Бертельс, Е.Э. Отзыв на кандидатскую диссертацию Н. Нурджанова на тему «Истоки народного театра у таджиков (по материалам Кулябской области)». - Москва, 4 дек. 1951, Архив Н. Нурджанова.*

МАТЕРИАЛЫ ПОЛЕВЫХ ЭКСПЕДИЦИЙ - КАК ОСНОВА НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ ПРОФЕССОРА Н.Х. НУРДЖАНОВА

Статья посвящена научно-исследовательской деятельности доктора искусствоведения, профессора Н.Х. Нурджанова, которого по праву можно считать первооткрывателем исследования искусства таджикского народа, и чье имя непосредственно связано со становлением и развитием искусствоведческой науки в Таджикистане. Н.Х. Нурджанов – первый таджик-этнограф, искусствовед, был одним из виднейшим ученых Таджикистана, внесший огромный вклад в развитие научных принципов искусствоведческого исследования. Свою научную деятельность Н.Х. Нурджанов начал как этнограф, собрав большое количество полевого материала в экспедициях под руководством известных этнографов М.С. Андреева, А.К. Писарчик и Н.А. Кислякова. Его научные изыскания нашли своё отображение в кандидатской диссертация на тему «Истоки народного театра у таджиков» (по материалам Кулябской области», которую он защитил в 1951 г. в Москве по специальности «Этнография». После накопления научного опыта Н.Х. Нурджанов защитил докторскую диссертацию (1968 г.) на тему «История таджикского советского театра (1917-1941 гг.)» по специальности «Искусствоведение». Результат его многолетних научных работ с экспедиционными и архивными материалами, выразился в многочисленных публикациях, научных трудов, научных и научно-популярных статей, монографий, которые были посвящены народному театру, танцевальному и музыкальному искусству. Благодаря собранному разнообразному полевому материалу в отделе истории искусств при Академии наук РТ, была создана фототека и музыкальная фонотека, основу которой составили песни и инструментальные мелодии, записанные на магнитную ленту самим Нурджановым.

Ключевые слова: Н.Х. Нурджанов, исследователь, фотоматериалы, этнография, экспедиция, архивные материалы, полевые записи, культура, искусство, театр, музыка.

МАВОДҲОИ ЭКСПЕДИТСИЯҲОИ САҲРОӢ - ҲАМЧУН АСОСИ ТАДҚИҚОТИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР Н.Ҳ. НУРҶОНОВ

Мақола ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии доктори санъатшиносӣ, профессор Нурҷонов Н.Ҳ. бахшида шудааст, ки ӯро ба таври қонунӣ аввалин кашофи таҳқиқоти санъати халқи тоҷик ҳисоб кардан мумкин аст ва номи ӯ бевосита бо ташаккул ва рушди илми санъатшиносӣ дар Тоҷикистон алоқаманд аст. Нурҷонов Н.Ҳ. нахустин этнограф, санъатшиноси тоҷик, яке аз олимони намоёни Тоҷикистон буд, ки дар рушди принсипҳои илмии таҳқиқоти санъатшиносӣ саҳми бузург гузоштааст. Нурҷонов Н.Ҳ., фаъолияти илмии худро ҳамчун мардумшинос оғоз намуда, дар экспедитсияҳо таҳти роҳбарии мардумшиносҳои маъруф Андреев М.С., Писарчик А.К. ва Кисляков Н.А. гузаронидааст. Таҳқиқоти илмии ӯ дар рисолаи номзадӣ дар мавзуи "Сарчашмаҳои театри халқӣ дар тоҷикон" (аз рӯи маводҳои вилояти Кӯлоб), ки онро соли 1951 дар Маскав ҳимоя кардааст, инъикос ёфтааст. Пас аз ҷамъоварии таҷрибаи илмӣ Нурҷонов Н.Ҳ. дар мавзуи "Таърихи театри Шуравии Тоҷикистон (1917-1941)" аз рӯи ихтисоси "Санъатшиносӣ" соли 1968 рисолаи докторӣ ҳимоя кард. Натиҷаи корҳои илмии бисёрсолаи ӯ бо маводҳои экспедитсионӣ ва бойгонӣ дар нашрияҳои сершумор, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-умумӣ, монографияҳо, ки ба театри халқӣ, санъати рақс ва мусиқӣ тоҷикон бахшида шудаанд, ифода ёфтааст. Бо шарофати маводи гуногуни саҳроӣ дар шуъбаи таърихи санъати назди Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фототека ва фонотекаи мусиқӣ таъсис дода шуд, ки асоси онро сурудҳо ва оҳангҳои асбобӣ ташкил доданд, ки худи Нурҷонов Н.Ҳ., ба лентаи магнитӣ сабт кардааст.

Калидвожаҳо: Нурҷонов Н.Ҳ., муҳаққиқ, фотоматериалҳо, этнография, экспедитсия, маводҳои бойгонӣ, сабтҳои саҳроӣ, фарҳанг, санъат, театр, мусиқӣ.

MATERIALS OF FIELD EXPEDITIONS AS THE BASIS OF PROFESSOR N.KH. NURDZHANOV'S SCIENTIFIC RESEARCHES

The article is devoted to the research activities of Doctor of Art History, Professor N. Kh Nurjanov, who can rightfully be considered the pioneer of the study of the art of the Tajik people, and whose name is directly connected with the formation and development of art history science in Tajikistan. N.H. Nurjanov, the first Tajik ethnographer, art historian, was one of the most prominent scientists in Tajikistan, who made a huge contribution to the development of scientific principles of art historical research. N. Kh Nurdzhanov began his scientific activity as an ethnographer, collecting a large amount of material on expeditions led by famous ethnographers M.S. Andreev, A.K Pisarchik and N.A Kislyakov, which resulted in a Ph.D. dissertation on the topic “The Origins of the Tajik Folk Theater” (based on materials from the Kulyab region", which he defended in 1951 in Moscow with a degree in Ethnography. After gaining scientific experience, N.H. Nurjanov successfully defended his doctoral dissertation (1968) on the topic "History of the Tajik Soviet theater (1917- 1941)" with a degree in Art History. The result of his many years of scientific work with expeditionary and archival materials was expressed in numerous publications, scientific papers, scientific and popular science articles, monographs that were devoted to folk theater, dance and musical art. Thanks to the diverse field material collected in the Department of Art History at the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, a photo library and a music library were created, the basis of which were songs and instrumental melodies recorded on magnetic tape by Nurjanov himself.

Keywords: N.Kh. Nurjanov, researcher, Tajiks, ethnography, expedition, archival materials, recordings, culture, art, theater, music.

Об авторе
Раджабов Тоджиддин Холмуродович
Соискатель Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национального академии наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 33
E-mail: tojiddinrajabov11@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Раҷабов Тоҷиддин Холмуродович
Унвончӯи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33
E-mail: tojiddinrajabov11@gmail.com

About the author
Radjabov Todjiddin Kholmurodovich
Applicant of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after Ahmad Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street, 33
E-mail: tojiddinrajabov11@gmail.com

ТДУ 94(55):327:396

МУШОРИКАТИ ЗАНОН ДАР УМУРИ ХОРИҶӢ-ҲАРБИИ ЭРОНУ ТӮРОН

Ҷавҳарӣ М. О.
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар навиштаҳои форсии қадим ҷаҳон ба ҳафт кишвар тақсим шуда буд: яке кишвари миёна, ки онро Хунирс Бомӣ ё Эрони дурахшон меномиданд ва шаш кишвари дигар дар шаш самти он ҳар як ба номе хонда мешуд. Боз дар ҳамон навиштаҳо чунин омадааст, ки кишвари миёна бузургтарин кишвари ҷаҳон аст ва ба андозаи шаш кишвари дигар замин ва ҷангал ва дарё ва кӯҳ дорад. Ҳанӯз мӯбадони зартуштӣ, ҳангоми хондани ниёиш барои рӯҳи даргузаштагон, аз ин ҳафт кишвар ба ном ёд мекунанд, чунон ки гӯё ҳанӯз ҷаҳониён дар ҳафт кишвар ба осоиш ва оромиш ва хуррамӣ зиндагӣ мекунанд ва ба ободони ҷаҳон машғуланд ва ҳеҷ гуна ҷанге дар миёни онҳо нест ва ҳеҷ марзе дар миёни онҳо пайдо нашудааст.

Пас аз гузашти ҳазорон сол миёни мардумони кишвари миёна, ё марзи ориёиён - эрониён ҷудоӣ афтод, чунон ки гурӯҳе аз онҳо ба сӯи хурӯрон (ғарб) ва дар Аврупои имрӯзӣ нишастанд. Навиштаҳои эронии қадим аз ин гурӯҳ ба номи Сэйрим ёд мекунанд, ки дар забони паҳлавӣ Сарм ва дар забони парсии дарӣ Салм хонда мешавад, ки ҳамон сарматиёнанд ва имрӯз онҳоро аврупоӣ меномем. Пас аз он гурӯҳе аз сӯи Хуросон (машриқ) гузаштанд ва ба Осиёи Миёнаи имрӯзӣ расиданд. Боз, дар навиштаҳои бостонии Эрон, аз ин гурӯҳ ба номи Тӯр ёд шудааст, ки кишвари онҳо ба номи Тӯрон хонда мешавад. Ва дар ин миёна гурӯҳе марз ва кишвар ва нажод ва табори хешро гиромӣ шумурданд ва барои гурез аз гармӣ ё сахтиҳои дигар онро раҳо накарданд ва бо номи "Эр" ё Эрон, дар Эронвиҷ ё хостгоҳи эрониён (ориёиён) бар ҷой монданд ва инҳо ҳеҷ гоҳ пайвастагии худро бо он ду гурӯҳ фаромӯш накарданд. Чунон ки то поёни даврони Сосониён подшоҳони эронӣ гоҳ-гоҳ бо духтарони подшоҳи Рум ё подшоҳи Тӯрон пайванди занушӯӣ мебанданд. Ва фарзандони чунин занон ба подшоҳӣ мерасиданд, зеро ки аз модари ориёӣ зода шуда буданд [1, с. 112].

Дар китобҳои паҳлавӣ низ номҳои тӯрониён ҳама эронӣ аст (мисли Арҷасп ва Номхост ва Видрафши ҷоду). Дар «Шоҳнома» ҳам номҳое чун Пашанг, Афросиёб, Гарсивез, Ағрирас, Гурой, Каҳрам, Сипаҳрам, Андримон, Сархе, Шида, Фарангис, Манижа, Висе, Фаршидвард, Лаҳок, Ҳумон, Пирон, Бормон, Пилсам, Гулобод, Настиҳан, Шавосп, Арҷасп, Видрафш, Номхост ва ғайра), комилан ошкор мекунад, ки тӯрониён қабилае «эронӣ» будаанд.

Дар давраи Ашкониён ва Сосониён, пас аз он ки ёд ва хотираи тӯрониёни қадим дигар ба афсонаҳо пайваста ва дар дили ҳамосаҳо ҷой гирифта буд, бо ҷойгузин шудани ҳайтолиён ва хайонҳо дар Осиёи Миёна ва сипас дар давраи исломӣ бо сокин шудани "туркҳо" дар ин ноҳия, номи қабилаи фаромӯшшуда ва аз миён рафтаи «Тӯрон», ба сокинҳои нав ва навомадаи ин минтақа, яъне ҳепталиён ва хайонҳо ва ҳунҳо, ва ниҳоят «туркҳо» пайваст шуд ва бо онҳо мувофиқат кард. Аз ҳамин сабаб аст, ки дар матнҳои давраи нав, гоҳ аз истилоҳи Тӯр ва Тӯрон барои ишора ба туркҳои сокини Осиёи Миёна ва Мовароуннаҳр истифода мешавад.

Тӯрониён ҳамчун яке аз ду қавми эронӣ ҳисоб мешуданд, ки ҳар ду аз насли Фаридун буданд, аммо бо ду қаламрави гуногун ва аксар вақт низ бо ҳамдигар дар ҷанг буданд.

Дар асоси мадракҳои таърихие чун: «Динкард», «Таърихи Табарӣ», «Сурат-ул-арз», «Таърихи паёмбарон ва шоҳон», «Осор-ул-боқия», «Ат-Тафҳим», «Мӯъҷам-ул-булдон», «Осор-ул-вузаро» дар хусуси Турон ва ҷойгоҳи он метавон маълумотҳои муфассале пайдо намуд, ки ин сарзамин дар таълифи Ҳаким Фирдавсӣ дар ҳамсоягии Эрон қарор дошта, ба ҳайси ҳудуди сукунат ориёиҳо маъруф аст. Шоҳи маъруфи ориёи сарзамини маъруфи ориёи Фаридун сарзамини хешро миёни се писараш Салм, Тӯр ва Эраҷ карда буд, аз ин рӯ ин саразмин унвони Тӯронро гирифт.

Фирдавсӣ шарҳи шуҷоат ва шаҳомати занони тураниро ба зебоӣ дар “Шоҳнома” ба васф кашидааст. Достонҳои зебое дар бораи занони тӯронӣ, ки оғозгари равобити ошиқона бо диловарони Эрон ҳастанд, суруда шудааст. Занони тӯронӣ дорои мавқеъиятҳои иҷтимоӣ буданд, ки занҳои эронӣ ин мавқеъиятро доро набуданд [6, с. 27].

Дар байни заноне, ки дар “Шоҳнома” аз онон ёд шуда, номи духтари Ҷамшед омадааст ва ҳамчунин номи Гурдофарид ва боқӣ занони ғайриэронӣ ва бештари онон тӯронианд.

Издивоҷҳои байни паҳлавонони эронӣ ва занони тӯронӣ вуҷуд доштааст, аммо дар ҳеч яке аз матнҳои паҳлавӣ ва “Шоҳнома” дида нашуда, ки зани эронӣ бо марди тӯронӣ пайванде

дошта бошад. Ин гуна издивоҷи занони эронӣ нишонаи таҳқир буда, ки тӯрониён бихоҳанд бо занони эронӣ издивоҷ кунанд, ки намунаи он ишқи Суҳроб ба Гурдофарид аст. Дар Шоҳнома ду образ хубӣ ва бадӣ аст, занони бадандеш, мисли Сӯдоба, ки дар тавтеа нисбат ба Сиёвуш кушта мешавад ва занони некандеш мисли Манижа, Таҳмина ва Рӯдоба, ки натанҳо нексифат ҳастанд, балки чун модари меҳрубон фарзандони далерро ба дунё меоваранд [7, с. 21].

Ин пажӯҳиш дар асоси матнҳои паҳлавӣ ва ҳамчунин матнҳои давраи исломӣ, бар асоси замонбандӣ аз нахустин зани тӯронӣ то охирини он бо мақсади шинохти занони тӯронӣ таҳия карда шудааст.

Ҳама духтуркони пӯшидамӯй,
Ҳама сарвқадду ҳама мушкбӯй,
Ҳама рух пур аз гул, ҳама чашм хоб,
Ҳама лаб пур аз май ба бӯи гулоб [21, с. 572].

Моҳофарид - аз нахустин занҳое ба шумор мераад, ки муфассал Фирдавсӣ дар бораи ҷойгоҳи ӯ маълумот манзур намудааст, чунончӣ:

Куҷо духтари Тӯр Моҳофарид,
Ки чун ӯ кас андар замона надид [21, с. 789].

Моҳофарид духтари Тӯр аст, Кайхусрав дар ҳангоми танҳоӣ аз ҷаҳон бо канизони худ, аз ин зан дар зумраи афроди беназир ном мебарад [17, Ҷ. 2, с. 971].

Зани дигари тӯронӣ, ки Ҳаким Фирдавсӣ ёдрас мекунад ин ***Рӯдоба*** мебошад:

Яке ҳамчу Рӯдобаи хубчеҳр,
Яке ҳамчу Синдухт бо ройю меҳр [21, с. 99].

Рӯдоба Духтари Меҳроб шоҳи Кобул ва Синдухт аст. Чун Зол ба Кобулистон рафт, яке аз ҳамроҳонаш ӯро гуфт, ки Меҳробро духтаре аст. Зол бо шунидани васфи духтар нодида ба Рудоба дил баст ва пайваста дар андешаи Рудоба буд. Аз он сӯ низ чун Меҳроб пас аз дидани Зол ба кохи худ бозомад, барои зан ва духтараш Золро васф кард. Рухсори Рудоба бо шунидани суханони падар гулноргун ва дилаш пур аз меҳри Зол гашт.... Канизон ба фармони Рудоба худро ба дибои румӣ ва рангу бӯй биёростанд, ба соҳили рӯде, ки Зол канори он лашкар зада буд, шитофтанд ва ба гул чидан пардохтанд....Рудоба дастур дода хонаи зарнигорро, ки бо чеҳраи бузургон нигоргарӣ шуда буд, ба дебои Чин ва табақоти заррин биёростанд, май ва мушк ва анбар дар он рехтанд, ҷомҳои пирӯза, зарру гулоб, равшан фароҳам сохтанд ва онро барои дидани Зол омода кард [17, Ҷ. 2, с. 490].

Вақте Сом ба фармони Манучеҳр барои вайрон кардани Кобулистон ва куштани хонадони Меҳроб омодагии ҳарбӣ мебинад, Зол, ки ҷони маъшуқ ва табори ӯро дар хатар мебинад, забон ба гулояе аз ӯ мегушояд (Саромӣ, 1388, 201).

Зол номае ба Сом навишта ва аз ӯ иҷозат хост то бо Рудоба издивоҷ кунад, ва Сом пас аз он бо шиносон ба ройзанӣ пардохт, дархости Золро пазируфт ва ба Эроншаҳр шитофт, то Манучеҳршоҳро бо ин пайванд ҳамдостон (огоҳ) кунад. Зол (Сом) Манучеҳрро бо худ ҳамроҳ сохт ва Золро огоҳ кард ва Рудоба низ падар ва модари хешро аз меҳри худ ба Зол хабар дод ва ононро ба пайванди худ бо Зол ҳамдостон сохт [17, Ҷ. 2, 692].

Таҳмина аз занони тавонманде ба шумор меравад, кидар умури давлатдории тӯрониён мавқеи вижа доштааст ва аз ӯ Фирдавсӣ ба унвони зерин ёдрас мешавад:

Равонаш хирад буду тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок. [21, с. 238]
Яке духти шоҳи Самангон манам,
Зи пушти ҳижабру палангон манам. [21, с. 91]

Духтари шоҳи Самангон аст. Ҳангоме ки Рустам ба сарои шоҳи Самангон рафт ва шаб ҳангоме баросуд дергоҳон ба хобгоҳи Рустам рафт. Таҳмина бо хидматгоре, ки шамъи анбарин дар даст дошт ба болини Рустам рафт ва ба Рустам ибрози ишқ кард ва худро ба вай шиносонид. Орзуи Таҳмина аз ин пайванд он буд, ки аз Рустам кӯдаке биёбад. [5, с. 71] Рустам пешниҳоди ӯро пазируфт ва ҳамон шаб мубадеро фаро хонда, то ӯро падар хостгорӣ кунад ва шоҳи Самангон низ шодмонии духтари худро ба расмиёт дод ва ҳамагон бар вай зар афшонданд ва шодиҳо карданд. Рустам ва Таҳмина онбоз гаштанд ва сапидадам Рустам муҳраи ягонаро, ки дар бозу дошт ба Таҳмина дод [17, ҷ.1, с. 299].

Таҳмина ба эътирофи хеш дар нахустин дидор бо Рустам аз роҳи гӯш, дил ба ҷаҳонпаҳлавон бохтааст (Саромӣ, 1388, 509).

Суҳроб дар ҷустуҷӯи падар аст ва аз Таҳмина дар бораи ӯ пурсиш мекунад, Афросиёб монеи шинохтани Рустам мешавад ва Суҳроб ношинохта ба Рустам ҷанг мекунад ва Суҳроб

аз дасти Рустам кушта мешавад. Таҳмина ба кинхоҳӣ писар меояд. Рустам ӯро дилхуш карда аз ӯ Фаромурз бизод [13, с. 88].

Гулшаҳр

Чу Пирон зи пеши Сиёвуш бирафт,
Ба наздики Гулшаҳр тозид тафт [21, с. 1519].

Ҳамсари Пирон Виса (сипаҳсолори Афросиёб) аст. Гулшаҳр дар Хутан мезист ва Пирон дар ҳангоме, ки Фарангисро аз ҷанги Афросиёб раҳонид, ӯро ба назди Гулшаҳр ба Хутан фиристод ва чун шаби зоидани Фарангис фаро расид, Пирон Гулшаҳрро ба назди Фарангис бурд ва чун Гулшаҳр ба назди Фарангис расид, Кайхусрав мутаваллид шуда буд [17, ҷ. 2, 907].

Чун Гулшаҳр он кӯдакро дид, бо шодӣ ва шитоб бозгашт ва ҳама кохро аз он кор огаҳ сохт ва шодмандона ба Пирон гуфт: Ин ки хуршеди навойин, ки ҳамоно ҷуфти моҳ аст, биё ва ин шигифтӣ ва бузургӣ ва фоаринро бубин [11, с. 571].

Чун Гев Пиронро асир кард ва ба хоҳиши Фарангис ва фармони Кайхусрав ӯро озод сохт. Дастҳои Пиронро баст ва ӯро савганд дод, ки ҷуз Гулшаҳр ҳеч касе дигар дасти вайро нагушояд [17, ҷ. 2, 907].

Ҷарира

Аз эшон Ҷарира-ст меҳтар ба сол,
Ки аз хубрӯён надорад ҳамол [21, с. 329].

Ҷарира яке аз духтарони Пирон сипаҳсолори тӯронӣ аст, Пирон ба Сиёвуш, ки дар Тӯрон буд, пешниҳод кард, ки бо Ҷарира издивоҷ кунад. Шоҳзодаи эронӣ Ҷарираро ба ҳамсарӣ пазируфт ва модари Ҷарира Гулшаҳр ӯро биёрост. Ҳангоме, ки Тӯс ба дижи вай сипоҳ овард, Ҷарира пайваста раҳнамои писар буд. Ҷарира аз Фуруд хост, то силоҳ пӯшад ва ба пешвози сипоҳи Тӯс биравад ва нишони Баҳроми Гударз биҷӯяд. Он гоҳ дар пешопеши сипоҳи Тӯс ба кинахоҳии Сиёвуш биравад [17, ҷ. 2, 309].

Ҷарира аз фарози боми диж сипоҳи Тӯсро бидид ва аз он сипоҳи саҳмгин битарсид. Ҷарира дилаш аз барои Сиёвуш пур аз дард буд. Ҷарира ба Фурӯд гуфт: эй рамзсоз, туро ҳаргиз ба ин рӯз (ки ба он ҷанг шитобӣ) ниёзат мабод! Бародарат дар Эрон ба шоҳӣ нишастааст ва ному нажоди туро ба хубӣ мешиносад ва медонад, ки бо якдигар аз як хун ва аз як муҳраед. Бидон, ки дар гетӣ ҳеч шоҳе чун Сиёвуш набуд. Инки чун бародарат ба кинахоҳии падарат оғоз карда бошад, ҳамоно, ки бо ин кор равони Сиёвушро бишӯед, пас ту низ бояд ба ин кинхоҳӣ бишитобӣ ва камар бар миён бубандӣ ва битозӣ [11, с. 970].

Аммо ин дидори сипоҳи Эрон бо Фурӯд мунҷар ба ҷанг мешавад, ки дар он ҷанг Фурӯд ба шиддат захмӣ мешавад. Модари Фурӯд, ки дид фарзандаш захмҳои сангин бардоштааст, бо чокаронаш ба диж шуданд, бо канизон ба пеши ӯ шуд. Пас ӯро ба зорӣ бар тахти афканданд ва модараш бо канизон гесӯвони каманди мушкини сиёҳашонро аз сар биканданд. Он Фурӯди баргузида ҷон меканд ва ҳама дар тахти мӯйяҳ мекарданд [8, с. 211]. Дар ҳамон ҳангом Фурӯд чашм бикушод ва оҳи сарде кашид ва рӯ ба сӯи модар ва канизонаш карду лаб аз ҳам гушуду гуфт: ин мӯи канда бар шумо шигифт набошад, зеро ки акнун эрониён, ки камар ба торочи диж бастаанд, ба дарун оянд ва занону канизонро барда созанд ва дижу бору гӯҳҳоро вайрон кунанд. Дили ҳар касе бар ман бисӯзад ва рухсораш барафрӯзад, пас бар шумоён аст, ки ҳамагӣ бар болои боми диж равед ва худро бар замин афканед, то Бежан ҳеч баҳрае аз шумо наёбад. Ман низ беш аз ин зинда намонам, зеро ки дигар ба рӯзгори ҷавонӣ ба дасти ӯ рӯзгорам басар омад. Фуруд ин бигуфт ва ногаҳ рухсораш зард шуду бо дард равонаш аз тан баромад. Чун Фуруд бо нокомӣ аз ин гетӣ рахт барбаст канизон ҳамагӣ ба дари диж рафтанд ва худро аз он боло бар замин афканданд. Ҷарира низ оташе барафрӯхт ва ҳама ганҷҳоро дар оташ бисӯхт. Онгоҳ теғе бар даст бигрифт ва ба ҷойгоҳи Оспонтозӣ бирафт ва шиками онҳоро дарид ва поҳояшонро бурид ва хуну хӯй ба рухсор бирехт. Сипас ба болини Фурӯд фарех биёмад, болои сари Фуруд дашнае обгун буд. Пас Ҷарира рухсор ба рӯи писар ниҳод ва ногоҳ шиками худро бардарид ва бар рӯи писар ҷон бидод [11, с. 989].

Ҷарира пас аз он ки фарзанди ҷавонаш дар пеши чашмҳои вай ҷон супурд, канори пайкари беҷони ӯ шиками хешро медарад ва бад ин сон нахустин худкушии модаре дар сӯги фарзанди хеш шакл мегирад (Саромӣ, 1388, 296).

Дар таърихи Табарӣ [20 Ҷ. 2, с. 229] омадааст, ки Фурӯд аз зане бо номи Барзофарид зода буд, ки Сиёвахш ҳангоми рафтан сӯи Фаросиёб дар яке аз шаҳрҳои Турк дошта буд ва ба вақти обистанӣ ӯро тарк карда буд.

Духтари Фағури Чинӣ

Бе ном дар Шоҳнома ҳамсари Шангил буд ва аз Шингил писаре дошт [17, ҷ. 2, 383].

Аспинуй

Чу дид он рухи моҳрӯй Аспинуй,
Зи гулбарг рӯю пур аз мушк мӯй [21, с. 229].

Номи каниз (ҳамсари) Тажови тӯронӣ аст. Чун Кайхусрав ҷанг бо Афросиёбро орост, бузургони кишварро гирд овард ва ба касоне, ки довталаби дастгирии сардорони Афросиёб, чун Палошон ва Тажов шуда буданд, ҳадияҳо дод. Бежан, ки довталаби кушти Палошон ва Тажав шуда буд, қавл дод, ин канизро дастгир кунад. Ӯ духтари Афросиёб аст, чун Тажов худро домоди шоҳ медонад [17, ҷ. 2, 70]. Достони Аспенуй дар Шоҳнома ин гуна аст, ки: Тажов ҳамчунон то диж битохт ва Бежан низ чун озари гушнаасп аз паси ӯ равон буд. Чун ба наздики дари диж расид, Аспенуй хурӯшон ва гирён биёмад ва гуфт: ”Эй Тажов, он сипоҳ ва зару тавонат чӣ шуд? Ту, ки бар ман пушт кардӣ ва маро дар хорӣ дар ин диж бигзоштӣ, акнун сазовор аст, ки маро дар паси худ бар асб биншонӣ ва дар пеши душман раҳо насозӣ! ” Дили Тажови сарафроз бар ӯ бисӯхт ва рухсораш чун оташ барафрӯхта гашт. Бо Аспенуй чун гирд битохт ва Бежани ҷангҷӯйи номвар низ аз паси эшон равон гашт [9, с. 31]. Чун он аспи Тажов чанде бидавид, дигар ҳич тавоне бо Тажову аспаш намонд. Пас Тажов ба он каниз гуфт: “Эй некҷуфт, дигар кор душвор гашт, ин аспи ҷангӣ аз кор фурӯ монд ва он бадсигол аз паси мо бирасид ва дар пеши рӯямон низ диҳоре бошад. Ин ки агар Бежан ба ман бирасад, ҳамоно ки дигар ба доми душмани бадандеш афтодаам. Лек ӯ бо ту чандон душман набошад. Пас дигар бо ман намон, то битавонам ин аспро бironам” ва бад ин сон Аспенуй аз пушти асб фурӯд омад. Тажов аз андӯҳи ӯ мегирист, чун асб сабук гашт, тундӣ гирифт. Бежан бад онҷо расид ва он Аспенуйи моҳрӯхро бидид, ки гесӯвони мушкинашро то ба пой фурӯ кушода (ҳушта) буд. Канд гашту он хубрӯхро ба ноз баргирифт ва дар паси хеш бар асб савор кард ва ба сӯйи сипоҳи Тӯс паҳлавон бозгашт. Он гоҳ бо шодӣ ба даргоҳи Тӯс омад [11, с. 698].

Духтарони Арҷосб

Ҳангоме ки Зарир ба майдони Корзор , бо ***Арҷосб*** меояд ва шуҷоат ва нерӯи худро дар ҷанг ба намоиш мегузорад, ***Арҷосб*** ҳаросон бонг бармедорад, ки шавад (равад) бо Зарир Кув ва Сипаҳбудро кушад, то духтари худ Зарастонро ба занӣ бад-ӯ диҳам, ки андар ҳама кишвар аз ӯ ҳажиртар нест ва ӯро вазири хеш кунам. Пас аз он замоне, ки бастур писари хурдсоле Зарир ба кинахоҳии падар бармехезад ва бар лашкари душман метозад. Арҷосб бори дигар ба ҳарос меафтад, фарёд мезанад, кист, ки шавад бо он кӯдак ку шавад ва ӯро кушад, то он Ваҳистон духтари худро ба занӣ бад –ӯ диҳам,ки андар ҳама кишвар аз ӯ ҳажиртар нест ва ӯро шаҳрбайтхш (вазир, сипаҳбад) кунам [12, с. 22].

Духтарони Арҷосп, ки Заристон ва Ваҳистон ном доранд, дар воқеъ маъруфи ду сарзамин ё ду иёлот мебошанд, зеро дар ҳарду ном пасванди маконии “стон” ошкоро дида мешавад [15, с. 51].

Дар матнҳои паҳлавӣ номи духтарон Арҷосбро Зарастун ва Баҳаштун ном бурда шудааст. Арҷосб бо дидани бастур гуфт: “аммо дар миёни шумо хивнон кист, ки равад ва бо он куҳ дастизад ва ӯро кушад (то) он гоҳ Баҳаштунро, ки духти ман аст, ба занӣ ба (ӯ) диҳам, ки андар шаҳр хивнон зане аз ӯ зеботар нест. Ва ӯро андар ҳама шаҳр хивнон бидахш кунам, чӣ агар то шаб (ин) кӯдак зинда (бимонад) онгоҳ на дер замон буд, ки аз мо хивнон ҳич (кас) зинда боз намонад [4, с. 69].

Номи духтари Арҷосб дар фарҳанги номҳои “Шоҳнома” [17, ҷ. 2, с. 391] Деҳистон омадааст, ки Арҷосб гуфт: Кист, ки шавад бо он кӯдак кушуд ва ӯро кушад, то он Деҳистон, духтари худро ба занӣ бад- ӯ диҳам.

Дар Гуштоспномаи Дақиқӣ агарчи аз қавли Арҷосб омадаст, ки:

Ман ӯро диҳам духтари хешро,
Супорам бад-ӯ лашкари хешро.

Меҳрдод Баҳор ин номро Беҳистун хондааст [2, с. 271]. Дар мавриди достонҳои Шоҳнома дар куҳна ва қадим будани онҳо тардиде нест, зеро исоме, ки дар ин достонҳо зикр шуда, дар Авасто ёдар матнҳои паҳлавӣ зикр гардида ва аз онҷо маълум аст, ки замоне ки Авасто навишта ё ҷамъоварӣ мешудаастдостонҳое роҷеъ ба Пешдодиён ва баъзе аз Каёниён вуҷуд дошта, аз ҷумла ин заминаҳо баррасии ҷангҳои эрониён бо ҳамсоягонашон аст, ки на танҳо таърихро дар бар мегирад, балки ба ягонагӣ ва бародарӣ, ҳамзаминӣ дар ҷомеа низ мунҷар мегардад. Бархе аз занони тӯронӣ, ки дар ҷангҳои Эрон ва Тӯрон аз онон ном бурда шуда ва дар матнҳои мухталиф аз онон ба некӣ ва бузургӣ ёд шудааст ва ҳамчунин дар бархе аз достонҳои Шоҳнома таъсири шигарф доштаанд ва ё бархе аз ин занонро ҷодугар хондаанд. Дар ло ба лои шарҳи ҷангҳо Фирдавсӣ ба зебоӣ шарҳи дилкаштарин ошиқонаро ба

тасвир мекашад [10, с. 47]. Духтарони тӯронӣ, ки аз паҳлавонони ҷавони эронӣ дилрабоӣ мекунанд ва ононро аз они худ мегардонанд. Шояд битавон ба ин натиҷа расид, ки ба даст овардани духтари тӯронӣ тавассути паҳлавонони эронӣ пас аз ҷанг ва набард ба маънои ба даст овардани сарзамине аз Тӯронзамин аст. Ҳамин мисоле дар бораи занони эронӣ содиқ нест, зеро дар ҳеч матн дида нашуда, ки бонуи эронӣ бо паҳлавоне аз Тӯронзамин издивоҷ кунад ва ин худ метавонад ин фарзияро тақвият кунад [3, с. 19].

Ҳамин тариқ, дар асоси навиштаҳои Ҳаким Фирдавӣ ва сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки туроиён, ки қисме аз қабилаҳои ориёӣ ба шумор рафта, дар раванди давлатдории худ новобаста аз набардҳо ва низоъҳои мувақатии ҳамҷаворӣ бо Эрон ҳамчунин издивоҷҳои сиёсӣ низ мекарданд, ки ҳада ба осудагӣ расонидани аҳолии ин ду давлат будааст. Аммо бояд зикр намуд, ки ҳам занони туронӣ ва ҳам эронӣ дар умури сиёсии ду давлат иштироки фаъол доштанд ва ба таври ҳамешаӣ манофеи муштараки худро дифоъ менамуданд.

Занони ориёӣ намоди барҷастаи шуҷоат ва иффату тинат буданд, ки дар соири ривоятҳои Фирдавсӣ аз покдоманӣ онҳо қиса мешавад. Онҳо ҷузъи фаъоли умури сиёсии ин ду давлат ба шумор мерафтанд ва ҳар кадом мустақиманд дар ин умур фаъолияти густурда доштанд. Албатта дар давраи бостон ва асрҳои миён ва умуман дар натиҷаи низоъҳои давлатӣ талафотҳои ҷонӣ низ қисми асосӣ маҳсуб меёбанд аз ин рӯ занон наметавонистанд аз ин раванд дар канор монда бошанд. Ҳамин тавр метавон хулоса намуд, ки занони ориёӣ ҳатман дар умури давлатдорӣ, идораи сиёсӣ ва иҷтимоии он ширкати фаъол доштанд, ки ҳатто раванди идорӣ ва корнамоии онҳо аз бархе ҳокимон хубтару беҳтар буд.

Ҳаким Фирдавӣ фаъолияти густурдаи занонро дар умури сиёсию иҷтимоӣ намунаи мавҷудияти додраси ба қалам дода баён медорад, ки маҳз дар натиҷаи чунин сиёсати дуруст занон дар баробари мардҳои дар идораи ҷамъиятӣ иштироки фаъол доштанд.

Адабиёт

1. *Баҳор М. Аз устура то таърих. Чопи ҳафтум. Теҳрон: Чашма, 1390.*
2. *Баҳор М. Пажӯҳиш дар асотири Эрон. Чопи ҳаштум. Теҳрон: Огоҳ, 1389.*
3. *Гулсари Х. Ривояти Шоҳнома ба наср. Теҳрон: Улум, 1371.*
4. *Ғуриён С. Матнҳои паҳлавӣ. Теҳрон: Улум, 1291.*
5. *Диноварӣ Абӯ Ҳанифа. Ахборат-ут-тивол. Тарҷумаи М. С. Нишот. Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1329.*
6. *Ибни Асир. Ал-Комил. Тарҷумаи М. И. Бостонӣ Поризӣ. Теҳрон: Дунёи китоб, 1395.*
7. *Ибни Балхӣ. Форснома. Тасҳеҳи Листронҷ. Теҳрон: Асотир, 1375.*
8. *Иқболӣ И., Қамари Гӯё Ҳ., Муродӣ С. Таҳлили достони Сиёвуш бар пояи назариёти Юнг // Маҷаллаи пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти форсӣ. 1379. № 7.*
9. *Малак Шаҳмирзодӣ С. Таърихи Эрони бостон. Ҷилди аввал. Чопи нуҳум. Теҳрон: Самт, 1393.*
10. *Матинӣ Ҷ. Афросиёб // Маҷаллаи Эроннома. 1392. № 9.*
11. *Меҳрободӣ М. Шоҳномаи Фирдавсӣ ба насри порсии сода. Теҳрон: Рӯзгор, 1379.*
12. *Моҳир Навобӣ Я. Ёдгори Зарирон. Теҳрон: Асотир, 1387.*
13. *Муставфӣ Ҳамидулло. Таърихи гузида. Тасҳеҳи А. Ҳ. Навоӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1339.*
14. *Оидналу С. Нишонаҳои сириштӣ асотирии Афросиёб дар Шоҳнома // Маҷаллаи пажӯҳишгоҳи адабӣ. 1372. № 2.*
15. *Пажуми Шариъатӣ П. Достони офариниш ва таърихи пешдодӣ ва каёнӣ дар боварҳои кӯҳани эронӣ. Теҳрон: Ҳуном, 1378.*
16. *Қадмаълӣ С. Аз ранги гул то ранҷи хор. Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1388.*
17. *Растагор Фасеъӣ М. Фарҳанги номҳои Шоҳнома. Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1379.*
18. *Розӣ Абӯалӣ Маскуя. Тиҷорат-ул-мумал. Тарҷумаи А. Имомӣ. Ҷилди 1. Теҳрон: Сурӯш, 1369.*
19. *Сафо З. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон: Амири Кабир, 1389.*
20. *Табарӣ М. Таърихи Табарӣ. Тарҷумаи А. Поянда. Ҷилди 2. Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1253.*
21. *Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Тасҳеҳи Ж. Мул. Теҳрон: Шақоиқ, 1389.*

МУШОРИКАТИ ЗАНОН ДАР УМУРИ ХОРИҶӢ-ҲАРБИИ ЭРОНУ ТӮРОН

Дар мақола нақш ва ҷойгоҳи занон дар муносибатҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва ҳарбии байни Эрону Тӯрон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тӯроиён қабилае аз эроиён ё худ ориёиҳо буданд, ки тибқи сарчашмаҳои таърихӣ кишвари ҳамҷавори Эрон ба шумор мерафтанд. Миёни ин ду давлат доимо ҷангҳо доир мегардид, ки наҳваи ҳузури ҳамаи қишрҳои ҷамъият ба мушоҳида мерасид. Дар бахше аз “Шоҳнома, ки марбут ба ҷангҳои Эрон ва Тӯрон аст, номҳои занони иштирокчии ин

бархӯрдҳо пурра тасвир ёфтааст. Дар пажӯҳиш образҳои барҷастае чун Рӯдоба, Таҳмина, Ҷарира, Гулшаҳр ва Аспинуй таҳлил шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки издивоҷҳои сиёсӣ ва пайвандҳои ошиқонаи паҳлавонони эронӣ бо занони тӯронӣ на танҳо ҷанбаи оилавӣ, балки моҳияти геополитикӣ дошта, ҳамчун василаи наздикшавии ин ду шохаи як миллат хидмат мекарданд.

Калидвожаҳо: занон, тӯрониён, эрониён, Авасто, Шоҳнома, ҳамоса.

УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН В ИРАНО-ТУРАНСКИХ ВНЕШНИХ И ВОЕННЫХ ДЕЛАХ

В статье рассматриваются роль и место женщин в политических, дипломатических и военных отношениях между Ираном и Тураном. Туранцы были племенем из иранцев или самих арийцев, которое, согласно историческим источникам соседней с Ираном страны, считалось таковым. Между этими двумя государствами постоянно велись войны, в которых наблюдалось присутствие всех слоев населения. В «Шахнаме», посвящённом войнам Ирана и Турана, полностью описаны имена женщин-участниц этих конфликтов. Конечно, для уточнения и конкретизации мы также использовали другие источники в написании статьи. В исследовании проанализированы такие выдающиеся образы, как Рудабе, Тахмина, Джарира, Гульшахр и Аспинуй. Автор отмечает, что политические браки и любовные союзы иранских героев с туранскими женщинами имели не только семейный характер, но и геополитическую значимость, служа средством сближения этих двух ветвей одного народа.

Ключевые слова: женщины, туранийцы, иранцы, Авеста, Шахнаме, эпос.

THE PARTICIPATION OF WOMEN IN THE FOREIGN AND MILITARY AFFAIRS OF IRAN AND TURAN

The article examines the role and position of women in political, diplomatic, and military relations between Iran and Turan. The Turanians were a tribe of Iranians or the Aryans themselves, which, according to historical sources from the country neighboring Iran, was counted as such. Wars were constantly waged between these two states, in which the presence of all countries in the region could be observed. In the section of the "Shahnameh" related to the wars between Iran and Turan, the names of the women participants in these conflicts are fully described. Of course, to clarify and specify, we also used other sources in writing the article. The study analyzes prominent figures such as Rudaba, Tahmina, Jarira, Gulshahr, and Aspinuy. The author notes that political marriages and romantic alliances between Iranian heroes and Turanian women were not merely familial matters; they carried significant geopolitical weight, serving as a means of reconciliation between these two branches of the same people.

Keywords: Women, Turanians, Iranians, Avesta, Shahnameh, epic.

Дар бораи муаллиф
Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил
Номзади илмҳои филологӣ, раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ
735920, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин 1
E-mail: javhari.71@mail.ru

About the author
Javhari Mujibakhon Odil
Candidate of Philological Sciences, Chairman of the Committee of the Majlisi namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on social, family and health issues
735920, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pushkin, 1
E-mail: javhari.71@mail.ru

Об авторе
Джавхари Муджибахон Одил
Кандидат филологических наук, председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по социальным вопросам, семьи и здравоохранения
735920, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Пушкина, 1
E-mail: javhari.71@mail.ru

ТДУ 929:32(575.3)

ТОҶИКОН – ЯКЕ АЗ АВВАЛИН ТАЪСИСДИҲАНДАГОНИ АРТИШ ВА ГУРДОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪРИХ

Равшанзод М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҷрибаи тулонии давлатсозию давлатдорӣ ба миллати тоҷик хос аст. Мо, тоҷикон, тавонистем ваҳдати миллӣ созем, забону одату русуми ягонаро дар ҳудуди муайян созмон дода, ҳунару санъату адабро густариш диҳем. Дар ин замина, тамаддуни бузурге офаридем, ки дар сарнавишти башарият нақши муҳим дорад. Ниёгони бузургамон ба мисли Куруши Кабир, Дороюш, Аршак, Ардашер, Анушервон, Яқуб ибни Лайс, Исмоили Сомонӣ дар ташкилу такмили далатдорӣ ва артишдорӣ хидматҳои арзанда карданд.

Мувофиқи пажуҳиши коршиносон ва муҳаққиқон давлатҳои куҳантаърихи Осиёи Марказӣ Бохтар, Суғд ва Хоразм буданд ва аввалин тамаддунҳои бузург империяҳои Ҳахоманишӣ, Порт, Кушониву Ҳайтолӣ ва Сосониён буданд. Ин давлатҳо ҳудуди паҳновари ҷуғрофиро фаро гирифта, дар ташаккули низоми идорот, иқтисодиёт ва фарҳанги давраи қадим амалҳои арзишмандро анҷом доданд. Дар ин миён, таъсису ташаккули низоми ҳарбӣ – лашкари қавӣ (савора ва пиёда), сохтори мукаммали фармондеҳон, сипаҳбудон ва сарбозон, кашфу такмили аслиҳаи ҷангӣ барои мардумони дигар ҳамчун мактаби таҷриба ба кор омад.

Таърихи таъсиси артиши бонизом ва гурдони давлатӣ. Артишсозию артишдорӣ анъанаи хосси ниёгони мо – ориёиҳо мебошад. Куруши Кабир бузргтарин сарлашкар ва артишдор дар таърихи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ӯ империяи Ҳахоманишиҳоро таъсис дод. Дар империя Куруши Кабир зиёда аз 70 халқиятҳо умр ба сар мебурданд. Артиши Ҳахоманишиҳо асосан аз ҳисоби форсҳо ва модҳо таркиб ёфта буд. Дар артиш бохтариҳо, суғдиҳо хоразмиҳо низ нақши асосӣ доштанд. Артиш ба даҳяк, садяк ва ҳазора тақсим мешуд. Баъд аз ба сари тахт омадани Дорои Кабир лашкари Ҳахоманишиниҳо боз ҳам бонизомтар ва пуркудраттар гашт, ки то ин дам таърихи инсоният чунин лашкари азими бонизомро ёд надорад. Лашкар ба **сараҳо** ва **пиёдагардҳо:** камондорон, шамшерзанҳо, табарзиндорҳо ва найзадорон ҷудо мешуданд. [1, с. 72].

Бояд қайд кард, ки дар назди шоҳ дастаи махсусӣ сарбозон амал мекард, ки **“гурдони ҷовидон”** ном дошт ва аз 10 ҳазор сарбози яккачини таҷрибадор ташкил ёфта буд. Сабаби таъсиси чунин дастаи мукаммали ҳарбӣ, яъне **“гурдони ҷовидон”** аз ҷониби Дорои Кабир асос дошт. Ба ақидаи бисёр муаррихон, кушта шудани якчанд шоҳони Ҳахоманишӣ (Куруши Кабир, Бардия, Комбуҷӣ) дар набардҳо ва ғорат гардидани хазинаи давлат, Дори 1-ро водор кард, то дастаи гурдонро таъсис диҳад. Имрӯз нақши ин дастаро гвардияи миллӣ мебозад. Дар лашкаркашиҳо ин даста шоҳро ҳамроҳӣ мекард. Вазифаи асосии ин даста ҳифзи бехатарӣ ва амнияти шоҳ, авлоди шоҳ, дарбориён ва ҳимояи хазинаи давлат буд. Илова бар ин, дастаи **“гурдони ҷовидон”**-ро ҳайати ҳазорнафари табардастон ва ҳазорнафари саворон ва аробаҳои ҷангӣ ҳамроҳӣ мекарданд. Либоси ҳайати шахсии дастаи **“гурдони ҷовидон”** хеле зебо буд ва аз либосҳои дигар сарбозон дар артиш фарқ мекард [7, с. 25].

Сарбозонро барои дастаи **“гурдҳои ҷовидон”** аз хурдсолӣ омода мекарданд. Аслан онҳо аз авлоди шоҳ ё асилзодаҳои дарбор будан. Онҳоро санъати ҷанговарӣ – муштзанӣ, шамшерзанӣ, гуштингирӣ, аспсаворӣ, найзапартоӣ ва тирандозӣ меомӯхтанд. Инчунин, риояи ҳатмии таълимоти зардуштӣ зарур буд. Танҳо баъд аз чанд соли машқу таҷриба, пас аз гузаштани санҷши бениҳоят сахти ҳарбӣ, гурди ҷавон ба даста қабул карда мешуд. Ин ҳам пас аз ҳалок ё бемор шудани гурди таҷрибадори пешин имконпазир мегашт.

Олоти ҷангии гурдҳо. Олоти ҷангии гурдон аз сарбозони дигари артиш мувофиқтар ва мукаммалтару пурзӯр буд. Онҳо сипарҳои калон ва пуркуввати росткунҷа доштанд. Силоҳи асосии гурдҳо камон (пайкон) ва найза ба шумор мерафт. Дар “Шоҳнома”-и ҳаким Фирдавсӣ олоти ҷангии гурдон ба монанди теғ, дашна, зупин, гупол, гурз, тир найза то камону пайкон зикр мешаванд. Олоти ҷангии сарбози гурд яке аз муқадасоти ӯ ба ҳисоб мерафт. Танҳо баъди маргаш каси дигар метавонист аслиҳаи ҷангии ӯро бигирад. Гурдон аз давлат маоши хуб мегирифтанд. Дар дафтар ё девони давлат номашон қайд шуда буд. Аз тарафи шоҳ ба онҳо замин ва қасрҳо тақдим мешуд. Дар “Шоҳнома”, инчунин, аз асбобҳои мусиқии ҳарбӣ,

ба монанди табл, шайпур, карраной, барбат, най, ки барои баланд бардоштани рӯҳияи ҷангии сарбозон ва тағйири амалётҳои ҷангӣ истифода мебурданд, ёд шудааст. [5, с. 82].

Дараҷаҳои низомӣ ва рутбаҳо. Агар ба сарчашмаҳои таърихӣ назар афканем, дар замони Пешдодиён ва Каёниён чунин рутбаҳои ҳарбӣ дар давлат вуҷуд доштанд: Сарфармондеҳи олии артиш шоҳ ба ҳисоб мерафт. Ӯро шоҳи диловарон, ё шоҳи гурдон мегуфтанд. Дар зинаи поёнтар рутбаи шаҳриёр меистод. Ҳамзамон, дараҷаҳои лашкаркаш, сипаҳкаш, сипаҳбад, сипаҳдор, солор, сарҳанг, сардаста, паҳлавон аз ҷумлаи рутбаҳои низомӣ буданд. Дар замони Ҳахоманишиҳо рутбаи баланд **ҳазорпат** (сардори горд) ва **ташаспад** (генерали ҳозира) вуҷуд дошт. Дар давлати Сосониён **сипаҳбад** яке аз рутбаҳои баланди низомӣ буд. Ӯ дар қисмати чапи сари синааш аломати (нишон,рамзи) хонаводагӣ – фили тиллоиро насб мекард. Нишони сарисинагии паланг, юз, бабр ба дигар сарлашкарон дода мешуданд [9, с. 56].

Хислатҳои гурдҳо. Гурдонро ҷавонзодагон, паҳлавонзодагон, ҷавонмардон мегуфтанд. Гурдон аслан аз хонаводагони мумтозу соҳибэҳтиром, аз аҳли шамшеру паҳлавонону ҷанговарони ориётабор буданд. Онҳо ба табақаи артишдорон дохил мешуданд. Гурдон ростгӯ, соҳибҳунар, сахиву карим буданд. Дасту дилу чашму забони пок доштанд.. Ханҷар беҳуда аз наём намекашиданд. Асоси муваффақиятҳои гурдон руҳияи қавӣ ва эътимоди комил доштан ба шоҳ, ватан ва дини худ буд.

Самтҳои фаъолияти гурдҳо. Бояд қайд кард, ки фаъолияти гурдони ҷовидон гуногунҷабҳа буд. Масалан, гурдон дар мавриди зарурӣ дар ҷанг бо душман аз тарафи шоҳ ба набард дароварда мешуданд. Инчунин, онҳо дар маросимҳои бошукӯҳи ҷашнвораҳо, пазирои меҳмонони оликадр ва шоҳону сафирҳо ширкат мекарданд. Дар ҳимояи хазинаи давлат ва ашрофон буданд. Ҳамзамон, бехатарӣ шоҳ ва шоҳзодагону оилаи ӯро таъмин мекарданд. Гурдон дар парадҳои низомӣ иштирок мекарданд ва ғ. [6, с. 92].

Баъд аз он ки Искандари Мақдунӣ давлати Ҳахоманишиҳоро дар сол 330 пеш аз милод аз байн бурд, дастаи “гурдони ҷовидон” низ аз миён рафт. Дастаи “гурдони ҷовидон” дар аҳди Сосониён дубора таъсис ёфт, вале танҳо аз дастаҳои савора иборат буд.

Дар империяи Руми визянтягӣ пас аз шикаст дар муҳорибаи Мансикарт дар соли 1072 аз тарафи Салҷуқиҳо ба тақлид аз **“гурдони ҷовидон”**-и ориёӣ лашкари яккачини савораи “**намирандагон”-и** худро таъсис доданд, ки баъдан ин шакли лашкардорӣ дар Аврупои баъдӣ низ бо истидоҳи “гвардия” (аз калимаи итолёвӣ - guardia) маъруф шуд, ки асли он ҳамон калимаи қадимаи “гурд” (gurd) –и аҷдодии мост. Аммо дар луғатномаи ҷаҳонӣ онро имрӯз калимаи итолиёвӣ муаррифӣ мекунанд. Дар адабиёти класикии мо то ба имрӯз калимаи “гурд” ба маънои “паҳлавон”, “далер”, “нотарс” боқӣ монд ва аз эҳтимол дур нест, ки зуҳури калимаи “гвардия” аз “гурд”-и ориёи мо буда бошад [7, с. 34].

Фаъолияти гурдҳо дар аҳди Сомониён. Бояд қайд кард, ки дар аҳди Сомониён низ артишдории тоҷикон рушд кард. Ҳукмрони сиёсатмадори пухтакор Исмоили Сомонӣ давлати Сомониёнро ба давлати мутамарказу мустақил ва машҳури таърих табдил дод. Исмоили Сомонӣ, ки имрӯз рамзи қудрату шавкату шони давлати тоҷикон аст, аз нобиғаҳои соҳаи сиёсат ва амал буд. Ӯ тачрибаи давлатдории Пешдодию Каёнӣ, Ашконию Сосониро ҳифз дошт. Ӯ сарлашкаре буд, ки ҳунараш аз Куруши Кабир ибтидо мегирифту хираду адолаташ аз Анӯшервони Одил. Дар ситоиши қаҳрамонҳое чун Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Бежан, Ораш сухан шунидаву бузург шуда буд.

Дар ин давра низоми давлатдорӣ такмил ёфт. Амир сардори давлат ва сарфармондеҳи артиш буд. Дар баробари даргоҳ (дарбор) даҳ идораи маъмурию ҳарбӣ – девонҳо таъсис дода шуданд. Ба ақидаи Ал-Хоразмӣ, девони сипоҳ дар давлат амал мекард ва артишро назорат менамуд. Аз 45 миллион дирҳам буҷети умумии давлат 20 миллиони он ба нигоҳ доштани сипоҳ ва музди меҳнати амалдорони давлат сарф мешуд. [1, с. 77].

Исмоили Сомонӣ барои идомаи бобарори сиёсаташ неруҳои махсуси давлат – **“гурдони хосси дарбор”-ро** таъис дод. Онҳо амир, дарбор ва амалдорони Сомониро муҳофизат мекарданд. Ин гурӯҳи размандаи чобук аз ҷавонони боқувват ва майдондида ташкил ёфта буд. Хизмати ҳарбӣ дар **“гурдони дарбор”** назму тартиби муайян дошт. Дар соли аввали хизмат сарбозон аз матои дурушт либос доштанд ва пиёданизом буданд. Дар соли дуюм ба ҳаёти саворагон ворид мешуданд. Нишонаи соли сеюми хизмат камарбанди **“кара-чурин”** ба шумор мерафт. Дар соли чорум ва панҷуми хизмат бо либосҳои оростаи бошукӯҳ ва лаҷоми хоссаи ситорадор қадрдонӣ мешуданд. Агар дар муддати 7 соли хизмат сарбоз ҷурму гуноҳе содир намекард, рутбаи **висоқабошӣ** – сардори гурӯҳи чоркасаро

сазовор мешуд. Барандаи ин рутба соҳиби кулоҳи намадии сиёҳи хатҳои симиндор ва мӯзаҳои хиром мегардид. [7, с. 30].

Сарбозони болаёқат ва хизматнишондода то рутбаи **хайлбошӣ** – сардори гурӯҳи саворон мерасиданд ва баъд метавонистад, сазовори рутбаи ҳоҷиб – сардори қисм шаванд. Сарварони ҳоҷибонро Ҳоҷиб-ал-ҳуҷаб ва фармондеҳро **Ҳоҷиби бузург** меномиданд. Рутбаи ҳарбӣ дар ин аҳд боиси ифтихор буд. Ҳоҷибон дар дарбор соҳибэҳтиром буданд. Ҳоҷиби бузург дар дарбор зиндагӣ мекард.

Ғайр аз гурдони дарбор, дар артиш озодон низ хизмат мекарданд. Қисмҳои артишро раёсати хосса назорат мекард. Дар девон дафтаре боз буд, ки номи лашкариён, синну сол, қавм ва макони зисташон сабт мешуд. Дар ҳар се моҳ маош пардохт ва дар дафтар сабт мегардид.

Хулоса, фарзандони имрӯзаи миллати тоҷик аз ниёгони худ бояд ифтихор кунанд, зеро аҷдоди мо аввалин шуда империяи бузургро дар дунё таъсис доданд, артиши онро сохтанд ва хишти аввали лашкари махсус “гурдони давлати”–ро гузоштанд, ки минбаъд, дар асри 12, ин намуди артишдорӣ дар Аврупо пайдо шуда рушд кард.

Эмомалӣ Раҳмон 23 феврали соли 1993 артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат буда, дар тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ қарор дорад ва аз ҷумлаи неруҳои захиравии Сарвари давлат ба ҳисоб меравад. [10, с. 223].

17 январи 1995 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 155 Гвардияи президентӣ таъсис дода шуд. Солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон афсарону сарбозони он дар баробари дигар кормандони сохторҳои қудратӣ дар нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, қонунӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини амният ва таҳкими истиқлоли давлатии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуданд. 26 январи 2004 баъди тағйироти сохторӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили ном кард. [4, с. 76].

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои чунин сохтор аст:

- Раёсати корҳои фармондеҳӣ;
- Сарситод (Раёсати амалиётӣ, шуъбаи ташкил ва сафарбарӣ, шуъбаи алоқа, шуъбаи хидмати қӯшунҳо ва бехатарии хидмати ҳарбӣ, Раёсати хидмати комендантӣ, оркестри ҳарбиро дар бар мегирад);
- Раёсати тайёрии ҷангӣ;
- Раёсати корҳои тарбиявӣ (аз бахшҳои тайёрии тарбияи ватандӯстӣ, интизоми ҳарбӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, корҳои рӯҳшиносӣ иборат аст);
- Раёсати аслиҳа ва техника;
- Раёсати ақибгоҳ, қисмҳои ҳарбии 051052 (Маркази тайёрии кадрҳо), 051053 (звенои авиатсионӣ), 051054 (Бригадаи махсуси комендантӣ), 051055, 051056, 051057, 051058, 051059, 051060, 051061, 051062, 051063, 051064, ММТ (маркази миллии таълимии мубориза бо маводди мухаддир воқеъ дар шаҳри Турсунзода), шуъбаи кадрҳо, шуъбаи молия.

Дар назди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Родмардон», ансамбли созию овозии «Диловарон», шуъбаи тиббӣ-ҳарбӣ ва шифохона фаъолият доранд.

Фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои волоияти қонун, садоқат ба Ватан, халқи Тоҷикистон ва Президент, башардӯстӣ, муқаддас будани масъулияти шаҳрвандӣ барои ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, тамомияти арзӣ, таҳкими истиқлол, амният ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омодагии доимии ҷангӣ ва сафарбарӣ, идоракунии мутамарказ, яккасардорӣ, риояи интизоми ҳарбӣ, нигоҳдории сирри давлатӣ ва дигар принсипҳои башардӯстона асос ёфтааст. Иҷрои тадобири маросими қабулу гусели сарони давлату ҳукуматҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, анҷоми чорабиниҳои ҳимоявӣ-низомӣ, фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораву тадбирҳои вобаста ба таъмини амнияти иншооти ҳифзшавандаи махсусан муҳимми давлатӣ, иморатҳо ва ҳудуди ҳамшафати онҳо, инчунин, акваторияҳо, ки номгӯи онҳоро Президент — Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, вазифаи асосии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм, мудофиаи гражданӣ, бартараф

намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, фалокат ва садамаҳо иштирок менамояд. Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад [2, с. 72].

Адабиёт

1. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. – Душанбе, 2008. - 470 с.*
2. *Имомов Ш. Таджикистан: Третье рождение Феникса. – Душанбе, 2011. – 210 с.*
3. *Қаҳҳоров Абдураҳим. 20 соли фаолият дар роҳи таъмимни амнияти кишвар. (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Орбита 2015. – С.11–12.*
4. *Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 2000. - 360 с.*
5. *Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2002. - 340 с.*
6. *Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 230 с.*
7. *Ҷонибеки Асрориён. Аҷдодони тоҷикон – бунёдгузорони гвардияҳои бузурги давлатӣ // 20 соли гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Орбита, 2015. – С. 24-35.*
8. *Шерали Хайрулло. Аз Гвардияи Миллӣ ифтихор дорем // 20 соли Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Орбита, 2015. – С.9–11.*
9. *Юсуфшо Яқубшо. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2023. – 232 с.*
10. *Одинаев Ш. М. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши таъриху фарҳанги тоҷикон // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025.- № 2 (115). - С.222-229.*

ТОҶИКОН – ЯКЕ АЗ АВВАЛИН ТАЪСИСДИҲАНДАГОНИ АРТИШ ВА ГУРДОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪРИХ

Мақолаи пешниҳодшуда ба таҳқиқи таърихи ташаккул ва инкишофи анъанаҳои артишдорӣ ва гвардиясозии миллати тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва пажуҳишҳои муҳаққиқони соҳа нишон медиҳад, ки таҷрибаи давлатсозию давлатдорӣ дар миёни ориёиён ва тоҷикон решаҳои хеле қадимӣ дошта, аз замони империяҳои бузурги Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кушониён ва Сосониён оғоз мегирад. Дар ин замина, мақола нақши бунёдии шахсиятҳои таърихӣ чун Куруши Кабир, Дорои Кабир ва дигар шоҳони ориёиро дар ташкилу такмили низоми ҳарбӣ, аз ҷумла таъсиси дастаи машҳури «гурдони ҷовидон», мавриди баррасӣ мегузорад. Дар идомаи таҳқиқ, мақола нақши эҳёи суннатҳои гурдсозӣ дар аҳди Сосониён ва бозтоби он дар тамаддуни Руми византягӣ ва Аврупо баррасӣ намуда, робитаи этимологии вожаи «гурд» бо мафҳуми аврупоии «гвардия»-ро нишон медиҳад. Бахши махсус ба таҷрибаи артишдорӣ ва гурдони дарбор дар давлати Сомониён ихтисос ёфтааст, ки дар он назму тартиби хизмат, марҳилаҳои болоравии рутба ва нақши муассири гурдон дар таъмини амнияти давлати Исмоили Сомонӣ равшан мегардад. Ҳамин тариқ, матн робитаи таърихӣ миёни таҷрибаи давлатдории ориёӣ, суннатҳои гурдони ҷовидон, артишдории сомонӣ ва Гвардияи миллии Тоҷикистони имрӯзаро нишон дода, аҳамияти худшиносии миллӣ ва ҳифзи мероси таърихиро дар таҳкими истиқлолу амнияти давлат таҳким мебахшад.

Калидвожаҳо: артиши давлатӣ, гурдони давлатӣ, давлати Сомониён, низоми ҳарбӣ, таърихи низомӣ, давлатдории тоҷикон, гвардия, амнияти давлатӣ, ташаккули давлати миллӣ.

ТАДЖИКИ – ОДНИ ИЗ ПЕРВЫХ СОЗДАТЕЛЕЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АРМИИ И ГВАРДИИ В ИСТОРИИ

Представленная статья посвящена исследованию истоков и эволюции военного дела и традиций создания гвардейских подразделений у таджиков и их предков–ариев. Автор, опираясь на исторические источники и исследования учёных, показывает, что опыт государственности и военной организации на территории Бактрии, Согда и Хорезма уходит в глубь веков, начиная с империй Ахеменидов, Парфян, Кушанов и Сасанидов. Особое внимание уделяется роли выдающихся личностей – Кира Великого, Дария I и других арийских правителей – в становлении регулярной армии и создании знаменитого отряда «бессмертных». Отдельный раздел посвящён Сомонида́м: описывается организация дворцовой гвардии, система званий и этапы служебного роста, роль гурдов в обеспечении безопасности государства Исмаила Самани. Автор подчёркивает преемственность военных традиций от древнеиранских «гурдов» до современной Национальной гвардии, что укрепляет национальную идентичность и независимость государства.

Ключевые слова: государственная армия, государственная гвардия, государство Саманидов, военная система, военная история, таджикская государственность, гвардия, государственная безопасность, формирование национального государства.

TAJIKS ARE AMONG THE FIRST FOUNDERS OF THE STATE ARMY AND GUARD IN HISTORY

This article provides a study of the origins and development of military traditions and the formation of state guards among the Tajiks and their Aryan ancestors. Drawing upon historical sources and scholarly research, the author demonstrates that the experience of state-building and military organization in Bactria, Sogdiana and Khwarezm dates back to the great empires of the Achaemenids, Parthians, Kushans and Sasanians. Special attention is given to the outstanding role of historical figures such as Cyrus the Great, Darius I and other Aryan rulers in creating a powerful regular army and establishing the famous "Immortals" guard. A separate section is devoted to the Samanid period, describing the organization of the palace guard, the system of ranks, stages of military service and the role of these elite soldiers in protecting the state of Ismail Samani. The article concludes that the modern National Guard of Tajikistan represents the historical continuation of the ancient "gurd" traditions, reinforcing both the country's independence and its sense of national identity.

Keywords: state army, state guard, Samanid state, military system, military history, Tajik statehood, guard, state security, formation of national state.

Дар бораи муаллиф
Равшанзод Маликфаридун
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: mgr_2015-@mail.ru

About the author
Ravshanzod Malikfaridun
Candidate of Historical Sciences, dotsent at
the Department of history of the tajik people
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki st., 17
E-mail: mgr_2015-@mail.ru

Об авторе
Равшанзод Маликфаридун
Кандидат исторических наук, доцент
кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: mgr_2015-@mail.ru

ТДУ 903

“МАСЪАЛАИ ӮРОТЕППА” ДАР ТАЪРИХИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИИ ҚӮҚАНД ДАР АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

Муминзода Н. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ин мақола вазъи Ӯротеппа дар давраи ҳукмронии Аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд баррасӣ мешавад. Умуман, дар таърихи халқи тоҷик қабул шудааст, ки дар асрҳои XVIII – XIX вилоятҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа мавзуи баҳс байни ду давлатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ буданд [5, с. 60]. Агар мо рӯйдодҳои таърихиро дар марҳилаи аввали ташаккули мулкҳои мустақил дар минтақаҳои Хуҷанд ва Усрушон таҳқиқ кунем, мебинем, ки ин вилоятҳо дар вақти арзи вуҷуд доштани давлати Аштархониён ба таркиби он дохил мешуд. Бо заиф шудани ҳокимияти марказии хонии Бухоро, минтақаи Фарғона аввалин шуда истиқлолиятро ба даст овард ва дар замони Шоҳрухбӣ (1709-1722) ба як қаламрави мустақил дар қисмати марказии водии Фарғона табдил ёфт.

Оиди муносибатҳои Қӯқанд ва Ӯротеппа, аввалин зикри Оқбутабӣ, ҳокими Хуҷанд ва Ӯротеппа [14, с. 49-54; 15, с. 624-625], дар давраи ҳукмронии Раҳимбӣ (1722-1734), писари калонии Шоҳрухбӣ, рух медиҳад. Оқбутабӣ инчунин, домоди Шоҳрухбӣ буд. Эҳтимол, домод будани Оқбутабӣ ба волии Фарғона, ба ӯ замина барои нияти муттаҳид кардани Фарғона бо мулкҳои худ фароҳам оварда бошад. Ин ният, боиси задухӯрд байни ӯ ва Раҳимбӣ гардид, ки дар ниҳоят барои ӯ ва оилааш фоҷиабор анҷом ёфт. Пас аз қатли Оқбутабӣ ва писаронаш, Хуҷанд ба қаламрави Фарғона табдил ёфт [11, с. 230; 14, с. 60; 15, с. 625]. Аммо Раҳимбӣ бо ин кор иктифо накард ва ба муваффақиятҳои худ дар забти ҳудудҳои нав, идома дод ва Ӯротеппа [3, с. 11], Ҷиззах ва Самарқандро (*гарчанде, ки дар давраи кӯтоҳ бошад ҳам*), забт кард [12, с. 280; 8, с. 15]. Дар ин давра, давлати Аштархониёнро бухрони амиқи сиёсӣ фаро гирифта, боиси он гардид, ки минтақаҳои Ӯротеппа ва Хуҷанд, ба моликияти мустақили берун аз Қӯқанд табдил ёбанд.

Дар давраи ҳуҷуми Ҷунғарҳо ба Мовароуннаҳр, ки байни солҳои 1720 ва 1740 рух дод, хонии Бухоро бо нооромиҳои сиёсӣ рӯбарӯ шуд, ки дар ниҳоят боиси аз даст додани қудрат аз ҷониби Аштархониён гардид. Сипас, ҳокими Ӯротеппа, Фозилбӣ-юз, бо даъвати волии Қӯқанд, Абдукаримбӣ, бо лашкари ӯ муттаҳид шуда, дар дафъ намудани истилогарон ширкат варзид [11, с. 233; 14, с. 61-67; 4, с. 14; 17, с. 72]. Вақте ки манғитҳо дар Бухоро ба сари қудрат расиданд, асосгузори сулолаи манғитҳо, Муҳаммад Раҳимбӣ, бо волии Қӯқанд, Эрдонабӣ иттифоқ баста, онҳо тасмим гирифтанд, ки қаламрави Ӯротеппаро, ки қаблан Фозилбӣ дар он ҷо ҳукмронӣ мекард, тобеъ кунанд [11, с. 237-238; 14, с. 63-69]. Дар навбати худ, Фозилбӣ ҳамқабилавии худ Муҳаммад Амин, ҳокими Ҳисорро барои кӯмак даъват кард. Муҳосираи муттаҳидонаи мулкҳои Ӯротеппа ва Ҳисор, ба шарофати дипломатияи моҳирона ва хирадмандонаи Муҳаммад Амин, бо пирӯзии юзҳо, ва барои бухороиён ва қуқандиён номуваффақ анҷом ёфт. Тавре, ки Мир Вафо Карминагӣ дар асари худ "Туҳфаи хонӣ" менависад, дар роҳи бозгашт, қуқандиёнро уратепагиҳо камин гирифтанд, ва як гурӯҳи онҳоро асир гирифтанд ва бераҳмона нобуд карданд ва аз сарҳои онҳо дар соҳили дарёи Оқсу ва дар атрофи Ӯротеппа калламанораҳо сохтанд [7, с. 71-73].

Соли дигар, Эрдонабӣ маъракаи интиқомӣ ташкил кард ва дар наздикии дарёи Оқсув ҷанги ҳалкунанда ба амал омад. Қӯқандиён пирӯз шуданд ва лашкари Фозилбиро асир гирифтанд. Аксарияти асирафтидаҳо қатл карда шуданд ва сарҳои буридаи онҳо барои сохтани калламанораҳо истифода шуданд [12, с. 237-238; 14, с. 63-69]. Эрдонабӣ Ӯротеппаро забт кард ва Фозилбӣ асир гирифта шуд. Шояд бо назардошти дастгирии Фозилбӣ дар ҷанги зидди қалмоқҳо-ҷунғорҳо, Эрдонабӣ ӯро бахшид ва минтақаи Ӯротеппаро ба Фозилбӣ дубора туҳфа кард. Аз ин рӯ, Ӯротеппа дар манбаъҳои хатии давраи нав, ҳамчун мулки мустақил зикр шудааст.

Оиди муносабатҳо байни мулки Ӯротеппа ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар сарчашмаҳои хаттӣ, маълумотҳои зиёде арзи вуҷуд дорад. Хусусан, дар сарчашмаҳо, ҳангоми тавсифи давраи кӯдакӣ ва ба қудрат расидани Норбутабӣ, мавҷудияти мулки феодалии мустақили Ӯротеппа, ки аз ҷониби Худоёрбӣ-юз идора мешуд, қайд карда мешавад [12, с. 259]. Худоёрбӣ-юз дар мобайни мулкҳои Фарғона ва Бухоро обрӯю эътибори калон

дошт ва бо туфайли он давлатҳои ҳамсоя ба мулки Усрушона наздикӣ намекард. Баъди вафоти Худоёрбӣ-юз Бобо-девонбегӣ-юз ном аслзодаи юзҳо ба ҷойи ӯ дар Ӯротеппа ҳоким шуд. Вақте, ки ин хабар ба амири Масъум – Шоҳмурод, амири Бухоро расид, ӯ бо мақсади тобеъ кардани минтақа ба Ӯротеппа юриши низомӣ ташкил кард. Бобо-девонбегӣ аз Норбутабӣ, волии Қӯқанд, кумак хост ва Норбутабӣ ваъдаи дастгирӣ дод ва дар иваз талаб кард, ки вилояти Хуҷанд, ки низ таҳти ҳукмронии юзҳо буд, ба қаламрави Қӯқанд гузарад. Ҳарду ҷониб розӣ шуданд. Норбутабӣ бо ҷамъ кардани лашкар, ба сӯйи Ӯротеппа пеш рафт. Вақте, ки лашкараш ба Хуҷанд расид, Саиди машҳур - яке аз авлоди машҳур ва бонуфузи асосгузори ислом Ҳакимхон Тураро ба назди амир Шоҳмурод фиристод. Амири Бухоро, ки аз тасаввуф хабардор буд ва дар вақташ барои ин номи Амир Маъсум (бегуноҳ)-ро гирифта буд, Ҳакимхон Тураро бо эҳтироми зиёд истиқбол кард ва бо дархости ӯ вилояти Ӯротеппаро тарк намуд [12, с. 259-260].

Пас аз табдил додани Қӯқанд ба хонии мустақил, Олимхон (солҳои 1800-1810) аз байни тоҷикони кӯҳистон лашкари мунтазам таъсис дод. Дар мавриди таркиби этникии артиши нави Олимхон, муаллифи “Таърихи Шоҳруҳӣ” маълумоти зеринро овардааст: артиши нав — “аскари ҷадид” ном дошта, аз ду гурӯҳ иборат буд. Гурӯҳи аввал аз 3700 сарбозе иборат буд, ки аз аҳолии Қаротегин ва Вахон буданд ва гурӯҳи дуюм аз 2200 сарбозе иборат буд, ки онҳо аз Дарвоз, Бадахшон, Шуғнон, Рӯшон, Читрал, Ғунт ва Эрон буданд [16, с. 64-65; 2, с. 80]. Дар солномаҳои таърихӣ инчунин, маълумот дар бораи истифодаи артиши навтаъсиси мунтазам, аз ҷониби Олимхон барои муҳосира ва ҳамла ба шаҳри Ӯротеппа мавҷуд аст. Пас аз анҷом додани ислоҳоти низомӣ, ӯ фавран бар зидди қаламрави мулки Ӯротеппа лашкаркаширо ташкил кард. Сарчашмаҳо қайд мекунанд, ки шаҳрро он вақт мулло Эрназар, волии амири Бухоро, идора мекард [9, с. 64]. Қӯқандиён аз тариқи Калламанора ба шаҳр наздик шуданд. Ҳангоми ҳамла ба қалъа, Олимхон аз гурӯҳҳои "куҳна" (қушуни куҳна) ва "нав" (қушуни ҷадид) дар самтҳои ҷудогона истифода бурда, бо ин васила рақобатро байни онҳо ташкил кард. Ҳар як гурӯҳ кӯшиш мекард, ки пеш аз дигаре ба қалъа ворид шавад ва шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон диҳад. Дар натиҷа, Олимхон тавонист қалъаи дастнораси шаҳрро, ки дар баландӣ бо номи Муғтеппа ҷойгир буд, бо осонӣ забт кунад [9, с. 62-64]. Ҳокими Ӯротеппа, Эрназар-манғит (*ноиби амири Бухоро*), ҳамроҳ бо се ҳазор сарбоз асир гирифта, ба Қӯқанд фиристода шуд. Яке аз сарлашкарони барҷастаи низомӣ, Қадам-иноқ-тоҷик, ҳокими Ӯротеппа таъйин шуд. Ба гуфтаи Муҳаммад Ҳакимхон, дар давраи ҳукмронии худ, Олимхон дувоздаҳ юриши низомӣ бар зидди мулки Ӯротеппа ташкил кард [11, с. 298].

Ин рӯйдодҳо, рақобати байни Аморати Бухоро ва хонии Қӯқандро барои ба қаламрави худ даровардани Ӯротеппа қатъ накард. Аммо, тақвияти хонигарии Қӯқанд дар замони Олимхон, Умархон ва Муҳаммад Алихон Аморати Бухороро маҷбур кард, ки забти мулки Ӯротеппаро ба таъхир андозад. Тавре ки таҳлили манбаъҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, пас аз ба қудрат расиданаш Умархон (1810-1822) суботи дохилиро таъмин кард ва қарор кард, ки қаламрави давлатро васеъ кунад. Ин субот, ки дар замони амир Шоҳмурод дар Аморати Бухоро ба даст омадааст, дар давраи ҳукмронии амир Ҳайдар (1800-1826) идома ёфт. Муборизаи барои Ӯротеппа байни ҳукмдори Қӯқанд ва пешвоёни қабилаи юз идома ёфт. Умархон бо истифода аз фурсати муносиб борҳо алайҳи ин вилояти азияткашида лашкаркашиҳо ташкил кард [15, с. 629]. Ба гуфтаи муаллифи “Мунтахаб ат-таворих”, бераҳмии хон ҳадду канор надошт. Дар яке аз лашкаркашиҳои худ, мавсими дарав буд, ӯ натавонист шаҳрро забт кунад ва фармон дод, ки сарбозон деҳаҳои атрофро ғорат кунанд ва заминҳои гандумро сӯзонанд.

Шоираи 16 ё 17-сола Дилшоди Барно, ки шоҳиди он рӯзҳои фоҷиабор буд, дар китоби худ “Таърихи мухоҷирон” ривояти Муҳаммад Ҳакимхонро тасдиқ мекунад ва бераҳмии Умархон ва сарбозони ӯро боз ҳам боварибахштар тасвир мекунад. Тибқи ривояти ӯ, дар яке аз лашкаркашиҳои худ Умархон ба Ӯротеппа, 13400 нафар асир гирифта шуд ва 13000 нафари онҳо маҷбуран ба Фарғона кӯчонида шуданд. Мувофиқи қоидаҳои сиёсии он замон, ба онҳо мақоми “оқ уйлук” дода шуд, ки маъноаш “соҳибони хонаи сафед” аст. Ба афроде, ки ин мақомро гирифтанд, то он даме, ки иҷозати расмӣ аз ҳукумат нагиранд, барои хона сохтан иҷозат дода намешуд ва маҷбур мешуданд, ки дар паноҳгоҳҳои муваққатӣ (дар хаймаҳо) дар минтақаи пешакӣ муайяншуда зиндагӣ кунанд. Барно нақл мекунад, ки танҳо ҳафт сол пас сокинони Ӯротеппа иҷозати сохтани хонаҳоро гирифтанд, ки дар натиҷа як шаҳр барпо гашт ва он ба шарафи Умархон номи “Шаҳрихон”-ро гирифт [2, с. 16]. Қиссаи Дилшоди Барноро

Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ дар бораи лашкаркашии Умархон ба Ӯротеппа дар соли 1232, дар моҳи ҷадӣ (19 январи соли 1817) тасдиқ мекунад. Дар ин лашкаркашӣ Умархон шаҳрро забт кард ва ба ҳамаи саидҳо - авлодони паёмбари исломро, ки асир шуда буданд, ба Қӯқанд фиристод ва фармон дод, ки аз он ҷо ба Шаҳрихон гузаранд ва зиндагӣ кунанд. Умархон мулки Ӯротеппаро ба Қосим-девонбегӣ вогузор карда, ҳамин тавр, лашкаркашии худро бар зидди ҳокими он, Маҳмудхон, ба анҷом расонд [11, с. 349-354].

Дар давраи ҳукмронии амир Ҳайдар (1800-1826), марзи байни аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд дар Оқбулоқ дар минтақаи Ҷиззах муайян карда шуд [9, с. 75]. Ин маънои онро дошт, ки қаламрави минтақаи Ӯротеппа қисми хонии Қӯқанд буд ва чи тавре ки дар боло мебинем, ин минтақа қариб ҳама вақт аз ҷониби пешвоёни қабилаи юз идора карда мешуд. Мушкил шудани муносабатҳои байни аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд боиси афзоиши ҷудоихоҳӣ дар минтақаи Ӯротеппа гардид. Муносибатҳои мураккаби байни ду давлати ҳамсоя дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ, ҳукмдори аморати Бухоро, дар солҳои охири 30-юм ва аввали 40-уми асри XIX оғоз ёфтааст. Амир Насруллоҳ, ки солҳои охири 30-юми асри XIX (1837) қӯшунҳои мунтазам ва артиши замонавӣ ташкил карда буд, мавқеи худро мустаҳкам кард ва дар Осиёи Марказӣ сиёсати гегемониро пеш бурд, ки хонигариҳои Хева ва Қӯқанд бо он мухолифат мекарданд. Ин муқовимат дар ниҳоят муносибатҳои байнидавлатиро муташанниҷ карда, ба задухӯрди мусаллаҳона бо хонии Қӯқанд дар солҳои 1840-1842 оварда расонд, ки дар он нерӯҳои амир Насруллоҳ дар наздикии Ӯротеппа дар муҳорабаи Ҳавотаг ва дар Хуҷанд дар мавзеи Тангӣ пирӯз шуданд. Дар натиҷа, на танҳо мулки Ӯротеппа, балки тамоми хонии Қӯқанд таҳти назорати аморати Бухоро қарор гирифтанд. Моҳҳои май-июли 1842 хонигарии Қӯқанд барҳам дода шуда, Муҳаммад Алихон ва оилаи ӯ қатл гардид. Иброҳим-хаёл ном яке аз ашрофони амир, ноиби мулки Қӯқанд таъйин шуд.

Пас аз муддате, аҳолии Қӯқанд бар зидди ноибони амир шӯриш бардоштанд ва хонии Қӯқанд бо роҳбарии Шералихон, намояндаи дигари сулолаи Минг, давлатро дар сарҳади қаблӣ эҳё кард. Ҳудуди хонигарии эҳёгашта расман, минтақаи Ӯротеппаро дар бар мегирифт, ки дар он ашрофони қабилаи юз нақши муҳим доштанд. Сарнавишти минбаъдаи мулки Ӯротеппа боз ҳам мураккабтар ва фоҷиабортар буд. Наздик се моҳи ҳукмронии аморати Бухоро баъди ғасби хонигарӣ, аҳолии Қӯқанд бар зидди ноибони амир муборизаро оғоз карданд ва хонии Қӯқанд бо роҳбарии Шералихон - намояндаи сулолаи Мингҳо, аз нав эҳё гардид. Вақте ин хабари нохуш ба амири Бухоро расид, ӯ аз нав лашкар ҷамъ намуда ба Ӯротеппа омад. Аз вилояти Ӯротеппа ба сӯйи Қӯқанд ҳаракат намуд ва шаҳрро ба камин гирифт. Кӯшиши амир Насруллоҳ барои забти пойтахти хонии Қӯқанд ноком шуд. Дифои қаҳрамононаи муҳофизони шаҳр дар ниҳоят ба истиқлолияти хонигарии Қӯқанд оварда расонд. Пас аз муҳосираи бенатиҷаи Қӯқанд, сарбозони амир Насруллоҳ маҷбур шуданд, ки водии Фарғонаро тарк кунанд.

Дар Фарғона, дар давраи барқароршавии сулолаи Минг, гурӯҳҳои этникии қипчоқҳои нимкӯчманчӣ ва қирғизҳои кӯчманчӣ нақши ҳалкунанда бозиданд. Дар ниҳоят, яке аз ашрофони қипчоқ, Мусулмонқул, аз заиф будани ҳукумати навтаъсис истифода бурда, табаддулоти давлатиро ташкил намуд ва вазифаи мингбоширо гирифт. Ин вазифа, дар ҳукумати Қӯқанд пас аз хон меистод ва Мусулмонқул баъди кушта шудани Шералихон (1845) ба тахти хонигарӣ писари ӯ, Худоёрхони 12-соларо шинонд ва духтари худро ба никоҳи ӯ гузаронид. Бо ҳамин роҳ, ҳокимиятро дар хонигарӣ ба дасти худ гирифт. Ӯ Ба ҳамаи вазифаҳои муҳим ҳамқавмҳои худро таъйин намуда, дар соли 1265 (1848-1849), Мусулмонқул ба минтақаи Ӯротеппа юриши низомӣ ташкил кард. Пас аз муборизаи тулонӣ, шаҳр забт карда шуд. Мусулмонқул барои интиқоми устувории ҳимоятгарон фармон дод, ки аз 900 сари буридашудаи ҳимоятгарон калламанора сохта шавад.

Тавре ки таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, мубориза барои вилояти Ӯротеппа бар Бухоро ва Қӯқанд то нимаи дуюми асри XIX идома ёфт. Ноибоне, ки амири Бухоро таъйин мекард, аксар вақт ба Қӯқанд мерафтанд, ё баръакс, ҳокими таъйинкардаи хон дар Ӯротеппа вафодории худро ба амири Бухоро изҳор намуда, ба тасарруфи он мегузашт. Ноустувор будани сиёсати ҳокимони ҷудоихоҳи Ӯротеппа аз заъфи низомӣ ва иқтисодии онҳо бармеояд. Рустамбек - юз, ҳокими Ӯротеппа, ки ба шарофати Худоёрхон назорати вилоятро ба даст оварда буд, дар моҳҳои июл-августи соли 1858 бар зидди Қӯқанд шӯриш бардошт ва сарлашкар ва ҳомии худро фаромӯш карда, сиёсати мустақилонаро идома дод. Дар натиҷа, Худоёрхон бар зидди ӯ лашкаркашии навбатии худро ташкил кард; қалъаи Муғ

муҳосира карда шуд, аммо аҳолии Ӯротеппа қалъаро далерона ҳимоя намуданд ва лашкари Худоёрхон натавонист онро забт намояд. Вақте ки онҳо маҷбур шуданд муҳосираи бесамарро қатъ намуда, ба ақиб бозгаштанд, ӯратепагиҳо дар дараи Оқсу дом гузоштанд ва ба қӯқандиён ногаҳон ҳуҷум намуда, бисёри онҳоро қир карданд. Фозилбӣ-мингбошӣ – қароқалпоқ ва як зумра амирону зиёда аз 200 сарбоз асир гирифта шуд ва Худоёрхон фирор кард. Аммо, дар адабиёт талафоти бештар дар байни мардуми Қӯқанд ва асир гирифтани сарбозон тасвир шудааст. Ба таври мушаххас, мо дар бораи ин ҳодиса мехонем: "... Худоёрхон тасмим гирифт, ки аз деҳаи Иторчӣ аз дарёи Оксу убур кунад ва аз он ҷо ба Қӯқанд фуруд ояд. Вақте, ки онҳо ба деҳаи Олмабароз (н. Девештич) расиданд, Рустамбек фурсати муносибро интихоб кард ва ногаҳон бо 2500 ҷанговарони худ ба сарбозони Қӯқанд ҳамла кард. Ҳудуди кӯҳистон буд. Душман ба воҳима афтода, рӯҳафтода шуд... Рустамбек панҷ ҳазор асир ва миқдори бешумори ғаниматро, аз ҷумла ҷавоҳиротро гирифт [14, с. 99]. Ҳамчунин, муаллифи ин маълумот, академик А. Мухторов, бар он ақида аст, ки ин ҳодисаҳо хеле пештар, дар аввали солҳои 50-уми асри XIX рух додааст [14 ,с. 99].

Дар солномаи таърихии “Таърихи ҷаҳоннамоӣ”, ки ин ҳодисаҳоро тасвир мекунад, муаллиф қайд менамояд, ки қӯқандиён ҳангоми фирор аз ҳамлаи ногаҳонии мардуми ӯротеппа талафоти бештар диданд. Қӯқандиёни фирорӣ, ки шабона дараро дида натавонистанд, пай дар пай ба он афтоданд. Садо ва ғавғои он ба атроф паҳн шуд. Вақте, ки сокинони деҳаҳои атроф, рӯзи дигар ба ҷойи фоҷеа омаданд, фарёди одамонро дар дохили дара шуниданд, аммо поёни ҷарро дида намешуд. Онҳо ресмони 50-мукааба ва 100-мукаабаро поён оварданд, аммо он ҳатто дар нисфи дара нарасид. Онҳо натавонистанд ба қӯқандиёни ба ҷоҳ афтида кӯмак кунанд ва нони ҳамвореро, ки бо худ оварда буданд, партофта, рафтанд, дигар чора наёфтанд [1, с. 210-212]. Таърих такрор шуд, зеро тақрибан сад сол пеш, мардуми Ӯротеппа дар давраи ҳукмронии Фозилбӣ-юз, ҳамин тавр ба лашкари Эрдонабӣ, ҳуҷум карда зарбаи сахт зада буданд.

Рӯзи дигар, дар наздикии деҳаи Тағояк, ҳокими Дарвоз, Яъқубшоҳ, бо Худоёрхон бо қувваҳои ёрирасони худ - камонварон аз Дарвоз, Қаротегин ва Кӯлоб вохӯрд [8, с. 59]. Худоёрхон аз ин вохӯри хеле шод шуд ва бо ёрии онҳо ба қалъаи Нов ва сипас ба шаҳри Хуҷанд расид, ки дар он ҷо Шодмонхӯҷа ҳокими ин минтақа буд, пешвоз гирифт. Худоёрхон баъди чанд вақти истироҳат, аз он ҷо ба Қӯқанд кӯчид. Пас аз ин ҳодисаҳо, Шодмонхӯҷа ба ҷойи Фозилбеки қарақалпоқ, ки аз ҷониби Рустамбек асир гирифта шуда буд, ба вазифаи мингбошӣ таъйин шуд. Фозилбеки қарақалпоқ, ҳамроҳ бо сарбозони асиршуда, ба Бухоро фиристода шуд ва амир Насруллоҳ ӯро дар Самарқанд ба дор овехт ва ҳамаи сарбозони қӯқандии асирафтидаро қатл намуд [19, с. 162].

Пас аз қатли сарбозони бегуноҳи Қӯқанд, амир Насруллоҳ як юриши низомӣ ташкил карда, ба сӯйи Ӯротеппа рафт. Пас аз муҳосираи шаҳр ва забти қалъаи Ӯротеппа, аввал худи Рустамбекро ҳамчун ташкилкунандаи асосии ҷудоихоҳӣ дар минтақа, сар бурид ва сипас пеш рафт. Пас аз ворид шудан ба он, ӯ қалъаи Нов ва сипас шаҳри Хуҷандро забт кард, аммо амир Насруллоҳ, ки аз дарси қаблии худ сабақ гирифта буд, бозистод ва сарбозон ба Бухоро баргаштанд.

Албатта, мавҷудияти вилояти Ӯротеппа ҳамчун як мулки мустақил дар як лаҳзаи муайян барои Бухоро ва Қӯқанд муфид буда метавонад. Аз ин рӯ, байни солҳои 1848 ва 1858, Рустамбек-юз ва Ғаффорбек-юз ҳар кадоме се маротиба вилоятро идора карда, барои мустақилият мубориза бурданд [14, с. 101]. Дар маротибаҳои аввал ва дуюм (солҳои 1848 ва 1854), Ғаффорбек танҳо чанд моҳ ҳукмронӣ кард. Н. Петровский дар асари худ “Очерки таърихи хонигари Қӯқанд” ӯро ҳамчун маълумотдиҳандаи худ, ровии таърихи Қӯқанд зикр мекунад [18, с. 737], аммо мо дар бораи Ғаффорбек дар манбаъҳои дигар то охири барҳамдиҳии хонии Қӯқанд мехонем. Вилоят асосан, таҳти назорати Рустамбек-юз буд. Сабаби асосии қатли Рустамбек аз ҷониби амири Бухоро дар он буд, ки дар тули таърихи Бухоро ва Қӯқанд, ашрофони қабилаи юз, бо назардошти тафовутҳои байни ду давлат, кӯшиш мекарданд, ки мухторияти васеъ ё истиқлолият ба даст оранд. Ҳамин тавр, мулки Ӯротеппа ҳамеша макони ҷудоихоҳӣ барои хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро буд. Амир Насрулло мехост ба ҷудоихоҳӣ дар минтақаи марзии давлати худ хотима диҳад ва ҳамзамон манбаи низоъро бо хонигарии Қӯқанди ҳамсоя аз байн барад. Аммо ӯ низ ин ниятро амалӣ карда натавонист. Пас аз рафтани амир Насрулло, Ӯротеппа боз дар дасти юзҳо монд, то замоне, ки шаҳр аз ҷониби империяи Русия забт карда шуд. Охирин ҳокими Ӯротеппа ҳамон

Ғаффорбек-юз буд, ки пас аз марги амир Насрулло қалъаи Новро аз Маллахон дар соли 1858 гирифта, бори сеюм вилояти Ӯротеппаро ба даст гирифт (*Ӯ баъди ду сол Ӯротеппаро партофта рафт ва чорум бор, соли 1863 аз нав вилояти Ӯротеппаро ба даст гирифт ва то ғасб шудани вилоят аз ҷониби Русия, онро идора намуд*) [14, с. 100-101].

Муборизa бо мулки Ӯротеппа пас аз лашкаркашии амир Насруллоҳ, аз ҷониби Маллахон пас аз ба қудрат расиданаш оғоз карда шуд. Он бо лашкаркашии низомӣ бар зидди Ӯротеппаи шӯришгар оғоз ёфт. Муҳосираи семоҳаи Маллахон дар Ӯротеппа натиҷае надод. Вақте, ки лашкари аморати Бухоро наздик шуд, қӯқандиён ақибнишинӣ карданд ва бухороиён Ӯротеппаро забт карданд ва Баротбек ҳокими шаҳр таъйин шуд. Пас аз рафтани лашкари аморати Бухоро, қӯқандиён боз ба Ӯротеппа лашкаркашӣ намуданд. Маллахон муҳосираи шаҳрро оғоз кард. Вазъият дар қалъа вазнин буд, аз ин рӯ, аҳолӣ аз Баротбек талаб карданд, ки шартҳои Маллахонро қабул кунад ва ба Қӯқанд итоат кунад ё қаламрави Ӯротеппаро тарк намояд. Баротбек талабҳои Маллахонро қабул кард ва ба зери назорати хонигарии Қӯқанд даромад. Ҷудоихоҳӣ бо ин тамом нашуд. Пас аз муддате Абдуғаффорбек, ҳокими собиқи Ӯротеппа, ки дар қалъаи Сангзор буд, Йом ва Зоминро дубора ишғол кард ва Ӯротеппаро забт кард. Низоъҳои шаҳрвандӣ дар атрофи минтақаи Ӯротеппа то он даме, ки империяи Русия онро забт кард, идома ёфт, ки боиси харобии аҳолии оддии минтақаи Ӯротеппа гардид. Як қисми аҳолӣ маҷбур шуд, ки дар кӯҳҳои атрофи қисмати ҷанубии минтақа маскан гиранд. Дигарон дар минтақаи Тошканд ва қисматҳои миёна ва поёноби Сирдарё маскан гирифтанд.

Т. К. Бейсембиев яке аз аввалин муҳаққиқони манбаъҳои хаттии таърихии хонии Қӯқанд, ин муборизаро байниқабилавӣ меҳисобид [2, с. 10-11]. Ӯ бовар дошт, ки ҳизби ҳукмрони тахти Қӯқанд аз қабилаи Минги узбекҳо ва ҳокимони Ӯротеппа аз қабилаи Юзи узбекҳо буданд. Ҳардуи ин қабилаҳо аз ҷумлаи 92 қабилаи узбекҳое буданд, ки Муҳаммад Шайбонӣ ба Мовароуннаҳр оварда буд. Онҳо бо ҳам хешутабории наздик доштанд ва уззҳо минтақаҳои Ӯротеппа ва Хуҷандро идора мекарданд, дар ҳоле ки мингҳо қисми марказии вилояти Фарғонаро назорат мекарданд. "Минг" (аз "ҳазор"-и узбекӣ) ва "юз" (аз "сад"-и узбекӣ) ифодакунандаи рақамҳо буда, дар байни қабилаҳо "минг" калонтарин ҳисобида мешуд. Дар маҷлисҳои сардорони қабила (қурултой-сйезд), феодалҳои мингҳо аз юзҳо болотар меистоданд. Дар адабиёт инчунин, қабилаҳои ҷавонтари "ӯн" ва "беш" [5], зикр шудаанд, аммо маълум нест, ки оё ин маълумоти охирин ба қадри кофӣ асоснок аст (*муаллиф манбаъҳоро зикр намекунад – Н. М.*).

Тавре ки таҳлили маълумоти таърихии дар боло зикршуда нишон медиҳад, вазъият дар минтақаи Ӯротеппа мураккаб буд ва андешаи дар боло зикршудаи олимони давраи Шуравиро тасдиқ мекунад, ки ин минтақа мавзеи баҳс байни Аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд буд. Гарчанде ки ин минтақа дар аксари мавридҳо тобеи ашрофони қабилаи Юз буд, он ҳамеша ба Бухоро ва Қӯқанд вобаста буд (*дар аксари мавридҳо он дар тобеияти Қӯқанд буд*).

Адабиёт

1. *Аваз Мухаммад Аттор Хуканди. Тарихи джахоннамойи. – Ташкент, 2012. – 445 с.*
2. *Бейсембиев Т.К. «Тарихи Шахрухи» как исторический источник /Т.К. Бейсембиев. – Алма-Ата: Наука, 1987. – 200 с.*
3. *Вохидов Ш. История Кокандского ханства (история ханства в источниках). - Ташкент, 2012. – 1771 с.*
4. *Елишбаев С.К. Южный Казахстан и Кокандское ханство в XVIII – середине XIX веков /С.К. Елишбаев //Автореф. дис. канд. ист. наук. – Душанбе, 2013. – 25 с.*
5. *История таджикского народа Том. II. Поздний феодализм (XVII в. – 1917 г.) /Под редакцией Б.И. Искандарова, А.М. Мухтарова. – М.: Издательство Наука, 1963. – 356 с.*
6. *Махдумзод Б. Эксклюзивная история Коканда /Бахромхонтура Махдумзод //https://centrasia.org/news A.php?st=1538947020 (санаи муроҷаат: 25.10.2025).*
7. *Мир Вафо Карминаги. Тухфа-и хони //Хрестоматия по истории Таджикской ССР /Составители А. Мухторов, И. Обидов. – Душанбе: Маориф, 1967. – С. 71-73.*
8. *Мирза Алим ибн Мирза Рахим Тошканди. Ансаб ас-салатин ва таварих ал-хавакин /Перевод, примечания и указатели – С. Юлдашева. Введение, научная редакция – д.и.н., проф. Ш. Вохидова. – Ташкент, 2007. – 255 с.*
9. *Мирзо Олим Махдум Хожи. Тарихи Туркистон. - Тошкент: Янги аср авлоди, 2009.*

10. *Мухаммад Умар Умидий Маргилоний. Тарихчайи Туроний. – Тошкент, 2012. - 208 с.+24 с. ил.+CCLXXXIV факсимиле оригинала.*
11. *Мухаммад Хаким-хан. Мунтахаб ат-таварих //Материалы по истории киргизов и Киргизии. Выпуск I. – М.: Наука, 1973. – С. 229 -232.*
12. *Мухаммад Хаким-хан. Мунтахаб ат-таварих /Перевод с персидского Э. Хуршут //Материалы по истории Средней и Центральной Азии X – XIX вв. - Ташкент: Фан, 1988. – С.276 – 295.*
13. *Мухаммадҳакимхон Тура. Мунтахаб ат-таворих. - Тошкент: Янги аср авлоди, 2010. – 716 с.*
14. *Мухторов А. История Ура-Тюбе (конец XV - начало XX вв.). – М.: Типография № 9, 1998. – 278 с.*
15. *Неъматов Н.Н., Нурмухаммади Амиршохӣ, Мирбобоев А.К., Пирумшоев Х. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуввум. Муъҷизаи классики тоҷикон. – Хучанд: Ношир, 2008. – 813 с.*
16. *Ниёз Муҳаммад Хуқандии. Ибратул хавоқин. - Тошкент: Turon zamin ziyo, 2014. – 700 с.*
17. *Плоских В.М. Киргизы и Кокандское ханство. – Фрунзе: Илим, 1977. – 367 с.*
18. *Петровский Н. Очерки Коканского ханства //Вестник Европы. 1876. – С. 733-748.*
19. *Турсунов Б.Р. История Кокандского ханства. Книга II. – Худжанд: Меъроч, 2024. – 374 с. + 20 с. иллю.*

“МАСЪАЛАИ ЎРОТЕППА” ДАР ТАЪРИХИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИИ ҚЎҚАНД ДАР АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

Дар мақола вазъи сиёсии аморати Бухоро ва хонигарии Қўқанд ва муносибатҳои онҳо дар заминаи “Масъалаи Ўротеппа” - қаламрави, ки байни ду давлатҳои мустақил баҳсбарангез буд, баррасӣ мешавад. Таҳлили манбаъҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки Ўротеппа пас аз заиф шудани хондагии Бухоро, ки аз ҷониби сулолаи Аштархониён (Ҷониён) идора мешуд, дар аввали асри XVIII ҳамчун як қаламрави мустақил пайдо шуд. Ин воқеъаҳо бо ташкили қаламрави мустақили Қўқанд рух дод. Дар аввал, ҳокими минтақа, Оқбутабӣ, тасмим гирифт, ки Қўқандро низ тобеъ кунад, аммо дар муборизаи шадид бо Абдураҳимбӣ, раҳбари сулолаи Минг, ӯ на танҳо мағлуб шуд, балки ҳамроҳ бо писаронаш низ қатл карда шуд. Ин рўйдодҳо ба ояндаи иттиҳоди қабилаҳои юз ва минтақаи Ўротеппа, ки ба ин қабила тобеъ буд, таъсири манфӣ расонданд. Дар мақола махсусан қайд мегардад, ки дар мубориза бо Бухоро ва Қўқанд, юзҳо, гарчанде муваққатан, пирўз шуданд ва қўқандиёнро ба ақибнишинӣ маҷбур сохта, бисёри онҳоро нобуд карданд, соли дигар, Эрдонабӣ ҳуҷуми нави низомӣ ташкил кард ва аз усрушониҳо интиқом гирифт. Ин муқовимат дар асри XIX низ идома ёфт ва вақте ки Қўқанд ба хонӣ табдил ёфт ва яке аз давлатҳои бузурги Осиёи Марказӣ гардид, минтақаи Ўротеппа ба ҳудуди хонӣ дохил карда шуд. Мардуми Усрушана дар давоми беш аз якуним аср барои истиқлолият мубориза бурданд, ки ин мубориза барои онҳо гарон афтод.

Калидвожаҳо: Шоҳмурод, амир Ҳайдар, Бухоро, Қўқанд, хонӣ, аморат, Аштархониён, Олимхон, Умархон, Муҳаммад Алихон, Амир Насрулло, манғитҳо, Ўротеппа, Усрушона, Фозилби, Эрдонаби, Муҳаммад Раҳимхон, мингҳо, юзҳо.

«УРА-ТЮБИНСКИЙ ВОПРОС» В ИСТОРИИ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА И КОКАНДСКОГО ХАНСТВА В XVIII – ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЕ XIX ВВ.

В статье рассматривается политическое положение Бухарского эмирата и Кокандское ханства и их отношение в контексте «Ура-тюбинский вопрос» - в спорной территории, игравший яблоком раздора между двух самостоятельных государств. Как показывает анализ письменных источников и научная литература, Ура-тюбе как самостоятельное владения формировалось в результате ослабления Бухарского ханства, где правила династия Аштарханидов (Джанидов) в начале XVIII в. это произошло параллельно формированием самостоятельного Кокандского владения. В начале правитель области Окбута-бий, решил подчинит и Коканд, но в жестокой борьбе Абдурахим-бием – главой династии мингов, получил не только поражение, а был казнён в месте с сыновьями. Эти события отрицательно повлияли дальнейшей судьбы племенного союза юзов и областью Ура-Тюбе, который был подвластен этой племени. В борьбе против Бухары и Коканда, хот временно и победили юзы, которые истребили отступивших кокандцев. Следующий год заново организовав военный поход, Эрдона-бий отомстил усрушанцев. Это противостояние продолжалось и в дальнейшем, и Коканд когда стало ханством, став одним из крупных государств Центральной Азии, область Ура-Тюбе вошло в состав ханства. Многострадальный народ Усрушаны в течение более полтора столетий боролась за независимость, которое обошлось им очень дорого.

Ключевые слова: Шахмурад, эмир Хайдар, Бухара, Коканд, ханство, эмират, Аштарханиды, Алим-хан, Умар-хан, Мухаммад Али-хан, Амир Насрулла, мангиты, Ура-Тюбе, Усрушона, Фозил-бий, Эрдона-бий, Мухаммад Рахим-хан, мингы, юзы.

THE "URA-TYUBE QUESTION" IN THE HISTORY OF THE BUKHARA EMIRATE AND THE KOKAND KHANATE IN THE 18TH - FIRST HALF OF THE 19TH CENTURIES

This article examines the political situation of the Emirate of Bukhara and the Khanate of Kokand and their relationship in the context of the "Ura-Tyube Question"—a disputed territory that was a bone of contention between the two independent states. An analysis of written sources and scholarly literature shows that Ura-Tyube emerged as an independent domain following the weakening of the Khanate of Bukhara, ruled by the Ashtarkhanid (Janid) dynasty, in the early 18th century. This occurred concurrently with the formation of the independent Kokand domain. Initially, the region's ruler, Okbuta-bi, decided to subjugate Kokand as well, but in a brutal struggle with Abdurakhim-biy, the head of the Ming dynasty, he was not only defeated but also executed along with his sons. In the struggle against Bukhara and Kokand, the Yuzes, albeit temporarily, prevailed, exterminating the retreating Kokandis. The following year, Erdona-biy organized a new military campaign and avenged the Usrushans. This confrontation continued, and when Kokand became a khanate, becoming one of the major states of Central Asia, the Ura-Tyube region was incorporated into the khanate. The long-suffering people of Usrushana fought for independence for over a century and a half, a struggle that cost them dearly.

Keywords: Shahmurad, emir Haydar, Bukhara, Kokand, khanate, emirate, Ashtarkhanids, Alim Khan, Umar Khan, Muhammad Ali Khan, Amir Nasrullah, mangits, Ura-Tyube, Usrushona, Fozil-biy, Erdona-biy, Muhammad Rahim Khan, mings, yuzs.

Дар бораи муаллиф
Муминзода Некруз Абдуманон
Унвончуи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: nekruz_muminov@mail.ru

Об авторе
Муминзода Некруз Абдуманон
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: nekruz_muminov@mail.ru

About the author
Muminzoda Nekruz Abdumanon
Assistant at the Department of History of the Tajik People
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave., 17
E-mail: nekruz_muminov@mail.ru

ТДУ 314 (575.3)

ЗАМИНАҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (1991-1997)

Хоҷамов Ф. Ш.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин падида дар солҳои 90-уми асри XX пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ авҷ гирифт. Солҳои 1991-1997 ҳамчун давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва нооромиҳои дохилӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ба ҳисоб мераванд. Дар ин марҳала, низоми марказонидашудаи собиқи шуравӣ аз байн рафт, аммо ҷойгузини муассир ва пойдоре пайдо нагардид. Тағйироти шадиди сиёсӣ, рақобати элитаҳои минтақавӣ, ва пайдоиши гурӯҳҳои мухталифи идеологӣ фазои сиёсии кишварро ноором намуд. Нокомии элитаҳои сиёсӣ дар ташкили сохтори устувори давлатдорӣ ва таъмини суботи умумимиллӣ боиси афзоиши ноэътимодӣ дар байни аҳолӣ гардид. Мардуми оддӣ, ки солҳои зиёд ба як системаи кафолатноки иҷтимоӣ ва сиёсӣ одат карда буданд, худро дар шароити номуайян ва бесарусомонӣ дарёфтанд. Ин бесуботии сиёсӣ ба шиддатёбии муҳоҷират мусоидат намуд, зеро дар набуди кафолатҳои амниятӣ ва имкониятҳои зиндагии арзанда, интихоби аввалини бисёриҳо тарки кишвар шуд. Муҳоҷират, дар чунин ҳолат, на танҳо як амал, балки як вокуниши иҷтимоиву сиёсӣ ба буҳрон ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамин давра равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ба хориҷ, махсусан ба Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтанд. Муноқишаҳо, вазъи иқтисодӣ, паст шудани сатҳи зиндагӣ ва камбуди ҷойи кор сабабгори ин раванд гардиданд. Дар натиҷа, муҳоҷират шакли асосии дарёфти даромад барои мардуми деҳот ва шаҳрҳо гардид. Дар давраи аввали истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддии сиёсӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 боиси аз даст рафтани инфрасохтори миллӣ гардид. Хазинаи давлат коҳиш ёфт ва сатҳи бекорӣ афзоиш намуд. Ш. Раҳимзода изҳор дошт, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба буҷаи кишвар зарари ҷиддии молиявию сохторӣ ворид намуд. Тибқи арзёбиҳои коршиносон, ҳаҷми умумии хисорот зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медод. Танҳо дар соли 1995 хароҷоти буҷети давлатӣ ба 95 миллион доллар расид, ки нисбат ба солҳои қаблӣ тақрибан 105 маротиба зиёдтар буд. Дар давоми панҷ соли ҷанг, тақрибан ду се ҳиссаи иқтидори истеҳсолии кишвар аз фаъолият бозмонда ё пурра хароб гардид [8]. Ин ҷанг на танҳо зарари молиявӣ овард, балки ба зиндагии мардум низ таъсири манфӣ расонид, ки ин боиси афзоиши камбизоатӣ ва муҳоҷирати маҷбурӣ гардид. Ҷанг, ки дар охири соли 1991 ва аввалҳои соли 1992 оғоз гардид, дар асоси муқобилати сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ байни гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ шурӯъ шуд. Ин муқобилат, ки сарчашмаи он нахустин гунаҳои ихтилофоти сиёсӣ ва ваҳдати нокифояи нерӯҳои сиёсӣ дар дохили кишвар буд, ба ҷанги қавмӣ ва бародариён табдил ёфт. Дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, ки баҳори соли 1992 миёни нерӯҳои исломӣ ва демократӣ аз як тараф "Фронти халқӣ" аз тарафи дигар оғоз ёфт, кишвар ба марҳалаи хеле вазнини сиёсӣ ва низомӣ рӯ ба рӯ шуд. Ин муқобилати сиёсӣ, ки дар шакли ҷанги дохилӣ қарор гирифт, боиси талафоти бузурги инсонӣ ва моли кишвар гардид. Ҷанг дар тӯли панҷ сол давом кард ва натанҳо ба шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, балки ба устувории иқтисодии он таъсири манфӣ расонид. Тибқи арзёбиҳо, ҳудуди 150 ҳазор нафар дар натиҷаи ин ҷанг кушта шуданд, ки нишондиҳандаи хисороти азими инсонӣ ва иҷтимоии кишвар аст [12].

Баста шудани корхонаҳо ва коҳиши фаъолияти истеҳсолӣ ба фалаҷ шудани бозори меҳнат овард. Аз соли 1996 ин тараф, бисёре аз корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро қатъ карданд. Дар ин давра, мавҷудияти афзоиши молҳои саноатии хориҷӣ дар бозорҳои кишвар ба назар мерасид, ки натиҷаи он вазъи ногувор дар соҳаи саноатӣ буд. Дар якҷоягӣ бо камбуди сармоягузорӣ ва бинобар сабаби фалокатҳои ҷангӣ, аксари корхонаҳои саноатӣ ё пурра нобуд шуданд, ё бо камтарин истеҳсолот фаъолият мекарданд. Он гурӯҳҳои корхонаҳое, ки ҳанӯз дар раванди истеҳсол қарор доштанд, бо моли воридотӣ,

ки ба бозорҳои Тоҷикистон омад, рақобат карда наметавонистанд, ки ин боиси заъиф шудани иқтидори истеҳсолӣ ва коҳиш ёфтани тавонмандии иқтисодӣ шуд [9, с. 267]. Дар чунин вазъият ҳазорон шаҳрвандон бе ҷои кор монданд ва имконияти таъмини хонаводаҳояшонро надоштанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ роҳи ягонаи муваққатии наҷот шуд. Гарчанде ки худи раванди муҳоҷират амалан тамоми табақаҳои ҷомеаро фаро мегирад, вале муҳимтарин ва зоҳиран, паҳншудатарин равандмуҳоҷирати меҳнатӣ ё муҳоҷирати нерӯи корӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ё муҳоҷирати нерӯи корӣ - навъи муҳоҷирате мебошад, ки ҷойивазкунии одамонро барои таъмини худ бо кор ва барои ҷустуҷӯи кор ифода менамояд. Сабаби муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад ҳам кӯшиши иваз намудани ҷои кори худ ва ҳам шароити маҳалли истиқомат, яъне сабабҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, манзилӣ-маишатӣ, экологӣ, табиӣ-иқлимӣ ва ғайра бошад.

Бояд муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ дар ҳудуди як давлат ва муҳоҷиратии байналмилалӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро аз ҳам фарқ намуд. Муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ тавассути қонунгузории миллӣ ва санадҳои идоравӣ танзим мешавад.Муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ метавонад ҷанбаи доимӣ дошта бошад, яъне барои истиқомати дооимӣ рафтан аз як кишвар ба кишвари дигар. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз рӯи қарордод аз лиҳози вақт маҳдуд буда, ҷанбаи муваққатӣ дорад (дар ин маврид истилоҳоти “коргарони меҳмон”, аз калимаи олмонии Gastarbeiter ё гастарбайтер; муҳоҷирати мавсимӣ, муҳоҷирати коргарони наздисарҳадӣ (фронталер) мавриди истифода қарор мегиранд).

Ҳарчанд муҳоҷирати меҳнатӣ дар оғоз ба таври худсарона ва бе ҳимояи ҳуқуқӣ сурат мегирифт, бо мурури замон шаклҳои расмии он ташаккул ёфтанд. Муаллиф Ф. Абдурашитов дар мақолаи «Особенности и тенденции миграционниых процессов конца XX – начала XXI вв. в Таджикистане» чунин баён намудааст. Равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хосиятҳои махсуси худро доштанд, ки метавон онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

- муҳоҷирати маҷбурӣ (иҷборӣ);
- ҷобаҷогузории дохилӣ;
- муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ;
- кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои зарардида, махсусан минтақаҳои обхезии нерӯгоҳҳои барқи обӣ;
- кӯчонидани аҳолӣ ба минтақаҳои нави рушд ва рушди иқтисодӣ;
- муҳоҷирати экологӣ, ки бо вуҷуди табиии он, дар шакли муташаккил даромад ва ба муҳоҷирати иҷтимоии аҳолӣ табдил ёфт.

Омили муҳим ва ҷиддие, ки боиси афзоиши муҳоҷирати иҷборӣ дар Тоҷикистон шуд, шиддати муқовимати шаҳрвандӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 мебошад [1, с. 4]. Муқовимати дохилии иҷтимоиву сиёсӣ, ки аз тобистони соли 1992 то моҳи июни соли 1997 давом кард, сабаби афзоиши назарраси муҳоҷират гардид. Чуноне ки Ш. Насимов дар таҳқиқоташ ишора мекунад, аз оғоз ёфтани задухурдҳои мусаллаҳона дар Тоҷикистон, зиёда аз 284,6 ҳазор нафар шаҳрвандон кишварро тарк намуданд. Аз ин миқдор, беш аз 255 ҳазор нафар гурезаҳо аз Тоҷикистон хориҷ шуда, ба кишварҳои дигар муҳоҷир шуданд. Ин раванди муҳоҷират на танҳо ба вазъи сиёсати дохилии кишвар таъсири амиқ гузошта, балки ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳалаи таҳкими истиқлолияти худ қарор дошт, таъсирҳои ҷиддии геополитикӣ ва иқтисодӣ расонид [7, с. 4]. Афзоиши шумораи гурезаҳо ва муҳоҷирон ҳангоми тасаввур кардани иқтидори иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки кишвар дар ҳолати транзити низоъ ва барқарорсозии устуворӣ қарор дошт, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо масоили ҷиддии гуманитарӣ, сармоягузорӣ ва кӯмакҳои хориҷӣ рӯбарӯ шуд. Вақт ва кӯшишҳо барои таъмини шароити зиндагии дастгирии муҳоҷирон ва аён кардани пайомадҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ барҳам хӯрдани истеҳсолот ва фалокати инфрасохтор муҳим гардид.

Ба гуфтаи муҳаққиқон А.И. Архипцев ва Р.Ф. Джобиров, аз соли 1992 то 1995 дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ дар Тоҷикистон, тахминан 60 ҳазор нафар ба хоки Афғонистон паноҳ бурдаанд. Илова бар ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳамин давра муҳоҷират байниҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми умумии муҳоҷират то андозае афзоиш ёфта, аз 34,6 фоизи соли 1989 ба 71 фоиз дар соли 1992 расид. Танҳо дар соли 1992, тахминан 100 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ кӯч бастанд. Аз ин миқдор, 66

фоиз ба Федератсияи Россия, 18 фоиз ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 8 фоизи дигар ба Украина муҳоҷир шуданд [5, с. 15].

Дар давоми солҳои 1991-1995, тахминан 76,2 ҳазор нафар русзабон ба кишварҳои дигар муҳоҷират карданд. Аммо, ин раванд на танҳо хуруҷи аҳолии русзабонро дар бар мегирифт. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки аҳолии муҳоҷиршудаи Тоҷикистон, ки кишварро тарк карданд, намояндагони тамоми қавмҳои сокини мамлакат буданд. Ба таври мушаххас, бештарини муҳоҷирон намояндагони миллатҳои русӣ буданд, ки ҳиссаи онҳо дар умумии муҳоҷирон дар солҳои 1989-1995 тақрибан 50,2%-ро ташкил дод. Пас аз русҳо, тоторҳо бо 10,3%, олмонҳо бо 8,1%, украинҳо бо 5% ва яҳудиён бо 3,2% қарор гирифтанд [10, с. 43].

Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки асосан ба кишварҳои пасошуравӣ муҳоҷир шуданд, бештар ба Федератсияи Россия сафар мекарданд. Тибқи таҳлилҳои муҳақиқ Р. Абулҳаев, ки дар китоби Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) оварда шудааст, дар моҳи феврали соли 1990, дар ҳолатҳои экстремалӣ ва нооромиҳои сиёсӣ, аъзои зиёди аҳолии Тоҷикистон кишварро тарк карданд. Одамон на танҳо ба Федератсияи Россия, балки ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳатто ба кишварҳои берун аз он, барои ҷустуҷӯи амният ва шароити беҳтар барои зиндагӣ кӯчиданд [4, с. 407].

Гуфтан ба маврид аст, ки бештари гурезагон ба Россия муҳоҷир шуданд. Бисёри тоҷикон забони русиро (ҳадди ақал дар сатҳи гуфтугӯ) медонистанд, зеро он забони расмии Иттиҳоди Шуравӣ буд. Ин омил муошират, корҷӯӣ ва мутобиқшавиро дар Россия барои онҳо осон кард. Дар солҳои 1990 назорат дар сарҳадҳо заиф ва рафтуои байни кишварҳои пасошуравӣ озод буд. Тоҷикон метавонистанд бе раводиди душвор ва бо хароҷоти кам ба Россия сафар кунанд. Россия баъд аз пошхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ бо камбуди нерӯи корӣ рӯбарӯ шуд, бахусус дар бахшҳои сохтмон, хидматрасонӣ ва кишоварзӣ. Тоҷикон, бо омодагӣ ба кор ва маоши паст, ба осонӣ дар ин ҷойҳо ҷалб мешуданд. Дар натиҷа, муҳоҷирати меҳнатӣ аз падидаи фардӣ ба раванди оммавӣ мубаддал гашт. Дар таҳлилҳои муҳақиқ Р. Абулҳаев, ки дар монографияи худ ба он ишора мекунад, муаммои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ин аст, ки аксари муҳоҷирон бе тахассус ва малакаи касбӣ барои кор ба хориҷа сафар мекунанд. Ба гуфтаи муҳақиқ, беш аз нимӣ муҳоҷирон барои дарёфти маблағ ва бе касбу кор ба кишварҳои дигар меравад, ки ин дурустии шароити кории онҳо ва имкониятҳои дарёфти шеватарини муқаррарӣ ва корҳоро маҳдуд мекунад. Таҳқиқоти оморӣ нишон медиҳад, ки 57% пурсидашудагон ба муҳоҷират барои кори бе тахассус иқдом мекунанд. Ҳарчи бештар, ин муҳоҷирон ба ҳисоби асосии ҷавонон иборатанд, ки пеш аз муҳоҷират дар вазифаҳои касбӣ кор намекарданд ва амалан малакаи касбии муайянро соҳиб набуданд [2, с. 71].

Зикр кардан ба маврид аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ таъсири амиқ ба сатҳи зиндагии оилаҳои тоҷик расонд. Маблағҳои фиристодашуда барои таъмини асосии рӯзгор истифода мешуданд. Онҳо имкони пардохти таҳсил, хӯрок, либос ва ҳатто сохтмони манзилро фароҳам оварданд. Дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди он, на танҳо мардон, балки шумораи зиёди занон низ кишварро тарк карданд. Занон низ яке аз гурӯҳҳои осебпазир дар ҳар гуна низоъҳои мусаллаҳона ба ҳисоб мераванд ва дар маркази муҳоҷирати маҷбурӣ қарор гирифтанд. Занон на фақат барои наҷот додани ҷони худ ва фарзандонашон гурехтанд, балки муҳоҷират барои онҳо як таҷрибаи сахти зиндагӣ шуд, ки зиндагии иҷтимоӣ, ҳиссиёт ва муносибаташонро бо дигарон тамоман дигар намоянд. Яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати занон дар ин давра ин таҳдид ба амнияти ҷисмонӣ ва равонии онҳо буд. Занон дар минтақаҳои ҷангзада ба таври оммавӣ мавриди хушунат, таҳқир ва таҷовуз қарор мегирифтанд. Қатлу ғорат, таҷовузи ҷинсӣ ва фишори равонӣ онҳоро маҷбур мекард, ки бо фарзандон ба минтақаҳои нисбатан ором кӯч банданд ё ба кишварҳои ҳамсоя паноҳ баранд. Ҳарчанд шумораи муҳоҷирони зан камтар аст, нақши онҳо дар таъмини оилаҳо бештар эҳсос мешавад.

Пас аз таҳлилҳои расмии Федератсияи Россия, дар соли 1996 маълум гардид, ки бештар аз 20,000 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон барои муҳоҷират ба Россия ворид шудаанд. Ғайр аз ин, шумораи умумии шаҳрвандони тоҷик, ки дар Россия ҳамчун гурезагон ё муҳоҷирони иҷборӣ сабт гардидаанд, ба бештар аз 200,000 нафар расид. Ин омор нишон медиҳад, ки муҳоҷирати маҷбурӣ ва меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар он давра ҷиҳатҳои амиқ ва пурзаминаи иҷтимоии кишварро таҳти таъсир қарор додааст [6].

Муҳоҷирати занон бо масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии хос рӯ ба рӯ мебошад. Бо вуҷуди ин, шумораи онҳо дар муҳоҷират тамоюли афзоиш дорад. Муҳоҷирон асосан дар бахшҳои ғайрирасмии иқтисодиёти кишвари қабулкунанда фаъолият менамоянд. Инҳо соҳаҳое мебошанд, ки талаботи меҳнат зиёд аст, аммо шароити кор душвор. Қонуният ва ҳуқуқи меҳнатии онҳо аксаран поймол мегардад. Бо вуҷуди ин, муҳоҷирон ба сабаби зарурати молиявӣ омодаанд чунин шароитро бипазиранд. Ин падида аввалин бор дар таърихи муосири Тоҷикистон бо миқёси васеъ ба қайд гирифта шуд. Дар гузашта муҳоҷирати занон аксаран дар дохили кишвар сурат мегирифт, вале пас аз соли 1991 он ба хориҷи кишвар ба давлатҳои собиқ Шуравӣ ва ҳамсоя, афзоиш ёфт. Муҳоҷирати занон дар ин давра на танҳо натиҷаи фишорҳои иқтисодиву сиёсӣ буд, балки дар баробари он, муносибати нави занонро нисбат ба нақши иҷтимоии худ инъикос мекард. Сабабҳои асосии муҳоҷирати занонро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: омилҳои маҷбурӣ (ҷанг, ноамнӣ, фақр) ва омилҳои интихобӣ (корёбӣ, таҳсил, озодӣ). Ин ду гурӯҳи омилҳо дар ҳамбастагӣ ба таври системавӣ фаъолият карданд. Занони муҳоҷир бештар аз минтақаҳои осебдида ва камбизоат омада, талош доштанд барои худ ва фарзандонашон зиндагии беҳтар фароҳам ованд. Аксар вақт, онҳо дар ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳои Россия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон мерафтанд. Раванди муҳоҷирати занон бо вижагиҳои гендерӣ тавсиф шуда, мушкилоти махсуси ба занон хос, аз ҷумла зӯроварии асосёфтаи ҷинсӣ, маҳдудияти ҳуқуқӣ ва нокифоягии дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегирифт. Бо вуҷуди ин, ин гурӯҳ тавонист дар бисёр ҳолатҳо ба мустақилшавӣ ва худбаҳодиҳӣ даст ёбад. Занон дар муҳити муҳоҷират масъулияти иқтисодии хонаводаҳои худро бар дӯш гирифтанд ва нақши фаъолтар дар таъмини рӯзгори онҳо пайдо карданд. Дар натиҷаи муҳоҷират, бисёре аз занон соҳиби дониш, таҷрибаи касбӣ ва сармоя гардиданд, ки ин имконият дод, то пас аз бозгашт дар рушди иҷтимоиву иқтисодии маҳалли худ саҳмгузор бошанд. Бо вуҷуди дастовардҳо, муҳоҷирати занон инчунин бо хатарҳо ва оқибатҳои манфӣ низ ҳамроҳ буд. Аз ҷумла, ҷудоии оилавӣ, шикастани робитаҳои иҷтимоӣ ва пастравии сатҳи амнияти гендерӣ аз мушкилоти муҳими он замон маҳсуб меёфт. Бо гузашти вақт, муҳоҷирати занон дар ҷомеаи тоҷик ҳамчун як падидаи иҷтимоии дорои паҳлуҳои мураккаб ва таъсиргузор эътироф гардид, ки арзёбии он аз нигоҳи илмҳои ҷомеашиносӣ ва гендершиносӣ аҳамияти хос дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши муҳоҷирати занон дар давраи солҳои 90-ум на танҳо барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоии Тоҷикистон, балки барои таҳияи сиёсатҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ дар кишвар низ дорои аҳамияти амалӣ ва назариявӣ мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷиҳати гендерӣ, бо афзалиятнокии мардон хос аст. Тибқи натиҷаҳои як назарсанҷии гузаронидашуда дар соли 2002, 85% муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои дарёфти даромад ба хориҷ сафар мекунанд, мардон мебошанд, дар ҳоле ки ҳиссаи занон танҳо 15% мебошад. Ин омор нишон медиҳад, ки муҳоҷират ба фаъолияти асосии мардон маҳдуд буда, инчунин камбуди иштироки занон дар муҳоҷирати иқтисодиро таъкид мекунад. Аз рӯи сатҳи маълумот, муҳоҷиронро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард. Гурӯҳи аввал, ки ҳиссаи зиёди муҳоҷиронро ташкил медиҳад, ҷавононе мебошанд, ки таҳсилоти миёна ё миёнаи нопурра (синфҳои 9-11) доранд. Танҳо як ҳиссаи ночиз аз онҳо тахассуси касбӣ доранд. Гурӯҳи дуюмро шаҳрвандони миёнасоли кӯҳансол ва коргарони собиқадор, ки дорои таҷрибаи корӣ ва тахассусҳои муайян мебошанд, ташкил медиҳанд [3, с. 72].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки чунин сохтор зери таъсири омилҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Аз як тараф, сатҳи баланди бекорӣ ва набудани ҷойҳои кори устувор дар дохили кишвар, махсусан барои ҷавонон, онҳоро водор менамояд, ки бо вуҷуди набудани тахассуси касбӣ, барои дарёфти имкониятҳои корӣ ба хориҷи кишвар раванд. Аз ҷониби дигар, мутахассисон ва шахсони дорои таҷрибаи касбӣ низ бинобар паст будани маош ва набудани шароити муносиб, муҳоҷиратро ҳамчун роҳи беҳтар барои таъмин намудани рӯзгори худ ва оилаҳояшон интихоб кунанд. Мувофиқи маълумоти расмӣ, шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки барои иҷрои корҳои муваққатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷ сафар кардаанд, дар давраҳои гуногун чунин ба назар мерасад, дар сентябри соли 2001 - 206,718 нафар, дар феврали соли 2002 - 165,376 нафар ва дар августи соли 2003 - 347,562 нафар. Аз ин миқдор, дар соли 2003, 96,9% (336,754 нафар)

муҳоҷирон ба Россия сафар намуда, дар онҷо ба фаъолиятҳои меҳнатӣ машғул шуданд, дар ҳоле ки 1,4% (4,870 нафар) дар Қазоқистон фаъолият намудаанд [11, с. 507].

Муҳоҷироне, ки дар кишварҳои гуногун, махсусан дар Россия кор ва фаъолият менамоянд, на танҳо шароити иқтисодии шахсии худро беҳтар месозанд, балки қисми назарраси даромади худро бо мақсади дастгирии моддии хонаводаҳояшон ба Тоҷикистон интиқол медиҳанд. Ҳаҷми ин маблағҳо сол аз сол афзоиш меёбад. Масалан, дар соли 2006 муҳоҷирон аз Россия ба Тоҷикистон тақрибан 600 миллион доллари амрикоӣ (баробар ба 1,8 миллиард сомонӣ) ирсол намуданд. Ин рақам дар соли 2008 ба 2 миллиарду 670 миллион доллар (ки ин тақрибан 52%-и маҳсулоти умумии дохилӣ мебошад) расид. Бо вуҷуди мушкилоти иқтисодии соли 2009 ва буҳрони молиявӣ, маблағҳои воридотӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ ба андозаи 2 миллиард доллар ворид шудааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, инчунин баъзан вазъи сиёсӣ, то андозае ба фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади беҳтар кардани шароити кору зиндагии муҳоҷирон бо ҳукуматҳои кишварҳои қаблӣ, бахусус Россия, музокиротро пеш мебарад. Ҳамзамон дар дохили кишвар барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи касбомӯзӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои ҷавонон чораҳои муассир амалӣ мешаванд.

Бо дарназардошти нақши калидии муҳоҷирати меҳнатӣ дар иқтисоди кишвар ва таъсири он ба зиндагии садҳо ҳазор шаҳрванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир як қатор чораҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро ба иҷро расонидааст. Ин тадбирҳо ҳам дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар хориҷ ва ҳам дар самти омодасозии онҳо дар дохили кишвар равона гардидаанд. Яке аз қадамҳои муҳим, таъсиси Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошад, ки масъулияти омодагии пеш аз сафари муҳоҷирон, касбомӯзӣ, машварати ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии раванди муҳоҷирати меҳнатиро бар дӯш дорад. Ин ниҳод инчунин дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои хориҷӣ, курсҳои омӯзиши касбӣ ва забономӯзиро барои хоҳишмандон ташкил менамояд. Ҳамзамон, Тоҷикистон бо кишварҳои қабулкунандаи қувваи корӣ, махсусан бо Федератсияи Россия, созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ ба имзо расондааст. Ин санадҳо заминаи ҳуқуқиро барои муҳоҷирон фароҳам оварда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дар кишварҳои мизбонро таъмин мекунанд. Илова бар ин, давлат тавассути барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кӯшиш дорад дар дохили кишвар имкониятҳои кору даромадро зиёд намуда, вобастагӣ ба муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш диҳад. Чунин барномаҳо бахусус ба рушди соҳибкории хурду миёна, саноати сабук ва кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин тадбирҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон муҳоҷиратро на ҳамчун як раванд, балки ҳамчун як падидаи иҷтимоию иқтисодии муҳими миллӣ қабул кардааст ва кӯшиш менамояд онро ба самти манфиати шаҳрвандон ва рушди кишвар равона созад.

Ҳамин тавр, муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки барои кам кардани сатҳи таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои ҷомеа ба таври умум чораҳо дида шавад, новобаста аз он ки иқтисоди ҷумҳурӣ қобилияти ҳаллу фасл намудани масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолиро дар ояндаи наздик надорад. Вақти он расидааст, ки тамоми ташкилоту муассисаҳои манфиатдор муҳоҷирати меҳнатиро на танҳо аз мавқеи манфиатҳои иқтисодӣ, балки аз нуқтаи назари таъсири он ба тафаккури мардум. арзишҳои фарҳангию маънавии он, тарбияи фарзандон ва таҳкимбахшандаи муносибатҳои оилавӣ ва ҳифзи саломатӣ баҳо диҳанд.

Адабиёт

1. *Абдурашитов, Ф.М. Особенности и тенденции миграционниых процессов конца XX – начала XXI вв. в Таджикистане / Ф.М. Абдурашитов // Муаррих. – 2021. – №3. – С.23-30.*
2. *Абулхаев, Р.А. Из истории трудовой миграции Таджикистана в конце XX - начале XXI в. / Р.А. Абулхаев. – Душанбе: Офсет-империя, 2017. – 384 с.*
3. *Абулҳаев, Р.А. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) Қисми якум. – Душанбе: "Дониш", 2012. – С. 492.*
4. *Абулҳаев, Р.А. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-1941). [Матн] / Р.А. Абулҳаев. – Душанбе: “Ирфон”, 2003.– 268 с.*
5. *Архипцев, А.И, Джобиров Р.Ф. Миграционные процессы в республике таджикистан: Особенности развития и оптимизации / А.И. Архипцев, Р.Ф. Джобиров. – Актуальные*

проблемы уголовного права и уголовного процессуального права. – 2011. – №20 С. 15-20.
6. *Всемирный обзор положения беженцев Комитета США по делам беженцев 1997 - Таджикистан. [Манобеи электронӣ]. Низоми дастрас: ttps://www.refworld.org/reference/annualreport/uscri/1997/en/80724?utm_source=chatgpt.com*
7. *Насимов, Ш.Ш. История таджикских диаспор и общественных Организаций в регионах российской федерации (1991-2021 гг.) / Ш.Ш. Насимов. Душанбе, 2024. – 384 с.*
8. *Раҳимзода, Ш. Зарари ҷанги шаҳрвандӣ 105 баробар бештар аз буҷаи Тоҷикистон буд - Sputnik Тоҷикистон. [Манобеи электронӣ] / Ш. Раҳимзода. – Низоми дастрас: 14.11.2024.https://sputnik.tj/20241114/rahimzoda-zarari-jangi-shahrvandi-beshtar-bujai-tojikiston-1065121184.html*
9. *Раҳматов, Ҳ.У. Ваъзи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ / Ҳ.У. Раҳматов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2024 №2. (109) – С. 267-272.*
10. *Статистический ежегодник Республики Таджикистан.-Душанбе, 2002.-С.30.*
11. *Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довуди С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 567 с.*
12. *Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба ривояти тасвир [Манобеи электронӣ]. Низоми дастрасӣ: https://sputnik.tj/20240214/jang-shahrvandii-tojikiston-rivoyati-tasvir-1061686269.htm*

ЗАМИНАҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (1991-1997)

Дар ин мақола муаллиф масъалаи мазкурро аз дидгоҳи илмӣ таҳлил намудааст. Вай ба мақолаҳои муҳаққиқони соҳа, маълумоти оморӣ ва таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қонунҳо ва қарорҳои марбут ба муҳоҷират мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд такя намудааст. Ин таҳлил заминаҳои асосии ба вуҷуд омадани муҳоҷирати меҳнатиро равшан менамояд. Муаллиф нишон медиҳад, ки муҳоҷират заминаи ташаккули ҷомеаҳои диаспорӣ гардид. Тоҷикон дар хориҷ гурӯҳҳои устувори муҳоҷириро ташкил доданд. Онҳо бо ҳам пайваст шуда, ҳувияти миллиро дар муҳити бегона нигоҳ доштанд. Ҳамин тавр, муҳоҷират таъсири иҷтимоии дарозмуддат низ ба бор оварда. Ҷомеаҳои диаспорӣ дар мустаҳкам кардани робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар нақши муҳиме бозиданд. Муносибатҳои муҳоҷирон бо мақомоти хориҷӣ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ як намуди нави дипломатияи ғайрирасмӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат дар баробари душвориҳо, имкониятҳо низ эҷод намудааст. Таъсири муҳоҷират аз сатҳи шахсӣ ба сатҳи сиёсатӣ давлатӣ расидааст. Хулоса, муаллиф бо истифода аз таҳлилҳои илмӣ ва далелҳои муътамад моҳияти равандро равшан сохтааст. Ин раванд ба як падидаи муайяни иҷтимоӣ ва ҳатто стратегияҳои иқтисодии кишвар табдил ёфтааст. Омӯзиши он барои фаҳмиши равандҳои имрӯза аҳамияти хосса дорад.

Калидвожаҳо: Иттиҳоди Шуравӣ, давлат, ҷанги шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, коҳиш, истеҳсолот, шаҳрванд, бекорӣ, маош.

ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ (1991–1997)

В данной статье автор анализирует данную проблему с научной точки зрения. Он опирается на статьи исследователей в данной области, статистические данные, а также анализ нормативно-правовых актов, законов и решений, связанных с миграцией. Этот анализ проливает свет на основные причины возникновения трудовой миграции. Автор показывает, что миграция стала основой формирования диаспорных сообществ. Таджики за рубежом сформировали устойчивые иммигрантские группы. Они объединились и сохранили свою национальную идентичность в иноэтнической среде. Таким образом, миграция имела и долгосрочное социальное воздействие. Диаспорные сообщества сыграли важную роль в укреплении межгосударственных связей Таджикистана с другими странами. Отношения мигрантов с зарубежными властями и общественными организациями рассматриваются как новый тип неформальной дипломатии. Эта ситуация, наряду с трудностями, создавала и возможности. Влияние миграции распространилось с личного на политический и государственный уровень. В заключение автор, опираясь на научный анализ и достоверные данные, прояснил суть этого процесса. Этот процесс стал специфическим социальным явлением и даже экономической стратегией страны. Его изучение имеет особое значение для понимания современных процессов.

Ключевые слова: Советский Союз, государство, гражданская война, политический, социальный, экономический, трудовая миграция, сокращение, производство, гражданин, безработица, заработная плата.

THE REASONS FOR LABOR MIGRATION IN TAJIKISTAN (1991–1997)

In this article, the author analyzes this issue from a scientific perspective. He draws on articles by researchers in the field, statistical data, and an analysis of regulations, laws, and decisions related to migration. This analysis sheds light on the underlying causes of labor migration. The author demonstrates that migration became the foundation for the formation of diaspora communities. Tajiks abroad formed stable immigrant groups. They united and preserved their national identity in a foreign environment. Thus, migration also had a long-term social impact. Diaspora communities played an important role in strengthening Tajikistan's interstate ties with other countries. Migrants' relations with foreign authorities and public organizations are viewed as a new type of informal diplomacy. This situation, along with difficulties, also created opportunities. The impact of migration extended from the personal to the political and governmental levels. In conclusion, the author, relying on scientific analysis and reliable data, clarified the essence of this process. This process became a specific social phenomenon and even the country's economic strategy. Its study is particularly important for understanding contemporary processes.

Keywords: Soviet Union, state, civil war, political, social, economic, labor migration, layoffs, production, citizen, unemployment, wages.

Дар бораи муаллиф
Хоҷамов Фурқат Шералиевич
Докторанти PhD-и шуъбаи таърихи навтарин
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: khojamovfurkat@gmail.com

About the author
Khojamov Furkat Sheralievich
Doctoral student PhD, of the Department of Modern History
Institute of History, Archeology and Ethnography named A. Donish NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, 33
E-mail: khojamovfurkat@gmail.com

Об авторе
Ходжамов Фуркат Шералиевич
Докторанти PhD отдела новейшей истории
Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: khojamovfurkat@gmail.com

ТДУ 327:37(575.3)

ВАЗЪИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪМИНИ КАДРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИЮ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (1991-2021)

Каримзода М. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият менамуд, ки аз ин 9-тоаш омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ буда, дар онҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тайёр карда мешуд. Дар ин солҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40,7 ҳазор донишҷӯён таҳсил менамуданд, ки дар фаъолияти онҳо баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ мушкилоти зиёд ба миён омад. Дар як вақт муассисаҳои мазкур аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии даврони шӯравӣ амал менамуданд ва мушкилоти дигари ин соҳа бо забони давлатӣ мавҷуд набудани китоб ва маводи таълимӣ буд.

Аз сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ садҳо омӯзгорону кормандони ин муассисаҳои таълимӣ ҷумҳуриро тарк намуданд. Маоши омӯзгорони ин муассисаҳо нисбат ба дигар муассисаҳои таълимӣ паст буда, 76 сомониро ташкил медод. Проблемаи асосӣ нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии тамоми кишвар ба назар мерасид. Хеле кам маблағгузори намудани соҳа ба он оварда расонид, ки заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ кӯҳнаю фарсуда гарданд. Вобаста ба талаботи зиёд шудани шумораи аҳолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба рушду нумӯи муассисаҳои соҳаи омӯзгорӣ, махсусан омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ аҳамияти калон дода шуд. Барои таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ (1991), Мастчоҳ (1991), Ҷиргатол (1995), шаҳри Роғун (1995) ва ғайра омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ таъсис дода шуд. Дар натиҷа шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ ба 16 адад расонида шуд [10, с. 180].

Дар давраи Истиқлол на танҳо мазмуни таҳсилот тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карданд ва ба талаботи имрӯзаи ҷомеа мутобиқ гардонида шуданд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани таҳсилот омӯзишгоҳҳо ва техникумҳо тадриҷан ба коллеҷҳои мустақил ва сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил дода шуданд. Омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд (1999) ба коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил дода шуда, нақша ва барномаҳои таълимии онҳо иваз гардид ва ба курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқ гардонида шуданд.

Дар ин муассисаҳои таълимӣ тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои математика, филологияи тоҷик, филологияи рус, таърих ва баъдан забони англисӣ ва математика-информатика ба роҳ монда шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароит ва тақозои замон дар муассисаҳои соҳаи тиб низ тағйироти куллӣ ба амал овард.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1999 № омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар, Хуҷанд ва шаҳри Душанбе ба коллеҷҳои тиббӣ табдил дода шуданд. Ҳамзамон, бинобар сабаби суст будани заминаҳои моддию техникӣ, таълимию кадрӣ ва набудани талабот як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барҳам дода шуданд. Аз ин сабаб микдори онҳо дар ин давра сол ба сол тағйир меёфт. Танҳо дар соли 2000 микдори чунин муассисаҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ 53 адад буд. Вобаста ба ин қабул ва хатми донишҷӯён низ сол ба сол тағйир меёфт. Қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 1991-1992 14914 нафар ва дар соли таҳсили 1995-1996 9528 нафарро ташкил медоданд [5, с.102].

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра барои рушду нумуи соҳаи маориф тадбирҳо меандешид. Бо назардошти ин, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2006, №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006, №594 «Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва литсейҳои касбӣ) аз сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Акнун дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон вазифаи масъулиятноки ба низом даровардани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва барқарор намудани мақому манзалати онҳо меистод. Дар муддати на чандон тӯлонӣ ҷиҳати татбиқи тарзи модулии таҳсилот, беҳтар намудани заминаҳои моддию техникӣ ва таълимию методӣ, баланд бардоштани иқтидори ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд [9, с. 28].

Барои таъмин кардани эҳтиёҷоти иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо кадрҳои коргарӣ ва бо ба инобатгирии талаботи бозори меҳнати дохилию хориҷии Тоҷикистон соли хониши 2007-2008 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ихтисосҳои нав ҷорӣ карда шуданд, ки дар маҷмуъ аз рӯйи 96 ихтисос ба муассисаҳои таълимӣ хонандагон қабул карда шуданд.

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки маҳсули кори омӯзгор бо донишҷӯ асосан додани донишҳои навин ва арзёбӣ намудани сатҳи дониши онҳо мебошад. Бинобар ин ба риштаи таҳлил кашидани сатҳи дониши донишҷӯён, ки асосан тибқи сесияҳои имтиҳонҳо муайян карда мешаванд аҳамияти зарурӣ доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар сатҳи дониши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбии ҷумҳуриро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем:

Ҷараёни имтиҳонҳоро дар коллеҷҳои техникӣ, политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.01 то 20.01.2012 дида мебароем. Пажуҳиш нишон дод, ки рафти имтиҳоноти сессияи зимистона дар Коллеҷи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида амалӣ гардида, зимни имитиҳонсупорӣ 251 нафар (22%) донишҷӯён ба имтиҳонҳои такрорӣ мононда шудаанд, ки аз сатҳи пасти дониши онҳо дарак медиҳад [1, с. 172].

Рафти санҷиши имтиҳоноти зимистона дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз фанни математика нишон дод, ки аз 50 то 71 % -и донишҷӯёни гурӯҳҳои 2-2909, 2-2905, 2-2903 баҳои «2» гирифтанд. Аз фанни химияи ғайриорганикӣ бошад, 34%, аз фанни масолеҳшиносӣ 24%-и донишҷӯён баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд [2, с. 141].

Дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, рафти имтиҳонҳо дуру ст ба роҳ монда шуда, ҷадвали имтиҳонҳо ва рӯзҳои машваратҳо дар ҷойҳои намоён овезон буданд, вале сатҳи дониши донишҷӯён дар ин таълимгоҳ низ аз фанҳои фармакология, анатомия, кимиёи таҳлилӣ, забон ва адабиёти тоҷик нисбатан суст буд. Пажуҳиш нишон дод, ки шиносномаи омӯзишгоҳ ҳарчанд мавҷуд бошад ҳам, вале он то соли 2006 пур карда шудааст. Дар таълимгоҳ ҷонишини директор оид ба таълиму тарбия, методист, гурӯҳи назорати сифати таълим фаъолият намекарданд.

Дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлати Кӯлоб, Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб, Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Данғара корҳои хатии довталабон нишон дод, ки ба дониши баъзеи онҳо омӯзгорон аз меъёр баланд баҳогузорӣ намудаанд.

Нақшаҳои таълимии Коллеҷи энергетики ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои ихтисосҳои «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи барқ», «Хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобил», «Стансияҳои барқӣ», «Ҳаракаткунандаҳои барқӣ ва автоматикаи таҷҳизоти технолога» ва Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова «Геология ва инкишофи кони канданиҳои фоиданок (шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона)», «Истихроҷи конҳои маъдан ва ғайримаъдани канданиҳои фоиданок (шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона)», «Топография (шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона)» ва «Экологияи истеҳсолот ва оқилона истифода бурдани боигарии табиат (шуъбаи рӯзона)» барои шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона пешниҳод гашта омӯхта ва аз ташхис гузаронида шудаанд.

Вазорати маориф бо мақсади ба танзим даровардани муассисаҳои ин зинаи таҳсилот пайваста фаъолияти онҳоро мавриди санҷиш қарор дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳо меандешад. Дар заминаи чунин санҷишҳо бо назардошти нокифоя будани заминаҳои моддию техникӣ ва нерӯи кадрӣ фаъолияти Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №49 ноҳияи Рӯдакӣ, Литсейи касбии саноати хӯроквории шаҳри Душанбе, Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №8 шаҳри Конибодом ва Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №72 ноҳияи Шаҳритус қатъ гардонида шуданд.

Дар асоси созишномаҳои дуҷониба бо барномаҳои «Дастгирии таҳсилоти касбӣ, компоненти Таҳсилоти ибтидоии касбӣ», лоиҳаи dvv-international, PATENT «Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба воситаи омӯзиш ва таҳсилоти касбӣ», Ташкилоти хайриявии ҷамъиятии байналмиллалии «Ҷовид», Агентии федералии Иттиҳоди давлатҳои

мустақил (ИДМ) оид ба ҳамкориҳои байналхалқии гуманитарӣ, барномаи Лоиҳаи GTZ GOPA «Дастгирии ҷараёни ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон-компоненти таҳсилоти ибтидоии касбӣ» муассисаҳои ин зинаи таҳсилот ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас ноил шуда истодаанд [6, с.12].

Тайёр кардани кадрҳои болаёқати соҳаи омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз буда, дар ҳамаи давру замон ниёз ба он хело зиёд буд, махсусан дар замони Истиқлол боз ҳам мавқеи заруриро ба худ гирифт.

Барои дар оянда омода сохтани кадрҳои бо талаботи замона ҷавобгӯ саҳми муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ хело назаррас аст. Дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур аз сатҳу сифати донишҷӯёни муассиаҳои таҳсилоти номбурда алоқамандии зич дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар ба риштаи таҳлил кашидани он аҳаммияти хело муҳим дорад.

Натиҷаи ниҳоии сатҳи дониши донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгориро дар соли хониши 2013-2014 мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем, ки натиҷааш чунин аст:

Ҷадвали №1

№	*Номи муассисаи таълимӣ*	*Иштироки хонандагон*	*Баҳо*						*%-и азхудкуни нав*
			5	*4*	*3*	*2*	*1*	*0*	
1	Коллеҷиомӯзгори Д.Д.Ш. Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров	95	21	64	122	188	-	-	52,4 %
2	Омӯзишгоҳи омӯзгории н. Зафоробод	208	3	28	50	127	-	-	38,9%
3	Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Конибодом	313	12	44	100	157	-	-	49,8%
4	Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳ. Мастчоҳ	169	-	24	45	100	-	-	40,8%
5	Коллеҷи омӯзгории Д.Д.Қ. ба номи Носири Хисрав	02	1	16	62	123	-	-	39,1%
6	Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳ. Қубодиён	70	-	9	18	43	-	-	38,6%
7	Коллеҷи омӯзгории Д.Д.О.Т ба номи Садриддин айнӣ	302	12	81	93	92	22	-	61,6%
8	Коллеҷи муҳ-сӣ омӯ-рии ш.Душанбе	226	1	45	70	76	29	4	51,3%
9	Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Турсунзода	241	5	22	69	83	45	19	39,8%
10	Омӯзишгоҳи омӯзгории н. Ҳисор	203	3	20	44	65	35	36	33,0%
	Ҷамъ	2329	58	353	673	1054	131	59	46, %

Чи тавре ки аз натиҷаи ҷадвал бар меояд рафти тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар ҳамон вақт талаботи рӯзафзуни ҷомеаро қонеъ гардонида наметавонист.

Дар соли 2018 дар 560 муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳамагӣ 36442 нафар (11534 зан) касбҳои коргарӣ омода карда шудааст. Аз ҷумла, дар Марказҳои касбомӯзии ноҳияҳои Хуросон, Нуробод, Мӯъминобод ва шаҳри Норак 57 нафар шунаванда, дар назди 102 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ 4337 нафар шунаванда, дар назди 274 муассиса ва марказҳои таълимии ғайридавлатӣ (ассотсиатсияи "Ронанда ва нақлиёт", иттифоқи автомобилчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъияти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ-ҳои ронандатайёркунӣ) 20899 нафар шунаванда ва дар назди 180 Марказҳои таълимии калоносолон ва ҶДММ-ҳое, ки ба забономӯзӣ ва омӯзиши компютерӣ машғуланд 11149 нафар шунаванда хатм намуда, соҳиби сертификат ва шаҳодатномаи касб гардиданд [7, с. 4].

Илова бар ин, дар шаҳри Ҳисор се омӯзишгоҳ мавҷуд аст, ки мутахассисонро барои муассисаи муассисаҳои томактабӣ, нигаҳдории тандурустии аҳолӣ ва касбҳои техникӣ тайёр мекунанд. Маълум мегардад, ки омӯзишгоҳи омӯзгории Ҳисор яке аз куҳнатарин муассисаҳои таълимии водии Ҳисор аст, ки бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ 23 июни соли 1964 таъсис ёфтааст. Соли 2021 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бо сифати мутаххасис 3561 нафар хатм намуданд, ки аз ин теъдод 1605 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 1957 нафар дар шуъбаи ғоибона мебошад. Аз теъдоди умумии хатмкунандагон 2321 нафар (65,2 %) (1013

нафар шуъбаи рӯзона ва 1263 нафар шуъбаи ғоибона) рисолаи хатм омода намудаанд. Яъне, 34,8 %-и хамткуанндагон кори дипломиро иҷро накардаанд. Онҳо ба ҷойи рисолаи хатм имтиҳони давлатӣ аз фаннӣ тахассусӣ супоридаанд. Ҳайати кадрии муассисаҳои таълимии мазкур 829 нафар омӯзгор буда, аз онҳо 40 нафар номзади илм, 4 нафар доктор (20 нафар номзади илм асосӣ) мебошанд [8, с.123].

Таъминоти кадрӣ. Дар соли таҳсили 2020-2021 дар муассисҳои таҳсилоти ибтидоии касбии таҳқиқшавандаи шаҳри Душанбе 394 нафар омӯзгор ва 150 нафар устоҳои таълими истеҳсолӣ машғули кор буданд, ки аз ин шумора 183 нафарро занҳо ташкил медод, ки дар ҷадвали зерин инъикос карда мешавад.

Ҷадвали 2.

№	*Номи муассисаи таълимӣ*	*Теъдоди омӯзгорон*									*Теъдоди омӯзгороне, ки аз курси такмили ихтисос гузаштанд*		
		Ҳамагӣ	Зан	Устоии таълими истеҳсолӣ	аз рӯйи дараҷа			аз рӯйи маълумот			аз рӯйи ихтисос	аз рӯйи методики таълим	Аз рӯйи маҳорат
					олӣ	якум	дуюм	олӣ	миёнаи касбӣ	ибтидоии касбӣ			
1	ЛКТ саноати насоҷии шаҳри Душанбе	40	19	18	-	7	6	8	2	-	8	-	-
2	ЛКТ сохтмони шаҳри Душанбе	46	14	19	6	6	6	34	12	-	6	-	-
3	ЛКТ нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе	4	1	7	2	0	2	1	3	-	5	7	-
4	ЛКТ нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе	4	4	2	0	8	8	0	4	-	4	8	-
5	Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе	54	13	24	4	6	9	3	7	-	-	-	-
6	ЛКТ махсуси шаҳри Душанбе	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
7	ЛКТ шабонаи шаҳри Душанбе	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
8	Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе	42	18	20	6	8	7	4	8	-	0	5	4
9	ЛКД шаҳри Душанбе	60	42	23	9	6	0	4	5	1	9	1	-
10	ЛК хизмат ва туризми шаҳри Душанбе	40	28	5	4	9	6	0	-	-	8	-	-
11	ЛК махсуси маъюбон	34	14	12	0	8	8	0	4	-	0	-	-
Ҳамагӣ		**94**	**83**	**50**	**161**	**8**	**82**	**304**	**5**	**1**	**60**	**1**	**4**

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки аз ҷиҳати маълумотнокӣ 304 нафар дорои маълумоти олӣ, 45 нафар маълумоти миёнаи касбӣ ва 1 нафар нафар бо маълумоти ибтидоии касбӣ кор ва фаъолият намуда истодаанд. Аз шумораи умумии омӯзорони муассисҳои таълимии мазкур 4 нафарро нафақахӯрон ташкил медиҳанд.

Дар литсейҳои касбии техникии саноати насоҷии шаҳри Душанбе, касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе, касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе, касбии политехникии шаҳри Душанбе, техникии махсуси маъюбон аксарияти адабиётҳои таълимӣ бо забони русӣ буда, ҳамчунин ба сари ҳар як донишҷӯ 1-2 донагӣ китоб рост меояд.

Литсейи касбӣ-техникии сохтмони шаҳри Душанбе, ки даҳҳо сол боз ба омода намудани кадрҳои коргарӣ машғул аст, барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатномаи АУ № 0002826-ро соли 2019 гирифта, дорои шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ ИА № 0000746 аз 03.06.2020 мебошад.

Омӯзгорон бо барномаи кории фаннӣ, нақшаи тақвимии мавзуӣ, нақшаи яксоатинаи

дарсӣ ва маводҳои электронию плакатҳо дарсҳои назариявию амалии худро гузаронида, дар дарсҳои алгебра, физика, химия, биология ва география истифодаи васеи тахтаи электронӣ ба роҳ монда шавад ҳам, вале норасоии китобҳои дарсӣ ва бо як дафтар ба дарс омадани хонандагон наметавонад барои баланд шудани сифати таҳсилот ва дигар масоили марбут ба таълиму тарбия шароити мусоидро фароҳам оварад.

Мушкил сари он аст, ки мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таълимии мазкур омода карда мешаванд, бе таъмин шудан ба ҷойи кор ва гирифтани роҳҳат ба ин ё он муассисаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ ба ихтиёри тақдир вогузошта мешаванд. Боиси сарфарозист, ки дар омода гаштани кадрҳои болаёқат барои соҳаҳои мухтллифи ҳаёти ҷамъияти қабул ва хатми донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ мавқеи ҳалкунанда доранд. Бинобар ин қабул ва хатми донишҷӯёни муассисаҳои номбударо дар ҷадвали зерин нишон медиҳем:

Ҷадвали №3

Солҳо	***Дар ҷумҳурӣ***	***Вилояти Хатлон***	***Вилояти Суғд***	***Ш.Душанбе***	***НТҶ***
Қабули донишҷуён					
2013-2014	5064	1085	1979	947	1053
2014-2015	6239	1752	2082	1203	1202
2015-2016	8269	2079	3411	1167	1612
2017-2018	3784	717	1104	1051	472
2018-2019	4627	843	1411	1270	1103
2019-2020	5728	1529	1580	1333	1286
2020-2021	7006	1934	1576	2009	1487
Хатми донишҷӯён					
2013-2014	2791	652	1320	423	396
2014-2015	3544	1037	1316	406	785
2015-2016	2600	703	1061	395	441
2016-2017	1543	544	190	445	364
2017-2018	3951	989	1172	916	874
2018-2019	5075	1854	1238	855	1128
2019-2020	5812	1892	1473	1331	1116
2020-2021	5879	1709	1269	1661	1240

Эзоҳ: чи тавре ки аз ҷадвал маълум мегардад, қабул ва хатми донишҷуён ҳамасола системанок давра ба давра зиёд гардидааст. Агар соли таҳсили 2013-2014 қабул ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ 5064 ва хатм 2791 нафарро ташкил диҳад, пас соли таҳсили 2020-2021 шумораи онҳо 7006 нафар ва хатм 5879 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2014 шумораи дохилшавандагон 1942 нафарва хатм 3088 нафар ва зиёд гардидааст.

Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ, дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

Ҷадвали №4

Солҳо	***Ҳамагӣ***	***Аз ҷумла занон***	***Аз шумораи умумии омӯзгорони штатӣ***	***Аз ҷумла занон***
2012-2013	4405	1843	2422	973
2013-2014	4525	1763	21	991
2014-2015	4500	2019	2469	1121
2015-2016	5119	2289	2505	1232
2016-2017	5091	2153	3282	1488
2017-2018	5188	2182	3273	1475
2018-2019	5775	2494	3914	1816
2019-2020	6381	2817	4260	2021
2020-2021	6819	2910	4768	2203

Тибқи ҷадвал маълум мегрдад, ки раванди омодагии кадрҳо дар муассисҳои таҳсилоти таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ сол аз сол рушд намудааст. Масалан, агар дар соли таҳсили 2012-2013 дар муассисаҳои зикр гардида 4405 нафар омӯзгор аз ҷумла 1843 нафар зан фаъолият намоянд, пас дар соли 2020-2021 6819 нафар омӯзгор аз ҷумла, зан 2910 нафар

ба таълиму тарбия машғул буданд.Дар қиёс нисбати соли таҳсили 2012-2013 2414 нафар омӯзгорон аз ҷумла занон 1077 нафар омӯзгорон зиёд гардидаанд.

Камбудиву норасоиҳои соҳаро муайян намуда, бояд роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ намоем. Дар умум мушкилоти соҳаро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

-нарасидани дастурҳои таълимӣ методӣ оид ба таълими фанҳо барои омӯзгорон;

-нашр нагардидани китобҳои алтернативӣ аз ҳамаи фанҳои таълимӣ;

-коллеҷу омӯзишгоҳҳои педагогӣ вобаста ба талаботҳои минтақаҳои гуногуни кишвар мутахассисонро тайёр намоянд ва идораҳои маориф онҳоро мувофиқи ихтисос дар кӯдакистонҳо ба ҳайси мураббӣ, корманди мусиқӣ, таълимгари забонҳои хориҷӣ ва ғайра ба кор таъмин намоянд;

- яке аз мушкилотҳои дигар маоши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ паст будани маоши омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад:

- набудани барнома ва китобҳои нави таълимӣ мушкилоти дигар мебошад;

- дар сатҳи паст қарор доштани сатҳи дониши хонандагону донишҷӯён;

-аз барномаи компютерикунонӣ дар канор мондани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

-ба таври кофӣ маблағгузорӣ нашудани таъмири биноҳо, хобгоҳҳо;

-роҳои пешгири намудан аз ба иҷора дода шудани техникаҳои таълимӣ дар аксарияти муассисаҳо;

-дуруст истифода бурда нашудани замин, техника, устохонаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

Адабиёт

1. *БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.19 П.21.В.172.*
2. *БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.19 П.23.В.141.*
3. *Қарори маҷлиси назоратии назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе. 30.03.2015, 103с.*
4. *Маҷидова Б., Истиқлолият ва пешрафти таҳсилоти томактабӣ. Файзи истиқлол. - Душанбе, 2016. - 313 с.*
5. *Раҳмонов А. А., Расулов А. Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х. С. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. - С. 102.*
6. *Ҳисобот гузориши маълумотҳо ба вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. - С.12.*
7. *Мукотиба оид ба фаъолияти асосӣ доир ба вазъи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ. – Душанбе, 2018. - 14 с.*
8. *Ҳисобот оид ба фаъолияти Взорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - С.123.*
9. *Ҳокими А., Ашурова А. Рушди маориф - пешрафти ҷомеа // Масъалаҳои маориф. – 2015. – 10 март. - С. 28.*
10. *Эмомали Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. - Душанбе, 2009. - 180 с.*

ВАЗЪИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪМИНИ КАДРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИЮ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (1991-2021)

Дар мақолаи мазкури илмию омӯзишӣ таҳқиқи вазъи сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки солҳои 1991-2021-ро дар бар мегирад, мавриди баррасӣ қарор дода дода шудааст. Баробари демократикунонии ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Барои ҳалли масоили муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ як қатор ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ гузаронида шуданд, ки дар навбати аввал ба соҳаи маориф, хусусан ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси омузгорӣ равона карда шудаанд. Бинобар ин ҷустуҷӯ намудан ва дар амал татбиққунии роҳу воситаҳои нави методҳои асосии таълим барои фаъолияти омӯзгории донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва ва миёнаи касбӣ, ки дар оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд, аҳамияти хосса дорад. Ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ аз омӯзгорон талаб менамояд, ки таълими фаннҳои тадрисшавандаро баланд мазмун ва дастрас ташкил намуда, ба шогирдон дар шароити дигаргунсозии олам, бартарии таърихро бо мисолҳои возеҳу равшан фаҳмонанд. Ба масъалаҳое, ки ҷавонон мароқ зоҳир менамоянд, ҷавобҳои саҳеҳ диҳанд.

Калидвожаҳо: вазорати маориф, сифати таълим, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ, таъминоти кадрӣ.

СОСТОЯНИЕ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ И КАДРОВОГО СОСТАВА В НАЧАЛЬНЫХ И СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА (1991–2021 ГГ.)

В данной научно-познавательной статье рассматривается состояние качества образования и кадрового состава учреждений начального и среднего профессионального образования независимого Таджикистана за период 1991–2021 гг. Наряду с демократизацией всех сфер общественной жизни в Республике Таджикистан, в сфере образования произошли коренные изменения. Для решения важных общественно-политических задач в республике был проведен ряд экономических и социальных реформ, направленных, прежде всего, на повышение качества образования и подготовку высококвалифицированных педагогических кадров. Поэтому поиск и практическое внедрение новых форм и средств базовых методов обучения в педагогическую деятельность учащихся учреждений начального и среднего профессионального образования, которые в будущем будут работать в средних общеобразовательных учреждениях, имеет особое значение. Реформы учреждений среднего общего и профессионального образования требуют от учителей качественно и доступно организовать преподавание преподаваемых предметов, на понятных и ярких примерах разъяснять учащимся значение истории в условиях меняющегося мира. Давать точные ответы на вопросы, интересующие молодёжь.

Ключевые слова: министерство образования, качество образования, образовательные учреждения, общеобразовательные учреждения, учреждения среднего профессионального образования, педагогические колледжи, кадровое обеспечение.

THE STATE OF EDUCATIONAL QUALITY AND STAFFING IN PRIMARY AND SECONDARY VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN INDEPENDENT TAJIKISTAN (1991-2021)

This scientific and educational article examines the state of education quality and staffing of primary and secondary vocational education institutions in independent Tajikistan, covering the years 1991-2021. Along with the democratization of all social sectors in the Republic of Tajikistan, fundamental changes have also occurred in the education sector. To address important social and political issues in the republic, a number of economic and social reforms have been carried out, which are primarily aimed at improving the quality of education and training highly qualified teaching staff. Therefore, the search and practical implementation of new ways and means of basic teaching methods for the teaching activities of students of primary and secondary vocational education institutions, who will work in secondary general education institutions in the future, is of particular importance. Reforms of secondary general and vocational education institutions require teachers to organize the teaching of taught subjects in a high-quality and accessible manner, to explain to students the importance of history in the conditions of a changing world with clear and vivid examples. To give accurate answers to the questions that young people are interested in.

Keywords: Ministry of Education, quality of education, educational institutions, general education institutions, secondary vocational education institutions, teacher training colleges, staffing.

Дар бораи муаллиф
Каримзода Мусо Бобишо
Номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: karimovmusso@gmail.com

Об авторе
Каримзода Мусо Бобишо
Кандидат педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания истории и права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: karimovmusso@gmail.com

About the author
Karimzoda Muso Bobisho
Candidate of pedagogic sciences, professor of the department of teaching methods of history and law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: karimovmusso@gmail.com

ТДУ 94 (575.32)

РАМЗУ НАМОДҲО ДАР САРЧАШМАҲО ВА ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХӢ (ДАР АСОСИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ)

Иброҳимов С. Т.
Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р. А.

Хатлон унвони водӣ ва кӯҳистони паҳновари Тоҷикистони соҳибистиқлол, муҳимтарин ҷузъи таърихӣ, яке аз се вилояти ободони он ба ҳисоб рафта, таърихи рангину кадима дорад. Аз назари сиёсӣ, ҳамчун ҷузъи Бохтари бостон сарзаминест бо вижагиҳо, ки мувофиқи пажуҳиши донишмандон аз саҳифаҳои таърихӣ дур намондааст. Чун истилоҳи Хатлонро бо ҳайтолиён як донистаанд, пас вожа дар шакли Хионӣ дар китоби муқаддаси Авесто аз он сухан меравад. Мувофиқи тадқиқотҳо аз зовияи ҷуғрофӣ дар байни ду рӯди сероби Панҷу Вахш мавқеъ дошта, аз аҳамияти хубӣ стратегӣ бархурдор буд. Ба тариқи дигар мавҷудияти ду рӯди бузургу муқаддас Вахшу Панҷ ба ҳар гунае муҷиби дар арсаи муҳокима боқӣ мондани водӣ мегардад. Минтақаро метавон ҳамчун субъекти муҳими фарҳангӣ – этникӣ муаррифӣ кард, ки бо нигоҳдории намунаҳои хоссаи санъату ҳунар бесобиқа мебошад. Ва дорои махсусиятест, ки аз даврони бостон шакл гирифта, дар марҳилаҳои гуногуни таърих онро ҳифз намудааст. Ба ҷуз аз саҳифаҳои пуртаззоди сиёсӣ доромандии Хатлон дар анъана, маросим ва урфу одатҳо таҷассум ёфтаанд, ки намоёнгари тафаккур, боварҳо, шуғлу ҳунар ва ватанпарастии сокинони сарзамин мебошад. Табиати сокинонаш бо манзараҳои нотакрор, кӯҳҳои осмонбӯс, осори табии ғайримуқаррарӣ, обҳои фаровон, захираҳои тиллою нуқра, волфрам, анвои гулу гиёҳон ва олами ҳайвонот тавъам афтода, дар ташаккули фарҳанг нақши босазо гузоштаанд. Дар ин раванд ёдгориҳои моддӣ ва маънавӣ бо хосиятҳои фарқкунанда яке мутаккои дигаранд.

Ба тариқи мухтасар таърихи Хатлонро метавон аз давлатдории Бохтар оғоз кард, ки дар китоби муқаддаси Авесто бо унвони Бахл, Бахзӣ ё Баҳдӣ ва дар асрҳои пасин дар осори солноманависони юнонӣ “Бактрия”, катибаҳои ҳахоманишӣ “Бохтар” ва “Бундаҳиш” Балх зикр ёфта, аз кишварҳои ҳазоршаҳр шуҳрат ёфтааст. Дар маҷмуъ бо унвони Бохтриш, Боктариён ва Балх мамлакати паҳновареро меномиданд, ҳамаи сарзаминҳои Эрони Шарқиро фаро мегирифту дар шимол бо Суғд ва ҷануб бо Ҳинд сарҳад дошт. Дар боби мустақилияти Бохтар осори тасдиққунанда пажуҳишҳои донишмандони ватанию хориҷӣ Б.Ғ.Ғафуров, Б.А.Литвинский, И.В. Пянков, Ю.Ёқубшоҳ, Б.Ғафор ва даҳҳои дигар мебошад.

Мувофиқи маълумоти олимон дар аҳди бостон Бохтар мавқеи хуби стратегӣ дошта, соҳилҳои чапу рости рӯди Панҷро фаро гирифта, дар чорсӯи муносибатҳои тиҷоратӣ қарор дошт. Бино ба таъкиди донишманди эронӣ Саид Нафисӣ :“Дар ҳамин ноҳия буд, ки нахуст миллати ҳиндуориёӣ мутаваққиф гашт ва пас аз гузаштан аз сарзамини кӯҳистонии шимоли шарқӣ ба Эрон омад ва нажоди эронии имрӯзро ташкил дод ва низ ҳамон ноҳия сарчашмаи бисёр аз ақоиди оини Зардушт буд. Шаҳри Бохтариё - Бактра ба қавли муаррихини қадим пойтахти ин иёлат буд ва онро қадимтарин шаҳри ҷаҳон медонистанд ва онро “модари шаҳрҳо” ё “умулқуро” лақаб дода буданд” [13, с. 84].

Манзурамон истилоҳи Бохтар, Хатлон, Ҳулбук, Мунк, Балҷувон, Дашти Ҷум, Кангурт, Ҷайҳун, Вахш, Йохсу ва ғ. мебошад. Бохтар ба маънои “рахшон, дурахшон ва шарқ - намоди оғози нур” ва Ғарбу Мағриб низ будааст. Ба маънидоди аввал ҷойе, ки офтоб тулуъ мекунад. Бохтару Балх: a^paxtar- baxtar - рамзи нахустини шаҳриёрӣ ва давлатдорӣ низ пазируфта шудааст. Қисмате ба ақидае ҳамовозанд, ки дар “Ғиёсу-л-луғот” зикр мешавад: “Лафзи Бохтар мухафафи “боахтар” аст ва ахтар офтобро гӯянд ва моҳро низ ахтар мегӯянд”. Пас барои чӣ ҳам Мағриб маънидод мешаваду ҳам Машриқ. Гумон меравад барои он, ки Хуршед аз Шарқ берун меояду Моҳ аз Мағриб. Решаи вожа ба Хуршеду (хур номи офтоб ва шед рушанӣ) Ховар қаринтар аст ва низ Хурро “аруси Ховар” гуфтаанд, афзалият ба Машриқзамин бештар дода мешавад. Дар ин маврид сухани Фирдавсӣ:

Чу бишнид бадгавҳар Афросиёб,
Ки шуд Тӯсу Рустам бар он рӯи об.
Шуд аз Бохтар сӯи дарёи Ганг,
Диле пур зи кину саре пур зи ҷанг. [1, с.190]

Мувофиқ ба луғот ва фарҳангномаҳо, аз ҷумла “Луғатномаи Деҳхудо” дар Авесто ба маънои “шимол, мовароутар, онтарафтар” тавзеҳ мешавад. Дар баробари ин тибқи “Таърихи Систон” оварда мешавад, ки “ҳукамои олам ҷаҳонро бахшиш кардаанд бар баромадану фурӯ шудани хуршед ба Нимрӯз ва ҳадди он чунон бошад, ки аз сӯи Машриқ, аз он ҷо ки хуршед ба кутоҳтарин рӯзе барояд, ва аз сӯи Мағриб, аз он ҷо ки хуршед ба дарозтарин рӯзе фурӯ шавад ва ин ба илми ҳисоб маълум гардад ва ин ҷумларо ба чаҳор қисмат кардаанд: Хуросон ва Эрон (Ховарон) ва Нимрӯзу Бохтар; ҳар чӣ ҳадди шимол аст Бохтар гӯянд.”

Дар ин раванд аллома Бобоҷон Ғафуров, ки дар такя ба осори солноманависони юнонию римӣ, византӣ, сурёнӣ, чинӣ, арманию ҳиндӣ, ақидаҳои олимони таъриху забоншиносӣ ба сарнавишти хиёниҳо сару кор гирифта, маълумоти ҷолиби диққатро ним аср қабл баррасӣ намуда буд. Дар ҳарду ақида умумити назаррасе ба чашм мерасад. Чуноне Бобоҷон Ғафуров зимни муқоисаву омӯзиши сиккаҳо менависад: “Ҳайтолиён худро хион (OIONA) мегуфтанд, пас онҳо яке аз шохаҳои хиёниён будаанд. Аз рӯйи хатти тангаҳо маълум шуд, ки забони расмии онҳо дар мулкҳои тахористонии худ бохтарӣ будааст” [4, с.237].

Метавон решаҳои пайдоиши жанри созию овозии “Фалак” ва эпоси мардумии “Гӯрғулӣ”-ро аз даврони ҳукумати Портиён ҷӯст [9, с.176], ки дар бахшҳои дигари рисола ба онҳо муроҷиат хоҳем кард. Дар гирудори сиёсии ин давра Хатлон нақши муҳиме гузошта бошад. Зеро муҳаққиқон дар баромади этникии хиёниён ва ҳайтолиён, ки дар ибтидои солшумории милодӣ фаъол мешуданд, умумияти ҷиддиеро кашф кардаанд.

Дар ин раванд ба пажуҳишҳои чанд соли охири бостоншиносӣ ва забоншиносӣ мебояд таваҷҷуҳ намуд. Ба ақидаи авастошиноси маъруф Бобо – Назар Ғафор маҳалҳои таърихии Хатлон, Кӯлоб, Балҷувон, Даштиҷум, Дашторо, Доштмандӣ, Йохсу решаи куҳани пайдоиш дошта, забони тоҷикиро бо забони протоэронӣ мепайванданд. Яъне истилоҳоти зикршуда намунаи барҷастае мебошанд, ки аз таърихи бостон гувоҳ ва рамзу намоди қадимияти сарзаминанд.

Хатлон аз калимаи «Хатл» баромадааст, ки он ба тарзи «Хитл»,«Хуттал» ва «Хатил» низ дучор меояд. Масалан «Хатл» ба маънои «Фирефтан» дар маҳфуми «Зиракӣ» ояд, шакли «Хитл» ба маънии «Пӯшиш, хона, сурох» меояд. Аммо шакли «Хатил» бо «тои» арабӣ ба маънои «Найзазан, ҷавонмард» омадааст [8, с.95-96].

Албатта, ба мо маълум аст, ки Хатлону Хуттал яке аз вилоятҳои доираи Мовароунаҳр ба ҳисоб мерафт. Шарқшинос Минорский тахмин мезанад, ки калимаи Хуттал дертар аз калимаи «Хатл» ба вуҷуд омадааст ва ин калимаи «Хуттал» аз забони тахорӣ ё ҳайтолӣ ба вуҷуд омадааст.

Калимаи Кӯлоб дар сарчашмаҳои таърихи ба маъниҳои гуногун оварда шудааст. Маълум аст, ки калимаи Кӯлоб аз ду реша «Кӯл» ва «Об» таркиб ёфтааст. Дар «Фарҳанги рашидӣ» «Кӯл» ба се маъни омадааст. 1. Кӯлдуш, ки ба араби китф гӯянд, яъне китфи об ё худ дӯши обро ифода мекунад. 2. Ҷуғд- ба маънии қалъа, ҳисор маъруф аст. Яъне қалъаи об, ҳисори об меояд. 3. Тал ва пушта. Дар ин ҷо Кӯлоб ба маънои пуштаи об, яъне мавзее, ки об баланд аст [7, с. 97]. Дар ҳақиқат омӯзиши таърихи минтақаи Кӯлоб ба ақидаи бостоншиноси маъруф А.М. Беленицкий: «Минбаъд, тадқиқи ҳамаҷонибаи таърихи ноҳия Кӯлоб (И.С.) бидуни шак далелҳои нав ба навро кашф намуда, барои мукаммалтар барқарор кардани таърихи Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд» [3, с. 129].

Бостошиноси тоҷик Довудӣ Давлатхуҷа андеша дорад, ки: Номи Кӯлоб бори аввал дар сарчашмаҳои хаттӣ дар робита бо ҳуҷуми лашкари муғул ба вилояти Хатлон дар соли 1220 ёд шудааст [6, с.76]. Ибн ал-Асир дар бораи ҳуҷуми лашкари муғул ба қалъаи Кӯлоба нақл кардааст, ки: “Муғулҳо қалъаро, ки хеле мустаҳкам буд, ишғол карда, вайрону валангор месозанд”. Дар бораи дар куҷо ҷойгир будани ин қалъа Ибн – ал-Асир чизе нагуфтааст [2, с.389]. Ба фикри муаррихи тоҷик Ғ. Ғоибов ин қалъа дар шаҳри Кӯлоби имрӯза дар қисмати

шарқии он дар мавзеъи Тамошотеппа ҷойгир будааст. Баъди аз ҷониби муғулҳо вайрон карда шудани қалъаи Кӯлоба он ба ҷойи дигар - ба мавзеъи Тебалай мекӯчад [5, с.255-256].

Бобо-Назар Ғафор ба вожаи Балҷувон таваҷҷуҳ мекунад ва дар он заминаи бунёдиро ба гузаштаи ақвоми “хиёнӣ” дармеёбад. Бо вуҷуди будани заминаҳои дигари илмӣ ақидаи забоншинос барои илми таърих зарурият дорад.

Ба пиндори Бобо – Назар Ғафор: “Этимони Балҷувон ба калимаи авастоии hyaona= “аз худ розӣ будан (қонеъ) будан; ҳукмронӣ кардан; ҳамчун сарвар амал кардан;... ҳамреша буда “...ба тахмини ман аз таркиби *bar= hyauna = иборат мебошад, ки маънии “ҳйуниёни боло” – ро дорад [12, с.155].

Чанд ёдгории табиӣ дар марзи Хатлон, мисли Хоҷа Муъмин, Хоҷа Сартез ва Эмомаскарӣ, ки ҳамчун ҷойномҳои таърихию ҷуғрофӣ аҳаммият доранд. Албатта, мавзеъҳо зиёданд, вале зикршудаҳо бевосита ба падида ва рухдодҳои таърихӣ дар иртиботанд. Чуноне зикр шудани унвони Кӯҳи Намак дар осори ҷуғрофидонҳои юнонӣ, аз ҷумла Плений ва ба оби Окси Бохтар омехтани намаки сафеду сурхчаро таъкид мекнад. Дар сарчашмаҳои асримиёна: осори Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон бо унвони Махатон ё Меғатон ва дар забони арабҳо ба унвони Ҷабалу - л - мулх гардиш дошт. Дар асрҳои пасин, аз ҷумла дар навиштаҳои сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло (асри Х11) аз Кӯҳи Намак ёд мешавад” [11, с.564]. Бо муқаррар намудани ҷойгоҳи Хоҷа Муъмин ду ҷаҳонбинӣ: динӣ-таърихӣ ва миллӣ- таърихӣ муҳим аст. Дар ҳар ду ҳам ба сурати рамзу намод ҷилва дорад. Руҳониён ба василаи арзиши намак ёдгориро ба авлиё нисбат медиҳанд, ҷаҳоншиносии миллӣ дар баробари хазинаи табиӣ ба шикасти араб дар ин мавзеъ пайвандаш медиҳанд. Ба ақидаи Л.И. Албаум дар маслаки ҳайтолиён намак ҳамчун як чизи рамзӣ ва муқаддас эътибор дошт. Гумон меравад русуми ғарибе буд бо анъанае, ки решааш ба жарфнои таърих мебарад. Ва тамоми мардуми тоҷик ин анъанаро пазируфта, дар заминааш шеъру мақолу масал эҷод намудаанд. Ҳамин анъанаи устувор то ба марказҳои тамаддуни ориёӣ густариш хурда буд. Чуноне дар даврони Эрони сосонӣ шоҳон чун рамзи садоқат ба намак савганд ёд мекарданд. Дар ҳамин рав ба анъанаҳои халқӣ мавзеъ мақом ёфта, аз саҳифаҳои равшани таърихи миллат мебошад. Ҳатто бо номаш мардум савганд ёд мекунанд.

Дар маҷмуъ ҷойномҳо, унвони мавзеъҳо, рӯдҳо, шаҳристон ва деҳот аломат ва нишон аз гузаштаи пурғановат, ҳаводиси табиӣ, падидаву рӯхдодҳои таърихиро дороанд. Дар ҳамин раванд ва таъкид ба омӯзиши таърихи пурпечутоб, фоҷиангез ва диловарию шуҷоат ниёкон таваҷҷуҳ намуда, суханони Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд: “Моро зарур аст, ки даврaҳои таърихии рӯзгори халқамонро бо диққати том мутолиа намоем, аз ҳар саҳифаи гузаштаи ниҳоят пуршебу фарозаш сабақ омӯзем, аҷдоди номбардори худро шиносем, аз решаҳои қадимаи миллати хеш огоҳ бошем, ба мардуми бумӣ, фарҳангиву тамаддунсоз, ҳунарманду эҷодкор ва соҳибмаърифат будани халқамон ифтихор кунем, таърих, забон, фарҳанг ва суннату анъанаҳои миллиро ҳифз намоем” [15, с.234].

Метавон матлабро бо таҳлили авзои зикршуда ба тариқи зайл ҷамъбаст кард:

- Минтақаи Кӯлоб ифодакунанда ва ҷузъии асосии сарзамини Хатлон дорои таърихи куҳан буда, ҳаводис ва падидаҳои он дар рамзу намод ифода ёфта, аз як марҳилаи таърихӣ ба давраи дигар шону шуҳрати фарҳанги бемисли халқи тоҷикро интиқол додааст;

- Рамзу намодҳо ба гунаи номҷойҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, истилоҳоти хосса бо вижагиҳо таърихи бисёрасраро намояндагӣ мекунанд;

- Бахше аз истилоҳот рамзи қадимият ва пайдоиши этники ниёкони мо дар ин сарзамин мебошанд. Мисли истилоҳи Хатлон, ки бо ҳайтолиён як дониста шуда дар шакли Хионӣ дар китоби муқаддаси Авесто аз он сухан меравад. Ҳамчунин истилоҳоти Бохтар, Хатлон, Фархор, Ҳулбук, Мунк, Балҷувон, Дашти Ҷум, Кангурт, Ҷайҳун, Вахш, Йохсу ва ғ. хеле қадим буда, моро ба давраҳои гуногуни таърихи миллатамон мепайвандад.

- Дар миён ёдгориҳои табиӣ низ ба маводи таблиғ ва унсури таърихӣ табдил шудааст, ки ҳамчун рамзу намоди минтақа шинохта мешаванд. Ба монанди кӯҳи намаки Хоҷа Муъмин, ёдгориҳои Хоҷа Сартез, Кӯҳи Сироҷ ё Эмомаскара ва ғ.

Адабиёт

1. *Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.3. – Душанбе: Адиб, 2008. - 477 с.*
2. *Бартольд В.В. Сочинение, т. I. - М., 1963. – 389 с.*
3. *Беленицкий А.М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до х в.н.э.- Материалы и исследования по археологии СССР, № 15, М-Л., 1950. - 127 с.*
4. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва замони нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 974 с.*
5. *Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - Душанбе, 2006. – 906 с.*
6. *Довудӣ Давлатхоҷа. Кашфи зарробхонаи кӯлоб // Ахбори осорхонаи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - №3.*
7. *История и культура Куляба, Куляб-1989 (прошлое и настоящее) Тезисы научно-практическо конференции. – Куляб, 15-18 марта 1989. – 124 с.*
8. *Ҷонибек Асрориён. Гӯргулӣ: Гузориш ва нигориш. – Душанбе, 2010. – 176 с.*
9. *Ҷонибек Асрориён. Марз ва марзбонӣ (ҳаммуаллифӣ) – Душанбе, 2017. – 400 с.*
10. *Ҷонибек Асрориён. Фалак: сайри таърихӣ ва тафсири фарҳангшиносӣ. – Душанбе: Адиб, 2021. – 206 с.*
11. *Марко Поло. Книга// Тарҷумаи И. П. Минаев.- Л.: Худ. Лит.- ра.- 1940: Путешествия. – М., 1955.*
12. *Ғафор Б. Кеши Зардуштӣ (Маҷмуаи мақолаҳо дар бораи зардуштизм ва масоили марбути он). – Душанбе: Ирфон, 2011.*
13. *Саид Нафисӣ.Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Порис: Анҷумани Рӯдакӣ, 2022. – С. 84.*
14. *Шипман, К. Мабнои таърихи Портиён. – Теҳрон: Фарзон, 1390.: Пигулевская, Н. Города Ирана в раннем средневековье. – М. – Л.: «Изд – во АН СССР», 1956. – 354 с.; Шеърдӯст, Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе:"Адиб", 1997. – 272 с.; Ғафуров, Б. Тоҷикон... ва ғ.*
15. *Эмомали Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: "Ганҷ нашриёт", 2018. – 255 с.*

РАМЗУ НАМОДҲО ДАР САРЧАШМАҲО ВА ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХӢ (ДАР АСОСИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ)

Матлаб дар бораи таърихи ҷойномҳои минтақаи Хатлон чун рамз ва сарчашмаи таърих бо далелҳои муътамад навишта шудааст. Дар ин ҷо, ба тариқи мухтасар аз таърихи Хатлон ёдрас шудааст. Инчунин, дар бораи баромади вожаҳои Бохтар, Хатлон, Кӯлоб, Балҷувон ва дигар ёдгориҳои табиӣ мавзеҳои таърихии марзи Хатлон ба мисли Хоҷа Муъмин, Хоҷа Сартез ва Эмомаскарӣ, ки ҳамчун ҷойномҳои таърихию ҷуғрофӣ аҳаммият доранд, маълумоти мухтасар оварда шудааст. Муаллиф ёдрас шудааст, ки ҷойномҳо, унвони мавзеъҳо, рӯдҳо, шаҳристон ва деҳот аломат ва нишон аз гузаштаи пурғановат, ҳаводиси табиӣ, падидаву рӯхдодҳои таърихиро дороанд. Ва дар матлаб қайд гардидааст, ки рамзу намодҳо ба гунаи номҷойҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, истилоҳоти хосса бо вижагиҳо таърихи бисёрасраро намояндагӣ мекунанд.

Калидвожаҳо: ҷойномҳо, Хатлон, Бохтар, Балх, китоби Авасто, дарёҳои Вахшу Панҷ, мавзеҳои Хоҷа Муъмин, Хоҷа Сартез ва Эмомаскарӣ.

СИМВОЛЫ И ЗНАКИ В ИСТОЧНИКАХ И ИСТОРИЧЕСКОЙ ГЕОГРАФИИ (НА ОСНОВЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ИСТОРИИ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА)

Статья написана о истории топонимики Хатлонского региона как символе и источнике истории на основе достоверных фактов. Здесь кратко упоминается история Хатлона. Также приведены краткие сведения о происхождении слов Бохтар, Хатлон, Куляб, Балджувон и других природных памятниках и исторических местах Хатлонской области, таких как Ходжа Муъмин, Ходжа Сартез и Эмомаскари, которые имеют историко-географическое и топонимическое значение. Автор отмечает, что топонимика — названия местностей, рек, городов и сёл — является отражением богатого прошлого, природных явлений, а также исторических событий и процессов. И в статье отмечается, что символы и знаки, такие как топонимы, географические объекты, специальные термины, представляют многовековую историю.

Ключевые слова: топонимы, Хатлон, Бохтар, Балх, книга Авеста, реки Вахш и Пяндж, места Ходжа Муъмин, Ходжа Сартез и Эмомаскари.

SYMBOLS AND SIGNS IN HISTORICAL SOURCES AND HISTORICAL GEOGRAPHY (BASED ON THE STUDY OF THE HISTORY OF THE KULOB REGION)

The article is written about the history of toponymy of the Khatlon region as a symbol and source of history, based on reliable facts. The history of Khatlon is briefly mentioned here. Brief information is also provided about the origin of the words Bokhtar, Khatlon, Kulob, Baljuvon, and other natural landmarks and historical sites of the Khatlon region, such as Khodja Mu'min, Khodja Sartez, and Emomaskari, which hold historical, geographical, and toponymic significance. The author notes that toponymy — the names of places, rivers, towns, and villages — reflects a rich past, natural phenomena, as well as historical events and processes. In the article, it is noted that symbols and signs—such as toponyms, geographical features, and specialized terms-represent a centuries-old history.

Keywords: toponyms, Khatlon, Bokhtar, Balkh, the Avesta book, Vakhsh and Panj rivers, sites of Khoja Mu'min, Khoja Sartez, and Emomaskari.

Дар бораи муаллиф
Иброҳимов Сорбон Тоирович
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р. А.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи А. Абдураҳмонов, 7
E-mail: stohiri@bk.ru

Об авторе
Ибрагимов Сорбон Тоирович
Заведующий кафедрой гуманитарных наук
Медицинский колледж города Куляба имени Рахмонзода Р. А.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. А. Абдурахмонова, 7
E-mail: stohiri@bk.ru

About the author
Ibragimov Sorbon Toirovich
Head of the department of humanities
Medical College of the city of Kulyab named after R. A. Rakhmonzoda
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, A.Abdurahmonov, 7
E-mail: stohiri@bk.ru

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи иборахои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва иборахои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2025, № 6 (119)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 29.12.2025 г. Заказ № 226
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни